**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 341.4 (575.3)**
**ТКБ: 67.91 (2Т)**
**М – 63**

**МИРАЛИЕВ ИСФАНДИЁР ҚАРАХОНОВИЧ**

# НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА МИЛЛИИ РОБИТАИ ДАВЛАТ ВА ШАХС: ТАҲҚИҚОТИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГӢ ВА МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

**МУШОВИРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Шарофзода Рустам Шароф**

**ДУШАНБЕ – 2024**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО............................................................................ 4**

**МУҚАДДИМА......................................................................................................... 6**

**БОБИ 1. ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ НАЗАРИЯҲОИ РОБИТАИ ДАВЛАТ ВА ШАХС ДАР ҶАРАЁНИ ТАҲАВВУЛОТИ ҲУҚУҚИ ИНСОН**

1.1. Ташаккул ва инкишофи заминаҳои мафкуравӣ ва фарҳангии робитаи давлат ва шахс дар афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷику форс................................................ 37

1.2. Ташаккул ва рушди назарияҳои робитаи давлат ва шахс дар афкори Ғарб ва илми муосир........................................................................................................... 54

1.3. Назарияҳои муосири робитаи давлат ва шахс ……………………............. 77

1.4. Инкишофи назарияҳои муосири робитаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон……………………………………......……………………............... 99

**БОБИ 2. НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ РОБИТАИ ДАВЛАТ ВА ШАХС ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

2.1. Модели конститутсионии робитаи давлат ва шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон……………………………………………...…................... 122

2.2. Инкишофи вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд……………...……………… 144

2.3. Робитаи давлат ва шахс дар ҳошияи амалӣ гардидани назарияи давлати иҷтимоӣ………………………………………………………………………… 165

**БОБИ 3. РОБИТАИ ДАВЛАТ ВА ШАХС ДАР ҲОШИЯИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН**

3.1. Инкишофи таҷрибаи ҷаҳонии эътироф, риоя ва амалисозии ҳуқуқи инсон…………………………………………………………………………... 188

3.2. Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Аврупо…...……..…............... 215

3.3. Таҷрибаи давлатҳои Амрикои Лотинӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон………………………………………………………………............. 257

3.4. Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Африқо ва Чин …….................. 275
3.5. Сиёсати давлатҳои исломӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ………..…….................. 285
3.6. Таълими ҳуқуқи инсон ҳамчун заминаи рушди вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шахс: таҷрибаи хориҷӣ …………………………………………..……….............. 312

**БОБИ 4. СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ЧУН ОМИЛИ РУШДИ РОБИТАИ ДАВЛАТ ВА ШАХС**

4.1. Сиёсати ҳуқуқӣ чун омили рушди робитаи давлат ва шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................................................... 342
4.2. Давлат ва шахс чун субъекти асосии сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................................................................... 358
4.3. Ҳуқуқи инсон ҳамчун унсури сиёсати давлат дар соҳаи тарбия ва таҳсилоти ҳуқуқӣ.......................................................................................................... 388
4.4. Унсурҳои байналмилалӣ ва миллии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таълими ҳуқуқи инсон..................................................................... 406

**ХУЛОСА…………………………...………................................................ 445**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.............................................................................................. 453**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ............................……............................................... 457**

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ....................…......... 514**

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

АПША – Ассамблеяи парлумонии Шурои Аврупо

ВАО – Воситаи ахбори омма

ВНМО – вируси норасоии масунияти одам

ғ. – ғайра

ГДМК – Гурӯҳи давлатҳои мубориза баранда бо коррупсия

диг. – дигар

ИА – Иттиҳоди Аврупо

ИБУҚХ – Институти байналмилалии унификатсияи қонуни хусусӣ

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИКОҲИ СММ – Идораи Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

ИМҲ – Институтҳои миллии ҳуқуқҳимоявӣ

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

КАНТ – Комиссияи аврупоӣ бар зидди нажодпарастӣ ва таҳаммулнопазирӣ

ЛДА – Лигаи давлатҳои араб

млн. – миллион

млрд. – миллиард

ПБҲИИФ – Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ

САҲА – Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо

СБҶ – Суди Байналмилалии Ҷиноятӣ

СДА – Созмони Давлатҳои Амрикоӣ

СКИ – Созмони конференсияи Исломӣ

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

СУС – Созмони умумиҷаҳонии савдо

СҲШ – Созмони ҳамкориҳои Шанхай

т.м. – то мелод

ФР – Федератсияи Русия

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶӮ – Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ҶФО – Ҷумҳурии Федералии Олмон

ША – Шурои Аврупо

ЭУҲИ – Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҳуқуқи инсон дар шакли ғояву назарияҳо ташаккул ёфта, тадриҷан ҳамчун объекти бевоситаи танзими ҳуқуқӣ баромад мекунад. Аз давраҳои аввали ташаккули мафкура ва ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ мутафаккирон ва файласуфон дарк кардаанд, ки бе давлат, бе саъю кӯшиши сохторҳои ҳокимиятӣ, захираҳои давлатӣ, воқеан, таъмини ҳуқуқи инсон имконнопазир аст. Инсоният аз рӯзҳои аввали дарки моҳияти ҳуқуқу озодиҳои худ, кафолат ва ҳифзи онро ба ин ё он неруи танзимкунанда вобаста мекард, ҳамзамон ба соҳибқудратон боварӣ ҳосил намуда, эҳсос менамуд, ки маҳз қудрати сиёсӣ қодир аст, мушкилии онҳоро бартараф кунад. Дар масири таърих инсон баҳри ноил гаштан ба ҳуқуқҳое, ки ба ӯ зиндагии шоиста ва озодиро таъмин менамоянд, мубориза҆ҳо бурда, ҷонбозиҳо кардааст. Илми ҳуқуқшиносӣ, бавижа таърихи ҳуқуқи инсон, ҳамаи инро собит менамояд.

Бо мурури замон ҳуқуқи инсон аз ахлоқу маърифат, ғояву назария ба унсури марказии сиёсати давлатӣ мубаддал гардид. Дар сатҳи давлатӣ ҳуҷҷатҳои махсус оид ба ҳуқуқи инсон таҳия ва қабул карда шуданд. Ҳуқуқи инсон ҳамчун ҳуқуқу озодиҳои фитрӣ, ки онро давлат кафолат медиҳад, ба расмият шинохта мешавад. Эъломияҳо, хартияҳо, конститутсияҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, ки ҳуқуқи инсонро мустаҳкам карда, баҳри таъмини онҳо кафолатҳои зарурӣ муҳайё намуданд. Эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон бар дӯши давлат мебошад. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конститутсияи худ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эътироф намуд. Воқеияти ин гуфтаҳоро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки ғояи инсондӯстӣ дар Паём чунин ифода намудаанд: «рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад»[1].

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node (санаи муроҷиат: 29.12.2023 с.).

Пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳон тағйироти куллӣ дар самти эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ба миён омад. Дар чаҳорчӯбаи ин раванд дар сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ эъломияҳо, барномаҳо, стратегияҳо, консепсияҳо, конститутсияҳо, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки онҳо боиси такмили робитаи давлат ва шахс гардиданд.

Дар интиҳои асри гузашта ва ибтидои асри нав заминаҳои ҳуқуқии механизмҳои байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс такмил ёфтанд. Айни замон ба ин раванд тафовути фарҳангӣ-тамаддунӣ дар пасманзари паҳншавии стандартҳои ғарбии ҳуқуқи инсон таъсир расониданд. Бояд гуфт, ки тафовути фарҳангӣ-тамаддунӣ дар марҳилаҳои пештараи инкишофи таърихӣ низ мушохида мешуд. Гуногунии фарҳангу тамаддунҳои ҷаҳон қонунияти табиии инкишофи таърихӣ мебошад. Инкор намудани қонунияти мазкур ва ба таври сунъӣ ба вуҷуд овардани тамаддуну фарҳанги якхела имконнопазир аст, зеро фарқияти фарҳангу тамаддунҳо табиӣ буда, маҳз ҳамин гуногунӣ ва тафовут омили рушди онҳо мебошад. Аз ин рӯ, тафовути фарҳангҳо ва тамаддунҳо дар ҳама марҳилаҳои инкишофи таърихӣ вуҷуд дошт. Аммо тафовути мазкур дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла дар шакли фаъол ва ғайрифаъол зоҳир мешаванд. Дар як қатор ҳолатҳо тафовути фарҳангу тамаддунҳо ошкоро, дар шакли зиддияти оштинопазир, мубориза ва бархӯрд мушоҳида мешавад. Дар ҳолатҳои дигар чунин тафовут худро ошкоро зоҳир намекунад. Сатҳ ва шаклҳои зоҳиршавии ихтилофоти фарҳангӣ-тамаддунӣ аз шароити таърихӣ, режими сиёсӣ, сиёсати давлат, сатҳи таъмини манфиатҳои миллӣ, ҳимояи анъанаҳои миллӣ ва соҳибихтиёрии миллӣ вобастагӣ дорад. Қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва дигар санадҳои байналмилалӣ ба эътирофи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон мусоидат намуданд, ғалаба бар фашизм инсониятро руҳбаланд гардонид, режими фашистӣ аз байн рафт. Ҷанги якум ва дуюми ҷаҳон хисороти зиёди молиявӣ ва моддиро дар пай гузошта, аҳолии зиёдро аз ҳаёт маҳрум намуд. Таъсиси Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд – СММ) ва қабул шудани санадҳои муҳимми байналмилалӣ дар таъмини ҳуқуқи инсон саҳми бориз гузоштанд.

Бо вуҷуди ин, пас аз чанд даҳсола маълум гардид, ки ҳуқуқи инсон ба ғояҳои мафкуравии тамаддуни ғарбӣ такя дошта, дар қитъаҳои дигари олам, ки дорои фарҳангу тамаддуни хеш мебошанд, пазиро нест. Дар натиҷа ихтилофоти фарҳангҳо ва тамаддунҳо дар соҳаи дарки ҳуқуқи инсон бештар зоҳир мешавад. Дар қитъаҳои гуногун (Осиё, Африқо, Амрикои Лотинӣ ва ғ.) ва мамлакатҳои араб санадҳои алоҳидаи минтақавӣ оид ба ҳуқуқи инсон қабул гардиданд. Хартияи Африқоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, Хартияи Араб оид ба ҳуқуқи инсон, Эъломияи Қоҳира оид ба ҳуқуқи инсон дар ислом ва ғ. қабул шуда, дар заминаи онҳо сиёсати минтақавии фарҳангӣ-тамаддунӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон амалӣ мегардад. Илова бар ин, тазодди тамаддунӣ дар пасманзари ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ, болоравии нуфузи давлатҳои миллӣ, эътироз бар зидди стандартҳои ғарбии ҳуқуқи инсон ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ сатҳи нав пайдо мекунанд.

Ҳамаи равандҳои дар боло зикршуда ба робитаи давлат ва шахс дар робита бо дарки дубораи моҳияти ҳуқуқи инсон, арзишҳои ахлоқӣ ва маънавии бо ҳуқуқи инсон алоқаманд, ҳамчунин, вусъати фаъолияти давлатҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ бахри ҳимояи соҳибихтиёрӣ ва манфиатҳои миллӣ таъсири ҳалкунанда мерасонанд. Робитаи давлат ва шахс ба сатҳи байналмилалӣ мебарояд, чунки сиёсати хориҷии ҳамагуна давлат идомаи сиёсати хориҷии он мебошад. Таҳдиду хатарҳои ҷаҳонӣ (терроризми байналмилалӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷиноятҳои фаромиллӣ, офатҳои табиӣ ва дигар) саъю кӯшиши ҳамаи давлатҳоро тақозо дорад. Дар даҳсолаҳои охир фаъолияти муштараки давлатҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи тағйири иқлими сайёра, таъмини амнияти озуқаворӣ, дастрасӣ ба оби тоза, пешгирии гуруснагӣ ва ғ. вусъат меёбад. Аз ҳалли ин ва дигар мушкилоти ҷаҳонӣ ва минтақавӣ таъмини ҳуқуқи инсон вобастагӣ дорад. Иқтидори молиявӣ ва иқтисодии давлати миллӣ, захираҳои энергетикӣ, ашёи хом ва ғайра, сатҳи некуаҳволии аҳолӣ дар шароити таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳонӣ, ҳамчунин, сатҳи ҳалли мушкилоти ҷаҳонии башарият ба робитаи давлат ва шахс таъсири бевосита мерасонанд.

Вусъати бархӯрди манфиатҳои сиёсӣ, этникӣ, фарҳангӣ, идеологӣ, динӣ, зарурати ҳимояи арзишҳои ахлоқиву маънавӣ ва фарҳанги миллӣ дар шароити таъсири манфии фарҳанги бегона боиси афзоиши муқобилият ба стандартҳои фарогири (универсалии) ҳуқуқи инсон, ки хилофи фарҳанги миллӣ мебошанд, мегардад. Ташаккули тартиботи ҳуқуқии нави байналмилалӣ, ихтилоф миёни ҷонибдорони ҷаҳони яққутба ва бисёрқутба, тақвияти мушкилоти геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ низ ба раванди мазкур таъсир мерасонанд. Вусъати фаъолияти давлатҳои абарқудрат ва ташкилотҳои фаромиллии молиявию иқтисодӣ дар соҳаи ҷаҳонишавӣ бидуни манфиатҳои миллии давлатҳои тараққикунанда боиси мураккаб гардидани вазъи ҷаҳонӣ ва болоравии ҳисси худшиносии миллӣ мегардад.

Назарияи неолибералӣ, ки ба ғояи фардигароӣ такя дошта, озодии мутлақ ва беинтиҳои фардро эълон менамояд, боиси буҳрони арзишҳои анъанавии ахлоқӣ ва маънавӣ гардид. Раванди мазкур, ки солҳои охир дар робита бо фишори беинтиҳои молиявӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, иттилоотӣ ва фарҳангӣ ба давлатҳои тараққикунанда мушоҳида мешавад, ҷараёни ҳимояи манфиатҳои миллиро фаъол мегардонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ишора карданд, ки «дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад»[2].

Дар шароити вусъат ёфтани равандҳои умумиҷаҳонии дар боло зикршуда таҳқиқоти илмии сатҳи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс мубрам аст. Таҳқиқоти илмии робитаи давлат ва шахс бо дарназардошти таҷрибаи байнамилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ имконият медиҳад, ки таҷрибаи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, давлатҳои ҷудогонаи ҷаҳон дар соҳаи таъмин ва ҳифзи ҳуқуқи инсон, ки унсури бунёдии робитаи давлат ва шахс мебошад, ҷамъбаст ва таҳлил карда шавад. Илова бар ин, таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки хусусиятҳои модели миллии робитаи давлат ва шахс бо дарназардошти шароити таърихӣ, ки дар кишварҳои

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node (санаи муроҷиат: 29.12.2023 с.).

ҷудогона ташаккул меёбад, ҳамчунин, дар шароити гуногунии фарҳангӣ ва тамаддунӣ муайян карда шаванд. Таҳқиқоти мазкур истифодаи васеи усули муқоисавӣ-ҳуқуқиро тақозо дорад.

Заминаҳои таърихӣ-фарҳангии робитаи давлат ва шахс дар давраҳои қадим ташаккул ёфта, дар давраҳои минбаъдаи таҳаввулоти таърихӣ инкишоф ёфтаанд. Дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ заминаҳои мафкуравӣ, равонӣ, назариявӣ ва фарҳангӣ-тамаддунии робитаи давлат ва шахс ташаккулу такмил ёфтаанд. Онҳо бо заминаҳои ҳуқуқӣ омехта шуда буданд. Таҳлили заминаҳои фарҳангӣ-тамаддунии робитаи давлат ва шахс барои дарки мазмун ва шакли ҳуқуқии он аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва фарҳангӣ дорад. Айни замон таҳқиқи назарияҳои ҳуқуқи инсон барои таҳлили моҳияти гуманитарии робитаи давлат ва шахс аҳаммият дорад.

Мазмуни робитаи давлат ва шахсро дар ҳошияи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, дар заминаи таҳқиқоти ҳаматарафаи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, назарияҳои гуногуни ҳуқуқи инсон, шароити таърихӣ, фарҳангӣ ва тамаддунии инкишофи ҳуқуқи инсон муайян намудан мумкин аст. Дар марҳилаҳои пештараи инкишофи таърихӣ бо дарназардошти омехта будани соҳаҳои гуногуни дониши инсонӣ паҳлуҳои гуногуни назарияи ҳуқуқи инсон ҷузъи фалсафа, этика ва илмҳои дигар буданд. Дар марҳилаи муосир назарияи ҳуқуқи инсон ҳамчун соҳаи мустақили дониши инсонӣ ташаккул ёфта, инкишоф меёбад. Раванди мазкур ба такмили робитаи давлат ва шахс мусоидат мекунад.

Мубрамияти мавзуъ дар он аст, ки аҳли башар ҳуқуқу озодиҳои инсонро аз ҷумлаи бузургтарин неъматҳои тамаддуни инсонӣ эътироф карда, дар роҳи таъмини онҳо чораҳои муассири дохилидавлатӣ ва байналмилалиро амалӣ мекунад. Дурнамои рушди робитаи давлат ва шахс аз ҳамин арзиши меҳварӣ вобастагӣ дорад. Бояд зикр намуд, ки чун ин арзиши меҳварӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дар васати бархӯрди фарҳанг ва тамаддун қарор гирифтааст, таҳқиқи он аз назари илмҳои мухталиф, аз ҷумла илми ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти хосса касб менамояд.

Ҳамин тариқ, мавзуи интихобшуда аз нуктаи назари илмӣ, методологӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ дар шароити муосири бархӯрди фарҳангию тамаддунӣ, афзоиши таҳдидҳо

ва хатарҳои ҷаҳонӣ, ҳимояи манфиатҳои миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол мубрам аст. Таҳқиқоти илмӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқии робитаи давлат ва шахс дар сатҳи байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ барои ба роҳ мондани модели миллии робитаи давлат ва шахс дар Тоҷикистон бо дарназардошти афзалияти манфиатҳои миллӣ аҳаммияти назариявӣ, амалӣ ва фарҳангӣ дорад. Таҳқиқи робитаи давлат ва шахс дар заминаи ҷамъбасти таҷрибаи фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, инчунин давлатҳои ҷудогона имконият медиҳад, ки, аз як тараф, қонуниятҳои умумии инкишофи робитаи давлат ва шахс, аз тарафи дигар, хусусиятҳои он, ки дар шароити гуногунии фарҳангию тамаддунӣ бештар зоҳир мешаванд, муайян карда шаванд. Таҷрибаи макзур ҳангоми ба роҳ мондани робитаи давлат ва шахс дар Тоҷикистон бояд ба инобат гирифта шавад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он собит мегардад, ки натиҷаҳои он ба амалӣ гардидани ҳуҷҷатҳои стратегии давлати Тоҷикистон, аз ҷумла Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон барои давраи то соли 2038, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми августи соли 2023, №357 тасдиқ шудааст, мусоидат мекунанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмї.** Доираи масъалаҳое, ки ҳангоми таҳқиқоти илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, фарох буда, доир ба паҳлуҳои мухталифи он олимони ватанӣ ва хориҷӣ назару андешаҳои худро иброз намудаанд. Масъалаи ҳуқуқи инсон дар муҳити илмии Тоҷикистон баъди расидан ба Истиқлолияти давлатӣ тамоюли рӯзафзун пайдо кард. Саҳми олимони ватанӣ, ба мисли Н.А. Абдуллоев[3], У.А. Азиззода[4], Г.С. Азизкулова[5], З. Ализода[6], Н.И. Бобоева[7], И.Ҳ. Бобоҷонзода[8],

---

[3] Ниг.: Абдуллоев Н.А., Абдуллоев П.С. Развитие международно-правой помощи РТ по уголовным делам за годы независимости // Развитие судебного права, уголовного права и правоохранительной деятельности в РТ: материалы республиканской научно-практической конференции. – Душанбе, 2015. – С. 87-106.

[4] Ниг.: Азизов У.А. Становление и развитие институтов преступления и наказания на территории дореволюционного Таджикистана. – Душанбе: Андалеб-Р, 2014. – 200 с.

[5] Ниг.: Азизкулова Г.С. Правовое воспитание в Таджикистане (история вопроса) // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему: «Ответственность родителей в обучении и воспитании детей». – Душанбе, 2012. – С. 62-65.

[6] Ниг.: Ализода З. Эволюция парламентаризма в Республике Таджикистан // Центральная Азия и Кавказ. – 2008. – № 2 (56). – С. 100-107; Ализода З. Нақши Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон дар рушди ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии

Э.Б. Буризода[9], А.М. Диноршоҳ[10], Ҷ.М. Зоир[11], А.И. Имомов[12], З.Ҳ. Искандаров[13], Ш.Ф. Искандаров[14], А.Х. Маликова[15], М.А. Маҳмудзода[16], И.Т. Маҳмудов[17], Х.М. Мирзамонзода[18], Э.С. Насриддинзода[19], О.Э. Раҳмон[20], Д.С. Раҳмон[21],

---

ҳуқуқи инсон) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2019. – С. 13-16.

[7] Ниг.: Бобоева Н.И. Эволюция государственной власти в историческом Таджикистане: IX-XIV вв.: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 200 с.

[8] Ниг.: Бабаджанов И.Х., Сальников В.П., Тагайназаров Ш.Т. Право человека на соматическую целостность в контексте развития биомедицинских технологий // Юридическая наука: история и современность. – 2017. – №4. – С. 80-95; Бабаджанов И.Х. Охрана права внутриутробного ребенка на жизнь: законодательство России, Республики Таджикистан и других стран // Вестник Таджкского национального университета. – 2014. – №3/1 (128). – С. 86-93.

[9] Ниг.: Буриев И.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе, 2014. – 200 с.; Буриев И.Б. Институты таджикской государственности: теория и практика / Отв. редакторы: академик Тахиров Ф.Т., проф. Чиркин В.Е. – Душанбе: Дониш, 2016. – 360 с.; Он же. Источники права исламского периода таджикской государственности: теория и практика / Отв. редактор академик АН РТ Тахиров Ф.Т. – 2-е изд. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 224 с.

[10] Ниг.: Диноршоев А.М. Теоретические вопросы имплементации международно-правовых норм в законодательстве РТ // Проблемы соотношения международного и национального права: материалы межуниверситетской конференции. – С. 31-36; Диноршоев А.М. Место Уполномоченного по правам человека в РТ в системе органов государственной власти // Правовая жизнь. – 2015. – №2. – С. 88-93; Диноршоев А.М. Закрепление прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан по Конституции 1994 г. // Современная гуманитарная наука: проблемы и перспективы развития: материалы международной научной конференции, 16 июня 2015 г. – С. 48-54.

[11] Ниг.: Зоиров Д.М. Таджики: от государства Саманидов до суверенной государственности. – СПб.: Реноме, 2014. – 287 с.

[12] Ниг.: Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: Офсет Империя, 2017. – 760 с.; Имомов А. Аҳамият ва нақши Конститутсия дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии давлат ва ҷомеа // Наука и инновация (Научный журнал). Серия гуманитарных наук. – 2014. – №3. – С. 110-115; Имомов А. Ҳуқуқ ба таҳсил қисми таркибии сиёсати иҷтимоии давлат // Конститутсия – роҳнамои ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил. – Душанбе, 2014. – С. 13-20.

[13] Ниг.: Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он. – Душанбе, 2007. – 198 с.; Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2015. – 250 с.

[14] Ниг.: Искандаров Ш.Ф. О современном понятии прав ребёнка по законодательству Республики Таджикистан // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – №9. – С. 324-327; Искандаров Ш.Ф. Специализированные государственные правозащитные институты по правам человека в Таджикистане: история, теория и современная практика [монография]. – Душанбе: Promexpo, 2019. – 210 с.; Искандаров Ш.Ф. К вопросу о понятии гарантий прав человека // Правовая жизнь. – 2018. – №1 (21). – С. 47-53; Искандаров Ш.Ф. К вопросу о неправительственных правозащитных организациях как институт по правам человека // Правовая жизнь. – 2014. – №4 (08). – С. 48-54; Искандаров Ш.Ф. К вопросу о роли Всеобщей декларации прав человека в признании, установлении и закреплении прав и свобод человека // Материалы научно-теоретической конференции, посвященной 65-летию ВДПЧ. – Душанбе, 2014. – С. 49-67.

[15] Ниг.: Маликова А.Х. Национальные особенности модели социального государства в Таджикистане // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Серия: Философия и право. – 2012. – №1. – С. 148-153.

[16] Махмудзода М.А. Конституционное правосудие в Республике Таджикистан: гарантии правовой защиты Основного закона // Вестник НАНТ. Сер. общественных наук. – 2020. – №3. – С. 53-57; Он же. Системообразующая функция Конституции Республики Таджикистан: теоретический и практический аспект // Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан. – 2018. – №1. – С. 80-87.

[17] Ниг.: Маҳмудов И.Т. Нақши интихобот дар инкишофи демократия дар Тоҷикистон // Нақши падидаи интихобот дар бунёди давлати демократӣ (маҷмуаи мақолаҳо) / Зери таҳрири д.и.ҳ. Насурдинов Э.С. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 40-43.

[18] Ниг.: Гафуров Х.М. Судебная защита: теоретико-методологический аспект. Монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 167 с.; Гафуров Х.М. Вопросы судебной защиты в контексте реализации судебно-правовой реформы в Республике Таджикистан // Вестник ТНУ. – 2015. – №3/11 (188), ч. 2. – С. 64-67.

[19] Ниг.: Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 316 с.; Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ). – Душанбе: Меҳрона, 2017, 2019. – 204 с.; Насурдинов Э.С. Правовая культура: монография / Э.С. Насурдинов; [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – М.: Норма, 2014. – 352 с.; Насурдинов Э.С. Правовая культура: теоретико-методологический аспект: монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 160 с.; Насурдинов Э.С.

Р.Ҳ. Раҳимзода[22], С.А. Раҷабов[23], Б.А. Сафарзода[24], Н.Ф. Сафарзода[25], И.И. Саидзода[26], Ҷ. Саъдизода[27], Ф.Т. Тоҳиров[28], А.Ғ. Холиқзода[29], Р.Ш. Шарофзода[30], Т.Ш. Шарипов[31], Ф.М. Шоев[32] ва дигарон дар таҳқиқи ҷанбаҳои таърихӣ-назариявӣ ва

---

Проблемы формирования правовой культуры в условиях становления демократического государства в Таджикистане. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 196 с.

[20] Ниг.: Рахмон О.Э. Развитие законодательства о правах и свободах женщин в Таджикистане. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 191 с.

[21] Ниг.: Рахмон Д.С. Права человека в условиях глобализации: теоретические и методологические проблемы: монография. – Душанбе, 2019. – 376 с.

[22] Ниг.: Раҳимов Р.Ҳ., Солиев К.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва нақши он дар таҳкими ҳуқуқи инсон // Проблемаҳои муҳимми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва нақши он дар таҳкими ҳуқуқи инсон: маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, 15 марти соли 2012. – Душанбе: ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2012. – С. 29-32; Рахимзода Р.Х. Исламское право и оперативно-розыскная политика // Мир политики и социологии. – 2016. – № 7. – С. 81-92; Рахимзода Р.Х. Письменные источники Древнего Востока и сыскная деятельность // Мир политики и социологии. – 2016. – № 5. – С. 166-173; Рахимзода Р.Х. Экономическая безопасность государства и оперативно-розыскная политика (некоторые общие методологические подходы) // Правовое поле современной экономики. – 2015. – № 11. – С. 110-117.; Раҳимзода Р.Ҳ. Таъмини кафолатҳои ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ // Маводҳои конференсияи байналмилалӣ бахшида ба 20-солагии таъсиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Адолати судии конститутсионӣ-кафолати таъмини волоияти Конситутсия». – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – С. 112-117.

[23] Ниг.: Раджабов С.А. Имплементация норм международного гуманитарного права в Республике Таджикистан: проблемы теории и практики: монография. – Душанбе: Дониш, 2006. – 295 с.

[24] Ниг.: Сафарзода Б.А. Международные стандарты в области прав человека: История и современность / Отв. ред. Ф.Т. Тахиров. – Душанбе, 2016. – 345 с.; Сафаров Б.А. Ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон ва аҳамияти омӯзиши он дар замони муосир // Поси ҳуқуқи инсон чун дастоварди умумибашарӣ: маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба муносибати 65-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар / Зери таҳрири н.и.ҳ. Сафаров Б.А. – Душанбе, 2014. – С. 8-15.

[25] Ниг.: Сафарзода, Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография / Н.Ф. Сафарзода, Д.С. Рахмон, Дж. Саъдизода. – Душанбе: ТАЙАРОН, 2018. – 176 с.

[26] Ниг.: Саидов И.И. Иҷрои уҳдадориҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Поси ҳуқуқи инсон чун дастоварди умумибашарӣ (Маводи конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 65-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар) / Зери таҳрири н.и.ҳ. Сафаров Б.А. – Душанбе, 2014. – С. 68-78.; Саидов И.И. Некоторые теоретические аспекты имплементации норм международных документов по правам человека в законодательство РТ. // Вестник ТНУ. – Душанбе: Сино, 2014. – №3/5(142). – С. 92-97.

[27] Ниг.: Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2017. – 241 с.; Саъдизода Ҷ. Аз таърихи рамзҳо оид ба ҳуқуқи инсон: дар мисоли Рашан // Поси ҳуқуқи инсон чун дастоварди умумибашарӣ: маводи конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 65-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар / зери таҳрири н.и.ҳ. Сафаров Б.А. – Душанбе, 2014. – С. 79-85; Саъдизода Дж. Культура прав человека как средство обеспечения прав и свобод человека и гражданина в правовом государстве // Проблемы соотношения международного и национального права: материалы межуниверситетской научно-практической конференции 24-25 марта 2014 года / Под общей ред. Е.М. Павленко, А.М. Диноршоева. – Москва-Душанбе, 2014. – С. 264-272; Саъдизода Ҷ. Оид ба омӯзиши ҳатмии фанни таълимии ҳуқуқи инсон дар низоми таҳсилоти олӣ // Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2015. – №2. – С. 29-34.

[28]Ниг.: Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. – Душанбе: Дониш, 2009. – 369 с.; Тахиров Ф.Т., Халиков А.Г. Декларация Великого Кира как исторический источник о правах и свободах человека // Духовная культура таджиков в истории мировой цивилизации: Сб.ст. – Душанбе, 2002. – С. 113-126.

[29] Ниг.: Холиқзода А.Ғ. Мухтасари қонунномаи Сосониён: Мотекони ҳазор додестон – ҳазор амсоли додгоҳӣ (ҳуқуқи бостон). – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – 156 с.

[30] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон // Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2010. – С. 82-161; Сотиволдиев Р.Ш. Ҳуқуқ ва инсон // Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2018. – С. 389-414; Сотиволдиев Р.Ш. Права человека в контексте основных тенденций их доктринального, идеологического и практического понимания и воплощения // Государствоведение и права человека. – 2016. – №3 (03). – С. 22-29.

[31] Ниг.: Шарипов Т.Ш. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон». – Душанбе, 2015. – 506 с.; Шарипов Т.Ш., Сафаров А.И. Муқовимат ба савдои одамон. Воситаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2015. – 296 с.

амалии робитаи давлат ва шахс хеле калон аст. Бо вуҷуди ин, то ба ҳанӯз масъалаҳои ҷудогона ва умдаи робитаи давлат ва шахс дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ва миллӣ мубраму ҳалношуда боқӣ мондаанд.

Масъалаи робитаи давлат ва шахс ҳамчун объекти таҳқиқоти илмии ҳуқуқшиносон, файласуфон, иқтисоддонҳо ва сиёсатшиносон аз дидгоҳ ва назарияҳои мухталиф қарор дорад. Муҳаққиқони ҳуқуқшинос ва донишмандони соҳаҳои дигар дар интиҳои асри XX ва ибтидои асри XXI, ба мисли С.С. Алексеев[33], Ю.С. Бадалянс[34], Л.И. Глухарева[35], З. Бжезинский[36], Б.А. Кистяковский[37], Е.А. Лукашева[38], М.Н. Марченко[39], Г.И. Муромсев[40], П.И. Новгородсев[41],

---

[32] Ниг.: Шоев Ф.М. Государственно-правовые взгляды Мухаммада Газали: дис. … канд. юрид. – Душанбе, 2018. – 218 с.

[33] Ниг.: Алексеев С.С. Право: азбука – теория – философия. Опыт комплексного исследования. – М., 1999. – 712 с.; Он же. Право на пороге нового тысячелетия: некоторые тенденции мирового правового развития – надежда и драма современной эпохи. – М.: Статут, 2000. – С. 225-240; Права человека: энциклопедический словарь / Отв. Ред. С.С. Алексеев. – М.: Норма, 2009. – 654 с.

[34] Ниг.: Бадальянц Ю.С. Права человека. – Рязань, 2006. – 519 с.

[35] Ниг.: Глухарева Л.И. Права человека в системе теории права и государства: общетеоретические, философско-правовые и методологические проблемы: дис. ... д-ра. юрид. наук. – М., 2004. – 417 с.; Глухарева Л.И. Права человека. Гуманитарный курс. – М., 2002. – 215 с.; Она же. Права человека в современном мире (социально-философские основы и государственно-правовое регулирование). – М., 2003. – 225 с.; Глухарева Л.И. Универсальность и социокультурный релятивизм прав человека // Право и права человека: сб. науч. тр. юридического факультета МГПУ. Кн. 5. – М., 2003. – С. 24-38.

[36] Ниг.: Бжезинский З. Великая шахматная доска: господство Америки и его геостратегические императивы / пер. с англ. – М.: Изд-во АСТ, 2016. – 702 с.

[37] Ниг.: Кистяковский Б.А. Философия и социология права. – СПб., 1999. – 268 с.; Он же. Социальные науки и право. – СПб., 1999. – С. 284-290; Он же. Государственное право (общее и русское). Лекции // Философия и социология права. – СПб., 1999. – 798 с.

[38] Ниг.: Права человека / Под ред. Лукашевой Е.А. – М., 1999. – 573 с.; Права человека: учебник для вузов / Под ред. Е.А. Лукашевой. – М., 2009. – 560 с.; Лукашева Е.А. Права человека в контексте конфликта культур // Вестник Российской Академии наук. – 2007. – №2. – Т. 77. – С. 115-120; Лукашева Е.А. Человек, право, цивилизации: нормативно-ценностное измерение. – М., 2011. – 384 с.; Общая теория прав человека / рук. авт. кол. и отв. ред. д-р юрид. наук Е.А. Лукашева. – М.: Норма, 1996. – 520 с.; Права человека: итоги века, тенденции, перспективы / под общ. ред. Е.А.Лукашевой. – М., 2002. – 420 с.; Лукашева Е.А. Права человека: конфликт культур // Наш трудный путь к праву: материалы философско–правовых чтений памяти академика В.С.Нерсесянца. – М., 2006. – С. 241-255.

[39] Ниг.: Марченко М.Н. Проблемы теории государства и права. – М., 2001. – 760 с.; Марченко М.Н. Глобализация и ее воздействие на современное национальное государство (методологический аспект). // Теоретико-методологические проблемы права. . Вып. 2. – М.: Зерцало-М, 2007 – С. 53-88; Марченко М.Н. Государство и право в условиях глобализации. – М., 2011. – 400 с.; Марченко М.Н. Тенденции развития права в современном мире: учебное пособие. – М., 2015. – 280 с.; Марченко М.Н. Сравнительное правоведение. Общая часть. – М., 2001. – 560 с.; Марченко М.Н. Курс сравнительного правоведения. – М., 2002. – 1068 с.

[40] Ниг.: Муромцев Г.И. О некоторых методологических проблемах современной российской юридической науки // Право и государство в изменяющемся мире: материалы Всероссийской конференции, посвященной памяти профессора О.А. Жидкова. – М., 2007. – С. 17-30; Муромцев С.А. Определение и основное разделение права. – СПб., 2004. – 223 с.

[41] Ниг.: Новгородцев П.И. О задачах русской интеллигенции // Сочинения. – М., 1995. – 224 с.; Новгородцев П.И. Об общественном идеале // Сочинения. – М., 1995. – С. 47; Новгородцев П.И. О задачах современной философии права // Сочинения. – М., 1995. – С. 54.

В.С. Нерсесянс[42], В.М. Сирих[43], Л.Р. Сюкияйнен[44], С. Ҳантингтон[45] ва дигарон роҷеъ ба масъалаҳои мубрами ҳуқуқи инсон дар замони муосир изҳори назар намуда, таҳқиқоти ҷолиб ва арзишманд таълиф намудаанд. Ҳамзамон, ба мубрам будани масъалаи мазкур нигоҳ накарда, робитаи давлат ва шахс бо дарназардошти паҳлуҳои фарҳангӣ ва тамаддунии таҷрибаи байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллии соҳаи ҳуқуқи инсон омӯхта нашудааст.

Бо вуҷуди таҳқиқоти ҷойдошта, дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ робитаи давлат ва шахс бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ, бо истифодаи якҷояи усули фарҳангӣ-тамаддунӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ то ба ҳол таҳқиқ нашудааст. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур яке аз нахустин таҳқиқоти илмии робитаи давлат ва шахс дар заминаи ҷамъбаст ва таҳлили таҷрибаи фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ, давлатҳои ҷудогона, доираи васеи ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ҳамчунин, таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) маҳсуб мешавад. Дар диссертатсия робитаи давлат ва шахс дар робита бо ҳуқуқи инсон гузаронида шудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – «Проблемаҳои назариявии ташаккули низоми ҳуқуқии ҶТ дар замони муосир барои солҳои 2016-2020» ва «Масъалаҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии ҶТ дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ барои солҳои 2021-2025» омода гардидааст.

---

[42] Ниг.: Нерсесянц В.С. Философия права. Учебник для вузов. – М.: Норма, 1997. – 652 с.; Нерсесянц В.С. Философия права: учебник. – 2-е изд. – М.: Норма, 2011. – 848 с.; Нерсесянц В.С. Права человека в истории политико-правовой мысли // Права человека. – М., 2000. – С. 36-55; Проблемы общей теории права и государства / под ред. В.С. Нерсесянца. – М., 2001. – 813 с.; Проблемы общей теории права и государства / под. общ. ред. В.С. Нерсесянца. – М., 2001. – 455 с.; Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства. – М.: Норма, 2015. – 455 с.; Нерсесянц В.С. Процессы универсализации права и государства в глобализирующемся мире // Государство и право. – 2005. – №5. – С. 40-53.

[43] Ниг.: Сырых В.М. История и методология юридической науки. – М., 2012. – 464 с.

[44] Ниг.: Сюкияйнен Л.Р. Мусульманское право. – М., 1986. – 238 с.; Сюкияйнен Л.Р. Исламская концепция прав человека: Теоретические основы, тенденции и перспективы развития // Права человека, итоги века, тенденции, перспективы / под общ. ред. чл.-корр. РАН Е.А. Лукашевой. – М., 2002. – С. 289-300; Сюкияйнен Л.Р. Права человека в диалоге исламской и западной правовых культур // Ишрак: ежегодник исламской философии. – 2011. – №2. – С. 266-289.

[45] Ниг.: Хантингтон С. Кто мы?: Вызовы американской национальной идентичности / пер. с англ. А. Башкирова. – М.: ООО «Издательство АСТ». 2004. – 635с.; Хантингтон С. Столкновение цивилизаций / пер. с англ. Т. Велимеева, Ю. Новикова. – М., 2003. – 603 с.

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили илмӣ-методологӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ-тамаддунии назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс дар заминаи сарчашмаҳои илмӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот дар диссертатсия **вазифаҳои** зерин гузошта шудаанд:

– омӯзиши ғояҳои бунёдӣ оид ба робитаи давлат ва шахс аз диди назарияҳои мухталиф;

– таҳқиқи хусусиятҳои ташаккули робитаи давлат ва шахс дар минтақаҳои гуногун;

– таҳқиқи заминаҳои таърихӣ, фарҳангиву тамаддунӣ ва илмии ташаккули робитаи давлат ва шахс;

– муайян намудани шаклҳои асосии муосири робитаи давлат ва шахс;

– таҳлили робитаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон дар доираи таълимоти сиёсиву ҳуқуқии Шарқ ва Ғарб;

– таҳлили модели конститутсионии робитаи давлат ва шахс дар ҶТ ва муайян намудани роҳҳои самараноки амалӣ гардонидани он;

– муайян намудани самтҳои асосии рушди вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар шароити муосир;

– муайян намудани мафҳум, моҳият ва шаклҳои робитаи давлат ва шахс дар шароити амалисозии консепсияи давлати иҷтимоӣ;

– таҳқиқи робитаи давлат ва шахс бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон;

– таҳлили робитаи давлат ва шахс дар ҳошияи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар минтақаҳои алоҳида;

– муайян намудани роҳҳои ташаккул ва такмили модели миллии робитаи давлат ва шахс дар иртибот бо ҳуқуқи инсон;

– ҷамъбаст намудани таҷрибаи байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ дар соҳаи таълими ҳуқуқи инсон ҳамчун омили таъминкунандаи робитаи судманд байни давлат ва шахс;

– таҳқиқи мафҳум, мақсадҳо ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқукӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҳамчун омили робитаи судманд миёни давлат ва шахс;

– асоснок намудани натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади муайян намудани самтҳо ва дурнамои таҳқиқоти робитаи давлат ва шахс дар ҷомеаи тағйирёбанда;

– пешниҳоди тавсияҳои амалӣ бобати такмили робитаи давлат ва шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқикот.** Объекти таҳқиқотро муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҷрибаи сиёсӣ ва равандҳои асосии ҳаёти ҷомеа ташкил менамоянд, ки дар робита бо онҳо сиёсати ҳуқуқии байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ташаккул ёфта, амалӣ карда мешаванд.

**Предмети таҳқиқот.** Предмети таҳқиқотро заминаҳои илмӣ-маърифатӣ, мафкуравӣ, фарҳангӣ-тамаддунии назарияҳо, таҷриба ва сиёсати ҳуқуқии соҳаи ҳуҳуқи инсон, ки дар доираи онҳо робитаи давлат ва шахс роҳандозӣ мешавад, ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ марҳилаҳои гуногуни инкишофи назария ва амалияи ҳуқуқи инсонро аз замони қадим то давраи муосир дар бар мегирад. Дар он раванди таърихии ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи инсон, сиёсати ҳуқуқӣ, робитаи давлат ва шахс, шаклҳои зуҳурёбии он, амалияи татбиқи назария ва муқаррароти меъёрӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ дар манотиқи мухталифи ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон мавриди таҳқиқи таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қарор дода мешаванд. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс дар давлатҳои ҷаҳони имрӯза ва Тоҷикистон таҳқиқ мешавад. Ҳамчунин, таҳлили муқоисавии қонунгузорӣ ва таҷрибаи кишварҳои Ғарб, Африқо, Амрикои Лотинӣ, давлатҳои араб дар бахши робитаи давлат ва шахс гузаронида

мешавад. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 2018-2023 мебошад. Муаллиф ба масъалаҳои таҳқиқи таърихи ҳуқуқи инсон, сиёсати ҳуқуқӣ дар самти ҳуқуқи инсон, аз ҷумла робитаи давлат ва шахс ҳанӯз қабл аз тасдиқи мавзуи диссертатсия машғул шуда, дар ин самт монографияи илмӣ низ ба табъ расонидааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои илмӣ-назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ асарҳои илмии У.А. Азиззода, Н.И. Бобоева, И.Ҳ. Бобоҷонзода, Э.Б. Буризода, З. Бжезинский, Л.И. Глухарева, А.М. Диноршоҳ, А.И. Имомов, Ш.Ф. Искандаров, Б.А. Кистяковский, Е.А. Лукашева, М.Н. Марченко, М.А. Маҳмудзода, Г.И. Муромсев, Э.С. Насриддинзода, П.И. Новгородсев, В.С. Нерсесянс, Д.С. Раҳмон, И.И. Саидзода, Б.А. Сафарзода, Ҷ. Саъдизода, Л.Р. Сюкияйнен, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқзода, Р.Ш. Шарофзода, Ф.М. Шоев, Н.Ф. Сафарзода ва дигарон истифода шудаанд. Бо дарназардошти хусусияти объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ нуктаҳои назариявии ҳуҷҷатҳои расмии ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон ҳамчун асоси назариявии таҳқиқот истифода мешаванд. Асоси назариявии диссертатсияро натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ гузаронида шудаанд, ташкил медиҳад. Хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ пазируфта мешаванд, заминаи назариявии ақидаҳо, хулосаҳо ва таклифҳои муаллифро ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии диссертатсияро усулҳои умумиилмӣ ва махсус, ба мисли диалектика, таҳдиди функсионалӣ, низомнок, мантиқӣ, таърихӣ, сотсиологӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва ғ. ташкил медиҳанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи мафҳумҳо ва категорияҳои илмии фалсафа (функсия, шакл, мазмун ва ғ.) гузаронида шудааст. Тавассути усули диалектика ташаккул ва инкишофи робитаи давлат ва шахс дар сарзамини тоҷикон мавриди пажӯҳиш қарор дода шуда, шароити таърихӣ ва дигар омилҳое, ки ба он таъсир расониданд, муайян карда мешаванд. Тавассути усули сотсиологӣ таҷрибаи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс ҷамъбаст ва таҳлил

карда мешавад. Дар раванди таҳқиқи робитаи давлат ва шахс бо истифода аз усули оморӣ сатҳи кафолат ва амалишавии ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон ва давлатҳои дигар муайян карда мешавад.

Дар заминаи усули шаклӣ-ҳуқуқӣ заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии робитаи давлат ва шахс муайян карда мешавад, аз ҷумла таҳлили меъёрҳо, принсипҳо ва унсурҳои дигари таркибии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва минтақавӣ, инчунин қонунгузорӣ гузаронида мешавад. Тавассути усули муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҶТ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва минтақавӣ дар бахши ҳуқуқи инсон омӯхта шуда, умумият ва тафовут миёни онҳо муайян карда мешавад. Дар заминаи усули таърихӣ-ҳуқуқӣ шароити таърихии ташаккулу инкишофи робитаи давлат ва шахс дар сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ, амалишавии ҳуқуқи инсон дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва давлатҳои ҷаҳон омӯхта мешавад. Дар натиҷаи таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии мавзуи диссертатсия муайян гардид, ки робитаи давлат ва шахс марҳилаҳои гуногуни таърихиро тай намудааст.

Усулҳои зикршуда дар якҷоягӣ имконият фароҳам оварданд, то мавзуи таҳқиқшаванда ҳамаҷониба, пурра ва объективона омӯхта шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ Конститутсияи ҶТ, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, барнома, консепсия ва стратегияҳои давлатӣ истифода шудаанд. Дар баробари санадҳои миллӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, қонунгузории давлатҳои алоҳида оид ба ҳуқуқи инсон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамзамон аз санадҳое, ки дар робита бо фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар кишварҳои хориҷӣ ва дар ҶТ қабул шудаанд, санадҳои СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, маълумоти оморӣ истифода мешаванд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бори нахуст дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ робитаи давлат ва шахс дар робита бо

таҷрибаи байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, бо дарназардошти афзалияти манфиатҳои миллӣ ва бо мақсади пешниҳоди модели миллии робитаи давлат ва шахс таҳқиқ мешавад. Таҳқиқоти мазкур бо дарназардошти равандҳои муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла ҷаҳонишавӣ, бархӯрди тамаддунҳо, неолиберализм, ҷаҳонишавии неолибералӣ, буҳрони идеологияи ғарбгароёна, муқовимат ба ғояи ғарбии фардигароӣ, аҳаммияти манфиатҳои миллӣ, ки ба робитаи давлат ва шахс таъсир мерасонанд, гузаронида шуда, таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳқиқи унсурҳои маънавӣ-фарҳангии робитаи давлат ва шахс дода мешавад.

Дар диссертатсия мафҳум, моҳият, ҳадафҳо, мазмун, шаклҳои робитаи давлат ва шахс бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллӣ таҳқиқ карда мешаванд. Дар ҷараёни таҳқиқот бо истифода аз усули фарҳангӣ-тамаддунӣ қонуниятҳо ва тамоюли инкишофи таҷрибаи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс бо дарназардошти хусусиятҳои фарҳангу тамаддунҳо муайян карда мешаванд. Дар ҳошияи ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар диссертатсия раванди амалишавии робитаи давлат ва шахс дар ҷаҳони муосир, минтақаҳои гуногун ва Тоҷикистон, хусусиятҳои амалисозии ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва минтақавии ҳуқуқи инсон дар партави ҳимояи анъанаҳои миллӣ ва бо дарназардошти хусусиятҳои фарҳангӣ-тамаддунии Тоҷикистон таҳқиқ карда мешавад. Зимни таҳқиқоти масъалаҳои зикршуда ақидаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф оид ба робитаи давлат ва шахс, вазъи ҳуқуқии шахс, ҳуқуқи инсон, сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон илман асоснок карда мешаванд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳои илмии зерин асоснок мегарданд:

– робитаи мутақобилаи давлат ва шахс бо дарназардошти сиёсати ҳуқуқии байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон таҳқиқ карда мешавад;

– мафҳуми «робитаи давлат ва шахс» дар асарҳои илмӣ, аз ҷумла бо дарназардошти гуногунии ақидаҳо ва мафҳумҳои илмӣ таҳқиқ гардида, мавқеи муаллиф оид ба ин масъала муайян карда мешавад;

– заминаҳои назариявӣ ва фарҳангии робитаи давлат ва шахс дар таърихи афкори тоҷику форс муайян ва таҳқиқ карда мешаванд;

– таҷрибаи таърихӣ ва муосири робитаи давлат ва шахс бо истифода аз усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ҷамъбаст ва таҳлил карда мешавад;

– таъсири таҷрибаи робитаи давлат ва шахс ба ташаккули низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайян карда мешавад;

– таҳлили фарҳангӣ-тамаддунии таҷрибаи ҷаҳонӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс гузаронида шуда, дурнамои амалисозии он бо дарназардошти афзалияти манфиатҳои миллии ҶТ муайян карда мешавад;

– санадҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мавриди пажӯҳиш қарор дода шуда, нақши онҳо дар раванди амалишавии робитаи давлат ва шахс муайян карда мешавад;

– таҷрибаи ҶТ дар самти робитаи давлат ва шахс, аз ҷумла унсурҳои фарҳангӣ-тамаддунии он таҳлил карда мешаванд;

– сиёсати ҳуқуқии ҶТ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҳамчун омили рушди робитаи давлат ва шахс таҳлил гардида, унсурҳои миллии он муайян карда мешаванд;

– роҳҳои амалисозии робитаи давлат ва шахс таҳлил гардида, пешниҳодҳои судманд ҷиҳати тақвияти самти мазкур пешниҳод мешаванд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо **нуктаҳои илмии** зерин, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, собит мегардад:

1. Масъалаи робитаи давлат ва шахс дар сарзамини аҷдодии тоҷикон дар робита бо шароити мушаххаси таърихӣ-иҷтимоӣ, фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон дарку таҳқиқ гаштааст. Тоҷикон миллати тамаддунофар буда, дар инкишофи тамаддун ва фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми арзанда доранд. Мутафаккирони тоҷик оид ба робитаи инсон ва ҷомеа, инсон ва давлат, моҳияти ҳуқуқу озодиҳои инсон нуқтаи назари мустақили худро доранд. Мутафаккирони тоҷик аз аҳди қадим дар қатори баррасии дигар масоили муҳимми давлатдорӣ оид ба мавзуъҳои мавқеи инсон дар ҷомеа, робитаи инсон бо атроф, муносибати инсон бо давлат, мақому манзалати инсон ва ҳуқуқу

озодиҳои ӯ фикру андешаҳои судманд пешниҳод намудаанд. Андешаҳо, ғояҳо, нуқтаҳои назари мутафаккирони тоҷик шакли инъикоси фарҳанги миллӣ ва орзуву ормони тоҷикон буда, аз ақидаҳои мутафаккирони Ғарб фарқи куллӣ доранд.

2. Назарияи мутафаккирону сиёсатмадорони ниёгони тоҷик Куруши Бузург, Анӯшервони Одил, Фаррухмард писари Баҳром, Рӯзбеҳ, Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Абулфазли Балъамӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хисрав, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон оид ба робитаи давлат ва шахс, ки дар заминаи таҷрибаи воқеии давлатдориҳои миллӣ ва андешаҳои илмӣ эҷод шудаанд, хусусиятҳои зерин доранд: афзалияти ғояҳои инсондӯстӣ (мақоми баланди инсон дар олам, ҳифзи эҳтироми ахлоқӣ ва эътиқодӣ нисбат ба инсон, тарғиб ва ташвиқи муносибати инсондӯстонаи ҳокимон ва мансабдорон нисбат ба инсон) ҳамчун заминаи дарки олам; бартарии усулҳои ахлоқӣ, хираднокӣ, маънавӣ, фарҳангӣ ҳамчун омили аввалиндараҷаи идоракунии адолатпешаи шарқӣ дар масири таърихи халқ; инкори ақидаҳои бегонапарастона, эҳтиёт аз тамоили ғарбгароёна дар ташаккули низоми идора ва ҳифзи ҳувияти сиёсӣ, миллӣ ва иҷтимоӣ; таъмини мухторияти фарҳангию ахлоқӣ аз озодии беинтиҳои шахсӣ, ки дар заминаи кашишҳои нафсонию ғайриақлонӣ сар зада, бо ахлоқу маънавиёт ягон робита надорад; робитаи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии инсон бо давлат дар заминаи арзишҳои ахлоқию маънавӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун таҳкурсии ҷомеаи саодатовар; бовари комил ба неруи хирадмандӣ, созандагӣ ва эҷодгари инсонӣ, нақши инсон дар рушди ҷомеа; тарғиби назарияи давлати комил, инсони солеҳ ва ҷомеаи адлпарвар, ки дар он шаъну шарафи инсон, саодат ва ҳаёти арзандаи инсон таъмин карда мешавад.

3. Пас аз инқилобҳои буржуазии Аврупо, ҳамроҳ бо дигаргуниҳои иҷтимоӣ таҳаввулоти ҳуқуқӣ ва такмили низоми идораи давлатҳо рух дод. Ташаккули низоми идора ва таҳаввулоти ҳуқуқӣ қудрати сиёсию ҳарбӣ ва иқтисодии давлатҳои ғарбиро тақвият дода, мақом ва мартабаи онҳоро дар олам миёни дигар тамаддунҳо аз назари иқтисодию техникӣ ба маротиб баланду пешрафта гардонд. Ин ҳолат ба густариши ҳимояи манфиатҳои геополитикию мустамликадорӣ замина гузошта, ногузир тавсеаи

тамаддуни ғарбиро ба дигар минтақаҳои олам аз роҳҳои мухталиф масъалагузорӣ кард. Болоравии қудрати сиёсӣ, идеологӣ ва геополитикии давлатҳои ғарбӣ барои паҳн намудани назарияҳои ғарбӣ оид ба ҳуқуқи инсон, робитаи инсон ва давлат, аз он ҷумла назарияҳои ғарбгароёна шароит фароҳам овард. Густариши ғояи ғарбгароӣ ҳамчун ҷараёни нави сиёсӣ ва геополитикӣ танҳо паҳн намудани таҷрибаи сиёсӣ ва ҳуқуқии давлатҳои ғарбӣ дар минтақаҳои дигари ҷаҳон набуда, думболи он масоили дигари ташвишовару интиқоли иҷбории арзишҳо дар кишварҳои олам эҳсос гашт. Дар асарҳои илмӣ, ки солҳои 1990-ум, пас аз пош хӯрдани давлати Шуравӣ нашр шудаанд, таваҷҷуҳи асосӣ ба санадҳои ҳуқуқии Аврупо ва ИМА оид ба ҳуқуқи инсон дода мешавад. Сипас назарияи ғарбии либералӣ, ки шахсияти фарди озодро мутлақ мегардонад, паҳн мешавад. Солҳои 2000-ум кӯшиши паҳн намудани «арзишҳои» нави ғарбии ахлоқӣ-маънавӣ ва ҳуқуқӣ, ки анъанаҳои миллиро сарфи назар мекунанд, ба миён меояд.

4. Ҷаҳонишавӣ дар заминаи манфиатҳои миллии кишварҳои бузург ва ногузирии дифои истиқлоли сиёсӣ ва миллии кишварҳои рӯ ба рушд, ба раванди ғарбгароӣ тобишҳои нави илмӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дод. Таҷрибаи мусбати давлатдорӣ бо омилҳои ахлоқию эътиқодӣ ва маънавии ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун ҷанбаи мусбати ташаккули маърифат ва амалияи инсонӣ дар ҷодаи манфиатҳои минтақавии халқу миллатҳо ва абарқудратҳо бо усулу амалкардҳои манфии густариши ирода, хоҳиш ва эҳсоси оламгири моддию маънавии хилъати ғайриақлонидошта созиш карда, табиати рушди ҳуқуқ ва давлатҳоро ба майдони муноқишаи фарҳангҳо, интиқоли арзишҳо, ташкили инқилобҳои ранга, бедорсозии захмҳои таърихӣ кашида, кори таҷрибаи рушди давлатҳоро таҳти ливои ғарбгароии иҷборӣ ба самти ягонасозии тамаддун аз ҳисоби фарҳангҳои мухталиф ба чолишҳои навбатӣ гирифтор кард. Паҳн намудани фарҳанги ғарбии барои миллатҳои дигар бегона ҷузъи сиёсати давлатҳои ғарбӣ эълон гашт. Ин ҳолат вазъи муътадил ва одилонаи муносибати инсонро бо давлат чи дар сатҳи назария ва амалияи давлатҳои намунаи собиқадор ва чи дар таҷрибаи давлатҳои ҷавон ҷиддӣ осебпазир ва халалдор намуд.

5. Инкишофи назарияҳои гуногун оид ба робитаи давлат ва шахс аз шароити мушаххаси давлатҳои алоҳида, инкишофи ҷомеа, тамаддун, сатҳи шуури ҷамъиятӣ ва омилҳои дигари фарҳангӣ-маънавӣ вобастагӣ дорад. Дар доираи назарияҳои позитивистӣ, фитрӣ, фалсафӣ ва либертарӣ дигар хулосаҳои гуногун оид ба робитаи мутақобилаи давлат ва ҳуқуқи инсон ҳосил мешаванд. Реҷаи танзими мавзун ва одилонаи таносуби инсон ва давлат дар назарияи давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ масъалагузорӣ мешавад. Робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон шакли муносибати мутақобилаи баробар ва шарикона мебошад, ки миёни давлат ва инсон тавассути ҳуқуқҳо ва вазифаҳои тарафайн, дар асоси ҳукмронии ҳуқуқ ва қонуни ҳуқуқӣ дар доираи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба миён меояд. Айни замон назарияҳои гуногуни давлати ҳуқуқбунёд (позитивистӣ, либералӣ, консервативӣ ва ғайра) дар ҶТ бо дарназардошти шароити таърихӣ, фарҳанг, тамаддун ва анъанаҳои миллӣ роҳандозӣ мешаванд.

6. Ташаккулу инкишофи назарияи робитаи тарафайни давлат ва шахс (инсон, шаҳрванд) дар минтақаҳо ва мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон хусусиятҳои фарҳангиву тамаддуниро инъикос мекунад. Назарияи фарогири (универсалии) робитаи давлат ва шахс вуҷуд дошта наметавонад, чунки муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ байни давлат ва шахс, ҳокимият ва шаҳрвандон, мансабдорон ва аҳолӣ дар ҳар як кишвар хусусиятҳои алоҳидаи худро дорад. Дар ҶТ назарияи миллии робитаи давлат ва инсон бо дарназардошти шароити мушаххаси таърихии Тоҷикистон, сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсиву маънавӣ ва анъанаҳои миллӣ амалӣ мешавад. Он, аз як тараф, дар асоси ғояҳо, муқаррарот ва арзишҳои аз ҷониби умум эътирофшуда (шаъну шарафи инсон, дахлнопазирии шахсӣ, волоияти қонун, таҷзияи ҳокимият ва ғайра) роҳандозӣ мегардад, агар онҳо мухолифи фарҳанги миллӣ набошанд. Аз тарафи дигар, татбиқи модели миллӣ дар партави стратегияи рушди миллӣ, дар иртибот бо афзалияти анъанаҳои миллӣ сурат мегирад.

7. Категорияи илмии «робитаи давлат ва шахс» бо мақсади омӯзиши муносибатҳои воқеии байни ҳокимияти давлатӣ ва аҳолӣ истифода шуда, дар заминаи он мафҳумҳои «давлат ва инсон», «давлат ва озодии инсон», «давлат ва

ҳуқуқи инсон», «ҳокимият ва аҳолӣ» ва ғайра таҳқиқ карда мешаванд. Робитаи давлат ва ҳуқуқи инсон зарурати таҳқиқи масъалаҳои зеринро талаб мекунад: вазъи ҳуқуқии инсон; доираи ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои инсон; таносуби ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои инсон; таносуби вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд; кафолатҳои ҳуқуқи инсон; таъсири реҷаи сиёсӣ, шаклҳои демократии ҳаёти ҷомеа ба амалишавии ҳуқуқи инсон.

8. Назарияи робитаи давлат ва шахс дар шароити ҷаҳонишавӣ, афзоиши таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳонӣ бештар мазмуни миллӣ пайдо мекунад. Назарияи миллии робитаи давлат ва шахс ҷузъи таркибии назарияи соҳибихтиёрии давлат буда, бо дарназардошти афзалияти манфиатҳои миллӣ ва ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди ҶТ амалӣ мешавад ва барои тақвияти соҳибихтиёрии давлат мусоидат менамояд. Мазмуни назарияи мазкурро унсурҳои мафкуравӣ ва ҳуқуқии худшиносии миллӣ, масъулияти баланди шаҳрвандӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ дар ҳамоҳангӣ бо арзишҳои инсонӣ, ҳимояи соҳибихтиёрии давлатӣ, реҷаи арзишманди робитаи давлат ва аҳолӣ ташкил медиҳанд.

9. Дар давлати иҷтимоӣ робитаи давлат ва шахс дар самтҳои зерин зоҳир мешавад: а) ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба мадди аввал мебароянд; б) фаъолияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давлат вусъат меёбад; в) инкишофи озодонаи ҳар шахс ва таъмини шароити арзандаи зиндагӣ вазифаи аввалиндараҷаи давлат эълон мешавад. Дар таъмини шароити арзандаи зиндагӣ дар баробари ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ҳамчунин, ҳуқуқҳои фарҳангӣ нақши муҳим доранд. Фаъолияти давлат дар соҳаи ҳаёти фарҳангӣ бо мақсади рушди неруи инсонии ватанӣ тавассути тадбирҳои тарбиявӣ, таҳсилотӣ, маърифатӣ, иттилоотӣ, идеологӣ ва равонӣ ба роҳ монда мешавад. Дар натиҷа унсурҳои миллии давлати иҷтимоӣ (кадрҳои баландихтисоси ватанӣ, шуури баланди ҷамъиятӣ, худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ ва дигар) ташаккул меёбанд. Дар шароити инкишофи иқтисоди бозаргонии дорои тамоюли иҷтимоӣ дар Тоҷикистон соҳибкорӣ ва намудҳои дигари фаъолияти озоди иқтисодӣ бо мақсади беҳтар намудани сатҳи зиндагии

аҳолӣ дар паёмади сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, ба робитаи давлат ва шахс таъсири судманд мерасонанд.

10. Сабабҳои асосии қабули санадҳои ҳуқуқии гуногуни байналмилалӣ ва миллии ҳуқуқи инсон инҳо мебошанд: вусъати бархӯрди тамаддунҳо ва фарангҳои миллӣ; бекурбшавии ҳаёти инсон дар натиҷаи ҷангҳои ҷаҳонӣ; куштори аз ҳад зиёди одамон дар ҷангҳои ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва ватанӣ; осебпазир шудани мақому манзалати инсон дар заминаи манфиатҳои молӣ, ҳарбӣ ва эътиқодӣ; вусъати ҷаҳонишавӣ, афзоиши таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳонӣ (терроризми байналмилалӣ, савдои одамон, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ ва ғайра); ихтилофоти байни стандартҳои фарогири (универсалии) ҳуқуқи инсон ва гуногунии фарҳангию тамаддунӣ; ҳимояи соҳибихтиёрии миллӣ дар шароити сиёсигардии ҳуқуқи инсон, ба ҳадафҳои сиёсӣ ва геосиёсӣ тобеъ намудани ҳуқуқи инсон, истифодаи стандартҳои духӯраи ҳуқуқи инсон; ба ҳадафҳо ва манфиатҳои идеологӣ тобеъ намудани ҳуқуқи инсон дар фаъолияти субъектони фаъоли раванди ҷаҳонишавӣ, ки боиси коҳиш ёфтани мазмун ва моҳияти аслии ҳуқуқи инсон мегардад; кӯшишҳои тобеъ намудани назарияҳои анъанавии ҳуқуқи инсон ба ҳадафҳои назарияҳои неолибералӣ, ки манфиатҳои шахсии фардро аз манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шаҳрвандон боло мегузоранд; халалдор гардидан ва тағйири ҷиддии мафҳум, моҳият ва мазмуни ҳуқуқҳои аслии инсон, алалхусус, арзишҳои ахлоқӣ, маънавӣ, оилавӣ ва фарҳангии ҳуқуқи инсон.

11. Дар қитъаи Аврупо таърихан таҷриба дар самти ҳуқуқи инсон дар робита бо назарияҳои гуногуни позитивӣ, фитрӣ-ҳуқуқӣ, антропологӣ, либералӣ ва ғайра ташаккул ёфта, дар ду самт инкишоф меёбад: қабули санадҳои соҳаи ҳуқуқи инсон дар мамлакатҳои алоҳидаи аврупоӣ ва дар доираи Иттиҳоди Аврупо. Таҷрибаи аврупоии риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон чузъи таркибии таҷрибаи ҷаҳонӣ мебошад, зеро кишварҳои Аврупо аъзои фаъоли созмонҳо ва ташкилотҳои бонуфузи соҳаи ҳуқуқи инсон мебошанд. Айни замон бо саъю кӯшиши давлатҳои аврупоӣ дар робита бо сиёсати ҷаҳонишавӣ стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон муайян карда мешаванд. Давлатҳои аврупоӣ, ки таърихан дар ҳошияи сиёсати мустамликадорӣ ва

сипас сиёсати ҷаҳонишавӣ нуфузи худро дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон паҳн намудаанд, барои тарғиби стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон дар минтақаҳои дигари ҷаҳон кӯшиш мекунанд. Сиёсати мазкур кумаки молиявӣ, иқтисодӣ ва гуманитариро ба давлатҳои муайян, алалхусус, давлатҳои рӯ ба рушд дар бар мегирад. Бо ин мақсад дар давлатҳои Аврупо ниҳодҳои махсуси молиявию иқтисодӣ таъсис дода мешаванд. Ин ниҳодҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ вазъи ширкатҳои фаромиллиро пайдо мекунанд. Ин навъ дастгириҳои молӣ ва байналмилалӣ аз хориҷ таъсири худро ба ташаккули модели нави муносибати давлат бо инсон ва шаҳрвандони давлат дар таҷрибаи давлатҳои рӯ ба рушд рӯйи кор меорад.

12. Таърихан таҷрибаи назарӣ ва амалии соҳаи ҳуқуқи инсон дар қитъаи Аврупо ташаккул ёфта, дертар баробари рушди иҷтимоию иқтисодии ИМА васеъ мегардад. Ташаккул ва инкишофи иқтидори молиявӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳарбии ИМА боиси он мегардад, ки таҷрибаи байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон хусусиятҳои, аз як тараф, ғарбӣ, англосаксонӣ, аврупоӣ-амрикоӣ, атлантикӣ ва аз тарафи дигар, ҷаҳонӣ пайдо мекунад. Вале ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ дар Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинӣ, таъсиси давлатҳои соҳибихтиёр дар собиқ кишварҳои мустамлика, сиёсати мустақилонаи ин давлатҳо, бештар зоҳир гардидани хусусиятҳои давлатҳои исломӣ ва дигари ҷаҳон (Чин ва кишварҳои дигари Осиёи Ҷануби Шарқӣ), ҳамчунин, бархӯрди тамаддунҳо ба кӯшиши ИМА ва давлатҳои Аврупо дар самти ташаккул ва паҳн намудани таҷрибаи фарогири ҷаҳонии ҳуқуқи инсон таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Ба ин нигоҳ накарда, таҷрибаи амрикоӣ-аврупоии соҳаи ҳуқуқи инсон дар робита бо хусусиятҳои англосаксонӣ, атлантикӣ-шимолӣ, протестантӣ ва католикӣ такмил меёбад. Таҷрибаи мазкур айни ҳол ҷузъи сиёсати ИМА ва давлатҳои Аврупо мебошад. Нуфузи давлатҳои абарқудрати ИМА ва Аврупо имконият медиҳад, ки сиёсати мазкур дар саросари ҷаҳон бо истифода аз фишангҳо ва ниҳодҳои гуногуни молиявӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ, таҳсилотӣ, фарҳангӣ, ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ паҳн карда шавад.

13. Таҷрибаи соҳаи ҳуқуқи инсон шартан «аврупоӣ» мебошад, чунки дар асл таҷрибаи аврупоӣ аз ҳудуди давлатҳои Аврупо берун мебарояд. Дар таркиби

сохторҳои сиёсии давлатҳои Аврупо ниҳодҳои махсус бо мақсади назорат, санҷиш ва ҳатто санҷиши риояи ҳуқуқи инсон дар давлатҳои дигари ҷаҳон таъсис дода мешаванд. Дар ҳолатҳои халалдор гардидани ҳуқуқи инсон дар давлатҳои гуногун сохторҳои ҳукуматӣ, парлумонӣ, ғайриҳукуматии Аврупо вокуниш изҳор мекунанд, намояндагони худро бо истифода аз имкониятҳои ташкилотҳои аврупоӣ (Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Ваколатдори Шурои Аврупо, Суди аврупоии ҳуқуқи инсон ва дигар) мефиристанд ва ниҳодҳои махсуси босалоҳият таъсис медиҳанд.

14. Таҷрибаи эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар Амрикои Лотинӣ дар робита бо омилҳои зерин хусусиятҳои худро дорад: а) ба афзалияти унсурҳои фарҳангӣ, тамаддунӣ ва сиёсӣ такя дорад; б) дар заминаи дарки ба худ хоси ҳуқуқи инсон, ки бо табиати зиндагии муҳоҷирони аврупоӣ ва мардуми таҳҷоӣ робита пайдо мекунад, ташаккул меёбад; в) сиёсати мустамликадорӣ дар Амрикои Лотинӣ боиси болоравии ҳисси худшиносӣ ва нобоварӣ ба мустамликадорон гардидааст; г) махсусияти тамаддунию фарҳангииии халқҳои минтақаро ба инобат мегирад; д) дар робита бо сиёсати мустақилонаи давлатҳои Амрикои Лотинӣ дар самти ҳимояи соҳибихтиёрӣ, муқобилияти фаъоли халқҳои ин минтақа ба сиёсати давлатҳои абарқудрати ғарбӣ инкишоф меёбад; е) қабули санадҳои мустақили минтақавии соҳаи ҳуқуқи инсонро, ки хусусиятҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ доранд, дар мадди аввал мегузорад; ж) бо ду роҳ инкишоф меёбад – ташаккули таҷрибаи миллӣ дар ҳар як давлат ва таҷрибаи минтақавии соҳаи ҳуқуқи инсон дар заминаи қабули санадҳои минтақавӣ, таъсиси созмонҳо ва ташкилотҳои минтақавии соҳаи ҳуқуқи инсон ва робитаҳои устувори байни давлатҳои минтақа дар соҳаи ҳуқуқи инсон.

Дар механизми ҳимояи ҳуқуқи инсон дар Амрикои Лотинӣ нақши муҳимро Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мебозад. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар давлатҳои Амрикои Лотинӣ унсури марказии механизми ҳимояи ҳуқуқи инсон буда, дар муқоиса бо минтақаҳои дигар хусусиятҳои зерин дорад: а) мустақилияти бештар дар ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ; б) танзими вазъи ҳуқуқии Ваколатдор дар сатҳи Конститутсия ва қонунҳои махсус; в) доираи васеи ваколатҳо ва масъулияти Ваколадор; г) эътибори ҷиддии давлатҳои Амрикои Лотинӣ ба фаъолияти

Ваколатдор; д) нуфузи баланди Ваколадор дар механизми миллӣ ва минтақавии ҳимояи ҳуқуқи инсон.

15. Санадҳои ҳуқуқии минтақавии ҳуқуқи инсон дар Амрикои Лотинӣ пеш аз қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон таҳия ва қабул шудаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таҷрибаи соҳаи ҳуқуқи инсон дар Амрикои Лотинӣ мустақилона, бо дарназардошти ҳадаф ва манфиатҳои миллии давлатҳои ин минтақа ташаккул ёфта, то имрӯз мустақилияти худро тавассути роҳандозии сиёсати озодонаи ин давлатҳо нигоҳ медорад. Раванди ҷаҳонишавӣ, бархӯрди тамаддунҳо, ихтилофоти фарҳангӣ ба мустақилияти таҷрибаи соҳаи ҳуқуқи инсон дар Амрикои Лотинӣ замина мегузорад. Давлатҳои Амрикои Лотинӣ, гарчанде аз лиҳози ҷуғрофӣ бо ИМА наздиканд, таҷрибаи мустақили соҳаи ҳуқуқи инсонро, сарфи назар аз фишори сиёсӣ ва геосиёсии ИМА нигоҳ дошта, ҳимоя мекунанд. Ба раванди ҳифзи мустақилияти таҷрибаи мазкур ҳодисаҳои ҷойдоштаи дахолати ҳарбӣ, сиёсӣ ва молиявии ИМА ба давлатҳои Амрикои Лотинӣ (Никарагуа, Куба, Гватемала ва дигар ғ.) таъсир расонидаанд. Ба раванди мазкур омилҳои дигар, аз ҷумла сиёсати мустамликадорӣ, таъқиби ҳиндуёни амрикоӣ, афзоиши шумораи табақаҳои камбизоат ва бенавои аҳолӣ таъсир расонидаанд.

16. Таҷрибаи эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳамчун заминаи рушди муносибати одилонаи давлат бо шахс дар минтақаи Африқо бо дарназардошти омилҳои фарҳангиву тамаддунӣ ташаккул ёфта, хусусиятҳои зеринро дорад: а) дарку амалисозии ҳуқуқи инсон дар муқоиса бо минтақаҳои дигари ҷаҳон таърихан дертар оғоз шудааст, зеро ҳуқуқи инсон асрҳои тулонӣ ҳамчун ҷузъи меъёрҳои иҷтимоӣ (ахлоқ, дин, одату анъанаҳо, меъёрҳои қабилавӣ ва дигар) инкишоф ёфтааст; б) меъёрҳои анъанавӣ дар ҳаёти оилавӣ, қабилавӣ, ҷамъиятӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ-маънавӣ ба дарку амалисозии ҳуқуқи инсон таъсир мерасонанд; в) ҷузъи низоми ҳуқуқии анъанавӣ мебошад; г) сиёсати мустамликадории давлатҳои Ғарб дар Африқо ба таҷрибаи африқоии соҳаи ҳуқуқи инсон ба мисли минтақаҳои дигари ҷаҳон он қадар таъсири ҳалкунанда нарасонидааст, чунки анъанаҳои таърихӣ устувор буда, қонунгузории миллӣ (гарчанде бо таъсири

мустамликадорон қабул шудааст) ба масъалаҳои вазъи шахсӣ (никоҳ, оила, қабила ва дигар) дахолат намекунад; ғ) ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ, ки асосан бо таъсири давлати Шуравӣ ва ҳаракати ҷаҳонии сотсиалистӣ сурат гирифта буд, ба ташаккули таҷрибаи африқоӣ таъсири ҳалкунанда мерасонад; д) дар ҳамаи санадҳои африқоии ҳуқуқи инсон ҷойи асосӣ ва бунёдиро на ҳуқуқҳои фардӣ (фардии ғарбӣ), балки ҳуқуқҳои коллективӣ ишғол мекунанд.

17. Анъанаҳои халқҳои Африқо ба таснифи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқҳои халқҳои Африқо, аз ҷумла ба Хартияи африқоии ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи халқҳо таъсир расонидаанд. Ҳуқуқҳои коллективии халқҳои африқоӣ, ки дар таснифҳои илмӣ, бештар илмҳои ғарбӣ ҳамчун ҳуқуқҳои насли сеюм шарҳ дода мешаванд, дар санадҳои африқоӣ бо мақсади мутобиқ шудан ба таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳамчун ҳуқуқҳои шахсӣ тавсиф карда мешаванд. Ҳуқуқҳои шахсии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра (ба маънои ҳуқуқи инсон) бо дарназардошти шуури анъанавӣ ва тарзҳои ҳаёти коллективӣ дарк карда мешаванд. Шарҳи ғарбии ҳуқуқи инсон бо дарки африқоии ҳуқуқи инсон мухолифат дорад. Ҳуқуқҳои коллективии африқоӣ, ки таърихан бо дарназардошти анъанаҳои таърихӣ, асосан қабилавӣ ташаккул ёфтаанд, моҳияти худро дар байни халқҳои муқимӣ нигоҳ медоранд. Илова бар ин, ба дарки ҳуқуқи инсон дар минтақаи Африқо омода гардидани кадрҳои маҳаллӣ дар донишгоҳҳои Шуравӣ, паҳн гардидани идеологияи сотсиалистӣ ва коммунистӣ, таҷрибаи шуравии таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таъсир расонидааст.

18. Бархӯрди тамаддунӣ ва фарҳангӣ, ба инобат нагирифтани арзишҳои маънавӣ, ахлоқӣ, динии тамаддуни исломӣ зимни қабул ва татбиқи санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, мутобиқат накардани идеологияи либералии ғарбӣ ба назария ва амалияи давлатҳои исломӣ, ихтилофоти байни назарияҳои ғарбӣ ва исломии ҳуқуқи инсон, кӯшиши хориҷии паҳн намудани меъёрҳои зиндагии ғарбӣ дар раванди ҷаҳонишавии неолибералӣ, оқибатҳои манфии ҷаҳонишавии фарҳангӣ аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки зарурати қабули санадҳои давлатҳои исломиро оид ба ҳуқуқи инсон (Эъломияи исломии умумии ҳуқуқи инсон, Эъломияи Қоҳира оид ба ҳуқуқи инсон дар ислом, Хартияи Араб оид ба ҳуқуқи инсон) тақозо мекунанд.

Тарзи ифодаи ҳуқуқи инсон дар санадҳои исломӣ аз санадҳои байналмилалӣ фарқ дорад. Дар санадҳои исломӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ба таъмини ҳуқуқҳои шахсӣ, аз ҷумла ба дахлнопазирӣ, ҳифзи ном ва шаъну шараф дар давоми ҳаёт ва баъд аз марг дода мешавад. Ҳуқуқи баробарии зану мард (дар издивоҷ, дахлнопазирии шаъну шараф, дар мақоми шаҳрвандии мустақил, дар соҳаи мустақилияти молиявӣ) кафолат дода мешавад. Таваҷҷуҳи асосӣ ба ҳуқуқи кӯдак ба нигоҳубини дуруст, таҳсил, дастгирии моддӣ, ҷисмонӣ ва маънавӣ аз ҷониби волидон, ҷомеа ва давлат дода мешавад. Анъанаҳои тамаддуни исломӣ дар соҳаи тарбияи кӯдакон ба инобат гирифта мешаванд. Чунончи, ҳуқуқи модар ва зани ҳомиладор ба нигоҳубини махсус, ҳуқуқи волидайн дар соҳаи тарбияи кӯдак бо дарназардошти манфиатҳо ваояндаи фарзандон, арзишҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои исломӣ, инчунин ҳаққи волидайн ба дастгирӣ ва нигоҳубин аз ҷониби фарзандон, хешовандон ва наздикони худ кафолат дода мешаванд.

19. Ташаккули назарияҳои ғарбии ҳуқуқи инсон таърихан дар тамаддуни насронӣ сурат гирифтааст. Мафҳумҳои фарогири ҳуқуқи инсон дар доираи ҷамъияти дунявӣ инкишоф ёфта, ба талаботи модели нави сохти ҷамъиятӣ, ки баъд аз инқилобҳои буржуазӣ амалӣ мешавад, ҷавобгӯ буданд. Ба инкишофи ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон назарияҳои ғарбии протестантӣ, католикӣ, классикии либералӣ ва ҳоло бошад, назарияҳои неопротестантӣ ва неолибералӣ таъсир мерасонанд. Бо дарназардошти ҳолати мазкур як қатор муҳаққиқон мавҷудияти консепсияи неопротестантии ҳуқуқи инсонро, ки тавассути ҷаҳонишавии неолибералӣ паҳн мешавад, тасдиқ мекунанд. Инқилоби иттилоотӣ-технологӣ ва бунёди ҷомеаи ҷаҳонии иттилоотӣ ба ҷаҳонишавии неолибералӣ, аз он ҷумла дар самти паҳн гардидани назарияҳои ғарбии ҳуқуқи инсон мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, мухолифати назарияҳои ғарбӣ ва исломии ҳуқуқи инсон хусусияти тамаддунӣ дошта, бо назарияи «бархӯрди тамаддунҳо» шарҳ дода мешавад.

20. Зарурати таълими ҳуқуқи инсон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ дарку эҳсос мегардад. Бо мақсади таълими ҳуқуқи инсон санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ қабул шудаанд. Ҳамчунин заминаи методии таълими ҳуқуқи инсон тавассути таҳия ва татбиқи

барномаҳои гуногун, ки аз тарафи созмонҳои байналмилалӣ дастгирӣ меёбанд, омода карда мешавад. Дастурҳои методӣ, васоити таълимӣ, китобҳо ва нашрияҳои дигар бо мақсади таълими ҳуқуқи инсон бо иштироки созмонҳои байналмилалӣ омода карда мешаванд. Ин дастурҳо дар миқёси ҷаҳон паҳн карда шуда, барои ташаккули заминаҳои умумии методии таълими ҳуқуқи инсон мусоидат мекунанд.

21. Дар ҶТ назарияи миллии робитаи давлат ва шахс бо дарназардошти шароити мушаххаси таърихии Тоҷикистон, сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсиву фарҳангӣ ва анъанаҳои миллӣ амалӣ мешавад. Он, аз як тараф, дар асоси ғояҳо, муқаррарот ва арзишҳои аз ҷониби ҷомеаи инсонӣ эътирофшуда (шаъну шарафи инсон, дахлнопазирии шахсӣ, волоияти қонун, таҷзияи ҳокимият ва ғ.) роҳандозӣ мегардад, аз ҷониби дигар, тахти таъсири арзишҳои миллӣ, анъанаи миллӣ ва дастоварду музаффариятҳои ҳуқуқии ниёгон ташаккул меёбад. Назарияи мазкур дар партави стратегияи рушди миллӣ дар иртибот бо афзалияти манфиатҳои миллии ҶТ амалӣ мешавад.

Робитаи давлат ва шахс дар ҶТ дар заминаи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон инкишоф меёбад. Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон фаъолияти мақсаднок, муташаккил ва мунтазами давлат, мақомот ва муассисаҳои он, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла шаҳрвандон оид ба эътироф, ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар доираи таъсиси механизмҳои махсуси ҳуқуқтаъминкунӣ, ҳуқуқҳимоявӣ ва истифодаи воситаҳои танзими ҳуқуқӣ мебошад. Принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ғояҳои бунёдӣ, талабот ва арзишҳое мебошанд, ки хусусиятҳо ва мазмуни асосии сиёсати ҳуқуқии мазкурро ифода намуда, мувофиқи он фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои ҷамъиятию сиёсӣ барои ташаккул ва татбиқи ғояҳо, барномаҳо ва дигар тадбирҳои сиёсию ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба роҳ монда мешаванд. Масъулияти тарафайни давлат ва шахс яке аз принсипҳои аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Хулосаҳо ва нуктаҳои илмии диссертатсия метавонанд, дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи робитаи давлат ва

шахс, ҳуқуқи инсон, сиёсати ҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, назарияҳои ҳуқуқи инсон, унсурҳои маънавӣ-фарҳангии ҳуқуқи инсон, амалисозии назарияи муносиби ҳуқуқи инсон дар ҶТ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ истифода шаванд.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ барои таҳқиқоти назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс, роҳҳои татбиқи назарияҳои ҳуқуқи инсон, стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон бо дарназардошти гуногунии фарҳангӣ-тамаддунӣ такони ҷиддӣ мебахшанд. Усули илмии фарҳангӣ-тамаддунӣ, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ васеъ истифода шудааст, барои таҳқиқоти ҳуқуқ, сиёсати ҳуқуқӣ, ҳаёти ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи инсон чун ҷузъи фарҳанг ва тамаддун аҳаммияти илмӣ дорад. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба инкишофи робитаи давлат ва шахс дар манотиқи гуногуни ҷаҳон, ташаккулу инкишофи арзишҳои ҳуқуқи инсон, хусусиятҳои фарҳангӣ-тамаддунии ҳуқуқи инсон, таносуби унсурҳои умумиинсонӣ ва миллии ҳуқуқи инсон барои таҳқиқоти минбаъдаи назария ва амалияи робитаи давлат ва шахс аҳаммияти назариявӣ доранд.

Хулосаҳои муаллиф, ки оид ба қонуниятҳо ва равандҳои инкишофи таърихӣ ва амалияи муосири робитаи давлат ва шахс пешбарӣ шудаанд, метавонанд, дар ҷараёни таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқии падидаи робитаи давлат ва шахс бо дарназардошти ҳуқуқи инсон, дар паёмади сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, дар робита бо гуногунии навъҳои гуногуни фарҳанг ва тамаддун истифода шаванд.

Таклифҳои амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ барои такмили раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунгузорӣ, тафсир ва татбиқи ҳуқуқӣ дар соҳаи амалӣ намудани ҳуқуқи инсон ҳамчун заминаи робитаи давлат ва шахс аҳаммияти амалӣ доранд. Таклифҳои амалии таҳқиқот барои такмили минбаъдаи робитаи давлат ва шахс дар Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва минтақавӣ, гуногунии фарҳангу тамаддун ва ихтилофоти фарҳангӣ-тамаддунӣ дар ҷаҳони муосир аҳаммияти амалӣ доранд.

Хулосаҳо ва таклифҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар ҷараёни таҳқиқи таҷрибаи байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи таълими ҳуқуқи инсон пешниҳод

шудаанд, барои такмили раванди таълими ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва минтақавӣ, маводи таълимии хориҷӣ аҳаммияти амалӣ доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар раванди таълим, зимни омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқии назариявӣ-таърихӣ, таърих ва назарияи ҳуқуқи инсон, таълими ҳуқуқи инсон, ҳамчунин, фанҳои ҳуқуқии соҳавӣ, ки бо таҳлили амалӣ гардидани ҳуқуқи инсон робита доранд, истифода шавад. Хулосаҳои диссертатсия оид ба гуногунии фарҳанг ва тамаддун барои фанҳои ҷамъиятшиносӣ аҳаммияти маърифатӣ доранд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ, навиштани корҳои хатми тахассусӣ, дипломӣ ва магистрӣ метавонанд истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар муқоиса бо ақидаҳо ва мафҳумҳои маъмулии дар илм пазируфташуда, нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии муаллиф, усулҳои таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла усулҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва фарҳангию тамаддунӣ, натиҷаҳои ҷамъбаст ва таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс, сарчашмаҳои таърихӣ ва муосири ҳуқуқ исбот мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо навгонии илмии таҳқиқоти илмӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии муаллиф, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашриёҳои дигар нашр шудаанд, ҳамчунин маърузаҳои муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тасдиқ мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои кафедраи номбурда

муҳокима шудааст. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии зерин дар шакли маъруза пешниҳод шудаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи: «Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо» – маъруза дар мавзуи: «Маҳфум ва махсусияти муносибати ҳуқуқҳимоявӣ». – Душанбе, 2019;

– Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи: «Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо» – маъруза дар мавзуи: «Таъсири қонунгузории миллӣ ба ҳимояи ҳуқуқи инсон ва ба ҳолат ва дурнамои институти ҳимояи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2019;

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқи миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» – маъруза дар мавзуи: «Мафҳуми ҳимояи ҳуқуқи инсон». – Душанбе, 2019;

– Конференсияи IX байналмилалии илмӣ-амалии хониши Леденсовски. «Бизнес. Илм. Таълим. Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ» – маъруза дар мавзуи: «Сиёсати ҳуқуқӣ чун омили ҳуқуқии рушди ҷомеа». – Саратов, 2021;

– Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон дар мавзуи: «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз» маъруза дар мавзуи: «Мақоми ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар низоми ҳуқуқии Амрикои Лотинӣ». – Душанбе, 2022;

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 75-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия дар мавзуи: «Ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак дар раванди бархӯрди тамаддунҳо ва таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир» – маъруза дар мавзуи: «Ҳифзи ҳуқуқи инсон ва масъалаи муқовимат ба коррупсия дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо». – Душанбе, 2023;

– Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи: «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи: «Заминаҳои ташаккул ва инкишофи робитаи давлат ва шахс дар афкори мутафаккирони тоҷику форс». – Душанбе, 2023.

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 65-умин солгарди Эъломияи умумии ҳуқуқи башар – маъруза дар мавзуи «Кафолатҳои таъмини озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2014;

– Конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 30-юмин солгарди қабули Конвенсияи СММ оид ба зидди шиканҷа ва дигар муносибатҳои ғайриинсонӣ – маъруза дар мавзуи «Проблемаҳои амалишавии ҳуқуқҳои инсон дар шароити давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон». – Душанбе, 2015;

– Конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба таҷлили рӯзи ҳуқуқи инсон – маъруза дар мавзуи «Назарияҳои пешрафта оид ба муносибати мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқҳои инсон». – Душанбе, 2020;

– Конференсияи илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон – маъруза дар мавзуи «Сиёсати ҳуқуқи ҳамчун омили ҳуқуқии рушди ҷомеа». – Душанбе, 2021.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба муҳтавои диссертатсия 2 монография, 2 китоби дарсӣ, 6 воситаи таълимӣ, 37 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 19 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, 18 мақола дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, чор боб, ҳабдаҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 520 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ НАЗАРИЯҲОИ РОБИТАИ ДАВЛАТ ВА ШАХС ДАР ҶАРАЁНИ ТАҲАВВУЛОТИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

## 1.1. Ташаккул ва инкишофи заминаҳои мафкуравӣ ва фарҳангии робитаи давлат ва шахс дар афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷику форс

Шаклҳо ва роҳҳои робитаи байни давлату шахс дар асарҳои мутафаккирони тоҷику форс мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Аз ҷумла, мутафаккирон дар осори хеш риояи муқаррароти меъёри динӣ ва дунявӣ, тафовути сатҳи иҷрои санадҳои меъёриро дар фаъолияти мансабдорон ва одамон, иҷрои меъёрҳои уҳдадоркунанда ва манъкунанда, нақши ҳалкунандаи анъанаҳои идоракуниро зимни иҷрои нишондоди ҳуқуқӣ таҳлил намудаанд. Дар афкори ҳуқуқии тоҷику форс дар ҳамаи давраҳои инкишофи таърихӣ ақидаи такомули ахлоқиву зеҳнӣ ҳамчун заминаи иҷрои муқаррароти ҳуқуқӣ пазируфта мешавад. Ақлу хирад кафили асосии амалишавии самарабахши ҳуқуқи амалкунанда эълон мешавад.

Халқи тоҷику форс дар саргаҳи тавлиди андешаи созанда оид ба ҳуқуқи инсон қарор доранд. Таҳлили осори назму насри ниёгонамон шаҳодат медиҳанд, ки инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш, робитаи мутақобилаи давлат ва шахс, адолат, инсондӯстӣ барои мутафаккирони мо арзиши бунёдӣ дошт. Онҳо бо ҳар роҳу восита барои пазироии арзиши баланди фарҳангии инсон ва ҳуқуқҳояш талош кардаанд. Аз ҷумла, мутафаккирон пайваста аз роҳбарияти сиёсии даврони хеш талаб мекарданд, ки адолатро дар байни ҷомеа побарҷо нигоҳ доранд.

Осори мутафаккирони бузурги тоҷику форс чи аз нигоҳи адабиётшиносӣ ва чи аз нигоҳи алоқамандӣ бо илми ҳуқуқ лоиқи омӯзиш ва таҳқиқ аст. Осори бузургонамон шакли ифодаи арзишҳои ҳуқуқӣ (адолат, озодӣ, баробарӣ ва ғ.) маҳсуб мешавад. Албатта, ҳуқуқ ба маънои имрӯзааш дар он давраҳо вуҷуд надошт, лекин дар ҳама давру замонҳо ҳуқуқ ва адолат дар шаклҳои гуногун ба назар мерасанд. Ин нишондодҳо дар ҳар давру замон вобаста ба шакли

давлатдорӣ ва хусусиятҳои сохти ҷамъиятӣ ба таври мухталиф таҷассум меёфтанд.

Масъалаи робитаи шахс бо давлат, эътироф ва ҳимояи ҳуқуқи инсон дар афкори мутафаккирони тоҷику форс дар пайи эҷоди арзишҳои нави ҳуқуқӣ таъиноти Қуръон, ҳадис ва дигар сарчашмаҳои шаръиро мадди назар гирифта, воситаҳои миллии эҷод, таҳия ва танзими унсурҳои ҳуқуқи инсонро кор карда баромаданд. Барои равшан намудани гуфтаҳои хеш пиромуни осори баъзе аз мутафаккирони тоҷику форс, ки ба эътирофу ҳимояи ҳуқуқи инсон бахшида шудааст, андешаи худро иброз менамоем:

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (858-941), асосгузори адабиёти классикии тоҷику форс роҷеъ ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон панду андарзҳои зиёд гуфта, барои кафолати ҳуқуқу озодиҳои мардуми азияткашидаи давраи худ талошҳо кардааст. Дар ҷаҳони имрӯз Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакиро ҳамчун шахсияти некбину дурандеш мешиносанд, ки дар тамоми умри хеш барои барқарории адолати иҷтимоии қишрҳои гуногуни ҷомеа талош кардаву робитаи мустаҳками байни давлату шахсро асоси пойдории адолати иҷтимоӣ арзёбӣ намудааст. Барои ин хислати озодманишӣ ва ҳақпарастии худ борҳо аз ҷониби нотавонбинону кӯрназарони дарбор азияту озорҳо кашидааст ва онро дар ашъораш ба таври равшан нишон додааст. Ӯ одамонро новобаста аз вазъи иҷтимоию камбудии ҷисмонӣ дар як сатҳ эътироф карда, риштаи мардӣ ва ҷавонмардиро ба шахсоне мансуб додааст, ки дасти маъюбону ятимонро гирифта, онҳоро чун инсони комил эътироф мекунад:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ[46].

Ашъор ва амалкардҳои Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бештар ба ҷанбаҳои ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон бахшида шуда, дар он омилҳои фитрӣ ва иҷтимоии ҳифзи

[46] Ниг.: Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Қасидаи «Шикоят аз пирӣ». – Душанбе, 2010. – С. 83.

ҳуқуқҳои барҷомондагон ва пиронсолон, бахусус таъкид шудааст. Дар Қасидаи «Шикоят аз пирӣ» шоир бештар аз рӯзгори пирӣ ҳамчун даврони нотавонии инсон изҳори мулоҳиза намуда, зарурати нигоҳубин ва ҳифзи ҳуқуқи инсонро дар ин даврон баён намудааст. Осори ин марди хирад барои имрӯз низ як роҳнамо ва намунаи ибрат барои инсоният аст, ки мунсифона баҳогузории он воқеияти имрӯзаи ҳуқуқи инсонро нишон медиҳад, зеро баробарии иҷтимоӣ кафолати ҳуқуқу озодиҳоро тақозо дорад.

Яке аз офаридаҳои бисёр мондагор ва тарғибгари ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таҳкимбахши робитаи шахс ва давлат ин назми «Калила ва Димна»-и устод Рӯдакӣ маҳсуб меёбад. Дар асри X бо амри вазири донишманди Сомониён Абулфазли Балъамӣ «Калила ва Димна» бо забони форсӣ тарҷума шуд ва аз рӯи ҳамин асари насрӣ устод Рӯдакӣ онро ба назм даровард. Шуҳрати ин ганҷнома дар асрҳои миёна то ҳадде машҳур гардида буд, ки тарҷумаи онро мо ба забонҳои мухталифи дигар низ мушоҳида менамоем. Ин асар ҳанӯз дар асри VIII ба забони арабӣ, дар асри XI ба забони юнонӣ, дар асри XII ба забони русӣ, дар асри XIII ба забони яҳудӣ, баъдан ба лотинию дигар забонҳои аврупоӣ тарҷума шудааст.

«Калила ва Димна» дар адабиёти мардумони олам усулҳои мухталифи кашфи ҳикмат, адолат, инсоф, баробарӣ, бародарӣ ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсониро мемонад, ки равшанфикрони олам бо тарзи ба худ хос дар ин асари бостонӣ ҳикмат ва маърифати мутобиқи замони худро ҷустуҷӯ намуда, дар шароитҳои мусоид вобаста ба манфиатҳои худӣ мутобиқ ба имкони эҷод ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба он зарур шумоtoday идаанд. Ин ҳама бо либоси нав ба хонандаи замони худ ҳикматҳои ин ганҷномаи таърихиро ироа кардан буд. Албатта, қаламбадастони ҳар давру замон вобаста ба бинишу чолишҳои замони худ дар ҳадди андешаҳои ахлоқӣ, адабӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии хеш асарро ба риштаи таҳрир кашида, чизе аз қадиму чизе аз худ ба он ҷой додаанд. Вале, дар маҷмуъ ин асари безавол руҳи фарҳангӣ ва таърихии худро бо зиёд аз дидгоҳҳо ва усулҳои кашфи адлу инсоф ва бародарию баробариро ҳамчун ченакҳои инсонӣ дар худ

ҳифз карда, давра ба давра ба табиати ахлоқии инсонҳо, ба ҳаёти иҷтимоӣ, ба тафаккури рӯшанфикрон ва адлпарастони роҳи ҳақ илҳом бахшидааст[47].

Андешаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии Абунасри Форобӣ (870-950), гарчанде падари фалсафаи сиёсии араб ба шумор равад ҳам, вале дар ташаккул ва тақвияти ақидаҳои ҳуқуқии мардуми форс хеле назаррас аст. Ақидаҳои ҳуқуқии ӯ дар асарҳояш «Шаҳри накӯкорон», «Моҳияти қонунҳои Афлотун» ва «Сухан оид ба таснифи илмҳо» гирд оварда шудаанд. Бахусус, дар асари «Шаҳри накӯкорон» ӯ ба ташкили ҷомеаи адлпарвар кӯшиш намуда, роҳҳои нигоҳ доштани идоракунии адолатнок ва таъмини некӯаҳволии мардумро муайян намудааст. Ба ақидаи ӯ санъати идоракунии ҳоким бояд ба таъмини шароити мусоид ба саодати одамон мувофиқат кунад. Дар пояи фаҳмиши хушбахтон ва бадбахтон ӯ тафовути давлатҳои нек ва бадро муайян мекунад. Танҳо дар давлатҳои обод инсон худро ба пуррагӣ озод ва хушбахт ҳисобида метавонад, зеро амалӣ гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон новобаста аз шакли давлатдорӣ аз сифатҳои шахсии идоракунанда вобаста аст, роҳбар ҳуқуқҳои худро мувофиқ ба фаҳмиши худ арҷгузорӣ менамояд.

Абунасри Форобӣ андеша дорад, ки ҳар як шаҳрванди шаҳри ормонӣ дар ҳолати озодии дохилӣ ва баробарии зоҳирӣ қарор дорад. Бо дарназардошти ин, ба тариқи сатҳӣ ҳам бошад, Абунасри Форобӣ заминаҳои назарияи ҷомеаи шаҳрвандиро ҳанӯз дар он даврон кор карда мебарояд. Асоси онро баробарии одамон, озодӣ, қонеъ гардидани талоботу кӯшиши одамон ба ҳаёти хушбахтона ташкил медиҳад. А.Ғ Холиқзода қайд менамояд, ки осори Абунасри Форобӣ мисли дигар мутафаккирони Шарқ дар омехтагӣ бо ҷаҳонбинии динӣ эҳсос мешавад, ки роҳи дастрасӣ ба онро дар табиати адолатпарастии Офаридгор ва додгоҳи қиёмат эҳсос менамоем. Ин ҳолат, агар аз як ҷониб такмили ҷаҳонбинии динии мардуми Шарқ ва афзалияти дидгоҳи ирфонии эшон шуда бошад, дар кори тантанаи адли инсонӣ аз ҷониби дигар воситаи бениҳоят муассири зиёд аз беморихои иҷтимоӣ низ гаштааст[48].

---

[47] Ниг.: Холиқзода А.Ғ. Шосаидзода Ш.Ш. Ҳуқуқ дар таърихи халқи тоҷик: монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – С. 113-164.
[48] Ниг.: Холиқзода А.Ғ. Мафкураи миллӣ ва ҳуқуқ. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 558 с.

Абулқосим Фирдавсӣ дар баробари зинда намудани тамаддуни мардуми тоҷику форс ғояҳои олии инсондӯстии шоҳигариҳои Пешдодию Каёнии Аҷамро бо низоми устувори давлату давлатдорӣ дар «Шоҳнома»-и безаволаш манзури ояндагон гардонидааст. Ӯ аз доди адлу инсоф, баробарию бародарӣ, озодию мустақилияти халқу миллатҳо дар либоси назм ақидаҳои судманду ибратбахше гуфтааст. Аз ҷумла, одилии шоҳ Нӯшервонро дар озод намудани мардум аз пардохти вазнини андозҳо таъкид намуда, аз забони шоҳи одил баробарии мардумро новобаста аз мансабу вазифа ва шоҳу гадо дар назди Офаридгор чунин таъкид мекунад:

Хирадманду бинодил онро шинос,
Ки дорад зи додори гетӣ сипос…
Маро дод фармуду худ довар аст,
Зи ҳар бартарӣ ҷовидон бартар аст.
Ба яздон расӣ, шоҳу кеҳтар якест,
Касеро ҷуз аз бандагӣ кор нест[49].

Абулқосим Фирдавсӣ кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсоро тавассути расонидани ҳақ ба ҳақдор ва татбиқи адолати баробаркунанда аз ҷониби мақомдорон арзёбӣ намуда, пойдории сиёсати адлпарастонаро дар робитаи мутақобилаи давлат ва шахс медид. Дар андешаи Абулқосим Фирдавсӣ унсури муҳимми ифодакунандаи ҳуқуқи инсон ибораҳои «дод», «ростӣ», (ки мутаносиби ҳақиқату адолат) ва «меҳр» (адлу инсоф) баромад мекунад, ки ҳоло низ назарияи навини ҳуқуқи фитрӣ онҳоро маҳаки шинохти ҳуқуқи инсон қарор додааст:

Нафармуд моро ба ҷуз ростӣ,
Ки дев оварад кажживу костӣ…
Набояд, ки чуз доду меҳр оварем,
Дигар чин ба коре ба чеҳр оваре...[50].

---

[49] Ниг.: Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ. 8. – Душанбе, 2009. – С. 79.
[50] Ҳамон ҷо. – С. 79-80.

Аҷаб он аст, ки Абулқосим Фирдавсӣ то он дараҷа ҳуқуқи инсонро мадди назар гирифтааст, ки ӯ дар пайравии таҷрибаи идоракунии шоҳони одили сосонӣ, дар ҳолати наборидани борони баҳор аз заминҳои лалмӣ гирифтани андозро манъ кардааст:

Махоҳед бож андар он буму руст,

Гар абри баҳораш ба борон нашуст[51].

Ба андешаи Абулқосим Фирдавсӣ баробарии инсонҳо аз баробарии онҳо дар назди Офаридгор маншаъ мегирад ва ӯ пайваста таъкид менамояд, ки инсонро Офаридгор баробар офаридааст. Бинобар ин, ҳеҷ кас ва ҳеҷ мақом ҳақ надорад нисбат ба инсонҳо вобаста аз баромади иҷтимоӣ тафриқа гузорад. Ба ақидаи ӯ ҳама мулку давлатҳо, бойю гадо ва шоҳу дарвеш тобеи қудрати Офаридгор буда, назди ӯ масъуланд. Ҳамзамон, Абулқосим Фирдавсӣ иброз менамояд, ки Офаридгор инсонҳоро баробар офаридааст ва риоякунандаи ин муқаррарот дар назди ӯ мартабае дорад. Бо дарназардошти ин подшоҳонро ба сӯи некӣ, таъмини адолат, меҳрпарварӣ ва додгарӣ даъват мекунад:

Худованди ҳастиву ҳам ростӣ,

Нахоҳад зи ту кажживу костӣ…

Ки ӯяст бар подшо подшо,

Ҷаҳондору пирӯзу фармонраво.

Фурӯзандаи тоҷу хуршеду моҳ,

Намоянда моро сӯи дод роҳ…[52].

Ҳамин тавр, Абулқосим Фирдавсӣ дар васфи баробарӣ, меҳрпарварӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкии инсон ақидаҳои судманде гуфтааст, ки ҷавобгӯ ба шароити имрӯзаи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошанд.

Абулқосим Фирдавсӣ дар тамоми ашъори хеш ҷустуҷӯи манобеи адли умум буд. Пайваста талош мекард, ки бо ёдоварии таърихи шоҳони Сосонӣ адл ва

---

[51] Ҳамон ҷо. – С. 81.

[52] Ниг.: Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ. 8. – Душанбе, 2009. – С. 70, 74.

додгустариро нишон диҳад. Ӯ итминон дошт, шахси эътиқодманд барои барқарории адли умум талош мекунад ва ин нуктаро чунин баён кардааст:

Чунон дину давлат ба ҳам андаранд,

Ту гӯйи, ки ду нур зи як гавҳаранд.

Абулқосим Фирдавсӣ дар заминаи ҷаҳонбинии созандаи адлпарастӣ ва оини некпиндорӣ муқобили бадӣ мубориза бурда, тавассути тарғиби ғояи адлу инсоф, ки ба низоми устувори идора ва ҳуқуқи фарогири берун аз қавмият амалкунанда ҳамчун мутафаккири озодандеш ном баровардааст[53].

Абуалӣ ибни Сино (950-1037) роҷеъ ба адолати иҷтимоӣ изҳори назар намуда, аввалин шуда зарурати фардикунонии шахсони мансабдори давлатиро таъкид кардааст. Ӯ изҳор менамояд, ки агар як шахс тамоми идораи сохтори сиёсиро ба дӯш дорад, тақсимоти нобаробари адл дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа ба вуҷуд меояд. Дар чунин сурат ҳуқуқи инсон поймол мегардад, чунки шаҳр барои қонеи талаботи худ неруи муайянро доимо талаб менамояд. Гузашта аз он, дар чунин сурат як шахс бар манфиати худ суиистифода аз мансаб намуда, ҳуқуқҳои авомро поймол хоҳад намуд. Ибни Сино аз илми тиб васеъ истифода намуда, далели худро аз тарзи идораи организми инсон мегирад. Тибқи ақидаи ӯ барои идораи даст, панҷа ва ё дигар узви бадан Офаридгори инсон нейрони муайянро дар сари мо вобаста кардааст[54]. Нашудааст, ки як нейрони мағзи сар ду узвро идора кунад, бинобар ин зарурати фардикунонии шахсони мансабдор аз табиати биологӣ ва иҷтимоии инсон берун меояд. Аммо дар масъалаи қонунгузорӣ бошад, Абуалӣ ибни Сино ҷонибдори он аст, ки як мақоми қонунбарор метавонад, ҳам барои танзими низоми шаҳр ва ҳам барои танзими низоми деҳа қонун қабул намояд.

Дар осори Ибни Сино масъалаи робитаи байни давлату оила мавқеи махсус дорад, ба андешаи ӯ тарбияи фарзандон, муносибати байниҳамдигарии фарзандон ва волидайн робитаи байни давлату шахсро мустаҳкам менамояд. Волидайн дар тарбияи фарзандон масъулиятнок мебошанд, фарзандон дар навбати худ вазифаҳои муайянро

---

[53] Ниг.: Холиқзода А.Ғ. Шосаидзода Ш.Ш. Ҳуқуқ дар таърихи халқи тоҷик: монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – С. 113-164

[54] Ниг.: Њамон љо.

дар бобати таъмини волидайн ба ухда доранд. Ин андешаҳои хирадмандонаи ӯ имрӯз низ ба нафъи ҷомеа буда, барои пойдории сулҳу субот зарур мебошад.

Албатта, аз осори ин шахсияти таърихӣ равшан мегардад, ки Сино хизмати шоиста ва ибратомӯз барои илм, тамаддун, ҳикмати одамшиносӣ ва оламшиносӣ ва эътирофи адлу инсоф кардааст. Дар шинохти мақом ва мартабаи Абуалӣ ибни Сино ҳақ ба ҷониби Пешвои миллат аст: «Воқеан, нақши барҷастае, ки Ибни Сино дар таърихи фарҳанги миллат ва инсоният гузоштааст, номи ӯро барои аҳли ҷаҳон азиз ва ҷовидонӣ гардонидааст. Ба шарофати осори абадзиндаи хеш Ибни Сино имрӯз низ ҳамзамон ва ҳамқадами ҷомеаи инсонӣ мебошад. Зеро ҳикмате, ки инсонро ба роҳи рост ва худшиносии воқеӣ ҳидоят мекунад, бо гузашти замон моҳият ва арзиши бештар пайдо мекунад»[55]. Ибни Сино робитаи мустаҳкаму хирадмандони шахсро бо давлат асоси пойдории давлатдорӣ эътироф менамояд.

Абуалӣ Ҳасан ибни Алии Тӯсӣ (1017-1092) машҳур ба Низомулмулки Тӯсӣ шахсест, ки дар ҳаёти сиёсӣ, адабӣ ва мадании халқҳои Шарқ мавқеи назарраси илмӣ ва амалиро дорост. Ӯ дар байни мутафаккирони форсу тоҷик ва ҷаҳонӣ яке аз аввалин шахсиятҳои сиёсист, ки дар сари қудрати вазирӣ нишаста, бо супориши сарвари замони хеш китобе роҷеъ ба идораи давлат бо номи «Сиёсатнома» навиштааст. Низомулмулк дар «Сиёсатнома» ба давлату давлатдорӣ диққати махсус дода, назарияи идоракунии шарқиро, ки аз таҷрибаи пешқадами шоҳони пешин ва замони исломӣ сарчашма мегирифт, барои давлатҳои қурунивустоӣ ҳамчун намунаи моделӣ тарҳрезӣ намудааст[56].

Низомулмулки Тӯсӣ ҳамчун сисёсатмадори одилу дурандеш дар давлатдории Салҷуқиён ба мартаби баланди сиёсӣ соҳиб мегардад. Низомулмулк тайи солҳои 1062 ва 1092 мансаби вазириро дар дарбори султонҳои салҷуқӣ Алп-Арслон (1062-1072) ва Султон Маликшоҳ (1072-1092) иҷро кардааст. Хизмати ӯ дар давлатдории мардуми саҳронишини туркии қабилаҳои оғузӣ то он дараҷа бузург аст, ки бидуни эътирофи

---

[55] Ниг.: Раҳмон Э. Суханронӣ дар Конфронси илмии байналмилалии «Ибни Сино ва тамаддуни ҷаҳонӣ» ба муносибати 1025-умин солгарди Абуалӣ ибни Сино. – Душанбе, 6 сентябри соли 2005. Ниг.: Раҳмонов Эмомалӣ. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди шашум. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С. 240.

[56] Ниг.: Холиқзода А.Ғ. Шосаидзода Ш.Ш. Ҳуқуқ дар таърихи халқи тоҷик: монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – С. 358-369.

накши ӯ низоми устувори импературии Салҷуқиро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Хизмати бузургу беназири Низомулмулк дар таҷрибаи идорӣ дар он буд, ки ӯ девонсолории Сомониёнро ҳамчун низоми хоссаи идорӣ ба халқиятҳои саҳронишин омӯхта, унсурҳои ҷудогонаи онро то ҳудуди Византия расонида, ба омезиши таҷрибаи пешқадами шарқию ғарбӣ дар минтақаҳои муайян замина гузоштааст. Умуман дастовардҳои бузурги сиёсии Салҷуқиён бо номи ин абармарди майдони илму сиёсат сахт вобастагӣ дорад. Маҳз ҳамин сиёсатмадори оқилу дурандеш то андозае зулму бедодгариҳои ин қавми саҳронишинро аз рӯзномаи давлатории онҳо бардошта буд.

Адлу инсоф, ҳимояи ҳуқуқи раият, маҳдуд намудани ҳуқуқи ҳокимон бо мақсади дифои ҳаққи мардум, назорати қатъии соҳибони мансаб, тақсими шохаҳои қудрат ва дигар масъалаҳои идора ва ҳокимияти давлатӣ аз масъалаҳои марказии китоби «Сиёсатнома»-и ӯст, ки омӯзиш ва тарғиби он имрӯз ҳам аз бисёр ҷиҳат барои ташаккули ҳокимияти давлатӣ ва назарияи идорӣ аз аҳаммият холӣ нест.

Дар осори худ Тӯсӣ масъалаи адолати иҷтимоиро мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор дода, таъмини адолати иҷтимоиро ба сиёсати давр вобаста медонад. Адолати иҷтимоии ӯ на танҳо доираи ахлоқу одобро фарогир аст, инчунин масъалаҳои сиёсат ва ҳуқуқро низ дар худ ифода мекунад. Тӯсӣ се шарти асосии адолати иҷтимоиро муайян мекунад:

– фароҳам овардани тавофуқ ва баробарӣ байни табақаҳои гуногуни халқ;

– густариши адолат дар ҳама муносибатҳои байни инсонҳо. Аз ҷумла, ҳангоми таъини ҳар як нафар ба мансаб бояд маҳорат ва қобилияти ӯ ба инобат гирифта шавад;

– адолат дар ҳифзи сарвати умумӣ ва аз он расонидани саҳми қонунӣ ба ҳар кас. Ҳангоми тақсими саҳми қонунӣ бояд ҳуқуқ ва хизматҳои ҳар фард ба инобат гирифта шавад[57].

Низомулмулк диққати бештарро ба масъалаи шахсият ва таносуби мубодила, тақсими неъматҳои моддӣ дар ҷомеа равона намуда, адолати иҷтимоиро танҳо аз нигоҳи моддӣ баҳогузорӣ намекунад, балки андеша дорад, ки сиёсат ва ҳуқуқ барои таъмини адолати иҷтимоӣ замина фароҳам меоваранд. Ба андешаи ӯ на танҳо сарват

[57] Ниг.: Хоҷа Низомулмулки Тусӣ. Ахлоқи Носирӣ. (ба хатти форсӣ). – Теҳрон, 1967. – С. 10.

ва арзишҳои дигар, балки душворӣ, масъулият, таваккал, уҳдадорӣ ва маҳрумият низ бояд миёни мардум аз рӯйи адолат тақсим карда шавад[58].

Муҳаммади Ғазолӣ (1058 – вафот 18 декабри соли 1111) яке аз бузургтарин алломаҳои тоҷику форс аст, ки дар илми ҳуқуқ, давлатдорӣ, фалсафа ва диншиносӣ асарҳои зиёде таълиф намуда, барои пешбурди тамаддуни асрҳои миёнаи Шарқ хизмати арзандае кардааст. Аз Муҳаммади Ғазолӣ асарҳои зиёд то ба замони мо омада расидаанд. Дар байни онҳо «Эҳё улум ад-дин», «Кимиёи саодат», «Насиҳат-ул-мулук», «Тарозуи аъмол» ва дигарон маъруфу машҳуранд. Ақидаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии Муҳаммади Ғазолӣ дар аксари асарҳои ӯ ба назар мерасанд, вале дар байни онҳо «Насиҳат-ул-мулук» сирф ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ бахшида шудааст. Ҳамчунин, роҷеъ ба ғояҳои ҳуқуқии Муҳаммади Ғазолӣ дар асари бунёдии ӯ «Эҳё улум ад-дин» низ маълумоти фаровон ҳосил кардан мумкин аст. Дар ин асар таълимоти қуръонӣ роҷеъ ба ашраф-ул-махлуқот ва халифаи Худованд дар Замин будани инсон аз мавқеи ратсионализми каломӣ ва гносеологияи ирфонӣ инъикос ва шарҳи муфассал ёфтааст.

Ф.М. Шоев доир ба бузургии афкори Муҳаммади Ғазолӣ иброз медорад, ки асарҳои илмии ӯ то имрӯз на танҳо дар доираи ислом, балки берун аз он низ мубрамияти худро нигоҳ доштаанд. Сабаб он аст, ки дар онҳо проблемаҳои ҳуқуқие баррасӣ ва ҳал гардидаанд, ки дар ташаккули давлатдорӣ ва мустаҳкамкунии асосҳои он аҳаммияти ниҳоят муҳим доранд[59]. Андешаҳои Муҳаммади Ғазолӣ дар бораи ҳуқуқ ва адолат, ҳимояи манфиатҳои гуногуни табақаҳои аҳолӣ, зарурати ба ҳамаи субъектҳои ҳуқуқ додани имкониятҳои баробар, бомаърифатии арбобони давлатӣ, бартарии адолат ва хирадмандӣ дар байни дигар арзишҳои ахлоқӣ, робитаи шахсу давлат то кунун арзиши худро аз даст надодаанд ва дар рушди давлатдориҳои миллӣ хизмат карда истодаанд.

---

[58] Ниг.: Диноршоев А.М. Саъдизода Ҷ. Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон. – Душанбе, ЭР-граф, 2016. – 140 с.

[59] Ниг.: Шоев Ф.М. Государственно-правовые взгляды Мухаммада Газали: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 218 с.

Муҳаммади Ғазолӣ ҳимояи ҳуқуқи инсонро бо роҳи тарбия намудани мақомоти роҳбарикунанда талқин мекунад. Аз ин назар ӯ ба фалсафаи сиёсии юнониён, подшоҳони аҷам, паёмбарони қавми яҳуд ва асосгузорону донишмандони исломӣ такя намуда кӯшиши дар доираи адл, инсоф, авф, баробарӣ, хайрхоҳӣ маҳдуд намудани ҳокимиятро менамояд. Ӯ ба ҳокимон ва маликҳо муроҷиат намуда, чунин андарзҳои сиёсӣ мегӯяд: «Эй фарзанди одам, адл кун, ҳамчунон ки бо ту адл кунанд»[60]. Дар ин ҷо Муҳаммади Ғазолӣ робитаи давлату шахсро нишон дода истодааст. Аз назари ӯ ҳар амал подош дорад, подоши бадӣ бадию подоши некӣ некист. Ҳамчунин, изҳор медорад, ки «ҳамдостон мабош бо зулм, ки вилоят вайрон шаваду раият дарвеш гардад, ки ту он ҷой подшоҳи дарвешон бошиву солори вайронӣ ва дар он ҷой бадном шавӣ. Ин гуфтаҳо шаҳодати он аст, ки Муҳаммади Ғазолӣ робитаи байни шахсу давлатро дар таъмини адолат мебинад. Дар ҷойи дигар ба ин мазмун мефармояд, ки «... ҳар чи миёни туву халқ аст, он кунӣ, ки агар ту раият бошӣ ва дигаре султон, раво дорӣ, ки бо ту кунад»[61].

Барқарории адл дар робитаи мустаҳками байни шахсу давлат таъмин мегардад. Муҳаммади Ғазолӣ ишора менамояд, ки «ва бидон, ки он чи миёни ту ва Ҳақ Таъоло аст, афв бад-он наздиктар аст. Аммо он чи ба мазолими халқ таллуқ дорад, дар қиёмат фурӯ нагузоранд ва хатаре азим аст»[62].

Саъдии Шерозӣ (1184-1292) яке аз мутафаккироне мебошад, ки дар тамоми осори хеш ишора ба дастгирии нотавонону ятимон, барҷомондагону эҳтиёҷмандон намудааст. Таъмини адолати иҷтимоиро ба зиммаи мақоми сиёсӣ вогузор намуда, аз ҳокимони давраи хеш даъват ба амал меовард, ки таъминкунандаи адолат бошанду ба доди эҳтиёҷмандон расидагӣ намоянд. Ин андеша дар яке аз рафторҳое, ки бо ҳокими Табрез кард, равшан ба чашм мерасад. Боре шоҳи Табрез аз баргашти Саъдӣ аз ҳаҷ огаҳ гардида, аз хизматгузорон хоҳиш намуд, ки шайхро ба боргоҳи ӯ даъват намоянд. Шайх бо ҳар баҳона рад намуд… аммо дӯстонаш аз ӯ бисёр хоҳиш намуданд, ки лоақал ба муҳлати як рӯз розӣ шавад. Шайх розӣ шуд. Саъдӣ бо шоҳи

[60] Ниг.: Муҳаммад Ғазолӣ. Насиҳат-ул мулук. – Душанбе: Ирфон, 1993. – 144 с.
[61] Ҳамон ҷо.
[62] Муҳаммад Ғазолӣ. Насиҳат-ул мулук. – Душанбе: Ирфон, 1993. – 144 с.

Табрез Абакахон суҳбати дӯстонае барпо намуд. … Ҳангоми бозгашт шоҳ аз шайх панде хост ва Шайх чунин ҷавоб дод «аз ин дунё ҳеҷ чизро ҳамроҳи худ нахоҳӣ бурд, ба ҷуз аз қадрдонӣ барои кирдорҳои некӯ ва ҷазо барои кирдорҳои бад… Ҳоло шумо дар интихоб озод ҳастед… »[63].

Дар осори Саъдии Шерозӣ баробарии инсонҳо, дастгирии ятимон, маъюбон ва дардмондагон мавқеи махсус дорад. Ӯ дар шинохти инсон берун аз табиати халқ, миллат ва дин андешаронӣ намуда, баробарии онҳоро новобаста аз забону нажоду динашон арза медорад. Ӯ бар он назар аст, ки баробарии инсонҳо дар робитаи ягдигар ва давлат дар як сатҳ ифода меёбад. Дар чунин сурат ҷомеа ва давлат ба зинаи ҳамдигарфаҳмию ваҳдат хоҳанд расид.

Саъдии Шерозӣ дар осори хеш таблиғгари адолату баробарӣ буда, пайваста таъкид менамояд, ки ҳеҷ кас ҳаққи зулму ситамро нисбат ба касе надорад ва сохтори сиёсӣ муваззаф аст, ки аз тамоми нобаробарию зурӣ байни одамон пешгирӣ намояд. Барои амалӣ гаштани ин вазифа робитаи мустаҳками байни шахсу давлат зарур аст. Ӯ таъкид менамояд, ки «ҳар ки ба зердастон набахшояд, ба ҷаври забардастон гирифтор ояд»[64].

Пойдории давлатро ӯ дар таъмини адли умум ва робитаи одилонаи байни шахсу мақоми сиёсӣ медонад, онро ба ин маънӣ таъкид менамояд: «Бар раияти заиф раҳм кун, то аз душмани қавӣ заҳмат набинӣ»[65].

Осори гаронбаҳои Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (30.09.1207 – 29.12.1273) саршор аз хусусиятҳои инсонмеҳварӣ буда, имрӯз барои инсоният чи аз нигоҳи ахлоқӣ ва чи аз назари ҳуқуқӣ хизмат карда истодаанд. Асари безаволи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ «Маснавии маънавӣ» дар пайванди ногусастании баробарии инсонҳоро ба либоси назм кашида, ҳамдигарфаҳмию гуфтугӯи воқеии намояндагони динҳои масеҳият, насрония ва исломро бо маърифати баланди инсонӣ нишон додааст. Профессор А.Ғ. Холиқзода қайд менамоянд, ки нақши Мавлоно дар ҳамбастагӣ ва муомилаи фарҳангӣ, динӣ ва сиёсии Аврупо ва Осиё

---

[63] Ниг.: Саъди Шерозӣ. Гулистон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 232 с.
[64] Саъди Шерозӣ. Гулистон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 232 с.
[65] Ҳамон ҷо.

он дараҷа бузург аст, ки берун аз хаёл ва андеша аст. Ӯ, марде аз инъоми илоҳист, ки дар сарҳади се тамаддуни қарнҳо ҷангидаи юнонию римию мусулмонӣ қарор гирифта, ҷойи ҷангу ҷидол – сулҳу таҳаммул ва ҷойи шамшеру камон – бародарию баробариро истифода намудааст. Дар он замоне, ки ғазавоти исломӣ бо ҳаракатҳои салибӣ ҳамчун мафкураи сиёсӣ ва динӣ ба ҳам бармехӯрданд, Мавлоно сипари олии ҳимояи манфиати исломӣ ва инсонӣ дар қисмати Аврупо гардид[66]. Дар воқеъ аз ҳаёт ва зиндагии Мавлоно равшан мегардад, ки дар саргаҳи империяи бузурги румӣ бо дини насронӣ ва салҷуқӣ бо дини исломӣ ҷараён гирифта, тавонист, муносибати дӯстонаи пайравони динҳои ҷаҳониро берун аз доираи халқу нажодҳо тарҳрезӣ намояд. Мавлонои Балхӣ дар зинаи баланди инсоншиносӣ қарор гирифта, одам ва инсонгароиро аз ҳама гуна манфиатҳои динию мазҳабӣ ва сиёсӣ қиматтар ва авлотар медонист[67].

Дар маъонӣ қисмату аъдод нест,

Дар маъонӣ таҷзия в-афрод нест.

Иттиҳоди ёр бо ёрон хуш аст,

Пойи маънӣ гир, сурат саркаш аст[68].

Камолиддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ яке аз мутафаккирони варзидаи тоҷику форс ба ҳисоб (1420 ба дунё омадааст) меравад ва бо навиштани асарҳои пандомез хостори тавлиди адолат ва робитаи мустаҳками давлату шахс мебошад. Аз Ҳусайн Воизи Кошифӣ мероси гаронбаҳои илмӣ, ба мисли «Ҷавоҳир-ут-тафсир фи туҳфат-ил-амир», «Ҷомеъ-ус-ситтин», «Тафсири Ҳусайнӣ», «Махзан-ул-иншо», «Саҳифаи шоҳӣ», «Бадоеъ-ул-афкор фи саноеъ-ил-ашъор», «Оинаи Искандарӣ», «Кашф-ул-асрор», «Муқаттаот ва муфрадот», «Ар-Рисолат-ул-илмия фи аҳодис-ин-набавийя», «Футувватнома», «Ахлоқи Муҳсинӣ», «Рисолаи Ҳотамия», «Анвори Суҳайлӣ» ва ғ. то ба замони мо омада расидаанд. Сарчашмаҳои таърихӣ ва адабӣ нишон медиҳанд, ки асари сиёсӣ ва ҳуқуқии «Калила ва Димна»-и ин

[66] Ниг.: Холиқзода А.Ғ. Мафкураи миллӣ ва ҳуқуқ. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 558 с.
[67] Ниг.: Холиқзода А.Ғ., Шосаидзода Ш.Ш. Ҳуқуқ дар таърихи халқи тоҷик: монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – С. 181-204.
[68] Ниг.: Холиқзода А.Ғ. Мафкураи миллӣ ва ҳуқуқ. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С. 33.

марди хирад дар ҳамон замон пулеро мемонд, ки робитаи байни давлат ва шахсро таъмин, адолатро барқарор ва адлро ҷорӣ намояд.

Асари дигари Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Ахлоқи Муҳсинӣ» ном дорад, ки бевосита таблиғгари адли умум мебошад. Адл он аст, ки доди мазлумон диҳанд ва эҳсон он ки марҳами роҳате бар ҷароҳати маҷруҳон ниҳанд. Дар хабар омадааст, ки як соат адли подшоҳ дар паллаи мизони тоат роиҷтар аст, аз ибодати шастсола, зеро ки натиҷаи ибодат ҷуз ба омил бирасад ва фоидаи адл ба хосу ом ва хурду бузург ва асли бурдбории мулку миллат баракати он қоиму манзум шавад ва савоби адл аз ҳадду ҳисоб афзун аст ва аз мизони қиёс берун»[69]. Ақидаҳои инсондӯстӣ, баландҳимматӣ ва идории Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ки консепсияи идораи давлати ҳуқуқиро тасвиб менамояд, барои инсоният аҳаммияти хоссаро дар шароити имрӯза доро аст, зеро ӯ таъкид менамояд, ки пойдории мақому мартаба ва инсонмеҳварӣ аз таъмини адолат ва ҳифзи адли умум вобаста аст, барои пойдории давлат робитаи мустаҳкаму адолатнок нақши муҳим дорад:

Додгарӣ шарти ҷаҳондорияст,
Давлати боқӣ зи камозорияст.
Мамлакат аз адл шавад пойдор,
Кори ту аз адли ту гирад қарор[70].

Доир ба андешаи давлатӣ-ҳуқуқии ниёгонамон ба пуррагӣ маълумот додан ғайриимкон аст, зеро тамоми осори онҳо дарбаргирандаи андешаҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ аст. То имрӯз касе гуфта наметавонад, ки андешаи ҳуқуқи инсон дар як вақти муайян, дар як замоне, аниқтараш дар давраи таърихии муайяне пайдо шудаанд. Инсоният вобаста ба фарҳангу тамаддуни хеш ин падидаро таҳлил намуда, онро аз диди хеш баҳогузорӣ менамояд. Мо низ бо такя ба осори гузаштагон ба ин масъала назар намудем. Дар ҳамин замина А.Ғ. Холиқзода ишора менамояд, ки «тоҷикон, ки аз мардуми қадимаи нажоди ориёианд, ҳанӯз аз давраҳои ибтидои тамаддун дар ҳудуди минтақаҳои Осиёи Миёна, Хуросон ва

[69] Ниг.: Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ. – Теҳрон, 1357 ҳ. – 180 с.
[70] Ниг.: Ҳамон ҷо.

қисмати Афғонистон сукунат намуда, дар тамоми таърихи баъдина бидуни кӯчиши маконӣ ба бою ғанӣ гардонидани дастовардҳои ақлонии халқу миллатҳои ин сарзамин ва тамаддунҳои дигар хизмати босазо кардаанд. Аҷдодони онҳо ҳамеша дар сафи пеши инқилобҳои ақлонӣ қарор гирифта, дар дигаргунсозии ҳаёти иҷтимоӣ, баланд бардоштани маърифати инсонӣ, такомул додани низоми идорӣ, таъмини адлу инсоф ва доди ҳақиқат ва сулҳу салоҳ барои ҳамаи мардумони ҳамҷавор хизмати босазо намудаанд. Нақши мутафаккирони ин миллат дар тарҳрезии ғояи пайвастагии ҳуқуқ бо ахлоқ, пайвастагии ҳуқуқ бо адолат ва баробарӣ ҳамчун унсури муайянкунандаи ҳуқуқ дар тамоми давраҳои таҳаввули ҳуқуқ дар марзу буми ин кишвар, хеле нодир аст»[71].

Нақши бобоёни ҳуқуқдону донишмандони бохиради ин миллати таърихан бузург дар эътирофи ҳуқуқу озодиҳои мардуми бодиянишину саҳрогарди асрҳои миёна назаррас буд.

Омилҳои ҷудогонаи давлат чун зарурати идоракунӣ ва ё эътирофи ҳокимияти ашхоси ҷудогона ҳазорсолаҳо қабл аз шаклгирии давлат чун ташкилоти сиёсӣ пайдо шуда, дар ниҳоди оилаҳои ғайриқтисодию иқтисодӣ ва ҷамъияти тоавлодию авлодӣ ба миён омада, рушду нумуъ кардаанд. Бе мавҷудияти онҳо ногузирии минбаъдаи давлат ва ҷамъият аз маънӣ берун буд.

Дар натиҷаи таҳлили гузаронидашуда хулосаҳои зерин пешниҳод мешаванд:

1. Масъалаи робитаи давлат ва шахс диққати мутафаккирони тоҷику форсро низ ба худ ҷалб намуда буд. Мебояд қайд кард, ки дар таърихи афкори тоҷику форс масъалаи мазкур дар шакли ба худ хос, дар муҳити махсуси фарҳангиву тамаддунӣ таҳқиқ мешавад.

Чунончи, ба андешаи Абунасри Форобӣ ба даст овардани хушбахтии инсон танҳо дар доираи шаҳр-давлати некукирдор («ал-мадина ал-фозила»), ки дар асоси сифатҳои баланди ахлоқӣ ва ёрии мутақобилаи сокинонаш таъсис ёфтааст, имконпазир мегардад[72].

---

[71] Ниг.: Холиқов А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – С. 34-40.
[72] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2011. – С. 154-155.

Абуали ибни Сино ба нақши муҳимми инсон дар миқёси коинот диққати махсус намуда, афзалияти ӯро нисбат ба дигар офарандагони илоҳӣ шарҳ дода, таъкид мекунад, ки инсон пеш аз ҳама офаридаи беҳтарин мебошад, дуюм, дорои табиати комил аст ва сеюм, дорои сохти мутаносиб мебошад[73].

Насириддини Тусӣ чунин мешуморид, ки инсон аз рӯйи табиати худ дар ҷомеа ҷои баландтаринро ишғол менамояд ва чунин вазъро танҳо дар доираи давлати идеалӣ ба даст оварда метавонад[74].

Дар эҷодиёти Низомулмулк ғояҳои «санъати шоҳӣ», «ҳокими ормонӣ», «ҳокими адолатпарвар», ки барои таъсиси ҷомеа дар асоси омилҳои ахлоқӣ ва инсондӯстона кумак мерасонанд, сухан меравад[75].

Суфиёни асри миёна[76] чунин мешумориданд, ки «дар инсон зарраи камолот, яъне илоҳӣ»[77] вуҷуд дорад. Мувофиқи ақидаи яке аз сӯфиён Айнулқузот: «… чи тавре ки оташ ғайр аз қобилияти сӯхтан дигар чизе надорад, инсон низ дигар қобилият, ғайр аз озодӣ интихоб надорад»[78]. Назарияи суфии ҳуқуқи инсон ба заминаи инкишофи ғояҳои инсондӯстӣ мубаддал гашт.

Мутафаккирони тоҷику форс (Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Низомӣ, Ҷомӣ) дар доираи назарияи ахлоқии камолоти инсон симои инсони баркамолро чун аъзои арзандаи ҷомеаи некуаҳвол тавсиф намудаанд[79].

2. Ғояҳои асосии афкори сиёсӣ-ҳуқуқии тоҷику форс оид ба робитаи давлат ва шахс инҳоянд:

– ғояҳои баланди инсондӯстӣ дар бораи нақши муҳимми инсон дар олам ва шаъну шарафи ӯ, зарурати муносибати инсондӯстонаи ҳокимон ва мансабдорон нисбат ба инсон;

---

[73] Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2011. – С. 161.
[74] Ҳамон ҷо. – С. 170.
[75] Ниг.: Сативалдыев Р.Ш. Политические и правовые идеи «Сиасет-намэ» и их современное значение. – Душанбе, 1998. – 311 с.
[76] Суфӣ – намояндагони суфизм, таълимоти динӣ мебошанд, ки дар Шарқи мусулмонӣ дар ибтидои асрҳои VIII-IX ба вуҷуд омадаанд, ки ба муқобили исломи ортодоксӣ ва ҳамчун шакли мухолифати зиддифеодалӣ.
[77] Ниг.: Керимов Г.А. Аль-Газали и суфизм. – Баку, 1969. – С. 57.
[78] Ниг.: Умаров Г.А. Философские и этические взгляды Айнулкузота. – Душанбе, 1984. – С. 25.
[79] Ниг.: Сативалдыев Р.Ш., Кенджаев Ш.Ю. Учение Джами о праве и государстве. – Худжанд, 2010. – С. 26.

– пешниҳоди заминаҳои ахлоқӣ, маънавӣ, фарҳангии назарияи инсондӯстӣ, ки ғояҳои асосии онро мавқеи баланди инсон дар ҷомеа, камолоти ахлоқӣ ва ақлонаи инсон, идоракунии адолатпеша, робитаи инсондӯстонаи давлат ва шахс, эҳтироми қадри инсон, муносибати ғамхорона нисбат ба одамон ташкил медиҳанд;

– рад кардани ақидаҳои минбаъд тамоили ғарбгарона пайдонамуда оид ба мустақилият, мухторият ва озодии беинтиҳои фарди ҷудогона, ки бо ахлоқу маънавият робита надорад;

– тарғиби ғояҳои якдигарфаҳмӣ, якдилӣ, ёрии ҳамдигарӣ, рафоқат, дӯстӣ, саховатмандӣ ҳамчун заминаи аввалиндараҷаи давлати некхоҳ (мадинаи фозила);

– боварии комил ба неруи инсонӣ, камолоти ахлоқӣ ва ақлонаи инсон, нақши инсон дар пешрафти ҷомеа;

– пешниҳоди назарияҳои шаклан гуногун, вале мазмунан ягонаи давлатдории комил (давлати адолатпеша, давлати хайрхоҳ, давлати ормонӣ), ки дар он шаъну шарафи инсон таъмин карда мешавад.

3. Таҳқиқоти гузаронидашуда собит менамояд, ки масъалаи робитаи инсон ва давлат, моҳияти ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Шарқ, аз он ҷумла дар сарзамини аҷдодии тоҷикон дар шароити комилан дигари таърихӣ, ҳамчун ҷузъи фарҳанг ва тамаддуни халқҳои Шарқ ҳалли худро ёфтааст. Тоҷикон миллати тамаддунофар буда, дар инкишофи тамаддун ва фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми арзанда доранд. Мутафаккирони тоҷику форс оид ба робитаи инсон ва ҷомеа, инсон ва давлат, моҳият ҳуқуқу озодиҳои инсон нуқтаи назари мустақили худро доранд. Масъалаи робитаи инсон ва давлат дар шароити Тоҷикистони таърихӣ, дар робита бо фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон дарку таҳқиқ гаштааст. Андешаҳо, ғояҳо, нуқтаҳои назари мутафаккирони тоҷику форс шакли инъикоси фарҳанги миллӣ, орзуву ормони тоҷикон буда, аз ақидаҳои мутафаккирони Ғарб фарқи куллӣ доранд. Ин нуктаи муҳимро зимни таҳқиқи раванди таърихии инкишофи назарияҳои ҳуқуқи инсон, аз он ҷумла назарияҳо оид ба робитаи инсон ва давлат мебояд ба инобат гирифт.

## 1.2. Ташаккул ва рушди назарияҳои робитаи давлат ва шахс дар афкори Ғарб ва илми муосир

Аз замоне, ки давлат ҳамчун ниҳоди асосии идоракунандаи ҳокимият пайдо шуд, зарурат ва мубрамияти робитаи он бо шахс бештар ба мушоҳида расид. Аз ин рӯ, мутафаккирон пайваста дар талоши он буданд, то нақши давлатро дар ин раванд муайян намоянд. Бо дарназардошти ин, онҳо пайваста кӯшиш менамуданд, то ба як зумра саволҳо посухи амиқ пайдо намоянд, аз ҷумла нақши давлат дар робита бо шахс чӣ гуна аст? Оё давлат қодир аст, озодии инсонро таъмин намояд, агар ҳа, пас дар кадом ҳудуд? Муносибати байни давлат ва шахс бояд чӣ гуна бунёд карда шавад? Чунин саволҳо аз ибтидо то кунун дар зеҳни инсоният давр зада, мубрамияти худро имрӯз низ аз даст надодаанд. Дар раванди посух гардонидан ба саволҳои матраҳшуда, навъҳои гуногуни робитаи байни давлат ва шахс мавриди истифода қарор мегиранд, ки дар байни онҳо ҳуқуқи инсон зинаи аввалро ишғол менамояд.

Ғоя ва назарияи муносибати байни давлат ва шахс, ки он фарогирандаи ҳуқуқи инсон аст, таърихи куҳанро соҳиб мебошад. Он дар алоқамандии бевосита бо навъҳои (моделҳои) гуногуни ташкили ҳокимияти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва ҷомеаи муташаккил ба вуҷуд омадааст. В.С. Нерсесянс қайд менамояд, ки «ҳолати муосири ҳуқуқи инсон аз таҷрибаи бойи гузаштаи инсоният маншаъ гирифта, дар заминаи он шаклҳои ташкили ҳуқуқии ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатии одамон, роҳи танзими муносибатҳои иҷтимоии онҳо мавриди омӯзиш қарор мегиранд»[80].

Дар марҳилаҳои нахустини таҳқиқотҳои илмӣ, масъалаи муносибати байни давлат (полис) ва шахс дар доираи консепсияи фалсафӣ-ҳуқуқии «полис» (шаҳр-давлат) тафсир карда мешуд. Инчунин, дар ибтидо он хусусияти мифологӣ дошт ва бештар маврид ғояи пайдоиши илоҳии полисро инъикос менамуд. Аз ин рӯ, андешае ҷой дошт, ки ҳуқуқи инсон дар заминаи адолати илоҳӣ ба вуҷуд омада, амалӣ карда мешавад. Аммо аксарияти мутафаккирони Юнони Қадим ба андешаи мазкур розӣ набуданд ва барои гузаронидани ислоҳот дар полис талош намуда,

[80] Ниг.: Нерсесянц В.С. Права человека в истории политико-правовой мысли // Теория прав человека / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – М., 2000. – С. 35.

ғояи демократикунонии полисро талқин менамуданд. Масалан, Солон (тақрибан 638-559 п.м.) барои қабул намудани қонун дар полис талош намуда, бар муқобили ғуломдорӣ сухан ронд ва бад-ин васила дар ҷомеа то андозае унсурҳои демократияро ба вуҷуд овард. Пифагор ва пайравони ӯ (асрҳои VI-V п.м.) манзалати ҳаёти инсонро дар раванди идоракунии давлатӣ баланд арзёбӣ намуда, ҷонибдори таъмини адолат дар муносибатҳои инсонӣ буданд. Аз нигоҳи онҳо «адолат ин натиҷаи баробарии дигарон аст»[81], ки он минбаъд барои ба вуҷуд омадани андешаи баробарии инсонҳо асос гузошт.

Мутафаккирони Юнони Қадим озодии инсонро натиҷаи ин ё он шакли идоракунӣ маънидод менамуданд. Масалан, Демокрит (тақрибан асрҳои V-IV) чунин қайд менамояд: «Камбизоатӣ дар демократия, беҳтар аз некуаҳволии шаҳрвандон дар назди монарх аст, зеро озодӣ беҳтар аз ғуломӣ мебошад»[82]. Андешаи ҷолиби диққатро дар ин раванд Протагор (тақрибан 481-411 п.м.) иброз намудааст, зеро аз нигоҳи ӯ «инсон ченаки ҳамаи арзишҳо маҳсуб меёбад», ки дар заминаи ғояи мазкур баъдан шинохти ҳаёти инсонӣ (ба ғайр аз шинохти илоҳии он) ба вуҷуд меояд.

Аз нигоҳи мутафаккири дигари Юнони Қадим Антифонт ҳамаи одамон табиатан баробар ба дунё меоянд: «Табиатан мо ҳама баробарем, ҳам барбариҳо ва ҳам юнониҳо»[83]. Андешаи мазкур дар таъмини баробарии табиии одамон замина гузошт.

Мутафаккир ба ақидаи фарқ кардани қонуни давлат (полис) аз қарорҳои табиат наздик шуда, аҳаммияти фармоишҳои табиатро дар таъмини баробарии умумии одамон медид. Ба андешаи ӯ «муқаррароти қонун сунъӣ мебошад, аммо дастури табиат баръакс. Зиёда аз ин, меъёри қонун натиҷаи созиши одамон буда, худ аз худ ба вуҷуд намеояд ва дар фарқият аз ин, фармони табиат хусусияти стихиявӣ дорад, яъне он табиатан ба вуҷуд меояд»[84].

---

81 Ниг.: Аристотель. Этика. – СПб., 1908. – С. 91.
82 Ниг.: Дынник М.А. Материалисты Древней Греции. Собрание текстов Гераклита, Демокрита и Эпикура – М., 1955. – С. 168.
83 Ниг.: Антология мировой философии. – М., 1969. – Т. 1. – Ч. 1. – С. 321.
84 Ҳамон ҷо. – С. 320.

Андешаи мутафаккири Юнони Қадим боис бар он гардид, то дар марҳилаҳои баъдӣ қонунҳо хусусияти навро ба худ касб намоянд. Яъне, қонун бояд на манфиати нафари муайян ва ё гурӯҳи муайянро фарогир бошад, балки он бояд дар маҷмуъ ба манфиати мардум равона гардад, ки ин моҳияти табиии онҳоро ифода менамояд. Дар заминаи ин, ҳуқуқҳои табиии инсон ҷавҳари асосии қонунҳои давлат (қонунҳои позитивӣ)-ро ишғол намуданд, ки он барои давлати ҳуқуқбунёд хизмат менамуд. Дар Юнони Қадим баробарии умумии ҳамаи одамон (табиатан) чун нишонаи муҳимми ташкили оқилонаи ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқӣ маънидод карда мешуд. Баробарии умумӣ (табиӣ)-и одамон унсури асосии қонунҳои полис (давлат) ва шарти асосии таъмини адолат дар онро ташкил медод. Инчунин, муқаррароте ба вуҷуд омад, ки дар асоси он қонунҳои полис (давлат) натиҷаи созиши байни одамон маънидод карда шуданд, на фармоиш ё дастури як шахс (ҳоким).

Алсидес, ки яке аз олимони барҷастаи Юнони Қадим ба ҳисоб меравад, ғуломӣ ва ғуломдориро шадидан маҳкум намуда, ҷонибдори озодии инсон буд. Ӯ чунин иброз менамояд: «Худованд ҳамаро озод офарид ва табиат касеро ғулом наофаридааст»[85].

Афлотун ҷонибдори волоияти қонун дар давлат буда, натиҷаи вайрон намудани қонунро ба таври зайл маънидод намудааст: «Дар воқеъ, поймол намудани қонун ба одат ва анъанаҳо таъсир расонида, баъдан миқёси васеътарро ишғол менамояд ва сипас вориди муносибатҳои кории инсонҳо гардида, имконияти вайрон намудани сохтори давлатдориро ба вуҷуд меорад»[86].

Ба андешаи Афлотун мардумро бояд аз хурдӣ дар руҳияи итоат ба қонун тарбия намуд. Масалан, ба кӯдакон таълим додани қоидаҳои муайяни бозӣ боиси он мегардад, ки онҳо «ба волоияти қонун одат менамоянд» ва «ин малака минбаъд афзоиш ёфта, ба ҳама чиз таъсир мерасонад, ҳатто дар ислоҳи низоми давлатдорӣ, агар дар он камбудие ҷой дошта бошад»[87].

---

[85] Ниг.: Иқтибос аз: Аристотель. Политика. – М., 1911. – С. 408.
[86] Ниг.: Платон. Сочинения в трех томах. – М., 1971. – Т. 3. – Ч. 1. – С. 213.
[87] Ҳамон ҷо.

Афлотун ҷиддан иброз менамуд, ки қонунҳо набояд дар ягон шакли давлатдорӣ вайрон карда шаванд. Вале риояи қонун дар ҳама ҳолат аз низоми интихобкардаи тарбия ва таълими инсон вобаста мебошад. «Новобаста аз он ки давлатро як нафар ё нафарони зиёд идора менамоянд, онҳо ҳамон вақт ба риояи қонунҳо муваффақ мешаванд, ки агар таълим ва тарбияро дуруст ба роҳ монанд»[88]. Дар ин ҳолат, таълим ва тарбияи дуруст дар назар дошта шудааст, ки «дар инсон майлҳои хуби табииро бедор мекунад ва майли мавҷудбударо бештар менамояд – ҳам дар маҷмуъ ва ҳам ба маънои ба насл додани онҳо, ки дар ҳама махлуқоти зинда ба мушоҳида мерасад»[89].

Дидгоҳи Афлотун дар хусуси самаранокии таълим ва тарбия дар риояи қонунҳо имрӯз мубрамияти бештарро пайдо намудааст. Амалӣ намудани андешаи волоияти қонун дар давлати ҳуқуқбунёд ҳангоми мавҷуд набудани низоми дурусти таълим ва тарбия, алалхусус таълими ҳуқуқӣ ғайриимкон мебошад. Сохтори волоияти қонун сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқиро ҳамчун шарти ибтидоӣ ва зарурӣ тақозо менамояд. Низоми арзишҳои ҳуқуқие, ки дар раванди таълими ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд, дар як вақт фарогирандаи ҳуқуқи инсон мебошанд. Шахс дар ҳоле метавонад ҳуқуқ ва озодиҳои худро дар сатҳи зарурӣ амалӣ намояд, ки агар аз ҳуқуқ ва озодиҳояш бархурдор бошад. Ҳамчунин, шахс вазифадор аст, ба ҳуқуқ ва озодиҳои нафарони дигар, ки имрӯз дар сатҳи санадҳои байналмилалӣ ва конститутсионӣ пешбинӣ гардидаанд, эҳтиром гузорад.

Арасту дар асари худ «Сиёсат» оид ба аҳаммияти тарбия дар раванди таъмини волоияти қонун сухан ронда, иброз менамояд: «Ҳар шахси мансабдор, ки дар руҳияи қонун тарбия ёфтааст, имконияти дуруст доварӣ карданро дорад»[90]. Мутафаккир волоияти қонунро бо интизоми шаҳрвандон ва тарбияи онҳо бо дарназардошти руҳияи идоракунии давлатӣ пайванд намуда, иброз менамояд: «Муфидтарин қонунҳо, ки аз ҷониби ҳамаи шахсони мансабдори давлатӣ якдилона тасдиқ гардидаанд, ҳеҷ фоидае нахоҳанд дошт, агар шаҳрвандон ба

[88] Ниг.: Платон. Сочинения в трех томах. – С. 242.
[89] Ҳамон ҷо. – С. 212.
[90] Ниг.: Аристотель. Сочинения в четырех томах. – М., 1983. – Т. 4. – С. 482-483.

тартиботи давлатӣ одат нанамоянд ва дар руҳияи он тарбия наёбанд, яъне, агар қонунҳои давлат демократӣ бошанд, пас шаҳрвандон дар руҳияи демократия ва агар олигархӣ бошанд, пас дар руҳияи олигархӣ тарбия меёбанд, зеро агар як нафар интизом надошта бошад, пас тамоми давлат беинтизом аст»[91].

Арасту қонунро шарти асосии ташаккули давлат маънидод менамояд. Аз нигоҳи ӯ «дар ҷойе, ки волоияти қонун ҳукмрон нест, дар он ҷо сохтори давлатӣ вуҷуд надорад. Қонун бояд бар ҳама чиз ҳукмронӣ намояд»[92].

Арасту манфиати давлатро дар зиндагии хушбахтонаи одамон дида, иброз менамояд, ки «беҳтарин низоми давлатӣ низоме мебошад, ки ташкили он ба ҳар як инсон имкони рушд намудан ва хушбахтона зиндагӣ карданро фароҳам меоварад»[93].

Масъалаи дарк намудан ва тасниф кардани қонунҳо дар маркази таваҷҷуҳи Полибий қарор дошт. Ӯ ғояеро талқин менамуд, ки дар асоси он мардум ҳуқуқи қабул ё рад намудани қонунҳои хаттӣ ва инсониро соҳиб мегардиданд[94].

В.С. Нерсесянс қайд менамояд, ки ғояи ҷудошавии ҳуқуқ ба ҳуқуқи оммавӣ ва хусусӣ дар таълимоти ҳуқуқшиносони Рими Қадим пайдо гардида, унсури муҳимми давлати ҳуқуқбунёдро ташкил медиҳад. Дар таълимоти ҳуқуқшиносони Рими Қадим дигар унсурҳои давлати ҳуқуқбунёд, ба мисли ҳуқуқҳои табиии инсон ва мутобиқатии қонун бо ҳуқуқ низ ба мушоҳида мерасиданд. Ба андешаи муаллиф, маҳз дар марҳилаи мазкур ҳудудгузорӣ дар «доираи амали давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ» ба вуҷуд омадааст[95].

Ҳуқуқшиносони Рими Қадим ҳуқуқҳои табииро ба тамоми халқ мутааллиқ дониста, бар он назар буданд, ки ҳуқуқҳои табиӣ барвақтар аз қонунҳои хаттӣ ба вуҷуд омадаанд. Ситсерон ба баррасии қонунҳои табиӣ шуруъ намуда, онҳоро сарчашмаи ҳуқуқҳои табиӣ маънидод кардааст[96].

---

[91] Ниг.: Аристотель. Сочинения в четырех томах. – М., 1983. – Т. 4. – С. 551.
[92] Ҳамон ҷо. – С. 497.
[93] Ҳамон ҷо. – С. 591.
[94] Ниг.: Полибий о римской республике / Полибий. Всеобщая история // Хрестоматия по истории Древнего Рима / Под ред. С.Л. Утченко. – М., 1962. – С. 81-83.
[95] Ниг.: Нерсесянц В.С. История идей правовой государственности. – М., 1993. – С. 157.
[96] Ниг.: Дигесты Юстиниана // Хрестоматия по истории государства и права зарубежных стран. В 2-х т. / Отв. ред. Н.А. Крашенинникова.– М., 2007. – Т.1. – С. 292; Цицерон М.Т. Диалоги о государстве – о законах. – М., 1966. – С. 6.

Ғояи ҷудо кардани давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асрҳои XVI-XVII низ ташаккул ёфтааст. Дар давраи гузариш ба капитализм андешаи ҳуқуқи инсон бо ҳокимияти сиёсӣ омезиш меёбад, ки онро метавон дар тақсимоти ҳокимият, ҳукмронии ҳуқуқ ва волоияти қонун мушоҳида намуд. Дар марҳилаи мазкур ғояи муносибати байни давлат ва ҳуқуқи инсон хусусияти навро ба худ касб намуда, ба сатҳи нисбатан баланди инкишоф мерасад. Назарияи ратсионалистии ҳуқуқи инсон ба вуҷуд меояд, ки он ба волоияти қонун дар муносибати байни давлат ва шахс нигаронида шудааст. Он ҳангоми ташкили ҳаёти нави давлатӣ, ки ба ҳукмронии ҳуқуқ ва кафолати ҳуқуқи инсон асос ёфтааст, амалӣ карда мешавад. Консепсияи шартномаи ҷамъиятӣ ҳамчун сарчашма ва заминаи ҳуқуқии давлат ташаккул меёбад.

Яке аз намояндагони консепсияи шартномавии робитаи давлат ва ҳуқуқи инсон Г. Гротсий (1583-1645) мафҳуми давлатро ба таври зайл маънидод намудааст: «Давлат ин созиши комили одамони озод ба хотири риояи қонун ва манфиатҳои умум мебошад»[97]. Ғояи риояи қонун ҳамчун мақсади асосии давлат барои ташаккули минбаъдаи назарияи волоияти қонун заминаи воқеӣ гузошт. Аз нигоҳи В.С. Нерсесянс «чунин тарз дарки давлат, ки ғояи давлати ҳуқуқбунёдро фарогир аст, бо ҳуқуқҳои фитрии инсон алоқаманд буда, дар сурати вайрон намудани муқаррароти шартномаи ҷамъиятӣ имконияти муқобилиятро таъмин мекунад»[98].

Мебояд зикр намуд, ки консепсияи шартномаи ҷамъиятӣ ва имконияти муқобилият ба давлат дар арафа ва давраи инқилобҳои буржуазӣ аз ҷониби идеологҳои ин инқилоб пешниҳод гардида, барои муқобилият бар зидди ҳокимияти феодалӣ дар Аврупо асоси назариявиро таъмин намуда буд.

Намояндаи дигари консепсияи шартномавии робитаи давлат ва ҳуқуқи инсон Б. Спиноза ҳадафи давлатро дар озодӣ медид[99]. Ба ақидаи ӯ, «давлат дар асоси хирад бунёд гардида, онро ба роҳбарӣ мегирад» ва салоҳияти онро «на ҳама чизе, ки дар

---

[97] Ниг.: Гроций Г. О праве войны и мира. – М., 1956. – С. 74.
[98] Ниг.: Нерсесянц В.С. Права человека в истории политико-правовой мысли. – С. 62.
[99] Ниг.: Спиноза Б. Избранные произведения. – М., 1957. – Т.2. – С. 261.

натиҷаи таҳдид иҷро карда мешавад, ташкил медиҳад»[100]. Мутафаккир ҳудуди зерини ҳокимияти давлатиро муайян менамояд: хирад, озодӣ ва ҳуқуқи инсон.

Ҷ. Локк (1632-1704) мафҳуми либералии ҳуқуқи инсонро пешниҳод менамояд. Мафҳуми мазкур шакли ҳуқуқии ташкили ҳокимияти давлатӣ ва волоияти қонунро ифода мекунад. Ӯ оид ба ҳуқуқҳои фитрии инсон сухан ронда, иброз менамояд, ки ҳар як шахс ҳуқуқ дорад дар асоси қонуни табиат «ҳаёт, озодӣ ва моликияти худро» ҳимоя намояд[101]. Мутафаккир робитаи давлат ва шахс, тавоноӣ ва ҳуқуқи инсонро муайян намуда, қайд мекунад, ки кафолати ҳуқуқи инсон дар робита бо манфиати ҳокимият, муқобилият «ба ҳама гуна амалҳои ғайриқонунӣ» муайян карда мешавад[102]. Муқаррароти мазкур алоқамандии волоияти қонун ва ҳуқуқи инсонро нишон медиҳад.

Мутафаккири дигари Англия Т. Гоббс иброз менамояд: «Давлат ягона субъекте мебошад, ки мувофиқи шартномаи бо халқ бастааш дорои ваколатҳои ҳокимиятӣ мебошад ва қарорҳои қабул кардаи ӯ бар дӯши мардум ухдадориҳои зиёдеро вогузор мекунанд. Аз ин рӯ, давлат вазифадор аст, ҳокимият ва қудрати худро тавре истифода барад, ки бар зарари мардум набошад, балки барои таъмини сулҳи сартосарӣ ва ҳимояи мардум равона шуда бошад»[103].

Ҷ. Лок давлатро ҳамчун «иттиҳод» муаррифӣ намуда, ҳадафи онро бо ҳалли мунокишаҳои инсонӣ муайян мекунад. Ба андешаи ӯ «…шумораи зиёди одамон дар доираи як ҷамъият муттаҳид шуда, ҳокимияти иҷроияи худро дар асоси қонунҳои табиат ташкил менамоянд, баъдан дар натиҷаи ташаккули муносибатҳо ҷомеаи сиёсӣ ва шаҳрвандӣ ба вуҷуд омаданд. Ҳадафи ҷомеаи шаҳрвандӣ пешгирӣ намудан ва барқарор кардани зарарест, ки хусусияти табиӣ дорад ва дар ҳалли ин мушкилӣ ҳар шахс додгари худ ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, баҳри бартараф намудани мушкилоти бавуҷудомада бояд мақомоти бонуфузе таъсис

[100] Спиноза Б. Избранные произведения. – М., 1957. – Т.2. – С. 302.
[101] Ниг.: Локк Дж. Избранные философские произведения. – М., 1960. – Т.2. – С. 50.
[102] Ҳамон ҷо. – С. 116.
[103] Ниг.: Гоббс Т. Соч.: в 2 т. – М., 1991. – Т.2. – С.132-133.

дода шавад, ки аъзои ҷомеаи зарардида ба он муроҷиат намоянд ва ҳар узви ҷомеа бояд хулосаи баровардаи онро дастгирӣ намоянд»[104].

Ҷ. Локк бар он назар буд, ки шакли давлатдорӣ дар таъмини ҳуқуқи инсон метавонад нақши боризро иҷро намояд. Ӯ шакли идоракунии мутлақиятро қатъиян рад намуда, ҷонибдори шакли идоракуние мебошад, ки дар он муносибати байни аҳолӣ ва ҳокимияти давлатӣ дар заминаи ҳуқуқу озодиҳои ба онҳо мутааллиқ ҷой дорад. Ба андешаи мутафаккир, таҷзияи ҳокимият (ба қонунгузор, иҷроия ва федералӣ) шарти асосии риояи ҳуқуқи инсон мебошад. Шарти дигари риояи ҳуқуқи инсон ин иҷро намудани муқаррароти қонунгузорӣ, аниқтараш қонунияти умумиҷаҳонӣ мебошад. Аз нигоҳи мутафаккир озодии инсон «иборат аз қоидаҳои доимии ҳаёт мебошад, ки барои ҳамаи аъзои ҷомеа хос мебошад ва танҳо ҳокимияти қонунгузор онро мавриди танзим қарор медиҳад»[105]. Ӯ иброз менамояд, ки «шахс ҳақ дорад амалеро иҷро намояд, ки қонун маън накардааст»[106].

Ж.Ж. Руссо моҳияти давлатро дар доираи назарияи шартномавӣ ба таври зайл маънидод менамояд: «Ҳар яки мо ба моликияти умумӣ мегузарем ва таҳти роҳбарии олии муштарак шахсияти худ ва тамоми қувваи худро мутааллиқ менамоем, ки дар натиҷа ҳар як узв ба ҷузъи ҷудонашавандаи кул мубаддал мегардад»[107].

Ш.Л. Монтескиё (1689-1755) низ мисли пешгузаштагонаш ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро бо шакли муайяни сохти давлатӣ алоқаманд менамояд. Ӯ ҷонибдори сохти давлатдорие мебошад, ки дар он «маҷбуран иҷро кардани амалиёте, ки аз ҷониби қонун иҷроиши он зарур нест ва ё худдорӣ кардан аз иҷрои он амалиёте, ки қонун иҷозат додааст»[108] мушоҳида мешавад. Мутафаккир озодиро бо волоияти қонун дар давлат алоқаманд менамояд: «дар давлат, яъне ҷамъияте, ки дорои қонун аст, озодӣ танҳо дар он сурат ҷой дорад, ки агар шахс

---

[104] Ниг.: Локк Дж. Два трактата о правлении // Соч.: в 3 т. – М., 1988. – Т.3. – С. 312-313.
[105] Ҳамон ҷо. – С. 16.
[106] Ҳамон ҷо. – С. 312-313.
[107] Ниг.: Руссо Ж.-Ж. Трактаты. – М.,1969. – С. 161
[108] Ниг.: Монтескье Ш. Избранные произведения. – М., 1955. – С. 289.

имконияти аз рӯйи хоҳиши худ амал карданро дошта бошад, яъне омили маҷбур сохтани шахс барои иҷро кардани он амалҳое, ки ӯ хоҳиш надорад, вуҷуд надорад»[109]. Ҳудуди озодӣ аз тарафи қонун муайян карда мешаванд, зеро озодӣ «ин ҳуқуқи иҷро кардани ҳар он амале мебошад, ки аз тарафи қонун иҷозат дода шудааст»[110], дар акси ҳол шаҳрванд «аз озодӣ маҳрум аст, зеро ин корро дигар шаҳрвандон низ амалӣ карда метавонанд»[111].

Дар охири асри XVIII ва аввали асри XIX низоми нави муносибатҳои иқтисодӣ, иқтисодиёти либералӣ ва моликияти шахсӣ барои ташаккули назарияи робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон шароити мусоид фароҳам оварданд. Ҳуқуқи инсон, дахлнопазирии моликияти шахсӣ, озодии фаъолияти соҳибкорӣ, мустақилият аз дахолати давлатӣ ҳамчун ҳудуди ҳуқуқии давлат эътироф шуданд.

Ақидаҳо оид ба робитаи мутақобилаи давлат ва ҳуқуқи инсон коркарди минбаъдаи худро дар эҷодиёти мутафаккирони амрикоӣ пайдо кардаанд. Т. Пейн (1737-1809) дар китобҳои худ, ки бо номи «Ҳуқуқи инсон» ва «Хиради солим» машҳур гаштаанд, ҳуқуқи инсонро чун шарти ташкили ҳокимияти ҳукмфармо ва аломати шакли идоракунии ҷумҳуриявӣ тафсир кардааст. Андеша оид ба робитаи мутақобилаи ҳуқуқи инсон дар Эъломияи истиқлолияти ИМА дар соли 1776, ки аз ҷониби Т. Ҷефферсон (1743-1826) омода шуда буд, зоҳир гаштааст.

Ақидаҳои Ҷ. Локк, Ш. Монтескиё, Т. Ҷефферсон ва дигарон оид ба робитаи мутақобилаи ҳуқуқи инсон бо таҷзияи ҳокимият, бошуурона ташкил намудани ҳокимияти давлатӣ ва шакли ҷумҳуриявии идоракунии давлатӣ тасдиқи худро дар Конститутсияи ИМА аз соли 1787, дар Билл оид ба ҳуқуқи инсон аз соли 1789-1791 пайдо кардаанд. Дар моддаи 16 Эъломияи Фаронса ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд моҳияти муҳимми худро пайдо намудаанд, ки дар шакли меъёри алоҳида чунин дарҷ гаштаанд: «Ҷамъияте, ки дар он ҳуқуқ ва озодиҳои инсон

[109] Монтескье Ш. Избранные произведения. – М., 1955. – С. 289.
[110] Ҳамон ҷо.
[111] Ҳамон ҷо.

таъмин намешаванд ва таҷзияи ҳокимияти давлатӣ амалӣ нагаштааст, конститутсияи худро надорад»[112].

Натиҷаи раванди ташаккул ва инкишофи бисёрсолаи ақидаҳо оид ба робитаи мутақобилаи давлат ва ҳуқуқи инсон дар Эъломияи Фаронса инъикоси худро ёфт. Дар Эъломияи мазкур меъёре дарҷ гардида буд, ки мувофиқи он давлати конститутсионӣ ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, таҷзияи ҳокимияти давлатиро эътироф мекунад. Ғайр аз ин, дар Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ақида оид ба тафовути ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқҳои шаҳрванд, ки минбаъд асоси ташкилшавии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд гашт, тасдиқ ва мустаҳкамияти худро пайдо кард. Сабаби тафовути мазкур маҳз ғояи ҳуқуқи инсон ба шумор меравад.

Ғояи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон инкишофи худро дар замони нав пайдо кардааст. И. Кант (1724-1804) асосҳои фалсафии назарияи либералии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсонро муайян мекунад. Давлат аз рӯи тафсири ӯ «иттиҳоди одамоне мебошад, ки ба қонунҳои ҳуқуқӣ итоат мекунанд»[113]. Ҳуқуқи инсон, ба ақидаи Кант, «бояд муқаддас эътироф карда шаванд, сарфи назар аз талафоти ҳокимият»[114]. Мақсади таҷзияи ҳокимияти давлатиро мутафаккир дар таъмини ҳуқуқу озодиҳо, баробарӣ ва мустақилияти шаҳрвандон мебинад. Ба ақидаи мутафаккир, ба интихоби чунин шакли давлатдорӣ шуури инсон тавассути амри яқим водор мекунад. Амри ҷозими кантӣ дар бораи ҳуқуқи инсон чунин ифода меёбад: «…зоҳиран чунин амалнамо, то озодиат бо озодии дигарон ва қонуни умумӣ дар мувофиқа бошад»[115]. Ин ғоя заминаи тафсири зерини ҳуқуқ гардид: «Ҳуқуқ маҷмуи шартҳоест, ки дар асоси онҳо худсарии як нафар бо худсарии шахси дигар дар асоси қонун мувофиқат дорад»[116].

Фридрих Гегел (1770-1831) низ дар заминаи назарияи фалсафӣ ақидаҳои худро баён намудааст. Ӯ ба таври дақиқ ҳамбастагӣ ва алоқамандии давлат ва ҳуқуқи инсонро тафсир намудааст. Ба ақидаи ӯ, ҳуқуқ «озодии умумӣ дар шакли

---

[112] Ниг.: Хрестоматия по истории государства и права зарубежных стран. – М., 1984. – С. 209.
[113] Ниг.: Кант И. Сочинения в 6 томах. М. 1965. – Т.4. – Ч.2. – С. 233.
[114] Ниг.: Кант И. К вечному миру. Трактовка о вечном мире. – М., 1963. – С. 185.
[115] Ниг.: Кант И. Сочинения. – Т. 4. – Ч. 2. – С. 140.
[116] Ҳамон ҷо. – С. 139.

ғоя мебошад»[117], «низоми ҳуқуқ пойдории озодии амалигашта мебошад»[118]. Ба андешаи мутафаккир, ҳуқуқ водор мекунад, ки худ шахсият бошӣ ва дигаронро чун шахсият эҳтиром намоӣ[119]. Аз рӯи фаҳмиши файласуфи олмонӣ, давлат – ҳуқуқ аст, яъне ҳуқуқи мушаххас, ки аз як қатор ҳуқуқҳои абстрактӣ (муҷаррад) – ҳуқуқҳои шахсӣ, ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва ғайра иборат аст.

Гегел миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун соҳаи амалишавии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва давлати сиёсӣ тафовут мегузорад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ «дар ҷаҳони муосир ташкил ёфтааст ва аз нигоҳи тамоми ғояҳо моҳияти ҳуқуқро нишон медиҳад»[120]. Дар баробари ин, барои ҳимояи манфиатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мақомоти қонунгузор, суд ва мақомоти политсия фаъолият менамоянд. Ба ҳайси кафили «озодии омма» таҷзияи ҳокимият баромад мекунад[121].

Ба андешаи Гегел моҳияи «давлати муосир дар озодии комил ва некуаҳволии шахс нуҳуфта аст, аз ин рӯ, манфиати оила ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд дар давлат ба инобат гирифта шавад, вале ба даст овардани ин ҳадаф будуни дониши мукаммали шахс, ки имконияти ҳифз намудани ҳуқуқи худро дошта бошад, ғайриимкон мегардад»[122].

Мутафаккири олмонӣ Р. Мол бар он ақида буд, ки давлати ҳуқуқбунёд маҳсули иродаи озод ва бошуури шахсиятҳои алоҳида мебошад. Давлат аз ҷониби ӯ чун кафили ҳадафҳои оқилонаи инсон тафсир карда мешавад, ки барои ҳимояи фаъолияти оқилонаи инсон аз таъсироти омилҳои беруна ташкил шудааст. Давлат дар ҳимояи шахсият, ҳаёт ва саломатии ӯ, дар таъмини шароити мусоиди моддӣ нақши муҳимро мебозад. Бояд зикр кард, ки нақши басо муҳим аз ҷониби ҷомеаи шаҳрвандӣ низ иҷро карда мешавад. Ҳангоми тафсир кардани робитаи мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, мутафаккир диққати худро ба нақши институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки мустақилияти шаҳрвандро таъмин менамоянд, ҷалб карда, чунин

[117] Гегель Г.В.Ф. Философия права. – М., 1990. – С. 89.
[118] Ҳамон ҷо. – С. 67.
[119] Ҳамон ҷо. – С. 98.
[120] Ҳамон ҷо. – С. 228.
[121] Гегель Г.В.Ф. Философия права. – С. 302.
[122] Гегель Г.В.Ф. Философия права. – С. 286.

мешуморад, ки институтҳои мазкур бояд як қисми вазифаҳои давлатро ба зиммаи худ гиранд[123].

Муҳаққиқи дигари олмонӣ Р. Гнейст давлати ҳуқуқбунёдро ҳамчун давлати парлумонӣ тавсиф намудааст. Дар ин давлат ҳокимият вазифаи танзими «ҳамманзилии одамонро дар молу мулк, музди меҳнат ва касбу ҳунари онҳо тавассути меъёрҳо»[124] иҷро мекунад. Дар баробари ин, мутафаккир нисбат ба назарияи либералии давлати ҳуқуқбунёд муносибати танқидӣ дошт, зеро ба андешаи ӯ, либерализм инкишофи озоди ҷомеа ва фардро танҳо бо мақсади худфаъолиятнамоӣ ва фардишавӣ таъмин мекунад[125].

Ғояҳо дар бораи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон дар охири асри XIX ва аввали асри XX Дар Русия низ мавриди омӯзиш ва ташаккул қарор гирифта буданд. Ақидаҳои «либералони рус ба самти таълимоти олмонӣ оид ба давлати ҳуқуқбунёд, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ки ҳамчун яке аз равияи нави ташкили сохти конститутсионии Русия эътироф шуда буд, равона гашт»[126]. Асоси либерализм ва назарияҳои онро принсипҳои баробарӣ дар назди қонун, волоияти ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон, маҳдудияти конститутсионии ҳокимият, таҷзияи ҳокимият, дахлнопазирии ҳаёт ва моликияти шахсӣ аз дахолатҳои давлатӣ ва рақобатпазирӣ ташкил мекарданд[127].

Яке аз намояндагони мактаби фитрӣ-ҳуқуқӣ П.И. Новгородсев тимсоли давлати ҳуқуқбунёдро дар чунин сохти давлатӣ медид, ки дар он «динҳои гуногун бо ҳам созиш ва муросо бастаанд ва назарияҳои мухталифи сиёсӣ имконияти бо ҳам муқобилият карданро доранд»[128]. Шахсияти озод ба ҳайси мақсади инкишофи

---

[123] Ниг.: Моль Р. Наука полиции по началам юридического государства. – СПб., 1871. – С. 5, 6, 288, 289.
[124] Ниг.: Гнейст Р. Правовое государство и административные суды Германии. – СПб., 1896. – С. 37.
[125] Ҳамон ҷо. – С. 246.
[126] Ниг.: Вышкварцев В.В. Правовое государство, права и свободы человека в концепциях российских ученых XX-XXI вв.: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2009. – С. 19-20.
[127] Ниг.: Багоян Е.Г. Идея правового государства в российской либеральной мысли: конец XIX – начало XX вв.: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2005. – С. 55, 61.
[128] Ниг.: Новгородцев П.И. О задачах русской интеллигенции // Сочинения. – М., 1995. – С. 122.

ҷомеа эълон шуда, даъвоҳои ӯ барои ҳуқуқ ва озодиҳо чун «ҳақиқати баҳснопазири ахлоқӣ»[129] эътироф гаштааст.

Мутафаккири дигари рус В.М. Гессен ақида дошт, ки «меъёрҳои ҳуқуқӣ» дар давлат нақши асосиро иҷро менамоянд[130]. Ба ақидаи Б.А. Костяковский, «…давлати ҳуқуқбунёд давлати инкишофёфтаи конститутсионӣ мебошад»[131], ки дар он намояндагии халқ фаъолият менамояд[132], ҳуқуқ ва озодиҳои инсон риоя мешаванд ва инсон на фақат объекти ҳокимият, балки субъекти он мебошад[133]. Дар баробари ин, аз ҷониби ӯ назария оид ба давлати иҷтимоии ҳуқуқӣ чун ҳадафи инкишофи давлатдорӣ коркард шудааст[134]. Ӯ чунин принсипҳои давлати ҳуқуқбунёдро коркард намудааст: маҳдудияти ҳокимияти давлатӣ, зерқонунии ҳокимияти давлатӣ, намояндагии халқӣ[135].

Бо андеша оид ба давлати конститутсионии ҳуқуқбунёд С.А. Котляревский баромад намудааст. Ӯ боварии комил аз он дошт, ки «давлати ҳуқуқбунёд танҳо конститутсионӣ буда метавонад» ва дар шакли «монархияи парлумонӣ ва ё ҷумҳурии парлумонӣ» дар асоси таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ташкил меёбад[136]. Мувозинати дурусти ҳокимият ва ҳуқуқ дар вазъи парлумонӣ чун асоси ташкили давлати ҳуқуқбунёд баромад мекунад, аммо дар акси ҳол, муборизаи беохир миёни ҳокимият ва ҳуқуқ мувозинатро вайрон сохта, ба самти «худсарӣ ва хушунат» раҳсипор мегардад[137].

Б.Н. Чичерин мақсади давлатро дар ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дарк мекард. Ӯ давлатеро, ки аз шаҳрвандон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мартабаи

---

129 Ниг.: Новгородцев П.И. Об общественном идеале // Сочинения. – М., 1995. – С. 47; Его же. О задачах современной философии права // Сочинения. – М., 1995. – С. 54.
130 Ниг.: Гессен В.М. О правовом государстве. – СПб., 1906. – С. 19.
131 Ниг.: Кистяковский Б.А. Философия и социология права. – СПб., 1999. – С. 328.
132 Ниг.: Кистяковский Б.А. Социальные науки и право. – СПб., 1999. – С. 575.
133 Ниг.: Кистяковский Б.А. Государственное право (общее и русское). Лекции // Философия и социология права. – СПб., 1999. – С. 420.
134 Ниг.: Кистяковский Б.А. Государство правовое и социалистическое // Вопросы философии и психологии. – М., 1906. – Кн. 4 (84). – С. 347.
135 Ниг.: Кистяковский Б.А. Право как социальное явление. Проблемы и задачи социально-научного познания // Вопросы философии и психологии. – М., 1911. – С. 17.
136 Ниг.: Котляревский С.А. Конституционное государство. Опыт политико-мифологического обзора. – СПб., 1907. – С. 29.
137 Ниг.: Котляревский С.А. Власть и право. Проблема правового государства. – М., 1915. – С. 29-30.

волоро доро аст, «ватани ташкилшуда» меномад[138]. И.А. Покровский дар зери ҷомеаи шаҳрвандӣ муттаҳидшавии одамонро дарк мекард, ки ба ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқистифодабарӣ машғул буда, озодона дар ҳаёти шаҳрвандӣ иштирок мекунанд[139]. С.А. Муромтсев принсипҳои озодии сухан ва андешаро чун асоси ҳаёти давлатӣ эълон намуда[140], давлатро чун «иттиҳоди ҷамъиятӣ» тафсир кардааст, ки барои риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон хизмат менамояд[141].

Н.М. Коркунов ақида дар хусуси аз ҷониби ҳуқуқ маҳдуд сохтани ҳокимиятро бо сабаби мақсаднок буданаш асоснок намуда, чунин иброз намуд, ки «шуури аз давлат вобастабуда, ки ба ҳайси заминаи ҳокимияти он баромад менамояд, ҳеҷ вақт бемаҳдуд намешавад»[142]. Давлат ба ақидаи Н.М. Коркунов «зоҳиран офарандаи ҳуқуқҳои шахсӣ буда, дар ҳақиқат ба худ имконияти худсарона вайрон кардани онҳоро намедиҳад»[143].

Ба андешаи Ф.Ф. Кокошкин давлати ҳуқуқбунёд «чунин давлатест, ки дар муносибат бо раияти худ тавассути ҳуқуқ алоқаманд аст, ба таври дигар гӯем, аъзои давлат, ки дар муносибати мутақобила на фақат дорои уҳдадориҳо мебошанд, балки инчунин дорои ҳуқуқҳо ҳастанд, на фақат ба раият тааллуқ доранд, балки инчунин онҳо шаҳрванд ҳисобида мешаванд[144]. М.М. Ковалевский «масъулияти муштараки инсониро» сарчашма, вазифа ва талаботи давлату ҳуқуқ мешуморид. Давлат «ҳуқуқҳои шахсиро мансух наменамояд, зеро эътирофи онҳо ба мисли ҳамраъйии ҷамъиятӣ ва муайянсозии омили ҳамманзилии давлатӣ» муҳим мебошад[145]. Г.Ф. Шершеневич принсипҳои зерини давлати ҳуқуқбунёдро пешниҳод кардааст: маҳдудсозии ҳокимият, таҷзияи ҳокимият, худмаҳдудиятҳои ҳуқуқии ҳокимият, тобеияти давлат ба ҳуқуқ[146].

---

[138] Ниг.: Чичерин Б.Н. Курс государственной науки. Общее государственное право. – М., 1894. – Ч.1. – С. 9.
[139] Ниг.: Покровский И.А. Основные проблемы гражданского права. – М., 2003. – С. 35.
[140] Ниг.: Муромцев С.А. Определение и основное разделение права. – СПб., 2004. – С. 148.
[141] Ҳамон ҷо. – С. 68-69.
[142] Ниг.: Коркунов В.М. Указ и закон // Антология мировой политической мысли. В 5 т. – М., 1997. – Т.4. – С. 288.
[143] Ниг.: Коркунов В.М. Русское государственное право: Введение и общая часть. 4-е изд. – СПб., 1901. – Т.1. – С. 414.
[144] Ниг.: Кокошкин Ф.Ф. Лекции по общему государственному праву. – М., 2004. – С. 5.
[145] Ниг.: Ковалевский М.М. Учение о личных правах. – М., 1906. – С 6, 7.
[146] Ниг.: Шершеневич Г.Ф. Общая теория права. – М., 1910. – Вып.1. – С. 241.

А.С. Яшенко дар доираи коркарди ақида оид ба синтези назарияҳои ҳуқуқи инсон дар аввали асри XX бо назарияи худ оид ба «гуногунии таркибӣ», фардият ва коллективизм ҳамчун мувозинати «хусусӣ ва умумӣ» баромад намуд[147]. Б.Н. Чичерин таносуби ҳуқуқи фитрӣ ва ҳуқуқи позитивиро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, қабули «қонуни умумиро, ки соҳаи фаъолияти ҳар як шахсро муайян месозад» асоснок намудааст[148]. П.И. Новгородсев, ки яке аз таҳиякунандагони назарияи «ҳуқуқи фитрии мазмунан тағйирпазир» мебошад, соли 1915 ақидаҳояшро оид ба муттаҳидсозии назарияҳои давлати ҳуқуқбунёд ва давлатдории иҷтимоӣ пешниҳод намуд[149]. Л.И. Петражитский дар доираи назарияи равонии ҳуқуқ давлатро чун зуҳуроти «ҳуқуқии ҳатмии тафаккур» тафсир дода, чунин мешуморид, ки он кафили ҳуқуқ ва озодиҳои инсон буда, ҳуқуқҳои фитрӣ ва позитивӣ – объекти эҳсосотҳои дохила мебошанд[150].

Дар ин давра мактаби консервативӣ рушд ва инкишоф меёбад, ки яке аз намояндагони мактаби мазкур К.Н. Леонтев мебошад. Ӯ чунин ақида дошт, ки «дар ҳолати озодӣ ва баробарии кам, зиддияти зиёд ба миён меояд ва дар асоси зиддияти зиёд шаъну шарафи ҳақиқӣ, ки ба он зеб медиҳад, меафзояд»[151]. Файласуфи рус В.С. Соловев ақидаи давлати ҳуқуқбунёдро чун омили нопурраву номукаммал тафсир намуда, чунин мешуморид, ки он имконияти бартараф кардани офатҳои минбаъдаи иҷтимоиро надорад[152].

Дар аввали асри XX мактаби сотсиалистӣ (А.А. Богданов, В.И. Ленин, Г.В. Плеханов ва диг.) низ ақида ва шиорҳои зеринро пешниҳод намуд: танқиди шоҳигарӣ ва ҷомеаи буржуазӣ; муносибати синфӣ нисбат ба давлат ва ҳуқуқ; тағйирпазирии ҳуқуқҳои шахсӣ дар давраи сотсиализм; баробарии иҷтимоӣ чун шарти бартарафсозии низоъҳо миёни шахсият, ҷомеа ва давлат; мутобиқатии иҷтимоӣ, айнияти манфиатҳои ҷомеа ва фард; демократизми инқилобӣ; озодии

[147] Ниг.: Ященко А.С. Теория федерализма. Опыт синтетической теории права. – Юрьев, 1912. – С. 15.
[148] Ниг.: Чичерин Б.Н. Наука и религия. – М., 1999. – С. 424.
[149] Ниг.: Новгородцев П.И. Идеалы против народной свободы // Сочинения. – М., 1905. – С. 97.
[150] Ниг.: Петражицкий Л.И. Теория права и государства. – СПб., 2000.– С. 589.
[151] Ниг.: Леонтьев К.Н. Над могилой Пазухина // Храм и церковь. – М., 2003. – С. 368.
[152] Ниг.: Соловьев В.С. Философские начала цельного знания // Соч. в 2-х т. – М., 1988. – Т.2. – С. 147.

ҳақиқӣ дар давраи коммунизм, изҳори коллективии халқ, тавсифи синфӣ ва коллективии ҳуқуқу озодиҳои инсон[153].

Пас аз воқеаҳои инқилобии соли 1917 муносибати синфӣ нисбат ба давлат ва ҳуқуқ афзалиятро ба даст овард. Насли аввали ҳуқуқшиносони шуравӣ (Н.В. Криленко, Д.И. Курский, А.А. Малиский, Е.Б. Пашуканис, М.А. Рейснер, П.И. Стучка) ба коркарди асосҳои илмии назарияи марксистӣ-ленинии давлат ва ҳуқуқ шуруъ карданд. Аз ҷониби В.И. Ленин вазифаи ташкили «давлати пролетарии сотсиалистӣ» гузошта шуд[154]. Ақидаи давлати ҳуқуқбунёд ба ҳайси ғояҳои буржуазӣ эътироф шуданд. П.И. Стучка моҳияти давлати диктатураи пролетариатро дар робита бо волоияти ҳокимият, амали ҳуқуқ, низоми ҳуқуқӣ муайян мекунад[155].

Баҳогузории ҳуқуқшиносони шуравӣ оид ба хусусиятҳои давлати ҳуқуқбунёд гуногунранг мебошад. Чунончи, Д.И. Курский сохти давлатдории ҶШФСР-ро сарфи назар аз муборизаи «Ҳокимияти Шуравӣ бо душманонаш» чун «низоми ҳуқуқӣ» баҳогузорӣ намудааст[156]. А.А. Малитский хусусиятҳои асосии давлати ҳуқуқбунёдро дар ҳокимияти мутамаркази сиёсии диктатураи пролетариат, волоияти қонун ва вазъи ҳуқуқӣ дарк мекард[157]. Дар баробари ин, ақидаҳо оид ба моликияти шахсӣ ва таҷзияи ҳокимият аз ҷониби ӯ рад карда шуданд[158].

Дар доираи назарияи давлат ва ҳуқуқи пролетариатӣ коркарди назарияи пролетариатии ҳуқуқи инсон оғоз ёфт. Он ба ғояи марксистӣ роҷеъ ба аз байн рафтани давлат ва ҳуқуқ асос меёбад. Дар бораи масъалаи мазкур П.И. Стучка чунин навиштааст: «Пас аз ҳуқуқи оилавӣ ҳуқуқҳои моликиятӣ инкишоф меёбанд, сипас, бекоршавии ҳуқуқҳои шахсӣ ба роҳ монда шуда, баъзе аз қисмҳои

---

[153] Ниг.: Венгеров А.Б. Социалистический плюрализм в концепции правового государства // Правовое социалистическое государство: понятие, опыт и перспективы: Сб. науч. трудов. – М., 1990, 1991. – С. 56; Живова Л.Я. Генезис и эволюция левого радикализма в России: дис. … псих. юрид. наук. – СПб., 1993. – С. 36-37.
[154] Ниг.: Ленин В.И. Доклад о задачах власти советов. Газетный отчет // Полн. собр. соч. – М., 1974. – Т.35. – С. 3.
[155] Ниг.: Стучка П.И. Избранные произведения по марксистско-ленинской теории права. – Рига, 1964. – С. 58.
[156] Ниг.: Курский Д.И. Избранные статьи и речи. – М., 1948. – С. 126.
[157] Ниг.: Малицкий А.А. Советская конституция. 2-е изд. – Харьков, 1925. – С. 26.
[158] Ҳамон ҷо. – С. 26.

ҳуқуқҳои шартномавӣ боқӣ хоҳанд монд»[159]. Е.Б. Пашуканис қайд менамуд, ки гузариш ба сотсиализм шаҳодати «азбайнравии пурраи ҳуқуқ, яъне раванди оҳиста-оҳиста гумшавии омилҳои ҳуқуқӣ дар муносибатҳои одамон»[160] мебошад. Ақида оид ба ҳуқуқҳои коллективии инсон дар муқовимат ба ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ фаъолона коркард мешуданд. Дар доираи коркарди масъалаи диктатураи пролетариат, баробарии синфӣ, дастгоҳи давлати сотсиалистӣ ва сохтмони шуравӣ[161] коркарди қонунии назарияи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон оғоз ёфт.

Дар шароити нигилизми ҳуқуқӣ дар солҳои 1930 усули сотсиологие, ки дар солҳои 1920 истифода мешуд, бо усули маҳдуди меъёрӣ нисбат ба ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон иваз карда шуд. Ақидаи А.Я. Вишинский оид ба ҳуқуқи сотсиалистӣ ҳамчун маҷмуи меъёрҳои аз ҷониби давлат қабул ва тасдиқшуда[162] нақши муҳимро дар инкишофи назарияи сотсиалистии ҳуқуқ мебозад. Раванди давлатгароӣ на фақат ҷомеа, балки институтҳои ҳуқуқӣ ва худи ҳуқуқро низ дар бар гирифт. Ҷараёни мазкур ба инкишофи минбаъдаи назарияи легистии ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун «туҳфаи» давлат замина мегузорад. Дар охири солҳои 1970 ақидаи нав оид ба маҳдудияти назарияи легистӣ, зарурати ба инобат гирифтани соҳаи иҷтимоӣ ва ҳаёти маънавӣ зимни таҳқиқи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон пешниҳод мешаванд[163].

Пас аз анҷумани XX-и Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ (ҲКИШ) аз ҷониби насли нави ҳуқуқшиносони шуравӣ (Г.А. Белов, И.Т. Голяков, В.Е. Гулиев, Ф.И. Калиничев, А.С. Пиголкин, И.С. Самошенко) раванди бартарафнамоии нуқтаи назари маҳдуди меъёрӣ нисбат ба ҳуқуқ оғоз гардид. Дар аввали солҳои 1960 ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандони шуравӣ дар баробари дигар вазифаҳои сохтмони сотсиалистӣ ҳамчун вазифаи муҳимтарини

---

[159] Ниг.: Стучка П.И. Избранные произведения по марксистско-ленинской теории права. – С. 549.
[160] Ниг.: Пашуканис Е.Б. Диктатура пролетариата и оппозиция // Революция права. – М., 1928. – № 1. – С. 19.
[161] Ниг.: Разумовский И.П. Проблемы марксистской теории права. – М., 1925. – 136 с.; Рейснер М.А. Право и революция. – Петроград, 1917. – 32 с.; Стучка П.И. Тенденции развития и перспективы советского права // Советское государство и революция права. – 1931. – №5-6. – С. 239-247.
[162] Ниг.: Основные задачи советского социалистического права: Материалы первого совещания научных работников права 16-19 июля 1938 г . – М., 1938. – С. 183.
[163] Ниг.: Проблемы теории государства и права / Под ред. С.С. Алексеева. – М., 1979. – С. 269.

давлати сотсиалистӣ эътироф гардид[164], усули боваркунониву тарбияи шахс ба ҳайси воситаҳои асосӣ дар рафти фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ истифода мешавад[165].

Дар солҳои 1960-1970 мубоҳиса миёни тарафдорони тавсифи маҳдуд ва васеи ҳуқуқ ба миён омад. Дар доираи мубоҳисаи мазкур хулосае қабул шуд, ки мувофиқи он ҳуқуқро набояд танҳо ба низоми меъёрҳои ҳуқуқ маҳдуд намуд. Дар корҳои илмии назариячиёни шуравӣ (С.Н. Братус, С.Ф. Кечекян, В.С. Комаров) коркарди арзишҳои иҷтимоии ҳуқуқ оғоз ёфт. Дар соли 1970 аз ҷониби Н.В. Витрук ақида пешниҳод мешавад, ки давлати ҳуқуқбунёд ташкили «институтҳои ҳуқуқиро» дар заминаи иштироки халқ дар идоракунии давлатӣ ҳамчун «ҳуқуқи асосии инсон» дар назар дорад[166].

Конститутсияи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (минбаъд – ИҶШС) аз соли 1977 ақида оид ба давлати иҷтимоӣ буданашро эълон намуд ва ба ҳайси яке аз вазифаҳои асосии худ боло бардоштани сатҳи моддӣ ва фарҳангии ҳаёти шаҳрвандонро ба зиммаи худ гирифт[167]. Гарчанде ки дар Конститутсияи ИҶШС аз соли 1977 ҳоло сухан дар бораи давлати ҳуқуқбунёд нарафта буд, дар ҳар сурат «бори аввал дар таърихи конститутсионӣ мафҳуми заминаи ҳуқуқии ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ» (м. 9) пайдо шуд»[168]. Конститутсия аз хулосаҳо оид ба ташкили ҷомеаи сотсиалистии инкишофёфта, табдил ёфтани диктатураи пролетариат ба давлати умумихалқӣ иборат буд[169]. Айни замон Б.Н. Топорнин оид ба ин масъала чунин менависад: «Дар ҳақиқат давлатдории мо ба сатҳи умумихалқӣ нарасида буд»[170].

Ба ҳайси объектҳои илми ҳуқуқи шуравӣ чунин мафҳумҳо, ба мисли «ҳуқуқи субъективӣ», «вазъи ҳуқуқии шахсият» ва ғайраҳо баромад мекарданд. Барои мисол,

---

[164] Ниг.: Программа Коммунистической партии Советского Союза. – М., 1961. – С. 101.
[165] Ниг.: Явич Л.С. Проблемы правового регулирования советских общественных отношений. – М., 1961. – С. 40-41.
[166] Ниг.: Витрук Н.В. Общая характеристика конституционных прав, свобод и обязанностей граждан СССР // Социализм и личность / Отв. ред. В.М. Чхиквадзе. – М., 1979. – С. 16.
[167] Ниг.: Конституция (Основной закон) Союза Советских Социалистических Республик // Ведомости ВС СССР. – 1977. – № 41. – Ст. 617.
[168] Ниг.: Топорнин Б.Н. Конституция в социалистическом правовом государстве // Социалистическое правовое государство. Проблемы и суждения / Отв. ред. Б.Н. Топорнин. – М., 1989. – С. 28.
[169] Ҳамон ҷо. – С. 28.
[170] Ҳамон ҷо.

ҳуқуқи субъективӣ чун воситаи «ҳуқуқӣ (на амалӣ) барои истифоданамоӣ ва ихтиёрдории арзишҳои муайян мувофиқи қонун» тафсир шуда буд[171]. Оид ба гуногуншаклии ҳуқуқҳои субъективӣ вобаста ба мазмун, ҳаҷм ва шаклҳои амалишавиашон ақидаҳои зиёд баён шуда буданд[172]. Як гурӯҳ олимон ба мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» ҳуқуқ ва уҳдадориҳо[173], гурӯҳи дигар – кафолати манфиатҳои қонунӣ, масъулияти ҳуқуқӣ ва қобилияти ҳуқуқдории умумиро шомил месохтанд[174]. Ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар заминаи кафолати ҳуқуқҳои шахсӣ ба ҳайси асоси давлати ҳуқуқбунёд эътироф гашт[175]. Масъалаи давлати ҳуқуқбунёд чун «мушкилоти ташкили муносибати мутақобилаи ҳокимият ва инсон дар асоси ҳуқуқ» баррасӣ мегашт[176].

Ғояи давлати ҳуқуқии сотсиалистӣ эътирофи расмии худро дар конфронси XIX-и умумишуравии ҲКИШ пайдо кард. Дар конфронс консепсияи давлати ҳуқуқии сотсиалистӣ, ки ба ҳокимияти сиёсӣ пурра мувофиқ мебошад, қабул мешавад[177]. Раванди мазкур ба вусъати таҳқиқи ақидаҳои давлати ҳуқуқии сотсиалистӣ замина мегузорад[178]. Дар Институти давлат ва ҳуқуқи АИ ИҶШС Барномаи байниилмии «Мушкилоти ташаккули давлати ҳуқуқии сотсиалистӣ» коркард шуд. Дар он яке аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмиро моҳияти давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон ташкил медод.

Коркарди фаъолонаи назарияи давлати ҳуқуқбунёд ва давлати сотсиалистӣ оғоз ёфт. Ба ақидаи В.С. Нерсесянс назарияи мазкур метавонист, ба ҳайси «низоми принсипҳо ва меъёрҳо, ки баёнгари ақидаи мустақилияти халқ мебошад» баромад кунад, ҳамчун омили ташкилӣ-функсионалии тафовути институтҳои

---

[171] Ниг.: Фарбер И.Е. Права человека, гражданина и лица в советском обществе // Правоведение. – 1967. – № 1. – С. 41.
[172] Ниг.: Матузов Н.И. Субъективное право граждан СССР. – Саратов, 1966. – 190 с.
[173] Ниг.: Мальцев Г.В. Права личности: юридическая норма и социальная действительность // Конституция СССР и правовое положение личности. – М., 1979. – С. 50.
[174] Ниг.: Кучинский В.Л. Личность. Свобода. Право. – М., 1978. – 208 с.; Витрук Н.В. Основы правового положения личности в социалистическом обществе. – М., 1979. – 229 с.
[175] Ниг.: Гулиев В.Е., Рудинский Ф.М. Социалистическая демократия и личные права. – М., 1984. – С. 61.
[176] Ниг.: Мальцев Г.В. Социалистическое государство: исторический опыт и традиции // Социалистическое правовое государство: концепция и пути реализации / Отв. ред. В.С. Нерсесянц. – М., 1990. – С. 239.
[177] Ниг.: Материалы XIX Всесоюзной конференции КПСС. – М., 1988. – С. 122.
[178] Ниг.: Зорькин В.Д. Правовой характер взаимоотношений личности, общества и государства // Социалистическое правовое государство: концепция и пути реализации / Отв. ред. В.С. Нерсесянц. – М., 1990. – С. 93.

давлатӣ ва ғайридавлатӣ, таҷзияи ҳокимият дар низоми мақомоти давлатӣ хизмат намояд[179]. Кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои фард ба ҳайси шарти асосии амалигардонии назарияи мазкур эътироф шуда буд[180]. Дар баробари ин В.Е. Гулиев чунин қайд мекард, ки «мо ҳоло аз давлати ҳуқуқбунёди сотсиалистӣ басо дур ҳастем ва танҳо дар роҳе қарор дорем, ки метавонад, моро барои эҳёи чунин давлат расонад»[181].

Аз ҷониби В.Н. Кудрявсев ва Е.А. Лукашева принсипҳои зерини давлати ҳуқуқбунёди сотсиалистӣ асоснок карда шуданд: ҳукмронии ҳуқуқ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва волоияти қонун, ки баёнгари принсипҳои ҳуқуқии ҷомеа мебошад, ҳамбастагии қонун бо давлат, мақомотҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон, устувории озодии инсон, ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯ, ҳимоя ва кафолати онҳо; масъулияти мутақобилаи давлат ва фард; шаклҳои самарабахши назорат ва идоракунӣ аз рӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ[182].

М.В. Баглай, Р.О. Халфина, М.И. Пискотин, Б.М. Лазарев, Ю.А. Тихомиров, Н.С. Малеин, Р.З. Лившитс, И.Л. Петрухин аз дигар тараф ҷанбаҳои давлати ҳуқуқбунёди сотсиалистиро, ба мисли ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, волоияти қонун, қонунгузории давлати ҳуқуқбунёд, таҷзияи ҳокимият, адолати судӣ дар давлати ҳуқуқбунёд, давлати ҳуқуқбунёд ва фарҳанги ҳуқуқӣ, давлати ҳуқуқбунёд ва иқтисодиёт мавриди таҳлилу омӯзиш қарор доданд[183].

Тадқиқоти гузаронидашуда имконият медиҳад, ки хулосаҳои зерин пешниҳод шаванд:

1. Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар доираи раванди ҷустуҷӯи шакли дурусти муносибати мутақобилаи одамон миёни худ ва бо давлат

---

[179] Ниг.: Нерсесянц В.С. Концепция советского правового государства в контексте истории учений о правовом государстве // Социалистическое правовое государство. Проблемы и суждения / Отв. ред. Б.Н. Топорнин. – С. 58-60.
[180] Ҳамон ҷо. – С. 60.
[181] Ниг.: Гулиев В.Е. На пути к правовому государству // Социалистическое правовое государство. Проблемы и суждения / Отв. ред. Б.Н. Топорнин. – С. 108.
[182] Ниг.: Кудрявцев В.Н., Лукашева Е.А. Социалистическое правовое государство // Социалистическое правовое государство. Проблемы и суждения / Отв. ред. Б.Н. Топорнин. – С. 12-23.
[183] Ниг.: Социалистическое правовое государство // Социалистическое правовое государство. Проблемы и суждения / Отв. ред. Б.Н. Топорнин. – С. 109-193.

сурат гирифтааст. Ба ақидаи В.С. Нерсесянс: «Масъалагузории муосир оид ба ҳуқуқи инсон бо дарназардошти навоварӣ ва хусусиятҳои хоси он, ки дар заминаи сатҳи муосир ва сифати тамаддуни ҷаҳонӣ сурат мегирад, ба таҷрибаи бойи инсоният, пеш аз ҳама ба шаклҳои ҳуқуқии ташкили ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятии одамон такя менамояд …»[184].

Эътирофи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, таъмини адолатона, баробар ва хирадмандонаи он миёни аъзои ҷомеа дар ҷараёни инкишофи давлатдорӣ, рушди низоми ҳуқуқӣ амалӣ гаштааст. Раванди таърихии эътирофи ҳуқуқи инсон, васеъшавии ҳаҷми онҳо яке аз самтҳои инкишофи таърихии ҷомеа мебошад. Эътирофи ҳуқуқу озодиҳо инсон дар робита бо такмили шакл ва сохти давлатдорӣ, раванди таърихии иштироки одамон дар идоракунии давлатӣ сурат гирифтааст.

2. Инкишофи давлатдорӣ ба ташаккул, хусусиятҳои хос ва ҳаҷми ҳуқуқу озодиҳои инсон таъсиррасон мебошад. Дар баробари ин, шаклҳои демократии ташкили ҳокимият бештар ба рушди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таъсир расонидаанд. Чунончи, демократияи атиқӣ «навдаҳоеро тавлид намуд, ки ба он метавон номи «ҳуқуқи инсон»-ро гузошт»[185]. Дар рафти маҳдудсозии монархияи англисӣ ва ҷоринамоии намояндагии табақавӣ соли 1215 Хартияи Бузурги Озодӣ қабул гашт. Дар давраи ташкили сохти буржуазӣ дар Англия соли 1628 Дархост (петитсия) дар бораи ҳуқуқҳо ва соли 1678 Хабеас корпус акт қабул шуданд. Натиҷаи тасдиқи монархияи конститутсионӣ дар Англия ин қабул шудани Билл дар бораи ҳуқуқи инсон дар соли 1689 мебошад. Дар замони ташаккули ИМА Эъломияи ҳуқуқҳои Вирҷиния аз соли 1776 ва Эъломияи мустақилияти ИМА аз соли 1787 қабул гаштанд. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки инкишофи ҳуқуқи инсон аз ташаккули давлатдорӣ, ивазшавии вазъи сиёсӣ ва аз гузариш ба шаклҳои демократӣ ҷудонопазир аст.

---

[184] Ниг.: Нерсесянц В.С. Права человека в истории политико-правовой мысли. – С. 35.
[185] Ниг.: Лукашева Е.А. Понятие и генезис прав человека // Права человека / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – М., 2000. – С. 17.

3. Пас аз инқилобҳои буржуазии Аврупо, махсусан баъд аз тақвият пайдо намудани сиёсати хориҷии давлатҳои ғарбӣ ва имконияти паҳн намудани назарияҳои ғарбӣ раванди ғарбгароӣ дар Аврупо ва ИМА васеъ паҳн ва инкишоф меёбад. Мақсади асосӣ назарияҳои ғарбгароёнаро паҳн намудани таҷриба ва идеологияи давлатҳои ғарбӣ дар минтақаҳои дигари ҷаҳон ташкил медиҳад. Дар асарҳои илмӣ, ки солҳои 1990-ум, пас аз пош хӯрдани давлати Иттифоқи Шуравӣ нашр шуданд, таваҷҷуҳи асосӣ ба санадҳои ҳуқуқии Аврупо ва ИМА, ки болотар зикр шуданд, дода мешавад. Сипас, назарияи ғарбии либералӣ, ки шахсияти фарди озодро мутлақ мегардонад, паҳн мешавад. Солҳои 2000-ум кӯшиши паҳн намудани арзишҳои ғарбии ахлоқӣ-маънавӣ ва ҳуқуқӣ, ки анъанаҳои миллӣ, аз он ҷумла анъанаҳои миллии оила ва оиладорориро сарфи назар мекунанд, ба харҷ дода мешавад. Паҳн намудани фарҳанги ғарбии барои миллатҳои дигар бегона ҷузъи сиёсати далватҳои ғарбӣ эълон карда мешавад.

4. Таърихи инкишофи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон нишон медиҳад, ки ҷараёни ташаккули онҳо осон набуд ва аз шарту шароитҳои мушаххаси давлатҳои алоҳида, аз сатҳи инкишофи ҷомеа, аз тамаддуни ҳукмфармо, аз сатҳи шуури ҷамъиятӣ ва дигар омилҳои зиёд вобастагӣ дошт. Ба хусусияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ба таври назаррас сохти ҷамъиятӣ, шакли давлат, вазъи сиёсӣ, вазифаҳо, мақсад ва функсияҳои давлат ва идеология (ё ақида, назарияҳо ва ғояҳои расман эътирофгашта) таъсир расонидаанд. Инқилобҳои буржуазӣ бо эълон шудани ҳуқуқҳои фитрӣ ва таъминшавии озодии фардӣ, ки омили муҳим барои ташкил ва ташаккули сохти капиталистӣ ба шумор мераванд, ба итмом расиданд. Инқилоби сотсиалистӣ дар Русия (соли 1917) ба коркарди назарияҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, барои амалишавии он дар сохти сотсиалистӣ ва рад кардани буржуазияи инфиродӣ, барои коркарди назарияҳои фитрӣ ва таҷзияи ҳокимият мусоидат намуд. Ба таври дигар гӯем, дар доираи сохти капиталистӣ ва сотсиалистӣ назарияҳои гуногун дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон коркард шуданд. Дар давлатҳои алоҳида низ назария ва ақидаҳои муайян дар хусуси ҳуқуқ ва озодиҳои

инсон ташаккул ёфтанд. Ин раванд аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон падидаи тағйирпазир мебошанд.

5. Ташаккули ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун шакли зуҳуроти масъалаи робитаи инсон ва ҳокимият, инсон ва давлат бевосита бо рушди умумии давлат алоқамандии зич дорад. Масъалаи мазкур дар тули ҳазорсолаҳо диққати махсуси одамонро дар тамоми давлатҳо ба худ ҷалб намудааст. Тавре Е.А. Лукашева менависад: «Таърихи пайдоиш ва ташаккули давлатдорӣ бо раванди ҷустуҷӯи шаклҳои муфиди муносибати мутақобилаи ҳокимият ва инсон, ки ҳамеша пояи ҳар як давлат ба ҳисоб меравад, алоқаманд аст»[186].

Дар баробари ин, вазъи ҳуқуқии инсон дар ҷомеа аз сатҳи инкишофи давлат вобастагӣ дорад. Гегел чунин гуфтааст, ки «таърихи ҷаҳонӣ ин пешравӣ дар фаҳмиши озодӣ мебошад, пешравӣ ҳам бо маънои даркнамоии ҳақиқати объективӣ ва ҳам бо маънои объективикунонии ҳадафҳои ба дастовардашуда дар зинаҳои фаҳмиш дар доираи шаклҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ мебошад»[187].

Танҳо дар давлати ҳуқуқбунёд инсон бо ҳуқуқ ва озодиҳои худ расман чун арзиши волотарини иҷтимоӣ эътироф мегардад. Ҷомеа ва давлат дар зинаи ташаккул ва инкишофи худ ба як шакли ташкили ҳаёти инсон табдил меёбад, ки маҳз ба он инсоният дар тули вуҷуддории худ ниёз дошт. Омили муҳим дар роҳи ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ назарияҳои гуманитарӣ, некхоҳона, фитрии ҳуқуқи инсон, мебошанд, ки маҳз ба шарофати онҳо ҳамбастагӣ ва масъулияти дутарафаи давлат ва инсон дарк карда шуд. Дар назарияҳои нав арзиши иҷтимоии инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш пазируфта мешавад.

---

[186] Ниг.: Лукашева Е.А. Права человека и правовое государство // Права человека / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – С. 17.
[187] Ниг.: Гегель Г.В.Ф. Сочинения. – М.-Л., 1934. – Т.8. – С. 98-99.

## 1.3. Назарияҳои муосири робитаи давлат ва шахс

Шаклҳои муосири робитаи мутақобилаи давлат ва шахс дар бештар маврид бо ҳамкории давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон алоқамананд:

1. Андешаи мазкур дар давлатҳои пасошуравӣ дар заминаи ташаккулёбии ниҳодҳои давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ коркард карда мешаванд.

2. Шаклҳои муосири тавсифи масъалаи мазкур, ки диққати мутафаккирон, файласуфон ва тадқиқотчиёни насли пешро дар давраҳои гуногуни таърихӣ ба худ ҷалб карда буд, бештар ба натиҷаҳои ноилшуда такя мекарданд. Дар баробари ин, шароити нави фаъолияти ҷомеа ва унсурҳои дақиқи таърихӣ, анъанаҳои миллӣ, сатҳи инкишофи ҷомеа ва талаботи нави рушдёбии он, мушкилоти дорои моҳияти минтақавӣ ва байналмилалӣ буда, ҳамчунин, хостаҳои ҷаҳони муосир коркарди натиҷаҳои бадастовардашуда ва мутобиқнамоии онҳоро ба шарту шароити давлатҳои алоҳида талаб мекунанд.

3. Ба коркарди илмии мушкилоти муносибатҳои мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон, инчунин тавсифи муосир оид ба давлат, навъҳои дарки ҳуқуқ, назарияҳои ҳуқуқи инсон, гуногунрангии таърифу тавсифҳо оид ба давлати ҳуқуқбунёд низ таъсир расонидаанд. Гуногунии нуқтаҳои назар оид ба давлат, ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон, ки ба сатҳи илмии таҳқиқотҳо хос аст, сабаби гуногунрангии муносибатҳоро нисбат ба мушкилии ҳамбастагии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон муайян месозад.

4. Татбиқи амалии навъҳои мушаххаси давлати ҳуқуқбунёд ва назарияҳои ҳуқуқи инсон ба сифати ҳаллу фасли мушкилии мазкур таъсиррасон мебошад. Мушкилии муносибати мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон ҳаллу фасли худро дар доираи муносибатҳои таълимӣ ва амалӣ талаб менамояд, аммо он бояд бо дарназардошти амалишавии навъҳои давлати ҳуқуқбунёд сурат бигирад.

Дар аввали солҳои 1990 дар илми ҳуқуқшиносии пасошуравӣ назарияи пештара оид ба муносибати мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон бори дигар мавриди омӯзиш қарор гирифт. Раванди оҳиста дасткашӣ аз

парадигмаи идеологии назарияи шуравии таърихи давлат ва ҳуқуқ, аз ҷумла муносибати мутақобилаи давлат ва инсон оғоз ёфт. Назарияи шуравии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бо назарияи фитрии ҳуқуқи инсон иваз гардид. Дар рафти омӯзиши мушкилот оид ба даркнамоии давлат ва ҳуқуқ дар маркази он инсон бо ҳуқуқ ва озодиҳои худ қарор гирифт. Н.И. Матузов зикр менамояд: «Бояд қайд кард, ки дар гузаштаи начандон дур илми ҳуқуқ бештар хусусиятҳои расмӣ ва ҷанбаҳои ҳуқуқро бидуни «мазмуни инсонӣ» мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода буд, гарчанде ки чунин раванд бояд маҳз ба шахс, ба шуури ӯ, ба ирода ва зеҳни ӯ равона карда мешуд»[188].

Ҳангоми таҳлили мушкилот оид ба робитаи давлат ва шахс диққати махсус ба муносибати мутақобилаи ҳуқуқ ва шахс дода шуд. Н.И. Матузов дар хусуси масъалаи мазкур чунин қайд намудааст: «…дубора азназаргузаронии назарияҳо дар бораи муносибати мутақобилаи давлат ва шахс тағйироти ногузирро оид ба ҳуқуқ ва инсон дар назар дорад. Айни ҳол дар ҷойи аввал инсон ва манфиатҳои ӯ қарор гирифтаанд. На шахс барои ҳуқуқ, балки ҳуқуқ барои шахс. Ҳар ду сатҳи муносибат ба зинаи нав мебарояд»[189].

Шахс ба ҳайси омили аввалиндараҷа, ногузир ва муайянкунандаи ташаккули давлати ҳуқуқбунёд баррасӣ карда мешавад. Аз рӯи гуфтаҳои Д.А. Керимов, шахс – «созанда ва офарандаи давлати ҳуқуқбунёд буда, камолот ва рушди он дар роҳи некуаҳволӣ ва пешравӣ мебошад»[190].

В.Д. Перевалов чунин мешуморад, ки дар давлати ҳуқуқбунёд муносибатҳои мутақобилаи шартномавӣ миёни давлат ва шахсият дар сатҳи гуногун сурат мегирад. Азбаски давлати ҳуқуқбунёд ва шаҳрванд иштирокчиёни баробарҳуқуқи муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд, ба ҳайси шакли асосии ҳамбастагии онҳо шартнома баромад мекунад (оид ба ҷойи кор, қарз, хариду фурӯш ва ғайра)»[191]. Дар сатҳи олӣ муносибати шартномавӣ дар шакли конститутсионӣ таҷассум меёбад, агар қонуни асосӣ дар натиҷаи

---

188 Ниг.: Матузов Н.И. Право и личность // Общая теория права / Под общ. ред. В.К. Бабаева. – Нижний Новгород, 1993. – С. 223.
189 Ҳамон ҷо. – С. 223.
190 Ниг.: Керимов Д.А. Проблемы общей теории права и государства. Правовое государство. – М., 2001. – Т.1. – С. 68.
191 Ниг.: Перевалов В.Д. Теория государства и права. – М., 2005. – С. 305.

овоздии умумихалқӣ қабул шуда, «гурӯҳи ҳуқуқҳои махсусро, ки ба давлат дода шуда, ба шахси алоҳида тааллуқ надоранд, ҳамчунин гурӯҳи ҳуқуқҳои фитриро, ки мазмуни ҳаёти шахсии инсонро ташкил медиҳанд ва дахлнопазиранд», муайян созад[192].

Гуногунии идеологӣ ба паҳншавии назарияҳои зиёд дар бораи ҳуқуқи инсон ва тавсифҳои мухталиф оид ба давлати ҳуқуқбунёд мусоидат намуд. Дар баробари ин, намояндагони назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ, неопозитивистӣ, либераторӣ-ҳуқуқӣ, сотсиологӣ, антропологӣ ва дигар, ки дар ҷомеаи пасосотсиалистӣ васеъ паҳн шуданд, ҳуқуқи инсонро чун аломати ҷудонопазири давлати ҳуқуқбунёд эътироф намудаанд. Дар ҳар сурат, нисбат ба ҳуқуқ, ҳамбастагии ҳуқуқ ва давлат, робитаи мутақобилаи қонун ва ҳуқуқ ақидаҳои гуногун ҷой доранд. Аз ин лиҳоз, тавсифҳои муосир оид ба робитаи мутақобилаи давлат ва ҳуқуқи инсон гуногунранг буда, ба асосҳои мухталифи назариявӣ ва методологӣ такя мекунанд. Дар замони ҳозира дарки на якранга, балки гуногуни муносибати давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон пай бурда мешавад.

Коркарди тавсифи муосир оид ба муносибати мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон дар доираи проблемаҳои мухталиф амалӣ мешавад. Яке аз чунин масъалаҳо ин ғоя оид ба афзалияти ҳуқуқи инсон мебошад, ки бевосита бо мушкилии дигари илмӣ – мустақилияти шахсият алоқамандии зич дорад. С.С. Алексеев вазъи ҳуқуқии инсонро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода, дар зери мафҳуми ҳуқуқи инсон ҳуқуқҳои шахсияти алоҳида ва мустақилро дарк менамояд. Дар баробари ин, таъкид карда мешавад, ки «ҳуқуқи инсон дар як сатҳ бо давлат, ки омили ягона ва мустақил мебошад, қарор дорад, вале нисбат ба давлат афзалияти зиёдтарро доро аст»[193].

Е.А. Лукашева афзалияти ҳуқуқи инсонро нисбат ба давлат дар ҷои аввал мегузорад ва онро чун аломати муайянкунандаи давлати ҳуқуқбунёд мешуморад, зеро ҳуқуқи инсон чун «муқовимати асосӣ нисбат ба тавоноии ҳокимияти давлатӣ баромад

[192] Ниг.: Перевалов В.Д. Теория государства и права. – М., 2005. – С. 304.
[193] Ниг.: Алексеев С.С. Восхождение к праву. Поиски и решения. – М., 2001. – С. 660.

карда, барои таъмин намудани маҳдудшавии он ва худмаҳдуднамоӣ таҳрезӣ шудааст» ва миёни шахсият ва давлат «масофаро нигоҳ медорад»[194].

Худи ибораи «ҳуқуқи инсон» ҳуқуқҳои шахси алоҳидаро дар назар дорад. Ибораи мазкур ба ҳайси асоси ташкили фаҳмиши нав оид ба ҳуқуқи инсон, худи шахсият ва табиати иҷтимоиву ҳуқуқии ӯ баромад мекунад. Шакли ҳамбастагии давлат ва инсон, пеш аз ҳама, мустақилият ва озодии шахсиятро таъмин менамояд. Дувум, инсон дар муносибатҳои мутақобила бо давлат дар заминаи баробар чун шарики баробарҳуқуқ баромад мекунад. Сеюм, давлат ба таври расмӣ арзиши волои иҷтимоии инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро эътироф мекунад.

Дар давлати ҳуқуқбунёд шакли нави муносибати мутақобилаи давлат ва инсон истифода мешавад, ки мувофиқи он робитаи ҳуқуқӣ на танҳо дар асоси қонунгузории миллӣ, балки дар асоси стандартҳои байналмилалӣ ва арзишҳои ҳуқуқии умумиэътирофшуда сурат мегирад. Дар баробари ин, вазъи ҳуқуқии инсон дар тафовут аз вазъи ҳуқуқии шаҳрванди давлати муайян аз доираи қонунгузории миллӣ берун мебарояд, зеро ҳуқуқи инсон аз тарафи меъёрҳои байналмилалӣ ба танзим дароварда шуда, сифати миллиро мегирад.

Ҳуқуқи инсон на ба маънои паст кардани нақши давлат дар ҳаёти ҷомеа, балки бо мақсади ташкили муносибати мутақобилаи судманд миёни давлат (ҳокимият) ва одамон, ки дорои вазъи ҳуқуқии гуногун (шаҳрвандон, хориҷиён, шахсони бешаҳрвандӣ) мебошанд, афзалияти бештарро дорад. Давлат вазифадор аст, ки ба шахс, новобаста аз нажод, шаҳрвандӣ, вазъи иҷтимоӣ ва ғайра ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро кафолат диҳад, зеро инсон дорои ҳуқуқҳои дахлнопазир ва ҷудонопазир мебошад. Дар чунин шароит навъи муносибати мутақобилаи давлат ва ҳар як инсон таъмин мешавад, ки новобаста аз шаҳрвандӣ, нажод ва дигар хусусиятҳои шахсӣ амалӣ мегардад.

Дар адабиёти илмӣ кӯшиши шарҳи мафҳуми «робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон» ба харҷ дода мешавад. Масалан, ба ақидаи И.Ю. Антонов, «робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон ва

---

[194] Ниг.: Лукашева Е.А. Права человека, политика, мораль // Права человека / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – С. 178-179.

шаҳрванд – хусусияти объективӣ дошта, дар асоси талаботи воқеии ҳаёти давлатӣ таъмин шуда, дорои робитаи дутарафа мебошад ва барои муқаррарнамоӣ, риоя ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд дар ҷомеаи демократӣ равона шудааст»[195].

Ба ақидаи И.Ю. Антонов хусусиятҳои хоси робитаҳои мазкур бо омилҳои зерин муайян карда мешаванд: 1) ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бевосита бо ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқамандии зич дорад; 2) давлат кафили муқаррнамоӣ ва риоянамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мебошад; 3) давлат, ки худ омили ҷомеаи демократии шаҳрвандӣ мебошад, баҳсро (тариқи суд, ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, депутатон), ки дар рафти амалигардонии ҳуқуқ ва озодиҳои зикргардида ба миён меоянд, ҳаллу фасл мекунад[196].

Ҳамбастагии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон дар навъҳои гуногуни давлати ҳуқуқбунёд ва дар назарияҳои мухталиф оид ба ҳуқуқи инсон гуногунранг баҳогузорӣ карда мешавад.

Чунончи, моҳияти назарияҳои ҳуқуқӣ-позитивии давлати ҳуқуқбунёдро (К. Гербер, А. Дайси, Г Еллинек, Р. Иеринг, Н.М. Коркунов, П. Лабанд, А. Эсмен ва диг.) «кӯшиши ташкил додани ин ё он сохторе, ки маҳдудшавии ҳуқуқии давлатро ба миён меорад», ташкил медиҳад. Дар баробари ин, тафовути миёни ҳуқуқ ва қонун рад карда мешавад, ҳуқуқ ба муқаррароти давлатӣ табдил меёбад… ҳуқуқ ва озодиҳои шахсият, ташкилотҳо ва умуман ҷамъият аз нигоҳи чунин муносибат моҳияти объективӣ ва мустақили худро аз даст дода, ба арзиши аз боло ҳадяшуда табдил меёбанд[197].

Аз рӯи гуфтаҳои В.В. Лапаева, муносибати позитивӣ қобилияти ифода кардани омилҳои тафриқанамоии мабдаҳои ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқиро дар ҳаёти

---

[195] Ниг.: Антонов И.Ю. Правовое государство и основные права и свободы человека: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2005. – С. 14.
[196] Антонов И.Ю. Асари ишорашуда. – С. 14.
[197] Ниг.: Нерсесянц В.С. Философия права. Учебник для вузов. – М.: Норма, 1997. – С. 104.

ҷамъиятӣ надорад[198]. Муносибати неопозитивӣ бошад, аз ҷониби муаллиф чун «муносибати ҳуқуқӣ-фитрӣ» муайян карда шудааст[199].

Тарафдорони назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ ақидаи волоияти ҳуқуқи инсонро нисбат ба давлат ҳимоя карда, нақши ҳуқуқи инсонро дар маҳдудсозии қудрати беинтиҳои ҳокимият мебинанд. Ба андешаи онҳо, ҳуқуқи инсон ҳадди фаъолияти давлатро муайян мекунад ва агар давлат аз он берун барояд, пас сифати ҳуқуқии худро гум мекунад. Намояндагони назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ ҳамбастагии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсонро дар робита бо арзиши давлати ҳуқуқбунёд, ҳуқуқҳои фитрии инсон, ки дорои афзалияти зиёд дар давлати ҳуқуқбунёд мебошанд, муайян мекунанд.

Ҳуқуқи инсон мақсад ва вазифаҳои давлатро тасҳеҳ мекунанд. Ҳуқуқи инсон нақши давлати ҳуқуқбунёдро бо ҳимоя ва таъмини ҳуқуқҳои шахсият муайян намуда, нақши басо муҳим дорад. Дар адабиёти илмии муосир вазифаи асосии давлати ҳуқуқбунёд бо ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон муайян карда мешавад[200]. Ба таври дигар гӯем, давлат кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро таъмин мекунад. Он аз ҷониби давлат фароҳам овардани шароити мусоиди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, экологӣ ва ғайраро барои таъмини ҳуқуқи инсон ва ташкил кардани низоми самаранок барои ҳимояи онҳо пешбинӣ менамояд.

Дар давлати ҳуқуқбунёд муносибати мутақобилаи инсон ва ҳокимият ранги навро мегирад. Вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии инсон чун субъекти фаъоли муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ тағйир меёбад. Инсон ҳам алоҳида ва ҳам тавассути ташкилотҳои сиёсӣ бевосита бо давлат дар алоқа мешавад ва шаклҳои гуногуни назорати ҳокимиятро истифода мекунад. Таъсири пештараи давлат (субъект) ба инсон (объекти таъсиршавандаи ҳокимият) дар давлати ҳуқуқбунёд хусусияти робитаи дутарафаро мегирад, зеро инсон аз объекти муносибаҳои ҳокимиятӣ ба субъекти баробарҳуқуқ табдил меёбад. Е.А. Лукашева қайд менамояд, дар

---

[198] Ниг.: Лапаева В.В. Российская юриспруденция в поисках нового типа правопонимания // Наш трудный путь к праву: Материалы философско-правовых чтений памяти академика В.С. Нерсесянца / Сост. В.Г. Графский. – М., 2006. – С. 47.
[199] Ҳамон ҷо. – С. 48.
[200] Лапаева В.В. Асари ишорашуда. – С. 48.

таъминнамоии шаъну шарафи инсон «нақши муҳим ба хусусияти муносибати мутақобилаи инсон ва ҳокимият дода мешавад. Дар он инсон на ба ҳайси объект, балки чун шарики баробарҳуқуқ баромад карда, дар ҳолатҳое, ки аз ҷониби қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст, дар рафти қабули қарорҳо ва амалигардонии назорат нисбат ба фаъолияти сохторҳои давлатӣ, ки аз васояти пуртазоди ҳокимияти давлатӣ озод мебошанд, иштирок мекунад»[201].

Маҳз хусусияти муносибатҳо миёни ҳокимият ва шахсият дар таъминнамоии ҳуқуқи инсон нақши муҳимро мебозад ва ба ҳайси индикатори бакамолрасии ҷомеа ва давлат, нишондиҳандаи инкишофёбии мабдаъҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти давлатӣ баромад мекунад. Дар реҷаҳои сиёсии истибдодӣ, тоталитарӣ ва авторитарӣ шарту шароити зарурӣ барои ташкил кардани муносибатҳои судманд миёни ҳокимият ва шахсият вуҷуд надорад. Дар чунин давлатҳо муносибати мутақобилаи давлат ва шахсият дар шакли муносибати ҳокимият бо издиҳом (шахсони бебаҳра, ҳимоянашаванда, беҳуқуқ) зоҳир мегардад ва дар он ҳокимият ба одамон чун ба объекти таъсиррасонии беохир муносибат мекунад. Дар давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ инсон дар баробари давлат чун субъекти баробарҳуқуқ дар муносибатҳои ҳокимиятӣ баромад мекунад. Миёни давлат ва инсон муносибати шарикона ба роҳ монда мешавад. Аз як тараф давлат вазифаҳо оид ба эътирофнамоӣ, риоякунӣ ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро ба зиммаи худ мегирад ва аз тарафи дигар бошад, инсон имконияти васеъ ва кафолатшударо, ки аз ҷониби давлат таъмин мегардад ва барои амалигардонии ҳуқуқ ва озодиҳои шахс хизмат мекунад, ба даст меорад. Дар баробари ин, амалишавии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бо иҷро кардани вазифа ва уҳдадориҳои муайян дар назди одамон, давлат ва ҷомеа ҳамроҳӣ карда мешавад. Амалишавии ҳуқуқ ва озодиҳо бояд масъулиятнокиро нисбат ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва наслҳои оянда ба вуқуъ орад. Шакли нави робитаи мутақобила миёни давлат ва инсон дар доираи масъулиятнокии дутарафа ташкил мешавад.

[201] Лукашева Е.А. Асари ишорашуда. – С. 183.

Реҷаи сиёсӣ дар таъминнамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон нақши муҳимро мебозад. Ҳуқуқи инсон на фақат аз давлат (ҳокимият) ҷудонопазир аст, балки инчунин бо сиёсати давлат, ҳаёти сиёсӣ ва вазъи сиёсӣ низ алоқамандии зич дорад. Раванди амалишавии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳамеша дар доираи реҷаи сиёсии муайян сурат мегирад. Пуррагӣ, сатҳи кафолатшавӣ ва амалигардонии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз намуди реҷаи сиёсӣ вобастагӣ дорад. Аз ин лиҳоз, таҳлили муносибати мутақобилаи ҳуқуқи инсон ва сиёсат барои муайян сохтани табиати ҳақиқии ҳокимият ва сиёсат дар доираи ҳуқуқи инсон дорои моҳияти аслӣ мебошад.

Муносибати мутақобилаи давлат ва инсон масъалаи доимии илмҳои фалсафа, ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ ва дигар ба ҳисоб меравад. Муносибати мутақобилаи давлат ва шахсият айни замон муносибати мутақобилаи давлат ва ҳуқуқи инсонро низ дар назар дорад. Сатҳи таъминшавии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз хусусиятҳои муносибати мутақобилаи давлат ва шахсият вобастагӣ дорад.

Вобаста ба шакли давлат ва вазъи сиёсии муқарраршуда назария ё ақидаи муайян оид ба ҳуқуқи инсон истифода карда мешавад. Дар доираи таълимоти либералӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ки дар давраи инқилобҳои буржуазӣ коркард шуда буд, муносибати мутақобилаи давлат ва шахсият ба сатҳи комилан нав дар асоси назарияи фитрии ҳуқуқи инсон мебарояд. Ҳуқуқҳои фитрии инсон ба ҳайси омили асосии ҳокимияти давлатӣ ҳисобида шуда, чун мабдаи худмаҳдудшавии ҳокимият истифода мешаванд. Назарияи фитрии ҳуқуқи инсон ба худсарӣ ва беназоратии ҳокимияти давлатӣ хотима бахшид. Ба зиммаи давлат вазифа оид ба ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи инсон вогузошта мешавад. Ҳуқуқҳои фитрӣ нақши оқилонаи ҳокимияти давлатиро иҷро мекунанд. Муносибати оқилона ба баҳогузории ҳокимият ворид мешавад. Дар муносибатҳои мутақобилаи давлат ва шахсият инсон дар ҷои аввал меистад. Дар доираи таълимоти либералии классикӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба ҳайси асосҳои аслӣ озодии инфиродӣ ва баробарӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ ва сиёсии инсон, мустақилияти инфиродӣ эътироф гаштанд. Тавсифи либералии ҳуқуқ ва

озодиҳои шахсият ба коркард ва ташаккули ғояи давлати ҳуқуқбунёд, ки дар асоси ҳуқуқи инсон баҳогузорӣ мешавад, мусоидат менамояд.

Либерализми буржуазии классикӣ ба ақидаи дахолат накардани давлат ба ҷомеа асос ёфта, нақши давлатро басо маҳдуд месозад. Он пурра ба давраи ташаккули капитализм мутобиқат мекунад. Аммо, сипас дар баробари фаъолшавии фаъолияти иқтисодӣ-иҷтимоии давлат, барои таъминнамоии ҳуқуқҳои иқтисодӣ-иҷтимоии инсон (илова ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ) либерализми классикӣ такмили худро талаб мекард. Дар асри XIX дар давраи тафриқаи молу мулкӣ ва сатҳи баланди низои иҷтимоӣ дар ҷомеаи ғарбӣ дар асоси ислоҳоти иҷтимоӣ аз ҷониби неолибералон кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки либерализми классикӣ ба шароити нав мутобиқ карда шавад. Ба раванди мазкур муқобилият аз ҷониби либералон-консерваторон ба чашм мерасид.

Таълимоти классикӣ (буржуазӣ) дар хусуси ҳуқуқи инсон тағйиротҳои куллиро аз сар гузаронд ва иллатҳои худро дар давраҳои таърихии минбаъда ошкор сохт. Чи тавре ки Е.А. Лукашева қайд мекунад, таълимоти классикии буржуазӣ-либералӣ дар бораи ҳуқуқи инсон (ба озодӣ, баробарӣ, фардигароӣ, афзалияти ҳуқуқи инсон ва давлати ҳуқуқбунёд) саҳми босазое дар тамаддуни инсонӣ буда, пояи муносибати гуманитарӣ, яъне инсонро ба давлат коркард намуда, инсонро бо ҳуқуқ ва озодиҳояш дар маркази инкишофи ҷамъият ҷойгир намудааст. Аммо дар баробари омилҳои гуманистии худ назарияи мазкур аз камбудиҳо ва ифротҳои романтизми буржуазӣ иборат буд, ки онҳо дар раванди инкишофи минбаъдаи ҷомеаи капиталистӣ ошкор гаштанд ва талаби такмили баъзе аз принсипҳои худ, аз ҷумла маҳдудшавии нақши давлат дар ҳаёти иқтисодӣ асоснок мекунад[202].

Дар шароити мазкур назарияҳои нав тавлид гаштанд, ки кӯшиши ҳаллу фасл кардани низоъҳои иҷтимоии ҷомеаи ғарбиро ба харҷ медиҳанд. Яке аз чунин назарияҳо назарияи марксизм ба шумор меравад. Муқаррароти асосии назарияи марксистӣ аз табадулотҳои инқилобии ҷомеа ва инсон, диктатураи пролетариат,

[202] Ниг.: Лукашева Е.А. Человек и государство // Права человека / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – С. 222-223.

яъне «ҳокимияте, ки аз ҷониби қонун маҳдуд намешавад»[203], ақидаи «тобеияти иродаи одамон ба як шахс», танқиди «демократияи тозаи» буржуазӣ ва ҳимояи ғояҳо оид ба демократияи синфӣ, инчунин, аз танқиди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар он инсон «ҳамчун шахси инфиродӣ» амал мекунад, рад кардани ақидаҳо оид ба тақсимшавии шахс ба инсон ва шаҳрванд, танқиди индивидуализми буржуазӣ, ҳуқуқҳои фитрӣ ва асосноккунии ғояи «ҷамъиятигардонии» инсон[204] ва танқиди моликияти хусусӣ иборат буд[205].

Муқаррароти марксистӣ-ленинии зикргардида ба заминаи назарияи марксистӣ оид ба муносибати мутақобилаи давлат ва инсон табдил ёфт. Онҳо шакли ҳамбастагии давлати иҷтимоӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандро низ муайян сохтанд. Тавре Н.И. Матузов қайд мекунад, «муддати садсолаҳо дар мафкураи одамон ақидае ҷойгир шуд, ки мувофиқи он ҳуқуқҳо аз ҷониби давлат, ҳизб, ҳукумат ва ҳатто аз ҷониби шахси алоҳида, яъне ҳоким ба фард ҳадя ва пешниҳод карда мешаванд. Имрӯз бартарии ҳуқуқҳои фитрӣ ва ҷудонопазири инсон эътироф шудаанд, ки аз ҷониби худи табиат ба инсон «тақдим» гаштааст. Албатта, қисми зиёди ҳуқуқҳо аз ҷониби фард дар рафти муомилаи иҷтимоии ӯ «чун арзиш ба даст оварда мешаванд» ё дар рафти муносибати ҳуқуқӣ аз ҷониби ҳокимият мувофиқи ҳуқуқҳои фитрӣ муқаррар мегарданд. Вале онҳо набояд аз хоҳиши одии давлат вобастагӣ дошта бошанд («медиҳам» ё «мегирам»)[206].

Л.И. Глухарева се намуди ташаккули муносибатҳои сиёсӣ-ҳуқуқиро миёни давлат ва фард ҷудо мекунад: этатистӣ, либералӣ ва демократӣ. Ҳар яке аз шаклҳои пешниҳодгардида ба назарияи муайян оид ба ҳуқуқи инсон асос ёфтааст. Дар доираи шакли этатистӣ назарияи позитивистии ҳуқуқи инсон асоснок мегардад ва давлати этатистӣ барпо мешавад, реҷаи этатистӣ ва муносибатҳои патерналистӣ ба роҳ монда шуда, давлат чун арзиши олӣ эътироф мегардад, кафолати баъзе аз ҳуқуқҳо бо роҳи манъ кардани баъзе шаклҳои фаъолият амалӣ

---

[203] Ниг.: Маркс К., Энгельс Ф. Соч. – Т. 4. – С. 332.
[204] Ниг.: Маркс К., Энгельс Ф. Соч. – Т. 1. – С. 402.
[205] Ниг.: Маркс К., Энгельс Ф. Соч. – Т. 36. – С. 218.
[206] Матузов Н.И. Асари ишорашуда. – С. 235.

гашта, бегонашавии пурраи ҳокимият аз фард ба миён меояд. Дар доираи назарияи либералӣ муносибати мутақобилаи давлат ва фард дар асоси ҳуқуқҳои ҷудонопазири инсон, афзалияти онҳо дар назди давлат, муносибати танқидона нисбат ба давлат, маҳдуд намудани соҳаҳои фаъолияти давлат дар соҳаи ҳаёти шахсӣ ва ба давлат боқӣ гузоштан тавассути вазифаҳои созиши иҷтимоӣ сурат мегирад. Назарияи демократӣ муносибатҳои мутақобилаи фарҳангиро дар асоси истифодабарии арзишҳои либералӣ ва иҷтимоӣ миёни давлат ва фард таъмин намуда, тавассути он роҳи савуми инкишофи ҳуқуқии ҳуқуқи инсонро дар доираи чораҳои либералӣ-иҷтимоӣ пайдо мекунад[207].

К.А. Бабаджанян ду назарияи таърихӣ оид ба робитаи мутақобилаи фард ва давлатро ҷудо месозад. Назарияи якум, ки дар давлати Шуравӣ ташаккул ёфтааст, аз афзалияти манфиатҳои давлатӣ нисбат ба манфиатҳои шахсӣ иборат аст. Назарияи дуюм, ки дар эҷодиёти Ҷ. Локк, Г. Гротсий, Ш. Монтескйе ва дигарон коркард шудааст, афзалияти манфиатҳои шахсиро нисбат ба манфиатҳои давлатӣ асоснок менамояд. Дар замони ҳозира бошад, назарияи сеюм пешбарӣ карда мешавад, ки мувофиқи он афзалият на ба манфиатҳои шахсӣ ва на ба манфиатҳои давлатӣ дода мешавад, балки баробарӣ миёни ин ду институти ҳуқуқӣ гузошта мешавад. Назарияи мазкур пешниҳод менамояд, ки миёни манфиатҳои шахсӣ ва давлатӣ тавозуни баробар муқаррар карда шавад, яъне мабдаҳои фардӣ ва давлатӣ дар рафти ҳаёти ҷамъиятӣ бо ҳам пайваст бошанд[208].

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти муосир ду роҳи назарии ҳалли мушкилоти робитаи мутақобилаи шахсият, ҷомеа ва давлат пешниҳод шудааст: коллективӣ ва инфиродӣ (либералӣ), ки дар таълимотҳои муосири ҳуқуқӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир гаштаанд. Назарияи коллективӣ дар асоси эътироф кардани афзалияти ҷомеа нисбат ба шахсият коркард шуда, дар давраи нав дар назарияҳои гуногун (ба мисли Ж.Ж. Руссо, сотсиализми хаёлпараст, марксизм) истифода шудааст.

---

[207] Ниг.: Глухарева Л.И. Права человека в системе теории права и государства: общетеоретические, философско-правовые и методологические проблемы: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2004. – С. 278-286.

[208] Ниг.: Бабаджанян К.А. Современная концепция взаимоотношения государства и личности // Правовая политика и правовая жизнь. – 2011. – № 4. – С. 115.

Ақидаи мазкур дар реҷаҳои тоталитарӣ низ арзи ҳастӣ кардааст. Индивидуализм бошад, ба пояи ташаккули ҷаҳонбинии либералӣ дар асрҳои XVII ва миёнаи аввали асри XIX табдил ёфт, ки дар доираи он ҳуқуқҳои ҷудонопазири инсон ба ҳаёт, ба озодӣ, ба моликият эълон гаштанд. Аммо каме дертар маҳдудияти индивидуализми классикӣ ошкор гардид, зеро он «ба атомистикаи иҷтимоӣ раҳнамоӣ намуда, ҷамъиятро чун маҷмуи механикии шахсони мустақил баррасӣ мекард»[209]. Ҳангоми табдилёбӣ, назарияи либералӣ-фардии шахсият «аз ҳисоби баъзе мафҳумҳои анъанавии коллективизм, ба мисли «ҳуқуқҳои иҷтимоӣ», «адолати иҷтимоӣ» ва «масъулияти муштарак» ғанӣ гардид[210].

Пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ кӯшиши инкишоф додани назарияҳои фардӣ ва коллективии шахсият оғоз ёфт, ки минбаъд дар ғояҳои гуногуни давлати иҷтимоӣ, аз ҷумла дар таълимотҳои сиёсии сотсиал-демократорон ва демократорони насронӣ, ки принсипҳои озодии инфиродӣ, адолат, масъулияти муштарак ва манфиатҳои умумиро бо ҳам муттаҳид месохтанд, ифода ёфт. Дастгирии давлатии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳаллу фасли мушкилоти иҷтимоӣ бо роҳи нигоҳ доштани бозор ва озодии инфиродӣ амалӣ гардонида мешуд[211].

Дар назарияи либертарӣ-ҳуқуқӣ оид ба давлати ҳуқуқбунёд, ки аз ҷониби В.С. Нерсесянс коркард шудааст, давлати ҳуқуқбунёд бо ду маъно тавсиф шудааст: чун шакли ташкили ҳокимият ва чун «шакли махсуси робитаи ҳуқуқӣ миёни шахсон, ҷомеа ва давлат»[212]. Дар баробари ин, ҳам ҳуқуқҳои фитрӣ ва ҳам ҳуқуқҳои шаҳрвандон омили гуманитарии давлати ҳуқуқбунёдро ташкил дода, бо дигар қисмҳои он (меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва институтсионӣ-ҳуқуқӣ) ҷанбаҳои гуногуни волоияти ҳуқукро муайян мекунад.

Шакли либертарӣ-ҳуқуқии ҳамтаъсиррасонии ҳуқуқи инсон ва давлати ҳуқуқбунёд дар дарки либертарии ҳукуқ, аз ҷумла дарки либертарии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон зоҳир мешавад. Дар назарияи мазкур ҷараёни инкишоф ҳам дар

---

[209] Ниг.: Утяшов Э.К. Личность, общество и государство // Проблемы теории государства и права / Под ред. В.М. Сырых. – М., 2008. – С. 134.
[210] Ҳамон ҷо. – С. 134.
[211] Утяшов Э.К. Асари ишорашуда. – С. 134-135.
[212] Ниг.: Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства. – М., 1999. – С. 308.

давлати ҳуқуқбунёд ва ҳам дар ҳуқуқу озодиҳои инсон мушоҳида мешавад. Ба ақидаи В.С. Нерсесянс, давлати муосири ҳуқуқбунёд шакл ва намуди нави «ташкилоти инкишофёфта ва ҳуқуқии ҳокимияти сиёсии шахсони озод мебошад, ки расман ба ҳайси субъектон бо ҳуқуқ ва озодиҳои тавлидӣ ва ҷудонопазири худ, инчунин, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд эътироф гаштаанд»[213]. Шакли ҳуқуқии ташкили ҳокимият дар назарияи лебертарӣ дар асоси ақида оид ба тафовути ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд амалӣ мегардад. Дар баробари ин, фарди озод ҳам ба ҳайси субъекти ҳуқуқҳои фитрии инсон ва ҳам ба ҳайси субъекти ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд баромад менамояд.

Назарияи либертарӣ оид ба давлати ҳуқуқбунёд ақида оид ба ҳамбастагии ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ ва субъектони ҳуқуқро асоснок мекунад. Мувофиқи назарияи мазкур дар давлати ҳуқуқбунёд робитаи мутақобилаи ҳокимият бо зердастон ҳамеша дорои хусусияти ҳуқуқӣ мебошанд. «Давраи хотимавии назария ва амалияи давлати ҳуқуқбунёд, яъне ҳадафи ниҳоии он аз ташаккули шакл ва хусусияти ҳуқуқии робитаи мутақобила (яъне, ҳуқуқ ва озодиҳои мутақобила) миёни ҳокимияти давлатӣ ва зердастон, ки ба ҳайси субъектони ҳуқуқ эътироф шудаанд ва ба онҳо кафолати баробарии шаклӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дода шудааст, иборат мебошад»[214].

Чунин шакли инкишофёфтаи давлати ҳуқуқбунёд дар асоси як гурӯҳ шартҳо имконияти амалӣ гаштанро дорад. Аз рӯи гуфтаҳои С. Нерсесянс, давлати муосири ҳуқуқбунёд «аз сатҳи муосири пешравӣ дар соҳаи озодии инсон ва аз сатҳи инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳуқуқ ва давлат иборат аст»[215]. Муаллиф боварии комил аз он дорад, ки «бе инкишофи озодӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон ё халқ коркарди бошуурона, ташаккули ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии шакли муносиби давлати ҳуқуқбунёд номумкин аст»[216].

---

[213] Ниг.: Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства. – М., 1999. – С. 310.
[214] Ниг.: Нерсесянц В.С. Философия права. Учебник для вузов. – М.: Норма, 1997. – С. 106.
[215] Ниг.: Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства. – М., 1999. – С. 310.
[216] Ҳамон ҷо.

Дар назарияи либертарӣ озодӣ ба ҳайси омили пешравии ҷамъият, тамаддун ва инсон хизмат мекунад. Давлати ҳуқуқбунёд шакли зоҳиршавӣ ва амалишавии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Мазмун, хусусиятҳои хос, паҳншавӣ, ҳаҷм, субъектон ва соҳаҳои озодӣ дар асоси сатҳи инкишофи иҷтимоӣ-таърихии одамон муайян карда мешавад[217].

Дарки либертарӣ-ҳуқуқии давлати ҳуқуқбунёд ва муносибати мутақобилаи он бо одамон аз назарияҳои позитивистии давлати ҳуқуқбунёд ва ақидаҳои авторитариву тоталитарӣ оид ба озодии инсон ва ҳуқуқҳои ӯ фарқ мекунад. Фарқияти мазкур дар он аст ки «қобилияти субъекти ҳуқуқ будани шахс, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, хусусияти ҳуқуқӣ доштани муносибатҳои ӯ бо ҳокимият – маҳсули ирода ва хоҳиши ҳокимияти сиёсӣ, «ҳадя»-и он ё гузашт барои мардум набуда, ҷузъи муҳим ва таркибии ҳуқуқ мебошад, ки дар ҷомеа ташаккул ёфта, риояи он уҳдадории ҳуқуқии ҳар як нафар, пеш аз ҳама, вазифаи ҳокимияти давлатӣ ва намояндагони он мебошад. Маҳз дар ҳамин моҳияти муқобилгузории анъанавии ақидаҳои давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқҳои ҷудонопазири инсон дар назарияҳои тоталитарӣ дида мешавад»[218].

Бо мурури инкишофи ҷамъияти инсонӣ нақши иҷтимоии ҳуқуқи инсон нисбат ба давлат тағйир меёбад. Эътироф кардани ҳуқуқҳои ҷудонопазири инсон дар сатҳи ҳуҷҷатҳои инқилобҳои буржуазӣ ва сипас дар санадҳои байналмилалӣ ва конститутсияҳои демократӣ ҳуқуқи инсонро воситаи таъсиррасон ба моҳият ва вазифаҳои давлат табдил дод. Мақсади мубориза барои ҳуқуқи инсон «на дар барҳам додани давлат, балки дар тағйир додани табиати он ва табдил додани он ба усули тасдиққунандаи ҳуқуқи инсон дида мешавад»[219].

Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон на фақат ба ҳайси аломати ҷудонопазири давлат, балки ба ҳайси нишондиҳандаи ҷамъият баромад мекунад. Ба ақидаи Н.И. Матузов «дар ҷомеаи демократӣ ҳуқуқ ва озодиҳои инсон институти иҷтимоӣ ва сиёсӣ-ҳуқуқие мебошад, ки аз сатҳи рушд ва ба камолрасии ин ё он ҷамъият

[217] Ниг.: Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства. – М., 1999. – С. 310.
[218] Ниг.: Нерсесянц В.С. Философия права. Учебник для вузов. – М.: Норма, 1997. – С. 106-107.
[219] Ниг.: Лукашук И.И. Глобализация, государство, право, XXI век. – М., 2000. – С. 9.

шаҳодат медиҳад… маҳз аз ин лиҳоз давлатҳо, халқиятҳо ва ҷомеаи ҷаҳонии рушдёфта ҳуқуқи инсон ва ҳифзи онҳоро чун армони куллӣ, асоси пешравиву тараққиёт ва заминаи сулҳу адолат эътироф мекунанд»[220].

Дар адабиёти пасошуравӣ яке аз масъалаҳои мубрами дигар дар баробари коркарди илмии масъалаи ҳуқуқи инсон ва давлати ҳуқуқбунёд ин таҳқиқи имконияти истифодаи шаклҳои ғарбии давлати ҳуқуқбунёд дар кишварҳои пасошуравӣ баромад мекунад. Ҳаллу фасли масъалаи мазкур, пеш аз ҳама, баррасии ҷанбаҳои назариявӣ, омилҳои истифодаи амалии ақида ва назарияҳои ғарбиро дар назар дорад. Амалишавии назарияи ҳуқуқҳои ҷудонопазири инсон, идеологияи индивидуализми буржуазӣ, ақидаҳо оид ба мустақилияти инфиродӣ ва озодиҳои фард дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон бо як қатор мушкилиҳо дучор мешавад. Зуҳуроти мазкур дигар давлатҳои пасошуравиро низ дар бар гирифтааст. Тавре В.С. Нерсесянс қайд мекунад: «Идеологияи ҳуқуқҳои фитрӣ ва ҷудонопазири инсон, озодӣ ва баробарии расмии субъектон чун принсипҳои асосии танзими ҳуқуқӣ, эҳтимолияти ҳамбастагии давлат ва ҳуқуқ дар амалияи иҷтимоии рус тавлид нашудаанд. Зиёда аз ин, онҳо то ҳол аз ҷониби шуури ҳуқуқии оммавӣ ва касбӣ ба таври дуруст дарк нашудаанд,… назарияҳои ғарбӣ дар муҳити рус на он қадар хуб реша давонда, дар замони ҳозира ба воқеияти сиёсии он бегона мебошад»[221].

Мувофиқи эътиқоди як гурӯҳ муаллифон дар сурати воридшавии бевоситаи назарияҳои ғарбӣ оид ба давлати ҳуқуқбунёд дар ҷомеаи пасошуравӣ ба инкишофи тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат намекунад, балки баръакс, ба вайроншавии институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ оварда мерасонад[222].

М.Н. Марченко чунин изҳори ақида кардааст: «Бояд қайд кард, ки дар адабиёти мо дар солҳои охир тамассули беасоси вазъи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Ғарб ба чашм мерасад. Инкори ҳуқуқ ва озодиҳои воқеии шаҳрвандони

[220] Матузов Н.И. Асари ишорашуда. – С. 232.
[221] Ниг.: Нерсесянц В.С. Постсоциалистическое общество, право и государство в России // Проблемы общей теории права и государства / Под ред. В.С. Нерсесянца. – М., 2001. – С. 720.
[222] Ниг.: Биктасов О.К., Щербаковский Г.З. Взаимодействие государства и гражданского общества в условиях интеграции в международную правовую систему: некоторые вопросы истории и теории // История государства и права. – 2006. – № 6.

давлатҳои ғарбӣ (ифроти аввал) дар давраи то азнавсозӣ бо раванди пас аз бозсозӣ иваз гашт, ки бо тамассул, аниқтараш бо мутлақгардонӣ (ифроти дувум) вобастагии зич дошт»[223].

Таҳқиқот оид ба ҳамбастагии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон бе робитаи мутақобилаи онҳо бо ҷомеаи шаҳрвандӣ яктарафа хоҳад шуд. Робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва шахсият маҳз дар доираи ҷомеаи шаҳрвандӣ сурат мегирад. Н.В. Варламова чунин ақида дорад, ки «давлати ҳуқуқбунёд – институти ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад ва дар сурати набудани он давлат хусусияти ҳуқуқии худро ногузирона аз даст медиҳад, зеро муносибатҳои ҳуқуқӣ танҳо миёни шахсони инфиродӣ – моликони озод пайдо мешаванд»[224]. Нуқтаи назари мазкур дар асоси ақидаи мустақилияти инфиродӣ, ки дар доираи он ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳайси кафили вуҷуддории давлати ҳуқуқбунёд баромад карда, дар баробари ин соҳаи «мустақилияти инсон дар роҳи бадастории мақсадҳои шахсии худ мебошад»[225], коркард шудааст. Дар баробари ин, «ҳама иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоӣ чун субъектони озод ва расман баробар баромад карда, манфиатҳои худро ҳимоя ва амалӣ мегардонанд»[226].

Ақидаи «мустақилияти фардӣ» аз ақидаҳои фардигароии буржуазӣ сарчашма гирифта, минбаъд ба ҳайси ғизои маънавии либерализми буржуазӣ хизмат кардааст. Ақидаҳо оид ба озодии фардӣ ва баробарии умумиву шаклӣ, хусусияти фитрии ҳуқуқи инсон, дахолат накардани давлат ба ҳаёти шахсӣ, давлати «ақалӣ» (давлати «дидбони шабона»), дахлнопазирии озодии инфиродӣ ва моликияти шахсӣ дар либерализми буржуазии классикӣ мавқеи марказиро ишғол намуд.

Э.К. Утяшов чунин нуқтаи назар дошт: «Сипас, маҳдудияти фардигароӣ ба зудӣ ошкор гашт. Он ба атомистикаи иҷтимоӣ раҳнамоӣ карда, ҷамъиятро чун маҷмуи фардони мустақил баррасӣ мекард. Ғайр аз ин, вазъи иҷтимоии

[223] Ниг.: Марченко М.Н. Теория государства и права. – М., 2004. – С. 437.

[224] Ниг.: Варламова Н.В. Постсоциалистическое общество. Право и государство в России // Проблемы общей теории права и государства. Учебник / Под ред. В.С. Нерсесянца. – М., 2004. – С. 721.

[225] Варламова Н.В. Асари ишорашуда. // Проблемы общей теории права и государства. Учебник / Под ред. В.С. Нерсесянца. – С. 720.

[226] Ҳамон ҷо. – С. 720-721.

тағйирёфта талаби даст кашиданро аз назарияи куҳна дар бораи дахолат накардани давлат ба иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ ҳимоя мекард. Ҳангоми тағйир додани ин ва дигар омилҳои ҷойдошта либерализм ба ақидае омад, ки мувофиқи он соҳаи иҷтимоӣ ва иқтисодиёт бояд дар зери идораи давлатӣ қарор гирад»[227]. Дар шароити муосир тамоюли «таълиф кардани назарияҳои фардигароӣ ва коллективии шахсият», ки пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ шиддат гирифт, «махсусан дар назарияҳои гуногуни давлати иҷтимоӣ, аз ҷумла дар таълимотҳои сотсиал-демократорон ва демократорони насронӣ ифода гаштаанд»[228].

Дар хусуси ҷомеаи шаҳрвандӣ И. Кант принсипҳои зеринро ҷудо намудааст: озодии аъзои ҷомеа ҳамчун инсон; баробарии ӯ бо дигарон; мустақилияти аъзои ҷамъият чун шаҳрванд[229]. Мувофиқи назарияи Гегел давлат чун томияти органикии баландташаккулёфта ба ҳайси кафили озодии ҳақиқии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва намояндагони ҷамъият дар алоҳидагӣ баромад мекунад[230].

Ба ақидаи муаллифони муосир дар асри XX «дар давлатҳои рушдёфта шакли муайяни ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул ёфтааст, ки ба ҳайси аломатҳои он баромад мекунанд: афзалияти моликияти шахсӣ ва манфиатҳои шахсӣ, вуҷуддории «синфи миёна», сатҳи баланди ҳаёт, шумораи зиёд ва мухталифи ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, ки баёнгари манфиати гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мебошанд, тафаккури гуногунранги равонӣ ва сиёсӣ»[231].

А.П. Кочетков принсипҳои зерини фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандиро пешниҳод мекунад: баробарии ҳуқуқ ва озодии тамоми одамон дар ҳаёти сиёсӣ; кафолати ҳимояи ҳуқуқии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар асоси қонунҳо; мустақилияти иқтисодии фард дар асоси ҳуқуқи ҳар як шахс ба моликият ё гирифтани подош барои меҳнати бовиҷдона[232].

---

[227] Ниг.: Утяшов Э.К. Личность, общество и государство // Проблемы теории государства и права / Под ред. В.М. Сырых. – М., 2008. – С. 134.
[228] Ҳамон ҷо. – С. 134-135.
[229] Ниг.: Кант И. Собр. соч. В 6 т. – М., 1964. – С. 96.
[230] Ниг.: Гегель Г.В.Ф. Философия права. – М. – Л., 1934. – С. 262-263.
[231] Ниг.: Теория государства и права / Под ред. А.С. Пиголкина и Ю.А. Дмитриева. – М., 2008. – С. 289.
[232] Ниг.: Кочетков А.П. Гражданское общество: проблемы исследования и перспективы развития // Вестник Московского ун-та. Сер. 12: Полит. науки. – 1998. – № 4. – С. 93.

Дар адабиёти муосир мушкилии робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон бо дарназардошти фаъолияти ҳаёти ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани нақши давлати муосир дар ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоӣ, таъмин намудани муттаҳидшавии иҷтимоии ҷомеа ҳаллу фасл мешавад. Ба ақидаи Г.В. Атаманчук, «мушкилоти муҳити зисти инсон, камшавии захираҳои табиии барқарорнашаванда ва таназзули маънавии мардум масъалаҳои навро оид ба рафтори ҷамъиятӣ ва хусусии иқтисодӣ пешниҳод мекунад, ки омӯзиши омилҳои мазкур бе такя кардан ба манфиатҳои умумии давлат ва иродаи умумӣ ғайриимкон аст»[233].

Таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи инсон дар ҷомеаи муосир, ки гирифтори таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳонӣ аст, аз як тараф хавфи дохилӣ ва низоъҳои иҷтимоӣ, аз тарафи дигар ҳастии давлати қобили амалро ба миён меорад. В.Д. Зоркин бар ин ақида аст, ки «озодии шаҳрвандон, яъне амнияти онҳо дар асоси меъёрҳои умумии ҳуқуқ пеш аз ҳама аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, аз он ҷумла ҳуқуқҳои фитрии инсон бе сиёсати фаъол, берун аз давлате, ки дар шакли ҷомеаи сиёсии халқ баромад намуда, бо ҳуқуқ, мақсад ва манфиатҳои ягона пайваст аст, амалӣ гашта наметавонад»[234].

Ба сатҳи баҳс оид ба робитаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон дар давраи рушди ҷомеаи ҳозира якчанд омилҳои нав таъсиррасон мебошанд, ки аз сарҳад ва манфиатҳои давлатҳои алоҳида басо дур тул мекашанд. Давлати ҳуқуқбунёд ба ақидаи пазируфтаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаккул ёфта истодааст. Волоияти қонун, шаъну шарафи инсон, ҳифз ва кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ба ҳайси арзишҳои умумиинсонӣ эътироф гаштаанд. Пас аз анҷоми Ҷанги Дуюми Ҷаҳон раванди стандартикунонии ҳуқуқи инсон оғоз ёфт. Дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз соли 1948 ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ақида оид ба умумияти ҳуқуқи инсон дарҷ гаштааст. Дар дебочаи Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ғояи зерин эълон гаштааст: «Шаъну шараф, ки ба тамоми

---

[233] Ниг.: Атаманчук Г.В. Теория государственного управления. – М., 2004. – С. 79.
[234] Ниг.: Зорькин В.Д. Современное российское правопонимание и его законодательное воплощение // Наш трудный путь к праву: Материалы философско-правовых чтений памяти академика В.С. Нерсесянца. – М., 2006. – С. 13.

аъзои оилаи инсонӣ тааллуқ дорад, эътироф мешавад, ҳуқуқҳои баробар ва ҷудонопазири инсон асоси озодии ҳақиқӣ, адолат ва ваҳдати ҷаҳонӣ мебошанд»[235].

Дар баробари ақида оид ба умумияти ҳуқуқи инсон, ҳамчунин ғояи афзоиши нақши давлат дар риоя ва ҳифзи он васеъ паҳн мешавад. Дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва дар санадҳои ҳуқуқии минбаъда, ки хусусияти фарогир доранд, мунтазам ақидаи ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳамчун вазифаи бевоситаи ҳар як давлати муосир тасдиқи устувори худро ёфтааст. Риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон на танҳо вазифаи дохилии давлати алоҳида, балки вазифаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва тамоми давлатҳо мебошад. Дар дебочаи Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон навишта шудааст: «Маҷмааи Умумӣ ин Эъломияи умумии ҳуқуқи инсонро ҳамчун вазифаи тамоми халқҳо ва тамоми давлатҳо эълон мекунад, то ҳар фард ва ҳар мақоми давлатӣ онро доимо дар мадди назар дошта, кӯшиш намояд, ки тавассути омӯзишу таълим ва тавассути тадбирҳои пешрафтаи миллию байналмилалӣ эътирофу иҷрои умумию самарабахши онҳоро чи дар миёни халқҳои давлатҳои узви Созмон ва чи дар миёни халқҳои қаламрави таҳти тобеияти ҳуқуқии онҳо қарордошта ба эҳтироми ин ҳуқуқу озодиҳо ва таъмини онҳо мусоидат намояд»[236]. Уҳдадории давлат дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар санадҳои дигари байналмилалӣ инъикос ёфтааст. Риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон на танҳо вазифаи дохилии давлати алоҳида, балки вазифаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва тамоми давлатҳо мебошад.

Минбаъд раванди таъсирнамоии фарқияти фарҳангӣ, динӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии давлатҳо ба ақидаи умумияти ҳуқуқи инсон оғоз ёфт. Ба ин нигоҳ накарда, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон вазифаи асосии давлат, сарфи назар аз тафовути тамаддунҳои фарҳангии онҳо ба ҳисоб меравад. Муқаррароти мазкур дарҷи худро дар Эъломияи Вена ва нақшаи амалҳо, ки соли 1993 қабул шудааст,

---

[235] Ниг.: Всеобщая декларация прав человека от 10 декабря 1948 г. // Права человека. Сборник международных и национальных документов в 8-ми томах. – Т. 1 / Сост.: Диноршоев А.М. – Душанбе, 2009. – С. 8-14.

[236] Ниг.: Всеобщая декларация прав человека от 10 декабря 1948 г. // Международное право в документах. – Душанбе, 2011. – С. 219.

пайдо намудааст: «Ҳарчанд аҳаммияти хусусиятҳои миллӣ ва минтақавӣ, гуногунии арзишҳои таърихӣ, динӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва анъанаҳо зарур аст, вале дар хотир нигоҳ бояд дошт, ки давлат, сарфи назар аз низоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, ҳимоя ва ҳифзи тамоми ҳуқуқҳо ва озодии инсонро ба ҳайси уҳдадориҳои асосӣ ба зимма мегирад»[237].

Аз оғози солҳои 1990 хатари терроризми исломӣ меафзояд. Дар тули 25 соли охир онҳо шумораи аз ҳама зиёди гаравгонро ба даст оварда, ба харобкориву куштор даст заданд[238]. Ғайр аз ин, яке аз мушкилоти мубрами ҷаҳони муосир дар замони ҳозира нашъамандӣ ба ҳисоб меравад, ки ба ҳайси ҷинояти хатарноки иҷтимоӣ эътироф гаштааст. Аз рӯйи маълумотҳои СММ, гардиши ҷаҳонии саноати маводи мухаддир тақрибан 400-600 миллиард доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Дар Афғонистон 90% нашъа аз шумораи нашъаи ҷаҳонӣ истеҳсол мешавад.

Низоъҳои ҳарбӣ, нашъамандӣ, экстремизм, терроризми байналмилалӣ ва дигар хатарҳои ҷаҳонӣ ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон на танҳо дар доираи миқёси ҷаҳонӣ, балки дар дохили давлатҳои алоҳида таҳдиди воқеӣ доранд. Дар шароити имрӯза мушкилии ҳуқуқи инсон аз доираи манфиати фарди алоҳида берун мебарояд. Он дар ҳамбастагӣ бо мушкилии ҳимояи мустақилияти давлат, манфиатҳои миллӣ, таъмин кардани ягонагии давлатӣ ва пешгирии заволи давлат коркард мешавад. Аз рӯи гуфтаҳои В.Д. Зоркин маҳз парокандашавии давлат ин «падидаҳои экстремизм, сепаратизм, терроризм, ҷангҳои шаҳрвандӣ, ки бо он алоқамандии зич доранд, ба вайроншавии оммавии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва ба куштори одамон мерасонад»[239].

Таҳқиқоти илмии гузаронидашуда оид ба робитаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон имконият медиҳад, ки хулосаҳои зерин баён гарданд:

1. Дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон ба сатҳи нав мебарояд. Аз як тараф арзишҳои давлатдории ҳуқуқӣ дар сатҳи конститутсия ва дар таълимоти илмӣ

---

[237] Ниг.: Международные пакты о правах человека. – М., 2002. – С. 79.
[238] Ниг.: ДАЙДЖЕСТ-PRESS. – 2010. – 11 ноября. – № 45 (829).
[239] Зорькин В.Д. Асари ишорашуда. – С. 13.

пазируфта мешаванд ва аз тарафи дигар, заминаи нави назариявӣ ва методологии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон ташаккул меёбад.

2. Ба хусусияти ҳамбастагии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон навъҳои муносиби дарки ҳуқуқ таъсиррасон мебошанд. Дар доираи ин ё он назарияи ҳуқуқ хусусияти ҳамбастагии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон ошкор мешавад. Дар доираи назарияҳои позитивӣ, фитрӣ, фалсафӣ, либертарӣ ва дигар хулосаҳои гуногун оид ба робитаи мутақобилаи давлат ва ҳуқуқи инсон ҳосил мешаванд. Ба хусусияти ҳамбастагии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон наздикшавии назарияҳои фитрӣ ва неопозитивӣ дар шароити расман эътироф кардани ҳуқуқ ва озодиҳои ҷудонопазир ва давлати ҳуқуқбунёд таъсир мерасонад. Дар чунин маврид ҳуқуқҳои ҷудонопазир ва дахлнопазир, яъне ҳуқуқҳои фитрии инсон эътирофи умумиро ба ҳайси нишонаи назарраси давлати ҳуқуқбунёд пайдо мекунанд. Ҳуқуқҳои фитрии инсон ба омили иловагии ҳуқуқҳои позитивии шаҳрванд табдил меёбанд.

3. Ба робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон сатҳи ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сохторҳояш, сатҳи ҳамбастагии он бо давлат таъсир мерасонад. Сатҳи маҳсурияти ҷомеаи шаҳрвандӣ аз давлат, мустақилияти он нисбат ба давлат, қобилияти таъсир расонидани он ба давлат тавассути механизмҳои назоратӣ, сатҳи рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии сохторҳои ҷамъиятии шаҳрвандон, фаъолнокӣ ва мустақилияти шаҳрвандон муҳити таъсиррасонии мутақобилаи давлат ва инсонро ташкил медиҳанд. Сатҳи инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун шарти робитаи мутақобилаи судманди давлати ҳуқуқбунёд ва инсон дар доираи реҷаи демократӣ имконпазир мегардад. Дар доираи чунин муҳит муносибати мутақобилаи давлат ва инсонро метавон дар чунин шакл тасвир кард: «давлати ҳуқуқбунёд – ҷомеаи шаҳрвандӣ – фарди озод бо ҳуқуқҳои ҷудонопазираш».

4. Робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон дар шаклҳои зерин зоҳир мегардад:

а) эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои ҷудонопазир ва дахлнопазири инсон ҳамчун вазифаи асосии давлат, ки дар сатҳи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ муқаррар шудааст;

б) фароҳам овардани шароити мусоид, кафолати амалигардонии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва ҳимоя кардани онҳо тавассути механизмҳои зарурӣ;

в) аз ҷониби давлат фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун ҷамъияти шахсони озод, ба зиммаи ҷомеаи шаҳрвандӣ вогузор кардани як қисми вазифаҳои роҳбарикунанда, иштироки фаъоли шаҳрвандон дар рафти ташаккул ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ҳам дар шакли бевосита ва ҳам тавассути ташкилотҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ;

г) мувофиқатии оқилонаи ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷониби фард иҷро кардани вазифаҳое, ки дар асоси конститутсия ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба зиммаи ӯ вогузор шудаанд, масъулияти фард нисбат ба давлат ва ҷомеаи ҷаҳонӣ, мавқеи баланди шаҳрвандии шаҳрвандон;

д) масъулияти мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва инсон чун шарти тавозуни мувофиқ миёни ваколатҳои давлатӣ ва ҳуқуқи инсон оид ба тақдири давлат, меҳан, Ватан ва шаҳрвандон;

е) ташкили ҳокимияти давлатӣ дар доираи ҳуқуқ, дар асоси волоияти ҳуқуқ ва қонуни ҳуқуқӣ, таҷзияи ҳокимият, назорати конститутсионӣ ва дигар шаклҳои назорат, ташаккули фазои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ;

5. Шаклҳои зоҳирёбии робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон далели он мебошанд, ки робитаи мазкур пеш аз ҳама дорои хусусияти робитаи ҳуқуқӣ буда, шакли ҳуқуқиро мегирад. Конститутсия шакли олии робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон мебошад. Дар Конститутсия навъҳои робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва инсон ифодаи худро меёбанд. Дар шароити амалишавии навъи конститутсионӣ раванди ташаккули давлати демократӣ ба итмом мерасад. Дар доираи шакли мазкур робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва инсон хусусияти ҳуқуқӣ пайдо карда, ба ҳайси ҳамбастагии ҳуқуқӣ миёни ҳокимият ва инсон баромад мекунад.

Дар баробари ин, робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва инсон дар асоси ҳуқуқи гуманитарӣ, ки ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад, ташаккул меёбад. Шакли муосири робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва инсон дар доираи дарки нави ҳуқуқ, бо дарназардошти ғояҳои ҳуқуқҳои фитрӣ, волоияти ҳуқуқ, давлати демократӣ, худмаҳдудшавии конститутсионии ҳокимият, арзиши олии инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш, асосҳои ҳуқуқии ҳокимиятдорӣ ташаккул меёбад.

6. Хулосаҳои дар боло зикргардида имконият медиҳанд, ки таърифи илмии мафҳуми «робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон» пешниҳод гардад. Робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон шакли муносибати мутақобилаи баробар ва шарикона мебошад, ки миёни давлат ва инсон тавассути ҳуқуқ ва вазифаҳои тарафайн дар асоси ҳукмронии ҳуқуқ ва қонуни ҳуқуқӣ дар доираи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба миён меояд.

## 1.4. Инкишофи назарияҳои муосири робитаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон

Ошкор кардан ва амиқ омӯхтани маълумоти пурра оид ба робитаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон дар сурати фаҳмиши мувофиқи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон амалӣ гардонида мешавад. Мафҳуми давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон аз даври қадим дар маркази диққати шумораи зиёди мутафаккирон, файласуфон ва таҳқиқотчиён қарор гирифта буд. Дар афкори илмии муосир то ҳол баҳсу мунозираҳо оид ба таърифҳои зуҳурот ва институтҳои мазкур ҷой доранд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ нуқтаҳои назари гуногун оид ба мафҳуми давлати ҳуқуқбунёд ҷой доранд. Аз рӯйи гуфтаҳои Н.И. Матузов, давлати ҳуқуқбунёд он шакли давлатдорӣ мебошад, ки «дар асоси волоияти қонун ташкил шуда, иҷроиши устуворонаи меъёрҳои қонунро аз ҷониби шаҳрвандон, шахсони мансабдор, мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо дар назар дорад. Он масъулияти дутарафаи шаҳрванд ва давлатро дар доираи қонунгузории амалкунанда пешбинӣ карда, ҳуқуқ ва озодиҳои

инсонро, ки барои амал кардани ҷомеаи шаҳрвандӣ зарур мебошанд, таъмин менамояд»[240].

Мувофиқи ақидаи В.В. Вишкварсев: «Давлати ҳуқуқбунёд – вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии давлат мебошад, ки аз тобеияти бечуну чарои давлат ба соҳибихтиёрии халқ, кафолати воқеии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз ҷониби давлат, волоияти конститутсия нисбат ба дигар санадҳои ҳуқуқӣ, афзалияти меъёрҳои байналмилалӣ нисбат ба меъёрҳои миллӣ иборат аст ва ба ҳайси асоси ташкили ҳокимияти давлатӣ, таҷзияи ҳокимият ва механизми воқеии назорати ҷомеаи шаҳрвандӣ баромад мекунанд»[241].

Ба ҳайси хусусияти ҷудонопазир ва ҳатмии давлати ҳуқуқбунёд ҳукмронӣ ё волоияти ҳуқуқ баромад мекунад. Дар баробари ин, худи ҳуқуқ ва волоияти ҳуқуқ дар давлати ҳуқуқбунёд маънои гуногун доранд. Дар назарияҳои позитивӣ, либералӣ, либертарӣ ва дигари давлати ҳуқуқбунёд ақидаҳои гуногун оид ба волоияти ҳуқуқ ҷой доранд.

Дар назарияҳои фитрӣ ҳуқуқи воло, ки дар давлати ҳуқуқбунёд ҳукмфармост, ба ҳуқуқи фитрии инсон нисбат дода мешавад. Мафҳуми волоияти ҳуқуқ дар доираи таълимоти фитрӣ пешкаш мешавад[242]. Дар позитивизми классикии ҳуқуқӣ «мафҳуми давлати ҳуқуқбунёд бо сабаби он ки ҳуқуқи позитивӣ аз давлат, ки худ онро қабул мекунад воло буда наметавонад ё бо он сабаб ки худмаҳдудшавии давлат дар асоси ҳуқуқи позитивӣ, ки худи давлат онро қабул намудааст, рад карда мешаванд»[243].

М.Н. Марченко боварии комил дорад, ки давлати ҳуқуқбунёд чун навъи давлат арзи ҳастӣ хоҳад кард ва дар рафти вуҷуддории худ ногузирона ба офариниши ҳуқуқ ва ҳуқуқэҷодкунӣ машғул хоҳад буд. Ин ҳуқуқ «агар ба хаёлнигорӣ ё ба хаёли хом дар бораи табиат ва хусусияти давлати ҳуқуқбунёд чун

[240] Ниг.: Матузов Н.И. Гражданское общество: сущность и основные принципы // Правоведение. – 1995. – № 3. – С. 92.
[241] Ниг.: Вышкварцев В.В. Правовое государство, права и свободы человека в концепциях российских ученых XX - начала XXI вв.: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2009. – С. 146.
[242] Ниг.: Зорькин В.Д. Конституционно-правовое развитие России. – М., 2011. – С. 53, 54.
[243] Ниг.: Юридическая энциклопедия / Под общ. ред. Б.Н. Топорнина. – М., 2001. – С. 1223.

институти қувваи иҷтимоӣ, ки дорои ҳокимияти волоӣ аст, даст назанад», пас он ҳуқуқи позитивӣ буда, дорои тамоми хусусиятҳои ба худ хос мебошад»[244].

Дар баробари ин, бояд суръати ҳаракати ҳуқуқи позитивӣ, робитаи он бо реҷаи сиёсӣ ва зуҳурёбии он дар шаклҳои мухталиф (позитивизми этатистӣ, позитивизми сотсиологӣ, позитивизми антропологӣ) ба назар гирифта шаванд. Аз рӯи гуфтаҳои М.Н. Марченко позитивизми муътадил, ки дар давлати ҳуқуқбунёд ташаккул меёбад, «аз позитивизми тоталитарӣ ва авторитарӣ басо дур мебошад»[245]. Қисматҳои асосии позитивизми «муътадил», ки дар робитаи мутақобила бо низоми ҳуқуқии давлати ҳуқуқбунёд қарор дорад, аз як тараф «омилҳои фитрӣ мебошанд, ки дар натиҷаи ҳамбастагӣ ва таъсири мутақобилаи ҳуқуқи позитивӣ ва ҳуқуқи фитрӣ ба миён омадаанд ва аз тарафи дигар омилҳои иродавӣ мебошанд, ки бо васеъшавии таъсири идоравии он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ (дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ), ба шартномаҳои ҳуқуқӣ, принсипҳои умумиэътирофшуда ва меъёрҳои байналмилалӣ, санадҳои корпоративӣ, динӣ ва ғайра, ки аз ташкилот ва институтҳои гуногуни ғайридавлатӣ ва байнидавлатӣ дар ҳудуди ҷаҳон ва минтақа ба миён омадаанд»[246].

Дар тафсирҳои муосир оид ба ҳуқуқи инсон сатҳи фаҳмиши ҳуқуқ ва озодиҳо аз ҷониби худи одамон ҳатман дарҷ карда мешавад. Ҳамбастагии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсонро метавон ҳам дар сатҳи сохтори муҷаррад, шакли олӣ, хусусияти ҷудонопазир, моҳияти давлати ҳуқуқбунёд ва ҳам дар сатҳи шуури ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ тафсир кард. Барои он ки идеали давлатдории ҳуқуқӣ воқеӣ гардад, он бояд дар чунин шакл аз тарафи аъзои ҷомеа дарк карда шавад. Ақидае вуҷуд дорад, ки давлати ҳуқуқбунёд зуҳуроте мебошад, ки дар он омилҳои ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқӣ дар якҷоягӣ вуҷуд доранд[247].

Мушкилии фаҳмиши давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон моҳияти аслиро доро аст. Дар Тоҷикистон ба фаҳмиши ақидаҳои ғарбӣ дар бораи давлати

---

[244] Ниг.: Марченко М.Н. «Умеренный» позитивизм и верховенство права в условиях правового государства // Государство и право. – 2012. – № 4. – С. 6.
[245] Ниг.: Марченко М.Н. «Умеренный» позитивизм и верховенство права в условиях правового государства. – С. 7.
[246] Ҳамон ҷо. – С. 6.
[247] Ниг.: Уманова И.А. Конституционные основы современного российского федерализма. – М., 2000. – С. 211.

ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон анъанаҳои миллӣ, пояҳои фарҳангиву равонии ҷамъият, маънавиёт ва шуури аҳолӣ таъсиррасон мебошанд. Амалишавии ақидаҳо ва назарияҳои давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон аз тарзи дарки падидаҳои мазкур аз ҷониби ҷомеа вобастагӣ дорад.

Шуури ҷамъиятӣ бояд дар сатҳе қарор дошта бошад, ки дар он фаҳмиши дуруст ва воқеии давлати ҳуқуқбунёд чун шакли фаъолияти одамони озод таъмин карда шавад. Зоҳиршавии нигилизм ё романтизм, вайроншавии шуури ҳуқуқӣ, афзалиятнок шудани ақидаҳои ғайриҳуқуқӣ дар шуури ҷамъиятӣ, пайдо шудани омилҳои нодуруст (радикалӣ, экстремистӣ ва ба ин монанд) дар шуури ҷамъиятӣ ба ҳайси монеаи фаҳмиши дурусти ақидаҳои давлати ҳуқуқбунёд чун шарти озодии шахсият баромад мекунанд. Л.А. Морозова чунин менависад, ки «шуури ҷамъиятие, ки дар он ҳуқуқҳои шахсӣ афзалият надоранд, бештари вақт қобилияти шарики муътабар буданро ҳатто барои ҳокимияти инкишофёбанда надорад, баръакс, онро аз дарун вайрон хоҳад кард»[248].

Дар шуури ҷамъиятӣ реша давондани ақидаҳои нигилистӣ (нобоварӣ ба қонун, ба ояндаи нек, ба ислоҳоти ҳуқуқӣ), хунукназарӣ, бемасъулиятӣ дар оқибат ташаббускории одамонро баста, ба хештангароии фард, дарк кардани вазъи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии худ дар ҷомеа ва ҳуқуқҳои дахлнопазир ва ҷудонопазири худ монеа мегарданд. Инсон бояд дарк намояд, ки бе иштироки ҳар шахс институтҳои демократӣ, имконияти амалӣ гардонидан, ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои инсон имконнопазир аст»[249].

Дар шуури ҷамъиятӣ маъмул шудани ақида оид ба он, ки танҳо тавассути қонун метавон ҷомеаро ба куллӣ табдил дод ва ба сатҳи олии давлати ҳуқуқбунёд расид, ба ташаккули ормонияти ҳуқуқӣ дар шуури ҷамъиятӣ мусоидат мекунад. Пойдории андешаҳои хаёлпарастона қобилияти идоракуниро паст мекунад[250].

---

[248] Ниг.: Морозова Л.А. Современная российская государственность: проблемы теории и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 1998. – С. 14.
[249] Ниг.: Чиркин В.Е. Современное государство. – М., 2001. – С. 295.
[250] Ниг.: Петровская А.В. Идея правового государства в контексте характеристики различных правовых культур // История государства и права. – 2007. – № 4. – С 56.

Андешаҳои хаёлпарастона, ки заминаи ормонияти ҳуқуқӣ мебошанд, боварии инсонро ба нақши муҳимми омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маънавӣ дар пешрафти ҷомеа паст мекунанд. Рушди ҷомеа ва давлатдорӣ, аз он ҷумла таъмини волоияти қонун саъю кӯшиши ҳар аъзои ҷомеаро талаб мекунад. Дарки амиқи ҳадафҳои давлат аз сатҳи шуури ҳуқуқӣ, аз он ҷумла дарки дурусти моҳияти давлат, қонун, ҳуқуқ ва дигар падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Дар ин бора олимон ақидаҳои хешро пешниҳод мекунанд[251].

Аз ин суханон суолҳо ба миён меоянд, ки бо соҳаи дахолатпазирии қонунгузорӣ ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва бо предмети идоранамоии қонунгузорӣ вобастагӣ доранд. Барои тафсири дуруст додан ба ақидаи волоияти қонун дар давлати ҳуқуқбунёд ҳаллу фасли мушкилоти мазкур аҳаммияти калон доранд. Дар баробари ин, муносибатҳои гуногунранг барои ҳаллу фасл кардани саволҳои мазкур, ки бо сарҳадҳои идоракунии қонунгузорӣ вобастагӣ доранд, мушоҳида карда мешаванд[252].

Ташаккули бомуваффақияти давлати ҳуқуқбунёд аз амалишавии назарияи муносиби ҳуқуқи инсон, аз мувофиқатии он ба шароити воқеии ҷомеа, ба шуури ҷамъиятии ҷойдошта, аз сатҳ ва сифати фаҳмиши он аз ҷониби аҳолӣ вобастагӣ дорад. Чи тавре ки ба ҳамагон маълум аст, ҳар як халқият барои ба давлати ҳуқуқбунёд расидан роҳи худро дорад ва ҳамчунин ҳар як халқият арзишҳои ҳуқуқи инсонро ба худ мувофиқ дарк мекунад. Сатҳи инкишофёфтаи бадастовардашуда дар соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рушди маънавии ҷомеа, психология, шуур, тафаккур ва анъанаҳои миллӣ ба ҳайси омилҳои муайянкунандаи амалигардонии ақида ва арзишҳои давлатдории ҳуқуқӣ ва инчунин ба ҳайси таҷассумёбии амалии стандартҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон баромад мекунанд. Тасодуфӣ нест, ки солҳои охир дар адабиёти илмӣ ба гуногунрангии назарияҳои ҳуқуқи инсон ва таносуби он бо фарҳанги миллӣ

---

[251] Ниг.: Зорькин В.Д. Правовой характер взаимоотношений личности, общества и государства // Социалистическое правовое государство: концепция и пути реализации / Отв. ред. В.С. Нерсесянц. – М., 1990. – С. 96.
[252] Ниг.: Мамут Л.С. Демократическое правовое государство в России: проблемы становления // Журнал российского права. – М., 2006. – № 12. – С. 8-15.

диққати махсус ҷалб шудааст. Ба таври дигар гӯем, роҳи интихобнамудаи ҳар як халқ барои ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, инчунин аз фаҳмиши ба халқ хос оид ба ҳуқуқи инсон иборат аст.

Дар адабиёти илмӣ аксар вақт назарияи ҳуқуқи инсон чун маҳсули фарҳанги Аврупои Ғарбӣ ва Амрикои Шимолӣ тафсир карда мешаванд. В.А. Максименко менависад, ки назарияи ҳуқуқи инсон «маҳсули давраи таърихии муайяни фарҳанг ва фалсафаи ғарбӣ ва натиҷаи давраи маорифпарварӣ мебошад… Барои дигар ҷомеаҳо назарияҳои ғарбӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба ҳайси омили бегона баромад мекунанд»[253].

Ақида оид ба пайдоиши ғарбии ҳуқуқи инсон дар адабиёт васеъ паҳн шудааст ва ба коркарду пайдошавии тафсирҳои монанд оид ба моҳияти ҳуқуқи инсон, оид ба маънои ҳуқуқи инсон чун сарчашмаи ҳуқуқи инсонӣ, ҳамагонӣ будани он, инкишофи яксамта ва паҳншавии он дар асоси таҷрибаи ғарбӣ оварда расонидааст.

Дар адабиёт ақидае баён шудааст, ки мувофиқи он ҳуқуқи инсон аз Ғарб пайдо шуда, бояд тамоми ҷаҳон дар доираи таҷрибаи ягонаи аврупоӣ инкишоф ёбад[254]. Хулосаи мазкур ба инкишофи воқеии ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир мувофиқ нест, зеро омили муқовимати давлатҳои ғайриғарбиро нисбат ба фарҳанги онҳо ворид сохтани арзишҳои ахлоқиву динӣ ва меъёрҳои этикии бегонаро ба назар намегирад. Тамоми кӯшишҳо, махсусан он талошҳое, ки дар асоси фишори сиёсӣ бо мақсади ворид сохтани намунаҳои ғарбӣ (дар соҳаи ҳуқуқи инсон, таҷрибаи идоранамоӣ ва ғайра) ба амал меомаданд, бо ҷавоби муқобили халқҳои ғайриғарбӣ дучор мешуданд. Ғайр аз ин, паҳншавии яксамтаи ҳуқуқи инсон мувофиқи модели пешакӣ коркардшуда, ки гуногунрангии тамаддуниро ба назар намегирад, ба натиҷа ва ҳадафҳои дилхоҳ намеоранд, зеро ҳуқуқи инсон на фақат имкониятҳои ҳуқуқӣ, балки олами махсуси дохилии инсон

---

[253] Ниг.: Максименко В.А. Права человека в различных правовых системах. Основные особенности и проблема универсальности: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2005. – С. 14, 40.

[254] Ниг.: Хованская А.В. Достоинство человека: Международный опыт понимания // Государство и право. 2002. – № 3. – С. 57.

мебошад. Ҳуқуқи инсон ҷаҳони маънавии инсон, ҷаҳонбинии ӯ, шуур ва худбаҳогузории ӯро инъикос менамояд. Ба дарккунии ҳуқуқи инсон омилҳои ахлоқӣ, эътиқодҳои ахлоқӣ, шуури диниву ахлоқӣ таъсиррасон мебошанд.

Тафовутҳои фарҳангиву тамаддунӣ тафсири якхела додани ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро мушкил мегардонад. Чи тавре ки А.Г. Лиситсин-Светланов қайд менамояд, аз нигоҳи глобалӣ халқиятҳои ҷаҳон фаҳмиши ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро ба ҳуқуқҳое, ки дар Иттиҳоди Аврупо ва Амрикои Шимолӣ амал менамоянд, тақсим намекунанд[255]. Фаҳмиши ягона ва ҷаҳонии ҳуқуқ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон аз рӯи омилҳои зиёд бо душвориҳо дучор мешавад. Яке аз чунин омилҳо тафсири аврупоӣ-ғарбии ҳуқуқ ва озодиҳои инфиродӣ ба шумор меравад.

Ақидаи фардигароӣ дар назарияҳои либералӣ коркард шуда буд. Принсипи озодӣ дар лебарализм «нақши марказиро мебозад, зеро бевосита бо асоси этикии ҳуқуқ вобастагӣ дорад. Он на танҳо ба ҳайси принсипи расмӣ, балки чун принсипи моддӣ низ баррасӣ шуда, дар мустақилияти руҳӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии фард зоҳир мегардад»[256].

Дар назарияҳои либералӣ ҳуқуқи инсон бо мувофиқатии ақидаҳои мустақилияти фардӣ, ки ба ҳайси имкониятҳои фард ё шахс баромад мекунад, асоснок карда мешавад. Чунин тафсири ҳуқуқи инсон дар заминаи сифатҳои махсуси инсонӣ, яъне мустақилият, шуурнокӣ, маҳсурият ва ғ. асос ёфтааст.

Муносибати муаллифон ба тафсири фардии ҳуқуқи инсон якхела намебошад. И.Ю. Антонов бар он ақида аст, ки «шахсият, фард – омили иҷтимоии асосии ҷомеаи шаҳрвандии демократӣ буда, ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон дар чунин ҷомеа дар ҳуқуқ ва озодиҳои фардӣ ва шахсӣ зоҳир мегарданд. Сипас, худи ин ҳуқуқҳо дар ҳуқуқҳои коллективӣ инъикос меёбанд»[257].

Дар баробари ин, аз ҷониби олимони рус ақида оид ба ношоямии тафсири фардии ҳуқуқи инсон баён шудааст. Чунончи, А.С. Мордовсев чунин менависад, ки

---

[255] Ниг.: Лисицын-Светланов А.Г.Развитие российского и международного права в аспекте его влияния на обеспечение национальных интересов Российской Федерации // Правовое обеспечение национальных интересов: Материалы международной научно-практической конференции. Москва, 25-26 октября 2005 г. / дар зери таҳрири Т.Я. Хабриевой. – М., 2005. – С. 123.

[256] Ниг.: Медушевский А.И. Сравнительное конституционное право и политические институты. – М., 2002. – С. 34-35.

[257] Антонов И.Ю. Асари ишорашуда. – С. 23.

ҳуқуқи русӣ «оид ба мафҳуми фардият ба маънои фардигароии ғарбӣ хабар надорад. Камолоти фардӣ танҳо ҳангоми ба даст овардани комилии ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ ба даст оварда мешавад»[258]. Инчунин, ақидае баён гаштааст, ки «…моҳияти арзишии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар давлати ҳуқуқбунёд на ҳамеша ба таври ҳатмӣ айниятро бо ҳуқуқҳои коллективӣ ё миллӣ дар назар дорад, он диктатураи шахсӣ набуда, ба ҳайси мустақилияти фардӣ ва фаҳмиши худхоҳонаву истеҳсолӣ баромад намекунад»[259].

Ба фаҳмиши фардии ҳуқуқи инсон, инчунин шароити иҷтимоии ҳаёт, ки дар раванди тағйирёбӣ қарор дорад, таъсиррасон мебошад. Сараввал ҳуқуқҳои фардии инсон ба ҳайси воситаи идеологӣ аз ҷониби ғолибони буржуазия, ки дар натиҷа вазъи ҳукмронро дар ҷомеаи ғарбии капиталистӣ ба даст овcovered, истифода мешуд. Аз рӯи гуфтаҳои А.Г. Бережнова, ҳуқуқҳои ҷудонопазири инсон, ки аз ҷониби инқилобҳои буржуазӣ эълон шуда буданд ва дар конститутсияҳои буржуазӣ ба ҳайси «ҳуқуқҳои абадии» ҳар як инсон дарҷ гаштанд, дар ҳақиқат «маҷмуи шароитҳои хоси сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва идеологӣ мебошанд, ки ҳуқуқи сармоягузорро барои ба даст овардани даромад кафолат медиҳад, яъне ҳуқуқҳои «одии» буржуазӣ мебошанд»[260].

Ҳолати мазкур то он замоне, ки буржуазияи ғарбӣ вазъи баланди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии худро дар доираи ақида ва назарияҳои худкоркарднамуда (давлати «дидбони шабона», озодии соҳибкорӣ ва савдо ва ғайра), ки ба таъминнамоии ҳуқуқҳои фардии буржуазӣ равона гашта буд, давом кардааст. Дар доираи тафсири либералӣ ҳуқуқи инсон чун шакли буржуазии ҳуқуқи инсон ифода карда шудааст[261]. Сараввал миёни арзишҳои либералӣ ҳуқуқ ба моликияти шахсӣ чун арзиши аввалиндараҷа баромад намуд, ки минбаъд вазъи баланди иқтисодии сармоягузоронро таъмин кард. Ҳуқуқҳои фардӣ бо ақидаҳо оид ба фоидаи иқтисодӣ ва манфиатпарварӣ асоснок карда шуданд.

---

[258] Ниг.: Мордовцев А.С. Социально-юридический механизм обеспечения прав человека и гражданина. – Саратов, 1996. – С. 94.
[259] Ниг.: Синюков В.Н. Российская правовая система. Введение в общую теорию. – Саратов, 1994. – С. 237.
[260] Ниг.: Бережнов А.Г. Права личности: некоторые вопросы теории. – М., 1991. – С. 43-44.
[261] Ниг.: Ковлер А.И. Антропология права. – М., 2002. – С. 5.

Муносибати инфиродӣ нисбат ба тафсири ҳуқуқи инсон, дар зери танқид қарор гирифтааст, зеро «ба даври аз сар гузаронидашуда, набояд бори дигар баргашт ва бадоҳиятҳои аълоро такрор намуд, балки баръакс, ба пеш, ба асри XXI ҳаракат карда, ақидаҳои пештараро на аз нигоҳи инфиродӣ-либералӣ, балки аз нигоҳи ҷомеаи иҷтимоиву коллективӣ тафсир намуд»[262].

Бо муносибати инфиродӣ нисбат ба ҳуқуқи инсон муносибати антропологӣ, ки дар доираи он инсон чун сарчашмаи ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ эътироф гаштааст, ҳамбастагии зич дорад. В. Макаров чунин қайд менамояд, ки «сарчашмаи ҳуқуқ ва озодиҳо худи инсон, талаботҳо ва манфиатҳои ӯ, ҳолати мавҷудият ва инкишофи ӯ мебошанд»[263]. Дар доираи муносибати антропологӣ ҳуқуқи инсон вобаста аз эҳтиёҷоти шахс, чун шакли қонеъсозии эҳтиёҷоти инсон, ки дар натиҷа аз онҳо «талаботҳои муносиб ва даъвоҳо ба вуқуъ меоянд», муайян карда мешаванд[264]. Дар баробари ин, ба тағйирпазирии эҳтиёҷоти инсон ва зоҳиршавии ҳуқуқ ва озодиҳои нав диққати махсус ҷалб карда мешавад[265].

Дар тули солҳои зиёд назарияи фарогири ҳуқуқи инсон дорои афзалияти бештар буд. Ба ҳайси асоси он ақидае, ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон оид ба фарогирии ҳуқуқи инсон коркард шудааст, баромад менамояд.

Ба фарогиршавии (универсализатсияи) ҳуқуқи инсон омилҳои бисёр мусоидат кардаанд. Ба ҳайси яке аз чунин омилҳо ақида оид ба ҳуқуқҳои асосии инсон, ки дар санадҳои байналмилалӣ дарҷ гаштаанд, баромад мекунад. Аз рӯи гуфтаҳои С.С. Алексеев, «ҳуқуқҳои асосӣ ва бунёдии инсон, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гаштаанд, бевосита ва новобаста аз номбар шуданашон дар санадҳои ҳуқуқии миллӣ, ба моҳияти низоми ҳуқуқӣ ворид мешаванд ва дар давлат имконияти амали бевоситаро доранд»[266]. Аз рӯи гуфтаҳои А.М. Диноршоҳ, «таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ дар он зоҳир мегардад, ки принсип ва меъёрҳои

[262] Ниг.: Чиркин В.Е. Общечеловеческие ценности и современное государство // Государство и право. – 2002. – №2. – С. 5-6.
[263] Ниг.: Макаров О.В. Соотношение права и государства // Государство и право. – 1995. – №5. – С. 18.
[264] Ниг.: Луковская Д.И. Понятие прав человека: многообразие подходов. Проблема универсальности прав человека // История государства и права. – 2007. – № 12. – С. 18.
[265] Ниг.: Хёффе О. Политика. Право. Справедливость. Основоположения критической философии государства и права. – М., 1994. – С. 248.
[266] Ниг.: Алексеев С.С. Восхождение к праву. Поиски и решения. – М., 2001. – С. 644.

умумиэътирофгаштаи он ба ҳайси нақшаи рушди қонунгузории миллии ҶТ баромад мекунад»[267].

Амалигардонии минбаъдаи санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва воридшавии ҳуқуқҳои асосии инсон ба низоми ҳуқуқии миллӣ бо тафовутҳои тамаддунӣ дучор шудаанд. Мувофиқи танқидҳои И.И. Лукашук, созишномаҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон аз тарафи бисёр давлатҳо маҳз аз рӯи тафовутҳои тамаддунӣ, ки бартараф кардани онҳо вазифаи мушкил буда, вақти зиёдро талаб мекунад, қабул нашудаанд. Дар раванди мазкур зарур аст, ки мероси миллӣ ва баробарии миллӣ нигоҳ дошта шаванд[268].

Д.С. Раҳмон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар раванди ҷаҳонишавӣ мавриди баррасӣ қарор дода, иброз менамояд, ки имрӯз дар илми ҳуқуқшиносии муосир истилоҳи нав – ҷаҳонишавии ҳуқуқ ба вуҷуд омадааст. Дар заминаи ин, баъзе аз ҳуқуқҳои нав ба ҳуқуқи инсон ворид гардида, гурӯҳе аз олимони аврупоӣ ҳуқуқҳои нав бавуҷудомадаро ба насли чоруми ҳуқуқи инсон шомил менамоянд. Вале ин ҳуқуқу озодиҳо бе дарназардошти таърих, фарҳанг, расму оин, анъана ва манфиатҳои миллии ин ё он халқу миллат рӯи кор омадаанд. Ҷорӣ намудани онҳо дар амалия ва эътироф намудани онҳо дар сатҳи қонунгузорӣ метавонад, ба манфиати давлат, генофонди миллӣ, ҳолати руҳиву равонӣ, шуури ҳуқуқӣ, ҷаҳонбинии инсонҳо ва ғ. таъсири манфӣ расонад[269].

Фарогиршавии ҳуқуқи инсон дар муддати кӯтоҳ дар доираи ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ бо стандартизатсия такмил ёфт. Ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ бо воридшавии стандартҳои фарогир бе дарназардошти гуногунрангии фарҳангҳо бисёре аз давлатҳои рушдёфтаро огоҳ месозад. Яке аз масъалаҳое, ки хусусияти мубрамро пайдо кард, мушкилӣ оид ба муайян сохтани афзалиятҳои миллӣ (анъанаҳои миллӣ, амнияти миллӣ ва ғайра) дар доираи ҳуқуқҳои фарогири инсон мебошад.

[267] Ниг.: Диноршоев А.М. Права и свободы человека и гражданина в Конституции Республики Таджикистан и международно-правовых документах: особенности закрепления и имплементация в национальное законодательство // Государство и право. – Душанбе, 2009. – № 3. – С. 68.
[268] Ниг.: Лукашук И.И. Глобализация и право // Государство и право. – 2005. – № 12. – С. 112.
[269] Ниг.: Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ. Дисс. Барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2019. – 479 с.; Раҳмон Д.С. Чанд мулоҳиза доир ба дурнамои таълимоти универсалии ҳуқуқи башар // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2018. – №4 (24). – С. 5-14.

Олимони ватанӣ Э.С. Насриддинзода ва Ҷ. Саъдизода фарҳанги ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқи инсонро мавриди омӯзиш қарор дода, иброз менамоянд, ки дар шароити муосир фарҳанги ҳуқуқи инсон дучори равандҳои ҷаҳонишавӣ қарор гирифта, баъзе аз омилҳои манфӣ ба зеҳн ва тафаккури аҳолӣ таъсири манфӣ расонида истодаанд. Омилҳои мазкур ҷиҳати дар амал татбиқ намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон монеа эҷод намуда, метавонанд, барои нигоҳ доштани ахлоқи ҷомеа, таъмин намудани саломатии аҳолӣ, мустаҳкамии асосҳои сохтори конститутсионӣ ва ғ. таъсири манфӣ дошта бошанд. Аз ин рӯ, ҶТ пас аз соҳиб шудани Истиқлолияти давлатӣ роҳи эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро пешаи худ қарор дода, ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқи инсон тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намуд. Махсусан, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде қабул ва мавриди амал қарор дода шуданд, ки онҳо барои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ метавонанд, саҳмгузор бошанд[270].

Барои тасдиқ шудани муносибати фарогир нисбат ба ҳуқуқи инсон, ҳамчунин талошҳо дар хусуси ворид кардани муносибати ягона нисбат ба ҳуқуқи инсон, механизмҳои ягонаи ҳимояи онҳо, ҷаҳонишавӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва стандартизатсияи онҳо мусоидат намудаанд. Е.А. Лукашева қайд менамояд, ки «чунин мавқеи бечунучаро бо он маънидод карда мешавад, ки ба ҳайси асоси стандартҳои байналмилалӣ назарияи аврупоии ҳуқуқи инсон баромад кардааст ва муносибати аврупогароӣ дар тули солҳои зиёд чун омили муайянкунандаи баҳогузории вазъият дар хусуси ҳуқуқи инсон дар тамоми минтақаҳои ҷаҳон хизмат намудааст»[271].

---

[270] Ниг.: Насурдинов Э.С. Проблемы формирования правовой культуры в условиях становления демократического государства в Таджикистане. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 196 с.; Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 316 с.; Насурдинов Э.С. Правовая культура: монография / отв. ред. Ф.Т. Тахиров. – М.: Норма, 2014. – 352 с.; Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2017. – 241 с.; Саъдизода Дж. Культура прав человека как средство обеспечения прав и свобод человека и гражданина в правовом государстве // Проблемы соотношения международного и национального права. Материалы межуниверситетской научно-практической конференции 24-25 марта 2014 года / Под общей ред. Е.М. Павленко, А.М. Диноршоева. – Москва-Душанбе, 2014 – С. 264-272.

[271] Лукашева Е.А. Права человека: конфликт культур // Наш трудный путь к праву. – С. 241.

Аммо назарияи фарогири ҳуқуқи инсон дар рафти зоҳиршавии низоъҳои зиёди байналмилалӣ ва дар натиҷаи кӯшиши тамаддунҳои ғайриғарбӣ ба ҳувият ва хештаншиносии худ дар зери фишори аврупогардонӣ ва амрикогардонӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мавқеи бартаридоштаи худро дар арсаи ҷаҳонӣ аз даст дод. Вақте расид, ки «… мағриб дар коршоямии фарогири (универсалии) фаҳмиши анъанавии худ оид ба ҳуқуқи инсон, махсусан барои фарҳанги ғайриғарбӣ шубҳа пайдо кард»[272]. Г.Ҷ. Берман чунин менависад, ки «дар гузашта инсони Ғарб бо боварии комил қонуни худро бо худ ба тамоми ҷаҳон меовард. Аммо ҳоло бошад, ҷаҳон ба «қонунияти» ғарбӣ бо шубҳаи зиёдтар назар ба давраи пеш менигарад. Инсони машриқ ва инсони ҷануб имкониятҳои дигарро пешниҳод менамоянд»[273].

Муносибати муҳаққиқони Тоҷикистон ба ақида оид ба фарогирии ҳуқуқи инсон якхела намебошад. Барои мисол, дар як ҳолат фарогирии (универсалияти) ҳуқуқи инсон бо дигар хусусият – умумиинсонӣ ҳамбастагӣ карда мешавад. Он чунин тафсир карда мешавад, ки ҳама одамон, новобаста аз нажод, миллат, забон, вазъи иҷтимоӣ, дин ва ғайра дорои ҳуқуқҳои умумӣ ва ягона ҳастанд. Дар баробари ин қайд карда мешавад, ки фарогирии ҳуқуқи инсон аз «омилҳои сарҳадӣ ва фазоӣ иборат аст»[274]. Ҳамзамон, фарогиршавии ҳуқуқи инсон чун кӯшиши ғарбигароии он фаҳмида мешавад, ки аз ҷониби муаллифони ватанӣ дар зери танқид қарор гирифтааст. Дар чунин маврид ҳама талошҳо барои маҳдуд сохтани сарчашмаи ҳуқуқи инсон бо ҳолати воқеии раванди таърихӣ мувофиқ намебошад, зеро далели иштироки халқиятҳои зиёдро дар ҷараёни ташаккули ҳуқуқи инсон тасдиқ менамояд. Дар ин сурат кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки тафриқаи назарияҳои ғарбӣ ва ғайриғарбӣ оид ба ҳуқуқи инсон гузаронида шавад[275].

Ба ақидаи муҳаққиқи ҳиндӣ – С.П. Синх, ҳуқуқ дар тамаддунҳои ғарбӣ дар зери таъсири махсуси шароити таърихӣ ташаккул ёфтааст, дигар тамаддунҳо бошанд, роҳи инкишофёбии худро тай карда, арзишҳои худро ба вуқуъ овардаанд,

[272] Ниг.: Берман Г.Дж. Западная традиция права: эпоха формирования. – М., 1994. – С 48.
[273] Ҳамон ҷо.
[274] Ниг.: Диноршоев А., Сафаров Д. Ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2010. – С. 71.
[275] Ниг.: Сафаров Д.С. Некоторые вопросы признания единой концепции прав человека // Государство и право. – Душанбе, 2008. – №2. – С. 83-90.

ки хусусияти ҳуқуқӣ надоранд[276]. Муаллиф далели радшавии «нақши универсалият ва иҷтимоии ҳуқуқ, қонун ва инчунин баробариро чун ҳуқуқҳои фитрии инсон асоснок намуда, қайд кардааст, ки ҳаёти ҳиндӣ на аз ҷониби қонун, балки аз тарафи «дхарма» (талаботу вазифаҳои диниву ахлоқӣ) ба танзим дароварда мешавад»[277].

Аз ин лиҳоз, интихоб кардани назарияи муайяни ҳуқуқи инсон, ки ба шарту шароити таърихии давлат, ба маҷмуи ақидаҳои асосӣ, яъне омилҳои бунёдии иҷтмоиву фарҳангӣ мувофиқ аст, дар рафти ташаккули давлати ҳуқуқбунёд моҳияти аввалиндараҷа дорад. Универсализатсияи ҳуқуқи инсон бо омили гуногунрангии тамаддунҳо мушкил мегардад. Стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон дар доираи фарҳанги халқиятҳои гуногун гирифтори тағйироти куллӣ мегардад. Г.И. Муромтсев пешниҳод менамояд, ки ҳуқуқи инсон бояд «на дар доираи низомҳои ҳуқуқӣ, балки дар доираи гуногунрангии фарҳангҳои ҳуқуқӣ» баррасӣ карда шаванд, зеро дар шароити гумшавии тафовутҳо миёни ҳуқуқи румиву олмонӣ ва англо-саксонӣ дар рафти муттаҳидшавии давлатҳои Иттиҳоди Аврупо мақсаднок мешавад, агар ҳуқуқҳо дар ин давлатҳо дар доираи на «оилаи ҳуқуқӣ», балки дар доираи «фарҳанги ҳуқуқӣ» баррасӣ шаванд»[278].

Реҷаи авторитарӣ барои интихоб кардани он назарияи ҳуқуқи инсон ва он фаҳмиши озодии шахсият шароит фароҳам меорад, ки он ба сохтори давлатӣ мувофиқ буда, ба талаботҳои ҳокимияти ҷории давлатӣ ҷавобгӯ мебошад. Давлати ҳуқуқбунёд бошад, баръакс, ба эътироф ва кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ниёз дорад. Чи тавре ки Б.Н. Топорнин дуруст қайд мекунад, эътирофи ҳуқуқҳои фитрӣ, ҷудонопазир ва дахлнопазирии инсон дар давлати авторитарӣ «маънои маҳдудшавии ҳокимияти давлатӣ ва норавоии дахолати давлатӣ ба ҳаёти шахсии одамонро дорад. Давлат ҳуқуқи бекор ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои шахсии инсонро, ки имконияти мустақил будан ва худмуайянкунии фардиро медиҳад,

---

[276] Ниг.: Права человека: итоги века, тенденции, перспективы / Под ред. Е.А. Лукашевой. – М., 2002. – С. 316.
[277] Ҳамон ҷо. – С. 324.
[278] Ниг.: Муромцев Г.И. О некоторых методологических проблемах современной российской юридической науки // Право и государство в изменяющемся мире: Материалы Всероссийской конференции, посвященной памяти профессора О.А. Жидкова. – М., 2007. – С. 16-22.

надорад. Ғайр аз ин, дар сурати эътирофи онҳо бояд механизмҳои дуруст таъсис меёфтанд, то ки дар назди онҳо давлат ҷавобгӯ шавад. Аз ин лиҳоз, чунин маҳдудиятро ягон реҷаи авторитарӣ намепазирад»[279].

Бинобар ин, эътироф кардани ҳуқуқҳои ҷудонопазир ва дахлнопазири инсон аз ҷониби давлат, ба зимма гирифтани уҳдадорӣ оид ба риоя кардан, кафолат додан ва ҳимояи онҳо аз давлати демократӣ ва хусусияти ҳуқуқӣ доштани он шаҳодат медиҳад. Омили мазкур далели робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон мебошад. Дар давлати ҳуқуқбунёд интихоби бошууронаи назарияи ҳуқуқи инсон амалӣ мегардад, ки зоҳиршавии хусусияти ҳуқуқии ташаккул ва фаъолияти ҳокимиятро дар доираи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон чун омили баҳогузории ҳуқуқии давлат таъмин менамояд.

Айни замон интихоби бошууронаи назарияи ҳуқуқи инсон ва эълон намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон барои зоҳиршавии моҳияти воқеии давлати ҳуқуқбунёд кифоя намебошад. Ҳатто давлатҳои авторитарӣ ҳангоми эълон кардани ҳуқуқҳои фитрӣ ва озодиҳои инсон бо мақсади пайравӣ кардан ба арзишҳои умумиинсонӣ қобилияти маҳдудшуданро доранд. Дар чунин маврид ҳуқуқи инсон танҳо ба ҳайси намоишкорӣ, рӯйпӯши давлат ва паноҳкунандаи моҳияти авторитарии давлат хизмат мекунад. Аз ин лиҳоз, на интихоби назарияи мувофиқи ҳуқуқи инсон, балки амалишавии воқеии он барои фаъолияти давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва амалигардонии озодиҳои шахсият аҳаммияти аввалиндараҷаро дорад.

Тамоюли давлат ба ин ё он назарияи ҳуқуқи инсон минбаъд дар фаъолияти он, махсусан дар ҳуқуқэҷодкунии он зоҳир мешавад, зеро пайравии давлат ба ҳуқуқи инсон эътирофи расмиро пайдо карда, дар конститутсия ва дар дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дарҷ мегардад. Аз ин лиҳоз, интихоби дурусти назарияи ҳуқуқи инсонро бисёре аз муаллифон бо он маънидод мекунанд, ки маҳз аз интихоби назария мазмуни методологии қонунгузорӣ, ки муносибатҳои муҳимми

[279] Ниг.: Топорнин Б.Н. Вступительная статья к научно-практическому комментарию «Конституция Российской Федерации». – М., 1997. – С. 33.

ҷамъиятӣ ва инкишофи минбаъдаи фарҳанги ҳуқуқиро ба танзим медарорад, вобастагӣ дорад[280].

Ба интихоби назарияи ҳуқуқи инсон дигар омилҳо низ таъсиррасон мебошанд. Ҳангоми амалишавии ин ё он назария бояд муносибатҳои воқеии ҷамъиятӣ ва пояҳои ҷомеа ба назар гирифта шаванд. Сатҳи амалигардонии назарияи ҳуқуқи инсон аз пояҳои тамаддуниву фарҳангии ҷомеа, аз ҷумла, маънавиёт, ахлоқу одоб вобаста аст. Ҳуқуқи инсон чун зуҳуроти иҷтимоӣ, талаботи инсон барои пайдо кардани ҷойи худ дар ҷомеа бевосита бо низоми батанзимдарории меъёрӣ-иҷтимоӣ алоқамандии зич дорад. Ба сатҳи фаҳмиши ҳуқуқ ва озодиҳои худ аз ҷониби инсон омилҳои гуногун, ба мисли ҷаҳонбинӣ, қоидаҳои ахлоқу одоб, шуури ахлоқӣ таъсиррасон мебошанд. Амалишавии ҳуқуқи инсон бо накӯкорӣ, ки дар ҳама ҷамъият пазируфта мешавад, алоқамандии зич дорад. Айни замон ахлоқ ба ҳама ҷомеа хос буда, «вале на дар ҳама ҷо якхела аст»[281]. Моҳияти адолат, ба мисли некӣ ва бадӣ ба ҳайси омилҳои баҳогузории принсипҳои ахлоқӣ ва меъёрҳо баромад карда, «аз ҷониби ҳама кас ҳар гуна дарк карда мешаванд»[282]. Аз рӯи гуфтаҳои С. Хантингтон, қисми зиёди одамон «дар ҷомеаҳои гуногун принсип ва ахлоқи бо ҳам монанд ва фаҳмиши минималии он чи ки дуруст ва он чи ки нодуруст аст, доранд. Агар маҳз ин ба мафҳуми тамаддуни ҷаҳонӣ хос бошад, пас он бисёр ҷанбаи амиқ ва зарур мебошад, аммо дар ҳар сурат он падидаи нав набуда, дар танҳоӣ қобилияти исбот карданро надорад»[283].

Он ба фаҳмиши гуногунранг оид ба ҳуқуқи инсон таъсиррасон мебошад. Ҳамон як ҳуқуқҳо дар муҳитҳои гуногун ҳар гуна фаҳмида мешаванд. Барои мисол, ҳуқуқ бо иваз кардани ҷинс, издивоҷҳои якҷинса, озодии гузаронидани намоишҳои ҳамҷинсгароён, ки дар Ғарб басо паҳн шудаанд, дар Шарқ, махсусан дар Шарқи исломӣ бо арзишҳои мустаҳками динӣ, ахлоқиву маънавии онҳо тамоман

[280] Ниг.: Анисимов П.В. О методологическом и практическом значении прав человека на правовую защиту в формировании правозащитного направления отечественной юридической науки // Российская и европейская правозащитные системы: соотношение и проблемы гармонизации. – Н. Новгород, 2003. – С. 34.
[281] Ниг.: Права человека в современной религиозной мысли Запада / Отв. ред. В.И. Гараджа. – М., 1992. – С. 23.
[282] Ниг.: Лейст О.Э. Сущность права. – М.. 2002. – С. 169.
[283] Ниг.: Хантингтон С. Становление цивилизаций? // Сравнительное изучение цивилизаций. Хрестоматия / Сост. Б.С. Ерасов. – М., 1998. – С. 511.

дигар хел фаҳмида мешаванд. Чунин талаботҳои инсон бо муқовиматҳои шадиди омма дучор мешаванд. Аз ин лиҳоз, танҳо эътироф кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ба ҳайси арзишҳои умумиинсонӣ (дар мувофиқат бо арзишҳои ахлоқӣ ва ғайра) чун далели фарогир будани онҳо хизмат карда наметавонад. Маҳз ҳамбастагии ҳуқуқи инсон бо дин, ахлоқ, одоб ва амалишавии ҳуқуқи инсон дар асоси омилҳои маънавию ахлоқӣ чун асоси фаҳмиши гуногунранги тафсиру мафҳумҳо ва дарки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон баромад мекунанд. Омили мазкур бояд ҳангоми интихоб кардани ин ё он назарияи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон, ки дорои ҷомеаи пойдори анъанавӣ аст, ба назар гирифта шаванд.

Назарияҳои фитрии ҳуқуқи инсон дар асоси ақидаи анъанавӣ оид ба тавлидӣ ва дахлнопазир будани онҳо коркард шудаанд. Чи тавре ки дар Эъломияи фаронсавии ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд аз соли 1789 дарҷ гардидааст: «Одамон озод ва баробар тавлид меёбанд ва озоду баробар мемонанд. Мақсади ҳама гуна иттиҳодияи сиёсӣ дар таъмин кардани ҳуқуқҳои фитрӣ ва дахлнопазири инсон дида мешавад. Ба ҳайси чунин ҳуқуқҳо – ҳуқуқ ба озодӣ, моликият, амният ва муқовимат ба беадолатӣ баромад мекунанд»[284].

Аз рӯи гуфтаҳои Т. Пейн ҳуқуқҳои фитрӣ «ҳуқуқҳое мебошанд, ки дар асоси ҳуқуқи ҳастӣ ба инсон дода мешаванд»[285]. Пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ақида оид ба ҳуқуқҳои фитрии инсон эътирофи байналмилалиро ноил гардид. Дар Эъломияи умуми ҳуқуқи инсон гуфта шудааст: «Ҳама одамон дар доираи шаъну шараф ва ҳуқуқҳои худ озод ва баробар таваллуд мешаванд. Онҳо дорои шуур ва виҷдон буда, нисбат ба якдигар бояд муносибати бародарона дошта бошанд»[286].

Ҳуқуқҳои фитрии инсон «на дар асоси қонун, балки дар асоси эътирофи мутақобилаи онҳо аз ҷониби субъектони муносибатҳои давлатӣ ва ҳуқуқӣ арзи ҳастӣ доранд»[287]. Ҳамон тавре, ки Ф.Т. Тоҳиров қайд намудаанд, ҳуқуқҳои

---

[284] Ниг.: Международные пакты о правах человека. Сборник документов / Сост. В.А. Карташкин, Е.А. Лукашева. – М., 2002. – С. 30.

[285] Ниг.: Пейн Т. Права человека // Антология мировой политической мысли. В 5 т. Т. 1. Зарубежная политическая мысль: истоки и эволюция / Под ред. А.А. Миголатьева. – М., 1997. – С. 490.

[286] Всеобщая декларация прав человека // Международное право в документах. – С. 219.

[287] Ниг.: Четвернин В.А. Введение в курс общей теории права и государства. – М., 2003. – С. 19.

фитрии инсон хусусияти тавлидӣ ва ҷудонопазирро дошта, «ба ҳар як нафар аз лаҳзаи таваллуд, новобаста аз иродаи давлат тааллуқ дорад»[288].

Дар баробари ин, назарияи фитрии ҳуқуқи инсон дар баъзе аз тадқиқотҳо мавриди шубҳа қарор дода мешавад. С.П. Синх чунин менависад: «Назарияи фитрии ҳуқуқи инсон ҳамчун омили яқин бовариро ба қонуни фитрӣ мепазирад, ба мисли боварӣ ба ҳастии инсон, Худо ё шуури муҷаррад. Вале чунин ақида, ҳамон тавре ки тарафдорони назарияи ҳуқуқҳои фитрӣ хоҳонанд, хусусияти умумӣ надошта, ҳатто васеъ паҳн нагаштааст»[289].

Ба мазмун ва фаҳмиши ҳуқуқҳои фитрии инсон шароити таърихӣ, махсусиятҳои миллӣ ва тафриқаҳои тамаддунӣ низ таъсир мерасонанд. Назарияи ҳуқуқҳои фитрии инсон, гарчанде ба ақидаҳо ва ғояҳои устувор асос ёфтааст, дар ҳар сурат дар доираи муҳити мухталифи фарҳангӣ метавонад ба таври гуногун дарк карда шавад. Гуногунии тамаддуниву фарҳангӣ сатҳи гуногуни мутобиқшавии ҳуқуқи инсонро ба вуқуъ меорад. Ба андешаи муҳаққиқон, ҳуқуқи инсон «дар доираи шароити таърихӣ, фарҳангиву иҷтимоӣ ва миллӣ дорои тафсирҳои бисёр мебошад»[290].

Дар назарияҳои позитивӣ ҳуқуқи инсон дар ҳамбастагӣ бо давлат, чун шакли ташкили ҳокимият тафсир карда мешаванд. Позитивизми ҳуқуқӣ табиати позитивии ҳуқуқро таъкид менамояд, ҳуқуқи позитивӣ бошад, ба ҳайси воситаи мустаҳкамнамоии ҳуқуқи инсон хизмат мекунад. Табиати позитивии ҳуқуқ табиати позитивии ҳуқуқи инсонро эътироф менамояд.

Ҳамзамон бо ин, дар ҷаҳони муосир якҷояшавии назарияҳои фитрӣ ва позитивӣ нисбат ба ҳуқуқи инсон назаррас мебошад. Шубҳаи муаллифон, ки назарияҳои фитрии ҳуқуқи инсонро бинобар сабаби бо давлат алоқамандӣ надоштанашон мавриди танқид қарор додаанд, метавон бо факти дарҷ шудани ҳуқуқҳои фитрии инсон дар қонунгузории позитивӣ барҳам дод. Дар бораи

---

[288] Ниг.: Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. – Душанбе, 2009. – С. 360.
[289] Ниг.: Синх С.П. Юриспруденция. Философия права. – М., 1996. – С. 84-85.
[290] Ниг.: Глухарева Н.И. Права человека в современном мире: социально-философские основы и государственно-правовое регулирование. – М., 2003. – С. 181.

якҷояшавии ҳуқуқҳои фитрӣ ва ҳуқуқҳои позитивӣ муаллифони зиёд фикру ақида ва мулоҳизаҳои худро навиштаанд.

Ба муттаҳидшавии назарияҳои ҳуқуқи фитрӣ ва позитивӣ ҳамчунин ҷараёни инкишофи ақидаҳои фитрӣ ва мутобиқшавии онҳо ба шароити тағйирёбандаи иҷтимоӣ низ таъсир мерасонанд. Ҳуқуқҳои ҷудонопазири инсон, ки дар асри XVII-XVIII коркард шудаанд, бе тағйир боқӣ намондаанд. Шароити нави ҳаёти ҷамъиятӣ (гузариш ба идоракунии иқтисодӣ, ба роҳ мондани фаъолияти иқтисодиву иҷтимоӣ дар давлати муосир, бархӯрди тамаддунҳо, таҳдид ва хатарҳои ҷаҳонӣ ва ғайра) тафсири нави ҳуқуқҳои позитивиро талаб мекунанд. Дар баробари ин, ниёз ба коркарди назарияи ҳуқуқи инсон бо мақсади «нигоҳ доштани омилҳои бунёдии ахлоқию анъанавӣ дар шароити нав» эҳсос карда мешавад. Таълимоти ҳуқуқи инсон дар доираи чунин фаҳмиш ба принсипҳои ҳуқуқҳои фитрӣ такя карда, ҳамзамон ба тамоми тағйиротҳои шароити иҷтимоӣ омода мешавад[291].

Дар адабиёти илмӣ назарияи сохтории ҳуқуқи инсон пешниҳод гаштааст, ки ба муттаҳидшавии мабдаи бо ҳам муқобил – «озодӣ ва баробарӣ, фардигароӣ ва ҳамраъйӣ, ҳуқуқ ва вазифаҳо, шаҳрванд ва ҳокимият, принсипҳои фитрӣ ва расмӣ, инсон ва талаби иҷтимоӣ-табиӣ» равона шуда, «муносибати мутақобилаи салибӣ-фарҳангии Мағриб ва Машриқ, муттаҳидсозии паҳлуҳои мусбат таҷрибаҳои анъанавӣ ва муосири ҳуқуқиро бо мақсади дастгирӣ ва ҳимояи шаъну шарафи инсон зоҳир мекунад»[292].

Сабаби пешниҳод кардани назарияҳои интегратсионӣ (синтетикӣ) аз ҷониби муаллифони муосир далели раванди наздикшавии назарияҳои ҳуқуқии фитрӣ ва позитивӣ мебошад. Ба ақидаи Р.А. Мюллерсон, «гарчанде муносибат ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бо ду назарияи ҳуқуқ, яъне фитрӣ ва позитивӣ алоқамандӣ дорад, дар ҳар сурат дар ҷаҳони муосир мутаҳидии назарияҳои ҳам фитрӣ ва ҳам позитивӣ шубҳанок аст»[293].

---

[291] Ниг.: Медушевский А.Н. Сравнительное конституционное право и политические институты. – М., 2002. – С. 36.
[292] Глухарева Л.И. Асари ишорашуда. – С. 117.
[293] Ниг.: Мюллерсон Р.А. Права человека: идеи, нормы, реальность. – М., 1991. – С. 165.

Дар робита бо инкишофи ҷомеаи инсонӣ, махсусан дар шароити фаъолияти бошиддати қонунгузорӣ, васеъ шудани соҳаи танзими ҳуқуқӣ, баланд гаштани мақом ва нақши қонун барои таҷассуми меъёрии ҳуқуқҳои фитрии инсон дар сатҳи ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва миллӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Раванди мазкур барои бартараф кардани ихтилофот миёни назарияҳои фитрӣ ва позитивии ҳуқуқи инсон мусоидат намуд, вале баҳсу мунозираҳо оид ба муттаҳидшавӣ ё ҷой доштани тафриқаҳо миёни ҳуқуқҳои фитрӣ ва позитивӣ то ҳол идома ёфта истодаанд. Як гурӯҳи муаллифон боварии комил ба он доранд, ки «ихтилофот миёни ҳуқуқҳои фитрӣ ва позитивӣ то ҳол ҷой дорад ва бартараф кардани он ғайриимкон аст»[294].

Дар қонунгузорӣ мустаҳкам гаштани ҳуқуқҳои фитрӣ сабаби пурра рад шудани фарқиятҳо миёни ҳуқуқҳои фитрӣ ва позитивӣ шуда наметавонад. Дар шакли позитивӣ таҷассум ёфтани ҳуқуқҳои фитрӣ моҳият ва табиати ҳуқуқҳои ҷудонопазири инсонро тағйир намедиҳад. Дар акси ҳол, ҳуқуқҳои фитрӣ ҳангоми мустаҳкамшавии қонунӣ таъиноти аввалиндараҷаи худро аз даст медиҳад. Ҳамчунин фикри дигар низ ба вуқуъ меояд, ки мувофиқи он ҳуқуқҳои фитрии инсон ҳангоми таҷассуми қонунӣ пайдо кардан, ба таври автоматӣ ба ҳуқуқҳои позитивӣ мубаддал мегарданд ва аз ҷониби давлат муқаррар шуда, на аз иродаи табиати инсон, балки аз ирода ва хоҳиши давлат вобаста мешаванд. Албатта, чунин рафти фикр аз мантиқ берун аст. Ба андешаи як қатор олимон, моҳияти тақсим шудани ҳуқуқҳои фитрӣ ва ҳуқуқҳои позитивӣ дар «омехта нашудани ду падидаи гуногун, яъне қонунҳои давлат ва ҳуқуқҳои фитрии инсон дида мешавад. Монандкунӣ ва муқобилгузории ҳуқуқҳои фитрӣ ва позитивӣ на фақат ғайри қобили қабул, балки зараровар аст»[295].

Албатта, тарафдорони назарияҳои ҳуқуқҳои фитрӣ ва позитивӣ тафсирҳои гуногунрангро пешкаш мекунанд. Ҳангоми тафсири ҳуқуқҳои фитриии инсон диққати махсус ба сифатҳои фитрии он, ҷудонопазирӣ ва дахлнопазирии он дода мешавад. Чунин тафсири ҳуқуқи инсон ба қисми зиёди муҳаққиқон хос аст. Он

[294] Ниг.: Рассказов Л.П., Упоров И.В. Естественные права человека. – СПб., 2001. – С. 78.
[295] Ниг.: Теория государства и права. Курс лекций / Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., 1997. – С. 252.

ҳамчунин дар адабиёти хориҷӣ низ ҷой дорад. Чунончи Т. Фляйнер оид ба ин масъала менависад, ки «ҳуқуқи инсон – ҳуқуқест, ки имконият медиҳад, дар мувофиқат бо табиат ва дар якҷоягӣ бо дигарон зиндагӣ намоем»[296].

Дар як қатор асарҳо ҳуқуқи инсон чун талаботи мутақобилаи шахс ва давлат маънидод гаштаанд. Мувофиқи гуфтаҳои муҳаққиқи немис О. Хеффе, ҳуқуқи инсон «талаботи боадолатонаи одамон нисбат ба якдигар ва сипас, нисбат ба ҷомеа мебошад»[297].

Як гурӯҳи олимон табиати фитрӣ ва ҳуқуқӣ, ҳамчунин қонунӣ будани талаботҳои инсониро қайд менамоянд. Барои мисол, ҳуқуқи инсон чун «талаби қонунии инсон, ки дар ҷараёни пайдоиши табиии худ ташаккул ёфта, табиатан аз ягон кас, на аз инсон ва на аз давлат вобастагӣ надоранд, шарҳ дода мешавад»[298].

Дар дигар ҳолатҳо моҳияти ҳуқуқи инсон чун талаботи фарогир, ки аз махсусиятҳои ҳаёти иҷтимоии ҷомеа ва низоми ҳуқуқии он вобастагӣ надорад, муайян карда мешавад. Дар ин ҳолат муносибати фарогир ба ҳуқуқи инсон истифода мешавад. Чунончи, А.Г. Бережнов чунин мешуморад, ки ҳуқуқи инсон «маҷмуи минималии талаботҳои умумииҷтимоӣ (дар доираи ҷамъияти алоҳида), умумиинсонӣ ва умумидемократии шахс мебошад, ки амалишавии онҳо новобаста аз хусусиятҳои низоми иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ бояд таъмин карда шавад»[299].

Ҳуқуқи инсон чун ҳуқуқҳои фитрӣ ё иҷтимоӣ, ки дар асоси талаботҳои иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст, бештари вақт ба ҳуқуқҳои шахсии инсон тааллуқ доранд. Чунончи, қайд мешавад, ки ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ (ҳуқуқҳои насли дувум) ҳуқуқҳои расмӣ мебошанд (дар асос ва дар доираи қонун пайдо шудаанд), яъне онҳо на аз ҳуқуқ, балки аз қонун бармеоянд[300].

Дар як қатор таърифҳо ҳуқуқи инсон чун имкониятҳои муайяни шахс ҳангоми истифода кардани неъматҳо муайян карда шудаанд. Дар баробари ин, неъматҳои

---

[296] Ниг.: Фляйнер Т. Что такое права человека / Пер. с нем. – М., 1997. – С. 20.
[297] Ниг.: Хеффе О. Политика. Право. Справедливость. Основоположения критической философии права и государства / Пер. с нем. – М.,1994. – С. 254-255.
[298] Ниг.: Утяшев М.М., Утяшева Л.М. Права человека в современной России. – Уфа, 2003. – С. 12.
[299] Ниг.: Бережнов А.Г. Политика и права человека // Политология / Под ред. М.Н. Марченко.– М., 1993. – С. 173.
[300] Ниг.: Алексеев С.С.Философия права. М., 1997. С. 125; Мамут Л.С. Социальное государство с точки зрения права // Государство и право. – 2001. – № 7. – С. 9.

мазкур бояд аз ҷониби давлат кафолат дода шаванд ва шакли қонунӣ дошта бошанд. Барои мисол, ҳуқуқи инсон бо «кафолати имконияти истифода кардани неъматҳо»[301] ё чун «имкониятҳои шахс оид ба доштан ва истифода кардани неъматҳо, ки ба таври ҳуқуқӣ мустаҳкам гардидаанд»[302] шарҳ дода мешавад.

Ҳуқуқи инсон ҳамчун андозаи озодии фард низ тафсир шудааст. Барои мисол, Ф.М. Рудинский қайд менамояд, ки ҳуқуқи инсон «хусусият ва имкониятҳои ҷудонопазири инкишофёбӣ дорад, ки аз шарту шароити табиати фард бармеоянд ва миқёси озодии инсонро муайян месозанд»[303]. В.А. Четвернин ҳуқуқи инсонро чун «ченаки минималӣ ва ҷудонопазири озодӣ»[304] тафсир кардааст.

А.Д. Гусев ва Я.С. Яскевич ҳуқуқи инсонро чун «асоси иҷтимоиву ахлоқӣ ва талаботи фардони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоии ҷомеа ё давлат муайян кардааст, ки бо мақсади таъмин кардани инкишофи озод ва ҳамаҷиҳатаи шахс ба инсоният таалluқ доранд»[305].

Ба дарки ҳуқуқи инсон раванди васеъшавии номгӯйи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таъсир мерасонад. Дар маркази диққати муҳаққиқон муносибати мутақобилаи ҳуқуқҳои инфиродӣ ва коллективӣ ҷойгир шудааст. Ба ақидаи Р.А. Мюллерсон, ҳуқуқҳои насли савум, яъне ҳуқуқ ба сулҳ, ба муҳити солим, ба инкишофи иқтисодиву иҷтимоӣ ва ҳуқуқи халқ ба худмуайянкунӣ ҳам ба шахси алоҳида, ҳам ба халқи муайян ва ҳам ба тамоми инсоният таалluқ доранд[306].

Е.А. Лукашева боварии комил аз он дорад, ки агар «ҳуқуқҳои колективӣ ба маҳдудшавии ҳуқуқҳои шахси алоҳида оранд, пас ҳадафҳое, ки чунин ҷомеаро муттаҳид месозанд, ғайриинсонӣ ва ғайриҳуқуқӣ мебошанд. Ҳангоми батартиб даровардани ҳуқуқҳои коллективӣ, онҳо наметавонанд назар ба ҳуқуқҳои

---

301 Ниг.: Проблемы теории государства и права / Под ред. М.Н. Марченко. – М., 2001. – С. 55.
302 Ниг.: Забигайло В.К. Право на права. – Киев, 1989. – С. 9.
303 Ниг.: Рудинский Ф.М. Советские конституции: права человек и гражданина // Советское государство и право.– 1991. – № 9. – С. 3.
304 Ниг.: Четвернин В.А. Демократическое конституционное государство. Введение в теорию. – М., 1993. – С. 28.
305 Ниг.: Права человека / Под ред. А.Д. Гусева, Я.С. Яскевича. – Минск, 2002. – С. 12.
306 Ниг.: Мюллерсон Р.А. Права человека: идеи, нормы, реальность. – М., 1991. – С. 30.

инфиродӣ мавқеи болотарро ишғол кунанд, балки бояд дар мувофиқат бо онҳо қарор гиранд ва дар хусуси сифати худ мавриди санҷиш қарор дода шаванд[307].

Тағйирёбии ҷаҳонии боду ҳаво, низоъҳои ҳарбӣ, терроризми байналмилалӣ ба ҳуқуқҳои халқҳо ба муҳити мусоид, ба сулҳу ваҳдат, ба амнияти байналмилалӣ афзалият мебахшад. И.В. Молдованова чунин менависад, ки «ҷомеаи инкишофёфта имкониятҳои нав ва босифатро барои тақвият додан, ғанӣ гардонидан ва рушд додани низоми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ҳамчунин такмил ва кафолат додани онҳо бо мақсади таъмини ҳаматарафа ва рушди мувофиқи онҳо амалӣ мегардонад»[308].

Яке аз шаклҳои инкишофи назарияҳои ҳуқуқи инсон дар васеъшавии рӯйхати ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дида мешавад. Мисоли он ҳуқуқ ба трансплантатсияи узвҳои инсон, иваз кардани ҷинс, бозтавлидкунии сунъӣ ва ғайра мебошад[309].

Н.Ф. Сафарзода иброз менамояд, ки ҳуқуқҳои баданӣ (соматикӣ) аз ҷониби ҷомеаи ғарбӣ пешниҳод шуда, аз лиҳози қонунӣ имрӯз мавриди танзим қарор гирифтаанд ва дар ҳоли воридшавӣ ба низоми ҳуқуқии давлатҳои хурд қарор доранд. Вале онҳо бар хилофи расму оин ва анъанаҳои ин ё он халқу миллат буда, ба насли инсоният таъсири манфӣ мерасонанд ва барои аз байн бурдани генофонди миллатҳо муосидат мекунанд. Инчунин, ҳуқуқҳои баданӣ (соматикӣ) боиси татбиқ нагардидани ҳуқуқҳои дигари инсон, махсусан ҳуқуқ ба саломатӣ мегарданд[310].

---

[307] Ниг.: Права человека и международные отношения / Под ред. Е.А. Лукашевой. – М., 1994. – С. 48.

[308] Ниг.: Молдованова И.В. Концепция прав и свобод человека: История и преемственность. – М., 1992. – С. 4-5.

[309] Ниг.: Крусс В.И. Личностные («соматические») права человека в конституционном и философско-правовом измерении: к постановке проблемы // Государство и право. – 2000.– № 10. – С. 43.

[310] Ниг.: Сафарзода Н.Ф. Реализация права на здоровье в совриmенном мире // Леденцовские чтения. «Бизнес. Наука. Образование». Правовые и экономические аспекты: сборник материалов VIII Международной научно-практической конференции. Секция высшего образования с участием специалистов и обучающихся среднего профессионального образования и школьников (г. Вологда, 23 апреля 2020 г.) / ответственный редактор Ю. А. Пеганова; Северо-Западный институт (филиал) Университета имени О. Е. Кутафина (МГЮА). – Вологда: Фонд развития филиала МГЮА имени О.Е. Кутафина в г. Вологде, 2020. – С. 546-550.; Сафарзода Н.Ф. Право на здоровье: сравнительно-правовой анализ // Современная юридическая наука и практика: актуальные проблемы: сборник научных статей по материалам V Международного научно-практического форума магистрантов, аспирантов и молодых ученых (Саратов, 20 марта 2020 г.) / ФГБОУ ВО «Саратовская государственная юридическая академия». – Саратов: Изд-во ФГБОУ ВО «Саратовская государственная юридическая академия», 2020. – С. 66-67.

Далели васеъ шудани ҳуқуқи инсон эътирофи расмии худро дар сатҳи як гурӯҳ санадҳо оид ба ҳуқуқи инсон пайдо кардааст. Чунончи, дар Хартияи Иттиҳоди Аврупо оид ба ҳуқуқҳои асосии инсон аз соли 2000 қайд мешавад, ки ҳуқуқи инсон тавассути «он ҳуқуқҳое, ки дар натиҷаи пешрафти иҷтимоӣ, инкишофи илму технология ба миён омада, тамоили мустаҳкам гардонидани на қисми ақаллӣ, ки дар таҷрибаи байналмилалии ҳуқуқ басо паҳн гаштааст, балки қисми бештари онҳоро доранд»[311] ҳамеша зиёд мешаванд.

Зиёдшавии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ба зиёдшавии шумораи субъектон ё барандагони ҳуқуқ ва озодиҳои инсон оварда мерасонад. Барои мисол, ғайр аз фард ба доираи субъектони ҳуқуқ давлат, аҳолӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ҷомеаи инсонӣ ва наслҳои оянда низ шомил гаштанд[312]. Дар рафти инкишофи наслҳои ҳуқуқи инсон давраи гузариш аз ҳуқуқҳои инфиродӣ ба ҳуқуқҳои коллективӣ, ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ, дар маҷмуъ ба аҳолӣ ва ҳамчунин гузариш аз назарияҳои фардигароии ҳуқуқи инсон (классикӣ ва либералӣ) ба назарияҳои иҷтимоӣ ба миён омад.

[311] Ниг.: Хартия Европейского Союза об основных правах 2000 г. / Под ред. С.Ю. Кашкина. – С. 65.
[312] Ниг.: Комментарии к Хартии Европейского Союза об основных правах / Под ред. С.Ю. Кашкина. – М., 2001. – С. 18, 65.

# БОБИ 2. НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ РОБИТАИ ДАВЛАТ ВА ШАХС ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Модели конститутсионии робитаи давлат ва шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ҳуқуқи инсон дар сатҳи санадҳои байналмилалӣ ва конститутсияҳои давлатҳои демократӣ эътибори ҳуқуқӣ пайдо намуд. Марҳилаи нави ташаккули ҳуқуқи инсон, яъне раванди ифодаи ҳуқуқи инсон дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва конститутсионии давлатҳои мухталиф бо дарммназардошти унсурҳои мушаххаси таърихӣ, сатҳи инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин махсусиятҳои миллӣ оғоз гардид.

Бояд тазаккур дод, ки дар марҳилаи мазкур расмигардонии модели конститутсионии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон оғоз ёфт. Ғояи арзишнокии падидаи давлати ҳуқуқбунёд ба таври расмӣ ва ҳуқуқӣ дар конститутсияи давлатҳо таҷассуми худро пайдо намуд. Расмигардонии модели конститутсионии давлати ҳуқуқбунёд дар доираи арзишҳои умумиэътирофгардида сурат мегирад, ки яке аз онҳо ҳуқуқи инсон маҳсуб меёбад.

То замоне ки ҳуқуқи инсон дар сатҳи санадҳои асосӣ мазмун ва моҳияти худро пайдо намуд, марҳилаҳои гуногуни таърихиро сипарӣ намудааст. Аз лаҳзаи рӯи кор омадани нахустин конститутсияҳои буржуазӣ ҳуқуқи инсон ҷилои конститутсионӣ пайдо кард. Махсусан, мазмун ва моҳияти ҳуқуқи инсонро метавон дар Конститутсияи ИМА соли 1787, Конститутсияи Фаронса соли 1789 ва ғ. ба таври амиқ мушоҳида намуд. Яъне, конститутсия тадриҷан ба як санади асосии эътирофкунандаи ҳуқуқи инсон табдил ёфт. Пас аз интиҳои Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ҳуқуқи инсон таҷассуми конститутсионии худро дар алоқаи мутақобила бо давлати ҳуқуқбунёд ва баъдан бо давлати иҷтимоӣ меёбад. Дар таълимоти пасошуравӣ давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон мазмун ва моҳияти худро иваз намуда, дар сатҳи конститутсионӣ ғояи бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд бартарият пайдо кард, ки қисми тақсимнашаванда ва ҷудонашавандаи онро

ҳуқуқи инсон ташкил медиҳад. Яъне, дар аксарияти давлатҳои пасошуравӣ ҳуқуқи инсон ба сифати унсури таркибии давлати ҳуқуқбунёд шинохта шуда, инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ ба сифати арзиши олӣ эътироф гардиданд.

Бо қабул гардидани Конститутсияи ҶТ дар соли 1994 ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон мазмун ва моҳияти худро ба таври куллӣ тағйир дода, модели конститутсионии алоқаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон рӯи кор омад. Дар марҳилаи таҳаввули куллии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Тоҷикистон, ки бо эълон гардидани Истиқлолияти давлатӣ дар таърихи 9-уми сентябри соли 1991 ба вуҷуд омад, бунёди давлати ҳуқуқбунёд омили асосӣ ва ягонаи рушди ҷомеа маънидод карда шуд.

Бояд қайд намуд, ки то замони қабул гардидани Конститутсияи ҶТ дар соли 1994 моҳияти соҳибихтиёрии давлатӣ, устувории ҷомеа, бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон дар заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҷассум гардида буданд. Махсусан, дар Эъломияи Истиқлолияти давлатии ҶТ, ки 24-уми августи 1990 қабул гардидааст, чунин меъёр инъикос ёфтааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ ва ҳуқуқбунёд аст» ва «ҳуқуқ, озодӣ ва соҳибихтиёрии ҳамаи давлат ва миллатҳоро эҳтиром менамояд»[313]. Изҳороти Шурои Олӣ дар бораи Истиқлолияти давлатӣ бозгӯкунандаи он буд, ки Тоҷикистон барои бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва кафолати ҳимояи шаъну шараф ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар кишвар талош намуда истодааст[314]. Ҳанӯз дар натиҷаи тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи соли 1978-и ҶШС Тоҷикистон воридшуда, дар моддаи 1 ба таври расмӣ «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр ва ҳуқуқбунёд»[315] эътироф гардида буд.

Бояд хотиррасон намуд, ки дар марҳилаи мазкур вазъи сиёсӣ тағйир ёфта, ИҶШС мавқеъ ва нуфузи худро аз даст дод ва ин боиси ба вуҷуд омадани буҳрони иқтисодиву иҷтимоӣ гардид. Тоҷикистонро ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1992-1997) фаро гирифт ва нагузошт, то мазмуну моҳияти санадҳои нахусти ифшокунандаи

---

[313] Ведомости Верховного Совета Республики Таджикистан. – 1990. – № 15. – С. 236.
[314] Ведомости Верховного Совета Республики Таджикистан. – 1991. – № 18. – С. 238
[315] Ведомости Верховного Совета Республики Таджикистан. – 1991. – №18. – С. 241.

Истиқлолияти давлатӣ дар амал татбиқ карда шаванд. Яъне, ҷанги шаҳрвандӣ заминаҳои ҳуқуқии мавҷудбударо дар самти бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд халалдор намуда, татбиқи амалии онҳоро боз дошт. Месазад иброз намуд, ки танҳо баъди баргузор гардидани Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии ҶТ ва барқарор гардидани сохти конститутсионӣ замина барои бунёди давлати ҳуқуқбунёд дар шакли томаш муҳайё шуд[316].

Дар Иҷлосияи мазкур барои қабул намудани Конститутсияи нави Тоҷикистон ташаббус изҳор гардида, комиссияи махсус дар ин самт таъсис ёфт. Аммо рушди конститутсионӣ, ки дар як марҳилаи кӯтоҳ рӯи кор омад, боиси он гардид, ки мухолифат ва бархӯрди манфиатҳо дар байни ҷонибдорони шакли идоракунии президентӣ ва парламентӣ ба миён ояд[317]. Қабули Конститутсияи ҶТ дар соли 1994 боиси давра ба давра татбиқ намудани модели конститутсионии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон дар кишвар гардид.

Дар моддаи 1-и Конститутсияи ҶТ пешбинӣ мегардад, ки «Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона» мебошад[318]. Муқаррароти ишорагардида сохти ҳуқуқии «соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва ягонагии давлат»-ро инъикос намуда, модели давлати ҳуқуқбунёдро дар Тоҷикистон бозгӯӣ менамояд.

Эълони давлати ҳуқуқбунёд роҳи асосӣ ва тағйирнопазири пешрафти Тоҷикистон маҳсуб ёфта, пас аз барҳам хӯрдани ИҶШС ва касби Истиқлолияти давлатӣ ба вуҷуд омад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи конститутсионӣ худро ба сифати давлати соҳибихтиёр ва ҳуқуқбунёд муаррифӣ намуд. Аз ин рӯ, муносибат ба арзишҳо бояд тавре ба роҳ монда шаванд, ки бозгӯкунанда ва инъикоскунандаи

---

316 Оид ба баргузории иҷлосияи мазкур ва нақши он дар рушди давлатдории Тоҷикистон ба таври муфассал ниг.: Основы новейшей государственности / М. Диноршоев, М. Илолов, А. Маниёзов и др. – М., 2002.

317 Доир ба махсусият ва бархӯрди манфиатҳо дар самти рушди конститутсионии Тоҷикистон ба таври муфасаал ниг.: Имомов А. Конституционно-правовое развитие Республики Таджикистан (1992-1998): сборник статей. – Душанбе, 1998. – С. 60-67; Достиев А.С. Конституция Республики Таджикистан 1994 г.: история разработки, принятия, внесения изменений и основные положения: дис. …канд. юрид. наук. – Душанбе, 2001. – 238 с.; Хакимов Ш.К. Становление и развитие Конституции как политико-правового института в Таджикистане: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2002. – 24 с.; Хамидов Х. Совершенствование Основного закона современного Таджикистана. – Душанбе, 2005. – 107 с. ва диг.

318 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳои 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. – Душанбе, 2016. – 136 с.

мазмуну моҳияти давлати соҳибихтиёру ҳуқуқбунёд бошанд ва тавонанд, волоияти ҳокимияти давлатиро дар муносибатҳои дохиливу байналмилалӣ инъикос намоянд.

Бояд қайд намуд, ки соҳибихтиёрии давлатро ҳуқуқҳои дастаҷамъонаи халқи тоҷик ва баёнгари соҳибихтиёриву сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ будани онҳо пурра менамоянд. Муқаррароти мазкур дар моддаи 6-и Конститутсияи ҶТ мустаҳкам гардидааст. Дар ин муқаррароти конститутсионӣ ҳамзамон падидаи «ҳокимияти халқ» мавриди истифода қарор мегирад. Ғояи соҳибихтиёрии халқ, ҳокимияти халқ, иштироки бевоситаи онҳо дар ташкил ва баамалбарории ҳокимияти давлатӣ тавсифи нави модели давлати ҳуқуқбунёд ба ҳисоб меравад. Муқаррароти фавқуззикр моҳияти давлати ҳуқуқбунёдро дар ҳокимияти халқ ва пазироии озодии иродаи ҷомеа мебинад. Соҳибихтиёриву ҳуқуқбунёдии давлат бо дарназардошти соҳибихтиёрии ҳуқуқҳои дастаҷамъонаи халқ ташаккул меёбад.

Ғояи мансубияти ҳокимият ба халқ дар назарияи соҳибихтиёрии халқ ҳамчун сарчашмаи ҳокимият ва соҳибихтиёрии халқ таҷассум меёбад. Назарияи мазкур «мансубияти ҳокимиятро ба ягон синф ва волоияти синфӣ»[319] рад карда, «соҳибихтиёрии халқро ҳамчун ҳуқуқи воло ва бегонанашавандаи халқ ба ҳокимият эътироф менамояд. Назарияи соҳибихтиёрии халқ онро чун арзиши олӣ ва сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ дониста, баамалбарории ҳокимияти давлатиро дар соҳибихтиёрии халқ ифода мекунад»[320].

А. Имомов мафҳумҳои «соҳибихтиёрии халқ», «пурраҳокимиятии халқ» ва «идоракунии халқӣ»-ро ба ҳам шабеҳ мешуморад. Дар баробари ин, муаллиф қайд менамояд, ки танҳо дар сатҳи конститутсионӣ эълон гардидани соҳибихтиёрии халқ, заминаи амалигардонии он шуда наметавонад. Аз нигоҳи ӯ амалигардонии

[319] Ниг.: Ковешников Е.М., Марченко М.Н., Стешенко Л.А. Конституционное право стран Содружества Независимых Государств. – М., 1999. – С. 75.
[320] Ниг.: Ковешников Е.М., Марченко М.Н., Стешенко Л.А. Конституционное право стран Содружества Независимых Государств. – С. 75..

соҳибихтиёрии халқ заминаҳои мушаххаси озодии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро талаб мекунад[321].

Давлати ҳуқуқбунёд дар як вақт демократӣ низ эътироф мегардад, ки дар он тамоми шароитҳо баҳри амалисозии ҳуқуқу озодиҳои шахс ба худмуайянкунӣ ва худфаъолиятӣ, иштироки озодона дар ташкил ва баамалбарории ҳокимияти давлатӣ, таъсис ва ҳамроҳшавӣ ба ҷомеаи шаҳрвандиро кафолат медиҳад. Муҳимтарин заминаи ташаккули раванди демократии давлатро интихобот ва раъйпурсии умумихалқӣ ташкил медиҳад, ки дар Конститутсия чун ифодаи олии иродаи халқ (қисми 2 моддаи 6) инъикос ёфтааст. Дар меъёрҳои дигари Конститутсия маҳакҳои дигари тавсифдиҳандаи раванди демократикунонии кишвар, ба мисли плюрализми сиёсӣ, бисёрҳизбии системаи сиёсӣ дар заминаи гуногунандешии сиёсӣ, имконияти ба таври озодона таъсис ва муттаҳид шудан ба ҳизбҳои сиёсӣ ва ғ. мустаҳкам гардидаанд. Давлати демократӣ инчунин шароити мусоидро баҳри татбиқи ҳуқуқҳои шахс ба иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ, иштирок дар овоздиҳии умумихалқӣ ва интихобот, муттаҳидшавӣ, озодии сухан ва ғ. (моддаҳои 27 ва 28-и Конститутсияи ҶТ) фароҳам меорад.

Давлати демократӣ дар навбати худ давлати ҳуқуқбунёд аст. Э.К. Утяшова иброз менамояд, ки ғояи ҳуқуқии давлати демократӣ моҳияти худро дар низоми демократӣ низ инъикос менамояд ва дорои чунин унсурҳо мебошад:

1) Халқ сарчашмаи ҳокимият мебошад ва намояндагони мақомоти давлатӣ дар доираи салоҳияташон санадҳои ҳуқуқӣ қабул мекунанд;

2) Иштироки шахс дар ҷараёни қабули қарорҳои мақомоти давлатӣ, интишори онҳо дар васоити ахбори омма, ба муҳокимаи халқ пешниҳод намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ташаккули ҷараёни лоббистӣ;

3) Плюрализми сиёсӣ, бисёрҳизбии сиёсӣ ва рақобати ҳизбҳои сиёсӣ[322].

Илова бар ин, бунёди давлати ҳуқуқбунёди демократӣ ба ташаккули соҳаҳои ҳуқуқ, ташкил ва фаъолияти институтҳои ҳуқуқӣ дар заминаи меъёрҳои Конститутсия

---

[321] Ниг.: Имомов А. Конституционное право Республики Таджикистан. – Душанбе, 2012. – С.120.
[322] Ниг.: Утяшов Э.К. Личность, общество и государство // Проблемы теории государства и права / Под ред. В.М. Сырых. – М., 2008. – С. 144-145.

ва қонунҳо мусоидат менамояд. Масалан, дар доираи Конститутсияи ҶТ ягон иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳи одамон ва шахсе наметавонад, ҳокимияти давлатиро ғасб намоянд (моддаи 6), иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси Конститутсия ва қонунҳо амал менамоянд (қ. 3 м. 8), таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё бо роҳи зӯрӣ сарнагун кардани сохти конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳи мусаллаҳ даъват менамояд, манъ аст (қ. 5 м. 8)[323].

Риоя намудани меъёрҳое, ки дар Конститутсия ва қонунҳо пешбинӣ гардидааст, барои баамалбарории функсияҳои давлати ҳуқуқбунёд шароит фароҳам меорад. Модели муосири конститутсионии давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ тавассути риояи меъёрҳои қонунгузорӣ ва таъмини қонуният дар ҷомеа бунёд карда мешавад. Волоияти ҳуқуқ ва қонуни ҳуқуқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ буда, шарти асосии ташаккули раванди демократикунонӣ, воқеигардонии меъёрҳо, институтҳо ва тартиботи демократӣ дар фазои ягонаи ҳуқуқӣ мебошад.

Мушаххасоти модели ҳуқуқии давлати Тоҷикистон дар он аст, ки дар сатҳи конститутсионӣ сохти «дунявии давлат» ба таври расмӣ таҷассум гардидааст. Меъёри мазкур дар қатори меъёрҳои конститутсионии умумиэътирофгардида, маҳакҳои роҳбарикунанда ва тавсифдиҳандаи асосҳои сохтори конститутсионии ҶТ ҷой дода шудааст. Тавсифи умумии давлати дунявӣ дар моддаи 1-и Конститутсияи ҶТ дарҷ гардидааст.

Ҳамзамон, дар моддаи 8-и Конститутсия доир ба манъ будани эътирофи мафкураи ягон иттиҳодияи динӣ ба ҳайси мафкураи давлатӣ ифода ёфтааст. Ифодаи бевоситаи моҳияти дунявӣ будани ҶТ меъёри конститутсионӣ мебошад, ки ба таври зайл дар меъёрҳои ҳуқуқии аксарияти давлатҳо баён гардидааст:

[323] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳои 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. – Душанбе, 2016. – 136 с.

«Иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд» (қ. 4 м. 8).

Дар асоси моддаи 26-и Конститутсияи ҶТ «ҳар кас ҳуқуқ дорад, муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд». Ин меъёр башорат аз он медиҳад, ки шахс дар интихоб ва пайравӣ ба дилхоҳ дин озод аст.

Аз тарафи дигар, аксарияти аҳолии Тоҷикистон пайравони дини ислом, махсусан мазҳаби ҳанафӣ мебошанд. Пайравии мазҳаби ҳанафии дини ислом аз ҷониби аҳолии кишвар на дар аломатҳои зоҳирии онҳо, балки ба иродаи онҳо вобаста буда, ҳуқуқу озодии ирода ва эътиқод, инчунин устувории ҳаёти сиёсию динии кишварро таъмин менамояд.

Масъалаи мазкур дар солҳои охир мубрамиятро касб намуда, дар шакли кӯшиши вуруди гурӯҳҳои салафӣ ва исломи радикалӣ (бо тарғиби меъёрҳои мухолиф) зоҳир мегардад. Танҳо дар асоси шарти риоя ва нигаҳдошти моҳияти аслии мазҳаби ҳанафӣ метавон ҳам аҳолӣ ва ҳам насли наврасро аз гаравидан ба ҷараёнҳои мухолифу радикалии ислом, ба мисли терроризм наҷот дод ва оромию суботи ҳокимияту ҷомеаро пойдор намуд.

Давлат дар солҳои охир чораҳои пешгирикунандаро дар самти наафзудани ҳар гуна ҷараёну ҳаракатҳои ғайриисломию радикалӣ тавассути қонунгузорӣ андешида, фаъолияти як зумра иттиҳодияҳоро маҳдуд намуд, ба мисли ҷараёни салафӣ ва ҳаракатҳои Ҳизб-ут-таҳрир, Ҷамоати таблиғ, Ҳаракати исломии Ӯзбекистон ва ғ., ки хатари таҳдиди амалҳои террористиро доранд. Аз соли 2006 сар карда, Суди Олии ҶТ фаъолияти 12 ташкилоти исломии экстремистӣ, аз ҷумла («Ал-Қоида», «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ» ва ғ.)-ро маҳдуд намудааст.

Мисолҳои мазкур ифодагари онанд, ки модели ҳуқуқии ҳар як давлат бо дарназардошти шароити таърихӣ, мавқеи геополитикӣ, динӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ ва дигар арзишҳо бунёд мегарданд. Дар Тоҷикистон модели конститутсионии

давлати ҳуқуқбунёд бо модели махсуси конфессионалӣ мукаммал мегардад, ки бо мақсади ташкили муносибатҳои оқилонаи давлат ва диндорон ҳангоми татбиқи ҳуқуқи онҳо ба эътиқоди динӣ сохта шудааст.

Махсусияти дигари модели конститутсионии давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон аз кафолат додани таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ ифода меёбад. Дар асоси моддаи 28 Конститутсияи ҶТ «шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳидшавӣ доранд. Шаҳрванд ҳуқуқ дорад, дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёрона ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад».

Тавсифи конститутсионии давлат дар сохти он низ ифода мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси моддаи 1 Конститутсия давлати ягона ва ҷумҳурии президентӣ мебошад. Шакли идоракунии ҷумҳуриявӣ будани Тоҷикистонро инчунин метавон аз муқаррароти бобҳои алоҳидаи Конститутсия, ба мисли Маҷлиси Олӣ, Президент ва Ҳукумат ба таври амиқ мушоҳида намуд. Мувофиқи Конститутсия Президент сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроя (Ҳукумат) буда, ба муҳлати муайян интихоб мегардад. Ҳукумат фаъолияташро бо иштироки Президент амалӣ мегардонад. Вакилони палатаи поёнии парламент – Маҷлиси намояндагон бо роҳи интихоботи умумӣ, мустақим, беғараз ва баробар, бо иштироки Президент ва намояндагони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ интихоб мегарданд. Ҳамчунин шакли идоракунии ҷумҳурӣ дар моддаи 100 Конститутсия ифода гардида, нишонаҳои мустақилияти давлат ба таври возеҳ нишон дода шудаанд.

Дар Конститутсияи ҶТ инчунин моҳият ва асосҳои давлати ҳуқуқбунёд, ба мисли ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҷзияи ҳокимият, волоияти Конститутсия ва қонунҳои кишвар, қонунияти конститутсионӣ ва бевосита амал намудани меъёрҳои Конститутсия ифодаи худро пайдо намудаанд. Моҳияти ҳуқуқбунёдии ҶТ-ро дар мадди аввал мавқеи конститутсионии ҳуқуқи инсон ташкил медиҳад. Модели конститутсионии давлати ҳуқуқбунёд бо ҳуқуқи инсон робитаи

мутақобила дошта, мавқеи иҷтимоӣ ва моҳияти ҳуқуқи инсонро дар давлат ифода менамояд.

Моҳияти давлати ҳуқуқбунёд пеш аз ҳама тибқи меъёрҳои Конститутсия бо арзиши олӣ доштани ҳуқуқи инсон рабт дорад. Дар заминаи қисми 1 моддаи 5 Конститутсияи ҶТ «инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошад». Дар асоси ин меъёри конститутсионӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон арзиши олӣ дошта, маҳаки асосии давлати ҳуқуқбунёдро ташкил медиҳанд. Инчунин бояд ишора намуд, ки инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ на танҳо барои давлати ҳуқуқбунёд, балки барои давлат ва ҷомеа арзиши олиро доро мебошанд.

М.В. Беглай дар доираи Конститутсияи Федератсияи Русия арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсонро чунин шарҳ медиҳад: «Чунин меъёр қисми муносибатҳои конкретӣ ва уҳдадориҳои мушаххасро ташкил намедиҳад… Аммо он гувоҳӣ медиҳад, ки дар давлат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзиши олӣ дошта, пойдевори асосии низоми демократии давлатро ташкил медиҳанд»[324].

И.И. Лукашук қайд менамояд, ки эътирофи «ҳуқуқи инсон ҳамчун арзиши олӣ бо дарназардошти қоидаи умумӣ, махсусияти низоми қонунгузориро тавсиф дода, дар манофеи давлат то он дараҷае, ки онҳо манфиатҳои аъзои ҷомеаро ифода мекунанд, ҳамеша афзалият хоҳад дошт»[325].

А.И. Ковлер бошад, хусусияти фарогир ва бебозгашт доштани афзалиятнокии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар назди ҳуқуқи омма ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ эътироф менамояд[326].

Ғояи арзиши олии ҳуқуқу озодиҳои инсон кафолатҳои иловагиро талаб менамояд. В.М. Сирих қайд менамояд, ки «шахсро бояд чун арзиши олии иҷтимоӣ эътироф намуд. Барои таъмини он бошад, аз тамоми имкониятҳои демократӣ истифода бурда, дар қонунгузорӣ шахсро дар ҷойи аввал қарор дода, ҳуқуқу озодии инсонро бояд дахлнопазир донист. Дар ин сурат метавон ҳуқуқу

[324] Ниг.: Баглай М.В. Конституционное право Российской Федерации. – М., 1998. – С. 11.
[325] Ниг.: Лукашук И.И. Глобализация, государство, право, XXI век. – М., 2000. – С. 12.
[326] Ниг.: Ковлер А.И. Антропология права: учебник для вузов. – М., 2002. – С. 465.

манфиатҳои шахсро аз ҳар гуна таарруви шахси дигар, давлат, мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он ҳимоя намуд»[327].

Яке аз шартҳои таъмини муқаррароти конститутсионии арзиши олии инсон дар он вақт амалӣ гардонида мешавад, агар тавлидӣ ва дахлнопазир будани ҳуқуқу озодиҳои инсон кафолат дода шавад. Барои таъмини воқеии ҳуқуқи инсон ҳамчун арзиши олии иҷтимоӣ моҳияти фитрӣ доштани онро мебояд ба инобат гирифт. Чунин масъулият дар мадди аввал бар дӯши шахсони мансабдор нуҳуфтааст, зеро онҳо доранда ва баамалбарорандаи ҳокимияти давлатӣ буда, барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва имконияти амалишавии он чораҳои мушаххасро меандешанд. Н.И. Матузов қайд менамояд, ки «дар шароити буҳронӣе, ки дар давлат ба вуқуъ меояд, институти ҳуқуқу озодиҳои инсон зери хатар, маҳдуднамоӣ ва назорат қарор гирифта, таъсирнокӣ ва амали худро аз даст медиҳад. Аз як тараф ҷомеа муҳиммият, арзишнокӣ ва дахлнопазирии ҳуқуқи инсонро, ки ба ӯ аз лаҳзаи таваллуд мутааллиқ аст, эътироф намуда, аз тарафи дигар зарурати кафолатдиҳии онҳоро барои амалигардонӣ талаб менамояд»[328].

Дар қ. 2 м. 5 Конститутсияи ҶТ дахлнопазирии ҳуқуқи инсон мустаҳкам гардида, пешбинӣ мегардад, ки «ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд». Конститутсия бо дарназардошти фитрӣ будани ҳуқуқи инсон, тавлидӣ ва дахлнопазирии онро ба роҳбарӣ гирифта, дар давлати ҳуқуқбунёд амалишавии онро кафолат медиҳад.

Дар Конститутсияи ФР арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар моддаи 2 ва тавлидию ҷудонашаванда будани он дар қисми 2 моддаи 17 инъикос ёфтааст. В.С. Нерсесиянс муқаррароти конститутсионӣ оид ба арзиши олӣ доштани ҳуқуқи инсонро баррасӣ намуда, иброз менамояд, ки «дар ин Конститутсия дарки гуманистии ҳуқуқи инсон ба ду маҳак такя менамояд: аксиологӣ (ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олии иҷтимоӣ) ва фитрӣ-ҳуқуқӣ (аз лаҳзаи таваллуд ба шахс мансуб будан ва ҷудонашаванда будани

---

[327] Ниг.: Сырых В.М. О «естественном» праве государства на смертную казнь // Право на смертную казнь: Сб. статей / Под ред. А.В. Малько. – М., 2004. – С. 35.
[328] Ниг.: Матузов Н.И. Актуальные проблемы теории права. – Саратов, 2003. – С. 22-23.

ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон). Ҳар ду маҳак дарки ҳуқуқи инсон хусусияти инфиродӣ доранд, на коллективӣ, зеро ҳуқуқу озодиҳо ба ҳар кас дар алоҳидагӣ мансуб аст»[329].

Дар назарияи либертарӣ бештар моҳияти фардии ҳуқуқи инсон ҷонибдорӣ мегардад. Тавре болотар таъкид гардид, қисми зиёди олимон ҳоло аз назарияҳои ғарбгароёна, аз ҷумла назарияҳои фардигароии ғарбӣ оид ба ҳуқуки инсон даст кашидаанд. Ин қабил назарияҳо нақши фарди ҷудогонаро мутлақ гардонида, доираи васеъ ва номаҳдуди ҳуқуқу озодиҳои фардро эътироф мекунанд. Чунин ақида боиси он гардид, ки дар мамлакатҳои Ғарб ба теъдоди ҳуқуқу озодиҳои инсон як қатор ҳуқуқҳои нав, ки ба анъанаҳои оилавӣ, мафҳуми анъанавии никоҳи байни марду зан, мансубияти ҷинсии инсон аз рӯйи маҳаки биологӣ ва ғайра такя доранд, дохил карда шуданд.

Моҳияти арзиши иҷтимоӣ доштани инсон ва ҷудонашавандагии ҳуқуқҳои ӯ дар аксарияти конститутсияҳои давлатҳои пасошуравӣ дарҷ гардидааст. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Озарбойҷон пешбинӣ мегардад, ки «ҳар шахс аз лаҳзаи таваллуд дорои ҳуқуқу озодиҳои дахлнопазир, ҷудонашаванда ва бегонанашаванда мебошад» (қ.1 м.24). Дар қисми 1 моддаи 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Белорус бошад, дарҷ гардидааст, ки «инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ дошта, кафолати таъмини он аз ҷониби давлат ва ҷомеа ба амал бароварда мешавад». Мансубияти ҳуқуқу озодиҳо ба ҳар шахс аз лаҳзаи таваллуд ва хусусияти ҷудонашавандагии он дар моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Қазоқистон низ инъикос ёфтааст[330]. Чунин муқаррарот дар конститутсияи дигар давлатҳои пасошуравӣ низ мавҷуд мебошад.

Гарчанде ҳама кишварҳои пасошуравӣ институти ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар конститутсияи худ ҷой додаанд, аммо имконияти амалишавӣ ва кафолати онҳо махсусиятҳои ба худ хосро дороянд. Муаллифи китоби «Ҳуқуқи конститутсионии давлатҳои аъзои ИДМ» қайд менамояд, ки «на ҳамаи

[329] Ниг.: Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства. – М.: Норма, 2015. – С. 332.
[330] Ниг.: Конституции государств-участников СНГ. – М., 1999. – С. 17, 128, 277.

конститутсияи давлатҳои аъзои ИДМ меъёри фитрӣ ва ҷудонашавандагии ҳуқуқу озодиҳои инсонро таҷассум менамоянд. Масалан, чунин меъёр дар конститутсияи Арманистон ва Белорусия ба назар намерасад»[331]. Бо такя ба хусусияти конститутсияи давлатҳои пасошуравӣ муаллиф ду тарзи ифодаёбии меъёрҳои конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар давлатҳои аъзои ИДМ ҷудо менамояд: фитрӣ-ҳуқуқӣ (этникӣ) ва давлатӣ-ҳуқуқӣ (этатистӣ)[332].

Новобаста аз он ки тарзҳои гуногуни инъикоси ҳуқуқи инсон ва маънидоднамоии мухталифи илмии он дар муҳити конститутсионӣ ва илмии давлатҳои пасошуравӣ ба мушоҳида мерасад, эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар сатҳи конститутсионӣ аз ҷумлаи бартариятҳои конститутсияҳои давлатҳои пасошуравӣ ба ҳисоб меравад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар давлатҳои пасошуравӣ консепсияи вобастагии мутлақи ҳуқуқи шаҳрванд аз давлат аз байн бурда шуд.

Бояд тазаккур дод, ки дар замони шуравӣ консепсияи маҳдуди ҳуқуқи инсон дар конститутсияҳои давлатҳои шуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ҷой дошт. Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1978 хусусияти этатистӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми давлатҳои шуравӣ эътироф менамуд. Дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон муқаррарот оид ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд дар фасли дуюм, яъне баъд аз фасли муқарраркунандаи низоми иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ҷой дода шудааст. Дар боби 5 муқаррароти умумии шаҳрвандии ҶШС Тоҷикистон ва дар боби 6 ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои асосии шаҳрвандони ҷумҳурӣ танзим мешуданд. Истилоҳи «инсон» ва «ҳуқуқи инсон» дар бобҳои мазкур вуҷуд надорад. Дар бобҳои ишорашуда ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҳифзи саломатӣ, таъминоти иҷтимоӣ, манзил, меҳнат, истироҳат ва ғ. ба таври васеъ инъикос ёфта буданд. Ҳуқуқ ба ҳаёт, озодии ҳаракат, озодона интихоб намудани маҳалли зист ва дигар ҳуқуқҳои фитрӣ моҳияти худро пайдо накарда буданд.

[331] Ковешников Е.М., Марченко М.Н., Стешенко Л.А. Асари ишорашуда. – С. 108.
[332] Ниг.: Ҳамон ҷо.

Озодии инсон, махсусан озодии виҷдон маҳдуд гардида, оид ба озодии ҳаракати сиёсӣ ва гирдиҳамоиҳои осоишта меъёри мушаххаси конститутсионӣ ҷой надошт[333].

Муқаррароте, ки дар конститутсияи шуравӣ амал мекард, ба шаҳрванд мансубияти ҳуқуқу озодиҳоро аз рӯи таваллуд истисно намуда, мутааллиқии ҳуқуқу озодиҳоро ба шахс аз рӯи шаҳрвандии ӯ эътироф менамуд. Яъне на таваллуд, балки мавҷудияти факти шаҳрвандӣ (алоқаи устувор бо давлат) сабаби асосии пайдоиши ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мегардид. Мавҷудияти табиии шахс, инсон будани ӯ ва дар ҳудуди давлат истиқомат намудану ба худ ҳуқуқҳои фитрӣ (ҳаёт, номус, шаъну шараф ва ғ.)-ро мансуб донистан, то он даме, ки шахс бо давлат дар робита (шаҳрвандӣ) қарор нагирад, эътироф карда намешуд.

Дар моддаи 37-и Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон ба таври мушаххас пешбинӣ мегардад, ки ҳамаи ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрванд бояд ба Конститутсияи ИҶШС, Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон ва қонунҳои шуравӣ мутобиқат намоянд[334]. Бо дарназардошти, чунин муқаррарот ҳуқуқу озодиҳои фитрии инсон дар сатҳи олӣ маҳдуд гардида, қобилияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ дар доираи қонун ба амал бароварда мешуд. Конститутсия ва қонунҳо сарчашмаи ягонаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба шумор мерафтанд. Инчунин, дар сатҳи байналмилалӣ эътироф намудани ҳуқуқу озодиҳо аҳаммият надоштанд.

Муқаррароти конститутсионӣ ба таври пурра моҳияти ҳалкунанда ва тағйирнопазирии ҳуқукро муайян намудааст. Консепсияи шуравӣ хусусияти позитивӣ дошт, яъне ҳар як ҳуқуқ аз ҷониби давлат дода мешуд. Ин ҳама шаҳодати он аст, ки ҳуқуқи шаҳрвандон дар асоси конститутсияи умумишуравӣ, конститутсияҳо ва доктринаи ҳуқуқии шуравӣ хусусияти этатистӣ доранд.

[333] Ниг.: Конституция (Основной Закон) Таджикской ССР. Принята на внеочередной восьмой сессии Верховного Совета Таджикской ССР девятого созыва 14 апреля 1978 г. – Душанбе, 1978.
[334] Ниг.: Конституция (Основной Закон) Таджикской ССР. Принята на внеочередной восьмой сессии Верховного Совета Таджикской ССР девятого созыва 14 апреля 1978 г. – Душанбе, 1978.

Бо қабули конститутсияи нави давлатҳои пасошуравӣ раванди комилан нав, қонунигардонӣ ва кафолати ҳамаи ҳуқуқҳои шаҳрвандон оғоз гардид. Дар Конститутсияи ҶТ соли 1994 арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун институти нави конститутсионӣ дар боби якум бо номи «Асосҳои сохтори конститутсионӣ» ифода гардидааст. Дар он моҳияти давлат, мақоми шахс, арзиши доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафолати онҳо аз ҷониби давлат, муқаддасот ва арзишҳои миллӣ, соҳибихтиёрии халқ, ҷудонашаванда ва дахлнопазир будани сарҳади давлат, гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ, таҷзияи ҳокимият, волоияти Конститутсия ва қонунҳо, эътироф, амал ва иҷрои меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ, озодию сулҳ ва шаклҳои гуногуни моликият мустаҳкам гардидаанд. А. Имомов қайд менамояд, ки «меъёрҳо ва муқаррароти боби якуми Конститутсия хусусияти муайянкунандаи дигар меъёрҳои конститутсионӣ, низоми фаъолияти давлат ва ҷамъият мебошанд»[335].

На дар ҳамаи конститутсияҳои пасошуравӣ боби алоҳида бо номи «Асосҳои сохтори конститутсионӣ» мавҷуд аст, ҳуқуқи инсон бошад, дар фаслҳои гуногун матраҳ гардидааст. Масалан, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Озарбойҷон муқаррароти асосӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон дар фасли дуюм – «Ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосӣ» баён гардидаанд. Мақом, фитрият ва ҷудонашавандагии ҳуқуқи инсон дар боби дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Қазоқистон – «Инсон ва шаҳрванд» дарҷ ёфтааст. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Туркманистон арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон дар боби – «Асосҳои сохтори конститутсионӣ» ва ҷудонашавандагии ҳуқуқи инсон дар боби – «Ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд» мустаҳкам шудааст[336].

Конститутсияи ҶТ бе ягон маҳдудият ҳуқуқу озодиҳои инсон ва арзиши олӣ доштани онро эътироф менамояд. Дар чунин шакл эътироф намудан маънои онро ифода менамояд, ки давлат, мақомот ва шахсони мансабдори онҳо вазифадоранд, ҳуқуқу озодиҳои инсонро ба таври ҷиддӣ риоя намоянд. Дар баробари ин,

[335] Ниг.: Имомов А. Конституционное право Республики Таджикистан. – Душанбе, 2012. – С. 94.
[336] Ниг.: Конституции государств-участников СНГ. – М., 1999. – С. 17, 128, 277.

шаҳрвандон низ вазифадоранд, ки уҳдадориҳои ба зиммаашон гузошташударо иҷро намоянд.

В.С. Нерсесиянс Конститутсияи ФР-ро таҳлил намуда, чунин хусусияти онро муайян намудааст: «Мақоми конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз рӯи мазмун ва мантиқ, дар ҷараёни ҳуқуқдаркнамоӣ мазмуни дугона дорад: ин муқаррарот на танҳо аз ҷиҳати мушкилоти қобилияти ҳуқуқии инфиродӣ ва субъекти ҳуқуқӣ, балки дар як вақт ба таври умумӣ паҳн гардидани онро ва кафолати таъмини онҳо аз ҷониби давлат, ҳамаи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳоро дар асоси меъёрҳои умумиконститутсионӣ талаб менамояд»[337].

Ба ақидаи Н.М. Колосов ҳуқуқу озодиҳои шахс «бо вазифаҳои давлат: вазифаи эътирофи ҳуқуқу озодиҳо, ҷудонашавандагии онҳо таъмин мешаванд, бо вазифаи таъмини ҳуқуқи инсон, худдорӣ аз дахолат ба ҳаёти хусусӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озоди шахс» алоқаманд мебошанд[338].

Вазифаи давлат дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд моҳияти худро дар қисми 3-юми моддаи 5-и Конститутсияи ҶТ пайдо намудааст. Дар заминаи он «ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд». Муқаррароти мазкур мазмуни танзимнамоии умумиро доро мебошад.

Ин муқаррарот, якум, вазифаи умумии давлатро оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайян менамояд. Он бевосита ба давлат равона карда шуда, ба сифати талаботи ҳуқуқии фаъолияти он баромад мекунад. Татбиқи ин талаботи конститутсионӣ шарти зарурии ташаккули давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Давлати ҳуқуқбунёд вазифадор аст, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз намояд. Он бо шахс, ҳуқуқу озодиҳои ӯ ва

---

[337] Ниг.: Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства. – М., 1999. – С. 343.

[338] Ниг.: Колосова Н.М. Конституционная ответственность в Российской Федерации: Ответственность органов государственной власти и иных субъектов права за нарушение конституционного законодательства Российской Федерации. – М., 2000. – С. 163.

арзиши олӣ доштани он алоқаманд аст. Таъсис ва фаъолияти давлати ҳуқуқбунёд дар доираи ҷомеаи инсонӣ ба амал меояд.

Дуюм, афзалиятнокии ҳуқуқу озодиҳои инсон эътироф мегардад. Вақте сухан дар бораи афзалиятнокии ҳуқуқу озодиҳои инсон меравад, давлат тамоми неру ва фаъолияташро ба ин самт равона мекунад. Тамоми сиёсати давлатӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ барои баамалбарории ҳуқуқу озодиҳои инсон шароит фароҳам меорад. Фаъолияти давлат ба таъмини манфиати шахс ва ҳуқуқи ӯ нигаронида шудааст.

Сеюм, дар асоси ин муқаррарот ҳуқуқу озодиҳои инсон хусусияти ғайриэтатистӣ доранд. Мувофиқи Конститутсия ҳуқуқу озодиҳои инсон аз ҷониби давлат муқаррар ва сохта намешаванд, танҳо эътироф мегарданд. Давлати ҳуқуқбунёд ҳуқуқу озодиҳои инсонро чун арзиши фитрӣ, ҷудонашаванда, рабуданашаванда ва дахлнопазир баҳо медиҳад.

Чорум, давлат танҳо бо эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон маҳдуд намегардад. Давлат барои риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон вазифадор аст. Дар навбати худ, тибқи моддаи 10-и Конститутсия шаҳрвандон низ вазифадоранд, меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳоро риоя ва иҷро намоянд.

Воқеигардонии ҳуқуқу озодиҳои инсон аз ҷониби давлат амали яктарафа набуда, мазмуни васеъ дорад. Давлат на танҳо дар назди шаҳрвандони худ, инчунин ҷомеаи ҷаҳонӣ низ масъулият дорад. Бо ин мақсад, давлат ҳангоми амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ду тарзи онро иҷро менамояд: якум, дар сатҳи миллӣ нисбат ба шаҳрвандони худ ва дуюм, дар сатҳи байналмилалӣ дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки он тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад. Давлат бо дарназардошти манфиатҳои халқ ба созмону ташкилотҳои байналмилалӣ ворид ва аз онҳо хориҷ мегардад, созишномаҳои байналмилалиро тасдиқ мекунад.

Давлат кафили ҳуқуқи инсон мебошад. Аз ин лиҳоз, давлат як қатор чорабиниҳоро барои таъмини пурсамари ҳуқуқи инсон меандешад. Инчунин, шаҳрвандон худ нишонаи соҳибихтиёрии давлатанд. Давлат ба зиммаи

шаҳвандони худ вазифа мегузорад ва худ кафолати таъмини шароити арзандаро бар дӯш мегирад.

Афзалиятнокии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар сатҳи конститутсионӣ бо дарназардошти волоияти Конститутсия ва қонунҳо ва бевосита амал кардани онҳо низ метавонад, моҳияти конститутсионӣ дошта бошад. Дар қисми 1-уми моддаи 10-и Конститутсия пешбинӣ мегардад: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунад. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд». Эътибори олии ҳуқуқӣ доштани Конститутсия маънои эътибори олӣ доштани меъёрҳои онро низ ифода мекунад, яъне ҳуқуқу озодиҳои инсон низ эътибори олии ҳуқуқӣ доранд. Ҳамаи қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ дар асоси Конститутсия қабул мешаванд. Агар меъёрҳои онҳо хилофи Конститутсия бошанд, ғайриконститутсионӣ ва беэътибор дониста мешаванд.

Дар асоси Конститутсияи ҶТ меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Меъёри дигаре, ки дар ҳамин шакл ифода ёфтааст, ин доир ба бевосита амалӣ гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Дар қисми 1-уми моддаи 14-и Конститутсия дарҷ мегардад, ки «ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амал мекунанд». Барои татбиқи меъёрҳои Конститутсия қабул намудани дигар санади ҳуқуқӣ зарур нест. Дар баробари ин, барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳуҷҷати дигари тавсифдиҳанда шарт нест. Ҳуқуқу озодиҳои инсон мутааллиқ ба инсон буда, ба ягон навъ муқаррароти иҷозатдиҳанда ниёз надоранд ва онро ҳар шахс вобаста ба манфиату иродаи худ истифода мебарад.

Дар ҳоле ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амал менамоянд, пас масъалаи дигар ин тарзи таъмини онҳо ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти ин, дар қисми 2-юми моддаи 14-и Конститутсияи ҶТ пешбинӣ мегардад, ки «онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд».

Дар асоси ин муқаррарот якум, ҳуқуқ ва озодии инсон маҳаки асосии қонунгузорӣ ва фаъолияти давлат мебошад.

Дуюм, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мазмуни ҳуқуқии қонунҳоро ташкил медиҳанд. Ҳар як қонуни қабулшаванда бояд ба ҳуқуқу озодиҳои инсон мувофиқат кунад.

Сеюм, тибқи Конститутсия ҳуқуқи инсон бо қонунҳо ҳифз мегардад. Ҳуқуқи инсон маҳаки асосии қабули қонунҳо буда, асоси фаъолияти мақомоти қонунгузориро ташкил медиҳад. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлат ба ҳуқуқи инсон асос меёбад. На танҳо қонун, балки субъектони ҳуқуқэҷодкунанда бояд дар ҳамаи марҳилаи қабули қонун ва фаъолияти худ арзишҳои умумӣ ва танзими конститутсионии ҳуқуқи инсонро риоя намоянд. Санадҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ бояд эътибори ҳуқуқӣ дошта бошанд.

Чорум, ҳуқуқи инсон мақсади фаъолияти мақомоти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян менамояд. Ҳуқуқи инсон мавқеи фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатиро ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам маҳаллӣ муайян менамояд. Ҳуқуқи инсон маҳаки асосии баҳодиҳандаи фаъолияти мақомоти давлатӣ мебошад.

Панҷум, дар сатҳи Конститутсия ҳуқуқи инсон «бо таъмини ҳифзи судӣ» кафолат дода шудааст. Дар давлати ҳуқуқбунёд суд ҳамчун барандаи ҳокимияти давлатӣ функсияи ҳимояи ҳуқуқи инсонро иҷро менамояд. Дар асоси моддаи 84-и Конститутсияи ҶТ ҳокимияти судӣ «ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро ҳифз мекунад».

Дар давлати ҳуқуқбунёд ҳуқуқи инсон ҳамчун принсипи ибтидоӣ сохти давлатию ҷамъиятӣ, сифати меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қонунҳо, моҳияти ҳуқуқии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ, афзалиятнокии ҳуқуқи инсонро дар ҷараёни татбиқи стратегияи давлатӣ муайян менамояд. Дар баробари ин, дар ҳолатҳои зарурӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд маҳдуд карда мешаванд. Мувофиқи қисми 3-юми моддаи 14-и Конститутсияи ҶТ «маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи

мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад»

Дар боби дуюми Конститутсияи ҶТ, ки «ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд» ном дорад, ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, инчунин вазифаҳои инсон ва шаҳрванд мустаҳкам гардидаанд. Аз ин рӯ, дар боби мазкур сухан дар бораи ҳуқуқҳои асосӣ, озодӣ ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд меравад. Аз нигоҳи мо, агар номи боби мазкур ба «ҳуқуқҳои асосӣ, озодӣ ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд» иваз карда шавад, беҳтар аст.

Ғояи ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд дар конститутсияи бисёре аз давлатҳои ҷаҳон вуҷуд дорад. Ҳуқуқҳои асосии инсон ҳамеша чун ҳуқуқи бунёдӣ баромад намуда, «вазъи ҳуқуқии инсонро таъмин менамоянд ва дар қонунҳои давлат кафолати худро меёбанд»[339].

Е.А. Лукашева зери мафҳуми ҳуқуқҳои асосии инсон ҳуқуқҳоеро дар назар дорад, ки «конститутсияи давлатҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, махсусан Билли байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, Конвенсияи Аврупоии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон аз соли 1950 ва Хартияи Аврупоии иҷтимоӣ аз соли 1961» инъикос намудаанд[340]. Ҳуқуқҳои асосии инсон заминаи асосии бавуҷудоии дигар ҳуқуқҳо буда, ба сифати ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон инҳо баромад менамоянд: «ҳуқуқҳое, ки бо он вазъи шахс муайян гардида, асоси пайдоиши дигар ҳуқуқу озодиҳо маҳсуб меёбанд, барои шароити мусоиди зиндагӣ хизмат менамоянд»[341].

А. Имомов ҳуқуқҳои асосӣ ва ёрирасони инсонро ҷудо менамояд. Ба ақидаи ӯ «ҳуқуқҳои асосӣ, озодӣ ва вазифаҳои инсон муайянкунанда ва тавсифдиҳанда буда, асоси пайдоиши дигар ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои ёрирасони инсон мебошанд»[342].

---

[339] Ниг.: Государственное право Германии. – М., 1994. – Т.2. – С. 167.
[340] Ниг.: Права человека / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – М., 2000. – С. 135.
[341] Ҳамон ҷо. – С. 136.
[342] Ниг.: Имомов А. Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои асосӣ. – Душанбе, 2013. – С. 62.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқҳои асосии инсон ин арзишҳо ва неъматҳои бунёдии умумиэътирофгардидаи байналмилалӣ ва конститутсионӣ мебошанд. Он мақоми конститутсионӣ ва байналмилалӣ-ҳуқуқии шахсро ифода мекунад. Аз онҳо дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бармеоянд, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар мустаҳкам мегарданд.

Ба андешаи гурӯҳе аз олимон таҳкими конститутсионии ҳуқуқи инсон танҳо ба воситаи санадҳои байналмилалӣ имконпазир гардид ва ухдадориҳое, ки аз ин санадҳо бармеоянд, боиси расмиёти ҳуқуқи инсон дар сатҳи давлатӣ шуд. И.А. Смирнов қайд менамояд, ки «шумораи бештари абарқудратҳои олам дар низоми ҳуқуқи конститутсионии худ меъёрҳои байналмилалии Билл оид ба ҳуқуқи инсонро инъикос намудаанд. Дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳуқуқи инсон дар сатҳи конститутсионӣ кафолат дода шуда, бо дарназардошти шароити иқтисодӣ, сохти сиёсиву ҳуқуқӣ ва анъанаҳои миллӣ ва ғ. таҷассум меёбанд»[343].

Далели мустаҳкамнамоии меъёрҳои байналмилалӣ дар конститутсия ва қонунҳои миллӣ бо дарназардошти мушаххасоти таърихӣ ва миллӣ раднопазир аст. Таҳкими меъёрҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар Конститутсия ва қонунҳои миллӣ моҳияти худро гум намекунанд. Конститутсияҳои давлатҳо ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи шаҳрвандро аз ҳам ҷудо мекунанд, ки он ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсии онҳо робита дорад. Ғайр аз ин, дар ҳар давлат ҳуқуқи инсон ба монанди ҳуқуқи шаҳрвандон дар асоси шароити таърихӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавӣ амалӣ карда мешавад. Чунончи, дарозии умр, сатҳи камбизоатӣ, афзоиши синфи миёнаи аҳолӣ дар ҳар давлат гуногун буда, барои амалишавии ҳуқуқи инсон бетаъсир намемонад. Чунин тарзи инъикоси ҳуқуқро дар давлатҳо ҳам дар соҳаи ҳуқуқи фитрӣ ва ҳам дигар ҳуқуқҳо мушоҳида намудан мумкин аст.

Таҳқиқоти гузаронидашуда ба мо имкон медиҳад, ки хулоса ва муқарраротi зеринро матраҳ намеом:

1. Дар сатҳи Конститутсия модели робитаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон расмиёти ҳуқуқӣ пайдо кардааст. Таърихи чандинасраи назария ва амалияи

343 Смирнова И.А. Асари ишорашуда. – С. 99.

муносибати ҳокимият ва инсон, давлат ва ҳуқуқи инсон бо эътирофи ҳуқуқии робитаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон ба анҷом мерасад. Модели идеалии ҳамкориҳои байни давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон дар муддати тулонӣ ташаккул ёфта, қонунӣ мегардад ва бо эътирофи расмии конститутсионӣ устувор мешавад. Модели робитаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон тавассути ҳуқуқ моҳият ва мазмуни расмӣ пайдо намуда, ҳамчун тарзи ташкили ҳаёти давлат ва ҷамъият пазируфта мешавад.

2. Дар сатҳи Конститутсия ҳамкории тарафайни давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон расман эътироф карда мешавад. Аз як тараф давлати ҳуқуқбунёдро бидуни шахсияти озоди дорои ҳуқуқҳои зарурӣ ва фитрӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳуқуқи инсон ҳамчун нишондиҳандаи рушди принсипҳои ҳуқуқии ҳаёт хизмат мекунад. Аз тарафи дигар вазъи ҳуқуқии инсон дар давлати ҳуқуқбунёд тағйир ёфта, барои фаъолияти озодона дар соҳаҳои гуногун шароити мусоид фароҳам меоварад.

3. Худи конститутсияҳо пас аз таҳкими модели сифатан нави муносибатҳои байни давлат ва шахс мазмуни гуманитарӣ пайдо карда, ба инкишофи мазмуни гуманитарии ҳокимияту ҷамъият мусоидат мекунанд. Конститутсия дар асоси ченакҳои инсонӣ ба сифати ҳуҷҷати инсондӯстона баромад мекунад. Конститутсия барои фароҳам овардани шароити зарурӣ (интихобот, раъйпурсӣ, ҳуқуқи муттаҳидшавӣ, гуногунии сиёсӣ ва ғ.), худшиносиву худмуайянкунии шахсият шароити демократӣ фароҳам меорад. Маҳз ҳуқуқи инсон боиси тағйиру навсозии мазмуну моҳияти Конститутсия мегардад.

4. Конститутсия меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро дар соҳаи ҳуқуқи инсон эътироф намуда, арзишҳо ва принсипҳои давлати ҳуқуқбунёдро, ки дар таҷрибаи инсон ташаккул ёфтаанд, инъикос мекунад. Айни замон Конститутсия ҳамчун санади қонунгузории миллӣ боқӣ мемонад. Хусусияти миллии Конститутсия хусусият ва мазмуни миллии модели конститутсионии муносибати давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсонро муайян мекунад. Конститутсия бо мақсади татбиқи модели конститутсионии робитаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон дар

шароити муайяни таърихии кишвар, бо дарназардошти сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсиву маънавии он, анъанаҳои миллӣ қабул ва амалӣ мешавад. Модели робитаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон дар асоси ғояҳо, муқаррарот ва арзишҳои аз ҷониби умум эътирофшуда (шаъну шарафи инсон, дахлнопазирии шахсӣ, волоияти қонун, таҷзияи ҳокимият ва ғ.) ташаккул меёбад. Дар баробари ин, татбиқи модели мазкур дар кишварҳои гуногуни ҷаҳони муосир бо роҳҳои мухталиф сурат мегирад. Ба татбиқи он сатҳи рушди давлат, ҳуқуқ, иқтисодиёт, ҳаёти иҷтимоӣ таъсир мерасонад. Таъсири анъанаҳои миллӣ, психология, шууру тафаккури аҳолии маҳаллӣ, сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ низ назаррасанд. Ҳамаи ин боиси он мегардад, ки модели конститутсионии робитаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон бо дарназардошти шароити муайяни таърихӣ, вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳанг ва тамаддун амалӣ мешавад.

5. Ташаккулу инкишофи модели робитаи тарафайни давлат ва шахс, давлат ва инсон, давлат ва ҳуқуқи инсон дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ, дар минтақаҳо ва мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон сурат гирифта, хусусиятҳои фарҳангиву тамаддуниро инъикос мекунад. Модели фарогири робитаи давлат ва шахс вуҷуд дошта наметавонад, чунки муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ байни давлат ва шахс, ҳокимият ва шаҳрвандон, мансабдорон ва аҳолӣ дар ҳар як кишвари алоҳида хусусиятҳои худро дорад. Вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии нобаробар ва мухталифи инсон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, синфҳо дар кишварҳои гуногун далели ин гуфтаҳо мебошад. Сарчашмаҳои таърихии ҳуқуқ, ки дар ин ё он кишвар қабул шудаанд, сохти гуногуни давлатӣ ва ҷамъиятиро ифода мекунанд. Дар ҳаёти имрӯза низ робитаи давлат ва шахс дар мамлакатҳои гуногун дар шаклҳои гуногун зоҳир мешавад. Чунончи, сатҳи иштироки шаҳрвандон дар интихобот, тарҳи интихоби мақомоти намояндагӣ, усулҳои роҳбарии давлатӣ, тарзу воситаҳои идоракунии ҳаёти ҷомеа, кафолатҳои иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ дар мамлакатҳои гуногун аз ҳамдигар фарқ доранд.

6. Мафҳуми «робитаи давлат ва шахс» илмӣ буда, бо мақсади омӯзиши муносибатҳои воқеии байни ҳокимияти давлатӣ ва аҳолӣ истифода мешавад.

Мафҳуми мазкур васеъ буда, дар заминаи он мафҳумҳои «давлат ва инсон», «давлат ва озодии инсон», «давлат ва ҳуқуқи инсон», «ҳокимият ва аҳолӣ» ва ғайра таҳқиқ карда мешаванд. Айни замон ҳар яке аз мафҳумҳои зикршуда паҳлуҳои гуногуни робитаи давлат ва шахсро таҳқиқ мекунанд. Аз ҷумла робитаи давлат ва ҳуқуқи инсон зарурати таҳқиқи масъалаҳои зеринро талаб мекунад: вазъи ҳуқуқии инсон дар давлат; доираи ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои инсон; таносуби ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои инсон; таносуби вазъи ҳуқуқии инсон ва вазъи ҳуқуқии шаҳрванд; кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; нақш ва саҳми давлат дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон; моҳият, ҳадафҳо ва вазифаҳои давлат ҳамчун кафили асосии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; таъсири реҷаи сиёсӣ ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон; шаклҳои демократии ҳаёти давлат ва ҷомеа; сатҳи иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ.

7. Модели робитаи тарафайни давлат ва шахс дар шароити ҷаҳонишавӣ, афзоиши таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳонӣ мазмуни бештар миллӣ пайдо мекунад. Модели мазкур ҷузъи таркибии назарияи соҳибихтиёрии давлат буда, аз як тараф дар давлати дар воқеъ соҳибихтиёр имконпазир мегардад, аз тарафи дигар бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ амалӣ мешавад ва барои тақвияти соҳибихтиёрии давлат мусоидат менамояд. Сатҳи баланди худшиносии миллӣ, мавқеи баланди шаҳрвандӣ, масъулияти шаҳрвандии ҳар як яъзои ҷомеа (шахси мансабдор, хизматчии давлатӣ, шаҳрванди қаторӣ) заминаи аввалиндараҷаи таҳким ва ҳимояи соҳибихтиёрии давлати миллӣ маҳсуб мешавад.

## 2.2. Инкишофи вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд

Масъалаи вазъи ҳуқуқии инсон ба сифати объекти анъанавии донишҳои илмӣ пазируфта шудааст. Он дар маркази диққати ҳуқуқшиносони шуравӣ қарор гирифта, то имрӯз аҳаммияти худро гум накардааст. Оид ба ҷанбаҳои гуногуни вазъи ҳуқуқии шахс асарҳои зиёд таълиф гардидаанд[344].

---

[344] Ниг.: Галенская Л.Н. Правовое положение иностранцев в СССР. – М., 1982. – 159 с.; Лазарев Л.В., Марышева Н.И., Пантелеева И.В. Иностранные граждане (правовое положение). – М., 1992. – 318 с.; Матузов Н.И. Правовая система и личность. – Саратов, 1987. – 293 с.; Топорнин Б.Н. Конституционный статус личности в СССР / [Б.Н. Топорнин, Л.Д. Воеводин, В.С. Шевцов и др.; Редкол.: Н.В. Витрук и др.]. – М.: Юрид. лит., 1980. – 256 с; Витрук

Ба андешаи Н.И. Матузов, робитаҳои гуногунҷанбаи ҳуқуқ ва шахсро «метавон тавассути мафҳуми вазъи ҳуқуқӣ, ки тамоми паҳлуҳои асосии ҳаёти ҳуқуқии шахс, манфиат, ниёз, муносибат бо давлат, фаъолияти меҳнатӣ ва ҷамъиятиро инъикос менамояд, пурра тавсиф намуд»[345].

Вазъи ҳуқуқии шахс аз вазъи иҷтимоии шахс бармеояд, ки вазъи умумии иҷтимоии шахсро дар ҷомеа инъикос мекунад. Дар радифи вазъи иҷтимоӣ, ки мавқеи воқеии шахсро дар ҷомеа мушаххас инъикос мекунад, вазъи дорои мазмуни ҳуқуқӣ мебошад, ки дар асоси меъёрҳои конститутсия ва қонунҳо муқаррар карда мешавад. Вазъи ҳуқуқии шахс дар муқоиса бо вазъи иҷтимоии шахс бартариҳо дорад, зеро он барои шахс кафолатҳои ҳуқуқии зарурири ҷиҳати қонеъ гардонидани манфиат ва эҳтиёҷоти ӯ, барқарор намудани муносибатҳои муътадил бо давлат, инчунин муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ фароҳам меорад. Вазъи ҳуқуқии шахс барои ба сифати субъекти ҳуқуқ эътироф шуданаш ҳамчун асоси ҳуқуқӣ хизмат мекунад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба муайян кардани «вазъи ҳуқуқӣ» ва «ҳолати ҳуқуқии шахс» ихтилофҳо мавҷуданд. Як қатор муҳаққиқон байни ин мафҳумҳо фарқият мегузоранд. Чунончи, Н.В. Витрук сохтори ҳолати ҳуқуқии шахсро чунин муайян мекунад: «Унсурҳои ҳолати ҳуқуқии шахс, табиист, ки падидаҳои ҳуқуқӣ, аломатҳои ҳуқуқӣ, сифатҳо ва хислатҳои шахс мебошанд, ки қонунгузор бо ёрии онҳо мавқеи худро муайян мекунад»[346]. Дар баробари ин, муаллиф таъкид менамояд, ки «дар байни тамоми падидаҳои ҳуқуқие, ки вазъи ҳуқуқии шахсро тавсиф мекунанд, низоми ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳо ҳамчун асос ва ҷузъи муҳимтарини ҳолати ҳуқуқӣ баромад менамоянд. Аз ин рӯ, онҳо бояд ҳамчун вазъи ҳуқуқии шахс муайян карда шаванд»[347]. Бояд қайд намуд, ки Н.В. Витрук ба сифати унсурҳои ҳолати ҳуқуқии шахс ҳуқуқ, вазифа ва манфиатҳои қонунии ӯро дарк менамояд[348].

---

Н.В. Правовой статус личности в СССР. – М., 1985. – 176 с.; Он же. Основы теории правового положения личности в социалистическом обществе. – М., 1986. – 229 с.; Воеводин Л.Д. Юридический статус личности в России. – М., 1997. – 296 с. ва диг.

[345] Ниг.: Матузов Н.И. Право и личность // Общая теория права / Под общ. ред. В.К. Бабаева. – Н. Новгород, 1993. – С. 223.

[346] Ниг.: Витрук Н.В. Основы теории правового положения личности в социалистическом обществе. – М., 1979. – С. 28.

[347] Ниг.: Витрук Н.В. Основы теории правового положения личности в социалистическом обществе. – М., 1979. – С. 29.

[348] Ниг.: Витрук Н.В. Правовой статус личности в СССР. – М., 1985. – С. 7-23.

Категорияи «ҳолати ҳуқуқии шахс» дар адабиёти муосир истифода мешавад. А. Юнусов қайд менамояд, ки «вазъи ҳуқуқии шахс тавассути ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, шахсиву сиёсӣ ва фарҳангӣ, ки ба ҳар аъзои ҷомеа мутааллиқ аст, инчунин ба воситаи воқеияти онҳо, амният, баробарии ҳама дар назди қонун ва ягонагии ҳуқуқу уҳдадориҳо муайян карда мешавад»[349].

А. Имомов бошад, бар он назар аст, ки «вазъи ҳуқуқии шахс фарогирандаи вазъи ҳуқуқии шаҳрванд, шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд мебошад»[350].

Тавре маълум мегардад, вазъи ҳуқуқӣ ҳамчун ҳолати ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Дар як қатор асарҳои илмӣ ҳолати ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмуи ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадории инсон маънидод мегардад. Аз ин рӯ, мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқӣ» ва «мақоми ҳуқуқӣ» як маъно доранд. Н.И. Матузов тафовути байни мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқии шахс» ва «ҳолати ҳуқуқии шахс»-ро беасос мешуморад. Ба андешаи ӯ, «вазъ ин ҳолати касе ё чизест. Аз ҷиҳати ташаккул ва моҳият онҳо ба ҳам мувофиқанд»[351].

Аз сабаби он ки категорияҳои «инсон» ва «шаҳарванд», «ҳуқуқи инсон» ва «ҳуқуқи шаҳрванд» расман эътирофи конститутсиониро гирифтанд, дар адабиёти илмии пасошуравӣ мафҳуми «вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд» ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифт. Дар баробари ин, мафҳумҳои «вазъияти ҳуқуқии инсон», «вазъияти ҳуқуқии шаҳрванд» ва «вазъияти ҳуқуқии шахс» аз ҳам фарқ мекунанд. Ба андешаи В.Д. Перевалов, «вазъи ҳуқуқии инсон моҳияти фитрӣ дошта, аз ӯ ҷудонашаванда мебошад. Инчунин он аз мансубияти ҷуғрофӣ ва миллӣ вобаста набуда, новобаста аз инъикосёбиаш дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ вуҷуд дорад ва ҳамчун объекти танзимнамоии ҳуқуқи байналмилалӣ баромад менамояд»[352]. Вазъи ҳуқуқии шаҳрванд фарогирандаи маҷмуи ҳуқуқу уҳдадориҳои фитрие мебошад, ки ҳатман дар конститутсия ва қонунгузорӣ дарҷ ёфта, шахсро ҳамчун

---

[349] Ниг.: Юнусов А.А. Общетеоретические проблемы обеспечения прав человека в современной России: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2005. – С. 118.
[350] Имомов А. Асари ишорашуда. – С. 82.
[351] Матузов Н.И. Асари ишорашуда. – С. 2, 24.
[352] Ниг.: Перевалов В.Д. Теория государства и права. – М., 2005. – С. 202, 203.

субъекти ҷомеаи шаҳрвандӣ муаррифӣ менамояд[353]. Вазъи ҳуқуқии шахс бошад, аз маҷмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳое иборат аст, ки ба нафари алоҳида дар марҳилаи муайяни ҳаёт ва дар вазъияти мушаххаси зиндагӣ мутааллиқ аст[354].

Мафҳуми вазъи ҳуқуқии шахс тавассути унсурҳои мушаххас ошкор карда мешавад. Ҳангоми тафсири вазъи ҳуқуқии шахс сохтору мазмуни ҳолати ҳуқуқӣ ба назар гирифта мешавад. Дар баробари ин, оид ба сохтори вазъи ҳуқуқии шахс баҳсу мунозираҳо мавҷуданд. Н.И. Матузов ба сохтори вазъи ҳуқуқии шахс унсурҳои зеринро дохил менамояд: меъёрҳои ҳуқуқие, ки ин ҳолатро муқаррар мекунанд; шахси ҳуқуқӣ; ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосӣ; манфиатҳои қонунӣ; шаҳрвандӣ; масъулияти ҳуқуқӣ; принсипҳои ҳуқуқӣ; муносибатҳои ҳуқуқии хусусияти умумидошта[355].

В.А. Кучинский ҳуқуқ, вазифа ва масъулияти ҳуқуқиро ба сифати унсурҳои вазъи ҳуқуқии шахс муаррифӣ менамояд[356].

Ба андешаи В.В. Лазарев ҳуқуқи инсон унсури марказии вазъи ҳуқуқии шахсро ташкил дода, дар худ вазифаву манфиатҳои қонуниро дар якҷоягӣ ҷой додааст[357].

Э.А. Лукашев вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро ҳамчун низоми ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳо баҳогузорӣ менамояд[358].

В.В. Невинский се сатҳи унсурҳои таркибии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро ҷудо мекунад: ҳуқуқ, озодӣ ва вазифа, ки ба сифати асоси вазъи ҳуқуқӣ баромад менамоянд; шаҳрвандӣ, субъекти ҳуқуқӣ ва кафолатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун шартҳои татбиқи ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳо; принсипҳои вазъи ҳуқуқии шахс ҳамчун принсипҳои асосӣ[359].

---

[353] Ниг.: Перевалов В.Д. Теория государства и права. – М., 2005. – С. 202, 203.
[354] Ҳамон ҷо.
[355] Ниг.: Матузов Н.И. Асари ишорашуда. – С. 230.
[356] Ниг.: Кучинский В.А. Личность. Свобода. Право. – М., 1978. – С. 115.
[357] Ниг.: Общая теория права и государства / Под ред. В.В. Лазарева. – М., 1999. – С. 447.
[358] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 42.
[359] Ниг.: Невинский В.В. Юридическая конструкция правового положения человека и гражданина в Российской Федерации // Личность и государство на рубеже веков: Сб. науч. статей / Под ред. В.В. Невинского. – Барнаул, 2000. – С. 661-662.

Аз ин рӯ, муносибати гуногун ба сохтори вазъи ҳуқуқии шахс вуҷуд дорад, ки метавонанд, ба ошкор намудани мафҳуми он таъсир расонанд. Вазъи ҳуқуқии шахс бояд ҳамчун маҷмуи ҳуқуқ, озодиҳо ва уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд муайян карда шавад. Ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳо унсурҳои асосии вазъи ҳуқуқии шахс мебошанд. Маҳз онҳо ҳаҷм, кафолат ва дараҷаи амалишавии ҳуқуқу озодӣ, вазъи воқеии ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро муайян мекунанд. Бинобар ин, байни вазъи идеалии (намунавии) ҳуқуқии шахс ва ҳолати воқеии (моддии) ҳуқуқии шахс фарқият ҷой дорад. Унсурҳои дигари вазъи ҳуқуқии шахс муштоқ буда (қобилияти ҳуқуқӣ, уҳдадорӣ ва ғ.) аз ҷузъҳои аслии вазъи ҳуқуқӣ бармеоянд.

Вазъи ҳуқуқии шахс як падидаи динамикӣ, тағйирёбанда буда, аз шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии ҷомеа вобаста аст. Масалан, дар ибтидои солҳои 90-ум вазъи ҳуқуқии шахс дар давлатҳои пасошуравӣ дорои чунин хусусиятҳо буд: инъикоси вазъи шадиди сиёсӣ, ҳимояи сусти давлатӣ, аз даст додани бисёр сифатҳои ягонагии вазъи ҳуқуқӣ, аз он ҷумла асосҳои муттаҳидкунанда (аз сабаби пошхӯрии давлатдории иттифоқӣ, заминаи умумии меъёрии ҳуқуқӣ ва ғ.), халалгардии вазъи ҳуқуқии шахс вобаста ба низоъҳои байни миллатҳо ва динӣ, тағйирёбии заминаи иқтисодии вазъ, ноором шудани ҳолат дар натиҷаи фалокатҳо ва бетартибиҳо дар ҷомеа[360].

Ҳамин тавр, ин хусусиятҳо (сиёсигардӣ, аз даст додани асосҳои муттаҳидкунанда, тағйири заминаҳои иқтисодӣ ва ғ.) дар солҳои 90-ум дар Тоҷикистон низ мушоҳида мешуданд. Дар баробари ин шароити махсуси ҷумҳурӣ ба тағйир ёфтани вазъи ҳуқуқии шахс дар Тоҷикистон низ таъсир расонид. Ба онҳо дохил мешаванд: оғози ноором шудани вазъи сиёсии Тоҷикистон дар ибтидои солҳои 90-ум, ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997, буҳрони иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маънавии ҷомеа, болоравии ҷинояткорӣ, ҷиноятҳои махсусан вазнин дар давраи муноқишаи ҳарбӣ, фалаҷ шудани мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар минтақаҳои ҷангӣ, марги шаҳрвандони

[360] Ниг.: Матузов Н.И. Право и личность // Общая теория права: Курс лекций. – Нижний Новгород, 1993. – С. 225-226.

осоишта, афзоиши теъдоди гурезаҳо ва ғ. Ин ҳама, албатта, наметавонист, ба вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон дар солҳои 90-ум бе таъсир бошад.

Пас аз ба имзо расидани Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ дар шароити ба эътидол омадани вазъи сиёсӣ, рушди иқтисодиёт, таҳкими асосҳои ҳуқуқии ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ кафолатҳои зарурии вазъи ҳуқуқии шахс дар Тоҷикистон тадриҷан ба вуҷуд омаданд. Баробари ба амал баровардани ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ вазъи ҳуқуқии шахс дар ҷумҳурӣ тағйир ёфт. Вазъи ҳуқуқии имрӯзаи инсон ва шаҳрванд дар ҶТ аз вазъи ҳуқуқие, ки солҳои 90-ум ба амал омада буд, куллан фарқ мекунад. Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки вазъи ҳуқуқии шахс дар зери таъсири шароитҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии ҷамъият инкишоф меёбад.

Унсури ибтидоии вазъи ҳуқуқии шахс дорои вазъи конститутсионии шахс мебошад. «Вазъи конститутсионӣ, – қайд менамояд Б. Топорнин, мафҳуми махсусест, ки маҳаки тамоми ҳолати ҳуқуқиро ташкил медиҳад, ҳамзамон нисбатан мустақил мебошад. Чунин мустақилият, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки дар вазъи конститутсионӣ на ҳама, балки муҳимтарин унсурҳои ибтидоии вазъи ҳуқуқии шахс муайян карда мешаванд, ки онҳо на танҳо бевосита амал мекунанд, балки асосан тавассути баровардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии иловагӣ вобаста ба соҳаи конунгузории амалкунанда амалӣ мегарданд»[361].

Рушди фаҳмиши ҳуқуқӣ ба инкишофи вазъи ҳуқуқии шахс низ таъсир мерасонад. Вазъи ҳуқуқии шахс дар доираи фаҳмиши ҳуқуқии муосир бо фарқияти байни ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи шаҳрванд, ҳуқуқҳои фитрӣ ва позитивӣ тавсиф карда мешавад. Ҳуқуқи инсон маънои ҳуқуқҳои ҷудонашавандаи шахсро дорад. Онҳо хусусияти умумӣ, фарогир доранд, ба ҳар як инсон, сарфи назар аз миллат, нажод, шаҳрвандӣ, маҳалли ҷойгиршавӣ ва ғайра мутааллиқ мебошанд. Ҳуқуқҳои шаҳрванд ба як шаҳрванди мушаххаси давлати мушаххас тааллуқ доранд. Онҳо аз робитаи ҳуқуқии шахс бо давлат бармеоянд, вазъи ҳуқуқии шахсро тавсиф мекунанд, ки вобаста ба роҳҳои таҳким ва кафолати қонунгузории

[361] Конституционный статус личности в СССР. – М., 1980. – С. 6.

он, шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, маънавӣ ва асосҳои ҳаёти ҷомеаи мушаххас гуногунанд. Ҳуқуқҳои шаҳрванд дар тафовут аз ҳуқуқҳои умумии инсон махсусияти миллӣ (дохилидавлатӣ) доранд.

Дар адабиёт барои фарқ кардани ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи шаҳрванд асосҳои гуногун истифода мешаванд. Масалан, «манбаи ҳуқуқӣ» ба сифати чунин асос истифода мешавад. Дар ҳамин асос ҳуқуқи инсон «ҳамчун табиатан бамиёномада ҳамчун категорияи умумии сотсиологӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ», ҳуқуқҳои шаҳрванд бошанд, ҳамчун ҳуқуқҳои бо санадҳои меъёрии давлат муқарраршуда тавсиф карда мешаванд[362].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ба сифати омили фарқкунандаи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи шаҳрванд роҳҳои гуногуни мустаҳкамкунии ин ҳуқуқҳо истифода мешаванд. Масалан, И.А. Смирнова чунин мешуморад, ки ҳуқуқи инсон «новобаста аз мустаҳкамкунӣ дар қонунгузории миллӣ (мазмунан онҳо бештар дар сатҳи ҳуқуқии байналмилалӣ танзим карда мешаванд) вуҷуд доранд»[363].

Ин равиш чандон боварибахш ба назар намерасад, зеро яке аз зуҳуроти ҳамгироии ҳуқуқи фитрӣ ва консепсияиҳои позитивӣ васеъ шудани имкониятҳои татбиқи меъёрии (эътироф, риоя, ҳимояи) ҳуқуқҳои фитрии инсон дар сатҳи на танҳо санадҳои байналмилалӣ, балки инчунин қонунгузории миллӣ (конститутсияҳо, қонунҳо ва ғ.) мебошад. Ҳуқуқҳои фитрии инсон дар конститутсия ва қонунҳои миллӣ эътироф карда мешаванд.

Ба андешаи Р.Ш. Шарофзода, «табиати биологӣ ва иҷтимоии шахс ҳамчун асос барои вазъи гуногуни иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шахс, фарқияти ҳуқуқҳои фитрӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрванд хизмат мекунад»[364]. Дар баробари ин, «инсон ҳамчун мавҷудоти биологӣ ва иҷтимоӣ баромад мекунад»[365], яъне баранда ва соҳиби ҳам ҳуқуқҳои фитрӣ ва ҳам ҳуқуқҳои позитивӣ (ҳуқуқҳои шаҳрванд) мебошад[366].

---

[362] Ниг.: Смирнова И.А. Свобода личности и правовое государство (из истории правовой мысли): дис. … канд. юрид. наук. – СПб., 2000. – С. 99; Кучинский Ю. Права человека и классовые права. – М., 1981. – С. 47-48; Сабо И. Идеологическая борьба и права человека. – М., 1981. – С. 32-41.
[363] Смирнова И.А. Асари ишорашуда. – С. 99.
[364] Ниг.: Сативалдыев Р.Ш. Проблемы теории государства и права. В 2 т. – Душанбе, 2010. – Т. 2. – С.116.
[365] Ҳамон ҷо. – С. 115.
[366] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 115-116.

Ҳангоми фарқ кардани ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд бояд ба он диққат дод, ки шаҳрванд дар як вақт ҳамчун инсон баромад мекунад. Мафҳумҳои «инсон» ва «шаҳрванд» барои фарқ кардани ҳуқуқҳои ҷудонашаванда ва позитивии шахс, дақиқ муайян кардани вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, маҷмуи ҳуқуқи шаҳрванд вобаста ба шароити мушаххаси таърихии давлати алоҳида хизмат мекунад. Аз ин рӯ, дар адабиёт чунин ақида вуҷуд дорад, ки ҳуқуқи шаҳрванд шакли «ҳуқуқи инсон аст, ки аз ҷониби давлат эътироф ва таҳти ҳимояи он қарор дода шудааст»[367].

Таносуби ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи шаҳрванд низ дар заминаи таносуби ҳуқуқҳои фитрӣ ва позитивӣ шарҳ дода мешавад. Масалан, ба гуфтаи В.Д. Перевалов, ҳуқуқи инсон «қобилияти фитрии шахс мебошад, ки ҳаёт, шаъну шарафи инсон ва озодии фаъолияти ӯро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъмин менамояд»[368]. Ҳуқуқи шаҳрванд «маҷмуи салоҳияти дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат инъикосёфта ва бадастомада мебошад, ки дар рафти инкишофи инсон, ҷомеа ва давлат ташаккул меёбанд»[369].

Таърифҳои гуногуни ҳуқуқҳои фитрии инсон мавҷуданд. «Ҳуқуқҳои фитрӣ, – иброз менамояд Т. Пейн, – ҳуқуқҳое мебошанд, ки ба инсон бо дарназардошти ҳастияш тааллуқ доранд. Ин ҳама ҳуқуқҳои зеҳнӣ ё ҳуқуқҳои руҳӣ айни замон ҳуқуқи шахсро барои ноил гардидан ба некӯаҳволӣ ва хушбахтии худ дар бар мегирад, ба шарте ки ҳуқуқҳои фитрии дигаронро поймол накунад. Ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ҳуқуқҳое мебошанд, ки ба инсон ҳамчун узви ҷомеа тааллуқ доранд[370].

В.А. Четвернин ҳуқуқҳои фитриро ҳамчун «даъвои муқаррарии шахс ба худшиносии озодона дар ҷамъият ва давлат» шарҳ медиҳад[371].

Л.С. Мамут ҳуқуқҳои фитриро чунин муайян мекунад: «сифатҳои асосие, ки ба инсон ҳамчун мавҷудоти табиии зинда тааллуқ доранд, бе хавфи аз даст додан

---

[367] Ниг.: Эбзеев Б.С. Признание, соблюдение и защита прав и свобод человека и гражданина – обязанность государства. Вступительная статья // Комментарий к постановлениям Конституционного Суда Российской Федерации / Отв. ред. Б.С. Эбзеев. – М., 2000. – Т.2. – С. 10.
[368] Перевалов В.Д. Асари ишорашуда. – С. 204.
[369] Перевалов В.Д. Асари ишорашуда. – С. 204.
[370] Ниг.: Пейн Т. Права человека // Антология мировой политической мысли. В 5 т. – Т. 1. – С. 490-491.
[371] Ниг.: Гражданское общество, правовое государство и право. Круглый стол журналов «Государство и право» и «Вопросы философии» // Государство и право. – 2002. – № 1. – С. 18.

ҷой доранд, ҷудо намудани онҳо аз инсон ҳамчун узви иттиҳоди ҷамъиятӣ мумкин нест»[372].

Дар робита ба эълони ҳуқуқҳои тавлидӣ ва ҷудонопазири инсон дар адабиёти илмии ҳуқуқӣ оид ба мафҳуми «ҳуқуқи субъективӣ» баҳс ба миён омад. Ҳанӯз Б.А. Кистяковский шарҳи зерини ҳуқуқу озодиҳои сиёсиро пешниҳод намуда буд. «Ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ «на ҳуқуқҳои субъективии классикӣ», балки натиҷаи татбиқи принсипи зерин мебошанд: ҳамаи он амале, ки бо қонун манъ нашудааст, ҷоиз аст»[373].

Дар охири солҳои 1980 ва аввали солҳои 1990-ум дар адабиёти ҳуқуқӣ, алалхусус дар сахифаҳои маҷаллаи «Давлат ва ҳуқуқи шуравӣ» мубоҳиса оид ба ҳуқуқи субъективӣ аз нав авҷ гирифт. Баъзеҳо (масалан, В.Г. Сакуренко) чунин мешумориданд, ки мафҳуми «ҳуқуқи субъективӣ» куҳна шудааст[374]. Дигарон (масалан, Ф.М. Рудинский) акси онро баён карданд[375]. Дар борае самти зиддидемократии тафсири метафизикии ҳуқуқи субъективӣ низ хулосаҳои қатъитар пайдо шуданд[376].

Ба гуфтаи Н.И. Матузова, «таълимот оид ба ҳуқуқи субъективӣ, сарфи назар аз дигаргуниҳои куллӣ тағйир наёфтааст», категорияи ҳуқуқи субъективӣ дар шароити нав «бояд ба таври пурра истифода шавад», аз ҷумла, бо дарназардошти таҳқиқоти нави ғояҳои куҳнаи назариявӣ. Бо дарназардошти вазъи тағйирёфтаи шахс дар низоми ҳуқуқ тамоми ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ бояд маҳз ҳамчун «субъективӣ, яъне шахсӣ, фардӣ» дарк карда шаванд. Ин ҳуқуқҳо ба ҳар кас тааллуқ дошта, ба соҳибони онҳо барои анҷом додани амали мувофиқ, пешниҳоди даъво, конеъ гардонидани эҳтиёҷот, манфиатҳо, истифода бурдани неъматҳои гуногуни ҷамъиятӣ имкониятҳои воқеӣ фароҳам меоваранд[377]. Илова бар ин,

---

372 Ниг.: Мамут Л.С. Декларация прав человека и гражданина 1789 г. – веха на пути к универсальной концепции прав человека // Права человека в истории человечества и в современном мире. – М., 1989. – С. 30.

373 Ниг.: Кистяковский Б.А. Права человека и гражданина // Вопросы жизни. – 1905. – №1. – С. 121.

374 Ниг.: Советское государство и право. – 1989. – № 9. – С. 51; Коммунист. – 1088. – № 2. – С. 43.

375 Ниг.: Советское государство и право. – 1989. – № 2. – С. 43.

376 Ниг.: Субъективное право: проблемы осуществления и защиты: тезисы докладов / Дальневосточный университет. Центр молодежной инициативы. – Владивосток, 1989. – С. 25.

377 Матузов Н.И. Асари ишорашуда. – С. 242.

сохтори анъанавии ҳуқуқи субъективӣ ҳамчун «ҳуқуқ ба амал, ҳуқуқи талабкунӣ, ҳуқуқи даъво ва ҳуқуқ ба истифодаи неъматҳо» тағйир наёфтааст[378].

Инкишофи ҳуқуқи инсон, расман шинохтани онҳо ба сифати ҳуқуқҳои бунёдӣ ва асосӣ ба инкишофи категорияи ҳуқуқи субъективӣ мусоидат намуд. Дар ибтидои асри XX дар натиҷаи баҳсҳои тулонӣ дар бораи мафҳуми ҳуқуқи субъективӣ ақидаҳои нав дар иртибот бо ҳуқуқҳои бунёдӣ, ҳуқуқҳои асосӣ ҳамчун ҳуқуқҳои субъективӣ ба вуҷуд омадаанд. Ҳуқуқҳои субъективӣ ба шаҳрванд имкон доданд, ки ҳангоми муроҷиат ба сохторҳои қудратӣ ба онҳо ҳавола кунанд[379].

Сабаби дигари баҳс оид ба ҳуқуқи субъективӣ робитаи он бо муносибатҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Н.И. Матузов қайд менамояд, ки «тамоми ҳуқуқҳои шаҳрвандони Русия, мисли ҳамон ҳуқуқҳое, ки онҳо тавассути ворид шудан ба муносибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ ба даст меоранд ва ҳам он ҳуқуқҳое, ки бевосита дар қонун мустаҳкам карда шудаанд ё табиатан дода шудаанд, яъне сарфи назар аз тарзи пайдоиш, шаклҳои мавҷудият, дараҷаи умумият, аҳаммияти иҷтимоӣ, намудҳо, категорияҳо ва дигар хусусиятҳо субъективӣ мебошанд, на ягон чизи дигар[380].

Ҳуқуқи фитрӣ, инчунин ҳамчун «ҳуқуқи субъективии ҷудонашавандае, ки шахс аз лаҳзаи таваллуд ба даст овардааст, аз ҷониби ӯ бевосита, объективона амалӣ карда мешавад, яке аз арзишҳои олии иҷтимоӣ мебошанд, ё ниёзи муқаррарии инсонро қонеъ мекунанд, дар раванди инкишоф ҷомеа ташаккул меёбад, шарҳ дода мешавад»[381].

Муаллифони дигар низ ба хусусияти субъективии ҳуқуқҳои фитрӣ ишора мекунанд. Чунончи, Н.И. Матузов менависад: «...Таълимот оид ба ҳуқуқҳои субъективӣ ба ҳуқуқҳои фитрӣ низ паҳн мешавад»[382].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ барои омӯхтани сохтори ҳуқуқи субъективӣ низ кӯшишҳо ба харҷ дода шудаанд. Ба гуфтаи Н.И. Матузов, ҳуқуқи субъективӣ меъёри кафолатдодашудаи рафтори имконпазир мебошад, ки дар назар дорад: «1) имконияти

---

[378] Матузов Н.И. Асари ишорашуда. – С. 241.
[379] Ниг.: Государственное право Германии. – М., 1994. – Т.2. – С. 177.
[380] Матузов Н.И. Право и личность. – С. 243.
[381] Ниг.: Рассказов Л.П., Упоров И.В. Естественные права человека. – СПб., 2001. – С. 16.
[382] Ниг.: Актуальные проблемы теории права. – Саратов, 2003. – С. 88.

рафтори муфиди худи ваколатдор, яъне ҳуқуқ ба амали худ; 2) имконияти талаб кардани рафтори мувофиқ аз шахси ҳуқуқ-уҳдадор, яъне ҳуқуқ ба амалҳои шахсони бегона; 3) имконияти истифода намудан аз маҷбуркунии давлатӣ дар ҳолати иҷро накардани уҳдадории тарафи муқобил; 4) имконияти истифода бурдан аз неъмати муайяни иҷтимоӣ дар асоси ин ҳуқуқ»[383].

Хусусияти муносибати давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон дар доираи мафҳуми «ҳуқуқи субъективии оммавӣ» муайян карда мешавад. Андешаи ҳуқуқҳои субъективии оммавӣ нав нест. Он дар тафаккури пешазинқилобии рус ҳамчун маҳдудкунандаи худсарии ҳокимият, дахолати давлат васеъ ривоҷ ёфт[384]. Ҳуқуқҳои субъективии оммавӣ ҳамчун чаҳорчӯбаи муқарраркунандаи фаъолияти давлат муқаррар карда шуда буд. Дар ин сифат онҳо имтиёзҳои оммавии шахсро муаррифӣ мекунанд. Дар доираи ин консепсия тахмин карда мешавад, ки шахс нисбат ба давлат дар маҷмуъ ҳуқуқҳои оммавӣ дорад.

Бо чунин усул ҳуқуқҳои субъективӣ шарҳ дода мешаванд. Масалан, Г. Еллинек се гурӯҳи ҳуқуқҳои субъективии оммавиро муайян кардааст: ҳуқуқ ба озодии шахс аз давлат; ҳуқуқ ба мусоидат аз ҷониби давлат; ҳуқуқи иштироки шаҳрвандон дар ташкил ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ[385].

Ҳуқуқҳои оммавии субъективӣ ҳамчун ҳуқуқҳои ҷудонашавандае тавсиф карда мешаванд, ки «ба монанди ҳуқуқҳои хусусии маданӣ тобеи муомилоти озод нестанд», «дар доираи муносибатҳои умумии ҳуқуқии оммавии танзимкунанда» байни давлат (уҳдадор, шахси масъул) ва шаҳрвандон (иттиҳоди онҳо) – дорандагони ҳуқуқҳои субъективии оммавӣ вуҷуд доранд[386].

Н.И. Матузов ба категорияи ҳуқуқҳои субъективии оммавӣ озодиҳои сиёсӣ (озодии сухан, матбуот, ҷамъомадҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо) ва ҳуқуқҳои шахсиро (дахлнопазирии шахсӣ, манзил, дахлнопазирии мукотиба, ҳимояи шаъну

---

[383] Ниг.: Матузов Н.И. Теория и практика прав человека в России // К 50-летию Всеобщей декларации прав человека. – М., 1998. – С. 26.
[384] Ниг.: Коркунов Н.М. Русское государственное право. – СПб., 1901. – Т. 1. – Отд. 3. – Гл. 3. – С. 414-538.
[385] Ниг.: Еллинек Г. Система субъективных публичных прав. – М., 1905; Он же: Декларация прав человека и гражданина. – М., 1906.
[386] Ниг.: Глухарева Л.И. Асари ишорашуда. – С. 272.

эътибор ва ғ.) дохил менамояд, ки «ба он фардикунонӣ, робита бо шахсият, ки хусусияти асосии ҳар як ҳуқуқи субъективиро ташкил медиҳанд, хос мебошад»[387].

Ҳамчун яке аз намудҳои ҳуқуқҳои субъективии оммавӣ ҳуқуқ ба муқовиматро дар адабиёти ҳуқуқӣ васеъ таҳқиқ менамоянд. Ба ақидаи муҳаққиқон, он дар ҳолатҳои дағалона поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон (вайрон кардани ҳуқуқҳои ҷудонопазири инсон, поймол кардани ҳуқуқи шаҳрвандон дар натиҷаи кирдорҳои худсаронаи шахсони алоҳида)[388] ба мушоҳида мерасад. Барои асоснокии ин ҳуқуқҳо, онҳо ба ақидаҳои мутафаккирони давраи инқилобҳои буржуазӣ, ба Эъломияи Фаронса оид ба ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз соли 1948 ҳамчун чораи ниҳоӣ ба он муроҷиат мекунанд. Ҳамзамон онҳо ба мавҷуд набудани он дар санадҳои конститутсионӣ бинобар хусусияти зиддидавлатии худ, ба зарурати кафолати он аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ё макроминтақавии давлатӣ-ҳуқуқӣ ба фарқияти он аз ҳуқуқвайронкуниҳои одӣ аҳаммият медиҳанд[389].

Барои муайян кардани фарқи байни ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи шаҳрванд дигар омилҳо низ мавҷуданд. Чунин маҳак ба андешаи Е.А. Лукашева фарқ байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат мебошад, ки баррасии якҷонибаи инсонро дар муносибатҳои ӯ танҳо бо давлат бартараф намуда, амалӣ шудани манфиатҳои инфиродии мухторияти инсонро дар ҷомеаи шаҳрвандӣ дар доираи ҳуқуқи фитрӣ таъмин менамояд. Ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ бошанд, доираи муносибатҳои байни шахс ва давлатро фаро мегиранд. Вазъи шаҳрванд аз мансубияти ҳуқуқии ӯ бо давлат бармеояд, яъне бо падидаи шаҳрвандӣ алоқаманд аст[390].

В.С. Нерсесянс ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳамчун ҳуқуқу озодиҳои тавлидӣ ва ҷудонопазири ҳар як фард – шаҳрванди давлат, шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрвандӣ мефаҳмад. Ҳуқуқи шаҳрванд маънои ҳуқуқҳои дахлдори шаҳрванди давлати мушаххасро дорад. «Аммо чунин тарзи фаҳмиш ғалат аст, – таъкид

---

[387] Матузов Н.И. Право и личность. – С. 245.

[388] Ниг.: Люшер Ф. Конституционная защита прав и свобод личности / Пер. с франц. – М., 1993. – С. 367-368.

[389] Ниг.: Рассказов Л.П., Упоров И.В. Асари ишорашуда. – С. 33; Проблемы общей теории права и государства / Под ред. В.С. Нерсесянца. – М., 1999. – С. 556; Мартышин О.В. Политическая обязанность // Государство и право. – 2000. – № 4. – С. 11.

[390] Ниг.: Проблемы общей теории права и государства / Под ред. В.С. Нерсесянца. – М., 2001. – С. 227-228.

мекунад В. Нерсесянс, – чунки ҳуқуқу озодиҳои фитрӣ ва ҷудонашавандаи инсон танҳо дар соҳаи ҷомеаи шаҳрвандӣ амал мекунанд, на дар давлат, ҳуқуқи позитивӣ бошад, (санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давлатӣ ва ғ.) танҳо дар доираи давлат амал мекунанд, на дар ҷомеаи шаҳрвандӣ»[391].

Аз ин рӯ, муаллиф чунин хулосаро асоснок мекунад, ки дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат айни замон ҳуқуқҳои фитрии инсон ва ҳуқуқи позитивӣ амал мекунанд, ки вобаста ба онҳо ҳам узви ҷомеаи шаҳрвандӣ (инсон) ва ҳам узви давлат (шаҳрванд) «дар як вақт ва расман дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ эътироф шуда, ҳам дорои ҳуқуқи фитрӣ ва ҳуқуқи позитивӣ мебошанд[392].

Андешаи муаллиф, дар бораи он ки ҳуқуқҳои фитрӣ ва позитивӣ ҳам ба узви ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандони давлат мутааллиқ мебошад, сазовори дастгирӣ аст. Тибқи тафовути байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат фарқи ҳуқуқҳои фитрӣ ва позитивӣ дар он зоҳир мешавад, ки ҳуқуқҳои фитрӣ мансуб ба аъзои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳуқуқҳои позитивӣ ба шаҳрвандони давлат аст. Дар асл ҳам аъзои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳам шаҳрвандоне, ки аксаран ба ҳайси инсон баромад мекунанд, ҳуқуқҳои фитрӣ ва позитивӣ доранд. Масалан, ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ, ки дар моддаи 28-и Конститутсияи ҶТ мустаҳкам карда шудааст, дар соҳаи ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар муносибатҳои ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятию сиёсӣ бо давлат амалӣ карда мешавад. Ҳуқуқи ҷудонопазирии ҳар як шахс ба ҳаёт, ки дар моддаи 18 Конститутсияи ҶТ эътироф шудааст, ба ҳар инсон – ҳам ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд тааллуқ дошта, доираи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро фаро мегирад.

Бояд таваҷҷуҳ кард, ки ҳамгироии консепсияи фитрӣ-ҳуқуқӣ ва позитивии ҳуқуқи инсон, инчунин таҷассуми меъёрии ҳуқуқҳои фитрӣ дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва конститутсия ба муносибати байни ҳуқуқҳои фитрӣ ва позитивии инсон ва шаҳрванд низ таъсир мерасонад. Проблемаи таҷассуми

[391] Ниг.: Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства: учебник. – М.: Норма-Инфра, 1999. – С. 335-336.
[392] Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства. – С. 336.

меъёрии ҳуқуқҳои фитрӣ ҳамчун шарти татбиқи онҳо ҳатто мутафаккирони пешазинқилобии русро ба ташвиш оварда буд. Дар замони худ Л.И. Петражитский навишта буд, ки ҳуқуқҳои фитрӣ дар шакли одатҳои нонавишта, анъанаҳо, оинҳои динӣ, яъне бе барасмиятдарории ҳуқуқӣ мавҷуд буданд. Аммо мавҷуд набудани меъёрҳои хаттии мустаҳкамшуда амалишавӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсонро танзим намуда, амал ва ҳимояи ин ҳуқуқҳоро дар давлат имконнопазир мегардонад[393].

Баъд аз барасмиятдароии ҳуқуқҳои фитрии инсон дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва конститутсияҳо, мушкилоти табдилёбии табиати фитрии онҳо таваҷҷуҳи бисёре аз пажӯҳишгаронро ба худ ҷалб кард. Ба андешаи В.Е. Чиркин, дар шароити ҳозира бисёр тафовутҳои байни ҳуқуқҳои фитрие, ки ба шахс тааллуқ доранд ва ҳуқуқҳои позитивие, ки ба шаҳрванд мутааллиқ аст, ҳамчун аъзои давлат, ҷомеаи сиёсӣ аз байн рафтаанд[394].

Дар асноди байналмилалӣ ва конститутсияҳои миллӣ мустаҳкам намудани ҳуқуқҳои фитрии инсон дар табдили ҳуқуқҳои фитрӣ ба ҳуқуқҳои позитивии ба таври меъёрӣ мустаҳкамшуда сабаби бавуҷудоии муҳокимаҳои ҷолиб гардид. Дар ин замина, оид ба тафриқагузории сунъӣ миёни ҳуқуқҳои фитрӣ ва позитивӣ андешаҳо ба миён омаданд, зеро ҳуқуқҳои фитрӣ пас аз таҷассуми меъёрии онҳо ба ҳуқуқҳои позитивӣ табдил меёбанд. Масалан, В.Е. Чиркин менависад: «Гап дар сари он нест, ки ин тафовут аз нуқтаи назари танзимсозии ҳуқуқӣ сунъӣ аст, зеро ҳуқуқҳои позитивӣ низ ба инсон тааллуқ доранд, балки ҳамзамон ҳуқуқҳои фитрии бо кафолату маҳдудиятҳои муайян дар конститутсияҳо мустаҳкам карда шудаанд. Онҳо ба ҳуқуқҳои позитивӣ табдил ёфтаанд, гарчанде аз рӯи хусусиятҳои худ ба коркарди махсуси ҳуқуқӣ ва ба воситаҳои ҳимояи ҳуқуқӣ ниёз доранд ва дар вақтҳои охир чунин воситаҳо рӯи кор омада истодаанд[395].

---

[393] Ниг.: Петражицкий Л.И. Теория права и государства. В связи с теорией нравственности. – СПб., 2000. – С. 110-115.
[394] Ниг.: Чиркин В.Е. Общечеловеческие ценности и российское право // Общественные науки и современность. – 2001. – №2. – С. 64.
[395] Ҳамон ҷо. – С. 70.

Муаллифони дигар чунин мешуморанд, ки мустаҳкам намудани меъёрии ҳуқуқҳои фитрӣ барои тағйир ёфтани моҳияти онҳо сабаб шуда наметавонад. Масалан, С.С. Алексеев изҳор менамояд, ки дар конститутсияҳои давлатҳои демократӣ таҳкими ҳуқуқҳои асосӣ ва ҷудонашавандаи инсон «маънои олии ҳуқуқии шаҳрвандӣ» дорад, зеро дар маҷмуъ ҳуқуқи инсонро дар ҷомеа баланд бардошта, онро ба пояи ҷудонашавандаи ҳаёти ҷамъиятӣ, воситаи ҳуқуқӣ ва танзимкунандаи бевосита табдил медиҳад[396]. Дар баробари ин, муаллиф ақидаи зарурати ба таври қатъӣ ҷудо кардани ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро, сарфи назар аз таҷассуми конститутсионии ҳуқуқҳои ҷудонашаванда, асоснок мекунад. Ба андешаи ӯ, «ба таври қатъӣ ҷудо кардани ҳуқуқҳои асосии ҷудонашавандаи инсон, ки ба таъмини озодӣ ва шаъну шарафи ҳар як шахс нигаронида шудаанд (онҳо дар ҷомеае, ки ба роҳи рушди демократӣ дохил шудаанд, аҳаммияти асосӣ ва мутлақ доранд) ниҳоят муҳим ба назар мерасад»[397].

В.С. Нерсесянс бар ин назар аст, ки ҳуқуқи инсон, ҳатто агар онҳо дар сатҳи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилӣ расман эътироф ва муттаҳид шаванд ҳам, ҳамчун ҳуқуқҳои фитрӣ боқӣ мемонанд, ки аз ҳуқуқи позитивӣ (расмӣ, давлатӣ, ихтиёрӣ) фарқи куллӣ доранд. Илова бар ин, муаллиф таъкид мекунад, ки муқаррароти расман тасдиқшудаи ҳуқуқи фитрӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон сарчашмаи мустақили ҳуқуқи амалкунандаи позитивӣ буда, нисбат ба ҳамаи дигар сарчашмаҳои ҳуқуқ эътибори афзалиятнок дорад[398].

Ин муҳокимаҳо дар бораи имконнопазирии тағйир додани моҳияти ҳуқуқҳои фитрии инсон дар ҳолати татбиқи меъёрии онҳо шоёни таваҷҷуҳ мебошанд. Ҳуқуқҳои ҷудонашавандаи инсон ҳатто пас аз эълони конститутсионӣ сифати худро нигоҳ медоранд. Табиати тавлидӣ ва ҷудонопазири ҳуқуқи инсон тағйир намеёбад. Ба гуфтаи И.Л. Петрухин, азбаски давлат ин ҳуқуқҳоро ба шаҳрвандони худ надодааст, онҳоро бозпас гирифта наметавонад[399].

---

[396] Алексеев С.С. Философия права. – М., 1999. – С. 124-125.
[397] Ҳамон ҷо. – С. 125.
[398] Ниг.: Нерсесянц В.С. Асари ишорашуда. – С. 90.
[399] Ниг.: Петрухин И.Л. Человек как социально-правовая ценность // Государство и право. – 1999. – № 10. – С. 83-90.

Таҷассуми ҳуқуқҳои дахлнопазири инсон дар хуҷҷатҳо ва санадҳои гуногун (Эъломияи истиқлолияти ИМА, Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванди Фаронса, Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, конститутсияҳои давлатҳои демократӣ ва ғ.) бо дарназардошти эътирофи мазмуни фитрии онҳо сурат гирифт. Хусусияти ин ҳуқуқҳо ва кафолати онҳо дар сатҳи баланд қарор дорад. Дар шароити бунёди давлати ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои фитрии инсон дар сатҳи Қонуни асосии давлат таҷассуми дигари меъёрӣ пайдо мекунанд. Дар конститутсияҳои давлатҳои демократӣ ва ҳуқуқбунёд байни ҳуқуқҳои фитрии инсон ва ҳуқуқҳои шаҳрвандони давлат тафовут ба инобат гирифта мешавад. Чунончи, дар Конститутсияи ҶТ махсус таъкид шудааст, ки ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд (қисми 2, моддаи 5). Дар боби дуюми Конститутсия номгӯи ҳуқуқу озодиҳои шахс мувофиқи категорияхои «ҳуқуқи инсон» ва «ҳуқуқи шаҳрванд» ифода ёфтааст. Ҷудонамоии қатъии ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқҳои шаҳрванд дар сатҳи конститутсия далели муҳимми он аст, ки ҳуқуқҳои фитрии инсон дар сурати татбиқи меъёрии онҳо моҳияти аслии худро гум намекунанд.

Ин муқаррарот дар бораи ҷудонопазирии ҳуқуқи инсон бар хилофи ҳуқуқҳои бадастовардашудаи шаҳрванд дар вазъи ҳуқуқии шахс низ ифода меёбад. Вазъи ҳуқуқии шахс ҳамчун маҷмуи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тафовути байни ҳуқуқҳои фитрӣ ва позитивиро тақозо мекунад. Дар шароити бунёди давлати ҳуқуқбунёд вазъи ҳуқуқии шахс консепсияи навро ба вуҷуд меорад.

Вазъи ҳуқуқии шахс тафовути байни вазъи ҳуқуқии шахс ва вазъи ҳуқуқии шаҳрвандро талаб мекунад. Ин намудҳои вазъи ҳуқуқии шахс аз ҷиҳати маҷмуи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд фарқ мекунанд. Вазъи ҳуқуқии шахс ҳуқуқҳои ҷудонопазир ва тавлидии шахси озодро дар бар мегирад, ки дар сатҳи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва конститутсияҳо эътироф шуда, кафолатҳои расмии ҳуқуқӣ гирифтаанд. Вазъи ҳуқуқии шахс ҳамчун асос барои ташаккул ва бақайдгирии ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шаҳрванд хизмат мекунад. Дар баробари ин, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд якҷоя вазъи ҳуқуқии шахсро тавсиф мекунанд, зеро ҳар як

шаҳрванд дар як вақт инсон аст. Дар ниҳояти кор, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар модели муносибатҳои ҳуқуқи инсон ва давлати ҳуқуқбунёд ифода меёбад.

Илова бар ин, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ки дар санадҳои байналмилалӣ ва конститутсияҳо эълон шудаанд, асосӣ мебошанд. Аз ин рӯ, вазъи конститутсионии ҳуқуқии шахс, аз ҷумла маҷмуи ҳуқуқу озодиҳои асосӣ арзиши ибтидоӣ дорад. Намудҳои дигари вазъи ҳуқуқие, ки қонунҳо муайян мекунанд, ҳосилшуда мебошанд. Онҳо аз вазъи ҳуқуқии асосӣ (конститутсионӣ) бармеоянд.

Бояд таъкид кард, ки вазъи ҳуқуқии шахс робитаи ҳуқуқ ва вазифаҳоро дар назар дорад. Ҳуқуқ ва озодиҳои шахс танҳо дар якҷоягӣ бо вазифаҳо вазъи ҳуқуқии шахсро пурра тавсиф мекунанд. Байни ҳуқуқ, озодиҳо ва вазифаҳои шахс робитаи ногусастанӣ мавҷуд аст. Дар воқеъ, ҳар як ҳуқуқ ё ҳар озодӣ вазифаҳои мувофиқ дорад. Масалан, шахс ҳангоми ба амал баровардани ҳуқуқи дахлнопазири худ ба ҳаёт дар як вақт вазифадор мешавад, ки ҳуқуқҳои дигарон, қонун, қоидаҳои тартиботи ҷамъиятиро риоя намояд.

Робитаи мутақобилаи ҳуқуқ ва вазифаҳои шахс дар давраи ташаккул ва таҳкими мафҳумҳои ҳуқуқии фитрӣ эътироф мешуд «Ҳар он чизе ки ҳуқуқи як инсон аст, – навишта буд Томас Пэйн, – дар айни замон ҳуқуқи каси дигар аст ва вазифаи ман таъмин кардан аст, на танҳо истифода бурдан[400]. Мутафаккири амрикоӣ Эъломияи ҳуқуқҳоро дар як вақт ҳамчун Эъломияи вазифаҳо тавсиф кардааст. Ӯ ҳатто хоҳиш карда буд, ки Эъломияи ҳуқуқро бо Эъломияи вазифаҳо ҳамроҳ кунанд[401].

Мутлақ гардонидани ҳуқуқи инсон боиси он мегардад, ки вазифаҳои инсон дар пасманзар гузошта мешаванд, онҳо нисбат ба ҳуқуқ мавқеи тобеъро мегиранд. Ҳатто дар асарҳои як қатор мутафаккирон ақидаи бартарии ҳуқуқи инсон дар муқоиса бо вазифаҳои ӯ зери шубҳа гузошта шуд. «Ҳуқуқ аз вазифа бармеояд»[402]

---

[400] Пейн Т. Асари ишорашуда. – С. 244.
[401] Ниг.: Ҳамон ҷо.
[402] Ниг.: Бердяев Н.А. Философия неравенства // Русское зарубежье. – Л., 1991. – С. 125.

менависад, Н. Бердяев. Ӯ таъкид карда буд, ки вазифаҳои инсон аз ҳуқуқи инсон амиқтаранд ва ҳамин вазифаҳо ҳуқуқи инсонро асоснок мекунанд[403].

Робитаи ҳуқуқ, озодиҳо ва вазифаҳо дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ низ нишон дода шудаанд. Дар банди 1-и моддаи 29 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон омадааст: «Ҳар як инсон дар назди ҷомеае, ки рушди озод ва камолоти шахсияти ӯ фақат дар он имконпазир аст, вазифадор мебошад»[404]. Дар дебочаи Хартияи Иттиҳоди Аврупо дар бораи ҳуқуқҳои асосӣ аз соли 2000 гуфта шудааст: «Истифода аз ин ҳуқуқҳо масъулиятро ба вуҷуд меорад ва ҳам дар назди шахси дигар ва ҳам дар назди ҷомеаи инсонӣ ва наслҳои оянда вазифадориро ба вуҷуд меорад»[405].

Тавре қаблан зикр гардид, татбиқи бомуваффақияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ба бисёр омилҳо, пеш аз ҳама ба огоҳии онҳо вобаста аст. Огоҳӣ на танҳо аз ҳуқуқу озодиҳо, балки уҳдадориҳо низ гарави татбиқи бомуваффақияти ҳуқуқ, озодиҳо ва уҳдадориҳо мебошад. Донистани вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда, ҳисси вазифа ва масъулият шарти зарурии амалӣ намудани бомуваффақияти ҳуқуқи инсон мебошад. Фақат тарғиб намудани одати истифодаи фаъолонаи ҳуқуқу озодиҳо ба ҳадафҳои аслии таълиму тарбияи ҳуқуқӣ мувофиқат намекунад. Ҳуқуқи инсон дар сурати маҳрум шудан аз шуури вазифа ва масъулият маънои аслии худро нахоҳад дошт. «Аз ин ҳуқуқҳо кам истифода бурда мешавад, – мегӯяд Л. Тихомиров, – ки уҳдадории худро ҳис намекунанд»[406].

Инсон дар баробари ҳуқуқ бояд уҳдадорҳои худро низ донад. Ин ба он вобаста аст, ки ҳисси масъулияти шахсии шахс дар назди одамони дигар, дар назди ҷамъият ва давлат то чи андоза инкишоф ёфтааст. Огоҳӣ ва иҷрои вазифаҳо шарти бомуваффақият амалӣ шудани ҳуқуқи инсон аст. «Агар ҳар кас аз ҳуқуқҳо хеле хуб огоҳ бошаду аз уҳдадорҳо хеле суст, – гуфт Н. Бердяев, – дар он сурат ҳуқуқро касе эҳтиром намекунад ва амалӣ намешаванд»[407].

---

[403] Бердяев Н.А. Философия неравенства. – С. 125.

[404] Ниг.: Ҳуқуқи инсон: Маҷмӯаи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ дар 8 ҷилд. Ҷилди 1 / Диноршоев А.М. – Душанбе, 2010. – С. 13.

[405] Ниг.: Хартия Европейского Союза об основных правах 2000 г. // Хартия Европейского Союза об основных правах: Комментарий / Под ред. С.Ю. Кашкина. – М., 2001. – С. 60-153.

[406] Ниг.: Тихомиров Л.А. Монархическая государственность. – СПб., 1992. – С. 612.

[407] Бердяев Н.А. Асари ишорашуда. – С. 125.

Огоҳӣ на танҳо маҷмуи миқдории ҳуқуқ, озодиҳо ва уҳдадориҳо (дараҷаи миқдорӣ), балки робитаи ҷудонашаванда ва вобастагии онҳо ҳамчун меъёри баҳодиҳии сифатҳои шахсии шахс, аз ҷумла, шаҳрванди бонуфуз хизмат мекунад. Ин масъаларо И. Ильин навиштааст, ки ба шаҳрванд «қобилияти амалӣ кардани ҳуқуқҳои худ ҳамчун уҳдадориҳои ба зиммаи худ гузошташуда ва уҳдадориҳои ҷамъиятии қонунии худ – ҳамчун ҳуқуқҳои гаронбаҳо ва шарафи худ» хос аст[408].

Робитаи ҳуқуқ, озодиҳо ва вазифаҳо дар он зоҳир мешавад, ки дар байни онҳо бояд таносуби зарурӣ мавҷуд бошад. Ҳуқуқу озодиҳои инсонро бидуни дарки вазифа ва уҳдадориҳо бомуваффақият татбиқ кардан мумкин нест. Ба зиммаи шахс гузоштани уҳдадориҳои муайян набояд ба ҳуқуқи шахс, шаъну эътибори вай халал расонад, ҳуқуқҳои ӯро маҳдуд созад. Уҳдадориҳо бояд ба ҳуқуқу озодиҳои инсон мувофиқ бошанд, ба татбиқи озодонаи онҳо мусоидат кунанд. «Танҳо тавассути ҳуқуқу озодӣ, – мегӯяд Т. Лапин, – инсон ҳамчун субъекти иҷрои пурраи вазифа баромад карда метавонад»[409].

Дар давлати ҳуқуқбунёд ба инсон бо хоҳиш ва хости ҳокимият дилхоҳ вазифаҳоро бидуни маҳдудият гузоштан мумкин нест. Ин ҳолат боиси авторитаризм мегардад, ки на танҳо ҳуқуқ, балки уҳдадориҳои инсон на бо мақсади ноил шудан ба волоияти ҳуқуқ, эҳтироми озодӣ ва шаъну шарафи инсон, балки дар асоси манфиатҳо ва ормонҳои худхоҳонаи шахсони мансабдор муқаррар карда мешавад. Аз ин рӯ, уҳдадориҳои инсон бояд вобаста ба озодӣ ва ҳуқуқҳои дахлнопазири ӯ муайян карда шаванд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳамчун асос барои муайян кардани доираи уҳдадориҳои ӯ, меъёри асосноккунанда ва моҳияти ҳуқуқии онҳо хизмат мекунанд.

Дар адабиёти илмӣ ба масъалаи мазмуни сохтори дохилии вазифаҳо низ диққат дода мешавад. Ба гуфтаи Н.И. Матузова, мазмуни вазифа чор унсурро дар бар мегирад: зарурати иҷрои амалҳои муайян ё худдорӣ кардан аз онҳо; зарурати

[408] Ниг.: Ильин И.А. Наши задачи. Историческая судьба и будущее России. Статьи 1948-1954 годов. В 2-х т. – М., 1992. – Т. 2. – С. 75.
[409] Ниг.: Лапина Т.С. Разрешение противоречий между правом и моралью как условие функционирования правового государства // Правовое государство: связь веков (историко-теоретический аспект): Сб. научных трудов / Отв. ред. К.Н. Батыр. – М., 1991. – С. 35.

вокуниш ба талаботи қонунии шахси ваколатдор; зарурати ба ҷавобгарӣ кашидан барои риоя накардани ин талабот; зарурати монеъ шудан ба контрагент аз баҳрабардорӣ аз неъмате, ки нисбат ба ӯ ҳуқуқ дорад[410].

Қонунигардонии вазифаҳои инсонӣ аз таҷассуми меъёрии ҳуқуқи инсон фарқ мекунад. Чунин ақида, ки ҳар як ҳуқуқи инсон дар асл вазифаи мувофиқро дар бар мегирад, дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва конститутсияҳои муосир мустақиман инъикос наёфтааст. Ҳамин тариқ, танҳо дар моддаи 30 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон[411] меъёр дар бораи вазифаҳои инсон мустаҳкам карда шудааст. Конститутсияҳои давлатҳои демократӣ инчунин маҷмуи ҳадди ақали вазифаҳои инсонро дар бар мегиранд. Масалан, Конститутсияи ҶТ вазифаҳои зерини инсонро муқаррар кардааст: риояи Конститутсия ва қонунҳо, эҳтироми ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигарон (моддаи 42); ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он (моддаи 43); ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ (моддаи 44); супоридани андоз ва пардохтҳо (моддаи 45). Афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки дар ҳуҷҷатҳо ва конститутсияҳои байналмилалӣ расман ифода ёфтаанд, имкониятҳои инсонро васеъ намуда, ба ӯ озодии зарурировро фароҳам меоварад ва ба таври куллӣ амалӣ гардондани ҳуқуқҳои ӯро таъмин менамояд. Дар баробари ин, шумораи маҳдуди меъёрҳои вазифадоркунандаи инсон нисбат ба ҳуқуқҳо тасаввуроти шахсро дар бораи алоқамандии ҳуқуқ, озодиҳо ва вазифаҳои инсон танг мекунад. Ин барои як қатор муҳаққиқон барои асоснок кардани андешаи зарурати қабули Эъломияи умумии вазифаҳои асосии инсон сабаб гаштааст[412].

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда хулосаҳои зерин пешниҳод мешаванд:

1. Вазъи ҳуқуқии шахс тағйирёбанда аст. Ба инкишофи он тағйироти мунтазами шароити таърихӣ, инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, низоми ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонад.

---

[410] Матузов Н.И. Теория и практика прав человека в России. – С. 34.

[411] Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз 10 декабри соли 1948 // Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон / Муҳаррири масъул: З. Ализода. – Душанбе: Контраст, 2018. Нашри дуюм. – 406 с.

[412] Ниг.: Права человека в России: декларации, нормы и жизнь: материалы Международной научной конференции, посвященной 50-леию Всеобщей декларации прав человека. – М., 1999. – С. 147.

2. Инкишофи вазъи ҳуқуқии шахс дар шакли васеъ гардидани доираи ҳуқуқу озодиҳои шахс сурат мегирад. Ин яке аз қонуниятҳои умумии инкишофи таърихии вазъи ҳуқуқии шахс мебошад.

3. Шакли дигари ифодаи инкишофи вазъи ҳуқуқии шахс ин тағйири вазъи биологӣ ва иҷтимоии инсон мебошад. Дар замони нав вазъи ҳуқуқии шахс дар шакли вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд инкишоф меёбад. Вазъи ҳуқуқии инсон бо дарназардошти табиати биологии инсон муайян карда мешавад. Ҳуқуқҳои фитрии инсон унсури марказии вазъи ҳуқуқии инсон мебошанд. Вазъи ҳуқуқии шаҳрванд бо табиати иҷтимоии инсон муайян карда шуда, унсури марказии онро ҳуқуқҳои шаҳрванд, ки давлати миллӣ кафолат медиҳад, маҳсуб мешаванд.

4. Тафовути ҳуқуқҳои фитрии инсон ва ҳуқуқҳои шаҳрванд маҳаки асосии ҷудо намудани вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд мебошад. Вазъи ҳуқуқии инсон бо ҳуқуқҳои фитрии тавлидӣ ва аз инсон ҷудонопазир муайян карда шуда, барои вазъи ҳуқуқии шаҳрванд нақши аввалиндараҷа ва заминавӣ дорад. Вазъи ҳуқуқии шаҳрванд бо қонунгузории ҳар як давлат муайян карда шуда, хусусиятҳои низоми ҳуқуқии ин ё он давлатро инъикос мекунад. Вазъи ҳуқуқии инсон бошад, баробарии фитрӣ-ҳуқуқии ҳамаи одамонро ифода мекунад.

5. Вазъи ҳуқуқии шахс шакли инъикоси ҳолати иҷтимоии шахс мебошад. Вазъи иҷтимоии шахс, ки бо меъёрҳои иҷитимоӣ (ахлоқӣ, оилавӣ, анъанавӣ ва диг.) муайян карда мешавад, ба мазмуни вазъи ҳуқуқии инсон таъсир мерасонад. Вазъи ҳуқуқии шахс (инсон ва шаҳрванд) дар ҳар як давлат хусусияти миллӣ дорад, анъанаҳои миллиро ифода мекунад.

6. Робитаи ҳуқуқ, озодиҳо ва вазифаҳои шахс аломати асосии вазъи ҳуқуқии шахс маҳсуб мешавад. Ҳуқуқу озодиҳои шахс бо дарназардошти вазифаҳои шахс (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва диг.) амалӣ карда мешаванд. Ягон ҳуқуқ ё озодии инсон ва шаҳрванд бидуни вазифа ва масъулият амалӣ карда намешавад.

## 2.3. Робитаи давлат ва шахс дар ҳошияи амалӣ гардидани назарияи давлати иҷтимоӣ

Тавре ки ба мо маълум аст, иҷро намудани вазифаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аз ҷониби давлат таърихи тулонӣ дорад. Ҳар як давлат, сарфи назар аз он ки ҳуқуқбунёд аст ё не, фаъолияти иҷтимоӣ ва иқтисодиро ба амал мебарорад.

Таркиби ин функсия моҳият ва ҳадафи иҷтимоии давлатро дар давраҳои гуногуни таърихӣ инъикос мекунад ва онҳо гуногун мебошанд. Вазифаҳои иҷтимоии давлат чун инкишофи давлатдорӣ рушдпазиранд. Давлатҳои иҷтимоии муосир низ махсусиятҳои хоси худро доранд. Яке аз ин хусусиятҳо бо он алоқаманд аст, ки хосияти муҳимми давлатҳои муосир дар заминаи ҳуқуқи инсон ошкор карда мешаванд. Гузариш аз давлати ҳуқуқбунёд ба давлати иҷтимоӣ бо таҳаввулоти наслҳои ҳуқуқи инсон – аз ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ алоқаманд аст.

Тибқи андешаи Л.Н. Кочеткова мафҳум ва таҳаввулоти назария ва амалияи давлати иҷтимоӣ як қатор марҳилаҳоро дар бар мегирад: 1) тодавлатӣ (ҷамъшавии заминаҳои давлатдории иҷтимоӣ дар шакли амалия ва одатҳои иҷтимоӣ); 2) давлатӣ; 3) оғози консепсияи давлати иҷтимоӣ дар таълимоти олимони давраи нав то пайдоиши консепсияи Л. Фон Штейн; 4) марҳилаи классикӣ ё аврупоӣ аз миёнаи асри XIX то солҳои 30-юми асри XX (назария ва амалияи давлати иҷтимоӣ дар давлатҳои Аврупо); 5) марҳилаи давлати ҳуқуқбунёд аз миёнаи солҳои 30-юм то охири солҳои 40-уми асри XX (интиқоли ниҳоии функсияҳои иҷтимоӣ аз ҷомеа ба давлат дар доираи ғояи даромади ҳадди ақали кафолатдодашуда, робитаи сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат); 6) марҳилаи «давлати хидматрасонии иҷтимоӣ» аз охири солҳои 40-ум то солҳои 60-уми асри XX (гузариш аз сиёсати ғайрифаъол ба сиёсати фаъоли иҷтимоӣ дар сатҳи миллӣ); 7) марҳилаи «давлати некуаҳволии умум» (солҳои 60-ум ва миёнаи солҳои 80-уми асри XX); 8) марҳилаи буҳрони давлати некуаҳволии умум (миёнаи солҳои 80-ум

– миёнаҳои солҳои 90-уми асри XX); 9) марҳилаи давлати иҷтимоии либералӣ (аз миёнаи солҳои 90-уми асри XX)[413].

Пайдоиши андешаи давлати иҷтимоиро бо гузариш аз андешаҳои либерализми классикӣ бо принсипҳои озодии фардии он ба шиддатёбии фаъолияти иҷтимоию иқтисодии давлат[414] ё тақвияти вазифаҳои иҷтимоии давлат дар миёнаи асри XIX дар Аврупои Ғарбӣ ва Амрикои Шимолӣ[415] алоқаманд медонанд.

Бисёре аз муаллифон таъкид кардаанд, ки бо иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби давлат, сатҳи иштироки давлат дар ҳаёти одамон меафзояд, ки ин дар ниҳояти кор дар тағйирёбии муносибати давлат ба муносибатҳои ҷамъиятӣ-ҳуқуқӣ дар давлати ҳуқуқбунёд ифода меёбад. Мутафаккирони гузашта аҳаммияти ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодиро, ки иштироки ҷомеа ва давлатро дар тақдири шахс дар назар доранд, борҳо таъкид кардаанд[416].

Мувофиқи ақидае, ки дар адабиёти илмӣ муқаррар шудааст, пайдоиши консепсияи давлати ҳуқуқбунёд бо насли якуми ҳуқуқи инсон (шаҳрвандӣ ва сиёсӣ) ва консепсияи давлати иҷтимоӣ бо ҳуқуқҳои насли дуюм (иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ) алоқаманд аст[417].

Дар муқоиса бо ҳуқуқҳои насли якум, ки ҳамчун арзишҳои либералӣ ташаккул ёфта, ба таъмини озодии шахс аз дахолати давлат нигаронида шудаанд, насли дуюми ҳуқуқи инсон дар раванди беҳбудии вазъи иқтисодии одамон, баланд бардоштани шуури фарҳангии онҳо, рафъи оқибатҳои тафриқаи моликиятдорӣ дар ҷомеаи Ғарб таҳти шиорҳои либерализм ташаккул меёбад. Тибқи гуфтаи А. Маслоу ниёзҳои амалинашуда «манбаи ҷиддии ноустуворӣ мебошанд, зеро он (кибру ғурури «идоракунандагон») бо ниёзҳои маънавии инсон барои эътироф шудан бо дигарон

[413] Ниг.: Кочеткова Л.Н. Социальное государство: опыт философского исследования. – М., 2009. – С. 92-94
[414] Ниг.: Самойленко В.А. Социальная функция современного российского государства: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Коломна, 2006. – 220 с.
[415] Ниг.: Увачев В.А. Социально-правовое государство и гражданское общество постиндустриальной эпохи: правовые основы функционирования и взаимодействия (на примере стран Западной Европы и США). автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2006. – 22 с.
[416] Ниг.: Корнев А.В. Консервативная и либеральная теории государства и права в России (XIX - начало XX вв.): автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2004. – С. 25.
[417] Ниг.: Иваненко В.А., Иваненко В.С. Социальные права человека и социальные обязанности государства: международные и конституционные правовые аспекты. – СПб., 2003. – С. 42-43.

муқобилият мекунад. Дар ин ҷо мо маънои амиқи бисёр бархӯрдҳои шадиди иҷтимоӣ-сиёсии гузашта ва имрӯза, мувофиқан халалдоршавии рушди устуворро мебинем»[418].

В.А. Максименко менависад, ки «табиати насли дуюми ҳуқуқи инсон гуногун аст. Ин ҷо, пеш аз ҳама сухан дар бораи нақши созандаи давлат дар соҳаи фароҳам овардани шароите меравад, ки инсон дар он ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодиро амалӣ карда тавонад. Барои истифодаи ин ҳуқуқҳо, даст кашидан аз дахолат ба ин соҳа кофӣ нест. Бо тасвиби шартномаҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои насли дуюми инсон, давлат воқеан уҳдадории давлати иҷтимоиро ба зимма гирифта, барои шаҳрвандони худ зиндагии шоиста фароҳам меорад»[419].

Ба андешаи аксарияти муҳаққиқон ҳадафи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъмини некуаҳволӣ ва сифати зиндагии одамон мебошад. Худ ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ ҳамчун қобилияти шахсони алоҳида дар истеҳсол ва тақсимоти мол тафсир карда мешаванд. Ба шарофати ин, сифати ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқ ба моликиятдорӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва маънавӣ таъмин карда мешавад[420].

Тасвири возеҳи пайдоиши андешаи давлати иҷтимоиро дар робита бо наслҳои ҳуқуқи инсон Е.А. Лукашева медиҳад. «Ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, – менависад муаллиф, – яке аз дастовардҳои бузурги тамаддуни инсонӣ мебошад, ки бо пайдоиши «насли якуми» ҳуқуқи инсон – шаҳрвандӣ ва сиёсӣ робитаи ногусастанӣ дорад»[421]. Аммо, татбиқи минбаъдаи ин ҳуқуқҳо дар доираи назарияи либералӣ ба оқибатҳои манфӣ оварда расонид. Аллакай «дар охири асри XIX оқибатҳои манфӣ ошкор карда шуданд, ки натиҷаи татбиқи ғояҳои либерализм ва фардигароӣ, принсипи озодии «табиӣ», озод «аз» (ҳама гуна дахолат, таъсир ва ғ.) буданд»[422]. Дар ин давра зиддиятҳои синфӣ шиддат мегирифтанд, тафриқаи байни

[418] Ниг.: Права человека как фактор стратегии устойчивого развития / Под ред. ЕА. Лукашевой. – М., 2000. – С. 57.
[419] Ниг.: Максименко В.А. Права человека в различных правовых системах. Основные особенности и проблемы универсальности: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2005. – С. 46.
[420] Ниг.: Козлов А.Е. Социальная политика: конституционно-правовые проблемы. – М., 1990. – С. 90; Иваненко В.А., Иваненко В.С. Асари ишорашуда. – С. 20, 34.
[421]Ниг.: Права человека: учебник для вузов / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – М., 2000. – С. 197.
[422] Ҳамон ҷо. – С. 198.

сарватмандӣ ва камбизоатӣ якбора меафзуд, фардигарой бо эгоизм алоқаманд гардиданд, буҳрони либерализми классикии буржуазӣ ба миён омад. Назариячиёни неолибералӣ зарурати татбиқи сиёсати нигаронидашудаи иҷтимоӣ, аз ҷумла дар соҳаи рафъи оқибатҳои нобаробарии иҷтимоиро дарк карданд. Ҳамин тариқ, «ченакҳои нави муносибатҳои байни давлат ва шахс муқаррар карда шуданд, ки бо вазифаи давлат оид ба андешидани чораҳо оид ба мусоидат ба таъмини «насли нав»-и ҳуқуқи инсон вобастаанд. Ҳамин тавр, андешаи давлати иҷтимоӣ, ки дар нимаи дуюми асри XX ба таври васеъ таҳия ва эътироф шудааст, ба вуҷуд омад»[423].

Дар як қатор таҳқиқотҳо пайдоиши консепсияи давлати иҷтимоиро бо ташаккули давлати ҳуқуқбунёд алоқаманд мекунанд[424], ки сабаби паҳн шудани ғояи давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ гардид. Мафҳуми «давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ» (sozialer rechtsstaat) аз ҷониби Герман Геллер соли 1930 дар марҳилаи интиқоли функсияҳои иҷтимоӣ аз ҷомеа ба давлат, ба илм ворид карда шуд[425]. Баъдтар, дар солҳои 40-50-уми асри XX мафҳуми «иқтисоди бозории тамоюли иҷтимоӣ» ҳамчун синтези «рақобатпазирии бозори хусусӣ ва сиёсати устувор, гуногунӣ ва сиёсати иҷтимоӣ» дар асоси андешаи таъмини робитаи «иқтисоди рақобатпазири ташаббуси хусусӣ ва баробарии иҷтимоӣ» ба миён омад[426].

Пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳон андешаи давлати иҷтимоӣ дар конститутсияҳо таҷассум ёфт. Аввалин маротиба принсипи давлати иҷтимоӣ дар м. 20-и Конститутсияи Ҷумҳурии Федералии Олмон аз соли 1949, сипас, дар Конститутсияи Фаронса соли 1958 ҳамчун «ҷумҳурии тақсимнашаванда, дунявӣ, иҷтимоӣ, демократӣ» (м. 2), дар Конститутсияи Испания соли 1978[427] муқаррар гардид. Ғояи давлати иҷтимоӣ дар конститутсияҳои Италия, Дания, Шветсия, Туркия, Юнон, Португалия ва дигар давлатҳо мустаҳкам гардидааст.

---

[423] Ниг.: Права человека: учебник для вузов / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – М., 2000. – С. 198-200.
[424] Ниг.: Банева Н.А. Юридические гарантии российского социального государства: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2005.
[425] Ниг.: Калашников С.В. Функциональная теория социального государства. – М., 2002. – С. 65.
[426] Ниг.: Васина Л.Л. Социальное рыночное хозяйство: словарь терминов. – М., 1997. – С. 120-130.
[427] Ниг.: Конституции зарубежных государств. – М., 1996. – 406 с.

Пайдоиши андешаи давлати иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, бо шиддатёбии фаъолияти иҷтимоию иқтисодии давлатҳо, зарурати таъмини доираи васеи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии инсон, ки ҳам дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва ҳам дар конститутсияҳо эътироф шудаанд, алоқаманд аст. Ҳуқуқи инсон, эътироф, риоя ва ҳимояи онҳо нишонаи ҷудонашавандаи давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Ҳуқуқи инсон доираи васеи ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии инсону шаҳрвандро дар бар мегирад. Чунин нуқтаи назар ба таснифоти ҳуқуқи инсон ба таври васеъ пазируфта шудааст ва шубҳае надорад.

Давлати ҳуқуқбунёд дар якҷоягӣ бо ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ, инчунин барои таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ, ки пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳон эътирофи байналмилалӣ гирифтаанд, созмон дода мешавад. Аммо таъминоти онҳо сиёсати фаъоли иҷтимоии давлат, фаъолсозии фаъолияти иҷтимоию иқтисодии онро талаб мекунад. Бо эътирофи ҳуқуқҳои насли дуюм, давлати ҳуқуқбунёд, моҳиятан ҳуқуқӣ боқӣ монда, ҳамзамон самти иҷтимоиро ба даст овард. Аз ин рӯ, ақидаи «давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ» асоси воқеӣ дорад.

Е.А. Лукашева иброз менамояд, ки ҳангоми муайян кардани таносуби давлати ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ «ҷавҳари давлати ҳуқуқбунёд, яъне ягонагии тамоми аломатҳояш – афзалияти ҳуқуқи инсон, бунёди ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар асоси принсипҳои ҳуқуқ, таҷзияи ҳокимият, масъулияти мутақобилаи давлат ва шахс бояд ба инобат гирифта шавад. «Насли нав»-и ҳуқуқи инсон ба низоми афзалиятҳои давлат шомил карда, ӯро вазифадор менамояд, ки барои таъмини ин ҳуқуқҳо чораҳо андешад, ба равандҳои иқтисодӣ дар асоси принсипҳои ҳуқуқ таъсир расонад. Таъмини феҳристи ҳуқуқи инсон ба рушди функсияҳои нави давлат, самтҳои нави фаъолияти он такон мебахшад. Ин афзалияти ҳуқуқи инсон ҳамчун як хусусияти низомсозии давлати ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ, ҳамчун дастури асосии фаъолияти он баромад мекунад»[428].

[428] Ниг.: Права человека / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – С. 207-209.

Раванди гузариш аз давлати ҳуқуқбунёд ба давлати иҷтимоӣ бо ташаккули андешаи давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ ба анҷом мерасад. «Барои ибтидои асри XXI – менависад, А.Х. Маликов, – муносибати зерин байни давлати ҳуқуқбунёд ва давлати иҷтимоӣ хос аст: падидаҳои «давлати ҳуқуқбунёд» ва «давлати иҷтимоӣ» дар ягонагии ҷудонашаванда баррасӣ мешаванд»[429].

Аз ҷониби давлати ҳуқуқбунёд ба даст овардани моҳияти иҷтимоӣ ба диалектикаи рушди давлатдорӣ мувофиқат мекунад. Тавре ки Е.А. Лукашева қайд менамояд: «давлати ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ – бо ҳам зид набуда, баръакс, диалектикаи рушди давлатро ифода мекунанд»[430].

Андешаи «давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ», ҳамзамон хусусияти ҷудонашавандаи давлатро ҳамчун ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ шарҳ медиҳад. Давлат барои таъмини ҳуқуқи инсон бунёд шудааст, ки бо ин мақсад дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии ҷомеа фаъол буда, табиати ҳуқуқии худро гум намекунад. Вазифаҳои давлати ҳуқуқбунёд бо рушди ҷомеа, пайдоиши ниёзҳои нави иҷтимоӣ, аз ҷумла ниёзҳои инсон, таҳаввули ҳуқуқи инсон васеъ мешавад. Ҳамзамон бо ин, амалисозии як қатор вазифаҳои давлатӣ, ки дахолати давлатро ба соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоӣ, аз ҷумла танзими давлатии иқтисодиётро дар чорчӯбаи ҳуқуқӣ талаб мекунанд. Волоияти ҳуқуқ, афзалияти ҳуқуқи инсон, таъин шудани онҳо ҳамчун маҳаки ҳуқуқии фаъолияти давлат, таҷзияи ҳокимият, қонунияти ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ, масъулияти мутақобилаи давлат ва шахс ҳамчун нишонаҳои давлати ҳуқуқбунёд барои фаъолияти давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ ҳудуди зарурӣ (фазои ҳуқуқӣ) фароҳам меоранд, фаъолияти аз ҳад зиёди давлат ва дахолати бепоёни онро ба ҳаёти шахсии одамон пешгирӣ мекунад. Ин ҳадафи иҷтимоии давлати ҳуқуқбунёд дар татбиқи фаъолияти иҷтимоию иқтисодӣ зоҳир мешавад. Тавре Е.А. Лукашева қайд мекунад, принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд, ки аллакай ташаккул ёфтаанд ва ба амалияи воқеӣ ворид шудаанд, кумак мекунанд, ки давлати иҷтимоӣ «дар ҳудуди муайян нигоҳ дошта шавад,

[429] Ниг.: Маликова А.Х. Проблемы формирования социального государства в Таджикистане: монография. – Душанбе, 2013. – С. 78.
[430] Права человека / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – С. 208.

бидуни вайрон кардани озодии дигарон ва зимни масъулият барои тақдири онҳо фаъолияташро пеш барад»[431].

Давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ дар як вақт ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам иҷтимоӣ буда, вазифадор аст, ки тамоми ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро эътироф, риоя ва таъмин намояд. Ҳуқуқҳои номбаршуда дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ҳамчун маҷмуи ягонаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон сабт шудаанд. Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон як меъёри алоҳидаеро дар бар мегирад, ки воқеан давлатро вазифадор мекунад то барои зиндагии инсон чораҳои зарурӣ андешад. Дар моддаи 25-и Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон омадааст, ки «ҳар як инсон ба чунин сатҳи зиндагӣ, аз ҷумла хӯрок, либос, манзил, нигоҳубини тиббӣ ва таъминоти заруриии иҷтимоие, ки барои сиҳатию некӯаҳволии худи ӯ ва оилааш зарур аст, ба таъминот дар ҳолатҳои бекорӣ, маъюбӣ, бесаробон мондан, пиронсолӣ ё дигар ҳолатҳои маҳрумият аз воситаҳои зиндагӣ, ки бо сабабҳои новобаста аз ӯ ба вуҷуд меоянд, ҳақ дорад»[432].

Дар натиҷа, тақсимоти ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ аз ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ эътирофи байналмилалӣ пайдо кард. Соли 1966 бо ин мақсад ду паймони байналмилалӣ – Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ қабул карда шуданд. Ҳуҷҷати дуюми байналмилалӣ ҳуқуқ ба меҳнат, ба таъсиси иттифоқҳои касабаро бо мақсади ҳимояи манфиатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, шароити одилона ва мусоиди меҳнат, таъминоти иҷтимоӣ, ба ташкили оила, сатҳи арзандаи зиндагии ӯ ва оилааш, озодӣ аз гуруснагӣ, сатҳи баландтарини солимии ҷисмонӣ ва равонӣ, ба таҳсил, иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ, истифодаи натиҷаҳои пешрафти илм, ба истифодаи манфиатҳои маънавӣ ва моддӣ дар робита бо ҳама гуна корҳои илмӣ, адабӣ ё бадеиро эътироф намуд.

Мувофиқи банди 1 моддаи 2 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҳар як давлати иштирокчии ин паймон вазифадор

---

[431] Права человека / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – С. 208.

[432] Всеобщая декларация прав человека от 10 декабря 1948 г. // Международное право в документах. – С. 221.

аст «ба таври инфиродӣ ва тавассути кумак ва ҳамкориҳои байналмилалӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои иқтисодӣ ва техникӣ, дар доираи ҳадди аксар имконоти захираҳои мавҷуда тадбирҳоеро андешанд, ки ҳуқуқҳои дар ин паймон эътирофшуда бо ҳамаи василаи мувофиқ, аз ҷумла бо роҳи қабули санадҳои қонунгузорӣ пурра амалӣ гарданд»[433].

Муқаррароти дахлдори Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ӯҳдадориҳои мушаххаси давлатҳоро оид ба таъмини ҳуқуқҳои мушаххас дар бар мегирад. Масалан, дар модддаи 7 ӯҳдадориҳои давлатро дар соҳаи татбиқи ҳуқуқи таъсис ва фаъолияти озоди иттифоқҳои касаба бо мақсади ҳимояи манфиатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии одамон номбар мекунад. Дар банди 2 моддаи 12 номгӯйро, ки давлат барои таъмини татбиқи ҳуқуқи ҳар як шахс ба сатҳи баландтарини солимии ҷисмонӣ ва равонӣ меандешад, инъикос мекунад.

Н.Ф. Сафарзода ҳуқуқ ба саломатиро мавриди баррасӣ қарор дода, иброз менамояд, ки ҳуқуқи мазкур имрӯз дар сатҳи конститутсионии аксарияти давлатҳои дунё кафолат дода шуда, масъулияти давлатҳоро ҷиҳати таъмин намудани сатҳи олитарини дастрасӣ ба солимии ҷисмониву равонӣ муайян менамояд. Аммо муқаррароти моддаи 12-и Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро на ҳамаи давлатҳо дар сатҳи зарурӣ амалӣ намуда метавонанд. Амалӣ намудани ҳуқуқ ба саломатӣ аз сатҳи иқтисодиёти ин ё он давлат вобаста мебошад[434].

---

433 Международный пакт об экономических, социальных и культурных правах от 16 декабря 1966 г. // Права человека. Сборник международных и национальных документов в 8-ми томах. – Т. 1. / Сост.: Диноршоев А.М. – Душанбе, 2009. – С. 14-25.

434 Ниг.: Сафарзода Н.Ф. Право на здоровье: сравнительно-правовой анализ // Современная юридическая наука и практика: актуальные проблемы: сборник научных статей по материалам V Международного научно-практического форума магистрантов, аспирантов и молодых ученых (Саратов, 20 марта 2020 г.) / ФГБОУ ВО «Саратовская государственная юридическая академия». – Саратов: Изд-во ФГБОУ ВО «Саратовская государственная юридическая академия», 2020. – С. 66-67.; Сафарзода Н.Ф. Реализация права на здоровье в соврименном мире // Леденцовские чтения. «Бизнес. Наука. Образование». Правовые и экономические аспекты: сборник материалов VIII Международной научно-практической конференции. Секция высшего образования с участием специалистов и обучающихся среднего профессионального образования и школьников (г. Вологда, 23 апреля 2020 г.) / ответственный редактор Ю. А. Пеганова; Северо-Западный институт (филиал) Университета имени О. Е. Кутафина (МГЮА). – Вологда: Фонд развития филиала МГЮА имени О.Е. Кутафина в г. Вологде, 2020. – С. 546-550.; Сафарзода Н.Ф. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҳуқуқ ба саломатӣ дар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (7-уми декабри соли 2020) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 213-221.

Ҷ. Саъдизода ва Н.Ф. Сафарзода амалисозии ҳуқуқ ба саломатии субъектони махсуси ҳуқуқро дар давраи саросарвабои хорзаҳр (COVID-19)[435] пажӯҳиш намуда, иброз менамоянд, ки пас аз пайдо шудани вируси COVID-19 дар охирҳои соли 2019 ва аввалҳои соли 2020 аксарияти давлатҳои дунё ба соҳаи тандурустӣ афзалияти бештар дода, маблағгузории ин соҳаро зиёд намуданд, ки он барои дар амал татбиқ намудани ҳуқуқ ба саломатӣ таъсири амиқ мегузорад. Вале дар давлатҳои иҷтимоӣ бояд ҳуқуқ ба саломатӣ нисбат ба тамоми аҳолӣ якранг кафолат дода шавад, ки ин мувофиқ ба меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон мебошад[436].

Татбиқи тадбирҳои зарурӣ, қабули барномаҳои мушаххас ва татбиқи дигар тадбирҳои марбут ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар бисёре аз меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ, махсусан Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пешбинӣ шудаанд.

Ин далели он аст, ки якум, ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ эътирофи байналмилалиро касб намуданд. Дуюм, татбиқи ин ҳуқуқҳо фаъолсозии фаъолиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавии давлатро тақозо мекунад. Сеюм, барои таъмини ин ҳуқуқҳо, зарурати иҷрои вазифаи иҷтимоӣ аз ҷониби давлатҳои муосир ба миён омадааст. Таҳлили меъёрҳои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нишон медиҳад, ки бидуни фаъолияти фаъоли давлат, бе андешидани чораҳои зарурии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, техникӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсон таъмини ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ғайриимкон мебошанд. Ҳамин тариқ, андешаи давлати иҷтимоӣ эътирофи ҳуқуқии байналмилалӣ мегирад. Дар баробари ин, фаъолияти давлати иҷтимоӣ бо ҳуқуқи инсон ҳамчун як аломати давлати ҳуқуқбунёд алоқаманд аст.

---

[435] Яке аз вирусҳои хатарнок, ки таърихи инсоният назирашро кам дар ёд дорад, ин вируси COVID-19 мебошад, ки он дар интиҳои соли 2019 ва ибтидои соли 2020 дар Ҷумҳурии мардумии Чин пайдо шуда, то ҳолати 11-уми январи соли 2021 зиёда аз 90 млн. аҳолии дунёро сироят намуд, ки аз ин шумора зиёда аз 1,5 млн. аҳолии дунё ба ҳалокат расиданд.

[436] Ниг.: Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Мушкилоти амалишавии ҳуқуқи инсон дар шароити хуруҷи саросарвабо // Проблемаҳои ҳуқуқӣ дар шароити мавҷудияти COVID-19: маводи конференсияи илмӣ-амалӣ (1 сентябри соли 2020). – Душанбе: ДДТТ, 2020. – С. 134-143.

Давлати муосир, аз рӯйи мундариҷаи санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ба таъмини тамоми маҷмуи ҳуқуқи инсон – шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ нигаронида шудааст. Таъмини ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ калиди татбиқи бомуваффақияти ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад. Масалан, озодии шахсӣ шарти истифодаи тамоми ҳуқуқҳои дигари инсон мебошад. Ҳуқуқ ба меҳнат интихоби озоди касбро пешбинӣ мекунад. Ҳуқуқ ба таҳсил дар доираи озодии интихоби муассисаи таълимӣ, ихтисос ва ғ. амалӣ карда мешавад. Ҳуқуқ ба озодии ҳаракат муҳоҷирати меҳнатиро кафолат медиҳад. Дар баробари ин, таъмини ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ барои татбиқи бомуваффақияти ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ шароит фароҳам меорад. Масалан, сатҳи арзандаи зиндагӣ, рушди озодонаи қобилиятҳои ақлӣ ва ҷисмонии инсон барои истифодаи ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ шароити зарурӣ фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, байни ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ робита ва вобастагии мустақим вуҷуд дорад. Онҳо маҷмуи ягонаи ҳуқуқи инсонро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, фаъолияти иҷтимоию иқтисодии давлати ҳуқуқии иҷтимоӣ оид ба таъмини ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ барои татбиқи бомуваффақияти ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ шароит фароҳам меорад. Ба гуфтаи Е.А. Лукашева: «нақши давлати иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосир ҳар қадар мураккаб бошад ҳам, бидуни он на танҳо ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, балки ҳуқуқҳои насли якум – сиёсӣ ва шахсиро низ амалӣ кардан ғайриимкон аст. Вақте ки ҳаёти иҷтимоии одамон таъмин нест, сохтори ҳуқуқ ва озодиҳои инсон вайрон мешавад, фаъолияти сиёсӣ коҳиш меёбад, нобоварӣ ба давлат меафзояд, кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳо (масалан, ҳуқуқ ба ҳимоя) на ҳамеша дастрас мегарданд»[437].

Гарчанде пайдоиши давлати иҷтимоӣ дар аксари ҳолатҳо бо андеша ва амалияи Ғарб алоқаманд аст, бояд қайд кард, ки дастовардҳои давлати Шуравӣ дар соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ назаррас мебошанд. Тибқи ақидаи як қатор

[437] Права человека / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – С. 210.

муаллифон, давлати Шуравӣ дар ҷаҳон аввалин давлате буд, ки оид ба саломатӣ ва донишомӯзии тамоми аҳолии кишвар ғамхорӣ мекард[438].

Муҳаққиқони ватанӣ иброз менамоянд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд на танҳо дар замони Шуравӣ, балки ҳанӯз дар ҳазорсолаҳои қабл аз мелод кафолат дода шуда буданд ва ҷузъи муҳимми ин ҳуқуқҳоро ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ташкил медоданд. Масалан, ҳуқуқи озодона барпо намудани оила, ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба моликият ва ғ. аз ҷумлаи ин ҳуқуқҳо буданд[439].

Муаллифони дигар мутмаинанд, ки «дар ИҶШС ҳама нишонаҳои давлати иҷтимоӣ мавҷуд буданд, онҳо дар тули 74 соли ҳокимияти Шуравӣ инкишоф ёфта, ба тамаддуни умумиҷаҳонӣ ворид гардиданд. ИҶШС муддати тулонӣ яке аз пурқудраттарин ва рушдкунандаи давлати иҷтимоии ҷаҳон буд»[440].

Пас аз он ки андешаи давлати иҷтимоӣ тасдиқи расмии конститутсионӣ мегирад ва мувофиқан эътироф карда мешавад, масъалаи таносуби байни давлати иҷтимоӣ ва давлати ҳуқуқбунёд дар адабиёт мубрам гардид. Баъзе муаллифон мафҳуми «давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ»-ро қобили қабул меҳисобанд, дигарон давлати иҷтимоиро сатҳи баландтарини рушди давлати ҳуқуқбунёд эътироф мекунанд, сеюмин давлати иҷтимоиро ҳамчун аломати давлати ҳуқуқбунёд шарҳ медиҳанд[441]. Дар ҳамаи ин ҳолатҳо далели ҷудонашаванда ё алоқамандии давлати иҷтимоӣ ва ҳуқуқбунёд эътироф карда мешавад.

Андешаи давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ ҳамчун объекти донишҳои илмӣ дар адабиёти илмии Ғарб аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Аз ин рӯ, К. Хессе зарурати давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоиро чунин асоснок мекунад: ҳуқуқҳои иҷтимоӣ «дахолати давлатро барои амалишавии барномаи иҷтимоӣ талаб

---

[438] Ниг.: Курицын В.М., Шалягин Д.Д. Опыт становления конституционализма в США, Японии и советской России. – М., 2004. – С. 340.

[439] Ниг.: Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳмандрӯд, 2016. – 164 с.; Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография. – Душанбе: ТАЙАРОН, 2018. – 176 с.

[440] Ниг.: Землянухина С.Г., Санкова Л.В., Явченко Е.В. и др. Развитие человеческих ресурсов в условиях формирования социального государства. – Саратов, 2009. – С. 304

[441] Ниг.: Варчук Т.В. Социальное правовое государство и гражданское общество // Концепция социального государства Российской Федерации / Под общ. ред. Н.И. Гриценко. – М., 2004. – С. 139; Иваненко В.А., Иваненко В.С. Асари ишорашуда. – С. 62-63.

мекунад, на танҳо фаъолияти доимии қонунгузор, балки мақомоти ҳокимиятро талаб мекунад» ва азбаски татбиқи «ҳуқуқҳои асосии иҷтимоӣ метавонанд аксар вақт боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон гарданд... Қонуни асосӣ роҳи дигар – роҳи танзими фаъолияти давлатро, ки бо формулаи «давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ»[442] ифода ёфтааст, пешбинӣ мекунад.

Ба ғайр аз К. Хессе бисёр муҳаққиқони дигар низ зарурати таъсиси чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ, ҳудуди ҳуқуқӣ ё танзими фаъолияти давлати иҷтимоиро дар давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ асоснок мекунанд. Андеша оид ба ташкил ва фаъолияти давлати иҷтимоӣ дар асоси қонун пазируфта мешавад[443].

Муносибати муаллифони муосир ба давлати иҷтимоӣ гуногун аст. Як қатор олимон шиддати байни меъёри конститутсионии озодии шахсӣ ва давлати иҷтимоиро эътироф мекунанд[444]. Дигарон худи андешаи давлати иҷтимоиро зери шубҳа мегузоранд. Масалан, В.А. Четвернин чунин мешуморад, ки «давлат дар татбиқи вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии худ ба ҳуқуқ вобастагӣ надорад ва хилофи ҳуқуқ амал мекунад, дар ин ҷо қонунгузор ва ҳукумат ҳамбастагии иҷтимоӣ, баробарҳуқуқӣ, инсондӯстӣ, мақсаднокӣ, имкониятҳои ҷисмонӣ ва ниёзҳои иқтисодиро ба роҳбарӣ мегиранд»[445].

Бо вуҷуди ин, бисёре аз муҳаққиқон назария ва амалияи давлати иҷтимоиро ҳимоя карда, рисолати инсондӯстонаи дастгирии иҷтимоиро дар таъмини иҷтимоии нафақахӯрон, маъюбон ва дигар категорияҳои ниёзманди мардум мебинанд[446].

Давлати иҷтимоӣ бо иҷрои функсияи иҷтимоӣ дар соҳаи таъмини шаъну шарафи инсон, шароити муносиби зиндагии одамон тавассути татбиқи тадбирҳо, барномаҳо, консепсияҳои иҷтимоӣ алоқаманд мебошад. Ин функсияи давлати либералӣ дар кишварҳои Аврупо дар замоне шиддат гирифт, ки дараҷаи шадиди

[442] Ниг.: Хессе Конрад. Основы конституционного права ФРГ / Пер. с нем. Е.А. Сидоровой. – М., 1981. – С. 108-109.
[443] Ниг.: Российское государство и правовая система: Современное развитие, проблемы, перспективы / Под ред. Ю.Н. Старилова. – Воронеж, 1999. – С. 77.
[444] Ниг.: Страшун Б.А., Мишин А.А. Социальное государство // Конституционное (государственное) право зарубежных стран. Общая часть. – М., 2010. – С. 291.
[445] Ниг.: Четвернин В.А. Введение в курс общей теории права. – М., 2003. – С. 203.
[446] Ниг.: Родионова О.В. Социальная функция государства: правовая сущность и проблемы субъектов ее осуществления на современном этапе // Государство и право. – 2006. – № 8. – С. 99.

нобаробарии моликиятдорӣ дар байни аҳолӣ, мухолифати иҷтимоӣ оғоз ёфт. Лоренс фон Штейн (1815-1890), ки муаллифи консепсияи давлати иҷтимоӣ ҳисобида мешавад, маънои функсияҳои иҷтимоиро «на дар тобеи як манфиат ба дигаре, балки дар ҳалли ҳамоҳангии зиддиятҳои онҳо бо мақсади пешгирии ҷанги шаҳрвандӣ, ки метавонад дар баробари некӯаҳволии ҳама худи давлатро низ нобуд кунад, медид»[447].

Мутафаккирон гуногун дар бораи моҳияти функсияи давлати ҳуқуқбунёд назари худро баён кардаанд. Чунончи, П.И. Новгородсев имтиёзҳои дастрас ва кушодро ҳамчун шакли муқаррароти ҳатмии давлат барои ҳама пазируфта[448], мутмаин буд, ки идомаи принсипи баробарӣ дар самти баробар кардани имкониятҳои иҷтимоӣ марҳилаи нави рушди давлати ҳуқуқбунёд аст[449].

Ба андешаи Б.А. Кистяковский барои таъмини мустақилияти шахс «дар баробари ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ, аз ҷумла озодӣ аз дахолати давлат ба соҳаи муайяни ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятӣ, ҳуқуқи иштирок дар ташкил ва идоракунии давлат, бояд ба ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дода шавад, ки аз давлат таъмини шароити муқаррарии мавҷудияти иқтисодӣ ва маънавиро талаб намояд»[450]. Тимо Сумма чунин мешуморад, ки Аврупо дар соҳаи иҷтимоӣ «на танҳо ба иқтисодиёти бомуваффақият рушдкунанда», балки ба низоми муқарраршудаи таъминоти иҷтимоӣ комёб шудааст[451].

Аз ин рӯ, давлати ҳуқуқбунёд наметавонад аз иҷрои функсияи иҷтимоӣ даст кашад. Баръакс, талаб карда мешавад, ки фаъолияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, пеш аз ҳама, иҷрои функсияи дастгирии иҷтимоӣ пурзӯр карда шавад. Зарурати иҷрои функсияи иҷтимоӣ аз ҳисоби таъмини доираи васеи ҳуқуқҳои насли дуюм – иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба миён меояд. Паймонҳои байналмилалӣ ва

---

[447] Ниг.: Лоренц фон Штейн. Учение об управлении и право управления с сравнением литературы и законодательств Франции, Англии и Германии. Руководство, изданное Лоренцем Штейном, профессором Венского университета, как основание его лекций / Пер. с нем. и под ред. И.Е. Андреевского. – СПб., 1884. – С. 525.
[448] Ниг.: Новгородцев П.И. Введение в философию права. Кризис современного правосознания. – СПб., 2000. – Гл. 2. – С. 267.
[449] Ҳамон ҷо. – С. 286.
[450] Ниг.: Кистяковский Б.А. Социальные науки и право // Философия и социология права / Сост., прим., указ. В.В. Сапова. – СПб., 1999. – С. 284.
[451] Ниг.: Сумма Тимо. Социальная защита как производительный фактор // Экономические аспекты социальной политики в Российской Федерации. Международная конференция 12–13 ноября 1998 г. – М., 1999. – С. 18.

конститутсияҳо ба зиммаи давлат вазифаи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқи насли дуюмро мегузоранд. Дар шароити кунунӣ андешаи давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ, дар доираи ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва конститутсияҳои миллӣ эътироф карда мешавад.

Модели конститутсионии давлати иҷтимоӣ хусусиятҳои конститутсионии давлати иҷтимоӣ, вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии он, мақсадҳо ва вазифаҳо, робитаи ногусастанӣ бо дигар аломатҳои давлати муосир (ҳуқуқӣ, демократӣ, дунявӣ ва ғ.), инчунин робита бо ҳуқуқи инсонро дар маҷмуъ дар бар мегирад. Ғояи давлати иҷтимоӣ дар меъёри конститутсионӣ сабт шудааст, ки тавсифи умумии Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона медиҳад.

Ифодаи конститутсионии давлати иҷтимоии ҳуқуқӣ барои омӯхтани хусусиятҳои конститутсионии давлати иҷтимоӣ, вазъи конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ имконият медиҳад. Масалан, муаллифони «Луғати энсиклопедии ҳуқуқӣ» менависанд, ки давлати иҷтимоӣ «хусусияти марбут ба вазъи конститутсионӣ ва ҳуқуқии давлат мебошад, ки кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқҳои иқтисодию иҷтимоии шахс ва шаҳрванд, уҳдадориҳои дахлдори шахсро пешбинӣ мекунад»[452].

Тибқи гуфтаи як қатор муаллифон, давлати иҷтимоӣ «мафҳуми конститутсионӣ мебошад ва маънои онро дорад, ки давлат дар ҳаҷми мувофиқи қобилияти худ, таъмини сатҳи муайяни зиндагии шаҳрвандон, қонеъ кардани ниёзҳои моддӣ ва маънавии онҳоро дар назар дорад»[453].

Дар як қатор тафсирҳо моҳияти давлати иҷтимоӣ тавассути категорияи «сиёсати иҷтимоӣ» ошкор карда мешавад. Ҳамзамон ин категория, ки моҳияти давлати иҷтимоӣ мебошад, тавассути формулаҳои конститутсионӣ дар бораи сатҳи муносиби зиндагии одамон ва рушди озодонаи инсон муайян карда мешавад. Масалан, қайд карда мешавад, ки «давлати иҷтимоӣ вазифаи гузаронидани сиёсати муайяни иҷтимоӣ,

[452] Ниг.: Юридический энциклопедический словарь / Отв. ред. О.Г. Румянцев, В.Н. Додонов. – М., 1996.
[453] Ниг.: Конституция Российской Федерации / В.А. Туманов, В.Е. Чиркин, Ю.А. Юдин и др. – М., 1995. – С. 226.

таъмини зиндагии шоистаи одамон, рушди озоди ҳар як шахсро ба зимма мегирад»[454]. Тибқи ақидаи дигар, фаъолияти давлати иҷтимоӣ «ба ноил шудан ба некӯаҳволии баланди ҷомеа, пешрафти иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Ин фаъолият дар сиёсати иҷтимоии давлат ифода ёфтааст»[455]. Сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун самти фаъолияти давлати ҳуқуқии демократӣ муайян карда мешавад, ки метавонад давлати иҷтимоӣ бошад[456].

Тавре аз қисми 2-и моддаи 1-уми Конститутсияи ҶТ бармеояд, модели конститутсионии давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ ду хусусияти муҳим ва бунёдии давлати иҷтимоиро дар бар мегирад: 1) таъмини шароити зиндагии арзанда; 2) инкишофи озодонаи шахс. Зиндагии шоиста сатҳи зиндагии инсонро пешбинӣ мекунад, ки ба ӯ имкон медиҳад, ки озодона ҷойи кор ёбад, музди хуб гирад, оила дошта бошад ва онро таъмин кунад, ғизо, либос, манзил ва дигар имтиёзҳоро барои нигоҳ доштани ҳаёт ва саломатӣ гирад, то ки ӯ ва аъзои оилааш тавонанд талаботи маънавии худро қонеъ кунанд[457].

Мафҳуми «зиндагии арзанда» ба тарзҳои гуногун тафсир карда мешавад. Истилоҳоти «кофӣ», «ҳадди ақал», «ба ҳолати иҷтимоию иқтисодии ҷомеа мувофиқ» ҳамчун шакли ифодаи «зиндагии арзанда» истифода мешаванд. Айни замон «сатҳи умумиҷаҳонии зиндагӣ барои ҳама давру замонҳо» мавҷуд нест[458].

Рушди озод ба даст овардани ройгон ва баробари маълумот, касб, рушди ҷисмонӣ ва маънавии шахс[459] ё дастрасии баробар ба арзишҳои фарҳангӣ, амнияти кафолатноки шахсӣ, такомули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии шахсро пешбинӣ мекунад[460].

Унсури навбатии модели конститутсионии давлати иҷтимоӣ аз ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсон иборат аст, ки дар боби дуюми

---

[454] Ниг.: Конституция Российской Федерации. Комментарий. – М., 1994. – С. 85.
[455] Ниг.: Конституционное право Российской Федерации / М.И. Кукушкин, А.А. Югов, В.Д. Перевалов. – Екатеринбург, 1995. – С. 6.
[456] Ниг.: Социальное государство. Краткий политический словарь-справочник / Под ред. В.А. Александрова. – М., 2002. – С. 191.
[457] Иваненко В.А., Иваненко В.С. Асари ишорашуда. – С. 59.
[458] Ниг.: Краснянский В.Э. Социальное общество и государство (традиции и современность) // Социальное правовое государство: вопросы теории и практики. Материалы межвузовской научно-практической конференции. – СПб., 2003. – С. 35-36.
[459] Иваненко В.А, Иваненко В.С. Асари ишорашуда. – С. 59-60.
[460] Ниг.: Морозова Л.А. Теория государства и права. – М., 2005. – С. 418.

Конститутсияи ҶТ дар баробари ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ сабт шудаанд. Конститутсия ҳуқуқи моликият ва мерос, таъсиси оила, кор, манзил, истироҳат, ҳифзи саломатӣ, ҳифзи иҷтимоиро дар пиронсолӣ, дар ҳолатҳои беморӣ, маъюбӣ, гум кардани саробон, иштироки озод дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, дар санъат, эҷодиёти илмӣ ва техникӣ, ҳуқуқ ба таҳсил ва ғайраро кафолат медиҳад.

Муқаррароти умумии конститутсионӣ оид ба арзиши олии инсон, ҳуқуқ ва озодиҳояш, эътироф, риоя ва ҳифзи онҳо аз ҷониби давлат (м. 5 Конститутсияи ҶТ) ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии инсон ва шаҳрванд низ дахл дорад.

Модели конститутсионӣ, ки дар конститутсия таҷассум ёфтааст, аз модели давлати иҷтимоӣ, ки дар ҳаёт татбиқ мешавад, фарқ мекунад. Масалан моделҳои давлати иҷтимоии либералӣ, консервативӣ, сотсиал-демократиро фарқ мекунанд[461]. Модели либералӣ имкониятҳои баробари иҷтимоиро барои шаҳрвандон фароҳам меорад, модели консервативӣ ба ғояи шарикии давлат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва хайрия асос ёфтааст, дар доираи модели сотсиал-демократӣ хадамоти иҷтимоӣ дар соҳаи бозор бартарӣ доранд[462].

Илова бар моделҳои либералӣ, консервативӣ, сотсиал-демократии давлати иҷтимоӣ, ки асосан ба Ғарб хосанд, роҳҳои дигари ташкили давлатдории иҷтимоӣ дар дигар кишварҳо ва минтақаҳо мавҷуданд. Масалан, дар баробари моделҳои скандинавӣ, олмонӣ, амрикоӣ ҳамчунин, модели мустақили Русия[463] ҷудо карда мешавад.

Дар кишварҳои пасошуравӣ, ки аз кишварҳои ғарбӣ фарқ мекунанд, метавон моделҳои гуногуни давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоиро бунёд кард. Ба ин шароити мушаххаси таърихӣ, сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, хусусиятҳои миллӣ дар кишварҳои гуногуни пасошуравӣ таъсир мерасонанд. Ин нишондиҳандаҳо барои тавсифи модели давлати ҳуқуқии иҷтимоӣ аҳаммияти аввалиндараҷа доранд, зеро

---

[461] Ниг.: Милецкий В.П. Социальное государство: эволюция теории и практики (политико-социологический анализ): дис. ... д-ра полит. наук. – СПб., 1998. – 350 с.
[462] Ҳамон ҷо. – С. 44.
[463] Ниг.: Адухов А.А. Форма государства и его социальное назначение: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – СПб., 2003. – 174 с.

самаранокии функсияи иҷтимоии давлат, таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии шахс бештар аз сатҳи рушди иқтисодӣ, инфрасохтори иҷтимоӣ, ашёи хом, иқтидори энергетикӣ ва шароити дигар вобаста аст.

Модели конститутсионии давлати ҳуқуқии иҷтимоӣ дар бисёр кишварҳои пасошуравӣ монандӣ дорад. Ин аз якрангии системаҳои ҳуқуқии пасошуравӣ, наздикии қонунгузории онҳо, мувофиқати принсипҳои умумии конститутсионӣ ва ғайра вобаста аст. Масалан, формулаҳои конститутсионии давлати ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ дар ин кишварҳо фарқе надоранд. Модели конститутсионии давлати ҳуқуқии иҷтимоӣ бо формулаҳои шабеҳ «зиндагии арзанда» ва «рушди озодонаи шахс» ифода карда мешавад. Рӯйхати ҳуқуқҳои конститутсионии иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ низ чунин хусусиятҳо доранд.

Аз нигоҳи амалӣ, татбиқи модели конститутсионии давлати ҳуқуқии иҷтимоӣ хусусиятҳои фарққунандаи онро дар кишварҳои пасошуравӣ нишон медиҳад. Татбиқи модели конститутсионии давлати ҳуқуқии иҷтимоӣ дар ҳар як кишвар бо дарназардошти шароити мушаххаси таърихӣ, омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ, сатҳи рушди ҷомеа сурат мегирад. Масалан, таҳлили меъёрҳо ва муқаррароти Конститутсияи ҶТ (озодии фаъолияти соҳибкории хусусӣ, моликияти хусусӣ, муносибатҳои моликиятдории хусусӣ, рушди озоди шахс, ҳуқуқ ба ташкили оила, ба меҳнат ва ғайра) нишон медиҳад, ки модели конститутсионии давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ ифода ёфтааст. Аммо татбиқи модели мазкур дар Тоҷикистон хусусиятҳои худро дорад. Чунончи, татбиқи яктарафаи ғояҳои либерализми классикии Ғарб ё неолиберализм дар ҷумҳурӣ натиҷаи хуб намедиҳад. Давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ дар Тоҷикистон бо дарназардошти шароити таърихӣ, сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, захираҳои мавҷуда, ҳадафҳои ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ амалӣ карда мешавад. Модели давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоии Тоҷикистон мазмуни миллӣ дошта, бо дарназардошти манфиатҳои миллии Тоҷикистон, ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди ҶТ амалӣ карда мешавад. Ҳамчунин, анъанаҳои миллӣ, арзишҳои ахлоқию маънавии тоҷикон, ки ҳазорсолаҳо

ташаккулу инкишоф ёфтаанд, ба монанди саховатмандӣ, дастгирии ятимон, таъминоти иҷтимоии падару модар ва дигар ба амалишавии модели давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоии Тоҷикистон таъсири самарабахш мерасонад.

Ба вижагии модели давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ дар Тоҷикистон сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, захираҳои табиӣ, иқтидори энергетикии ҷумҳурӣ, вазъи бахши кишоварзӣ, сатҳи рушди фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, сиёсати маориф, сифати хизматрасонии тиббӣ ва ғайра таъсир мерасонанд. Ба амалишавии модели мазкур ҳамчунин, омилҳои зерин таъсир мерасонанд: самаранокии идоракунии давлатӣ, фазои сусти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, сатҳи рақобат, кифоягии инфрасохторӣ иҷтимоӣ барои рушд, сармояи инсонӣ, идоракунии муҳоҷирати хориҷӣ, ислоҳоти маҳаллӣ, самаранокии ҳамкориҳои байналмилалӣ, сохтори иқтисоди миллӣ, сатҳи иҷрои қонунҳо, таъмини ҳуқуқи инсон ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ.

Дар ҶТ сиёсати мақсаднок дар соҳаи иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад. Шумораи зиёди барномаҳо[464] ва консепсияҳои давлатӣ[465] қабул карда шудаанд, ки дар онҳо стратегия ва афзалиятҳои сиёсати иҷтимоии ҷумҳурӣ муайян карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, модели давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон рушди фаъолияти функсионалии давлати ҳуқуқбунёдро, ки ба татбиқи сиёсати иҷтимоӣ бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ равона шудааст, инъикос мекунад. Татбиқи модели ғарбии иқтисоди бозорӣ дар Тоҷикистон ба нобаробарии иҷтимоии аҳолӣ, суст шудани ҳифзи иҷтимоии қишрҳои осебпазири ҷомеа ва дигар оқибатҳои номатлуб оварда мерасонад. Бо дарназардошти вазъи кунунӣ, дар ҷумҳурӣ сиёсати мақсадноки иҷтимоӣ барои рафъи оқибатҳои ислоҳоти бозор, аз ҷумла коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ, маърифатӣ, коммуналӣ ва ғайра амалӣ карда мешавад. Шиддатнокии фаъолияти иҷтимоию иқтисодии давлат ба талаботи объективии рушди иҷтимоӣ, инчунин ба зарурати

[464] Барномаи давлатии таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ барои солҳои 2020-2030, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019 тасдиқ карда шудааст; Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 декабри соли 2021., №565 тасдиқ карда шудааст.

[465] Консепсияи миллии мақсадноки илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба рушди инсон, таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013-2028, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2013 тасдиқ карда шудааст.

таъмини ҳуқуқи инсон вобаста аст. Ин тамоюлҳои рушди иҷтимоӣ ҳатман дар ташаккули волоияти қонун ва ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон инъикос меёбанд. Ин далели он аст, ки модели муносибати байни волоияти қонун ва ҳуқуқи инсон дар шароити дигаргуниҳои бунёдии иҷтимоӣ ба тағйирот дучор меояд. Сиёсати иҷтимоии давлат ва таъмини тамоми маҷмуи ҳуқуқи инсон (шахсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғ.) ба сохтори анъанавии модели «давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон» ислоҳотҳо ворид мекунад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда хулосаҳои зерин пешниҳод мешаванд:

1. Дар моддаи 1-и Конститутсияи ҶТ ақидаи «давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ» ифода ёфтааст. Ақидаи мазкур ҷузъи таркибии моҳияти давлати Тоҷикистон мебошад. Давлати Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёд, соҳибихтиёр, демократӣ, ягона ва дар як вақт давлати иҷтимоӣ мебошад. Аломатҳои соҳибихтиёрӣ, ҳуқуқбунёдӣ, демократӣ, ягонаи давлати Тоҷикистон айни замон аломатҳо давлати иҷтимоии Тоҷикистон мебошанд. Бо ин аломатҳои моҳияти давлати иҷтимоии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Дар байни ин аломатҳо ҷойи аввалиндараҷаро аломати соҳибихтиёрӣ ишғол мекунад. Давлати иҷтимоии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр буда, бо дарназардошти шароити таърихӣ ташаккул ва рушд мекунад. Бо ин аломаташ давлати иҷтимоии Тоҷикистон аз моделҳои дигари давлати иҷтимоӣ фарқ мекунад.

2. Ба ташаккул ва рушди давлати иҷтимоии Тоҷикистон омилҳои объективӣ (сатҳи рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, захирахои энергетикӣ ва дигар) ва субъективӣ (неруи инсонӣ, шуури ҷамъиятӣ ва дигар) таъсир мерасонанд. Дар байни ин омилҳо ҷойи муҳимро анъанаҳои миллӣ, фарҳанги миллӣ, арзишҳои ахлоқӣ, маънавӣ ва дигар ишғол мекунанд. Ҳамаи вазифаҳои давлати иҷтимоӣ дар робита бо сифатҳои шахсии шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандон, аз ҷумла сифатҳое, ки бо анъанаҳои миллӣ, арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ робита доранд, ҳалли худро меёбанд. Дар иҷрои вазифаҳои давлати иҷтимоӣ сифатҳои шахсии тоҷикон, ки дар тули ҳазорсолаҳо ташаккул ёфта, аз насл ба насл мегузаранд, ба мисли саховатмандӣ, дастгирии ятимон, ғамхорӣ дар ҳаққи падару модар, кумаки иҷтимоӣ ба эҳтиёҷмандон ва дигар нақши ҳалкунанда доранд. Ин сифатҳои шахсӣ дар фаъолияти шахсони

мансабдор, хизматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандон зоҳир гардида, ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ дар соҳаи иҷтимоӣ ва ба фаъолияти иҷтимоии шаҳрвандон муоидат менамоянд.

3. Давлати иҷтимоии Тоҷикистон давлати миллӣ буда, бо дарназардошти афзалияти манфиатҳои миллӣ, пеш аз ҳама, манфиатҳои миллии иҷтимоӣ, бо мақсади амалӣ намудани сиёсати иҷтимоии давлати миллии Тоҷикистон, ки сол аз сол такмил меёбад, бунёд мегардад. Манфиатҳои миллӣ бештар дар соҳаи таҳсилот, тарбияи кадрҳои миллии баландихтисос, дар соҳаи тарбияи ҷавонону наврасон дар руҳияи худшиносии миллӣ, дастгирии иҷтимоии духтарону занон дар самти амалӣ гардидани сиёсати давлат дар самти баланд бардоштани мақоми онҳо дар ҷомеа, дар соҳаи хизмати баландсифати тиббӣ бахри таъмини солимӣ ва дарозумрии шаҳрвандони Тоҷикистон ва ғайра зоҳир мешаванд. Таъминоти иҷтимоии аҳолӣ, кам намдани сатҳи камбизоатӣ, дастгирии иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, ёрии иҷтимоӣ ба ятимон, маъюбон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон мебошад. Сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон, ки бо мақсади бунёди давлати иҷтимоӣ ва рушди минбаъдаи он амалӣ карда мешавад, ҳадафҳо, вазифаҳо ва афзалиятҳои миллӣ дорад. Тавре дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъкид мешавад: «Биниши ояндаи дарозмуҳлати кишварамон –нигаҳдории ваҳдати миллӣ, таъмини амнияти миллӣ, амалӣ намудани принсипҳои адолати иҷтимоӣ ва самаранокии иқтисодӣ, беҳсозии некӯаҳволии мардум бетағйир боқӣ мемонад».

4. Ташаккулу рушди устувори давлати иҷтимоӣ аз сатҳи тараққиёти иқтисодӣ вобастагӣ дорад. Аз ин хотир, дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъкид мешавад: «Ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад». Дар ҳуҷҷати мазкур вазифаи гузариш ба модели нави рушди иқтисодӣ гузошта мешавад. Модели мазкур ба сармоягузориҳо ва рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, ба механизмҳои самараноки институтсионалӣ, ки ба

тақвияти ислоҳот дар тайёр кардани мутахассисони муосири ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат, ҷалби сармоягузориҳо ба бахши воқеии иқтисодиёт ва инфрасохтор имкон медиҳад, такя мекунад. Ин модел боиси афзоиши босуръати соҳаи саноат, кишоварзӣ ва молиявӣ гардида, таъсиси ҷойҳои нави кории дараҷаи баланди истеҳсолӣ, баромадан ба бозорҳои нави содиротӣ ва кам кардани вобастагии кишвар аз интиқоли маблағҳои пулии муҳоҷиронро таъмин мекунад. Модели нави рушд ба зиёдшавии назарраси ҳиссаи шуғли расмӣ ва ба ин васила, бахши иқтисодиёти расмӣ оварда мерасонад ва густариши заминаи даромади буҷетро аз ҳисоби афзоиши босуръати заминаи ҷамъоварии андозҳои дохилӣ таъмин менамояд. Амалӣ намудани модели мазкур ба мувозинати бахшҳои асосии рушди устувор иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ такя намуда, ба вусъатёбии имкониятҳои иқтисодию иҷтимоии мардону занон мусоидат мекунад. Тавре мушоҳида мешавад, модели нави рушди иқтисодӣ тамоюли иҷтимоӣ дошта, ба рушди давлати иҷтимоии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Ин бори дигар собит менамояд, ки давлати иҷтимоии Тоҷикистон давлати миллӣ аст.

5. Давлати иҷтимоии Тоҷикистон дар паёмади ҳадафҳои рушди миллии Тоҷикистон бунёд мегардад. Дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 биниши дарозмуҳлати рушди миллӣ чунин тасвир карда мешавад: «Соли 2030 дар минтақаҳои Тоҷикистон шароити мусоид барои зиндагии аҳолӣ новобаста аз синну сол, ҷинс, миллат, маъюбӣ ва фазои солими экологӣ бо иқтисодиёти самарабахш ва инфрасохтори рушдёфта, аз ҷумла дорои сифати баланди сармояи инсонӣ ва сатҳи зиндагӣ муҳайё мегардад». Сармояи инсонӣ дар эъмори давлати иҷтимоӣ нақши ҳалкунанда дорад.

6. Давлати иҷтимоии Тоҷикистон дар як вақт давлати ҳуқуқбунёд буда, дар заминаи волоияти қонун, таъмини ҳуқуқи инсон инкишоф меёбад. Дар ташаккулу рушди давлати иҷтимоии Тоҷикистон мақомоти давлатӣ, самаранокии идоракунии давлатӣ, волоияти қонун, адолати судӣ ва механизмҳои дигари ҳифзи ҳуқуқи инсон нақши муҳим доранд. Ҳолати мазкур дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба таври зайл пешбинӣ мешавад:

«Фароҳам овардани шароити то ҳадди имкон мусоид барои зиндагӣ ва инкишофи минтақаҳо бояд принсипи асосии фаъолияти кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ гардад. Бо ин мақсад бояд иқтидори ниҳодҳои давлатӣ таҳким дода шуда, низоми ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони рушд такмил дода шавад. Таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, такмили раванди судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкӣ, ҳимояи манфиатҳои давлат, таъмини волоияти қонун ва адолат самтҳои муҳими рушд ва таҳкимдиҳии давлатдории мардуми тоҷик мебошад».

7. Давлати иҷтимоии Тоҷиикистон танҳо бо соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ маҳдуд нашуда, рушди соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеаро, ки таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро кафолат медиҳанд, дар назар дорад. Дар маҷмуъ рушди сармояи инсонӣ дар иҷрои ҳамаи вазифаҳои давлати иҷтимоӣ нақши ҳалкунанда дорад. Барои ҳамин дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 афзалиятҳои зерин дар рушди сармояи инсонӣ муайян карда мешаванд: ислоҳоти низоми маориф ва илм, таъмини солимии аҳолӣ дар чорчӯбаи сифати зиндагӣ, таҳкимдиҳии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани арзишҳои фарҳангии рафтор, ташаккули муҳити мусоид барои зиндагӣ, коҳишдиҳии нобаробарии иҷтимоӣ.

8. Дар давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ робитаи тарафайни давлат ва шахс тағйир меёбад. Тағйироти мазкур дар самтҳои зерин зоҳир мешавад: а) ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба мадди аввал мебароянд, чунки аз кафолати онҳо рушди ҳаёти иҷтимоӣ, зиндагии арзанда ва инкишофи озоди ҳар як шахс вобастагӣ дорад; б) фаъолияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давлат бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба сатҳи нав мебарояд, моҳияти иҷтимоии давлат бештар зоҳир мегардад; в) дар байни ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангии шахс ва давлати иҷтимоӣ робитаи устувор пайдо мешавад, ин ҳуқуқҳо танҳо дар давлати иҷтимоӣ амалӣ ва таъмин карда мешаванд.

9. Дар таъмини шароити арзандаи зиндагӣ дар баробари ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ҳамчунин, ҳуқуқҳои фарҳангӣ нақши муҳим доранд. Фаъолияти давлат дар соҳаи ҳаёти фарҳангӣ бо мақсади рушди неруи инсонии ватанӣ тавассути тадбирҳои тарбиявӣ, таҳсилотӣ, маърифатӣ, иттилоотӣ, идеологӣ, равонӣ ба роҳ монда мешавад. Дар натиҷа, унсурҳои миллии давлати иҷтимоӣ (кадрҳои баландихтисоси ватанӣ, шуури баланди ҷамъиятӣ, худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ ва дигар) ташаккул меёбанд.

10. Тамоюли иҷтимоии иқтисоди бозаргонӣ дар Тоҷикистон ба таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии шаҳрвандон мусоидат менамояд. Соҳибкорӣ ва намудҳои дигари фаъолияти озоди иқтисодӣ бо мақсади ташкили ҷойҳои нави корӣ, хизмати тиббӣ, таҳсилотӣ, фарҳангӣ, манзилӣ ва дигар ба шаҳрвандони Тоҷикистон, беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, таъминоти иҷтимоии гурӯҳҳои ниёзманди аҳолӣ ба роҳ монда мешавад. Муносибатҳои озод ва хусусии бозаргонӣ аз муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ҷудо набуда, дар паёмади сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон инкишоф меёбанд. Ҳолати мазкур яке аз хусусиятҳои давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоии Тоҷикистон буда, ба робитаи давлат ва шахс таъсири судманд мерасонад.

# БОБИ 3. РОБИТАИ ДАВЛАТ ВА ШАХС ДАР ҲОШИЯИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

## 3.1. Инкишофи таҷрибаи ҷаҳонии эътироф, риоя ва амалисозии ҳуқуқи инсон

Ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқ ба рушд аз зумраи ҳуқуқҳои ҷудонашаванда ва тақсимнашавандаи инсон ба ҳисоб рафта, ба ҳар як инсон бидуни табъиз мутааллиқ мебошанд. Бетабъизӣ ва баробарӣ ҳамчун принсипҳои бунёдии ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон маҳсуб ёфта, унсурҳои муҳимми шаъну шарафи инсонро инъикос менамоянд.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон мақсади ягона дошта, бо ҳам дар алоқамандӣ ва вобастагӣ қарор доранд. Татбиқи як ҳуқуқ ба инкишофи ҳуқуқи дигар мусоидат карда, рад кардани як ҳуқуқ ба дигар ҳуқуқи инсон таъсири манфӣ мерасонад[466]. Масалан, одамоне, ки хондану навишта наметавонанд аксар вақт дар ёфтани кор, иштирок кардан дар фаъолияти сиёсӣ ва озодона баён кардани фикру ақидаи худ душворӣ мекашанд.

Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ фарогирандаи ҳуқуқи дастрасӣ ба ғизои солим, манзили муносиб, таҳсил, саломатӣ, таъминоти иҷтимоӣ, иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ, ҳуқуқи дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ, вазъи беҳбудии муҳити зист, инчунин, ҳуқуқ ба меҳнат мебошанд[467].

Ҳуқуқҳои ишорашуда моҳияти худро дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки соли 1976 эътибор пайдо кардааст, инчунин, дар Протоколи иловагӣ ба он аз соли 2013 асос ёфтаанд. Соли 1985 ҷиҳати назорати иҷроиши меъёрҳои Паймони мазкур Кумитаи махсус таъсис дода шуд[468]. Инчунин соли 2009 маърузачии махсус оид ба ҳуқуқҳои фарҳангӣ таъин гардид.

---

[466] Ниг.: Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқ ба саломатӣ: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: дис. … номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2022. – С. 80.

[467] Ниг.: Диноршоев А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2015. – С. 152-181.

[468] Ниг.: Абашидзе А.Х. Универсальные механизмы защиты прав человека: учеб. Пособие для студентов вузов, обучающихся по специальности «Юриспруденция» / А.Х. Абашидзе, А.О. Гольтяев. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2013. – С. 87.

Ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ фарогирандаи ҳуқуқ ба ҳаёт, дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз ғуломӣ, манъи шиканҷа, манъи дастгиркунии беасос, ҳуқуқ ба мурофиаи одилонаи судӣ, ҳуқуқ ба озодии сухан, озодии ҳаракат ва интихоби ҷойи зист, ҳуқуқ ба озодии эътиқоди динӣ, ҳуқуқ ба иштирок дар интихобот ва раъйпурсӣ, ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ, ҳуқуқи иштирок дар гирдиҳамоӣ, намоиш ва роҳпаймоии осоишта ва ғ. мебошанд[469]. Ҳуқуқҳои ишорашуда моҳияти худро дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ пайдо намудаанд, ки он соли 1976 мавриди амал қарор гирифт ва иҷроиши меъёрҳои онро аз ҷониби давлатҳои иштирокчӣ, Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон бар уҳда дорад. Дар заминаи Паймони фавқуззикр ду протоколи иловагӣ қабул шудааст, ки яке соли 1976 ва дигаре соли 1991 эътибори ҳуқуқӣ пайдо намудааст.

Бетабъизӣ ва баробарӣ аз зумраи принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон ва унсури муҳимми шаъну шарафи инсон маҳсуб меёбанд. Имрӯз таҷрибаи ҷомеаи ҷаҳонӣ доир ба мубориза бо нажодпарастӣ, табъизи нажодӣ, ксенофобия, таҳаммулнопазирӣ ва дигар ҳуқуқҳои марбут ба онҳо мавриди омӯзиш қарор доранд. Паймон ишора менамояд, ки қонунгузории давлатҳои аъзо бояд табъизро аз рӯи ҳама гуна аломатҳо, аз қабили нажод, ранг, ҷинс, забон, дин, ақидаи сиёсӣ ё бо асоси пайдоиши миллӣ ва иҷтимоӣ, молу мулк, таваллуд ё ҳолатҳои дигар манъ кунанд[470].

Конференсияи умумиҷаҳонӣ алайҳи нажодпарастӣ, табъизи нажодӣ, ксенофобия ва таҳаммулнопазирии марбут ба он ки соли 2001 дар Дурбани Африқои Ҷанубӣ баргузор шуд, як рӯйдоди таърихӣ барои беҳбудии зиндагии миллионҳо нафар дар саросари ҷаҳон, ки қурбонии нажодпарастӣ, табъизи нажодӣ ва таҳаммулнопазирӣ шудаанд, ба ҳисоб мерафт. Қатъномаи Дурбан ва барномаи амале, ки аз ҷониби Конфронс қабул шудааст, чаҳорчӯбаи нави амалиёти ҳукуматҳо, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва дигар муассисаҳоро дар

[469] Ниг.: Саидов И.И. Развитие личных и политических прав человека в Таджикистане: историко-правовой и общетеоретический анализ: дис. ... кан. юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 209 с.
[470] Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16-уми декабри соли 1966 // Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон / мураттибон: З. Ализода, Б. Сафаров, Ҷ. Саъдизода, С. Қодирӣ ва А. Солиев. – Душанбе, 2018. – С. 13-28.

мубориза бо нажодпарастӣ, табъизи нажодӣ, бегонаситезӣ ва таҳаммулнопазирии марбут ба он фароҳам овардааст.

Ҳуқуқ ба рушд қисми ҷудонопазири ҳуқуқи инсон маҳсуб меёбад: ҳар як шахс ҳақ дорад дар рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ иштирок, мусоидат ва аз он баҳра барад. Эъломияи ҳуқуқ ба рушд соли 1986[471] қабул шудааст. Инчунин, гурӯҳи кории байниҳукуматӣ оид ба ҳуқуқ ба рушд вуҷуд дорад, ки соли 1998 таъсис ёфтааст.

Ҳуқуқи инсон унсури марказии муколамаи ҷаҳонӣ оид ба сулҳ, амният ва рушд гардид. Сулҳу амният, рушд ва ҳуқуқи инсон се рукни асосии СММ мебошанд. Дохил намудани ҷанбаи ҳуқуқи инсон ба фаъолияти неруҳои посдори сулҳ омодагии СММ-ро барои пешгирӣ ва вокуниш ба нақзи ҳуқуқи инсон хеле афзоиш дод. Масалан, қатъномаҳои Шурои Амнияти СММ масъалаи ҳуқуқи инсонро ба мандати миссияҳои неруҳои посдори сулҳ бештар ворид менамоянд.

Қобилияти амалиётии неруҳои посдори сулҳи СММ барои ҳифзи аҳолии маҳаллӣ аз вайрон гардидани ҷиддии ҳуқуқи инсон ҷанбаи самаранокӣ ва муваффақияти онҳо мегардад. То моҳи июни соли 2013 дар ҳайати миссияҳои посдори сулҳи СММ 15 сохтори воҳид оид ба ҳуқуқи инсон вуҷуд дошт.

Стандартҳои нав дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ки ба Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон соли 1948 асос ёфтаанд, инчунин татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба пешрафти назаррас ноил гардидааст. Мақомоти шартномавӣ оид ба ҳуқуқи инсон кумитаҳои коршиносони мустақил мебошанд, ки иҷрои шартномаҳои асосии байналмилалии ҳуқуқи инсонро назорат мекунанд. Ҳар як давлати иштирокчии шартнома уҳдадор шудааст, ки шаҳрвандони худро аз ҳуқуқҳои дар шартнома пешбинишуда баҳравар гардонанд[472].

Тули чанд соли охир, бо қабули ҳуҷҷатҳои нав оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷониби давлатҳо, таъсиси мақомоти нави шартномавӣ низоми шартномавиро

---

[471] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/right_to_development.shtml (санаи муроҷиат: 12.04.2021 с.).

[472] Ниг.: Искандаров Ш.Ф. Становление и развитие специализированных государственных правозащитных институтов по правам человека в Таджикистане: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 190 с.

васеъ гардонид. Манфиатҳои кори онҳо барои ҳама равшан аст: қурбониёни нақзи ҳуқуқи инсон метавонанд ба мақомоти шартномавӣ муроҷиат кунанд, то тавассути тартиботи гуногун шикоятҳои онҳо баррасӣ шаванд, дар ин ҳолат, ҳукуматҳо ухдадориҳои худро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон дурусттар дарк мекунанд. Вазъи ҳуқуқи инсон дар ҳама кишварҳо ба маълумоти дастраси умум табдил ёфта истодааст.

Айни замон, дар ҳуқуқи байналмилалӣ муассисаҳои минтақавӣ ва низомҳои иловагии ҳимояи ҳуқуқи инсон, аз қабили ҳуқуқи кӯдакон, занон, қурбониёни шиканҷа ва маъюбон мавҷуданд. Дар сурати поймол шудани ҳуқуқҳояшон, онҳо метавонанд ба мақомоти байналмилалии шартномавии ҳуқуқи инсон шикоят кунанд.

Ҳар сол тахминан 10 ҳазор нафар дар саросари ҷаҳон ба Дафтари Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон тавассути расмиёти шикоятии мақомоти шартномавӣ дар бораи вайрон гардидани ҳуқуқи инсон шикоят мекунанд. Баъзе шикоятҳое, ки дар кумитаҳои дахлдор баррасӣ мешаванд, аҳаммияти умумидавлатӣ ва ҳатто байналмилалӣ пайдо кардаанд. Онҳо дар инкишофи вазъи ҳуқуқи инсон дар кишварҳои ҷаҳон мусоидат карда, саҳми худро барои пешгирии чунин қонуншиканиҳо гузоштаанд.

Ҳуқуқи занон ҳамакнун ҳамчун ҳуқуқи асосии инсон эътироф шудаанд. Табъиз ва амалҳои зӯроварӣ нисбат ба занон дар баҳсҳо оид ба ҳуқуқи инсон аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Соли 1993 дар Конфронси умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон ҳуқуқи занон ҳамчун ҳуқуқи инсон эътироф карда шуд.

Конвенсия оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон соли 1981 эътибор пайдо кардааст ва Кумитаи назорати риояи он соли 1982 таъсис ёфтааст. Ин Конвенсияро дар аксари маврид «Билли байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи занон» ном мебаранд, тақрибан аз ҷониби ҳама кишварҳои ҷаҳон ба тасвиб расидааст. Соли 1999 Протоколи иловагии Конвенсия қабул карда шуд.

Соли 2011 гурӯҳи корӣ оид ба манъи табъиз дар муносибат ба занон таъсис дода шуд. Таъсиси гурӯҳи корӣ марҳалаи муҳим дар роҳи дурудароз ба сӯи баробарии занон ва мардон мебошад.

Қатънома оид ба барҳам додани зӯроварӣ нисбат ба занон, ки моҳи декабри соли 1993 қабул шуда буд, муайян мекунад, ки давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ бояд барои пурра аз байн бурдани тамоми шаклҳои зӯроварӣ нисбат ба занон, хоҳ дар соҳаи умумӣ ва чи дар соҳаи хусусӣ тадбирҳо андешанд. Аввалин гузоришгари махсус оид ба зӯроварӣ нисбат ба занон соли 1994 таъин шуда буд[473].

Муқаррароти умумӣ вуҷуд дорад, ки поймолкунандаи ҷиддии ҳуқуқи инсон набояд беҷазо монад. Ҷабрдидагон ҳуқуқ доранд адолат, аз ҷумла, барқарор кардани волоияти қонун пас аз хотима ёфтани низоъҳоро талаб кунанд. Суди Байналмилалии Ҷиноятӣ (минбаъд – СБҶ) адолатро нисбат ба онҳое, ки барои ҷиноятҳои ҷангӣ ва зидди инсоният маҳкум шудаанд, амалӣ мегардонад. 7 августи соли 2012 Суди Байналмилалии Ҷиноятӣ, ки соли 2002 таъсис ёфтааст, аввалин қарори муҳимми худро дар бораи ҷуброни ҷабрдида дар парванда алайҳи Томас Лубанга, аввалин шахсе, ки СБҶ маҳкум кардааст, қабул кард[474].

Қарори мазкур принсипҳои асосии ҷуброни зарар ба ҷабрдидаро муайян мекунад. Ҷабрдидагон ҳуқуқи гирифтани ҷуброни зарари расонидашударо доранд ва муроҷиати қурбониёни табақаҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла, занон, кӯдакон, қурбониёни зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ бояд аввал баррасӣ карда шавад. Дар ин қарор, ҳуқуқ ба ҷубронпулӣ ҳамчун ҳуқуқи бунёдии инсон эътироф шудааст, ки он дар шартномаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба ҳуқуқи инсон, инчунин, дар дигар санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, принсипҳо ва дастурҳои асосии СММ оид ба ҳуқуқ ба ҳифзи ҳуқуқии ҷуброни зарар сабт гардидааст.

Дар эътирофи ҳуқуқҳои маъюбон инқилоб ба амал омад, аз ҷумла, ҳуқуқи онҳо ба иштироки самарабахш дар ҳамаи соҳаҳои хаёт дар баробари дигарон эътироф гардид. Тақрибан 10 фоизи аҳолии ҷаҳон (650 млн. нафар) маъюб мебошанд[475]. Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон, ки соли 2008 эътибор

---

[473] Ниг.: Бухориева С.М. Правовая политика Республики Таджикистан в сфере прав и свобод женщин дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2020. – С. 89.

[474][Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ria.ru/20120710/695960986.html (санаи муроҷиат: 14.11.2023 с.).

[475] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://aupam.ru/pages/trudoustroistvo/gos_politika_trud_zan_inva/page_04.htm (санаи муроҷиат: 14.11.2023 с.).

пайдо кард, стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсонро барои ҳамаи маъюбон дар сатҳи байналимилалӣ муқаррар кардааст.

Қабули Конвенсия тағйироти мусбат дар муносибат ба маъюбонро нишон дод: онҳо дигар ҳамчун объекти эҳсонкорӣ ва нигоҳубини тиббӣ нестанд, балки одамоне ҳисобида мешаванд, ки қобилияти қабули қарорҳои мустақилона ва татбиқи ҳуқуқҳои хешро доранд. Конвенсия аз давлатҳо, бахшҳои хусусӣ ва дигарон талаб мекунад, ки масъулияти риоя, ҳифз ва иҷрои ҳуқуқҳои маъюбонро ба дӯш гиранд ва ба ҳамкориҳои байналмилалии оид ба рушд ва кумаки инсондӯстона мусоидат кунанд. Протоколи иловагӣ ба Конвенсия дар як вақт, бо худи Конвенсия эътибор пайдо кард ва ба шахсони алоҳида имкон медиҳад, ки алайҳи давлатҳои аъзои Конвенсия шикоят баранд[476].

Дар марҳилаи кунунӣ ниҳодҳои фарогире вуҷуд доранд, ки ҳадафи аслии онҳо таъмин намудани ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо мебошад. Имрӯз тақрибан 214 миллион нафар берун аз кишвари аслии худ истиқомат мекунанд. Аксари онҳо бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла, ҷустуҷӯи муҳофизат ва имкониятҳои нав ба мусофират мераванд. Муҳоҷирон аксар вақт дар корҳои ифлос, хатарнок ва шаъну шарафро пастзананда ҷалб мешаванд. Дар ҳоле ки муҳоҷират барои баъзеҳо таҷрибаи мусбат ва судбахш аст, бисёре аз муҳоҷирон маҷбур мешаванд, ки ба нақзи ҳуқуқи инсон, табъиз ва истисмор таҳаммул кунанд[477].

Чунин механизмҳо оид ба ҳуқуқи инсон, аз қабили Гузоришгари махсус оид ба ҳуқуқи муҳоҷирон, ки соли 1999 таъин шудааст ва Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, ки соли 2003 эътибор пайдо кардааст, чунин меъёрҳоро муқаррар мекунад: новобаста аз он ки ҳар як давлат ҳуқуқи муайян кардани шароити дохил шудан ва будубошро дар қаламрави худ доранд, инчунин, уҳдадорӣ доранд, ки ҳуқуқҳои ҳамаи

[476] Ниг.: Саъдизода Ҷ., Исматова М.Ҳ. Ҳуқуқи маъюбон мувофиқи қонунгузории миллӣ ва асноди байналмилалӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2019. – № 1 (13). – С. 30-35.
[477] Ниг.: Раҳмон Д.С., Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф., Азимов С.Ш. Ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ (воситаи таълимӣ) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Нӯшбод, 2021. – 192 с.

шахсонеро, ки дар қаламрави онҳо қарор доранд, сарфи назар аз миллат ва асли онҳо, вазъи муҳоҷиратиашон ҳуқуқҳои онҳоро эҳтиром, ҳифз ва иҷро намоянд[478].

Мушкилотҳои марбут ба мардуми маҳаллӣ ва ақаллиятҳо, бахусус, табъизи онҳо, тавассути механизмҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ҳарчи бештар роҳи ҳалли худро пайдо намуда истодаанд. Дар сатҳи байналмилалӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии амиқе қабул гардидаанд, ки ифодакунандаи пешравӣ дар ин самт мебошанд, ба мисли Эъломияи СММ дар бораи ҳуқуқи халқҳои таҳҷоӣ, ки соли 2007 қабул шудааст. Худи ҳамон сол, аз ҷониби Шурои ҳуқуқи инсон ниҳоди алоҳида оид ба ҳуқуқи халқҳои таҳҷоӣ таъсис дода шуд.

Хазинаи ихтиёрии СММ барои халқҳои таҳҷоӣ, ки соли 1985 таъсис ёфтааст, ба мардуми маҳаллӣ имконият медиҳад, ки дар ҷаласаҳои Форуми доимӣ оид ба масъалаҳои маҳаллӣ, ки соли 2000 таъсис ёфтааст, механизми коршиносон, Шуро оид ба ҳуқуқи инсон, аз ҷумла, шарҳи универсалии даврӣ ва мақомоти шартномавӣ иштирок кунанд. Дар соли 2012 ваколати Хазина васеъ карда шуд, то ин ки намояндагони халқҳои таҳҷоӣ барои иштирок дар Конфронси умумиҷаҳонии халқҳои таҳҷоӣ дар соли 2014 фаро гирифта шавад[479]. Дар соли 2001 Маърӯзачии махсус оид ба ҳуқуқҳои мардуми маҳаллӣ таъин карда шуд.

Даҳсолаи дуюми байналмилалии халқҳои таҳҷоӣ дар ҷаҳон соли 2005 оғоз шуда, соли 2014 ба поён расид. Даҳсолаи аввал аз соли 1995 то 2004 давом кардааст. Ҳуқуқҳои ақаллиятҳо ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири фаъолияти СММ дар пешбурд ва ҳифзи ҳуқуқи инсон, рушди устувори инсоният, сулҳ ва амният бештар эътироф мешаванд.

Соли 2007 Форуми СММ оид ба масъалаи ақаллиятҳо таъсис дода шуд. Он барои густариши муколама ва ҳамкорӣ дар масъалаи ақаллиятҳои миллӣ, этникӣ, динӣ ва забонӣ замина фароҳам меорад. Раёсати Форумро Коршиноси мустақил

---

[478] Ниг.: Сафарзода Н.Ф., Азимов С.Ш. Раванди муҳоҷиршавӣ ва вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ дар вазъиятҳои вижа // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 2 (26). – С. 51-61.

[479] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/ga/69/meetings/indigenous/background.shtml (санаи муроҷиат: 14.11.2023 с.).

оид ба масъалаи ақаллиятҳо, ки бори аввал соли 2005 таъин шуда буд, роҳбарӣ мекунанд. Соли 1992 Эъломияи СММ оид ба ҳуқуқи ақаллиятҳо қабул карда шуд.

Шурои ҳуқуқи инсон, ки соли 2006 таъсис ёфтааст, масъалаҳои муҳим ва ҳассоси ҳуқуқи инсонро баррасӣ мекунад. Шарҳи универсалии даврии он, ки худи ҳамон сол оғоз шуд, ба давлатҳо имкон дод, ки вазъи ҳуқуқи инсонро дар кишварҳои ҳамдигар арзёбӣ карда, маслиҳат ва кумак расонанд. Шурои ҳуқуқи инсон дар саросари ҷаҳон ҳуқуқи инсонро пешбарӣ ва ҳимоя мекунад, ҳолатҳои гуногуни нақзи ҳуқуқи инсонро баррасӣ ва тавсияҳо медиҳад.

Аз замони таъсиси худ, Шуро бо баргузории иҷлосияҳои махсус ба бӯҳронҳои ҳуқуқи инсон зуд вокуниш нишон медиҳад, барои ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне, ки барои дағалона вайрон кардани ҳуқуқи инсон даст доштанд, бо роҳи ташкил кардани комиссияҳои тафтишот ё фиристодани намояндагиҳо оид ба ошкор намудани вайронкуниҳои ҳуқуқи инсон айбдоранд, чораҳо меандешад. Шурои ҳуқуқи инсон ҳудуди 456 қатъномаро барои ҳалли доираи васеи масъалаҳои ҳуқуқи инсон қабул кардааст.

Шарҳи универсалии даврӣ, механизми беназири баррасии иттилоот дар бораи ҳуқуқи инсон дар ҳамаи кишварҳои узви СММ мебошад. Он ба ҳар як давлат имкон медиҳад, ки чораҳои андешидаашро барои беҳтар кардани вазъи ҳуқуқи инсон ва иҷрои уҳдадориҳои худ оид ба ҳуқуқи инсон эълон кунад. Бо дарназардошти яке аз хусусиятҳои асосии Шуро, Шарҳи универсалии даврӣ барои таъмини муносибати баробар бо ҳамаи давлатҳо ҳангоми таҳлили вазъи ҳуқуқи инсон пешбинӣ шудааст[480].

Давраи якуми Шарҳи универсалии даврӣ дар моҳи марти соли 2012 анҷом ёфт. Дар назарсанҷӣ ҳамаи 193 кишвари узви СММ ширкат варзиданд. Муҳокимаҳо фарогири тамоми ҳуқуқи инсон, аз ҷумла, ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, инчунин, ҳуқуқ ба рушд буданд.

[480] Ниг.: Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ: дис. … доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2019. – С. 357.

Коршиносони мустақил ва мақомоти шартномавӣ оид ба ҳуқуқи инсон вазъи ҳуқуқи инсонро аз нуқтаи назари мавзуӣ ва кишварӣ назорат ва таҳқиқ мекунанд. Онҳо кулли ҳуқуқи инсонро дар тамоми минтақаҳо фаро мегиранд ва гузоришҳои бонуфузеро нашр мекунанд, ки масъулияти давлатҳоро барои нақзи ҳуқуқи инсон афзоиш медиҳанд ва ба мубориза бо беҷазоӣ мусоидат мекунанд.

Аъзоёни сохтори расмиёти махсуси СММ коршиносони мустақил оид ба ҳуқуқи инсон мебошанд, ки дар доираи ваколатҳо (мандат) оид ба вазъ ва ҳолатҳои мушаххаси ҳуқуқи инсон гузориш медиҳанд. Дар ҳоли ҳозир 36 мандати мавзуӣ, аз ҷумла, дастрасӣ ба оби ошомидании тоза ва хизматрасонии беҳдоштӣ, ғизо, нопадидшавии маҷбурӣ, ҳуқуқи муҳоҷирон, шиканҷа ва қочоқи инсон ва ҳамчунин 12 мандат дар кишварҳо вуҷуд дорад[481].

Фаҳмиши амиқи вазъи ҳуқуқи инсон дар кишвар метавонад тавассути боздидҳои кишвар аз ҷониби соҳибони мандатҳои расмиёти махсус ба даст оварда шавад. Дар сурати зарур будани вазъият Шурои ҳуқуқи инсон метавонад, қарор дар бораи миссияи таҳқиқи далелҳоро қабул кунад. Дар он ҳолатҳои вайрон гардидани ҳуқуқи инсон ва ба қадри имкон муайян кардани ҷинояткорон дарҷ мешавад.

Аъзои ин миссияҳо тавассути мулоқот бо мақомоти давлатӣ, раҳбарони мухолифин, ҳомиёни ҳуқуқи инсон, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, қурбониёни нақзи ҳуқуқи инсон ва оилаҳои онҳо, пешвоёни динӣ ва муҳоҷирони дохилӣ маълумот ҷамъ мекунанд. Онҳо аксар вақт ба маҳбасхонаҳо ва беморхонаҳо ташриф меоранд. Онҳо инчунин, маводҳо, аз қабили аксҳо, видеоҳо, гузоришҳо ва дигар ҳуҷҷатҳоро ҷамъ мекунанд, ки метавонанд, барои дарки пурраи вазъи ҳуқуқи инсон кумак расонанд.

Давлатҳо ва СММ нақши калидии ҷомеаи шаҳрвандиро дар пешбурд ва ҳифзи ҳуқуқи инсон эътироф кардаанд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пешрафт ва ҳимояи ҳуқуқи инсон нақши муҳим дошта, мушкилотро муайян карда, роҳҳои ҳалли инноватсионӣ пешниҳод мекунад. Инчунин, стандартҳои нави ҳуқуқи

[481] Ниг.: Диноршоев А.М. Механизмы защиты прав человека в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2014. – 150 с.

инсонро пешбарӣ намуда, сиёсати давлатиро дар ин самт пеш бурда, аз номи шахсони нотавон сухан гуфта, ҷомеаро дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таълим дода, ба тағйироти устувори маҳаллӣ мусоидат мекунад[482].

Дар соли 1993 Конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба ҳуқуқи инсон нақши муҳимми созмонҳои ғайриҳукуматиро эътироф кард. Фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъсиси ваколати Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқи инсон нақши калидӣ бозиданд. Фаъолияти афзояндаи ҷомеаи шаҳрвандӣ бо механизмҳои ҳуқуқи инсони СММ ба таҳияи стандартҳои нав ва таҳкими системаи ҳуқуқи инсон мусоидат кардааст.

Солҳои охир механизмҳои бештаре барои ҳимояи фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсис шудаанд, ки барои фаъолият оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон мавриди таҳдид қарор доранд. Соли 1998 Эъломияи СММ дар бораи ҳомиёни ҳуқуқи инсон ва соли 2000 ваколати Маърузачиёни махсус оид ба вазъи ҳомиёни ҳуқуқи инсон таъсис дода шуд[483].

Дар тули солҳои зиёд СММ як қатор стратегияҳо ва тадбирҳоро барои ҳимояи фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахусус, дар сатҳи маҳаллӣ таҳия ва амалӣ намуд. Ба гурӯҳи ин тадбирҳо мониторинг ва огоҳӣ аз вазъи ҳомиёни ҳуқуқи инсон, дипломатияи «нарм» бо намояндагони давлат, таблиғ ва гузаронидани машваратҳо оид ба масъалаҳои қонунгузорӣ дохил мешаванд. Ташрифи фаъолоне, ки метавонанд воситаҳои ҳимояи ҳуқуқӣ пешниҳод кунанд, ба ҷойҳои ҳабс ё мушоҳидаи мурофиаи судӣ таъмин карда мешавад.

Одамон дар саросари ҷаҳон хуб дарк кардаанд, ки шаффофият ва ҳисоботдиҳии ҳукуматҳо барои ҳуқуқи онҳо ба иштироки пурра дар ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат мекунад. Ҳар як шаҳрванд бояд ҳуқуқ ва имкони иштирок намудан дар пешбурди корҳои давлатиро ҳам бевосита ва ҳам ба воситаи намояндагони интихобшуда дошта бошад. Ҳар як инсон ҳуқуқи овоздиҳӣ ва интихоб шудан,

---

[482] Ниг.: Сафаров Б.А. Ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон ва аҳамияти омӯзиши он дар замони муосир // Поси ҳуқуқи инсон чун дастоварди умумибашарӣ: маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба муносибати 65-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар / зери таҳрири н.и.ҳ. Сафаров Б.А. – Душанбе, 2014. – С. 8-15.

[483] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://web.dev.ohchr.un-icc.cloud/ru/special-procedures/sr-human-rights-defenders (санаи муроҷиат: 10.10.2023 с.).

дастрасӣ ба хизмати давлатӣ, ҳуқуқ ба озодии баён, ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳоро дорад. Ин ҳуқуқҳо аз ҷумлаи ҳуқуқҳое мебошанд, ки дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ сабт шудаанд. Онҳо дар аксари санадҳои ҳуқуқӣ низ эътироф карда шудаанд[484].

Дар ин радиф, институтҳои миллии ҳуқуқи инсон мустақилтар шудаанд ва ба идоракунии давлатӣ таъсири бузург доранд. Зиёда аз сеяки тамоми кишварҳо як ё якчанд чунин муассиса доранд. Институтҳои миллии ҳуқуқҳимоявӣ (ИМҲ) метавонанд шикоятҳоро дар бораи нақзи ҳуқуқи инсон қабул ва баррасӣ кунанд, дар раванди ба ҷавобгарӣ кашидан ва татбиқи адолати судӣ дар кишварҳо иштирок кунанд, дар низоъҳо ё музокиротҳои пас аз низоъ ширкат кунанд, ба рушди институтҳои демократӣ мусоидат кунанд, дар таҳкими ҳифзи ҳуқуқ, ҳисоботдиҳӣ, волоияти қонун ва демократия саҳмгузоранд.

Конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 1993 дар Вена барои ИМҲ такони ҷиддие дод. Дар конфронс нақши институтҳои миллӣ, бахусус вазифаҳои машваратии онҳо дар назди мақомоти салоҳиятдор, нақши онҳо дар ҷуброни зарари қурбониёни вайронкунандаи ҳуқуқи инсон, дар паҳн кардани маълумот оид ба ҳуқуқи инсон ва таълимоти ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон бори дигар тасдиқ карда шуд.

Аз солҳои 1990 инҷониб шумораи ИМҲ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Дар аввали солҳои 90-ум ИМҲ дар Амрико, дар миёнаҳои солҳои 90-ум дар Африқо ва Аврупо ва дар охири солҳои 90-ум дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором афзоиш ёфт.

Хазинаи СММ барои қурбониёни шиканҷа ба садҳо ҳазор қурбониёни шиканҷа кумак кардааст, то ба зиндагии одӣ баргарданд. Илова бар ин, Фонди ихтиёрии мақсадноки СММ оид ба шаклҳои муосири ғуломӣ тавассути равиши беназири худ оид ба ҳимояи қурбониён, ба ашхосе, ки ҳуқуқи онҳо поймол

[484] Ниг.: Саидов И.И. Развитие личных и политических прав человека в Таджикистане: историко-правовой и общетеоретический анализ: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 209 с.

шудааст, тавассути зиёда аз 500 лоиҳа тавонист, ёрии инсондӯстона, ҳуқуқӣ ва молиявӣ расонад.

Хазинаи ихтиёрии СММ барои қурбониёни шиканҷа соли 1981 бо ҳадафи расонидани кумакҳои инсондӯстона, ҳуқуқӣ ва молиявӣ ба афроде, ки ҳуқуқи онҳо бар асари шиканҷа шадидан поймол гардидааст, таъсис шудааст. Хазинаи мазкур ба созмонҳои ғайриҳукуматӣ, иттиҳодияҳои ҷабрдидагон ва аъзои оилаи ҷабрдидагон, беморхонаҳои хусусӣ ва давлатӣ, клиникаҳои ҳуқуқӣ, ширкатҳои ҳуқуқӣ ва адвокатҳои инфиродӣ грантҳо медиҳад, ки онҳо дар навбати худ ба қурбониёни шиканҷа ва оилаҳои онҳо дар барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшудаашон ёрӣ мерасонанд.

Соли 1984 Ассамблеяи Генералии СММ Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафро қабул кард, ки 26 июни соли 1987 эътибор пайдо намуд[485]. Конвенсия давлатҳоро вазифадор мекунад, ки шиканҷаро ҷиноят ҳисобида, масъулиятро барои истифодаи он пешбинӣ кунанд. Давлатҳои иштирокчӣ вазифадоранд ба Кумитаи зидди шиканҷаи СММ, ки соли 1987 таъсис ёфтааст, гузориш пешниҳод кунанд.

Гузоришгари махсуси СММ оид ба шиканҷа, ки бори аввал соли 1985 таъйин шудааст, дар муборизаи байналмилалӣ алайҳи шиканҷа, вокуниш ба шикоятҳои афрод ва гурӯҳҳо нақши калидӣ дорад.

Хазинаи ихтиёрии мақсадноки СММ оид ба шаклҳои муосири ғуломӣ соли 1991 бо мақсади расонидани кумаки инсондӯстона, ҳуқуқӣ ва молиявӣ ба шахсоне, ки ҳуқуқашон аз шаклҳои муосири ғуломӣ дағалона поймол карда шудааст ва ба наздикони онҳо, ки бевосита осеб дидаанд, таъсис дода шудааст.

Бояд қайд кард, ки шаклҳои муосири ғуломӣ инҳоянд: ғуломии анъанавӣ, меҳнати маҷбурӣ, ғуломии қарзӣ, бадтарин шаклҳои меҳнати кӯдакон, издивоҷи маҷбурӣ ва бармаҳал, фурӯши занҳо, фурӯши одамон ва узвҳои бадани онҳо,

---

485 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://evolutio.info/ru/hr/category-27 (санаи муроҷиат: 09.08.2023с.).

ғуломии ҷинсӣ, фурӯши кӯдакон, истисмори ҷинсии кӯдакон, таҷовузи кӯдакон ва ҷалби кӯдакон дар задухӯрдҳои мусаллаҳона.

Дар давоми 20 соли охир, Хазина зиёда аз 500 лоиҳаро, ки ба расонидани кумаки мустақим ба қурбониёни шаклҳои муосири ғуломӣ дар беш аз 95 кишвари ҷаҳон, ки дар тамоми минтақаҳои дунё равона шудаанд, дастгирӣ кардааст. Дар соли 2008 аввалин Маърузачии махсус оид ба шаклҳои муосири ғуломдорӣ бо дарназаргирии сабабҳо ва оқибатҳои он таъин карда шуд.

Қурбониёни савдои одамон айни замон аз тамоми ҳуқуқи инсон бархурдоранд ва дигар ҳамчун ҷинояткор эътироф намешаванд[486]. Раёсати Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқи инсон муваффақ шуд, ки объекти хариду фурӯши одамонро на ҷинояткор, балки қурбониён эътироф намояд. Ин мафҳум дар Протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, хусусан, занону кӯдакон, ки ба Конвенсияи соли 2000-и СММ алайҳи ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ илова мекунад, сабт шудааст.

Қонунгузории ҷиноятӣ онро танҳо ҳамчун ҷиноят баррасӣ намуда, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани гунаҳкоронро, новобаста аз вазъи ҷабрдида мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Муносибатҳои соҳаи ҳимояи манфиатҳои ҷабрдида хеле васеъ буда, омилҳои аслии қурбонии савдои одамонро муайян месозад[487].

Дар соли 2002 Раёсати Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқи инсон як қатор принсипҳо ва дастурҳоро оид ба ҳуқуқи инсон ва савдои одамон таҳия намуд. Дастурҳои амалӣ ва ба ҳуқуқи инсон асосёфта оид ба пешгирии савдои одамон ва ҳифзи қурбониёни хариду фурӯши одамон тавассути ҳамкорӣ оид ба ифодаи масъалаҳои ҳуқуқи инсон дар қонунгузории миллӣ ва минтақавӣ, мубориза бо савдои одамон амалӣ мешаванд[488]. Гузоришгари махсус оид ба хариду фурӯши одамон, бахусус, занон ва кӯдакон бори аввал соли 2004 таъин шуда буд. Ҳоло давлатҳо ҷиҳати мубориза бо савдои одамон сиёсати мустақилона пеш гирифтаанд.

---

486 Ниг.: Солиев К.Х., Шарипов Т.Ш. Принсипҳои сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – №1 (21). – 2021. – С. 129-141.

487 Ниг.: Солиев К.Х., Шарипов Т.Ш. Принсипҳои сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон. – С. 129-141.

488 Ниг. Шарипов Т.Ш., Сафаров А.И. Муқовимат ба савдои одамон. Воситаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2015. – 296 с.

Консепсияи масъулияти соҳибкорон барои риояи ҳуқуқи инсон таҳия шудааст. Афзоиши шумора ва нуфузи соҳибкорон баҳсро дар бораи нақш ва масъулиятҳои ин қишри фаъол дар робита ба ҳуқуқи инсон ба вуҷуд овард. Дар давоми даҳсолаи охир механизмҳои СММ дар бораи ҳуқуқи инсон доираи уҳдадориҳои соҳибкоронро оид ба ҳуқуқи инсон ва эҳтимолияти шаклҳои ҷавобгарии субъектони корпоративиро барои таъсири фаъолияти онҳо ба ҳуқуқи инсон коркард кардаанд. Дар натиҷаи ин раванд, ҳоло дарки бештари нақш ва масъулияти ҳукуматҳо ва соҳибкорон дар ҳимоя ва эҳтироми ҳуқуқи инсон вуҷуд дорад. Дар соли 2011 Раёсати Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқи инсон Принсипҳои роҳнамо оид ба тиҷорат ва ҳуқуқи инсонро барои татбиқи консепсияи чаҳорчӯбаи СММ «Оид ба ҳимоя, риоя ва воситаҳои ҳимоя» қабул кард. Ҳамин тариқ, бори аввал стандарти фарогир таъсис дода шуд, ки ба пешгирӣ ва аз байн бурдани таҳдиди таъсири манфии фаъолияти корпоративӣ ба ҳуқуқи инсон нигаронида шудааст.

Дар замони ҳозира, барои давлатҳо дастурҳое пешбинӣ мешаванд, ки озодии баёнро тақвият медиҳанд, усулҳои фаъолиятро ҳангоми барангехтани нафрат ё зӯроварӣ муайян мекунанд. Солҳои охир ҳодисаҳои марбут ба суханронии нафратона, паҳншавии қолабҳои манфӣ дар Воситаи ахбори омма (ВАО), таблиғи адовати мазҳабӣ ё қавмӣ, аз ҷумла, аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ, кушта шудани одамони бегуноҳ, даъвати ҳамла ба ибодатгоҳҳо ва ғ. мушоҳида мешавад. Ин мавҷи хушунат боиси ҷустуҷӯйи дубораи мувозинати дуруст байни озодии баён ва зарурати ҳифзи афрод ва ҷомеа аз табъиз ва хушунат гардид.

Дар соли 2013 Нақшаи амалиёти Работ барои манъи таблиғи адовати миллӣ, нажодӣ ва мазҳабӣ, ки боиси барангехтани табъиз, хусумат ва хушунат мешаванд, оғоз гардид. Он қабули қонунгузории миллии фарогирро зидди табъиз, андешидани чораҳои пешгирикунанда ва ҷазодиҳиро баҳри мубориза таъсирнок бо фитнаангезӣ ва хушунат, инчунин, фарох кардани ҳуқуқ ва имкониятҳои ақалият ва гурӯҳи осебпазири аҳолиро кафолат медиҳад.

Дар самти пешгирии барангехтани нафрат нақши калидиро дар Нақшаи амалиётии Работ уҳдадории дастаҷамъонаи шахсони масъули давлатӣ, фаъолони

динӣ ва ҷамъиятӣ, васоити ахбори омма ва шахсони алоҳида мебозанд. Ҳамчунин, зарурати тарбияи шуури ҷамъиятӣ, тоқатпазирӣ, эҳтироми мутақобила ва муколамаи байни фарҳангӣ пешбинӣ мешавад.

Ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон бо фарогирии ҷанбаҳои нави худ дар ҳоли рушд ва васеъшавӣ қарор дорад. Дар таркиби он институтҳои нав, ба монанди ҳуқуқи пиронсолон, ҳуқуқ ба муқаррар кардани ҳақиқат, муҳити зисти тоза, дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ, хизматрасонии санитарӣ ва озуқаворӣ инкишоф меёбанд[489].

Масъалаҳои нави пайдошаванда дар соҳаи ҳуқуқи инсон айни замон дар ҳуқуқи байналмилалӣ ба таври васеъ эътироф карда мешаванд. Масалан, то соли 2020 шумораи афроди синнашон аз 60-сола ва болотар аз он, аз 740 миллион ва дар айни замон ба 1 млрд. мерасад. Мутассифона, афзоиши шумораи шахсони ин синну сол ба нокифоягии механизмҳои кофии ҳимояи онҳо ва ба ҷой доштани камбудиҳои мавҷуда дар сиёсат ва барномаҳо оид ба беҳтар намудани вазъи пиронсолон оварда расонид.

Таъсиси мақоми Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқи инсон имконият дод, ки ҳуқуқи инсон дар саросари ҷаҳон ҳимоя карда шавад. Раёсати Комиссари Олӣ ба буҳронҳои ҳуқуқи инсон фавран вокуниш медиҳад, ҳомиёни ҳуқуқи инсонро дастгирӣ мекунад ва ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон мусоидат мекунад. Он тавассути таблиғоти иттилоотӣ, мониторинг ва омӯзиши тайёрии касбӣ ба ислоҳоти қонунгузорӣ ва сиёсӣ бо мақсади баланд бардоштани масъулият барои нақзи ҳуқуқи инсон ва ҳимояи он мусоидат мекунад.

Раёсати Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба он саъй дорад, ки гурӯҳи эҳтиёҷманди аҳолӣ дар рӯзномаи ҷаласа оид ба ҳуқуқи инсон дарҷ карда шавад, то ки хукумати ҳар як давлат ҷиҳати ҳимоя ва ҳавасмандкунонии ҳуқуқи онҳо чораҳои зарурӣ андешанд. Ҳуқуқ ба барқарор намудани ҳақиқат, ҳуқуқи ҷабрдидагон ва оилаҳои онҳо ба вокуниши ҳақиқӣ оид ба ҳолатҳои поймол

---

[489] Сафаров Б.А. Ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон ва аҳамияти омӯзиши он дар замони муосир. – Душанбе, 2014. – С. 8-15.

гардидани ҳуқуқи инсон, аз ҷумла, ҳуқуқи шахсе, ки дар он иштирок доштанд, таъмин мешавад. Дар ин маврид, иҷбории нопадидшуда, бедарак ғоиб шудан, ҳуқуқ ба иттилоот оид ба сарнавишт ва ҷои будубоши ҷабрдида таъмин мешаванд.

Соли 2010 аз ҷониби Маҷмааи кулли СММ 24-уми март рӯзи ҳуқуқ ба муқарраркунии ҳақиқат эълон карда шуд, ки он ҳамасола ҷашн гирифта мешавад. Ҳуқуқ ба муқарраркунии ҳақиқат дар як қатор шартномаҳо ва санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳамаи ашхос аз нопадидшавии иҷборӣ, қонунҳои гуногуни миллӣ, таҷрибаи судии байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ, инчунин, қарордод ва изҳороти сершумори мақомоти байниҳукуматӣ эътироф шудааст.

Дар солҳои охир, робитаи ҳуқуқи инсон ва муҳити зист ба таври назаррас инкишоф ёфтааст. Ҳамакнун, аксари кишварҳо меъёри ҳуқуқ ба муҳити солимро дар Конститутсияи хеш дохил намудаанд. Бо вуҷуди ин бисёр саволҳо оид ба робитаи ҳуқуқи инсон ва муҳити зист ҳалнашуда боқӣ монда, омӯзиши амиқтарро тақозо мекунад.

Дар соли 2012 Коршиноси мустақил оид ба ӯҳдадориҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон вобаста ба баҳрабардорӣ аз муҳити зисти бехатар, тоза, солим ва устувор таъин карда шуд. Инчунин, фаъолияти худро Маърӯзачии махсус оид ба оқибатҳои моддаҳои хатарнок ва партовҳои зараррасон барои ҳуқуқи инсон амалӣ намуд. Ин мақом соли 1995 таъсис ёфтааст.

Дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ ва хизматрасонии санитарӣ мақоми марказиро барои таъмини ҳаёти арзанда ва риоя гардидани ҳуқуқи инсон иҷро мекунад. Аммо миллионҳо одамон то ҳол аз ин ҳуқуқҳои асосӣ истифода намебаранд. Ҳуқуқи дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ ва хизматрасонии санитарӣ бояд дар ҳамаи муносибатҳо, барои ҳамаи одамон, бидуни табъиз дастрас бошад. Аввалин Маърузачии махсус оид ба ҳуқуқи дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ ва хизматрасонии санитарӣ соли 2008 таъин шуда буд.

Ҳуқуқ ба ғизо ин ҳуқуқ ба дастрасии доимӣ, бемаҳдуд ба ғизои босифат ва мувофиқро барои қонеъ кардани талаботҳои ҷисмонӣ ва равонӣ, инчунин, таъмини зиндагии комили бидуни тарсро дар назар дорад. Аввалин Маърӯзачии махсус оид ба ҳуқуқ ба ғизо соли 2000 таъин шуда буд[490].

Дар бораи фаъолияти Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон мебояд алоҳида истода гузашт. Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон (англ. the United Nations Comission On Human Rights, UNCHR) – комиссияи Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ буда, мувофиқи моддаи 68-и Оинномаи СММ таъсис дода шудааст. Он соли 1946 таъсис ёфта, 15 марти соли 2006 ин комиссияро Шурои ҳуқуқи инсони СММ иваз кард. Комиссия на аз коршиносон, балки намояндагони давлатҳое, ки аз тарафи Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ (ЭКОСОС) интихоб шудаанд, иборат буд. Ба кори Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон Раёсати Комиссари Олии СММ роҳбарӣ менамуд[491].

Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон 10 декабри соли 1946 дар нахустин ҷаласаи Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ таъсис ёфта, яке аз ду «Комиссия функсионалӣ» ба ҳисоб мерафт, ки дар доираи сохтори аслии СММ таъсис дода шуда буд (дуюмаш Комиссия оид ба вазъи занон). Ин ниҳод, мувофиқи шартҳои Оинномаи СММ (аз ҷумла, тибқи муқаррароти моддаи 68), ки аз ҷониби ҳамаи давлатҳои иштирокчии СММ имзо шудааст, таъсис ёфта буд[492].

Дар таърихи мавҷудияти Комиссия ду давраро ҷудо кардан мумкин аст. Аз соли 1947 то соли 1967 ин ниҳод дар сиёсати абсентеизм боз истода буд. Ин маънои онро дошт, ки Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон бояд ба дастгирии ҳуқуқи инсон ва кумак ба давлатҳо дар коркарди созишномаҳо таваҷҷуҳ дошта бошад, аммо вайронкунии ҳуқуқҳоро тафтиш намекунад ва нисбат ба ҳуқуқвайронкунандагон ҷазо татбиқ наменамояд. Ба ин давра риояи қатъии принсипи соҳибихтиёрӣ хос буд.

---

490 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.ohchr.org/RU/NewsEvents/OHCHR20/Pages/Achievements.aspx (санаи муроҷиат: 20.03.2022 с.).

491 Ниг.: Абашидзе А.Х. Универсальные механизмы защиты прав человека: учеб. Пособие для студентов вузов, обучающихся по специальности «Юриспруденция» / А.Х. Абашидзе, А.О. Гольтяев. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2013. – С. 69.

492 Ниг.: Холиков А.Г. Права человека / под ред. д.ю.н., проф. Холикова А.Г. – Душанбе, 2009. – 780 с.

Дар соли 1967 Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон сиёсати дахолат ба корҳои давлатҳоро пеш гирифт. Дар ин даҳсола, давлатҳои Африқо ва Осиё аз мустамлика озод шуданд. Бисёре аз кишварҳои аврупоӣ барои сиёсати фаъоли СММ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, бахусус, дар партавии нақзи оммавии нажодпарастӣ дар Африқои Ҷанубӣ талош мекарданд. Сиёсати нав онро дар назар дошт, ки Комиссия маърузаҳоро дар бораи қонуншиканиҳо тафтиш ва ҳисоботи онро интишор мекунад[493].

Барои беҳтар ба амал баровардани ин сиёсат дигаргуниҳо андешида шуданд. Дар солҳои 70-уми асри XX ақидаи таъсиси гурӯҳҳои корӣ барои ҳар як минтақаи ҷуғрофӣ ба вуҷуд омад. Ин гурӯҳҳо саъю кӯшиши худро ба тафтиши асосҳои поймолкунии ҳуқуқи инсон дар тамоми минтақа ва ҳатто дар тамоми ҳудуди як кишвар, масалан, дар Чили бояд равона мекарданд. Дар аввали солҳои 80-ум гурӯҳҳои махсус ташкил карда шуданд, ки бо намудҳои ҷиноятҳои алоҳида сарукор доштанд. Аммо ҳеҷ яке аз ин тадбирҳо ба фаъолияти Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати ноил шудан ба самаронокии дилхоҳ мусоидат накарданд. Сабаби асосии ин ҳолат дар сиёсигардонии он дониста мешавад. Дар давоми солҳои минбаъда то барҳам хӯрданаш Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон эътимоди фаъолони ҳуқуқи инсонро аз даст дод[494].

Ҷаласаи охирини Комиссия 27 марти соли 2006 дар Женева баргузор шуда буд. Сипас, дар ҳамон сол онро Шурои ҳуқуқи инсони СММ иваз кард.

Вазифаҳои Комиссия аз таҳияи пешниҳоду тавсияҳо, пешниҳоди гузоришҳо ба Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ оид ба танзими байналмилалии ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсии инсон, ҳуқуқи занон ва кӯдакон, ҳифзи ақалиятҳо, инчунин, пешгирии табъиз дар асоси ҷинс, забон, нажод, дин ва дигар масъалаҳои ҳуқуқи инсон иборат буд.

Ҳукуматҳо ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ бо дархости Комиссия ҷиҳати вайрон гардидани ҳуқуқи инсон маълумот пешниҳод мекарданд, аксар вақт,

---

[493] Ниг.: Лукашева Е.А. и др. Права человека: итоги века, тенденции, перспективы / Е.А. Лукашева. – М.: Норма, 2002. – 420 с.
[494] Ниг.: Диноршоев А.М., Сафаров Д.С. Ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2010. – 320 с.

намояндагони ҳукуматҳои танқидшуда дар Комисссия оид ба ҳуқуқи инсон ё мақомоти он барои шарҳу ҷавобҳо ҳозир мешуданд. Агар вазъ ба қадри кофӣ ҷиддӣ бошад, Комиссия метавонад, бо тасмими худ тафтишотро ба коршиносони мустақил супорад ва аз ҳукумати дахлдор талаб кунад, ки тағйироти зарурӣро ворид намояд. Бо ин тартиб як қатор ҳолатҳои мушаххас дар Африқои Ҷанубӣ ва Намибия (1967), Фаластин (1968), Чили (1975-1978), Афғонистон, Салвадор, Эрон ва ғ. тафтиш шудаанд.

Ҳангоми барҳамдиҳӣ Комиссия аз намояндагони 53 кишвари узви СММ, ки аз ҷониби аъзои Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ интихоб шуда буданд, иборат буд. Дар ҳайати Комиссия аъзои доимӣ набуданд. Ҳар сол (одатан дар моҳи май) тақрибан сеяки узви Комиссия барои интихоби намояндагон ба муҳлати се сол ҷамъ меомаданд. Умуман намояндагон аз руйи минтақа таъин карда мешуданд. Комиссия ҳар сол ҷаласа барпо мекард. Ҷаласаи навбатии он шаш ҳафта, аз моҳи март то апрел дар шаҳри Женеваи Швейцария давом мекард. Моҳи январи соли 2004 Австралия раиси Иҷлосияи 60-ум интихоб шуд. Моҳи январи соли 2005 Индонезия дар Иҷлосияи 61-ум раисикунанда интихоб гардид. Перу дар моҳи январи соли 2006 раиси Иҷлосияи 62-юм интихоб гардид ва ҷаласаи охирини Комиссия 27 марти соли 2006 баргузор гардида буд.

Дар соли 1999 Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ номи зеркомиссияро оид ба пешгирии табъиз ва ҳифзи аққалиятҳо ба зеркомиссия оид ба нигоҳдорӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон иваз кард. Зеркомиссия оид ба нигоҳдорӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон сохтори асосӣ дар таркиби Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон ба ҳисоб мерафт. Таркиби он аз 26 коршинос иборат буд. Онҳо барои омӯхтани мақоми Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва таҳияи тавсияҳои Комиссия оид ба пешгирии ҳама гуна навъи табъиз марбут ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, инчунин оид ба ҳифзи ақаллиятҳои нажодӣ, динӣ, миллӣ ва забон масъул буданд. Аъзои Комиссия дар асоси принсипи баробарии ҷуғрофӣ интихоб карда мешаванд[495].

---

495 Диноршоев А.М., Сафаров Д.С. Ҳуқуқи инсон. – 320 с.

Комиссия ҷиҳати омӯзиши мушкилотҳои алоҳида ҳафт гурӯҳи корӣ ташкил намуд: ақаллиятҳо; корпоратсияҳои фаромиллӣ; иҷрои адолати судӣ; мубориза бар зидди терорризм; мубориза бо шаклҳои муосири ғуломӣ; мушкилоти аҳолии маҳаллӣ; алоқа (равандҳои интиқоли иттилоот); муҳокимаи оммавӣ.

Шурои ҳуқуқи инсон, ки соли 2006 Комиссия оид ба ҳуқуқи инсонро иваз кард, тамоми масъулияти зеркомиссияро ба дӯш гирифт.

Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон 30 расмиёти махсус ё механизмҳоеро ба ҳалли вазъи ҳуқуқи инсон дар кишвари мушаххас, инчунин, барои ҳалли масъалаҳои муайян, аз қабили озодии баён ва андеша, шиканҷа, ҳуқуқ ба таҳсил ва ғизо таъсис додааст. Раиси Комиссия коршиносонро дар бахшҳои мушаххаси соҳаи ҳуқуқи инсон барои давраи то шаш сол ба ҳайси гузоришгари махсус таъин мекунад. Кори онҳо музднок набуд. Онҳо коршиносони мустақил буда, кормандон ва заминаи моддию техникии Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсонро дар ихтиёри худ доштанд. Вазифаи онҳо омӯхтан, тафтиш кардан, тавсия додан ва гузориши оммавӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар кишварҳо ва минтақаҳои мушаххас буд. Онҳо метавонистанд, дар бораи нақзи қонун ба мақомоти дахлдори кишвари алоҳида хабар диҳанд ва бо даъват аз кишварҳо боздид кунанд, то ин ки дар бораи вазъи ҳуқуқи инсон маводи воқеӣ ба даст оранд.

Расмиёти махсус ба ду категория тақсим мешавад:

1. Мандати мавзуӣ;

2. Мандат дар давлатҳои алоҳида.

Барои татбиқи расмиёти махсус гурӯҳҳои кории иборат аз панҷ нафар коршиносон вуҷуд доранд. Онҳо масъалаҳои мушаххаси ҳуқуқи инсонро тафтиш намуда, меомӯзанд. Комиссия гурӯҳҳои зеринро ташкил медиҳад: гурӯҳи корӣ оид ба боздошти худсарона; оид ба нопадидшавии иҷборӣ ё ғайрииродавӣ; оид ба истифодаи зархаридон ҳамчун воситаи поймол кардани ҳуқуқи инсон ва монеъ шудан ба амалӣ гаштани ҳуқуқ ба худмуайянкунии халқҳо.

Айни замон расмиёти махсус таҳти назорати Шурои ҳуқуқи инсони СММ қарор дорад.

Соли 1977 дар таркиби Комиссия «зеркомиссияи омӯзишӣ» (бо мақсади пешниҳоди тавсияҳо) оид ба ҳифзи шахсони дар асоси бемориҳои руҳӣ боздоштшуда таъсис дода шуд. Ин сохтор ҳуқуқҳои шахсони дар асоси бемориҳои руҳӣ боздоштшударо аз муомилае, ки метавонад, ба шахсияти шахс ва қобилияти зеҳнию равонии ӯ таъсири манфӣ расонад, ҳимоя мекунад. Комиссия муайян мекунад, ки барои ба ҳабс гирифтани шахси ба бемории руҳӣ гирифторшуда асос мавҷуд аст ё не.

Дар раванди эҷоди меъёрҳои соҳаи ҳуқуқи инсон ҳуқуқи байналмилалӣ инкишоф меёбад. Он принсипҳо ва меъёрҳои ҳифзи байналмилалии ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсонро муайян ва танзим мекунад. Ҳуқуқи байналмилалии инсон дар қонунгузории миллӣ ифода карда мешаванд. Асоси ҳуқуқи байналмилалиро дар соҳаи ҳуқуқи инсон шартномаҳои СММ ва ташкилотҳои минтақавӣ (Шурои Аврупо, Созмони ягонагии Африқо , Созмони давлатҳои Амрико) ташкил медиҳанд. Ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон бо чунин соҳаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, аз қабили ҳуқуқи гурезаҳо ва ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстона алоқаманд аст.

Пеш аз Ҷанги Якуми Ҷаҳон баъзе масъалаҳои ҳуқуқи инсон (асосан ҳуқуқи ақаллиятҳои динӣ) ба шартномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дохил карда шуда буданд. Бо иштироки Лигаи Миллатҳо шартномаҳои ақаллиятҳо, инчунин Конвенсияи ғуломӣ, ҳамчунин аз тарафи Созмони Байналмилалии Меҳнат як қатор шартномаҳо, ки ба масъалаҳои мушаххаси ҳуқуқи инсон бахшида шудаанд, қабул карда шуданд.

Моҳи июни соли 1945 Оинномаи СММ ба имзо расид, ки дар моддаи аввали он татбиқи ҳамкориҳои байналмиллалӣ «дар пешбурд ва рушди эҳтиром ба ҳуқуқи инсон» яке аз ҳадафҳои созмон эълон шудааст. Моҳи апрели соли 1948 Созмони Давлатҳои Америка қатъномаи америкоиро дар бораи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои инсон қабул кард. Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон дар соли 1948

ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсонро эълон мекунад. Вале як идда коршиносон бар ин назаранд, ки он барои иҷрои санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ҳатмӣ нест. Бо вуҷуди ин, баъзе коршиносон муқаррароти Эъломияи умумии ҳуқуқи инсонро ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи анъанавии байналмилалӣ эътироф мекунанд. Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон дар Иҷлосияи сеюми Ассамблеяи Генералии СММ бо қатъномаи 217 A (III) (Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон) аз 10 декабри соли 1948 қабул шудааст. Эъломия ҳуқуқҳои асосии инсонро муайян мекунад.

Дар асоси Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон барои иштирокчиёни созишнома ду шартномаи ҳатмӣ қабул карда шуданд: Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ ва Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. Муқаррароти муайяни эъломия, аз қабили манъи шиканҷа ва ғуломӣ ҳамчун меъёри императивӣ ҳатмӣ ба ҳисоб меравад[496].

Ҳарду Паймон ва ҳам Протоколи якуми иловагӣ ба Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ соли 1966 қабул шуда, соли 1976 эътибор пайдо кардаанд. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нисбат ба Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ бо ибораи нарм истифода бурда мешавад, бахусус принсипи «амалишавии прогрессивӣ»-и ҳуқуқҳо. Протоколи дуюми иловагӣ ба Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ, ки ҳукми қатлро маҳдуд мекунад, соли 1989 қабул шуда, соли 1992 эътибор пайдо кардааст. Протоколи иловагӣ ба Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (таъсиси механизми баррасии шикоятҳоро шабеҳ ба Протоколи якуми Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ) соли 2008 қабул шуда, соли 2013 эътибор пайдо кардааст. Паймонҳо дар якҷоягӣ бо протоколҳои иловагии худ ва Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ба истилоҳ Билли байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсонро ташкил медиҳанд.

Созишномаҳои асосии СММ оид ба ҳуқуқи инсон инҳоянд:

---

[496] Ниг.: Диноршоев А.М. Сафаров Б.А., Сафаров Д.С. Ҳуқуқи инсон: воситаи таълимӣ / зери таҳрири профессор Диноршоев А.М. – Душанбе, 2014. – 193 с.

– Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ (аз соли 1965, соли 1969 қувваи амал пайдо кардааст);

– Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон (аз соли 1979, соли 1981 қувваи амал пайдо кардааст, инчунин, протоколи иловагӣ мавҷуд аст);

– Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муомила ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф (аз соли 1984, соли 1987 мавриди амал қарор гирифтааст, протоколи иловагӣ мавҷуд аст);

– Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак (аз соли 1989, соли 1990 қувваи амал пайдо кардааст, се протоколи иловагӣ мавҷуд аст);

– Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо (аз соли 1990, соли 2003 эътибор пайдо кардааст);

– Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон (аз соли 2006, соли 2008 қувваи амал пайдо кардааст, протоколи иловагӣ мавҷуд аст);

– Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳамаи ашхос аз нопадидшавии иҷборӣ (аз соли 2006, соли 2010 қувваи амал пайдо кардааст)[497].

Қабл аз қабули аксарияти ин конвенсияҳо аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ эъломияҳо дар мавзуъҳои дахлдор қабул карда шуданд: дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак соли 1959, дар бораи барҳам додани табъизи нажодӣ соли 1963, дар бораи барҳам додани табъиз нисбат ба занон соли 1967, дар бораи ҳимоя аз шиканҷа ва ҳуқуқҳои маъюбон соли 1975, дар бораи нопадидшавии иҷборӣ дар соли 1992. То қабули конвенсияи СММ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи муҳоҷирон як қатор Конвенсияҳо ва тавсияҳои СБМ қабул карда шуданд.

Инчунин ҳуҷҷатҳои минтақавӣ оид ба ҳуқуқи инсон низ амал мекунанд. Шурои Аврупо, Созмонҳои давлатҳои Амрико ва Созмони ягонагии Африқо (ҳоло Иттиҳоди Африқо) конвенсияҳои зеринро оид ба ҳуқуқи инсон қабул карданд, ки механизмҳои баррасии шикоятҳоро муқаррар кардаанд: Конвенсияи Аврупо оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон (аз соли 1950, соли 1953 қувваи амал пайдо кардааст); Хартияи

[497] Диноршоев А.М. Сафаров Б.А., Сафаров Д.С. Ҳуқуқи инсон: воситаи таълимӣ. – 193 с.

иҷтимоии Аврупо (аз соли 1961, аз соли 1965 эътибор пайдо кардааст, механизми шикоятҳо, ба протоколи иловагии соли 1995 дохил карда шудааст, ки соли 1998 эътибор пайдо кардааст).

Фарқи асосии байни конвенсияҳои аврупоӣ аз дигар шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ин мавҷудияти механизми воқеии амалкунандаи ҳифзи ҳуқуқҳои эълоншуда Суди Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон мебошад, ки шикоятҳои инфиродӣ дар бораи нақзи Конвенсияро баррасӣ ва қарорҳои ҳатмӣ қабул мекунад.

Ҳамаи мамлакатҳои Шурои Аврупо аъзои Конвенсия мебошанд. Кишварҳои узви нав бояд онро баъди шомил шудан ба Шурои Аврупо имзо кунанд ва дар давоми як сол онро ба тасвиб расонанд. Матни Конвенсияро метавон ба ду қисм тақсим кард: номгӯи ҳуқуқҳои ҳифзшаванда ва тартиби фаъолияти Суди Аврупоӣ. Протоколҳои 2, 3, 5, 8, 9, 10, 11, 14 ба тағйир додани тартиби фаъолияти суд бахшида шудаанд.

Конвенсияи Амрико оид ба ҳуқуқи инсон ё Паймони Сан-Хосе, Конвенсияи минтақавӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон (асосан оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ) аст, ки соли 1969 қабул шуда, соли 1978 эътибор пайдо кардааст. Иштирокчиён метавонанд, кишварҳои узви Созмони давлатҳои Амрико бошанд. Конвенсия аз 3 қисм: «Уҳдадориҳои давлат ва ҳуқуқҳои ҳифзшаванда», «Воситаҳои ҳимоя» ва «Муқаррароти умумӣ» иборат аст, ки ба 11 боб тақсим мешаванд.

Соли 1988 Протоколи Сан-Салвадор қабул шуд, ки он як қатор ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодиро фаро мегирифт ва соли 1999 эътибор пайдо кард. Соли 1990 Протокол дар бораи бекор кардани ҳукми қатл қабул карда шуд, ки он имкон медиҳад, то ҳукми қатл дар замони ҷанг боздошта шавад.

Муроҷиат оид ба вайрон шудани меъёрҳои Конвенсияро метавонанд шахсони воқеӣ ё бо ризоияти бевоситаи ҷавобгар аз ҷониби дигар кишвари узви Конвенсия пешниҳод кунанд. Аризаҳои шахсони алоҳида аввал ба Комиссияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ворид мешаванд, баъдан, Комиссия масъалаи фиристонидани мурожиат ба Суди байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ки ба Конвенсия асос ёфтааст, баррасӣ менамояд.

Хартияи африқоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва халқҳо соли 1981 қабул шуда, соли 1986 эътибор пайдо кард. Баъдтар протокол оид ба ҳуқуқҳои занон ва таъсиси суд оид ба ҳуқуқи инсон қабул карда шуд.

Лигаи давлатҳои араб оинномаи бидуни баррасии шикоят – Хартияи араб оид ба ҳуқуқи инсонро соли 2004 қабул кард. Он аз соли 2008 мавриди амал қарор гирифтааст. Моҳи сентябри соли 2014 Оинномаи суди араб оид ба ҳуқуқи инсон қабул карда шуд.

Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Конвенсия оид ба ҳуқуқи инсон ва Низомнома дар бораи Комиссия оид ба ҳуқуқи инсони ИДМ-ро, ки ҷузъи он аст, қабул кард. Он имконияти аз тарафи комиссия дида баромадани мурочиатҳои ҳама гуна шахсон ва ташкилотҳои ҷамъиятиро «мувофиқи тартиби баррасии масъалаҳое, ки бо вайрон кардани ҳуқуқи инсон ва тамоми самти он дохил мешаванд», пешбинӣ мекунад. Конвенсияи ИДМ дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон соли 1995 қабул шуда, соли 1998 эътибор пайдо кардааст[498].

Созмони Конфронси Исломӣ дар соли 1990 Эъломияи Қоҳира оид ба ҳуқуқи инсон дар исломро, Ассотсиатсияи Осиёи Ҷануби Шарқӣ дар соли 2012 Эъломияи Ассотсиатсияи Осиёи Ҷануби Шарқӣ оид ба ҳуқуқи инсонро қабул кард.

Шурои Аврупо, инчунин як қатор конвенсияҳоро оид ба масъалаҳои алоҳидаи ҳуқуқи инсон қабул кардааст, Созмони давлатҳои Амрико се конвенсияро оид ба ҳуқуқи занон ва конвенсияҳои зидди табъиз нисбат ба шахсони маъюб, шиканҷа, нопадидшавии иҷбориро қабул кардааст. Дар доираи ИДМ конвенсияҳо оид ба ҳуқуқҳои интихоботӣ ва ҳуқуқҳои шахсони ба ақаллиятҳои миллӣ мансуббуда қабул шудаанд, Созмони ягонагии Африқо Хартия оид ба ҳуқуқи кӯдакро қабул кардааст. Доир ба ҳуқуқи инсон, инчунин дар якчанд санадҳои Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо диққат дода шудааст, ки дар байни онҳо Санади ниҳоии Ҳелсинки аз соли 1975 уҳдадориҳои васеътарро фаро гирифтааст.

---

498 Ниг.: Раҳмон Д.С. Назаре ба мушкилот ва дурнамои василаҳои минтақавии ҳимояи ҳуқуқи инсон дар Иттиҳоди Давлатҳои мустақил // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2018. – №3 (23). – С. 5-12.

Ба низоми мақомоти байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон дохил мешаванд:

1. Мақомоти шартномавӣ: Суди Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон; Кумита оид ба ҳуқуқи инсони СММ; Кумитаи ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо; Кумитаи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ; Кумитаи зидди шиканҷа.

2. Ташкилотҳои махсус дар назди созмонҳои байналмилалӣ: Шуро оид ба ҳуқуқи инсони СММ (собиқ Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон); Раёсати комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон; Дафтари сохторҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон (САҲА); Комиссари Шурои Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон[499].

Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомёфта хулосаҳои зерин ҳосил мешаванд:

1. Ҳуқуқу озодиҳои инсон, эътироф, таъмин ва ҳифзи онҳо дар маркази таваҷҷуҳи созмонҳо ва ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ қарор дорад. Бояд қайд кард, ки эътироф, риоя, таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон бо роҳҳои зерин сурат мегирад: а) қабули санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба ҳуқуқи инсон; б) таъсиси сохторҳои махсуси созмонҳои байналмилалӣ оид ба таъмин, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон; в) таъсиси мақомоти судӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон; г) кумаки молиявӣ, моддӣ, иттилоотӣ, таҳсилотӣ, фарҳангӣ дар самти таъмин ва ҳифзи ҳуқуқи инсон.

2. Санадҳои соҳаи эътироф, таъмин, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон гуногун буда, се сатҳи асосӣ доранд: а) санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон (Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, паймонҳо, конвенсияҳои байналмилалӣ ва дигар санадҳои байналмилалӣ); б) санадҳои минтақавии соҳаи ҳуқуқи инсон (Эъломияи Қоҳира оид ба ҳуқуқи инсон дар ислом, Эъломияи Ассотсиатсияи Осиёи Ҷануби Шарқӣ оид ба ҳуқуқи инсон, Конвенсияи ИДМ дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, Хартияи араб оид ба ҳуқуқи инсон, Хартияи африқоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва халқҳо, Конвенсияи Амрико оид ба ҳуқуқи инсон, Конвенсияи

[499] Ниг.: Исмаилов Б.И. Становление современной системы международно-правовой защиты прав человека: Учебное пособие. – Т.: РЦПКЮ. – 2012. – 76 с.; Хански Р., Сукси М. (ред.) Введение в вопросы международной защиты прав человека Перевод на русский язык подготовлен московским издательством «Права человека» в 1997-1998 гг. / пер. А. Иванченко. – М., 1999. – 576 с.

Аврупо оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон); в) санадҳои миллии соҳаи ҳуқуқи инсон (Конститутсия ва дигар қонунҳои миллии ин соҳа).

3. Конститутсия ва қонунҳои давлатҳои алоҳида санадҳои миллии соҳаи ҳуқуқи инсон мебошанд. Онҳо аз як тараф, дар заминаи санадҳои байналмилалӣ ва минтақавии ҳуқуқи инсон қабул гардида, аз тарафи дигар санадҳои миллӣ арзишҳои ахлоқӣ, маънавӣ, фарҳангиро ба инобат мегиранд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо санадҳои миллии соҳаи ҳуқуқи инсон нақши муҳим мебозанд.

4. Сабабҳои асосии қабули санадҳои ҳуқуқии гуногуни байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллии ҳуқуқи инсон инҳо мебошанд:

– вусъат ёфтани бархӯрди тамаддунҳо ва фарҳангҳои миллӣ;

– ҷаҳонишавӣ ва кӯшиши ба таври сунъӣ паҳн намудани стандартҳои бештар ғарбии байналмилалӣ ва минтақавии ҳуқуқи инсон дар кишварҳо ва минтақаҳои дигари ҷаҳон, сарфи назар аз анъанаҳои миллӣ, фарҳанги миллӣ ва манфиатҳои миллии давлатҳои ҷудогона;

– зарурати бештар даркшавандаи ҳимояи соҳибихтиёрии миллӣ ва давлатӣ дар шароити сиёсигардии ҳуқуқи инсон, ба ҳадафҳои сиёсӣ ва геосиёсӣ тобеъ намудани ҳуқуқи инсон, истифодаи стандартҳои духӯраи ҳуқуқи инсон ва авҷ гирифтани раванди ғарбгароӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон;

– ба ҳадафҳо ва манфиатҳои идеологӣ тобеъ намудани ҳуқуқи инсон дар фаъолияти субъектони фаъоли раванди ҷаҳонишавӣ, ки боиси коҳиш ёфтани мазмун ва моҳияти аслии ҳуқуқи инсон мегардад;

– халалдор гардидан ва тағйири ҷиддии номатлуби мафҳум, моҳият ва мазмуни аслии ҳуқуқи аслии инсон, алалхусус, арзишҳои ахлоқӣ, маънавӣ, оилавӣ, фарҳангии ҳуқуқи инсон дар натиҷаи мақсаднок паҳн намудани ақидаҳо ва ба ном «арзишҳо»-и нави ҳуқуқи инсон дар соҳаи никоҳ, оиладорӣ, мансубияти биологии ҷинсӣ ва ғайра, ки боиси норозигии халқу миллатҳои зиёди ҷаҳон, алалхусус, халқҳои посдорандаи анъанаҳо ва арзишҳои миллӣ мегарданд.

## 3.2. Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Аврупо

Аврупо дар таҳия ва татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон таҷрибаи ғанӣ дорад. Ба ҳамаи ҷиҳатҳои ин сиёсат дахл накарда, ба таҳлили таҷрибаи парламентҳои мамлакатҳои Аврупо, худи парламенти Аврупо, омбудсменҳои аврупоӣ, инчунин ду мамлакати пешқадами Аврупо – Олмон ва Фаронса таваққуф кардан кифоя аст. Ин барои дарки таҷрибаи ҳуқуқи инсон дар Аврупо кифоя мебошад.

**Таҷрибаи Олмон.** Олмон мувофиқи Конститутсия ҳуқуқҳои фитрӣ ва дахлнопазири инсонро асоси ҳар як ҷамъияти инсонӣ, сулҳ ва адолат эътироф мекунад. Якҷоя бо шарикони худ дар ИА ва дар ҳамкорӣ бо СММ, Олмон дар саросари ҷаҳон ҷонибдори ҳифз ва рушди минбаъдаи стандартҳои ҳуқуқи инсон мебошад.

Олмон иштирокчии конвенсияҳои муҳимми СММ ва протоколҳои иловагии онҳо мебошад. Кишвари мазкур Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа ва Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбонро ратификатсия намудааст, ки соли 2009 эътибор пайдо кардаанд. Олмон аввалин кишвари аврупоӣ буд, ки Протоколи факултативии Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдакро ба тасвиб расонид, ки барои арзу шикоятҳои шахсӣ имконият медиҳад.

Ҳукумати федералӣ ҳимоят аз табъиз ва нажодпарастиро дастгирӣ мекунад, ба ҳукми қатл дар саросари ҷаҳон мухолиф аст, ҳуқуқи иштироки сиёсӣ ва ҳимояи қонуниро ҷонибдорӣ мекунад, озодии дин ва эътиқодро ҳимоя мекунад, ба хариду фурӯши одамон мубориза мебарад ва дар амалӣ намудани ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба оби тозаи ошомиданӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба муҳити солими зист фаъолона иштирок менамояд. Тақрибан 900 миллион нафар дар саросари ҷаҳон ба оби тоза дастрасӣ надоранд. Ҳамасола Олмон ба андозаи 400 миллион евро тавассути лоиҳаҳои зиёде барои тағйир додани ин вазъ кумак мекунад. Дастрасӣ ба об, як мавзуи нави ҳуқуқи башар, меҳвари аслии ҳамкориҳои рушд бо Олмон дар 27 кишвари ҷаҳон аст.

Олмон аз соли 2012 бори дувум узви Шурои ҳуқуқи инсони СММ дар Женева (Швейтсария) буд ва барои давраи аз соли 2016 то соли 2018 дубора номзад шуд. Дар соли 2015 Олмон бори аввал раисии раёсати ин ниҳодро бар ухда дошт, 47 узви Шурои ҳуқуқи инсон дипломати олмониро барои як сол раис интихоб карданд. Муҳимтарин василаи Шурои ҳуқуқи инсон «Шарҳи умумиҷаҳонии даврӣ» аст, ки дар чаҳорчӯби он ҳар як кишвари узви СММ аз иҷрои ухдадориҳои худ оид ба ҳуқуқи инсон гузориш медиҳад ва ба интиқод посух медиҳад. Олмон аз ин тартиб дар солҳои 2009 ва 2013 гузашта буд.

Олмон яке аз кишварҳои фаъол дар ИА мебошад, ки аз ҳуқуқи инсон, волояти қонун ва демократия дар саросари Аврупо ҳимоят ва тарғиб мекунад. Ба шарофати созишномаҳои васеъ, пеш аз ҳама, Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, ИА ба рушди фазои ҳуқуқии ягонаи аврупоӣ мусоидат мекунад ва риояи стандартҳо ва арзишҳои ҳатмии умумиро дар қитъаи Аврупо назорат мекунад.

Дафтари Ваколатдор оид ба сиёсати ҳуқуқи инсон ва кумаки инсондӯстонаи ҳукумати федералӣ дар Вазорати корҳои хориҷии Олмон ҷойгир аст. Ваколатдор рушди рӯйдодҳои ҷаҳонро назорат мекунад, фаъолияти ҳуқуқи инсонро бо дигар мақомоти давлатӣ ҳамоҳанг месозад ва ба вазири корҳои хориҷии федералӣ маслиҳат медиҳад. Дастгирии парлумон ва назорати сиёсати ҳуқуқи инсони Олмон аз соли 1998 аз ҷониби Кумитаи ҳуқуқи инсон ва кумаки инсондӯстонаи Бундестаги Олмон амалӣ карда мешавад. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Олмон соли 2000 таъсис ёфта, аз ҷониби давлат маблағгузорӣ мешавад, вале дар фаъолияти худ мустақил аст. Ҳамчун як ниҳоди миллии ҳуқуқи инсон он бояд дар руҳияи Принсипҳои Парижии СММ ба дастгирии Олмон ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар дохил ва хориҷи кишвар мусоидат кунад[500].

**Таҷрибаи Фаронса**. Барои Фаронса ҳуқуқи инсон аҳаммияти махсуси таърихӣ дорад. Эҳтиром гузоштан нисбат ба ҳуқуқи инсон дар Фаронса чун

[500] Ниг.: Хамдамова, Ш.М. Понятие и место Уполномоченного по правам человека в системе органов государственной власти Республики Таджикистан // Актуальные проблемы права на современном этапе: взгляд молодёжи. Материалы второй Международной научной студенческой конференции (Душанбе, 24 апреля 2015 г.) – Душанбе: РТСУ, 2015. – С. 273-277.

анъана қабул шуда, масири таърихии худро аз асри XVIII мегирад. Фаронса таърихи 26 августи соли 1789 Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро қабул кард ва яке аз нахустин давлатҳое шуд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар сатҳи санади меъёрии ҳуқуқӣ эътироф намуд. Соли 1948 бошад, дар қасри де-Шайлои шаҳри Париж аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон қабул карда шуд. Яке аз саркорони аслии он ҳуқуқшиноси барҷастаи фаронсавӣ Рене Кассен буд, ки баъдан ба ҳайси раиси Комиссияи ҳуқуқи инсони СММ ва раиси Суди аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон фаъолият кардаву барои нақши пурсамараш барандаи ҷоизаи сулҳи Нобел гардидааст. Аз ҳамин марҳила оғоз намуда, Фаронса дар таҳияи принсипҳои бунёдӣ ва санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон иштирок менамояд. Фаронса дар заминаи созишномаи Вена аз соли 1993 иброз намуд, ки риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зумраи масъалаҳои асосии ҷомеаи инсонӣ ба ҳисоб меравад, аз ин рӯ бояд ба ҳуқуқҳои шахсиву сиёсӣ ва иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ таваҷҷуҳи якранг сурат бигирад.

Фаронса то имрӯз аксарияти санадҳои байналмилалии аз ҷониби СММ қабулшударо, ки марбут ба ҳуқуқи инсон мебошанд, ратификатсия намуда, аз давлатҳои ҷаҳон даъват менамояд, то санадҳои мазкурро тасдиқ намоянд. Ин кишвар дар таҳияи меъёрҳои нави байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон фаъолона иштирок намуда, баҳри қабул намудани санадҳои байналмилалӣ дар самти мубориза бар зидди бо роҳи зӯрӣ нопадид шудани одамон, Эъломия дар бораи ҳуқуқи халқҳои таҳҷоӣ, инчунин, ҳамроҳ бо Олмон андешаи қабули Конвенсияи СММ-ро дар бораи манъи клонкунии одамон барои такрористеҳсолӣ пайваста ташаббус нишон медиҳад. Фаронса ба ЮНЕСКО ҷиҳати қабул намудани Конвенсия оид ба биоэтика муроҷиат намуд, ки дар заминаи он қабул намудани протоколҳои иловагӣ бо дарназардошти рушди технологияҳои нав дар соҳаи тиб, дар назар дошта шудааст.

Ҷумҳурии Фаронса аз соли 1947 аъзои Комиссияи СММ оид ба ҳуқуқи инсон мебошад. Он дар ниҳоди ишорашуда мавқеи боризро на танҳо ҳамчун давлати алоҳида, балки ҳамчун узви Иттиҳоди Аврупо доро мебошад. Аз ин ҷост,

ки аз ҷониби кишвар пайваста ҷиҳати баррасии масъалаҳои боздошткунии ғайриқонунонӣ, бо роҳи зӯрӣ бедарак гардидани одамон, паст намудани сатҳи камбизоатӣ, биоэтика, нигоҳубини кӯдакони сарбозон, манъи истифодаи ҷазои қатл, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон дар давлатҳои гуногуни дунё пешниҳодҳо сурат мегиранд.

Дар ҳамин замина, Фаронса фаъолияти дипломатии худро бо созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида густариш дода, муборизаро баҳри пешгирии поймолшавии ҳуқуқи инсон ҷоннок намудааст. Ин давлат чунин мешуморад, ки парвандаҳои дағалона поймол кардани ҳуқуқи инсон, ки ба сулҳ ва амнияти байналмилалӣ таҳдид мекунанд, бояд ба Шурои Амният пешниҳод карда шаванд. Фаронса тарафдори зиёд кардани кумак ба давлатҳое мебошад, ки сиёсати ҳуқуқмуҳофизавиро пеш гирифтаанд. Бо ин мақсад, аз соли 2002 Фаронса дар баъзе кишварҳо бо Дафтари Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон иқдомоти муштарак мегузаронад.

Ҳамзамон муборизаро ба муқобили беҷазоӣ вазифаи асосӣ дониста, бо мақсади пешгирӣ кардани таъқибҳои нави оммавӣ аз тарафи Шурои амният ташкил намудани судҳои байналмилалии ҷиноятиро, ки вазифаи онҳо тафтиши парвандаҳои шахсони бар зидди инсоният ҷиноятсодиркарда аст, ба мақсад мувофиқ медонад. Фаронса пас аз ҳодисаҳои бавуҷудомада дар собиқ Югославия, Рауна, Камбоҷа ва ғ. баҳри таъсис додани трибуналҳои махсус ташаббус нишон дод. Инчунин он дар ташкил намудани Суди Байналмилалии Ҷиноӣ саҳм дошта, яке аз нахустин давлатҳое мебошад, ки Статути онро ба тасвиб расонидааст. Статути мазкур 1 июли соли 2002 эътибори ҳуқуқӣ пайдо намуд ва дар заминаи он ҷиноятҳои марбут ба таҷозуви ҳарбӣ, зидди башарият ва геносид аз ҷониби ниҳоди ишорашуда мавриди баррасӣ қарор мегирифтанд. Имрӯз ҳадафи Фаронса он аст, ки Статути мазкур аз ҷониби ҳамаи давлатҳо ратификатсия карда шавад.

Дар сатҳи Аврупо Фаронса аз зумраи даҳ муассиси асосии ИА мебошад, ки соли 1949 таъсис ёфта, дар Страсбург ҷойгир аст ва Суди аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон низ дар қаламрави ин давлат ҷойгир буда, назорати иҷроиши меъёрҳои

конвенсияи аврупоӣ дар самти ҳуқуқи инсонро ба амал мебарорад. Фаронса Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон аз соли 1950-ро ратификатсия намуда, имконият фароҳам овард, то шахси воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ҳуқуқу манфиатҳои дар конвенсия ва пратоколҳои он дарёфтаашон поймол шудаааст, ба таври инфиродӣ ба Суди аврупоӣ оид ба ҳуқуқ инсон муроҷиат намоянд.

Фаронса ҳамчун иштирокчии фаъоли ИА аввал бо Чин ва сипас, бо Эрон муколама дар масоили ҳуқуқи инсонро оғоз кардааст. Аз ин рӯ, ҳамаи санадҳое, ки ИА дар самти савдо ва ҳамкорӣ бо кишварҳои «ҷаҳони сеюм» мебандад, амалишавиашон аз сатҳи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вобаста мебошанд.

Фаронса тарафдори он аст, ки Хартияи ҳуқуқҳои асосӣ, ки моҳи декабри соли 2000 дар Нитса қабул шуда буд, ба Конститутсияи ояндаи Аврупо дохил карда шавад. Ба ҳамин монанд, Фаронса ҷонибдори дохил кардани чунин муқаррарот ба ҳуҷҷатҳои марбут ба ҳуқуқҳои ақаллиятҳои миллӣ, ки дар доираи САҲА таҳия шудааст, мебошад.

Дар сатҳи миллӣ Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ҷузъи ҷудонашавандаи Конститутсияи Фаронса гардид. Шартномаҳои байналмилалӣ дар самти ҳуқуқи инсон нисбат ба қонунҳои дохилӣ бартарӣ доранд ва дар аксари мавридҳо онҳо метавонанд аз ҷониби шахсони алоҳида бевосита дар ҳама судҳо татбиқ карда шаванд. Хусусияти мукаммали қонунгузории миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон, инчунин, шаҳодати он аст, ки Фаронса ба риояи онҳо аҳаммияти фавқулодда медиҳад. Ҳукумати Фаронса соли 1947 Комиссияи миллии машваратиро оид ба ҳуқуқи инсон таъсис дод, ки вай ҳар сол ба сарвазир дар бораи муборизаи зидди нажодпарастӣ ҳисобот медиҳад. Илова бар ин, ҳамасола «Ҷоизаи ҳуқуқи инсони Ҷумҳурии Фаронса»-ро сарфароз менамояд, ки ҳомиёни барҷастаи ҳуқуқи инсон дар тамоми кишварҳо эътироф мегарданд. Комиссия даъват мекунад, ки дар хориҷа, алалхусус дар фазои франсуззабонон чунин муассисаҳо ташкил карда шаванд. Принсипҳое, ки оинномa ва ваколатҳои онҳоро танзим мекунанд, аз

ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ соли 1993 дар Париж тасдиқ карда шуданд[501].

**Кумитаҳои парламентӣ ва комиссияҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар Аврупо.** Дар байни сохторҳои ҳуқуқи инсони кишварҳои аврупоӣ кумитаҳои парлумонӣ ва комиссияҳои ҳуқуқи инсон ҷойи муҳимро ишғол мекунанд. Аксарияти парлумонҳои Аврупо кумитаҳо ва комиссияҳое доранд, ки ба риояи ҳуқуқи инсон машғуланд. Ин таҷриба дар ташкил намудани ҳам кумитаҳои самти алоҳида ва ҳам дигар сохторҳои парлумонӣ (чун қоида, кумитаҳо оид ба қонунгузории конститутсионӣ, масъалаҳои ҳуқуқӣ ва судӣ, муносибатҳои байналмилалӣ) зоҳир мешавад. Эҳтиром ба ҳуқуқи инсон на танҳо ҳамчун муқовимат ба амалу қарорҳои ғайриқонунӣ, балки пеш аз ҳама, таъмини имкониятҳои баробар барои намояндагони гурӯҳҳои гуногуни синну сол, ҷинсият, вазъи иҷтимоӣ, этникӣ-динӣ ва забонӣ фаҳмида мешавад. Дастури парлумонҳо фарогирандаи мониторинги вазъи ҳуқуқи инсон, таҳлили лоиҳаҳои қонунҳо аз нуқтаи назари мутобиқати онҳо ба меъёрҳо ва стандартҳои ҳуқуқи инсон, омода кардани ташаббусҳои қонунгузорӣ, пешниҳод ва тавсияҳо барои мақомоти давлатӣ мебошад. Дар як қатор кишварҳо ба салоҳияти парламентҳо таъин кардани Омбудсмен ва шунидани ҳисоботи ӯ дохил карда мешавад. Ба роҳ мондани муколамаи созанда бо созмонҳои ғайриҳукуматӣ, намояндагони ҷомеа, коршиносон ва олимони соҳаи ҳуқуқи инсон нақши муҳим дорад[502].

Бояд тазаккур дод, ки дар як қатор мамлакатҳои Аврупо институти (ниҳодҳои) миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон (ҳам давлатӣ ва ҳам ҷамъиятӣ) мавҷуданд. Онҳо дар баробари мониторинги вазъи ҳуқуқи инсон ёрии ҳуқуқӣ расонда, барои мақомот тавсияҳо омода намуда, барои фаъолони ҷамъиятӣ ва мансабдорони давлатӣ дар самти риояи ҳуқуқи инсон тренингҳо мегузаронанд.

Солҳои охир проблемаи ҳифзи ҳуқуқи инсон бештар диққатро ба худ ҷалб мекунад. Паҳн намудани мафҳуми ҳуқуқи фитрӣ боиси ба таври васеъ эълон ва

[501] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.ambafrance-by.org (санаи муроҷиат: 11.11.2023 с.).
[502] Ниг.: Дешко Л.Н. Становление принципа защиты прав человека в европейских сообществах и Европейском Союзе // Вестник Института законодательства Республики Казахстан. – 2012. – №1 (25). – С. 135-139.

эътироф намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд гардид. Вале имрӯз ҳам дар татбиқи амалии ин ҳуқуқу озодиҳо душвориҳои муайян ба миён меоянд.

Дар мубориза барои ба амал баровардани ҳуқуқи инсон муҳофизони ҳуқуқ саҳми калон мегузоранд. Бояд гуфт, ки мафҳуми умумиэътирофгардидаи «ҳимоятгари ҳуқуқи инсон» вуҷуд надорад. Маъмулан, дар ВАО ин истилоҳ барои ишора ба афрод ва созмонҳое истифода мешавад, ки ба таври муназзам ба фаъолиятҳои мухталиф барои ҳифзи ҳуқуқи инсон машғуланд. Ба маънои васеъ, категорияи «ҳимояи ҳуқуқӣ» метавонад, тамоми низоми ниҳодҳои давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва байниҳукуматиро, ки салоҳияти онҳо масъулияти ҳифзи ҳуқуқи инсон мебошад, дар бар гирад.

Дар парлумони Аврупо масъалаи марбут ба ҳуқуқи инсон, ҳифзи ақаллиятҳо ва пешбурди арзишҳои демократӣ таҳти салоҳияти зеркумитаи ҳуқуқи инсон қарор дорад, ки ҷузъи таркибии Кумитаи равобити байналмилалӣ мебошад. Кумитаи мазкур 50 нафар аъзо дорад[503].

Кумитаи равобити байналмилалӣ дар интихоби довталабони ҷоизаи Парлумони Аврупо «Оид ба озодии сухан» ба номи Андрей Сахаров ширкат меварзад. Ҷоиза аз соли 1988 барои дастовардҳо дар соҳаҳои зерин дода мешавад: ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон; тарғиби демократия ва риояи волоияти қонун; эҳтиром ба ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳимояи ҳуқуқи ақаллиятҳо.

Зеркумита оид ба ҳуқуқи инсон ҳисобот ва хулоса мебарорад, дар таҳияи қарорҳои парлумон оид ба ин масъала иштирок мекунад. Аз ҷумла, он гузориши солона дар бораи вазъи ҳуқуқи инсон дар кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо ва дар маҷмуъ, ҷаҳонро нашр мекунад. Мунтазам оид ба масъалаи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла, оид ба вазъи ҳуқуқи инсон дар кишварҳои алоҳида муҳокимаҳои умумӣ мегузаронад. Самти дигари кор – ҳамкорӣ ва табодули иттилоот дар соҳаи ҳуқуқи инсон бо сохторҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ,

---

[503] Ниг.: Резер Т.М., Кузнецова Е.В., Лихачев М.А. Механизмы реализации и защиты прав человека и гражданина. – Екатеренбург, 2019. – С. 54-58.

баргузории вохӯриҳои ҳайатҳои ҳуқуқи инсон бо вакилони парлумон ва намояндагони ВАО мебошад.

Дар сохтори Парлумони Аврупо якчанд гурӯҳҳои ғайрирасмии байнипарлумонӣ вуҷуд доранд. Яке аз онҳо гурӯҳи Тибет аст, ки соли 1987 таъсис ёфтааст.

Дар Ассамблеяи парлумонии Шурои Аврупо (АПША) аз соли 1989 инҷониб, Кумита оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи инсон фаъолият менамояд. Ба сохтори кумита зеркумитаҳо оид ба ҳуқуқи инсон, интихоби судяҳои Суди аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи ақаллиятҳо, мушкилоти ҷинояткорӣ ва мубориза бо терроризм шомиланд. Одатан кумита моҳе як маротиба, зеркомиссияҳо соле 3-4 маротиба ҷамъ меоянд. Ба кори кумита коршиносони созмонҳои ғайридавлатӣ ва илмӣ ҷалб шудаанд, аммо ин гуна ҳамкорӣ танҳо бо маблағгузорӣ маҳдуд аст.

Кумита барои масъалаҳои марбут ба ҳуқуқи инсон, аз ҷумла, пешниҳодҳо ва андешаҳо оид ба конвенсияҳое, ки Шурои Аврупо (ША) таҳия кардааст, масъул аст. Аз ҷумла, кумита салоҳияти зерин дорад: таъмини ҳуқуқи инсон, озодиҳои асосӣ ва волоияти қонун дар давлатҳои аъзои Шурои Аврупо; муассисаҳои судӣ, ҳомиёни ҳуқуқи инсон, ниҳодҳои миллӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, муассисаҳои ислоҳии давлатҳои аъзои Шурои Аврупо; ҳуқуқҳои акаллиятҳои миллӣ ва дигар аъзои ҷомеа; табъиз бо асосҳои гуногун (тамоюли ҷинсӣ, нажодӣ, динӣ, забонӣ, сиёсӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва ғайра, ба истиснои ҷинс, ки таҳти салоҳияти Кумита оид ба имкониятҳои баробарии занон ва мардон қарор дорад); риояи шартномаҳо ва механизмҳои ҳуқуқи инсон дар доираи Шурои Аврупо, махсусан Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва протоколҳои он, Конвенсияи аврупоӣ оид ба пешгирии шиканҷа ва муносибат ё ҷазои ғайриинсонӣ ва пастзанандаи шаъну шараф ва дигар санадҳои байналмилалӣ; қонуни ҷиноятӣ, муносибат ба

ҷинояткорон ва шароити нигоҳдории онҳо; риояи қонун ва ҳуқуқи инсон дар заминаи мубориза бо терроризми байналмилалӣ[504].

Кумитаи ишорашуда оид ба қонун ва риояи меъёрҳои он, риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд дар давлатҳое, ки барои ворид шудан ба Шурои Аврупо (ША) муроҷиат мекунанд, хулосаҳо омода намуда, мутобиқатии онҳоро ба стандартҳои Шурои Аврупо мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Кумита стандартҳо ва воситаҳои ША-ро дар самти риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва волоияти қонун дар кишварҳое, ки аъзои Иттиҳоди Аврупо нестанд, метавонад, тарғиб намояд.

Кумита барои мусоҳиба бо номзадҳо ба вазифаи судяи Суди аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдори Шурои Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (пеш аз интихоби онҳо аз ҷониби Ассамблея) масъул мебошад. Кумита маълумотномаи номзадҳоро ба узвияти Кумитаи аврупоӣ оид ба пешгирии шиканҷа, муносибат ё ҷазои ғайриинсонӣ ва пастзанандаи шаъну шараф мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Кумита бо созмонҳои аврупоӣ ва байналмилалии зерин робитаҳои корӣ дорад: Дафтари Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон, сохторҳои САҲА (Дафтари институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон, Дафтари Комиссариати олии ақаллиятҳои миллӣ), Конфронси Гаага оид ба ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, Институти байналмилалии унификатсияи қонуни хусусӣ (ИБУҚХ) ва ғ.

Кумита дар кори Гурӯҳи давлатҳои муборизабаранда бо коррупсия (ГДМК) ва дар кори Комиссияи Шурои Аврупо оид ба демократия тавассути қонун (Комиссияи Венетсия) иштирок намуда, Ассамблеяи парлумонии Шурои Аврупоро дар Комиссияи аврупоӣ бар зидди нажодпарастӣ ва таҳаммулнопазирӣ (КАНТ) намояндагӣ мекунад. Аъзои Кумита аз ҷониби ҳайати миллии онҳо пешбарӣ карда мешаванд. Азбаски АПША вазифаҳои қонунгузорӣ надорад, кумита низ чунин салоҳиятро надорад. Гузоришҳои он доир ба мавзуъҳои

[504] Ниг.: Резер Т.М., Кузнецова Е.В., Лихачев М.А. Механизмы реализации и защиты прав человека и гражданина. – Екатеренбург, 2019. – С. 43-50.

мушаххас метавонанд тавсияҳо ва ташаббусҳои хусусияти ҳуқуқидошта бошанд. Дар робита ба назорат, кумита метавонад маърузачиёнро барои тафтиш ва гузориш дар бораи дархостҳои Бюрои АПША таъин кунад ва мувофиқи он тавсияҳову қарорҳо қабул намояд. Иҷрои ин ҳуҷҷатҳо ихтиёрӣ мебошад. Тавсияҳое, ки ба Кумитаи вазирони АПША фиристода мешаванд, бояд на камтар аз 2/3 овозҳоро гиранд. Кумитаи вазирон вазифадор аст, ки ба Ассамблея ҳисобот диҳад[505].

Дар палатаи поёнии парлумони Австрия – Шурои миллӣ аз соли 1999 Кумитаи ҳуқуқи инсон фаъолият мекунад. Кумита аз 27 вакили парлумон иборат аст. Кумита дар кори худ аз захираҳои иттилоотӣ ва дигар захираҳои маъмурияти палата (шуъбаи технологияҳои иттилоотӣ, китобхона, бойгонӣ) истифода мебарад, мутахассисон ва коршиносони хориҷиро даъват мекунад.

Функсияҳои қонунгузории кумита инҳоянд: анҷом додани фаъолияти корӣ оид ба лоиҳаи қонунҳо аз рӯи ихтисос, таҳияи тағйирот ба қонунгузорӣ, омодагӣ ба тасдиқи созишномаҳои байналмилалӣ, назорати риояи уҳдадориҳои байналмилалӣ. Кумита намояндагони мақомоти федералии иҷроияро қабул менамояд ва онҳоро мешунавад.

Дар Австрия аз соли 1999 Шурои машваратӣ оид ба ҳуқуқи инсон фаъолият мекунад. Он аз 11 аъзо ва 11 муовин иборат аст, ки аз ҷониби вазири корҳои дохилӣ ба муҳлати 3 сол таъин карда мешавад. Ҳарчанд фаъолияти Шуро аз ҳисоби буҷети Вазорати корҳои дохилӣ маблағгузорӣ карда мешавад, аъзои он дар иҷрои вазифаҳои худ мустақил буда, ба таври ихтиёрӣ фаъолият мекунанд. Шуро фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои иҷрои ҷазоро назорат ва мушоҳида мекунад, аризаву шикоятҳои шаҳрвандонро ба кирдорҳои кормандони амният таҳлил мекунад, барои роҳбарияти Вазорати корҳои дохилӣ тавсияҳо омода мекунад. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифадоранд, ки ба Шуро ёрӣ расонанд,

[505] Ковалев А.А. Международная защита прав человека: учебное пособие. – Москва: Статут, 2013. – 589 с.

аъзои онро ба ҳамаи биноҳои зарурӣ роҳ диҳанд, бо маҳбусон муошират кунанд, маводҳои дархостшударо пешниҳод намоянд[506].

Парлумони федералии Белгия дар бораи вазъи ҳуқуқи инсон на танҳо дар Белгия ғамхорӣ мекунад, балки ба пешбурд ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар хориҷа низ манфиатдор аст. Ба ин масъалаҳо асосан комиссияҳо оид ба корҳои хориҷии палатаи намояндагон ва сенат машғул мешаванд. Мувофиқи резолютсияи қабулкардаи парламент ҳукумати федералӣ вазифадор аст, ки ба ҳифзи ҳуқуқи инсон мусоидат кунад ва ба ҳимоятгарон кумак расонад, масъалаҳои ҳуқуқи инсонро дар сиёсати берунӣ ба эътибор гирад.

Дар Белгия барномаи махсуси қонунгузории дастгирии ҳомиёни ҳуқуқи инсон вуҷуд надорад, аммо вазифаи ҳифзи ҳуқуқи инсон тамоми низоми иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии кишварро фаро мегирад. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз ҷониби як қатор мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад. Онҳо дар асоси қонунгузории махсус мустақилона ва дахлнопазирона амал мекунанд. Ҳукумат ва парламент ҳақ надоранд ба фаъолияти онҳо дахолат кунанд[507].

Соли 2009 дар парлумони Булғористон Комиссияи доимӣ оид ба ҳуқуқи инсон, дин ва кор бо аризаву шикояти шаҳрвандон таъсис ёфт. Он аз 18 нафар вакилоне иборат буд, ки аз гурӯҳҳои парламентӣ интихоб шудаанд. Кори кумита аз ҷониби Департаменти қонунгузории аврупоии парлумон, Китобхонаи парлумонӣ, Барномаи таҷрибаомӯзии донишҷӯён ва Маркази миллии омӯзиши афкори ҷамъиятӣ дастгирӣ карда мешавад. Кумита дар ҳолатҳои зарурӣ метавонад аз муассисаҳои давлатӣ, гурӯҳҳои академӣ ва дигар ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ кумаки экспертиро талаб намояд. Одатан, кумита ҳафтае як маротиба ҷамъ омада, дар он қонунҳо, барномаи солонаи иштироки Булғория дар қабули қарорҳои Иттиҳоди Аврупо, масъалаҳои тасдиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, омода намудани изҳорот ва эъломияҳои палата, аризаву

[506] Ниг.: Ковалев А.А. Международная защита прав человека : учебное пособие. – Москва : Статут, 2013. – 589 с.
[507] Ниг.: Международная и внутригосударственная защита прав человека: учебник / А.Х. Абашидзе, З.Г. Алиев, К.Ф. Амиров [и др.]. / под редакцией Р.М. Валеева; Казанский (Приволжский) федеральный университет. – Москва : Статут, 2011. – 828 с.

шикоятҳои шаҳрвандон муҳокима ва таҳлил карда мешаванд. Дар Булғория қонуни махсус ё дигар санади меъёрии ҳуқуқие мавҷуд нест, ки вазъи ҳуқуқии ҳимоятгарони ҳуқуқи инсонро таъмин намояд. Ҳам шахсони алоҳида ва ҳам созмонҳое, ки ба ҳифзи ҳуқуқи инсон машғуланд, дар асоси меъёрҳои умумӣ фаъолият менамоянд[508].

Кумита оид ба ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи кӯдак, муҳоҷират ва ахлоқ барои ҳар ду палатаи Ассамблеяи парлумонии Босния ва Ҳерсеговина умумӣ аст. Кумита масъалаҳои пешгирии табъиз, амалисозии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, риояи ҳуқуқи кӯдакро баррасӣ мекунад, инчунин, оид ба риояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон гузоришҳо омода мекунад. Бо мақсади таҳлили баъзе масъалаҳои доираи фаъолияти кумита зеркомиссияҳо ё гурӯҳҳои корӣ таъсис дода мешаванд. Кумита бо созмонҳои ғайридавлатӣ, инчунин, бо созмонҳои байналмилалӣ ва гурӯҳҳое, ки аз рӯи барномаҳо кор мекунанд (САҲА, Барномаи рушди СММ, Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба гурезаҳо) робита барқарор кардааст. Бо дархости кумита сохторҳои дар боло зикршуда ёрии иттилоотӣ ва машваратӣ мерасонанд. Ассамблеяи парлумонии Босния ва Ҳерсеговина Шурои ақаллиятҳои миллиро ҳамчун як мақоми махсуси машваратӣ дар назди парлумон таъсис додааст.

Дар Британияи Кабир як қатор кумитаҳои парлумонӣ мавҷуданд, ки ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон ва мутобиқати қонунҳои Британияи Кабир ба Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон таваҷҷуҳ доранд. Онҳо метавонанд санҷиши парлумонӣ гузаронанд ва ба ҳукумат тавсияҳо пешниҳод кунанд. Ҳамчунин, як гурӯҳи байниҳизбии ҳуқуқи инсони парлумонӣ вуҷуд дорад, ки гузоришҳо дар бораи нақзи ҳуқуқи инсон дар саросари ҷаҳонро баррасӣ мекунад. Ниҳоди мазкур салоҳияти зерин дорад: ҳукуматҳо ё намояндагиҳои давлатҳоеро, ки дар онҳо қонуншиканиҳо рух медиҳанд, дар бораи нигаронии худ огоҳ мекунад; бо ташкилотҳои байниҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ, дигар гурӯҳҳои парламентӣ ҳамкорӣ мекунад; дар бораи вазъи

---

[508] Ҳамон ҷо.

ҳуқуқи инсон маълумот ҷамъоварӣ мекунад; барои минтақаҳои мушкилидор миссияҳо ташкил намуда, ҳайати вакилони хориҷиро қабул мекунад. Дар парлумони Британия якчанд гурӯҳҳои ғайрирасмии парлумонӣ фаъолият мекунанд, ки ба ҳифзи ҳуқуқи инсон дар соҳаҳои гуногун машғуланд, масалан, гурӯҳҳои парлумонӣ оид ба антисемитизм, ҳукми қатл, геносид, ҷиноятҳои зидди инсоният, ёрӣ ба гурезаҳо ва ғайра[509].

Кумитаи муштараки ҳуқуқи инсон дар соли 2001 таъсис ёфта, аз аъзои ҳарду палата: Палатаи лордҳо ва Палатаи обшина иборат аст. Кумита вазифадор аст, ки бо масъалаҳои ҳуқуқи инсон дар Британияи Кабир, ба истиснои ҳолатҳои мушаххас машғул шавад. Кумита ҳуқуқ дорад пешниҳоди далелҳои хаттӣ ва ҳуҷҷатҳоро талаб намояд, шоҳидонро пурсиш кунад, дар ҳар вақт мулоқот кунад (ба истиснои рӯзҳои ид ва давраи парокандашавии парламент), ба ҳарду палата ҳисобот пешниҳод намояд. Вазифаи асосии кумита аз вазъи ҳуқуқи инсон дар кишвар ба ҳукумат хабар додан аст. Кумита дар бораи кори худ (одатан дар ду сол як маротиба) ҳисобот чоп мекунад.

Вазорати корҳои хориҷӣ ва Иттифоқи миллатҳо (ВКХ) ва Вазорати рушди байналмилалӣ ба ҳифзи ҳуқуқи инсон дар дигар кишварҳо нақши фаъол доранд. Вазорати корҳои хориҷӣ ҳамасола гузоришҳои марбут ба масоили ҳуқуқи инсонро нашр мекунад ва дар бораи фаъолияти ҳукумат дар ин самт, маълумоти муфассал медиҳад.

Инчунин, дар Британияи Кабир Комиссия оид ба баробарӣ ва ҳуқуқи инсон вуҷуд дорад. Комиссия соли 2007 таъсис ёфта, ба салоҳияти он масъалаҳои ҳуқуқи инсон, дин ва эътиқод, тамоюли ҷинсӣ дохил мешаванд. Ғайр аз ин, ба комисияи мазкур вазифаҳои собиқ Комиссияи баробарии нажодӣ, Комиссия оид ба ҳуқуқҳои маъюбон ва Комиссияи имкониятҳои баробар гузошта шудааст. Комиссия ваколатдор аст, ки аз номи шахс барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳояш ба суд муроҷиат намояд, дар бораи вайрон кардани ҳуқуқи инсон аз тарафи ташкилотҳо

[509] Ниг.: Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқ ба саломатӣ: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: дис. … номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2022. – С. 135.

ва мақомоти давлатӣ тафтишот намояд. Комиссия ҳуқуқ дорад бо иҷозати суд ба ҳама гуна парвандаи ҳуқуқие, ки ба ҳуқуқи инсон дахл дорад, барои пешниҳоди хулосаи экспертӣ дахолат кунад. Комиссия инчунин ба ташкилотҳое, ки ба шаҳрвандон ёрии ҳуқуқӣ мерасонанд, кумаки молиявӣ мерасонад.

Дар Британияи Кабир як қатор созмонҳои ғайриҳукуматии ҳуқуқи инсон фаъолият доранд. Кумаки ҳуқуқӣ дар Британияи Кабир ба шахсоне, ки мехоҳанд, ба Суди аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати вайроншавии меъёрҳои Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон муроҷиат кунанд, ройгон сурат мегирад. Дар Британияи Кабир агар шахс бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ҷамъиятӣ ба суд муроҷиат намояд, пас нисбат ба ӯ як зумра имтиёзҳо татбиқ карда мешавад[510].

Соли 2007 дар бораи таъсиси Комиссияи ҷамъиятӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва баробарӣ дар назди Раёсати ҳукумат қарор қабул шуд. Идораҳои комиссияи мазкур дар Глазго, Кардифф, Лондон, Манчестер, Эдинбург ҷойгиранд.

Масъалаҳои ҳуқуқ ва озодии инсон ба салоҳияти Кумитаи корҳои ҳуқуқии Бундестаги Олмон дохил мешавад. Ба ҳайати кумита аъзои ҳукуматҳои аъзоёни федератсия, ки вазифаи вазири адлияи субъектҳои федеративиро ишғол мекунанд, дохил мешаванд. Ҷалби дастгирии сохторҳои илмии маъмурияти федералӣ, инчунин, бо иштироки коршиносон – намояндагони ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, гузаронидани муҳокимаҳо амалӣ карда мешавад.

Одатан маҷлисҳои кумита ду ҳафта пеш аз маҷлисҳои пленум барпо мегарданд. Агар дар рӯзномаи маҷлиси кумита масъалаҳои мураккаб мавҷуд бошанд, як ҳафта пеш аз он маҷлиси комиссия гузаронда мешавад. Бундестаг Кумитаи ҳуқуқи инсон ва кумакҳои башардӯстона дорад, ки вазифаи асосии онҳо ҳимояи ҳуқуқи инсон дар Олмон ва берун аз он мебошад. Одатан аъзои кумита ҳафтае як маротиба ҳангоми гузаронидани пленумҳои палата ҷамъ мешаванд. Кумита соле 3-4 маротиба бо ҷалби мутахассисони ташкилотҳои илмӣ ва ҷамъиятӣ машваратҳо ташкил менамояд.

---

[510] Ниг.: Международная и внутригосударственная защита прав человека. – 828 с.

Аз соли 2003 инҷониб аъзои кумита барномаи махсусро бо номи зерин амалӣ мекунанд «аъзои парламент парламентаризмро ҳимоя менамояд». Дар заминаи ин барнома вакилоне, ки фаъолияти худро озодона пеш мебаранд дар сурати зарурат ба ҳамкасбони хориҷии худ ёрӣ мерасонанд. Парлумон уҳдадориҳои ихтиёрии худро оид ба ҳимоя ва дастгирии ҳуқуқи инсон дар доираи Иттиҳоди байнипарламентӣ иҷро мекунад. Котиботи Кумитаи ҳуқуқи инсон ва кумакҳои инсондӯстона дар якҷоягӣ бо Вазорати корҳои хориҷии Олмон, Иттиҳоди байнипарлумонӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ феҳристи ҳомиёни ҳуқуқи инсонро дар саросари ҷаҳон, ки таҳти таъқиб ё зери хатар қарор доранд, тартиб медиҳанд. Вакилони Бундестаг ин рӯйхатро баррасӣ мекунанд, то тасмим бигиранд, ки ба ҳомиёни ҳуқуқи инсон чӣ гуна кумак расонанд.

Амалигардонии барномаи мазкурро метавон дар самтҳои зерин мушоҳида намуд: ҷалби таваҷҷуҳи раҳбарони хориҷӣ ба мушкилоти таъқиби ҳомиёни ҳуқуқи инсон, иртиботи мустақим бо ҳомиёни ҳуқуқ, боздиди онҳо дар маҳбасхонаҳо, талаби дастрасии онҳо ба адолати судӣ, риояи тартиби дурусти қонунгузории мурофиа ва ғ.

Институти ҳуқуқи инсони Олмон соли 2001 бо тавсияи Бундестаг таъсис ёфтааст. Фаъолияти он ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон нигаронида шудааст[511]. Ба сифати самтҳои асосии фаъолияти институт инҳо шомиланд: татқиқот оид ба масъалаи ҳуқуқи инсон, ҷамъоварии иттилоот; таҳияи тавсияҳо барои сиёсатмадорон; омӯзиш дар соҳаи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла, тренингҳо ва семинарҳо барои гурӯҳҳои касбӣ, мансабдорони давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, низомиён ва донишҷӯён; ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла, бо сохторҳои СММ, ИА, САҲА, Шурои Аврупо; робитаи мутақобила бо фаъолони ҳуқуқ, ташкили мубоҳисаҳои оммавӣ ва ғ.

---

[511] Ниг.: Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқ ба саломатӣ: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: дис. … номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2022. – С. 85-86.

Аз соли 2001 дар парлумони Юнон Кумитаи махсуси доимӣ оид ба баробарӣ, ҷавонон ва ҳуқуқи инсон фаъолият мекунад, ки фарогирандаи зеркумита оид ба корҳои маъюбон мебошад. Кумитаи мазкур инчунин, ба рушди ҳамкорӣ бо ҳомиёни ҳуқуқи инсон машғул аст. Кумита бо аъзои дигари мақомоти давлатӣ, идораҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ маҷлисҳои якҷояро ташкил мекунад. Ҳадафи асосӣ таъмини ҳимояи ҳомиёни ҳуқуқи инсон аст, ки метавонанд рӯзноманигорон ё шаҳрвандони фаъол бошанд. Вазифаи кумита аз он иборат аст, ки вазъиятро назорат ва омӯхта, оид ба татбиқи ҳуқуқи инсон дар соҳаи маориф, оила ва дигар муассисаҳои иҷтимоӣ таклифҳо пешниҳод кунад. Дар Юнон ягон барномаи махсуси парлумонӣ барои дастгирии ҳомиёни ҳуқуқи инсон вуҷуд надорад.

Дар Дания санади меъёрии ҳуқуқии махсусе вуҷуд надорад, ки ҳомиёни ҳуқуқи инсонро дастгирӣ намояд. Аммо меъёрҳои қонунгузории соҳавӣ ба таври бевосита ва ё бавосита инъокоскунандаи ҳифзи ҳуқуқи онҳо мебошанд. Дар асоси қонун соли 2002 Институти ҳуқуқи инсон дар Дания таъсис ёфт, ки ташкилоти мустақили давлатӣ буда, дар асоси Принсипҳои Парижи СММ фаъолият менамояд. Институт ба таҳия ва татбиқи барномаҳои гуногуни миллӣ ва байналмилалӣ машғул аст.

Институти тадқиқоти байналмилалии Дания ташкилоте мебошад, ки вазифаи асосиаш омӯзиши проблемаҳои сатҳи байналмилалӣ аст. Аз ҷумла, омӯзиши низоъҳои мусаллаҳона, қурбониёни фашизм, наслкушӣ, ба таври оммавӣ аз байн бурдани намояндагони сиёсӣ, инчунин, ҳифзи ҳуқуқи инсон дар Дания ва берун аз он. Дания дар Ассотсиатсияи байналмилалии созмони паноҳандагӣ иштирок мекунад. Ин иттиҳод муваззаф аст, аз адибоне, ки озодии муаллифиашон дар кишварашон поймол шудааст, ҳимоят кунад. Ҳимояи чунин нависандагон иҷозатномаи иқомати муваққатӣ ва дастгирии молиявиро дар бар мегирад[512].

[512] Международная и внутригосударственная защита прав человека: учебник / А.Х. Абашидзе, З.Г. Алиев, К.Ф. Амиров [и др.]. / под редакцией Р.М. Валеева; Казанский (Приволжский) федеральный университет. – М.: Статут, 2011. – 828 с.

Дар палатаи намояндагии Италия комиссияи доимӣ вуҷуд надорад, ки бевосита бо масъалаи ҳуқуқи инсон машғул бошад. Масъалаи ҳуқуқи инсон ба салоҳияти Кумита оид ба корҳои конститутсионӣ дохил мешавад. Моҳи декабри соли 2009 дар Палатаи намояндагии Италия Маркази мониторинги ксенофобия ва нажодпарастӣ таъсис дода шуд. Сенат соли 2001 Кумита оид ба ҳуқуқи инсонро таъсис дод. Он мақомоти доимӣ нест ва ба муҳлати ваколати палата ташкил карда мешавад. Аъзои он 25 сенатор мебошанд. Ҳайати он бо дарназардошти шумораи гурӯҳҳои сиёсии палата муайян карда мешаванд.

Вазифаи кумита аз баррасии қонунҳои соҳавӣ, омӯхтан ва тарғиби фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Италия ва кишварҳои дигар, ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ иборат мебошад. Кумита оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хулоса ва тавсияҳо медиҳад, аз рӯи мавзуи тобеият қарор қабул мекунад, муҳокимаҳо мегузаронад, ба палата пешниҳодҳо ва ҳисоботҳо омода мекунад. Кумита асосан фаъолияти машваратӣ анҷом медиҳад, баррасиҳои парлумонӣ ва муҳокимаҳоро оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон ташкил менамояд. Тибқи арзёбиҳои худ нақши аслии кумита пешниҳоди иттилоот барои ташаккули мавқеи сенаторҳо дар мавзуи ҳуқуқи инсон, инчунин ташвиқи ҳукумат барои ворид кардани масъалаи ҳуқуқи инсон дар муносибатҳои байналмилалӣ мебошад.

Сарфи назар аз афзоиши таваҷҷуҳ ба масъалаи ҳуқуқи инсон, кумита барномаҳои мустақими ҳимояи ҳуқуқи инсонро амалӣ намекунад. Аммо дар ин кишвар, Комиссияи махсуси дифоъ аз ҳуқуқи инсон амал мекунад, ки мурочиати ҳомиёни ҳуқуқ (аз ҷумла, аъзои созмонҳои байналмилалӣ) ва созмонҳои ғайридавлатии ҳуқуқи инсонро баррасӣ мекунад ва метавонад ташаббусу лоиҳаҳои онҳоро пуштибонӣ кунад. Комиссия имкониятҳои маҳдуд дорад, аммо кӯшиш мекунад то ба кори ҳомиёни ҳуқуқи инсон кумак расонад.

Палатаи намояндагии парламенти Кипр Кумита оид ба ҳуқуқи инсонро таъсис додааст. Кумита иҷрои меъёрҳои ҳуқуқи инсонро, ки дар Конститутсия ва санадҳои байналмилалӣ пешбинӣ шудаанд, назорат ва тафтиш мекунад. Якҷоя бо Омбудсмен масъалаи поймолкунии ҳуқуқи инсонро вобаста ба нажодпарастӣ ва нобаробарӣ

мавриди баррасӣ қарор дода, дар ин самт, ҳамкориҳои густурда ба роҳ мемонад. Кумита мунтазам бо созмонҳои ғайридавлатӣ ва коршиносони соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳамкорӣ мекунад.

Аз соли 1993 инҷониб дар Сейми Латвия Кумитаи ҳуқуқи инсон ва робита бо ҷомеа фаъолият мекунад. Кумита санадҳои нави ҳуқуқӣ, ислоҳот ба қонунҳои мавҷударо оид ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар Латвия омода мекунад, инчунин, парвандаҳои алоҳидаеро, ки барои татбиқи қонунгузорӣ аз ҷониби ҳукумат ва дар маҷмуъ, вазъи ҳуқуқи инсон, ки дар кишвар муҳим аст, назорат мекунад. Кумита ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дошта, метавонад аз ҳукумат ҳуҷҷатҳо ва маълумоти заруриро талаб намояд.

Кумита аз чор зеркумита иборат аст: оид ба ҳуқуқи кӯдак, ҳамгироӣ, баробарии гендерӣ ва оид ба радиову телевизион. Кумита ҳамзамон оид ба масъалаҳои зерин корбарӣ менамояд: вазъият дар маҳбасҳо; ҳуқуқи гурезаҳо ва муҳоҷирони дохилӣ; масъалаҳои забон; ҳуқуқи созмонҳои динӣ; ҳуқуқи шахсоне, ки дар даврони шуравӣ таҳти зӯроварӣ қарор гирифтаанд; ташаккули ақаллиятҳои миллӣ. Кумита бо дарназардошти мушкилоти поймолшавии ҳуқуқи инсон намояндагони созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва гурӯҳи коршиносонро даъват мекунад.

Кумитаи ҳуқуқи инсон дар Сейми Литва аз соли 1999 фаъолият мекунад ва он вориси Комиссияи ҳуқуқи шахсӣ мебошад, ки соли 1990 таъсис ёфтааст. Ба вазифаҳои кумита тайёр кардан ва дида баромадани лоиҳаи қонунҳо дар самти мушаххас, тайёр кардани таклифҳо оид ба риояи кафолатҳои ҳуқуқи шаҳрвандон ва муносибат бо ақаллиятҳои миллӣ, тавсияҳо барои вазоратҳо, сохторҳои давлатӣ ва кумитаҳои Сейм оид ба масъалаҳои марбут ба фаъолияти онҳо дохил мешаванд. Самти дигари фаъолияти кумита аз омода кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи муносибат бо литвагиҳои дар хориҷа зиндагикунанда, инчунин, назорати парлумонӣ ба фаъолияти мақомоти масъул барои амалӣ ва риоякунии ҳуқуқи инсон иборат мебошад.

Кумита чун қоида ҳар ҳафта дар ҳолати зарурӣ ҷаласаи ғайринавбатиро даъват намояд. Мувофиқи регламенти кории парламент гурӯҳҳо оид ба масъалаҳои алоҳида ташкил карда мешаванд. Дар байни ин гуна гурӯҳҳои парламентӣ «гурӯҳи баробарӣ» ва «гурӯҳи шаъну шарафи инсон» низ фаъолият мекунанд.

Литва чораҳои махсуси қонунӣ ё дигар чораҳоеро амалӣ наменамояд, ки ба ҳимоя ё дастгирии ҳомиёни ҳуқуқи инсон нигаронида шудаанд. Сейм давра ба давра, вобаста ба масъалаи ҳуқуқи инсон бо иштироки мақомоти давлатӣ ва намояндагони ташкилотҳои ғайридавлатии ҳуқуқи инсон конференсияҳо мегузаронад. Ҳамчунин, он метавонад ба кумаки молиявии давлат дар чаҳорчӯби барномаи умумии дастгирии созмонҳои ғайриҳукуматӣ фаъолияти худро ба роҳ монад.

Дар Литва як қатор созмонҳои ҷамъиятӣ дар самти ҳуқуқи инсон фаъолият менамоянд, ки мақсади асосиашон баррасии шикоятҳои марбут ба поймолкунии ҳуқуқи инсон аз ҷониби мақомоти давлатӣ мебошанд[513].

Маҷлиси Ҷумҳурии Македония якчанд мақомоти кории парлумониро дар бар мегирад, ки ба масъалаи ҳуқуқи инсон машғуланд. Кумитаи доимии парлумон оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд ба масъалаҳои умумии риояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шахс дар кишвар, инчунин, таҳияи қонунгузорӣ аз рӯи самтҳои мушаххас машғул мебошад. Кумита масъалаи риояи муқаррароти Конститутсияи Македонияро оид ба озодӣ ва ҳуқуқҳои асосии шахсӣ баррасӣ мекунад; рафти иҷрои санадҳои байналмилалиро, ки ҳифзи озодӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандонро танзим мекунанд, таҳлил менамояд; бо ташкилотҳои байналмилалӣ, илмӣ ва касбӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳамкорӣ мекунад.

Кумита оид ба сиёсати хориҷӣ рафти иҷрои санадҳои байналмилалӣ ва дастурҳоро дар самти ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд назорат менамояд. Кумита оид ба масъалаҳои Аврупо иҷрои созишнома ва уҳдадориҳои байни Македония ва

---

[513] Ниг.: Международная и внутригосударственная защита прав человека: учебник / А.Х. Абашидзе, З.Г. Алиев, К.Ф. Амиров [и др.]. / под редакцией Р.М. Валеева; Казанский (Приволжский) федеральный университет. – Москва : Статут, 2011. – 828 с.

Иттиҳоди Аврупоро дар соҳаи ҳуқуқи инсон назорат мекунад. Соли 2003 дар парлумон як гурӯҳи ғайрирасмии занони парлумон ташкил шуда буд. Ҳадафи асосии онҳо риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои занон ва баробарии гендерӣ мебошад.

Дар Стортинги Норвегия якчанд кумитаҳое мавҷуданд, ки фаъолияташон бо масъалаи ҳуқуқи инсон алоқаманд аст: оид ба адолат; оид ба назорати конститутсионӣ; оид ба масъалаҳои меҳнат ва таъминоти иҷтимоӣ; оид ба кори калисо, маориф ва таҳқиқот; оид ба оила, фарҳанг ва идора. Дар самти риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши комиссия оид ба назорати намояндагони мақомоти бехатарии давлатӣ назаррас маънидод мегардад. Кумита оид ба равобити байналмилалӣ масъалаҳои марбут ба вазъи ҳуқуқи инсонро дар хориҷ баррасӣ мекунад.

Парлумон Ваколатдори кор бо шаҳрвандонро ба муҳлати 4 сол интихоб мекунад. Ӯ бояд риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандро аз ҷониби мақомоти давлатӣ назорат намояд. Ваколатдор ҳангоми ошкор намудани поймолшавии аз ҳад зиёди ҳуқуқи инсон метавонад ба парлумон ё мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроия гузориш пешниҳод намояд. Ахбороти Ваколатдорро кумитаҳои парламент оид ба омӯзиши қонунгузорӣ ва ҳуқуқи конститутсионӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

Инчунин дар Норвегия Маркази норвегиягии ҳуқуқи инсон, як қатор иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ мавҷуданд, ки фаъолияти онҳо ба ҳуқуқи инсон нигаронида шуда, манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, касбӣ ва этникиро ҳимоя мекунанд. Маркази норвегиягӣ оид ба ҳуқуқи инсон созмони мустақилест, ки дар самти ҳуқуқи инсон фаъолияти таҳқиқотӣ ва таълимӣ мебарад. Марказ як қисми шабакаи ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсон мебошад, ки аз ҷониби СММ ташкил шудааст ва он бо Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон ҳамкории зич дорад. Дар назди Марказ як кумитаи машваратӣ ташкил шудааст, ки ба он омбудсменҳо, намояндагони созмонҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандони одӣ шомиланд. Норвегия барои ҳифзи ҳуқуқи инсон заминаи хуби амалишавии онҳоро таҳия менамояд. Тибқи Конститутсия эҳтиром ва ҳифзи ҳуқуқи инсон вазифаи давлат аст.

Полша доираи васеи ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро расман эътироф ва кафолат медиҳад, ки аксарияти онҳо дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар пешбинӣ шудаанд. Полша иштирокчии Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ ва Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад. Дар Полша ягон қонун ё барномаҳои махсус оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон вуҷуд надорад. Инчунин, мафҳуми «муҳофизи ҳуқуқи инсон» нисбат ба мақомоти давлатӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва шахсони воқеӣ дар қонунгузорӣ вуҷуд надорад[514].

Дар Сейм аз соли 1992 Кумитаи доимӣ оид ба адолат ва ҳуқуқи инсон фаъолият мекунад. Он дар доираи салоҳияти худ назорат аз болои риояи қонунгузорӣ, аз ҷумла, аз ҷониби судҳо, прокурорҳо, нотариусҳо, адвокатура, фаъолияти хадамоти ҳуқуқӣ, мониторинги вазъи ҳуқуқи инсонро амалӣ менамояд. Кумита оид ба ҳама гуна масоили марбут ба ҳуқуқи инсон ба омбудсмен хулоса медиҳад. Ба қатори вазифаҳои асосии кумитаи мазкур таҳлил ва таҳияи хулосаҳо оид ба қабули лоиҳаи қонунҳо, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва таҳияи лоиҳаи қонунҳо, назорати парлумонӣ шомил мебошанд. Аз ёрии экспертию ҳуқуқии хадамоти дахлдори парлумонӣ, инчунин, мушовирони хориҷӣ (онҳо метавонанд аз ҷониби кумита ба вазифаҳои муваққатӣ таъин карда шаванд, дар ҷаласаҳо иштирок намоянд) истифода мешавад.

Сенат дорои Кумитаи доимӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад. Салоҳияти он чунин аст: масъалаи ҳуқуқ, озодӣ ва кафолатҳои институтсионалӣ; масъалаи ба амал баровардани адолати судӣ ва бехатарии ҷамъиятӣ; шикоятҳо дар бораи амалҳои ғайриқонунӣ ва поймолкунии ҳуқуқҳо; муносибат бо институти ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дохил мешаванд. Бо хоҳиши раиси кумита марказҳои илмӣ, донишкадаҳои олӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба кор ҷалб карда мешаванд.

---

[514] Ниг.: Адам Б. Эффективность европейской Конвенции по правам человека в Польше // Сравнительное конституционное обозрение. – 2010. – №3 (76). – С. 64-83.

Мувофиқи қонуни Полша ташкилотҳои ҷамъиятие, ки фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро пеш мебаранд, метавонанд, грантҳо ва маблаггузории давлатро истифода баранд. Дар қонунгузории Полша баъзе меъёрҳои ёрирасон мавҷуданд. Онҳо ба созмонҳо ва муассисаҳои ҳуқуқи инсон имкон медиҳанд то дар мурофиаи ҷиноятӣ иштирок кунанд ё бо масъалаҳои ноболиғон машғул шаванд. Ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ҳуқуқ доранд, ки эрод ва пешниҳодҳои худро ба комиссияҳои парлумонӣ дар шакли шифоҳӣ ё хаттӣ пешниҳод кунанд[515].

Дар парламенти Португалия кумита ё зеркомиссияи махсус оид ба ҳуқуқи инсон мавҷуд нест. Масъалаи ҳуқуқи инсон ба салоҳияти Кумита оид ба масъалаҳои конститутсионӣ, ҳуқуқ, озодӣ ва кафолат ворид мешавад. Кумита на танҳо ба қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқи инсон машғул аст, балки мутобиқати амали ҳукумат ба меъёрҳои ҳуқуқи инсон (масалан, дар ҷойҳои боздоштгоҳ) назорат мекунад ва арзу шикоятҳои шаҳрвандонро баррасӣ мекунад. Кумита дар ташкили чорабиниҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ оид ба масъалаи ҳуқуқи инсон, аъзои кумита бошад, дар ҷаласаҳои якҷояи кумитаҳои парлумонҳои кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо оид ба масъалаи ҳуқуқи инсон иштирок мекунанд. Дар кумита ҳайати доварон барои дарёфти ҷоизаи ҳуқуқи инсони парлумонӣ вуҷуд дорад. Кумита намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятиро ба муҳокимаи проблемаҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон даъват намуда, дар кори худ фикру мулоҳизаҳои онҳоро ба назар мегирад.

Дар Руминия қонунҳои зерини махсуси марбут ба ҳифзи ҳуқуқ амал мекунанд: дар бораи озодии иттилоот; дар бораи ҳифзи дахлнопазирии шахс; дар бораи адвокатҳо; дар бораи мақомоти давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак. Ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсонро Конститутсия кафолат медиҳад.

Дар Палатаи депутатҳо Кумитаи доимӣ оид ба ҳуқуқи инсон, масъалаҳои дин ва ақаллиятҳои миллӣ мавҷуд аст. Он се зеркомиссия дорад: оид ба ҳуқуқи лӯлиҳо, оид ба ҳуқуқи шаҳрвандони дар хориҷа зиндагикунанда, оид ба ҳифзи

[515] Ниг.: Адам Б. Асари ишорашуда. – С. 64-83.

шаъну эътибори инсон. Кумита аз соли 1990 то инҷониб фаъолият намуда, бо мақсади таҳияи ҳуҷҷатҳо ва амалӣ намудани назорати парлумонӣ оид ба масъалаҳои зерини марбут ба салоҳияти худ таъсис дода шудааст: таъмини ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, ақаллиятҳо, озодии эътиқод, озодии ақида ва изҳори он. Кумита бо созмонҳои ғайриҳукуматии миллӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла Институти ҳуқуқи инсон дар Руминия, Ассотсиатсияи ҳуқуқи инсон, Созмони ҳифзи ҳуқуқи инсон ва ғ. ҳамкории зич дорад. Як қатор иттиҳодияҳо ва фондҳо барномаҳои ҳифзи ҳуқуқи инсонро амалӣ мекунанд.

Дар Сербия ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсонро Конститутсия кафолат медиҳад. Муқаррароти ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи инсон дар қонунҳо дар бораи иттиҳодияҳои шаҳрвандон ва дар бораи омбудсмен ифода ёфтаанд. Вазорати ҳуқуқи инсон ва ақаллиятҳо барои таъмини амалӣ ва рушди ҳуқуқи инсон дар сатҳи миллӣ масъул аст, ки бо созмонҳои ғайриҳукуматӣ ҳамкорӣ мекунад.

Парлумони Сербия се кумита дорад: оид ба дархост ва пешниҳодҳо, муносибатҳои байни миллатҳо ва баробарии гендерӣ. Ба салоҳияти кумитаҳо инҳо дохил мешаванд: амалӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳуқуқи кӯдак; татбиқи шартномаҳои байналмилалии тасвибшуда оид ба ҳуқуқи инсон; амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои мардону занон, ақаллиятҳо ва муносибати байни миллатҳо дар Сербия. Масъалаҳои марбут ба ҳуқуқи кӯдакро гурӯҳи кории доимӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак ҳал мекунад[516].

Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Словакия бо як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, Конститутсия, қонунҳо дар бораи озодии дастрасӣ ба иттилоот, дар бораи баробарӣ ва мубориза бо табъиз ва иттиҳодияҳои шаҳрвандон кафолат дода шудаанд. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо Қонун «Дар бораи ҳимоятгари ҷамъиятии ҳуқуқи инсон» танзим карда мешавад. Мақомоти асосии ҳифзи ҳуқуқи инсон дар Словакия Вазорати ҳуқуқи инсони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Словакия мебошад. Тибқи созишномаи байни СММ ва

[516] Ниг.: Международная и внутригосударственная защита прав человека: учебник / А.Х. Абашидзе, З.Г. Алиев, К.Ф. Амиров [и др.]. / под редакцией Р.М. Валеева; Казанский (Приволжский) федеральный университет. – Москва: Статут, 2011. – 828 с.

ҳукумати Словакия, Маркази давлатии Словакия оид ба ҳуқуқи инсон соли 1994 бо мақсади мусоидат ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар кишвар таъсис дода шуд.

Ташкилоти кумаки Словакия дар назди Вазорати корҳои хориҷӣ фаъолият мекунад ва он барномаҳои гуногунро барои мубориза бо табъиз, нажодпарастӣ, бегонаситезӣ ва дигар шаклҳои таҳаммулнопазирӣ роҳандозӣ менамояд.

Соли 1998 Шурои миллӣ Кумитаи доимии ҳуқуқи инсон ва ақаллиятҳоро таъсис дод. Кумита вазифаҳои қонунгузорӣ ва назоратӣ дорад. Ӯ дар мутобиқсозии қонунгузории миллӣ бо талаботи Иттиҳоди Аврупо асосан дар самти мубориза бо табъиз ва ҳифзи ҳуқуқи ақаллиятҳо саҳми арзанда мегузорад. Кумита бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ доимо ҳамкорӣ мекунад. Мунтазам семинарҳо, маърузаҳо, мизҳои мудаввар, машваратҳои парлумонӣ, муҳокимаи ҳисоботи муассисаҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон ташкил карда мешаванд.

Дар Маҷлиси миллии Словения Комиссия оид ба дархостҳо, ҳуқуқи инсон ва имкониятҳои баробар мавҷуд аст. Вазифаи он аз муҳокимаи арзу шикоятҳои шаҳрвандон, таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба мушкилоти иҷрои қонунҳо иборат мебошад. Комиссия инчунин, ба мақомоти салоҳиятдори парламентӣ оид ба масъалаҳои татбиқи қонунгузорӣ маълумот медиҳад, ба онҳо оид ба чораҳои минбаъда ҷиҳати кафолати риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ёрии машваратӣ мерасонад.

Фаъолияти комиссия се самти асосиро дар бар мегирад: мунтазам тафтиш кардани аризаи шаҳрвандон; муҳокимаи ҳисоботи солонаи омбудсмен; амал барои имкониятҳои баробар ва баробарии гендерӣ. Ба вазифаҳои асосии комиссия мансубанд: дида баромадани шикоятҳои шаҳрвандон оид ба проблемаҳое, ки дар рафти иҷрои қонунҳо ба миён меоянд, инчунин, дархосту ташаббусҳо; ба мақомоти парламентӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон ва чораҳои минбаъда маълумот ва машварат додан; мониторинги иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии кишвар оид ба риояи ҳуқуқи инсон; муҳокимаи лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки ба масъалаҳои ҳуқуқу озодиҳо ва имкониятҳои баробари шаҳрвандон алоқаманданд.

Соли 1995 вазифаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Словения таъсис ёфтааст, ки хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии он ва фаъолияти онро Конститутсия ва қонуни махсус танзим мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки пас аз баррасии гузориши солонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон комиссия як қатор тавсияҳо таҳия мекунад, ки тибқи онҳо Маҷлиси миллӣ оид ба фаъолияти мақомоти давлатӣ, намояндагони ҳукумат ва ташкилотҳо ба аҳолӣ хизматрасонӣ пешниҳод менамоянд[517].

Кумитаи ҳуқуқи инсон дар Маҷлиси бузурги миллии Туркия фаъолият мекунад. Кумита соли 1990 таъсис ёфта, иҷрои меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башарро назорат мекунад. Дар соли 2009 Кумита оид ба имкониятҳои баробар барои занон ва мардон таъсис дода шуд. Кумита риояи баробарии занону мардонро назорат мекунад, шикоятҳо ва қонуншиканиҳои марбут ба табъизи гендериро тафтиш мекунад. Кумита оид ба назорати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар Туркия риояи муқаррароти Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдакро назорат мекунад, ҷомеаро аз вазъи ҳуқуқҳои кӯдак дар кишвар огоҳ намуда, чораҳоро ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак меандешад.

Ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсонро дар Финляндия Конститутсия кафолат медиҳад. Давлат ба ҳимояи ҳуқуқи занон, кӯдакон, ақаллиятҳои этникӣ ва мардуми таҳҷоӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунад. Инчунин, дар самти мубориза бо нажодпарастӣ ва табъиз талошҳои зиёде ба харҷ дода мешавад. Ҳукумати Финляндия кӯшиш менамояд, ки бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳамкорӣ кунад, ба ин ташкилотҳо ҳар сол кумаки молиявӣ расонда мешавад.

Дар Эдускунт (парламент) ягон кумита ё зеркумитаи ҳуқуқи инсон вуҷуд надорад ва ин вазифаро Кумита оид ба қонунгузории конститутсионӣ иҷро менамояд. Вазифаи асосии он аз муайян намудани мувофиқатии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (қонуни конститутсионӣ, қонуни интихобот, қонунҳо дар бораи

[517] Ниг.: Искандаров Ш.Ф. Становление и развитие специализированных государственных правозащитных институтов по правам человека в Таджикистане: дис. …канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 142-147.

низоми ҳокимияти иҷроия, системаи ҳизбӣ, дар бораи худидоракунии ҷазираҳои Аланд, шаҳрвандӣ, забон) ба Конститутсияи Финландия мебошад. Назорати парламентӣ маънои онро дорад, ки дар давраи интихобот (4 сол) ҳукумат дар бораи вазъи ҳуқуқи инсон дар Финландия ба парлумон ҳисобот медиҳад. Дар Эдускунт як гурӯҳи ғайрирасмии парлумонӣ бо номи Созмони ҳуқуқи инсон фаъолият мекунад. Вазифаи гурӯҳ муҳокима ва паҳн кардани маълумот дар бораи ҳифзи ҳуқуқи инсон аст. Гурӯҳ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ ҳамкорӣ менамояд.

Хорватия дорои низоми васеи мақомоти давлатӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ мебошад, ки ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар сатҳи маҳаллӣ ва миллӣ машғуланд. Салоҳият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо дар Конститутсия сабт гардида, дар як қатор қонунҳо муфассал муқаррар шудаанд. Қонуни махсус «Дар бораи ихтиёриён» вуҷуд дорад, ки имконият медиҳад то шаҳрвандон ихтиёран ҳуқуқи инсонро ҳимоя кунанд ва онҳо мақоми махсуси ҳифзи ҳуқуқиро доро мебошанд.

Парлумони Хорватия Кумитаи доимии ҳуқуқи инсон ва ақаллиятҳои миллиро таъсис додааст. Ба рушд ва ҳифзи ҳуқуқи инсон кумитаҳои зерин низ машғуланд: Кумита оид ба масъалаҳои конститутсионӣ, низом ва системаи сиёсӣ, Кумитаи ҳамгироии аврупоӣ, Кумита оид ба баробарии гендерӣ ва Кумитаи оила, ҷавонон ва варзиш.

Самтҳои асосии фаъолияти Кумита оид ба ҳуқуқи инсон ва ақаллиятҳои миллӣ инҳоянд: иҷрои созишномаҳои байналмилалии тасвибшуда дар соҳаи ҳуқуқи инсон, назорат аз болои амалисозӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҳияи чораҳои ҳифз ва дастгирии ақаллиятҳои миллӣ.

Кумита оид ба масъалаҳои конститутсионӣ, тартибот ва системаи сиёсӣ бо ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, инчунин ҳуқуқҳои ақаллиятҳои миллӣ, ки Конститутсияи Хорватия муқаррар кардааст, машғул аст. Кумитаи аврупоии ҳамгироӣ ба ҳамоҳангсозии соҳаи ҳуқуқии Хорватия бо низоми ҳуқуқии Иттиҳоди Аврупо, мониторинг ва табодули таҷрибаро бо мақомоти давлатии Аврупо анҷом медиҳад. Кумита оид ба баробарии гендерӣ ба имзои санадҳои байналмиллалӣ оид ба баробарии гендерӣ мусоидат мекунад, татбиқи ин

ҳуҷҷатҳоро назорат намуда, барои риояи принсипҳои баробарии гендерӣ чораҳои заруриро амалӣ менамояд. Кумитаи кор бо оила, ҷавонон ва варзиш иҷрои меъёрҳои қонунгузориро дар масъалаҳои ҳифзи кӯдак, васояту парасторӣ, оила ва никоҳ, ҳифзи меҳнат, таъминоти иҷтимоии ҷавонон назорат мекунад.

Кумита оид ба ҳуқуқи инсон ва ақаллиятҳои миллӣ бо ташкилотҳои илмӣ, ғайриҳукуматӣ, ҷамъиятие, ки дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон ва ақаллиятҳо фаъолият доранд, ҳамкорӣ мекунад. Кумита инчунин, бо намояндагони созмонҳои байналмилалӣ (масалан, САҲА, Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба гурезаҳо) ҳамкорӣ мекунад. Самтҳои асосии ҳамкориро табодули афкор ва таҷриба, омӯзиши санҷишии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон ташкил медиҳад.

Фаъолияти ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Чехия бо қонунгузории миллӣ ва принсипҳои конститутсионӣ таъмин карда мешавад. Давлат ба ҳомиёни ҳуқуқи инсон аз ҳисоби грантҳо кумаки молиявӣ мерасонад. Онҳо аз ҷониби Фонди мусоидат ба ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дода мешаванд. Ҳомиёни ҳуқуқи инсон дар кишварҳои ҷаҳони сеюм аз ҷониби Агентии рушд маблағгузорӣ мешаванд. Грантҳо аз рӯи ҳарду системаи маблағгузорӣ метавонанд танҳо ба созмонҳои ҳуқуқи инсон дода шаванд, на ба шахсони алоҳида.

Дар Сенат масъалаи ҳуқуқи инсон таҳти салоҳияти Кумита оид ба маориф, илм, фарҳанг, ҳуқуқи инсон ва мурофиати шаҳрвандон қарор дорад. Кумита барои татбиқи меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, баррасии лоиҳаҳои қонун ва назорати парлумонӣ дар масъалаи ҳуқуқи инсон, маориф ва фарҳанг масъул аст, ҳамчунин аризаи шаҳрвандон ва ташкилотҳои ғайриҳукуматиро оид ба нақзи ҳуқуқи инсон баррасӣ мекунад.

Дар Палатаи намояндагӣ Кумита оид ба мурофиатҳо мониторинги сиёсати давлатиро дар самти ҳуқуқи инсон ва ақаллиятҳои миллӣ ба амал мебарорад. Ба фаъолияти сохторҳои ҳукуматӣ, аз қабили Шуро оид ба корҳои лӯлиҳо, Шурои ҳуқуқи инсон, Шурои ақаллиятҳои миллӣ, Идораи маъюбон ва Шурои имкониятҳои баробари занону мардон таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Дар кумита зеркумита оид ба ҳуқуқи инсон ва зеркумита оид ба ақаллиятҳои миллӣ

мавҷуд аст. Вазифаи асосии кумитаи мазкур дида баромадани мурочиатҳои (аризаҳои) ба палата дохилшуда мебошад. Он инчунин, дар таҳияи қонунҳо аз рӯи ваколати худ (аз ҷумла, қонунҳо «Дар бораи ҳимоятгарони ҷамъиятӣ», «Дар бораи дастрасии озод ба иттилоот», «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ», «Дар бораи ҳуқуқҳои ақаллиятҳои этникӣ», «Дар бораи политсия» ва ғ.) иштирок менамояд. Кумита фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсонро назорат мекунад, дар таҳияи ҳисоботи солона оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон, муҳокимаи лоиҳаи буҷети давлатӣ дар самти маблағгузории ҳукумат, ҳифзи иттилоот ва институти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон иштирок менамояд.

Конститутсияи Шветсия ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандро муқаррар ва кафолат медиҳад. Ҳимояи ҳуқуқҳои занон, кӯдакон, ақаллиятҳои этникӣ ва халқҳои таҳҷоӣ як соҳаи алоҳидаи сиёсати ҳуқуқи башар мебошад. Ба муборизаи зидди нажодпарастӣ ва поймолкунии ҳуқуқи ақаллиятҳои этникӣ диққати асосӣ дода мешавад. Дар солҳои 2006-2009 Нақшаи миллии амал оид ба ҳуқуқи инсон, ки аз ҷониби ҳукумат таҳия ва аз ҷониби парлумон тасдиқ карда шуда буд, амалӣ карда мешавад. Он тадбирҳоеро дар бар гирифт, ки дар самтҳои гуногуни сиёсати давлатӣ, дар асоси муносибати ҳамаҷониба ба ҳуқуқи инсон амалӣ шудаанд. Иҷроиши нақша ба зиммаи мақомоти давлатӣ ва муниципалӣ дар ҳамаи сатҳҳо вогузор карда шуда буд.

Яке аз тадбирҳое, ки дар нақша пешбинӣ шудаанд, дар Шветсия ташкил намудани Намояндагӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон буд. Вазифаҳои ниҳоди мазкур инҳо буданд: ёрӣ расонидан ба мақомоти давлатӣ ва муниципалӣ дар таъмини риояи пурраи ҳуқуқи инсон дар фаъолияти онҳо; таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон миёни гурӯҳҳои гуногуни мақсаднок, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва Иттиҳоди Аврупо; мусоидат ба мубоҳисаи ҷамъиятӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон; пешниҳод намудани таклифҳо дар бораи тадбирҳои минбаъдаи таъмини риояи доимии ҳуқуқи инсон дар Шветсия.

Дар Шветсия шумораи зиёди созмонҳои ғайриҳукуматӣ оид ба ҳуқуқи инсон фаъолият мекунанд ва давлат ҳамасола ба онҳо кумаки молиявӣ мерасонад. Масалан,

Шурои миллӣ оид ба кор бо ҷавонон барои дастгирии фаъолият оид ба мубориза бо шаклҳои гуногуни таҳаммулпазирӣ се намуди грантҳоро пешбинӣ мекунад[518].

Парлумон (Риксдаг) бо ассотсиатсияҳои гуногун, ки ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон машғуланд, ҳамкорӣ мекунад. Дар Риксдаг кумитаи махсус барои масъалаҳои ҳуқуқи инсон комилан масъул нест. Ин масоил дар доираи салоҳияти якчанд мақомоти парлумонӣ қарор дорад: Кумитаи равобити байналмилалӣ (вазъи ҳуқуқи инсон дар хориҷа, масъалаи ҳуқуқи инсон дар сиёсати хориҷии Шветсия); Кумитаи қонунгузории конститутсионӣ (риояи кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқи инсон); Кумита оид ба корҳои судӣ (риояи ҳуқуқи инсон дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ); Кумитаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ (ҳуқуқи кӯдакон); Кумитаи суғуртаи иҷтимоӣ (ҳуқуқи хориҷиён, муҳоҷирон, гурезагон).

Шумораи зиёди аъзои Риксдаг дар кори гурӯҳҳо ва ассотсиатсияҳои гуногуни парламентии ғайрирасмӣ, ки бо ҳимояи ҳуқуқи инсон алоқамандӣ доранд, иштирок мекунанд. Масалан, Ташкилоти вакилони парламенти Аврупо оид ба Африқои Ҷанубӣ, вакилони парлумон оид ба Тимори Шарқӣ, Гурӯҳи парлумонии Шветсия оид ба демократия ва ҳуқуқи шахсӣ дар Эрон, Кумитаи Тибе фаъолият доранд.

Рийгикоги Эстония сохтори махсуси парламентӣ оид ба ҳуқуқи инсон надорад. Ин масъала дар ихтиёри кумитаҳои қонунгузории конститутсионӣ ва масъалаҳои ҳуқуқӣ қарор дорад. Дар парламент якчанд гурӯҳҳои муттаҳид амал мекунанд: гурӯҳи дастгирии ҳуқуқи кӯдак, гурӯҳи парлумонии зидди савдои одамон, гурӯҳи дастгирии ақаллиятҳои миллӣ ва ғайра.

Аксари кишварҳои аврупоӣ институти омбудсмен (ваколатдор) оид ба ҳуқуқи инсонро таъсис додаанд. Одатан омбудсменҳоро президент, ҳукумат таъин мекунанд ё онҳо аз ҷониби парлумон интихоб мешаванд ва ба онҳо ҳисобот медиҳанд. Дар бисёр кишварҳо омбудсменҳои ҳуқуқи инсон на танҳо дар сатҳи миллӣ (федералӣ), балки дар сатҳи минтақавӣ (вилоятҳо, кантонҳо) ва маҳаллӣ (шаҳрӣ) амал мекунанд.

---

[518] Ниг.: Иванова С.И. К вопросу об истории формирования и развитии института Омбудсмена в Королевстве Швеция // Материалы международной научно-практической конференции. – М., 2019. – С. 369-373.

Бояд гуфт, ки дар як қатор кишварҳо омбудсменҳо оид ба ҳуқуқи кӯдакон ва ҷавонон, ақаллиятҳои этникӣ ва забонӣ, хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, маъюбон, баробарии мардону занон ва ғ. фаъолият мекунанд. Дар баъзе кишварҳо баъзе вазифаҳои омбудсменҳоро мақомоти гуногуни назоратӣ, масалан, дар соҳаи ҳуқуқи меҳнат, расонидани хизматҳои молиявию ҳуқуқӣ, бозори истеъмолӣ, тиб ва ВАО иҷро мекунанд.

Вазифаи Ваколатдори аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон соли 1992 дар заминаи созишномаи Маастрихт оид ба таъсиси Иттиҳоди Аврупо пайдо шудааст. Омбудсмен аз ҷониби Парлумони Аврупо ба муҳлати панҷ сол таъин карда мешавад. Ҳадафҳои асосии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз инҳо иборатанд: таҳкими ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, баланд бардоштани шаффофият ва масъулияти ҳукуматҳо дар қабули қарорҳо. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ваколатдор аст, ки аз шаҳрвандони Иттиҳоди Аврупо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти муассисаҳои давлатии мақомоти ИА муроҷиат намояд.

Дар посух ба муроҷиат ё бо ташаббуси худ Омбудсмен метавонад тафтишот гузаронад. Муассисаҳои Иттиҳодияи Аврупо вазифадоранд, ки ба ӯ ҳама гуна маълумот ва дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳои дахлдорро пешниҳод кунанд. Далелҳои вайронкуниро ошкор намуда, ба муассисаи дахлдор хабар медиҳад ва ба вай тавсияҳо мефиристад. Ба муассиса се моҳ муҳлат дода мешавад, ки посухи муфассал пешниҳод кунад ва пас аз он Омбудсмен гузориши ниҳоиро ба Парлумони Аврупо ё ба ниҳодҳои дахлдор пешниҳод мекунад. Ғайр аз ин, вай аризадиҳандаро аз натиҷаи тафтиш огоҳ менамояд. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳар сол ба парлумон оид ба натиҷаҳои санҷишҳо ва тафтишоти хизматӣ ҳисобот медиҳад.

Дар Андорра Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷониби парлумон (Шурои умумӣ) пас аз тасдиқи номзадии ӯ аз ҷониби 2/3 вакилон таъин карда мешавад. Қарор дар бораи таъини омбудсмен дар рӯзномаҳои расмии князии Андорра нашр мешавад ва баъд аз он вай дар назди парламент савганд ёд мекунад. Вазифаи асосии омбудсмен ҳифз ва эҳтиром кардани ҳуқуқ ва озодиҳои дар Конститутсияи Андорра ифодаёфта мебошад. Шаҳрвандон барои иҷрои талаби худ ба

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон муроҷиат мекунанд, ки дар навбати худ мазмуни шикоятро ба ҳукумат, идора ё муассисаи дахлдор мефиристад. Онҳо бояд дар давоми як моҳ посухи хаттӣ пешниҳод кунанд. Ҳамаи ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ вазифадоранд, ки оид ба масъалаҳои муроҷиату шикоятҳои шаҳрвандон бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамкорӣ кунанд.

Дар Австрия як қатор муассисаҳо мавҷуданд, ки масъулияти назорати риояи ҳуқуқи инсонро доранд. Ба ин муассисаҳо дохил мешаванд: Комиссияи шикоятӣ (барои шикоятҳои хизматчиёни ҳарбӣ мутобиқи Қонуни мудофиа таъсис дода шуда, аз ҷониби парламент таъин карда мешавад); «Ташкилоти омбудсмен» дар судҳои кассатсионӣ; Ваколатдор оид ба муносибати баробарӣ, зидди табъиз ва нажодпарастӣ; Ваколатдор оид ба маъюбон; Ваколатдор оид ба одамони дорои маҳрумияти руҳӣ.

Дар Белгия дар сатҳи федералӣ муассисаи муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон, омбудсмени федералӣ ва якчанд комиссарҳои махсус (барои нафақа, хадамоти почта, ширкати роҳи оҳани миллӣ, телекоммуникатсия, суғурта), инчунин, комиссарони минтақаҳои Фламанд ва Валлон фаъолият мекунанд.

Дар Босния ва Ҳерсеговина институти омбудсмен бахшҳои махсусро оид ба ҳуқуқи кӯдакон, ақаллиятҳо ва ғайра дар бар мегирад, ки дар онҳо омбудсменҳо оид ба баробарӣ, зидди табъиз, ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, вуҷуд надоранд. Омбудсменро парламент таъин мекунад. Барои ин комиссияи махсуси парлумонӣ таъсис дода мешавад, ки он ба таври ошкоро эълони озмун, мусоҳиба, интихоби номзадҳо ва рӯйхатро барои баррасӣ ба палатаҳои парлумон пешниҳод менамояд. Палатаи намояндагон ва палатаи халқҳо се комиссарро ба муҳлати 6 сол таъин мекунанд.

Омбудсмени Булғория аз тарафи Маҷлиси халқӣ ба муҳлати 5 сол интихоб карда мешавад. Ваколатҳои ӯ мумкин аст ба муҳлати дуюм тамдид карда шавад. Омбудсмен бояд шаҳрванди Булғория бошад, маълумоти олӣ дошта бошад, дорои хислатҳои баланди ахлоқӣ бошад ва ба дигар талаботҳо барои номзад ба мақоми намояндаи миллӣ ҷавобгӯ бошад.

Маҷлиси халқӣ Омбудсменро бо аксарияти овозҳо бо овоздиҳии пинҳонӣ аз ҷумлаи номзадҳое, ки фраксияҳои парламент пешбарӣ кардаанд, интихоб мекунад. Агар дар натиҷаи овоздиҳии якум касе аз номзадҳо миқдори зарурии овозҳоро нагирад, овоздиҳии дуюм оид ба ба ду номзаде, ки аксарияти овозҳоро гирифтаанд, гузаронда мешавад.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон пас аз савгандёдкунӣ дар парлумон ба кор шуруъ мекунад. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва муовинони ӯ ҳуқуқ надоранд, вазифаи дигари давлатиро ишғол кунанд, узви ҳизби сиёсӣ ё иттифоқи касаба бошанд, ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд.

Дар Британияи Кабир низоми ягонаи таъини омбудсменҳо ва дигар шахсони мансабдори назоратӣ (сохторҳо) мавҷуд нест. Малика бевосита аудитори генералӣ, комиссияҳои интихоботӣ, комиссар оид ба стандартҳои парлумониро (бо тавсияи Палатаи обшинаҳо) ва омбудсмени парлумониро (бо тавсияи Сарвазир) таъин мекунад.

Дигар омбудсменҳо инҳоянд: Ваколатдор оид ба иттилоот (аз ҷониби малика бо тавсияи Котиби давлатӣ таъин карда мешавад); Ваколатдор оид ба хизмати давлатӣ (аз ҷониби малика бо тавсияи Сарвазир ва Девони вазирон таъин карда мешавад); Комиссари ҳуқуқӣ (аз ҷониби малика бо маслиҳати Лорд-канслер таъин карда мешавад). Инчунин дар Шотландия, Уэлс, Ирландияи Шимолӣ омбудсмен оид ба хадамоти молиявӣ, омбудсмени манзил ва омбудсмени ҳуқуқӣ фаъолият доранд, ки аз ҷониби парлумонҳои маҳаллӣ таъин карда мешаванд[519].

Маҷористон чаҳор комиссари парлумон дорад: оид ба ҳифзи маълумот ва озодии иттилоот; дар бораи ҳуқуқҳои ақаллиятҳои миллӣ ва этникӣ; оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ; дар бораи наслҳои оянда. Вакилони ваколатдор аз ҷониби вакилони парлумон бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ дар асоси пешниҳоди Президенти ҷумҳурӣ интихоб карда мешаванд. Муҳлати ваколати онҳо 6 сол аст. Онҳо метавонанд, дубора интихоб шаванд.

---

[519] Ниг.: Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқ ба саломатӣ: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ. – С. 85-86.

Дар соли 1998 дар Олмон Вазорати корҳои хориҷӣ вазифаи Ваколатдор оид ба сиёсати ҳуқуқи инсон ва кумаки башардӯстонаи ҳукумати федеролиро таъсис дод. Салоҳияти ӯро таҳқиқи ҳуқуқи инсон дар муносибатҳои хориҷӣ ва омода намудани пешниҳоду тавсияҳо барои роҳбари Вазорати корҳои хориҷии Олмон ташкил медиҳад. Ваколатдор бо як қатор муассисаҳои миллӣ ва байналмилалӣ ва созмонҳои ғайридавлатӣ, ки дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон ва кумаки башардӯстона фаъолият доранд, робитаи зич дорад[520].

Дар Испания Омбудсмени миллӣ ва ду муовини ӯ аз ҷониби парлумон интихоб карда мешаванд. Ба салоҳияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон баррасии шикоятҳо нисбат ба мақомоти идораи давлатӣ дохил мешаванд. Инчунин, дар Испания Омбудсменҳои зерин вуҷуд доранд: барои кӯдакон, молия, бонкҳо, муассисаҳои тиббӣ. Ҳамчунин, ҳар як минтақа омбудсмени мухтори худро дорад[521].

Қонунгузории Италия асосҳои таъин намудани омбудсмени ҳуқуқи инсонро дар сатҳи давлатӣ муайян намекунад. Масъалаҳои баррасии шикоятҳо ва назорати кори мақомотро омбудсменҳо дар сатҳи минтақавӣ ва шаҳрӣ ҳал мекунанд. Якчанд минтақаҳо (инчунин, вилоятҳо ва шаҳрҳо) барои гурӯҳҳои осебпазир (кӯдакон, наврасон) ва камбизоат (маҳбусон) мақомоти ҳуқуқи инсон («Гарант») таъсис додаанд. Инчунин, дар сатҳи миллӣ якчанд сохторҳои алоҳида вуҷуд доранд, ки қисман бо институти омбудсмен монандӣ доранд, аз ҷумла, оид ба кафолатҳои алоқа (аз ҷониби парламент интихоб карда мешавад); оид ба ҳифзи маълумоти шахсӣ (парламент интихоб мекунад), оид ба бозор ва кафолатҳои рақобат (аз тарафи раисони Палатаи намояндагӣ ва Сенат таъин карда мешаванд)[522].

Дар Кипр Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон пас аз пешниҳоди Шурои вазирон ва тасдиқи Палатаи намояндагон аз ҷониби Президенти кишвар таъин карда мешавад. Самти асосии фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

[520] Ниг.: Якимова Е.М., Мышенко С.А. Осуществление государственного контроля в сфере защиты прав и свобод человека и гражданина: опыт России и Германии // Право и законодательство. – 2012. – №5.– С. 54-58.
[521] Ниг.: Башимов М.С. Защитник народа Испании // Вестник Института законодательства Республики Казахстан. – 2007. – №3 (7). – С. 22-24.
[522] Ниг.: Шавцова А.В. Уполномоченный по правам человека: зарубежный опыт и прогнозируемая белорусская модель. // Конституционно-правовое регулирование общественных отношений в Республике Беларусь и других европейских государствах: сб. науч. ст.. посвящ. 20-летию каф. Гос., тр. И с.-х. права ГрГУ им.Я.Купалы: Международной научнопрактической конференции. – Гродно, 2009. – С. 59-70.

мубориза бар зидди нажодпарастӣ, бегонаситезӣ ва нобаробарӣ дар соҳаҳои гуногун: меҳнат ва шуғли аҳолӣ, маориф, ҳаракати иттифоқҳои касаба, ҳифзи иҷтимоӣ, тандурустӣ, дастрасӣ ба мол, хизматрасонӣ ва манзил ва ғайра мебошад. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак аз ҷониби Шурои Вазирон баъди мувофиқа кардани номзадии ӯ бо ташкилотҳои кӯдакон таъин карда мешавад. Вазифаи Ваколатдор ҳимоя ва таъмини ҳуқуқи кӯдакон, инчунин, намояндагӣ кардани манфиатҳои онҳо дар ҳама сатҳҳо мебошад.

Институти Омбудсмени Сейми Литва соли 1994 таъсис ёфтааст. Панҷ омбудсмен аз ҳисоби номзадҳое, ки раиси Сейм пешбарӣ кардааст, ба мухлати 5 сол таъин карда мешаванд. Фаъолияти омбудсменҳо аз ҳимоя ва таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба хизматрасонии босифати давлатӣ, иҷрои дурусти вазифаҳои шахсони мансабдор иборат аст. Ду омбудсмен ба кори идораю муассисаҳои марказӣ, се нафар – шаҳрӣ назорат мекунанд. Ҳамаи Омбудсменҳо ҳуқуқ ва ухдадориҳои баробар доранд. Инчунин, Омбудсмен оид ба имкониятҳои баробар (бо шикоятҳо оид ба табъиз дар асосҳои гуногун кор мекунад) ва Ваколатдор оид ба кӯдакон вуҷуд дорад. Нозири одоби журналистӣ аз ҷониби Сейма дар асоси пешниҳоди Комиссияи этикаи рӯзноманигорон ва ноширон таъин карда мешавад. Ӯ шикоят ва аризаҳои одамонро оид ба таҳқир ба шаъну шарафи онҳо дар воситаҳои ахбори омма, вайрон кардани ҳуқуқ ба дахолатнопазирӣ дар ВАО, вайрон кардани истифодаи маълумоти шахсӣ баррасӣ мекунад; иҷрои шартҳои қонунро дар бораи аз таъсири зараровари ахбор муҳофизат намудани ноболиғон назорат мекунад. ӯ инчунин, баррасии мунтазами сиёсатро (ду сол) омода мекунад, ки барои таҳияи дастурҳо оид ба фарҳанг дар соҳаи иттилооти ҷамъиятӣ пешбинӣ шудааст. Ҳамчунин дар назди Вазорати адлия Агентии давлатии ҳифзи ҳуқуқи инсон фаъолият мекунад[523].

---

[523] Ниг.: Шавцова А.В. Уполномоченный по правам человека: зарубежный опыт и прогнозируемая белорусская модель. // Конституционно-правовое регулирование общественных отношений в Республике Беларусь и других европейских государствах: сб. науч. ст.. посвящ. 20-летию каф. Гос., тр. И с.-х. права ГрГУ им.Я.Купалы: Международной научнопрактической конференции. – Гродно, 2009. – С. 59-70.

Дар Люксембург ду сохтор дар соҳаи риояи ҳуқуқи инсон вуҷуд дорад: Омбудсмени миллӣ оид ба идоракунии давлатӣ (аз ҷониби парлумон таъин карда мешавад) ва Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак (аз ҷониби ҳукумат ва Гертсоги бузурги Люксембург таъин карда мешавад).

Дар Македония, мувофиқи Конститутсия ва Қонун «Дар бораи Омбудсмен», Омбудсмен ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро аз нақзи мақомоти давлатӣ ҳимоя мекунад. Тибқи Конститутсия, парлумон Омбудсменро бо аксарияти овозҳои шумораи умумии вакилон таъин мекунад. Муҳлати ваколати ӯ 8 сол аст. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандонро ҳангоми поймол кардани онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дорои ваколатҳои давлатӣ ҳимоя мекунад. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бояд ба ҳимояи принсипи ифодаи баробари манфиатҳои ҷамъиятӣ дар ҳама сатҳҳо ва тамоми соҳаҳои ҳаёт ва муқовимат ба табъиз диққати махсус диҳад. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба мубориза бо табъиз ва риояи принсипи намояндагии баробар дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ, ташкилоту идораҳо диққати махсус зоҳир менамояд.

Парлумони Молдова се вакили парлумонро таъин мекунад, ки фаъолияти онҳо бевосита ба таъмини кафолати риояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон аз ҷониби мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ, ташкилоту корхонаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдори тамоми сатҳҳо нигаронида шудааст. Пешниҳодҳо оид ба номзадҳо ба вакилии парлумон аз ҷониби Президенти кишвар пешниҳод гардида, бо аксарияти овозҳои вакилон дар асоси хулосаи Комиссияи парлумонӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва ақаллиятҳои миллӣ тасдиқ карда мешаванд.

Тибқи Конститутсияи Полша дар кишвар чунин мансабҳо пешбинӣ мешаванд: Ваколатдор оид ба ҳуқуқи шаҳрвандон, ки риояи озодиҳо ва ҳуқуқҳои дар Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайяншударо кафолат дода, аз ҷониби Сейм бо пешниҳоди маршали он ё 35 депутат аз тарафи Сенат тасдиқ карда мешавад; Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, ки бо ҳамин тартиб таъин карда мешавад; Ваколатдор оид ба суғурта (омбудсмени суғурта), ки аз ҷониби Сарвазир таъин карда мешавад.

Вазифаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи шаҳрвандон соли 1987 таъсис ёфтааст. Ӯ ваколатдор аст, ки ҳама гуна ҳолатҳои поймол гардидани ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор тафтиш намояд. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дошта, метавонад фикру мулоҳиза ва пешниҳодҳои худро оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқи инсон ба парлумон пешниҳод намояд, дар баррасии парвандаҳо аз ҷониби Суди конститутсионӣ ва Суди Олӣ бо ҳуқуқи муроҷиат ва иштирок дар баррасии парванда иштирок намояд. Он инчунин бо ассотсиатсияҳо, ҳаракатҳои ташаббуси шаҳрвандӣ ва дигар гурӯҳҳои шаҳрвандӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳамкорӣ мекунад[524].

Дар Португалия институти омбудсмен як мақоми махсуси давлатӣ мебошад, ки барои баррасии шикоятҳо оид ба амалҳои ғайриқонунӣ ё беамалии сохторҳои давлатӣ масъул аст. Омбудсмен бояд бо аксарияти аз се ду ҳиссаи вакилони парлумон таъин карда шавад. Худи Омбудсмен метавонад, ду муовинро таъин кунад ва як қисми ваколатҳоро ба онҳо вогузор кунад.

Омбудсмени Руминия дар соҳаи ҳуқуқи инсон нақши махсус мебозад ва ба риояи ҳуқуқҳои бунёдии инсон дар кишвар таваҷҷуҳи хосса медиҳад. Тибқи Қонуни асосӣ Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷониби ҳар ду палатаи парлумон дар ҷаласаи муштарак интихоб карда мешавад ва мухлати ваколаташ 5 сол аст. Комиссияҳои доимии сенат ва палатаи намояндагон дар асоси тавсияҳои гурӯҳҳои парламентӣ номзадҳоро ба вазифаҳо пешбарӣ мекунанд. Муовинони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо пешниҳоди ӯ аз ҷониби комиссияҳои доимии палатаҳо таъин карда мешаванд. Депутатҳо ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон, баробарии гендерӣ, динҳо, ақаллиятҳои этникӣ, ҳуқуқи кӯдакон, ҷавонон, нафақахӯрон, маъюбон, кормандони артиш, полис, низоми адлия ва ҷазо, дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ, моликият, ҳифзи иҷтимоӣ ва андозбандӣ машғуланд. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва муовинони ӯ ҳуқуқ надоранд ба фаъолияти дигари давлатӣ ва тиҷоратӣ машғул шаванд, ба истисноi фаъолияти омӯзгорӣ.

---

[524] Ниг.: Адам Б. Эффективность европейской Конвенции по правам человека в Польше // Сравнительное конституционное обозрение. – 2010. – №3 (76). – С. 64-83.

Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Сербия бо аксарияти овозҳо Ваколатдор оид ба муносибатҳои ҳукуматӣ ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдаконро таъин мекунанд. Дар сатҳи мунисипалӣ низ ниҳоди омбудсмен вуҷуд дорад. Омбудсмени мунисипалӣ ба муддати 5 сол интихоб мешавад ва метавонад дубора низ интихоб гардад. Дар Сербия ҳамагӣ 12 омбудсмени шаҳрӣ вуҷуд дорад. Дар музофоти худмухтори Воеводина низ ниҳоди омбудсмен мавҷуд аст, ки аз ҷониби Маҷлиси миллии музофот ба муддати 6 сол интихоб шуда, метавонад дуюмбора интихоб шавад.

Омбудсмени Украина назорати парлумониро аз болои риояи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон амалӣ мекунад. Муҳлати ваколати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 5 сол аст. Номзад ба ин мақомро раиси Радаи Олии Украина пешниҳод мекунад ва бояд бо тарафдории на камтар аз чоряки овозҳои шумораи умумии вакилони Рада тасдиқ шавад[525].

Дар Финляндия Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон риояи ҳуқуқу озодиҳои инсонро аз ҷониби мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва дигар субъектҳои ба манфиати ҷамъият амалкунанда назорат мекунад. Парлумони Финляндия Омбудсмен ва ду муовинро ба муддати 4 сол таъин мекунад. Интихобот баъд аз баррасии номзадҳои Кумита оид ба қонунгузории конститутсионӣ баргузор мешавад. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон риояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсонро назорат мекунад ва ҳар сол дар бораи кори худ ба парлумон ҳисобот медиҳад. Президент Канслери адлияро таъин мекунад. Инчунин ҳомии олии қонун дар Финляндия мебошад. Канслер қонунӣ будани амалҳои расмии Ҳукумат ва Президентро назорат мекунад; Президент, Ҳукумат ва вазоратҳоро бо маълумоти ҳуқуқӣ таъмин менамояд; фаъолияти судҳо, мақомот, хизматчиёни давлатиро оид ба қонуният, риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсонро назорат мекунад. Дар Финландия Ҳукумат ваколатдорони зерини ҳуқуқи инсонро таъин карда метавонад: Ваколатдор оид ба ҳифзи маълумот (коркарди маълумоти шахсӣ, маълумоти кредитиро назорат мекунад); Ваколатдор оид ба муфлисшавӣ

[525] Ниг.: Караманукян Д.Т. Современные зарубежные модели института Омбудсмена // Вестник Омского юридического института. – 2011. – №2 (15). – С. 15-18.

(ба риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба муфлисшавӣ назорат мекунад, ташаббусҳо, тавсияҳои методӣ омода мекунад); Ваколатдор оид ба масъалаҳои ақаллиятҳо (назорат ба риояи қонун дар бораи манъи табъиз, таъмини муносибатҳои судманд байни миллатҳо дар ҷомеа, назорат ба риояи ҳуқуқҳои хориҷиён ва ақаллиятҳои этникӣ); Ваколатдор оид ба кор бо кӯдакон (риояи манфиатҳо ва ҳуқуқи кӯдакон, шароити зиндагонии кӯдаконро назорат мекунад; ба таҳияи қонунгузорӣ ва қабули қарорҳои иҷтимоӣ мусоидат менамояд, робитаро бо кӯдакон ва ҷавонон бо мақсади расонидани маълумоти гирифташуда ба қарор қабулкунанда дар ин самт, таъмин менамояд, ба риояи Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак мусоидат мекунад); Ваколатдор оид ба баробарӣ (риояи қонунгузориро дар соҳаи баробарии мардону занон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ назорат мекунад, ба рушди он мусоидат мекунад)[526].

Омбудсмени Ҷумҳурии Фаронса аз ҷониби ҳукумат ба муҳлати 6 сол таъин карда мешавад. Ӯ барои ҳалли баҳсҳои зерин масъул аст: баҳси байни шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва мақомоти марказӣ ва минтақавӣ, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳал кардан ғайриимкон буда, айни замон набояд ба қарорҳои суд таъсир расонанд. Ӯ ба қарорҳои судӣ эътироз менамояд. Қисми зиёди баҳсҳоро намояндагони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ки дар сатҳи ихтиёрӣ дар маҳалҳо кор мекунанд, ҳал мекунанд. шумораи онҳо ба тақрибан 300 нафар мерасад. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон метавонад оид ба ислоҳоти сохторҳои идоракунии давлатие, ки дар ҳолати номувофиқ қарор доранд, ташаббус нишон диҳад. Ӯ роҳҳои ҳалли мушкилоти марбут ба татбиқ нашудани қонунгузориро пешниҳод менамояд. Ӯ ҳар сол дар бораи вазъи ҳуқуқи инсон ба раиси ҷумҳурӣ ва ба палатаҳои парлумон гузориш медиҳад[527].

Омбудсмени Хорватия аз ҷониби парлумони кишвар (Сабором) ба муҳлати 8 сол таъин карда мешавад. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамчун комиссари махсуси парлумон ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва қонунии шаҳрвандонро дар

---

[526] Ниг.: Караманукян Д.Т. Асари ишорашуда. – С. 15-18.
[527] Ниг.: Савенков Д.И. Институт Омбудсмена в зарубежных странах // Современная наука: актуалные проблемы и пути их решения. – Душанбе, 2019. – С. 124-127.

муносибат бо мақомоти давлатӣ ҳимоя мекунад. Ваколатдорони ҳуқуқи кӯдакон, маъюбон ва баробарии гендерӣ низ аз ҷониби парлумон бо пешниҳоди ҳукумат таъин карда мешаванд. Омбудсменҳо дар сатҳи байналмилалӣ бо мақомоти салоҳиятдори давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ мекунанд[528]. Кумитаи парлумон оид ба ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ бо омбудсменҳо ҳамкории зич дорад. Онҳо дар ҳар як ҷаласаи кумита иштирок мекунанд.

Швейцария дар сатҳи федералӣ омбудсмени ҳуқуқи инсон надорад. Аз 26 кантон танҳо панҷтояш омбудсмен доранд. Низоми ягонаи пешбарии (таъин кардани) онҳо мавҷуд нест. Дар кантонҳои Тюрих, Базел-Штадт ва Базел-Лэнд омбудсменҳоро парламентҳои кантоналӣ, дар кантонҳои Вод ва Суг бошад, ҳукумати кантоналӣ таъин мекунанд. Дар сатҳи федералӣ мақомот ва сохторҳое мавҷуданд, ки бо сохторҳои Омбудсмени аз ҷониби парлумон таъсисёфта монандӣ доранд, ба мисли Нозир оид ба сиёсати нархгузорӣ, Нозир оид ба ҳифзи маълумот, Кумитаи федералии мубориза бо нажодпарастӣ.

Шветсия низоми томи омбудсменҳои ҳуқуқи инсонро дорост. Чаҳор омбудсменро парламент (Риксдаг) интихоб мекунад. Сарвари омбудсмени адлия ва се омбудсмен ба муҳлати чор сол интихоб мешаванд.

Омбудсменҳои зерин, ки аз ҷониби ҳукумат таъин шудаанд, барои масъалаҳои мушкилтарини соҳаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ масъуланд, инҳоянд: Омбудсмен оид ба баробарии мардон ва занон; Ваколатдор оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон ва наврасон; Ваколатдор оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои маъюбон; Омбудсмен бар зидди табъиз дар асоси тамоюли ҷинсӣ; Омбудсмен бар зидди табъизи этникӣ; Омбудсмен оид ба ҳуқуқи истеъмолкунандагон.

Инчунин дафтари Ваколатдор оид ба матбуот вуҷуд дорад, ки онро Саридораи ваколатдори Парлумон, Раиси коллегияи адвокатҳо ва роҳбари Шурои ҳамкории матбуот якҷоя таъин мекунанд. Ба ғайр аз ин, дар Шветсия як қатор сохторҳои назоратӣ дар соҳаҳои иттифоқи касаба, васоити ахбори омма, молия ва суғурта, тиб ва таъминоти иҷтимоӣ, хадамоти ҳуқуқӣ амал мекунанд. Дар байни онҳо Шурои

[528] Ниг.: Караманукян Д.Т. Асари ишорашуда. – С. 15-18.

назорати молиявӣ, Шурои давлатӣ оид ба нигаҳдории тандурустӣ ва некуаҳволӣ, Коллегияи адвокатҳои Шветсия низ ҳастанд.

Дар Эстония истилоҳи «омбудсмен» умуман истифода намешавад. Дар амалия вазифаҳои омбудсмен ба салоҳияти шахси мансабдор, ба мисли канслери адлия дохил мешаванд. Вай вазифаи мақомоти мурочиатӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсиониро муттаҳид менамояд. Ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқ доранд, ки барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои худ ба канслери адлия мурочиат кунанд. Канслери адлия бо гузаронидани расмиёти оштӣ дар ҳолатҳои табъиз аз рӯйи аломатҳои чинс, миллат (мансубияти этникӣ), нажод, забон, дин, ақидаи сиёсӣ, вазъи ичтимоӣ, синну сол ва ғайра машғул аст. Канслери адлия бо пешниҳоди Президенти чумҳурӣ бо аксарияти овозҳои вакилони халқ ба муҳлати 7 сол таъин карда мешавад.

Яке аз муассисаҳои марказии Иттиҳоди Аврупо оид ба татбиқи ҳуқуқи инсон дар Аврупо Суди аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон (САҲИ) дар Страсбург (Фаронса) мебошад. Ҳар як шаҳрванди кишвари узви Иттиҳоди Аврупо метавонад мустақиман бо шикоят дар бораи нақзи ҳуқуқҳои худ, ки дар Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ҳифз шудааст, ба САҲИ мурочиат кунад[529]. Ҳамаи давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо мувофиқи уҳдадориҳои худ қарорҳои дахлдори САҲИ-ро қабул ва ба амал мебароранд. Суди Байналмилалии Чиноӣ (СБЧ) дар Гаагаи Нидерландия барои таъқиби чиноятҳои вазнини байналмилалӣ, аз қабили чиноятҳои ҳарбӣ, чиноятҳои зидди инсоният ё геносид масъул аст.

Ҳамин тариқ, дар натичаи таҳқиқоти гузаронидашуда хулосаҳои зерин пешниҳод мешаванд:

1. Тачрибаи таъмин ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар Аврупо дар таносуб бо тачрибаи байналмилалӣ хусусиятҳои худро дорад. Хусусиятҳои тачрибаи риоя, таъмин ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар Аврупо бо дарназардошти омилҳои зерин муайян карда мешаванд:

---

[529] Ниг.: Дмитренко А.А. Международное правосудие и защита прав человека (на примере деятельности Европейского суда по правам человека) // Наука и образование: хозяйство и экономика. – 2017. – №1 (80). – С. 110-112.

– кишварҳои Аврупо таърихан дар пешбарӣ, ифода ва таъмини ҳуқуқи инсон тавассути қабули санадҳои таърихӣ нақши худро доранд;

– дар ҳамаи давраҳои инкишофи таърихӣ дар мамлакатҳои гуногуни Аврупо санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷудогона оид ба ҳуқуқи инсон қабул ва амалӣ шудаанд, ки таҷрибаи риоя ва таъмини ҳуқуқи инсонро ғанӣ мегардонанд;

– дар инкишофи таҷрибаи риоя, таъмин ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар Аврупо ду тамоюли асосӣ мушоҳида мешавад: а) қабул ва амалисозии санадҳои ҳуқуқии ҷудогонаи соҳаи ҳуқуқи инсон дар мамлакатҳои алоҳидаи аврупоӣ бо дарназардошти шароити таърихии онҳо; б) кабули санадҳои ҳуқуқии интегративӣ (умумӣ) дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар дохили ИА, ки боиси наздикшавӣ ва омехташавии таҷрибаи риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон, дар ниҳоди кор, ташаккулу инкишофи таҷрибаи ягонаи аврупоии риоя ва таъмини ҳуқуқи инсон мегардад.

2. Таҷрибаи аврупоии риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ҷузъи таркибии таҷрибаи ҷаҳонӣ мебошад. Кишварҳои Аврупо аъзои фаъоли созмонҳо ва ташкилотҳои бонуфузи соҳаи ҳуқуқи инсон буда, дар таҳкими ҳуқуқи инсон нақши ҳалкунанда доранд. Айни замон бо саъю кӯшиши давлатҳои аврупоӣ дар робита бо сиёсати ҷаҳонишавӣ стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон муайян карда мешаванд. Давлатҳои аврупоӣ, ки таърихан дар ҳошияи сиёсати мустамликадорӣ ва сипас, сиёсати ҷаҳонишавӣ нуфузи худро дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон паҳн намудаанд, барои паҳн намудани стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон дар минтақаҳои дигари ҷаҳон кӯшиш мекунанд. Айни замон доираи муайяни стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон дар робита бо таҷрибаи аврупоӣ ташаккул ёфтаанд. Сиёсати мазкур кумаки молиявӣ, иқтисодӣ, гуманитариро ба давлатҳои муайян, алалхусус, давлатҳои тараққикунанда дар бар мегирад. Бо ин мақсад дар давлатҳои Аврупо ниҳодҳои махсуси молиявию иқтисодӣ таъсис дода мешаванд. Ин ниҳодҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ вазъи ширкатҳои фаромиллиро пайдо мекунанд.

3. Таърихан тачрибаи назарӣ ва амалии соҳаи ҳуқуқи инсон дар қитъаи Аврупо ташаккул ёфта, дертар, дар баробари рушди иҷтимоию иқтисодии

ИМА васеъ мегардад. Ташаккул ва инкишофи иқтидори молиявӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбии ИМА боиси он мегардад, ки таҷрибаи байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон хусусиятҳои аз як тараф ғарбӣ, англсаксонӣ, аврупоӣ-амрикоӣ, атлантикӣ ва аз тарафи дигар ҷаҳонӣ пайдо мекунад. Вале ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ дар Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинӣ, таъсиси давлатҳои соҳибихтиёр дар собиқ кишварҳои мустамлика, сиёсати мустақилонаи ин давлатҳо, бештар зоҳир гардидани хусусиятҳои давлатҳои исломӣ ва дигари ҷаҳон (Чин ва кишварҳои дигари Осиёи Ҷануби Шарқӣ), ҳамчунин, бархӯрди тамаддунҳо ба кӯшиши ИМА ва давлатҳои Аврупо дар самти ташаккул ва паҳн намудани таҷрибаи ягонаи (универсалии) ҷаҳонии ҳуқуқи инсон таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Ба ин нигоҳ накарда, таҷрибаи амрикоӣ-аврупоии соҳаи ҳуқуқи инсон дар робита бо хусусиятҳои англосаксонӣ, атлантикӣ-шимолӣ, протестантӣ, католикӣ такмил меёбад. Таҷрибаи мазкур айни ҳол ҷузъи сиёссати ИМА ва давлатҳои Аврупо мебошад. Нуфузи давлатҳои абарқудрати ИМА ва Аврупо имконият медиҳад, ки сиёсати мазкур дар саросари ҷахон бо истифода аз фишангҳо ва ниҳодҳои гуногуни молиявӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ, таҳсилотӣ, фарҳангӣ, хукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ паҳн карда шавад.

4. Таҷрибаи соҳаи ҳуқуқи инсон шартан «аврупоӣ» мебошад, чунки дар асл таҷрибаи аврупоӣ аз ҳудуди давлатҳои Аврупо берун мебарояд. Дар таркиби сохторҳои сиёсии давлатҳои Аврупо ниҳодҳои махсус бо мақсади назорат, санҷиш ва ҳатто тафтиши риояи ҳуқуқи инсон дар давлатҳои дигари ҷаҳон таъсис дода мешаванд. Дар ҳолатҳои халалдор гардидани ҳуқуқи инсон дар давлатҳои гуногун сохторҳои ҳукматӣ, парлумонӣ, ғайриҳукуматии Аврупо вокуниш изҳор мекунанд, намояндагони худро бо истифода аз имкониятҳои ташкилотҳои аврупоӣ (Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Ваколатдори Шурои Аврупо, Суди аврпоии ҳуқуқи инсон ва дигар) мефиристанд, ниҳодҳои махсуси босалоҳият таъсис медиҳанд.

## 3.3. Таҷрибаи давлатҳои Амрикои Лотинӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон

Дар низоми ҳимояи ҳуқуқи инсон дар давлатҳои Амрикои Лотинӣ институти омбудсмен мавқеи асосиро ишғол мекунад. Институти мазкур барои таҳкими демократия дар давлатҳои Амрикои Лотинӣ нақши муҳимро иҷро менамояд[530]. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон масъалаи поймолшавии ҳуқуқи инсонро дар заминаи санадҳои қабулшуда мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Агар санади мушаххас қабул нагардида бошад, вале ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба таври назаррас поймол гардад, дар ин сурат Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мустақилона метавонад, барои бартараф намудани ҳолати мазкур саҳмгузорӣ намояд[531].

Таърихи пайдоиши институти Омбудсмен дар Амрикои Лотинӣ ду даҳсолаи охирро дар бар мегирад ва он аз модели Омбудсмени Испания сарчашма гирифтааст. Конститутсияи Испания аз соли 1978 институти муҳофизи ҷамъиятиро муқаррар мекунад, ки аз ҷониби генерал Кортес ваколатдор карда шуда, баҳри ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шахс таъин карда мешавад (моддаи 54). Ба салоҳияти асосии муҳофизи ҷамъиятӣ «назорат намудан аз болои фаъолияти маъмурият» вогузор карда шудааст. Қонуни аслӣ аз 6-уми апрели соли 1981 ниҳоди мазкурро ҳамчун воситаи хеле нозук ва дар айни замон самараноки назораткунанда аз болои фаъолияти мақомоти давлатӣ дар сурати суиистифодаи онҳо аз ваколатҳои мансабӣ маънидод намудааст[532].

Имрӯз дар аксарияти давлатҳои демократӣ институти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таъсис ёфта, доираи салоҳиятҳои он рӯ ба афзоиш дорад. Илова бар ин, Иттиҳоди Аврупо дар соли 1995 аввалин Омбудсмени аврупоиро мувофиқи Созишномаи Маастрихтӣ таъин кард. Оғози таъсиси институти омбудсмен дар

---

[530] В странах Латинской Америки институт омбудсмена носит следующие названия: «Defensor del Pueblo»; «Procurador de los Derechos Humanos and Comisionado Nacional de Derechos Humanos».
[531] Ниг.: Андреева Г.Н. Конституционное право зарубежных стран. – М., 2009. – С. 231.
[532] Ниг.: Институт омбудсмена на планете Земля / под ред. проф. А.Н. Соколова. Калининград: КлЮИ МВД России. – 2005. – С. 92.

кишварҳои Амрикои Лотинӣ ба давраи империяи инкҳо рафта мерасад. Дар он давра падидаи (Trucuyricuy) «касе, ки ҳама чизро мебинад» васеъ паҳн мешавад. Он аз болои фаъолияти Шурои императорӣ назорат мекард. Пас аз он ки испаниҳо соли 1589 ба сари ҳокимият омаданд, вазифаи муҳофизи ҳиндуҳои Амрико барқарор карда шуд, ки бо омадани Фрей Бартоломе де Лас Касас алоқаманд мебошад.

Тавре ки муаррихи испанӣ Рафаэл Алтамираи Кревеа қайд мекунад, «агар шумо тамоми қонунҳои сершумори аз соли 1518 то 1700 қабулшударо ба ёд оред (Tecopilicatio ndelas leyesde Indias), пас шумо мебинед, ки дар ҳамаи ин қонунҳо муқаррароти зерин таъкид мешавад: дастурҳои суботкорона ба роҳибони иеремитҳо (баҳри назорат аз рафтори испаниҳо) ва ҳукуматдорони маҳаллӣ ҷиҳати иҷрои қатъии ҳамаи фармонҳои мутааллиқ ба ҳиндуҳои Амрико; додани маслиҳати доимӣ оид ба муносибати нарм бо онҳо; таъмин намудани ҷазо нисбат ба онҳое, ки ҳиндуҳои Амрикоро ҳамчун ғулом ба кор ҷалб менамоянд, онҳоро аз вақти муқарраршуда зиёд кор мефармоянд, онҳоро аз ҷои истиқомати доимиашон берун мекунанд ва дигар шаклҳои муносибати ғайриинсониро нисбат ба онҳо татбиқ менамоянд; фармонҳое, ки вазъи ҳуқуқии «патронҳо» ва ҳомиёни ҳиндуҳои Амрикоро танзим мекунанд»[533].

Бо вуҷуди ин, раванди таъсис ва ворид кардани институти омбудсмен ба низоми ҳуқуқии муосири Амрикои Лотинӣ дар давраи ба истилоҳ гузариш ба демократия, инчунин, дар замоне, ки ҷанги сард ва бартарияти доктринаи миллӣ ва амниятӣ дар нимаи дуюми асри XX дар тамоми минтақа ҳукмрон буд, алоқаманд аст. Пайдо шудани институти омбудсменро метавон далели ин тағйирот донист, зеро то ин муддат, дар кишварҳои минтақа мақомоти назорати иҷрои қарорҳои хизматчиёни давлатӣ, ки фаъолияташон ба ҳифзи ҳуқуқи инсон нигаронида шуда буд, вуҷуд надошт[534].

Пайдо шудани чунин падида, ба монанди институти омбудсменро метавон посух ба холигии равшане арзёбӣ кард, ки дар баъзе давлатҳои Амрикои Лотинӣ

[533] Ниг.: Середа А.Г. История конституционализма в испаноговорящих государствах Латинской Америки: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2003. – С. 19-20.
[534] Ниг.: FIO and IIDH. Informe de La Secretaria Tecnica. Period 2000-2001. November 2000 - September 2001.

дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон дар замони диктатураи ҳарбӣ ва низоъҳои дохилӣ дар Амрикои Лотинӣ солҳои 1970 ва 1980 вуҷуд дошт. Поймолкунии ҳуқуқи инсон дар он замон, боиси таъсиси институти омбудсмен гардид. Ҳуқуқшиноси мексикоӣ Хорхе Мадразо намунаи омбудсмени Амрикои Лотиниро «Омбудсмени шариф» номид.

Модели Омбудсмени Амрикои Лотинӣ ба моделҳои Шветсия ва Испания асос ёфтааст. Мутобиқи эҳтиёҷоти як кишвари мушаххас дар минтақаи таъиншуда, институти омбудсмен ба механизми зарурии назорат аз суиистифодаи мақомот ва шахсони алоҳида табдил ёфт[535].

Ҳарчанд институти омбудсмен дар Амрикои Лотинӣ ба моделҳои қаблан вуҷуддошта асос ёфта бошад ҳам, модели Амрикои Лотинӣ бо тағйироти сохти конститутсионии он замон, яъне бо раванди гузариш аз реҷаи авторитарӣ ба демократия робитаи сабабӣ дорад. Дар баробари ин, модели амрикои лотинии омбудсмен модели классикии омбудсменро бо ду унсур пурра мегардонад. Аз як тараф, бидуни бекор кардани назорат аз болои суиистифода аз ваколатҳо дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва ба ҳифзи ҳуқуқи инсон афзалияти зиёд дода мешавад. Аз тарафи дигар, омбудсмен ваколатдор аст, ки парвандаҳоро ба ҳукумат ирсол намояд то намояндагони охирин тавонанд дар ҳолати зарурӣ таъқиби ҷиноиро оғоз намоянд. Омбудсмен, инчунин вазифаи тарбиявиро доро мебошад[536].

Дар Амрикои Лотинӣ аксар маврид фаъолияти омбудсмен дар ҳимояи ҳуқуқи инсон назар ба мақомоти судӣ самараноктар аст. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ дар мавриди ҳимояи ҳуқуқи инсон на ба таври расмӣ ва на қонунӣ маҳдуд карда намешавад. Гузашта аз ин, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон як мақоми мустақил буд ва барои хизматрасонӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳо маблағ намеситонид. Барои хубтар дарк кардани махсусияти ин ниҳод бояд ба вазъи иҷтимоӣ ва сиёсии Амрикои Лотинӣ, ки то таъсиси институти Омбудсмен вуҷуд дошт, рӯ овард. То ибтидои солҳои 80-ум сардории

[535] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.defensoriadelpueblo.gob.pa. (санаи мурочиат: 11.11.2023с.).
[536] Ниг.: Garcia Laguardia, Jorge Mario. Reflexiones sobre el Ombudsman en America Latina y su proceso de nombramiento. Guatemala, 1997.

ҳукуматро дар як қатор мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ ҳарбиён бар уҳда доштанд. Онҳо дар баъзе мавридҳо якдигарро иваз карда, натиҷаҳои интихоботро сохтакорона аз худ мекарданд ва ё ғайриқонунӣ ба сари ҳокимият меомаданд. Чунин ҳолат дар Парагвай ва Никарагуа низ вуҷуд дошт[537].

Он замон, давраи диктаторӣ ҳукмфармо буд, ки аз ҷониби кишварҳои пешрафта пуштибонӣ мешуд ва онҳо бовар доштанд, ки диктатура субот меорад ва бо мавҷи муъҷизавӣ рушди иқтисодиро такомул медиҳад ва баъд демократия меояд[538]. Дар ин давлатҳо волоияти қонун ва ниҳодҳои мустақили демократӣ вуҷуд надоштанд. Онҳо ба шаҳрвандон имкон намедоданд, ки дар робита ба поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ даъво пешниҳод кунанд. Дар ин давра вайронкунии оммавии ҳуқуқи инсон ба амал омад. Ҳукумати баъзе аз давлатҳои Амрикои Лотинӣ барои бедаракии маҷбурӣ, куштани шахсоне, ки корашон ба ҳимояи ҳуқуқи инсон ё танқиди реҷаи мавҷуда алоқаманд аст, супориш медоданд.

Аввалин институти Омбудсмен дар Амрикои Лотинӣ то соли 1985 таъсис ёфта, дар Конститутсияи Гватемала сабт шудааст. Илова бар ин, дар асоси Конститутсия комиссияи парлумонӣ оид ба ҳуқуқи инсон таъсис дода шуд[539]. Дар заминаи Созишномаи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон, ки соли 1994 қабул гардида буд, ҳукумат ва гурӯҳи саркаши «Иттиҳоди Миллии Инқилобии Гватемала» (URNG) вазифадор гардиданд, ки ҷиҳати иҷрои вазифаҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон монеа эҷод накунанд, инчунин принсипҳои бунёдии таъминкунандаи волоияти қонунро риоя мекунанд, монеаҳои қаблан бударо ғайриқонунӣ эътироф менамоянд. Ҳамчунин дар асоси созишномаи ишорашуда ҳукумати Гватемала масъулият бар дӯш гирифт то барои фаъолият ва таҳкими минбаъдаи институти омбудсмен шароити техникӣ ва моддӣ фароҳам оварад.

---

[537] Генерал Альфредо Стресснер возглавлял государство Парагвай с 1954 по 1989 г., и три поколения Сомозас были у власти в государстве Никарагуа с 1933 по 1979 г.

[538] Ниг.: История государства и права зарубежных стран / под общ. ред. Н.А. Крашенинниковой и О.А. Жидкова. М.: Издательская группа "НОРМА-ИНФРА-М", 2008. – С. 493.

[539] Ниг.: Garcia Laguardia, Jorge Mario and Edgar Alfredo Ballsells Tojo. El Procurador de los Derechos Humanos, Coleccion Cuadernos de Derechos Humanos, Guatemala, 1997. – P. 47.

Дар Ҷумҳурии Салвадор дар ҷараёни ислоҳоти конститутсионии соли 1991 институти Омбудсмен таъсис дода шуд[540].

Дар Аргентина чанд нафар аъзои Палатаи намояндагон дар соли 1975 лоиҳаи қонунеро пешниҳод карданд, ки мақсади он таъсис додани институти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон буд ва ваколатҳои онро Конгресс муайян мекард. Ин иқдом бо дарназардошти вазъи сиёсии кишвар бенатиҷа монд. Табаддулоти давлатӣ, ки соли 1976 ба вуқуъ пайваст, боиси таъсиси ҳукуматҳои низомӣ гардид ва то соли 1983 давом кард. Соли 1993 бо Фармони Президент Карлос Менем, пас аз даҳ соли хотима ёфтани диктатураи ҳарбӣ, институти омбудсмен таъсис дода шуд. Соли 1994 мавқеи институти мазкур дар сатҳи конститутсионӣ муайян карда шуд.

Дар Парагвай, ки аз соли 1954 то соли 1989 аз тарафи диктатураи ҳарбӣ тасарруф шуд, салоҳияти Омбудсмен дар Конститутсияи соли 1992 сабт шуда буд. Аммо ба мардуми Парагвай лозим омад, ки то муайян шудани номзади аввалин ба мақоми Омбудсмен 9 сол интизор шаванд.

Дар Никарагуа, Гондурас институти омбудсмен дар давраи гузаштан ба принсипҳои демократии идоракунӣ дар охири реҷаҳои ҳарбӣ ва диктаторӣ ба вуҷуд омад.

Дар Никарагуа институти Омбудсмен соли 1995 дар сатҳи конститутсионӣ моҳияти худро пайдо намуд.

Дар Гондурас институти Омбудсмен соли 1992 бо фармони махсус таъсис ёфт. Салоҳияти таъин намудани Ваколатдор ба уҳдаи президент гузошта шудааст. Баъдтар, ислоҳоти конститутсионии соли 1994 ба амал омад, ки он ба таври қонунӣ вазифаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсонро дар сатҳи конститутсионӣ муайян намуд.

Таъсиси институти омбудсмен дар Перу ва Колумбия беназир аст. Сарфи назар аз он ки ҳар ду кишвар қоидаҳои умумии ҳуқуқии шаҳрвандиро риоя мекарданд, ба саҳнаи муноқишаҳои тулонӣ ва ҷиддии мусаллаҳона рӯ ба рӯ гардиданд, ки поймолшавии оммавии ҳуқуқи инсонро ба миён овард. Бо

[540] Ниг.: Середа Г.А. Асари ишорашуда. – С. 178.

дарназардошти ин, соли 1993 дар Конститутсияи Перу барои таъсиси институти омбудсмен сухан рафт, вале нахустин омбудсмен танҳо соли 1996 ба фаъолияти корӣ оғоз намуд. Конститутсияи Колумбия бошад, соли 1991 меъёри мушаххасро ҷиҳати таъсис додани институти омбудсмен дар худ ҷой дод.

Дар Америкои Лотинӣ давлатҳое ҳастанд, ки дар онҳо сарфи назар аз мавҷуд будани диктатураи ҳарбӣ, дар кори идоракунӣ камбудиҳои ташкилӣ ҷой доштанд ва онҳо барои барпо намудани речаи демократӣ таъсир расониданд. Масалан дар Мексика тамоюли мустаҳкам намудани ҳукмронии танҳо як ҳизби сиёсӣ дар давоми 70 сол вуҷуд дорад. Соли 1990 дар мисоли модели мавҷудаи Гондурас институти Омбудсмен (баъдтар Комиссияи миллии ҳуқуқи инсон) ташкил карда шуд. Ин ниҳод вазифаҳои худро дар чаҳорчӯбаи Вазорати корҳои дохилӣ анҷом медод[541]. Бо ислоҳоти конститутсионии соли 1992 ба Комиссияи миллии ҳуқуқи инсон мустақилияти комил дода шуд.

Соли 1999 ба Конститутсияи Мексика тағйирот ворид карда шуд ва ба Сенат ваколати таъин кардани раиси Комиссияи миллии ҳуқуқи инсон, инчунин, таъмини дахлнопазирии онро вогузор кард. Қонуни Мексика, ҳамзамон ташкили комиссияҳои минтақавии ҳуқуқи инсонро дар ҳар як штат ва ноҳияи федералӣ пешбинӣ мекунад.

Дар байни давлатҳое, ки институти омбудсменро доранд, Коста-Рика ягона давлатест, ки аз задухӯрдҳои мусаллаҳона зарар надида, дар низоми демократии кишвар ягон тағйирот ба амал наомадааст. Дар соли 1979 аввалин кӯшиши таъсиси ин институт бо ворид намудани тағйирот ба моддаи 48-и Конститутсия сурат гирифта буд. Соли 1982 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи прокуратура» қабул карда шуд, ки дар он идораи ҳифзи ҳуқуқи инсон таъсис дода шуд. Мақомоти мазкур функсияи ҳимояи ҳуқуқи инсонро ба амал мебаровард.

Институти омбудсменро имрӯз чунин давлатҳои Америкои Лотинӣ, аз қабили Аргентина, Боливия, Колумбия, Коста-Рика, Эквадор, Салвадор, Гватемала, Гондурас, Мексика, Никарагуа, Панама, Парагвай, Перу ва Венесуэла

---

[541] Ниг.: Fix Zamudio, Hector. Los Derechos Humanos, in: Memoria del 4° Congreso Nacional de Derecho Constitucional III, Instituto de Investigaciones Juridicas de la UNAM, Mexico, 2001.

доро мебошанд. Ассотсиатсияи байналмилалии адвокатҳо ба таври расмӣ институти Омбудсменро ҳамчун институте муайян мекунад, ки мавқеи ҳуқуқии он дар Конститутсия ё қонунгузорӣ мустаҳкам шуда, фаъолияти шахсони мансабдори давлатиро назорат намуда, шикоятҳои шахсони ҷабрдидаро аз болои фаъолияти мақомоти давлатӣ қабул менамояд, метавонад тафтиши мустақилона анҷом диҳад, ҷиҳати тағйир ёфтани вазъ маслиҳатҳо диҳад ва оид ба вазъи ҳуқуқи инсон ҳисобот манзур намояд[542].

Вазъи ҳуқуқии институти омбудсмен дар аксарияти конститутсияи давлатҳои Амрикои Лотинӣ нишон дода шудааст, ба истисноии Коста-Рика, Панама ва Эквадор. Дар ин давлатҳо вазъи ҳуқуқии институти омбудсмен тавассути қонунҳои алоҳида ба танзим дароварда мешавад.

Бо мустаҳкам шудани мақоми омбудсмен дар Конститутсия фаъолияти онҳо кафолату мустақилияти бештарро пайдо мекунад, зеро барои тағйир додан ё барҳам додани институти омбудсмен бояд ба Конститутсия тағйирот ворид карда шавад. Ин раванди мураккабтар аз тағйир ва бекор кардани қонун тафовут дорад. Ҳангоми интихоб намудани номзад ба мансаби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон диққати асосӣ ба ҳолати ахлоқӣ ва виҷдонии ӯ дода мешавад, зеро худи Ваколатдор дар мадди аввад бояд «устоди виҷдон» бошад. Азбаски қарорҳои Омбудсмен ҳатмӣ нестанд, таъсири онҳо аз бисёр ҷиҳат ба салоҳияти шахси мансабдор вобаста аст. Ин маънои онро дорад, ки омбудсмен бояд ба ахлоқи ҷомеа мувофиқат кунад, то эътибори кори худро баланд бардорад. Ӯ бояд ниҳодҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандиро ба ҳам наздик созад. Эътибори ҳуқуқии қарорҳои омбудсмен на ба қонун, балки ба боварибахш будани далелҳои ӯ ва қобилияти ба даст овардани эътимоди мақомоти давлатӣ ва матбуот асос ёфтааст. Афкори ҷамъиятӣ дар баланд бардоштани эътибори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон нақши бузург мебозад. Муҳимтарин роҳи таъсиррасонӣ ба мақомот аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ин ошкор намудани рафтори мансабдорони давлатӣ мебошад. Ваколатдор

---

[542] Ниг.: Комарова В.В. Уполномоченный по правам человека в Российской Федерации // Государство и право. – 1999. – № 9. – С. 21.

оид ба ҳуқуқи инсон ба онҳо тавсияҳо медиҳад. Ин яке аз ваколати асосии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон маҳсуб меёбад[543].

Ҳар як давлат тартиби худро барои интихоби шахс ба вазифаи омбудсмен муқаррар кардааст. Муҳиммияти ин масъала дар он аст, ки омбудсмен бояд мустақил бошад, то вазифаҳояшро бидуни бартарият ба ягон ҳизби сиёсӣ ё ҳукумат иҷро кунад.

Мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ барои интихоб кардан ба вазифаи омбудсмен аз воситаҳои гуногун истифода мебаранд. Дар аксари онҳо омбудсмен дар асоси қонунӣ интихоб мегардад, аммо дар ин ҳолат консенсус аз байн меравад ва дар натиҷа шумораи кофии овозҳо ҷамъ намешавад. Дар баъзе ҳолатҳо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо на кам аз 2/3 овозҳои аз шумораи аъзои ба мақоми дахлдори давлатӣ тааллуқдошта интихоб карда мешавад. Дар ҳолатҳои дигар ба таври аксарияти мутлақ, бо шумораи зиёди овозҳо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба вазифа интихоб карда шавад[544].

Дар як қатор давлатҳо, ҳокимияти иҷроия омбудсменро таъин мекунад. Масалан дар Колумбия рӯйхати номзадҳо ба Президент пешниҳод карда мешавад, дар Панама бошад, Президент метавонад номзадеро, ки Ассамблея пешниҳод кардааст, иваз намояд. Тартиби интихоби Омбудсмен дар Боливия сазовори таваҷҷуҳи махсус аст. Қонун тартиби кушодеро муқаррар мекунад, ки тавассути он ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонад номзадҳоро пешниҳод кунанд ё рад кунанд. Дар Никарагуа номзадҳоро депутатҳо бо розигии ташкилотҳои ҷамъиятӣ пешбарӣ мекунанд. Дар Перу Омбудсмен тавассути иттилоот дар «Рӯзномаи расмӣ» интихоб карда мешавад, сипас, рӯйхати номзадҳо нашр карда мешавад, ки он мувофиқи номзадҳои пешниҳодкардаи ҷомеа метавонад тағйир дода шавад. Як омили муҳимми ширкати ҷомеаи шаҳрвандӣ дар идоракунӣ ва назорати раванди интихобот мебошад. Ин барои

---

[543] Ниг.: Вагизов, Р.Г. Понятие омбудсмена (уполномоченного по правам человека) в современной правовой доктрине // Российская юстиция. – 2008. – № 11. – С. 43.
[544] Ниг.: Искакова Ж.Е. Институт Омбудсмена: опыт стран Латинской Америки // Право и государство. – 2011. – №3 (52). – С. 120-127.

он заруруаст, ки дар ҷараёни интихобот фишори сиёсӣ сурат нагирад ва Омбудсмен тавонад, кори худро мувофиқи талаботи ин ниҳод анҷом диҳад.

Муовини Омбудсмен шахсияти муҳим аст, зеро қонунҳои баъзе давлатҳои Амрикои Лотинӣ ба Омбудсмен салоҳияти таъин ва барканор кардани муовинро медиҳанд. Дар Боливия, Омбудсмен метавонад танҳо бо ризоияти Сенат муовинро таъин ё аз вазифа барканор кунад.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон пас аз интихоб шуданаш то ба охир расидани мухлати ваколати муқаррарнамудаи қонун ваколатҳои худро иҷро мекунад. Аксари давлатҳои Амрикои Лотинӣ (Аргентина, Боливия, Мексика, Панама, Парагвай, Перу, Гватемала ва Никарагуа) муҳлати ваколати Омбудсменро панҷ сол муқаррар намудаанд. Дар Аргентина, Боливия, Мексика, Панама, Парагвай, Перу ба муҳлати дуюм интихоб шудани омбудсмен пешбинӣ карда шудааст. Аммо дар Гватемала ва Никарагуа ин тартиб пешбинӣ карда нашудааст. Дар баъзе кишварҳо муҳлати ваколатҳои Ваколатдор чор сол аст. Колумбия, Коста-Рика ва Эквадор барои дубора интихоб шудан ба вазифаи омбудсмен иҷозат додаанд. Дар Гондурас муҳлати шашсола ҷорӣ шудааст ва интихоби такрории он муаяйн гардидааст. Салвадор муҳлати сесоларо муқаррар намудааст, дар Венесуэла мухлати ҳафтсолаи таҷдиднашаванда дорад. Талабот нисбат ба довталабон барои мансаби омбудсмен инҳоянд: онҳо бояд дар қаламрави давлат таваллуд шуда бошанд (Боливия, Колумбия, Эквадор, Гондурас, Мексика ва Венесуэла), дар дигар ҳолатҳо қонун бавосита ё мустақиман ба номзадии шаҳрванди натурализатсияшуда иҷозат медиҳад (Аргентина, Салвадор)[545].

Дар қонунҳои баъзе давлатҳои Амрикои Лотинӣ ба таври возеҳ муқаррар карда шудааст, ки Омбудсмен набояд ҳуқуқшинос бошад, дар ҳоле, ки номзад ба вазифаи Омбудсмен доштани донишҳои ҳуқуқиро дар самти ҳимояи ҳуқуқи инсон тақозо менамояд. Дар қонунгузории Колумбия, Эквадор, Гватемала ва Перу ба вазифаи Ваколатдор шахсе интихоб карда мешавад, ки дорои маълумоти

545 Ниг.: Искакова Ж.Е. Институт Омбудсмена: опыт стран Латинской Америки // Право и государство. – 2011. – №3 (52). – С. 120-127.

ҳуқуқшиносӣ мебошад, қонунгузории Панама бошад, тақозо менамояд то Ваколатдор дорои маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ бошад[546]. Қонунгузории Аргентина, Боливия, Салвадор, Гондурас, Никарагуа, Коста-Рика, Мексика, Венесуэла доштани маълумоти ҳуқуқшиносиро аз Ваколатдор талаб наменамоянд. Дар аксарияти давлатҳои Амрикои Лотинӣ надоштани доғи судӣ ҳамчун шарти асосии интихоб ва пешбарӣ намудани номзад ба мансаби Ваколатдор мебошад. Танҳо қонунгузории Боливия ба ҷо овардани хизмати ҳарбиро шарти асосии интихоб намудан ба мансаби Ваколатдор пешбинӣ менамояд[547].

Яке аз махсусиятҳои асосии ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсонро мустақилияти он ташкил медиҳад. Аксарияти давлатҳои ҳавзаи баррасишаванда дахлнопазирии Ваколатдорро дар сатҳи конститутсионӣ ва қонунгузории соҳавӣ ҷой додаанд. Дар аксарияти қонунҳои давлатҳои Амрикои Лотинӣ ба таври возеҳ ишора мешавад, ки Ваколатдор ҳангоми ба амал баровардани ваколатҳои худ мустақил аст ва танҳо ба Конститутсия ва қонунгузории миллӣ итоат менамояд. Ҳолатҳои истисноӣ низ ба назар мерасанд. Масалан, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Колумбия таҳти назорати прокуратураи генералӣ қарор дорад. Инчунин бояд тазаккур дод, ки роҳҳои гуногуни маҳдуд намудани мустақилияти Ваколатдор дар қонунгузории давлатҳои Амрикои Лотинӣ ба мушоҳида мерасад[548].

Дар баъзе маврид аз нигоҳи сохторӣ маҳдуд намудани ваколатҳои Ваколатдор ба мушоҳида мерасад, махсусан маҳдудияти ваколатҳои ӯ вобаста ба соҳаҳои алоҳида. Инчунин маҳдудият ҳангоми ба таври назаррас маблағгузорӣ накардани ниҳоди мазкур ба вуҷуд меояд. Яке аз камбудиҳои асосии ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ин надоштани иродаи сиёсӣ мебошад ва ин имкон намедиҳад, то Ваколатдор дар сатҳи шоиста ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои инсонро ба роҳ монад.

---

[546] Ниг.: Теплякова Д.В. Институт защитника народа в Республике Перу // Вестник МГИМО университета. – 2015. – №1 (40). – С. 111-116.

[547] Ниг.: Искакова Ж.Е. Институт Омбудсмена: опыт стран Латинской Америки // Право и государство. – 2011. – №3 (52). – С. 120-127.

[548] Ниг.: Теплякова Д.В. Институт защитника народа в странах Латинской Америки: отдельные аспекты конституционно-правового регулирования // Право и управление. – 2014. – №1 (30). – С. 131-137.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамчун ниҳоди махсусгардонидашуда ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти худ бояд меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳоро ба таври қатъӣ риоя намояд.

Бештари давлатҳои Амрикои Лотинӣ мустақилияти Ваколатдорро дар сатҳи конститутсионӣ мустаҳкам намуда, дахлнопазирии ӯро ҷиҳати иҷрои самараноки фаъолияташ кафолат медиҳанд. Масалан, Эквадор ба Ваколатдор ҳамон дахлнопазириеро додааст, ки аъзои Конгресс дорад. Аммо давлатҳое ҳастанд, ки фаъолияти омбудсменро дар конститутсияҳояшон сабт накардаанд ва ба ӯ имтиёз намедиҳанд. Масалан дар Коста-Рика, Панама ва Колумбия Омбудсмен ва кормандони вай ягон имтиёз ва масуният надоранд.

Аксари кишварҳои Амрикои Лотинӣ дар қонунгузории худ сабабҳои аз вазифа барканор кардани Омбудсменро ошкоро баён мекунанд. Ба ҳайси ин ҳолатҳо баромад мекунанд: ба охир расидани муҳлати ваколат, истеъфо ё марг. Баъзе давлатҳо (Гватемала ва Салвадор) иштироки Ваколатдорро дар фаъолияти сиёсӣ ҳамчун шарти аз вазифа барканор шудани Ваколатдор унвон кардаанд. Инчунин, яке аз шартҳои дигари аз вазифа барканор намудани Ваколатдор ин аз ҷониби ӯ вайрон намудани муқаррароти Конститутсия ва қонунҳо ба ҳисоб меравад. Бояд тазаккур дод, ки дар баъзе давлатҳо (Коста-Рика, Никарагуа ва Перу) ба Ваколатдор ҳуқуқи ҳимояи судӣ қабл аз тарк намудани вазифа дода шудааст.

Ниҳоди Ваколатдор дар Перу ва Колумбия дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошанд. Қонунгузории Перу пешбинӣ менамояд, ки Ваколатдор дар сурати иҷро карда натавонистани ваколатҳои худ ё ба истеъфо рафтан метавонад ворили худро таъин намояд[549]. Қонунгузории Колумбия ба президент салоҳият додааст то номзадро ба вазифаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон пешниҳод намояд, агар номзади қаблӣ ваколатҳои худро иҷро карда натавонад. Гузашта аз ин, дар асоси муқаррароти Конститутсия президент то интихоби Ваколатдори нав аз ҷониби Конгресс Ваколатдори муваққатиро таъин мекунад.

---

[549] Ниг.: Теплякова Д.В. Институт защитника народа в Республике Перу // Вестник МГИМО университета. – 2015. – №1 (40). – С. 111-116.

Заминаи меъёрии ҳуқуқие, ки ниҳоди Ваколатдорро танзим мекунад, бояд мустақилияти молиявиро кафолат диҳад, зеро самаранокии фаъолияти Ваколатдор аз он вобастагии зич дорад. Амалияи баъзе аз давлатҳои Америкои Лотинӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки дар ин давлатҳо бо мақсади кам кардани таъсиррасонии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба фаъолияти мақомоти давлатӣ, маблағгузории буҷетӣ ба таври бояду шояд анҷом дода намешавад. Дар натиҷа Ваколатдор наметавонад, дар шакли дахлдор фаъолияти худро ба роҳ монад. Аз ин рӯ, баъзе аз ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ пешниҳод намуданд то буҷети Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон зери назорат қарор дода нашавад.

Ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳуқуқ дода шудааст то тамоми масъалаҳои марбут ба соҳаи идоракунии давлатӣ, инчунин, масъалаҳоеро, ки дар Конститутсия, шартномаҳои байналмилалӣ ва қонунгузорӣ доир ба ҳифзи ҳуқуқи инсон пешбинӣ шудаанд, зери назорат қарор диҳад.

Салоҳияти Ваколатдор дар самти тафтиши парвандаҳо бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошад: а) аризаҳое, ки ба Ваколатдор ворид мешаванд ба талаботи расмӣ ҷавобгӯ бошад ва ҳамзамон кумак бояд сари вақт расонида шавад; б) қарорҳои Ваколатдор санадҳои давлатиро тағйир намедиҳанд ва эътибори расмиёти ҳуқуқӣ надоранд; в) доираи фаъолият бо чаҳорчӯбаи давлатӣ маҳдуд аст; г) қарорҳои қабулнамудаи ваколатдор ҳатмӣ нестанд; д) тавсияҳои омбудсмен бояд ба ҳама паҳн карда шаванд, зеро ин барои таҳкими фаъолият ва қонунияти конститутсионӣ муҳим аст[550].

Қонунгузории конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он нишон медиҳад, ки Ваколатдор дар Америкои Лотинӣ шахси боэътимод буда, барои татбиқи раванди демократикунонӣ, ҳалли мушкилоти ҷомеа ва муайян намудани меъёрҳои демократӣ нақши боризро иҷро менамояд.

---

[550] Ниг.: Теплякова Д.В. Институт защитника народа в странах Латинской Америки: отдельные аспекты конституционно-правового регулирования // Право и управление. – 2014. – №1 (30).– С. 131-137.

**Низоми байниамрикоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон**. Низоми ҳимояи ҳуқуқи инсон, ки дар муҳити Ташкилоти Давлатҳои Амрико ҷой дорад, ки бо баъзе махсусиятҳояш аз низоми минтақавии ҳимояи ҳуқуқи инсон дар Иттиҳоди Аврупо фарқ менамояд. Яке аз тафовутҳои асосӣ он аст, ки фаъолияти низоми байниамрикоии ҳимояи ҳуқуқи инсон дар заминаи се ҳуҷҷати бунёдӣ ба роҳ монда шудааст: Оинномаи Ташкилоти Давлатҳои Амрико, Эъломияи амрикоӣ оид ба ҳуқуқу вазифаҳои инсон ва Конвенсияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон. Агар тибқи ҳуҷҷати якум давлатҳои аъзои созмон вазифадоранд, ҳуқуқу озодиҳои инсонро бидуни фарқияти нажодӣ, миллӣ, динӣ ва ҷинсӣ кафолат диҳанд, пас ҳуҷҷатҳои дигар ба ҳимояи ҳуқуқи инсон ва пешбурди амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита равона гардидаанд.

Аҳаммияти Эъломияи амрикоӣ оид ба ҳуқуқ ва вазифаҳои инсонро қайд намуда, пеш аз ҳама, бояд ёдовар шуд, ки санади мазкур шаш моҳ пеш аз Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (соли 1948) қабул шудааст. Яъне, Эъломияи мазкур яке аз аввалин санадҳое мебошад, ки дар он ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ моҳияти худро пайдо намудаанд. Дар баробари он ки Эъломия ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар худ ҷой додааст, даҳ вазифаи асосии инсон ва шаҳрвандро пешбинӣ менамояд: вазифаҳои шахс дар ҷомеа, вазифаҳои фарзандону волидон, гирифтани таҳсил, ба қонун итоат намудан, худдорӣ аз фаъолияти сиёсӣ дар давлати хориҷӣ, ба ҷамъият ва давлат хизмат намудан, пардохт намудани андоз, меҳнат кардан ва ғ.

Соли 1959 ТДА дар бораи Комиссияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон қарор қабул кард ва соли 1978 Конвенсияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон эътибори ҳуқуқӣ пайдо намуд. Ҷолиби диққат аст, ки дар давоми қариб 20 сол Эъломияи мазкур ҳамон ҳуҷҷате буд, ки асоси фаъолияти Комиссияи байниамрикоиро ташкил медод. Аз замони эътибори ҳуқуқӣ пайдо намудани Конвенсияи байниамрикоӣ, Комиссия дар фаъолияти худ онро ба роҳбарӣ гирифта, муқаррароти онро нисбат ба тамоми давлатҳои аъзои ТДА татбиқ менамояд, сарфи назар аз он ки онҳо санади мазкурро ратификатсия кардаанд ё не. Ҳамин тавр, ҳолати ғайримуқаррарӣ рӯи кор омад, ки мувофиқи он дар доираи як низоми минтақавии

ҳимояи ҳуқуқи инсон (низоми байниамрикоӣ) ду зернизом амал менамояд: дар яке аз онҳо ба сифати ҳуҷҷати асосӣ Эъломияи амрикоӣ (ҳуҷҷати хусусияти ҳатмӣ надошта) ва дар зернизоми дигар ба сифати ҳуҷҷати асосӣ Конвенсияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон (ҳуҷҷати ҳатмӣ, ба роҳбарӣ гирифта мешавад[551].

Конвенсияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон 22 ноябри соли 1969 қабул шуда, 18 июли соли 1978 эътибор пайдо кардааст. Ҳуҷҷати мазкур дар конфронси дуюми махсуси байниамрикоӣ дар Сан-Хосе қабул шуда, аз ин хотир, номи дуюми он Паймони Сан-Хосе мебошад. Ҳуҷҷати зикршуда ба монанди Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон шартномаи байналмилалии бисёртарафаи навъи пӯшида мебошад. Танҳо кишварҳои аъзои Ташкилоти Давлатҳои Америко ҳуқуқи тасдиқ кардан ё ҳамроҳ шуданро доранд.

Бо эътибор пайдо кардани Конвенсия дар соли 1978 раванди 30-солаи ташаккули низоми минтақавии ҳимояи ҳуқуқи инсон дар Ташкилоти Давлатҳои Америко ба анҷом расид, ки яке аз марҳилаҳои асосии рушди қонунгузорӣ дар самти ҳуқуқи инсон дар доираи ниҳоди мазкур маънидод мегардад. Акнун марҳилаи дигар, яъне марҳилаи амалисозии меъёрҳои Конвенсия, Оинномаи ТДА ва Эъломияи амрикоӣ оид ба ҳуқуқ ва вазифаҳои инсон шурӯъ гардид. Ҳамин тариқ, ин раванд, дар давлатҳои аъзои ТДА нисбат ба давлатҳои аъзои Шурои Аврупо вақти зиёдтарро гирифт[552].

Номгӯи ҳуқуқу озодиҳое, ки дар Конвенсияи байниамрикоӣ мавҷуданд, аз доираи ҳуқуқҳои анъанавии шахсӣ ва сиёсӣ берун намебароянд. Ҳуқуқ ва озодиҳое, ки дар Конвенсияи байниамрикоӣ дарҷ гардидаанд, бо ҳуқуқ ва озодиҳои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ шабеҳият доранд. Аммо ҳуқуқҳои дар Конвенсия инъикосёфта нисбат ба ҳуқуқҳои дар Паймон дарҷгардида васеътар мебошанд. Аз ҷумла, он ҳуқуқи кӯдак ба ном, ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ, ҳуқуқ ба баробарӣ дар назди қонун, ҳуқуқ ба паноҳгоҳро дар бар мегирад.

---

[551] Ниг.: Хейфец В.Л., Хадорич Л.В. Достижения и проблемы межамериканской системы защиты прав человека в новом региональном контексте // Вестник Санкт-Петербурского университета. – 2015. – №3. – С. 99-112.

[552] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://hrlibrary.umn.edu/russian/hrtsbook/Reurostandards-Rchapter5.2.html (санаи муроҷиат: 11.11.2023с.).

Ба механизми назоратии Конвенсия, ки аз Комиссия ва Суд иборат аст, ҳама гуна шахс ё гурӯҳи шахсон, инчунин, ташкилоти ғайриҳукуматӣ, ки дар як ё якчанд давлати аъзои Ташкилоти Давлатҳои Америка қонунан фаъолият менамоянд, ҳуқуқ доранд бо аризаву шикоят дар бораи вайрон кардани меъёрҳои Конвенсия аз тарафи давлати аъзоро (тибқи моддаи 44-и Конвенсия) ирсол намоянд. Ин муқаррарот барои ҳар як давлати узви Конвенсия аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад. Айни замон муқаррарот оид ба мурочиати як давлати узв нисбат ба дигар давлати узв дар робита ба вайрон кардани уҳдадориҳо, ки дар Конвенсия пешбинӣ намудааст, ихтиёрӣ мебошад.

Ҳама дархостҳо бояд ба Комиссия фиристода шаванд ва дар аввал онҳо барои қабулу баррасӣ ирсол мегарданд. Меъёрҳои қабули дархост дар доираи Конвенсияи байниамрикоӣ ба таври васеъ ба меъёрҳои Конвенсияи аврупоӣ мувофиқат мекунанд. Дар сурати қобили қабулдониста шудани шикоят, Комиссия онро тафтиш мекунад. Аз рӯйи натиҷаҳои баррасии шикоят комиссияи байниамрикоӣ санад тартиб медиҳад, ки дар он хулоса дар бораи вайрон кардани Конвенсия зикр мегардад. Баъдан Комиссия ба Суди байниамрикоии ҳуқуқи инсон мурочиат мекунад.

Дар маҷмуъ, вазифаҳои Комиссияро пешбурд ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ташкил медиҳанд. Барои иҷрои ин вазифаҳо ба Комиссия ваколатҳои зерин дода шудаанд: пешниҳоди тавсияҳо ба ҳукуматҳои давлатҳои аъзои ТДА оид ба такмили қонунгузории миллӣ ва масъалаҳои ҳуқуқи инсон; мусоидат намудан ба амалисозӣ ва риояи ҳуқуқи инсон, ки дар Конвенсияи байниамрикоӣ эълон карда шудаанд; омода намудани ҳисоботҳо ва тадқиқотҳо, ки Комиссия барои иҷрои вазифаҳои худ зарур мешуморад; баррасии шикоятҳо дар бораи поймолкунии ҳуқуқи инсон аз ҷониби давлати иштирокчии Конвенсия. Тавре ки мушоҳида мешавад, Комиссияи байниамрикоӣ як қатор вазифаҳоеро иҷро менамояд, ки дар собиқ Комиссияи аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон (ҳоло бошад, Суди Аврупоӣ) мушоҳида намешаванд.

Суди байниамрикоии ҳуқуқи инсон як низоми мустақили судӣ буда, масъулияти идора ва тафсири Конвенсияи байниамрикоиро ба уҳда дорад. Танҳо

давлатҳои аъзои Конвенсия ва Комиссияи байниамрикоӣ ҳуқуқ доранд парвандаро ба Суд пешниҳод кунанд. Қарори суд оид ба парвандаҳои баррасишаванда барои тарафҳо ҳатмист ва мавриди шикоят қарор гирифтани он мумкин нест. Бо дархости яке аз тарафҳои парванда Суд метавонад, ҳукми худро тавзеҳ диҳад[553].

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини Суд андешидани чораҳои муваққатӣ «дар ҳолатҳои ниҳоят муҳим ва таъхирнопазир, инчунин, дар ҳолатҳои зарурӣ барои пешгирии расонидани зарари ҷуброннашаванда ба шахс» мебошад (банди 2-и моддаи 63-и Конвенсияи байниамрикоӣ). Ҷолиби диққат аст, ки ин гуна чораҳоро суд ҳам аз рӯйи парвандаҳое, ки аллакай дида баромадааст ва ҳам аз рӯйи парвандаҳое, ки ҳоло дар баррасии комиссияи байниамрикоӣ қарор доранд, ҳал карда метавонад. Бо дарназардошти шароити махсуси Амрикои Лотинии муосир, ин тадбирҳо дар ҳимояи шоҳидон аз зӯроварӣ дар ҳолатҳои поймолкунии ҳуқуқи инсон нақши мусбат бозиданд.

Суди байниамрикоӣ дар тафсири муқаррароти худи Конвенсия ва дигар шартномаҳои марбут ба ҳимояи ҳуқуқи инсон дар Амрико салоҳияти машваратӣ дорад. Доираи масъалаҳое, ки Суд метавонад аз рӯйи онҳо хулосаҳои машваратӣ диҳад, нисбат ба доираи масъалаҳои дар Конвенсияи аврупоӣ дарҷёфта, васеътар мебошанд. Тибқи низоми аврупоӣ хулосаҳои машваратиро танҳо аз ҷониби Шурои вазирони Иттиҳоди Аврупо дархост кардан мумкин аст. Вале тибқи Конвенсияи байниамрикоӣ, давлатҳои аъзои ТДА ва мақомоти ин созмон ҳуқуқ доранд ба Суди байниамрикоӣ оид ба ин масъала муроҷиат намоянд. Илова бар ин, Суди байниамрикоӣ ҳуқуқ дорад, ки тибқи дархости ҳар як кишвари узви Ташкилоти Давлатҳои Амрико дар бораи мувофиқати ҳар қонуни ин давлатҳо ба муқаррароти Конвенсия ё дигар шартномаҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон хулоса диҳад[554].

Аз нигоҳи В. Карташкин, фаъолияти назоратии мақомоти мазкур дар доираи низоми байниамрикоӣ «амалан бесамар гардид»[555]. «Амалисозии воқеии низоми

[553] Ниг.: Проблемы Латинской Америки и международное право. – М., 1995. – С. 124.
[554] Ниг.: Хейфец В.Л., Хадорич Л.В. Достижения и проблемы межамериканской системы защиты прав человека в новом региональном контексте // Вестник Санкт-Петербургского университета. – 2015. – №3. – С. 99-112.
[555] Ниг.: Карташкин В. А. Права человека в международном и внутригосударственном праве. – С. 97.

ҳимояи ҳуқуқи инсон дар асоси меъёрҳои муқаррарнамудаи Конвенсияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон бо он сабаб бесамар аст, ки бо вазъи кунунии дар минтақаи мазкур ҷойдошта мувофиқат намекунад»[556].

Таҳқиқоти гузаронидашуда имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин асоснок карда шаванд:

1. Таҷрибаи эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар Амрикои Лотинӣ дар муқоиса бо таҷрибаи аврупоӣ ва ИМА хусусиятҳои худро дорад. Ба ташаккули ин хусусиятҳо омилҳои зерин таъсир расонидаанд:

а) шароити таърихие, ки дар кишварҳои Амрикои Лотинӣ ташааккул ёфта, хусусиятҳои фарҳангӣ, тамаддунӣ ва сиёсии худро дорад;

б) дарки ба худ хоси ҳуқуқҳои инсон ва умуман, ҳамаи падидаҳои ҳаёти ҷомеа, ки инсон ва ҳуқуқҳояш робита доранд;

в) таъсири қаблии сиёсати мустамликадорӣ ба халқҳои Амрикои Лотинӣ, ки аз тарафи давлатҳои Аврупо амалӣ шуда, боиси ташаккули нобоварӣ, хусумат, эътироз дар шуури ҷамъиятии ин халқҳо нисбат ба мустамликадорон гардидааст;

г) тафовути тамаддуни фарҳангӣ ба дарку амалисозии ҳуқуқи инсон дар Амрикои Лотинӣ ва ташаккулу инкишофи таҷрибаи ин соҳа таъсир мерасонад;

д) сиёсати мустақилонаи пешгирифтаи давлатҳои Амрикои Лотинӣ ва саъю кӯшиши онҳо ба ҳимояи соҳибихтиёрии хеш ҷузъи таҷрибаи соҳаи ҳуқуқи инсон буда, муқобилияти фаъоли халқҳои ин минтақа ба сиёсати давлатҳои абарқудрати ғарбӣ ба инкишофи таҷрибаи мазкур таъсири самарабахш мерасонад, аз ҷумла, мустақилияти онро дар тафовут аз таҷрибаи аврупоӣ ва ИМА таъмин мекунад;

е) саъю кӯшиши фаъоли давлатҳои Амрикои Лотинӣ дар соҳаи таъмини мустақилияти сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ, ки аз ҳаракати миллӣ-озодихоҳии қаблӣ маншаъ мегирад, боиси қабули санадҳои мустақили минтақавии соҳаи ҳуқуқи инсон гардид, ки хусусиятҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ доранд.

2. Таҷрибаи эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар давлатҳои Амрикои Лотинӣ бо ду роҳ ташаккул ёфта, инкишоф меёбад: а) ташаккули таҷрибаи миллии

[556] Ниг.: Карташкин В. А. Права человека в международном и внутригосударственном праве. – С. 159.

соҳаи ҳуқуқи инсон дар ҳар як давлати мустақили ин минтақа; б) ташаккули таҷрибаи минтақавии соҳаи ҳуқуқи инсон дар заминаи қабули санадҳои ҳуқуқии минтақавии ҳуқуқи инсон, таъсису фаъолияти мустақилонаи созмонҳо ва ташкилотҳои минтақавии (иттиҳодии) соҳаи ҳуқуқи инсон, робитаҳои устувори байни давлатҳои мазкур дар соҳаи ҳуқуқи инсон инкишоф меёбад.

3. Дар байни унсурҳои гуногуни таҷрибаи соҳаи ҳуқуқи инсон, ки дар Амрикои Лотинӣ ташаккул ёфтааст, нақши муҳимро падидаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мебозад. Ваколатдор оид ҳуқуқи инсон дар давлатҳои ҷудогонаи ин минтақа вазъи ҳуқуқии гуногун дошта, айни замон хусусиятҳои зерини умумӣ дорад: а) мустақилияти бештар дар ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ; тартиби махсуси таъин ва фаъолияти ниҳоди мазкур; б) инъикоси вазъи ҳуқуқии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар сатҳи Конститутсия ва қонунҳои махсус; в) доираи васеи ваколатҳои Ваколадор оид ба ҳуқуқи инсон, ки ҳимояи ҳуқуқи инсонро самаранок таъмин мекунанд; г) масъулияти бештари Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар муқоиса бо минтақаҳои дигар; д) эътибори ҷиддии давлатҳои Амрикои Лотинӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таъсису фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон; е) нуфузи баланди Ваколадор оид ба ҳуқуқи инсон дар механизми миллӣ ва минтақавии ҳимояи ҳуқуқи инсон дар муқоиса бо минтақаҳои дигар.

4. Таҷрибаи эътироф, таъмин, ҳифзи ҳуқуқи инсон дар Амрикои Лотинӣ мустақилона ва дар доираи сиёсати соҳибихтиёронаи давлатҳои ин минтақа ташаккул ёфтааст. Таҷрибаи мазкур таърихан ҷудо аз таҷрибаи аврупоӣ ташаккул ёфтааст, ки мустақлияти онро таъмин мекунад. Санадҳои ҳуқуқии минтақавии ҳуқуқи инсон дар Амрикои Лотинӣ пеш аз қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон таҳия ва қабул шудаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таҷрибаи соҳаи ҳуқуқи инсон дар Амрикои Лотинӣ мустақилона, бо дарназардошти ҳадафҳо ва манфиатҳои миллии давлатҳои ин минтақа ташаккул ёфтааст. Таҷрибаи соҳаи ҳуқуқи инсон, ки дар минтақаи Амрикои Лотинӣ ташаккул ёфтааст, то имрӯз мустақилияти худро тавассути роҳандозии сиёсати мустақилонаи ин давлатҳо нигоҳ медорад. Раванди ҷаҳонишавӣ, бархӯрди тамаддунҳо, ихтилофоти фарҳангӣ

ба мустақилияти таҷрибаи соҳаи ҳуқуқи инсон дар Амрикои Лотинӣ замина мегузорад. Давлатҳои Амрикои Лотинӣ, гарчанде аз лиҳози ҷуғрофӣ бо ИМА наздиканд, таҷрибаи мустақили соҳаи ҳуқуқи инсонро, сарфи назар аз фишори сиёсӣ ва геосиёсии ИМА нигоҳ ва ҳимоя мекунанд. Ба раванди ҳифзи мустақилияти таҷрибаи мазкур ҳодисаҳои дахолати ҳарбӣ, сиёсӣ, молиявӣ ва дигари ИМА ба давлатҳои Амрикои Лотинӣ (Никарагуа, Куба, Гватемала ва дигар) таъсир расонидаанд. Дар натиҷа, дар Амрикои Лотинӣ таҷрибаи мустақилонаи соҳаи ҳуқуқи инсон дар таносуб аз Амрикои Шимолӣ (ИМА, Канада) ташаккул ёфтааст. Ба раванди мазкур омилҳои дигар, аз ҷумла сиёсати мустамликадорӣ, таъқиби ҳиндуёни амрикоӣ, афзоиши шумораи табақаҳои камбизоат ва бенавои аҳолӣ таъсир расонидаанд.

## 3.4. Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Африқо ва Чин

Асоси ҳимояи ҳуқуқи инсонро дар минтақаи Африқо Хартияи африқоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи халқҳо[557] – санади минтақавӣ, ки дар доираи Ташкилоти Ягонагии Африқо (ТЯА) қабул шудааст, ташкил медиҳад. Мақсади Хартияи мазкур мусоидат намудан ба эҳтиром ва ҳимояи ҳуқуқи инсон дар минтақаи Африқо мебошад. Ба монанди Конвенсияи аврупоӣ, Хартия низ ба ҷумлаи шартномаҳои шакли «пӯшида» шомил аст ва аъзои он танҳо кишварҳои узви ТЯА шуда метавонанд.

Матни Хартия 27 июни соли 1981 дар иҷлосияи 19-уми Ассамблеяи сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои Ташкилоти Ягонагии Африқо, ки дар Найроби (Нигерия) барпо гардида буд, қабул ва барои имзо кушода шуд. Шартномаи баррасишаванда 21-уми октябри соли 1986 эътибор пайдо кард. Хартияи африқоӣ нисбат ба санадҳои болозикр (Конвенсияи аврупоӣ ва Конвенсияи байниамрикоӣ) шартномаи минтақавии нисбатан фарогир мебошад, зеро давлатҳои аъзо онро қариб бе тавзеҳот эътироф намудаанд. Конвенсияи аврупоӣ ва Конвенсияи байниамрикоӣ чунин мавқеъ надоранд.

[557] Баъзан Хартияи африқоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва халқҳо ном бурда мешавад.

Хусусияти хоси Хартияи африқоӣ дар он аст, ки он воқеияти сиёсии қитъа, инчунин, анъанаҳои таърихии халқҳои Африқо, арзишҳои тамаддуни Африқоро инъикос мекунад. Он аз шартномаҳои минтақавии аз ин пеш дар доираи Иттиҳоди Аврупо ва Ташкилоти Давлатҳои Амрико қабулшуда ба куллӣ фарқ мекунад. Хартияи африқоӣ на танҳо барои қитъаи Африқо, балки бо дарназардошти афзоиши шумораи шартномаҳои минтақавии ҳуқуқи инсон, ки ба эҳтиёҷот ва манфиатҳои махсуси минтақа нигаронида шудаанд, ҳамчун ҳуҷҷати беназир баҳогузорӣ карда мешавад.

Баъзе аз вижагиҳои Хартия, ки дар айни замон навовариҳои консептуалӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравданд, инҳоянд:

– эътирофи ҳуқуқи халқҳо дар баробари ҳуқуқи инсон («насли сеюм»-и ҳуқуқи инсон);

– эътирофи тақсимнашавандагии ҳуқуқи инсон, ки дар Хартия ба сифати ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ифода мегардад;

– эътирофи ҳуқуқ ба инкишоф ҳамчун ҳуқуқи инсон;

– эълон намудани як қатор уҳдадориҳои асосие, ки ба зиммаи шахс дар муносибатҳои ӯ бо оила, ҷомеа, ҷамъият, давлат, инчунин, дигар шахсони аз ҷониби қонун муқарраргардида ва ҷомеаи ҷаҳонӣ гузошта шудаанд;

– муносибати аниқу муайяни коллективӣ (оила, ҷамъият, шахс) ба ҳуқуқи инсон. Шахси алоҳида мувофиқи Хартия бояд манфиатҳои ҷомеаро дар мадди аввал қарор диҳад. Дар навбати худ ҷомеа чун «қадами ҷавобӣ» уҳдадор аст, ки ҳуқуқи ҳамаи аъзои худро ҳимоя кунад.

Хартия – шартномаи байналмилалии бисёрҷониба мебошад, ки ба истилоҳ «насли сеюм»-и ҳуқуқи инсонро муқаррар мекунад. Аз ин рӯ, шартномаи мазкур дар рушду ташаккули ҳуқуқҳои байналмилалии инсон саҳми назаррас дорад. Як қатор ҳуқуқҳое, ки дар Хартия пешбинӣ шудаанд, хеле васеъ, вале дар айни замон ба мазмуни маҳдуд ифода ёфтаанд. Ин аз як тараф ба Комиссияи африқоӣ ва Ассамблеяи сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои Африқо барои боз ҳам ҷиддитар ва ҷонноктар ба роҳ мондани мақсадҳои Хартия бо дарназардошти шароити қитъа ва

амалӣ намудани ҳуқуқи инсон шароит фароҳам меорад. Аз тарафи дигар мазмуни ҳуқуқии ҳар як моддаи Хартия маҳдудиятеро ба вуҷуд меорад, ки боиси бавуҷудоии гуногунрангӣ дар қонунҳои дохилии давлатҳои иштироккунандаи Хартия мегардад.

Хартия механизми нисбатан «заифтар»-и ҳифзи ҳуқуқи инсонро, ки дар он эълон шудаанд, муқаррар мекунад. Ягона мақомоти назораткунанда дар доираи Хартия Комиссияи африқоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва халқҳо мебошад. Муаллифони Хартия таъсиси судро оид ба ҳуқуқи инсон пешбинӣ накарда буданд. Аммо вақтҳои охир давлатҳои Африқо барои барҳам додани ин нуқсонҳо фаъолона ҷидду ҷаҳд карда истодаанд. Аз ҷумла, бо ташаббуси сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои Африқо гурӯҳи экспертҳо ташкил карда шуд, ки барои омода намудани таклифҳо оид ба пурзӯр намудани муҳофизати ҳуқуқҳои дар Хартия ифодаёфта ваколатдор карда шудаанд. Дар ҷаласаи соли 1995 ин гурӯҳ дар Кейптаун пешниҳод намуд, ки ба механизми назоратии Хартияи Африқо муқаррароти нав оид ба таъсиси Суд оид ба ҳуқуқи инсон илова карда шавад.

Мақоми назоратие, ки дар заминаи меъёрҳои Хартия ташкил карда шудааст, Комиссияи африқоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва халқҳо мебошад. Комиссия аз 11 нафар иборат мебошад. Аъзои Комиссия ба муҳлати 6 сол интихоб карда мешаванд. Комиссия мувофиқи Хартия вазифаҳои зеринро ба ҷо меорад: 1) ба инкишофи ҳуқуқи инсон мусоидат мекунад; 2) ҳимояи ҳуқуқи инсон ва халқҳоро таъмин мекунад; 3) ҳамаи нуқтаҳои Хартияро бо хоҳиши давлати иштироккунандаи шартнома, мақомоти Ташкилоти ягонагии Африқо ё ташкилоти африқоие, ки ТЯА эътироф кардааст, шарҳ медиҳад; 4) дигар вазифаҳоеро, ки Ассамблеяи сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо ба зиммааш гузоштаанд, иҷро мекунад.

Давлатҳои иштироккунандаи Хартия дар ду сол як маротиба ба Комиссияи африқоӣ дар бораи тадбирҳои қонунгузорӣ ва дигар тадбирҳое, ки онҳо барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои дар Хартия эълон ва кафолат додашуда ҳисобот пешниҳод мекунанд. Ба ғайр аз ин, Комиссия ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ ҳуқуқ дорад дархостро аз як давлати узви Хартия ба давлати дигар дар сурати вайрон кардани муқаррароти Хартия, инчунин, дархостҳои дигарро, ки маънои

гузоришро дорад, қабул ва баррасӣ намояд. Ҳолатҳои поймолкунии ҳуқуқи инсон, ки аз тарафи дигар давлатҳо ба Комиссия пешниҳод шудаанд, бо иштироки тарафҳои манфиатдори созишнома баррасӣ карда мешаванд. Ҳангоми баррасии ин муроҷиатҳо аз ҷониби Комиссия як қатор шартҳо аз ҷониби аризадиҳанда бояд риоя карда шаванд. Ҳангоми муроҷиат ба Комиссия бояд шартҳои зерин ба инобат гирифта шаванд (тибқи моддаи 56-и Хартия): 1) аннонимӣ, яъне бе ном набошад; 2) ба Хартия ва Оинномаи ТЯА мувофиқ бошад; 3) ба забоне навишта шуда бошанд, ки боиси таҳқири давлати узв, муассисаҳои он ё Ташкилоти Ягонагии Африқо нагардад; 4) танҳо бо маълумоти матраҳнамудаи васоити ахбори омма асоснок шуда набошад; 5) муроҷиат бояд пас аз муроҷиат ба мақомоти дохилидавлатии ҳимояи ҳуқуқи инсон манзур гардад, ба истисноӣ ҳолате, ки онҳо кашолкорӣ намоянд; 6) дар муҳлати одилона аз рӯзи ба анҷом расидани воситаҳои ҳимояи дохилидавлатӣ пешниҳод шуда бошад; 7) муроҷиат набояд хилофи принсипҳои Оинномаи СММ, Оинномаи Ташкилоти Ягонагии Африқо ва Хартияи ҳуқуқи инсон ва халқҳо бошад.

Натиҷаи баррасии муроҷиатномаҳоро, ки дар шакли гузориш тартиб дода шудаанд, Комиссия ба давлати манфиатдор ва Ассамблеяи сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо пешниҳод мекунад. Инчунин, Комиссия метавонад ба гузориши мазкур тавсияҳоеро, ки дар ҳар ҳолати мушаххас зарур мешуморад, ҳамроҳ намояд.

Хусусияти дигари фарқкунандаи Хартияи Африқо аз Конвенсияи Аврупо дар он аст, ки байни гузоришҳо дар бораи поймолкунии ҳуқуқҳои шахсони алоҳида ва поймолкунии сершумори оммавӣ ва дағалонаи ҳуқуқи инсон ва халқҳо фарқият ҷой дорад (моддаи 58-и Хартия). Комиссия ҳангоми муҳокимаи як ё якчанд шикояти муқаррарнамуда, ки ҳодисаҳои зиёди поймолкунии ҳуқуқи инсонро дар назар дорад, ҳуқуқ дорад диққати Ассамблеяи сарони давлатҳо ва ҳукуматҳоро ба ин масъала ҷалб намояд. Комиссияи африқоӣ аз номи Ассамблея вобаста ба ҳолати мазкур тафтиши ҳаматарафа мебарад ва маърузаи худро бо хулосаю тавсияҳо ба он пешниҳод мекунад.

Вазифаи дигари Комиссияи Африқо, ки онро аз мақомоти назоратии Конвенсияи аврупоӣ фарқ мекунад, дар он аст, ки аъзои Комиссия ба қаламрави

давлатҳои иштироккунандаи Хартия сафар мекунанд. Ҳар як аъзои Комиссия барои як кишвари мушаххас масъул аст. Мақсади чунин сафарҳо таҳияи тавсияҳое мебошад, ки ба беҳтар кардани кафолатҳои ҳуқуқҳои давлатҳои иштирокчӣ, ки дар Хартия зикр шудаанд, нигаронида шудаанд.

Низоми африқоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон чи аз ҷиҳати ҳуқуқу озодиҳои дар ҳуҷҷатҳои он дарҷёфта ва чи аз ҷиҳати мақомоти назоратӣ аз низоми аврупоӣ фарқ менамояд. Дар фаъолияти низоми африқоӣ ба назар чунин мерасад, ки вай аз ҷиҳати амалӣ, пеш аз ҳама, дар самти ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои коллективӣ «фоиданок» мебошад. Дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ ва сиёсӣ бошад, механизми фарогири назорати иҷроиши меъёрҳои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсиро истифода намудан самараноктар мебошад. Доштани хусусияти сиёсии низоми назораткунандаи Хартияи африқоӣ онро аз механизми назоратии аврупоӣ фарқ мекунонад[558].

**Таҳқиқот оид ба ҳуқуқи инсон дар Чин**. Чин на танҳо ба проблемаҳои тараққиёти ҷамъият, мустаҳкам намудани кафолатҳои ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва моддии ин ҳуқуқҳо, балки ба тадқиқоти назариявӣ оид ба ҳуқуқи инсон, тарғиб намудани донишҳои ҳуқуқӣ аҳаммияти ҷиддӣ медиҳад. Солҳои охир таваҷҷуҳи олимони чинӣ ба таҳқиқоти назариявии ҳуқуқи инсон боз ҳам зиёд шудааст. Дар мамлакат гурӯҳи калони илмӣ-тадқиқотии касбӣ ба вуҷуд омад, ки пушту паноҳи онҳо олимону мутахассисони соҳаҳои гуногун ва донишкадаҳои олӣ ва институтҳои илмӣ мебошанд. Ҷамъияти умумичинӣ оид ба омӯзиши ҳуқуқи инсон ва дигар ташкилотҳои илмӣ дар сатҳи миллӣ таъсис дода шуданд. Дар як қатор донишкадаҳои олӣ ва институтҳои тадқиқоти илмӣ марказҳои омӯзиши ҳуқуқи инсон, шуъбаҳо ва бюроҳои илмӣ оид ба ҳуқуқи инсон ташкил карда шудаанд.

Дар баробари ин, шумораи зиёди ташкилотҳои махсусгардонидашуда пайдо шуданд, ки ба омӯзиши ҳуқуқи инсон нисбат ба доираҳои муайяни иҷтимоӣ, аз ҷумла, ҳуқуқҳои занон, кӯдакон, маъюбон ва ғайра машғуланд. Тибқи омори

---

[558] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://hrlibrary.umn.edu/russian/hrtsbook/Reurostandards-Rchapter5.3.html (санаи муроҷиат: 11.11.2023с.).

нопурра, аз соли 1991 инҷониб дар Чин садҳо симпозиумҳои дорои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ бахшида ба омӯзиши назариявии ҳуқуқи инсон ташкил карда шуда, зиёда аз сад семинар ва муҳокимаҳо, лексияҳо гузаронида шудаанд. Намояндагони ҷамъияти умумичинии омӯзиши ҳуқуқи инсон соли 1993 дар Конфронси Бангкок, Конфронси умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон дар Вена, соли 1995 дар Конгресси умумиҷаҳонии занон дар Пекин ширкат доштанд. Дар рафти ин чорабиниҳо онҳо бо сотсиалистон ва ташкилотҳои мамлакатҳои гуногун оид ба ҳуқуқи инсон ба таври васеъ мубодилаи афкор карданд.

Ҳукумати Чин ба пажӯҳишгоҳҳои ҳуқуқи инсон кумаки фаъоли маънавӣ ва моддӣ мерасонад. Аз ҷониби Фонди давлатии илмии иҷтимоӣ, Бунёди илмии иҷтимоии Чин ва Бунёди илмҳои иҷтимоии ҷавонон як қатор лоиҳаҳое пешниҳод шуданд, ки ба масъалаи ҳуқуқи инсон бахшида шудаанд. Гузашта аз ин, ҳамасола Кумитаи давлатии маориф, Академияи илмҳои ҷамъиятии Чин ва ҳукуматҳои маҳаллӣ барои дастгирии таҳқиқот дар ин самт маблағ ҷудо мекунанд. Дар баробари ин, аз ҷониби бахшҳои мухталифи ҷомеа Бунёди Чин оид ба омӯзиши ҳуқуқи инсон таъсис дода шуда, корҳо барои дарёфти маблағ ҷиҳати пешбурди пажӯҳишҳои ҳуқуқи инсон идома доранд.

Олами илмии чинӣ миқдори зиёди асарҳои муаллифони хориҷиро оид ба ҳуқуқи инсон ба забони чинӣ тарҷума ва нашр кардаанд, барои тадқиқот оид ба ин проблема маводу маълумотҳои низомнок, мукаммал ва мушаххас гирд оварданд. Китобҳои зиёд, ба мисли «Маҷмуаи ҷаҳонии санадҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон», нашрияҳои силсилавӣ зери унвони «Маводҳо барои омӯзиши ҳуқуқи инсон», «Ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва созмонҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон» ва ғ. ба табъ расидаанд, ки шумораи аломатҳои иероглифии онҳо ба миллионҳо мерасанд. Онҳо тафсирҳо ва андешаҳои муаллифони қадиму муосир, чиниву хориҷӣ оид ба ҳуқуқи инсон, инчунин, ҳама эъломияҳо, конвенсияҳо, протоколҳо, қарорҳо ва ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти конститутсиониро, ки аз ҷониби кишварҳои гуногуни ҷаҳон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳия шудаанд, ҷамъоварӣ ва ҷамъбаст мекунанд.

Оид ба ҳуқуқи инсон Чин ба паҳн кардани дониш ва маърифати ҳуқуқи инсон дар ин самт аҳаммияти махсус медиҳад. Дар солҳои охир Идораи матбуоти Шурои давлатии Ҷумҳурии Халқии Чин як қатор ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла, «Ҳуқуқи инсон дар Чин», «Соҳибихтиёрии Тибет ба кист ва ҳуқуқи инсон дар Тибет чӣ тавр аст», «Чӣ гуна ҷинояткоронро дар Чин аз нав тарбия мекунанд» ва ғайраро нашр намудааст. Дар байни аҳли ҷамъият муҳокимаи васеи ин ҳуҷҷатҳо гузаронида шуда, оид ба пайдоиш ва инкишофи таърихии ҳуқуқи инсон, вазъи ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир ва мавқеи асосии хитоӣ оид ба ин масъалаҳо бисёр дастурҳо ва адабиёти оммавӣ нашр карда шудаанд. Дар барномаҳои радио ва телевизион, рӯзномаю журналҳо рубрикаҳои махсус барои таблиғи оммавӣ ва муҳокимаи гарму ҷӯшони масъалаи ҳуқуқи инсон ҷой доранд. Дар як қатор донишкадаҳои олӣ, институтҳои тадқиқоти илмӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва идораҳо бо мақсади паҳн намудани донишҳо оид ба ҳуқуқи инсон курсҳои гуногуни омӯзишӣ ва маърузаҳо ташкил карда шудаанд.

Дар Чин ҳимояи ҳуқуқи инсон бо қонунгузории ҳукумат зич алоқаманд аст. Қонун «Дар бораи таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои занон», Қонун «Дар бораи ҳифзи ноболиғон», Қонун «Дар бораи таъмини маъюбон», Кодекси меҳнат, Кодекси мурофиавии маъмурӣ, Қонун «Дар бораи ҷуброни давлат ва маъракаҳои агитатсионӣ ва тарбиявӣ» амал мекунанд, ки мақсад аз онҳо васеъ намудани дониши одамон дар соҳаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрванд мебошад. Ин кор аллакай ба нақшаи маорифи халқ ва таълими касбӣ-техникӣ дохил карда шудааст. Дар ҳамаи мактабҳои олӣ курсҳои лексионӣ оид ба ҳуқуқи инсон ҷорӣ карда шудаанд, дар баъзе мактабҳои олӣ бо мақсади ба низом даровардани таълими асосҳои назариявии ҳуқуқи инсон омӯзиши фанҳои дахлдор шуруъ карда шудааст. Гузаронидани маъракаи фаҳмондадиҳӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба тамоми аҳолӣ имкон дод, ки сифат ва сатҳи татбиқи қонунҳо оид ба ҳуқуқи инсон, таҳкими ҳисси шаҳрвандӣ ва масъулият дар байни аъзои ҷомеа ба таври назаррас васеъ карда шавад. Ба ин васила, барои такмили минбаъдаи ин ҳуқуқҳо фазои мусоиди иҷтимоӣ омода карда шуд. Дар иҷлосияи минтақавии Осиё, дар қатори дигар мамлакатҳои Осиё, Чин барои қабули «Эъломияи

Бангкок» ва ба низом даровардани мавқеи асосии мамлакатҳои Осиё оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон кӯшиши зиёд кардааст[559].

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст.

1. Таҷрибаи эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар минтақаи Африқо бо дарназардошти шароити таърихӣ, таъсири анъанаҳои таърихӣ, омилҳои фарҳангиву тамаддунӣ ташаккул ёфтааст. Дар натиҷа таҷрибаи соҳаи ҳуқуқи инсон дар ин минтақа хусусиятҳои худро пайдо намудааст. Хусусиятҳои асосии таҷрибаи африқоии соҳаи ҳуқуқи инсон инҳоянд:

а) дарку амалисозии ҳуқуқи инсон дар мамлакатҳои африқоӣ дар таносуб бо минтақаҳои дигари ҷаҳон таърихан дертар оғоз шудааст, чунки ҳуқуқи инсон ҳамчун падидаи мустақили ҳаёти ҷомеа, алалхусус падидаи мустақили ҳуқуқӣ асрҳои тулонӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи меъёрҳои иҷтимоӣ (ахлоқ, дин, одату анъанаҳо, меъёрҳои қабилавӣ ва диг.) инкишоф ёфтааст;

б) ҷомеаи африқоӣ дар тули садсолаҳо ҳамчун ҷомеаи анъанавӣ инкишоф ёфта, меъёрҳои анъанавӣ дар ҳаёти оилавӣ, қабилавӣ, ҷамъиятӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ-маънавӣ боқӣ монда, ба дарку амалисозии ҳуқуқи инсон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ таъсир мерасонанд;

в) низоми ҳуқуқии давлатҳои Африқо тибқи маълумоти аксарияти мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносони муқоисавӣ (компаративистика) ба гуруҳи низоми ҳуқуқии анъанавӣ дохил карда мешавад ва ҳолати мазкур хусусиятҳои анъанавии таҷрибаи африқоии соҳаи ҳуқуқи инсонро муайян мекунад;

г) сиёсати мустамликадории давлатҳои Ғарб дар Африқо, ки солҳои дароз идома ёфтааст, ба ташаккули таҷрибаи африқоии соҳаи ҳуқуқи инсон ба мисли минтақаҳои дигари ҷаҳон он қадар таъсири ҳалкунанда нарасонидааст, чунки дар байни халқу қавмҳои африқоӣ анъанаҳои таърихӣ устувор мебошанд, қонунгузории нави давлатҳои африқоӣ бошад, бо таъсири мустамликадорон қабул шуда, ба масъалаҳои вазъи шахсӣ (никоҳ, оила, қабила ва дигар) дахолат намекунад;

[559] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: ussian.china.org.cn/russian/32917.htm (санаи муроҷиат: 05.06.2023с.).

г) ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ ва озод шудани халқҳои Африқо аз зулми мустамликадорон, ки асосан бо таъсири Ҳокимияти Шуравӣ ва ҳаракати ҷаҳонии сотсиалистию коммунистӣ ба вуқуъ пайвастааст, ба ташаккули таҷрибаи африқоии соҳаи ҳуқуқи инсон таъсири ҳалкунанда мерасонад.

2. Тарзи ҳаёти коллективӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти қабилавӣ дар Африқо маҳсуб мешавад, боиси ташаккули дарки коллективии ҳуқуқи инсон гардидааст. Айни замон ҳуқуқҳои коллективии халқҳои африқоӣ, ки дар таснифҳои илмӣ, бештар, илмҳои ғарбӣ ҳамчун ҳуқуқи насли сеюм шарҳ дода мешаванд, дар санадҳои африқоӣ бо мақсади мутобиқ шуданашон ба таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳамчун ҳуқуқҳои шахсӣ тавсиф карда мешаванд. Ба ин нигоҳ накарда, ҳуқуқҳои колективии африқоӣ, ки таърихан бо дарназардошти анъанаҳои таърихӣ, асосан қабилавӣ ташаккул ёфтаанд, моҳияти худро дар байни халқҳои муқимӣ нигоҳ медоранд.

3. Анъанаҳои таърихӣ ба дарку таснифи ҳуқуқи инсон таъсир расонидаанд. Мисоли равшани он дар таснифи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқҳои халқҳои Африқо зоҳир мешавад. Ин таснифот дар Хартияи африқоии ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи халқҳо низ инъикоси худро ёфтааст. Сарфи назар аз ин, дарки коллективӣ ва анъанавии ҳуқуқи инсон ҳамчун падидаи ҳам иҷтимоӣ ва ҳам ҳуқуқӣ боқӣ мондааст. Ҳуқуқҳои шахсии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар (ба маънои ҳуқуқи инсон) бо дарназардошти хусусиятҳо ва унсурҳои устувори анъанавии шуури ҷамъиятии африқоиҳо ва тарзҳои таърихан ташаккулёфтаи ҳаёти коллективӣ дарк карда мешаванд. Тарзҳои ҳаёти коллективӣ дар робита бо ҳаёти қабилавӣ ва меъёрҳои анъанавӣ (қоидаҳои иҷтимоии коллективии дохили қабилаҳо дар соҳаи никоҳ, оиладорӣ, тарбияи фарзанд, шикор ва дигар) ба дарки ҳуқуқи инсон таъсир мерасонанд. Шарҳи дигари ҳуқуқи инсон, аз ҷумла тибқи тавсифҳои ғарбӣ ё дигар ба дарки анъанвии ҳуқуқи инсон тибқи анъанаҳои африқоиҳо мухолифат пайдо мекунад. Ҳуқуқи инсон дар ҷараёни дарки анъанавӣ моҳияти дигар пайдо мекунанд. Устувории анъанаҳои таърихӣ ба дарки ҳуқуқи инсон таъсири ҳалкунанда мерасонад.

4. Дарки коллективии ҳуқуқҳои шахс дар Африқо бо дарки ҳуқуқи шаҳрвандони шуравӣ, ки ба устувории унсурҳои коллективӣ бинобар ташаккули тулонии тарзи ҳаёти коллективӣ дар давлати Шуравӣ такя дошт, монандӣ дорад. Ин ҷо таъсири таҷрибаи давлати Шуравӣ, ки дар ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ нақши муҳим дошт, мушоҳида мешавад. Бояд зикр намуд, ки назарияҳои шуравии сотсиалистӣ на танҳо ба мамлкатҳои африқоӣ, балки кишварҳои дигари ҷаҳон, ҳатто як қатор давлатҳои араб (Миср, Алҷазоир, Ливия ва дигар) таъсир расонида буд. Тарзи коллективии зиндагӣ дар байни қавму қабилаҳои африқоӣ таърихан, пеш аз ташаккули давлати Шуравӣ, дар робита бо омилҳои моддӣ, иқтисодӣ, ҷуғрофӣ, этникӣ, антропологӣ, фарҳангӣ ташаккул ёфта буд. Ба ин нигоҳ накарда, халқҳои африқоӣ тавассути ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ, омода гардидани кадрҳои маҳаллӣ дар донишгоҳҳо ва донишкадаҳои шуравӣ, дар шароити паҳн гардидани идеологияи сотсиалистӣ ва коммунистӣ дар саросари ҷаҳон бо таҷрибаи сохтмони сотсиалистӣ дар давлати Шуравӣ, аз он ҷумла таҷрибаи шуравии таъмини воқеии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ хуб шинос буданд.

5. Таҷрибаи риоя ва таъмини ҳуқуқи инсон дар Чин дар муқоиса бо давлатҳои дигар хусусиятҳои худро дорад. Тавре маълум аст, низоми иҷтимоӣ ва ҳуқуқии Чин дар тули ҳазорсолаҳо ҳамчун ҷузъи тамаддуни мустақили чинӣ, дар робита бо назарияҳои маънавӣ-идеологии гуногун (Мо-тзӣ, Конфутсий ва диг.) инкишоф ёфтааст. Дар таҳқиқоти мазкур ин паҳлуҳои низоми ҳуқуқии Чин, ки ба ҳама маълум аст, таҳлил нашуда, эътибори асосӣ ба таҳқиқоти ҳуқуқи инсон дода шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот маълум мешавад, ки дар Чини муосир ба таҳқиқоти илмии ҳуқуқи инсон, омӯзиши ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои таҳсилотӣ, тарғиби ҳуқуқи инсон дар байни аҳолӣ диққати махсус медиҳанд. Таҳқиқ ва омӯзиши ҳуқуқи инсон ҷузъи сиёсати давлатӣ буда, мақсаднок, муташаккилона ва мунтазам гузаронида мешавад.

## 3.5. Сиёсати давлатҳои исломӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон

Д.С. Раҳмон қайд менамояд, ки дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон вижагиҳои ҷанбаи исломӣ ба мушкилоти ҳуқуқи инсон ба назар гирифта нашудааст, ки боиси қабули санадҳои худи давлатҳои исломӣ оид ба ҳуқуқи инсон шудааст. Муаллиф ғояи таҳқиқоти ҳуқуқи инсонро дар робита бо фарҳанги ҳуқуқии исломӣ асоснок кардааст[560].

Дар натиҷаи бархурди мафкуравӣ байни арзишҳои ғарбӣ (асосан либералӣ) ва арзишҳои анъанавӣ, бахусус исломӣ, дарк ва тафсири муҳтавои мазмуни ҳуқуқи инсон ба вуҷуд омад. Ин тааҷҷубовар нест. Арзишҳои ғарбӣ ва исломӣ таърихан дар доираи тамаддунҳои мухталиф ташаккул ёфтаанд. Ин гуногунандешӣ пас аз қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, дигар санадҳои умумиҷаҳонӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва дар раванди таҳияи ҳуҷҷатҳое, ки консепсияи ҳуқуқи инсони исломиро муттаҳид мекунанд, ба таври равшан зуҳур ёфт. Байни тафсири ҳуқуқи инсон, ки дар Эъломияи умумӣ ва асноди исломӣ дар бораи ҳуқуқи инсон эътироф шудаанд, тафовути ҷиддӣ ба вуҷуд омад. Илоҳиётшиносон ва ҳуқуқшиносони мусулмон ҳангоми таҳияи санадҳои инсондӯстонаи исломӣ ба ифодаи мазмуни ҳуқуқу озодиҳои инсон аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳанд.

Дар омӯзиши ҳуқуқи байналмилалӣ ва консепсияи ҳуқуқи инсон давраи нав оғоз мешавад. Дар давраи муосир эҳтиёҷоти таҳия ва истифодаи усулҳои нави методологӣ ва принсипҳои омӯзиши ҳам ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳам ҳуқуқи инсон зиёд мешавад. Ин бештар ба он вобаста аст, ки ҳоло танҳо татбиқи муносибати оқилона ба ҳуқуқи инсон кофӣ нест. Чунин бархӯрд, бахусус дар тафсири консепсияи исломии ҳуқуқи инсон қобили татбиқ нест.

Бесабаб нест, ки судманд будани равиши байнисоҳавӣ дар таҳқиқи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи инсон дар адабиёт бештар таъкид мешавад. Зимнан, ба андешаи О. Буткевич муносибати оқилона ба танзими муносибатҳои байналмилалӣ барбод рафт. Ҳамчун равиши байнисоҳавӣ, масалан, равишҳои

[560] Ниг.: Сафаров Д.С. Права человека и глобализация в контексте исламской правовой культуры: монография. – Душанбе, 2014. – С. 186-187.

сотсиологӣ ва низоъшиносӣ пешниҳод карда мешаванд. Инчунин, равиши фарҳангшиносӣ бо дарназардошти гуногунии фарҳангҳо, ба ҳам монанд набудани низомҳои ҳуқуқӣ ва муносибатҳои гуногуни давлатҳо нисбат ба ҳуқуқи байналмилалӣ пешниҳод карда мешавад. С. Хантингтон аз уҳдаи ҳалли муассир набаромадани ҳуқуқи муосири байналмилалӣ, махсусан низоъҳои байналмилалиро бо мавҷудияти «бархурди тамаддунҳо» асоснок менамояд. В. Антипенко ба буҳрони «ғарбӣ»-и парадигмаи протестантии тамаддуни насронӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Мухолифати консепсияҳои ғарбӣ ва анъанавии ҳуқуқи инсон бо консепсияи «бархӯрди тамаддунҳо» шарҳ дода мешавад.

Ин зиддиятҳо дар заминаи таҷассуми ҳуҷҷатии ҳуқуқи инсон низ зоҳир мешаванд. Ҳуҷҷатҳо оид ба хуқуқи инсон, ки дар сатҳи байналмилалӣ, дар минтақаҳои алоҳида ва кишварҳо қабул шудаанд, муқаррароти асосии назарияҳои фитрии ҳуқуқи инсонро инъикос мекунанд. Дар баробари ин, як гурӯҳи дигари санадҳои ҳуқуқи инсон анъанаҳо, масалан арзишҳои исломиро инъикос мекунанд.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико низ падидаи динӣ ба дарки ҳуқуқи инсон таъсир мерасонад[561]. Ин падида боиси он мегардад, ки як зумра муҳаққиқон мавҷудияти консепсияи неопротестантии ҳуқуқи байналмилалӣ ва мувофиқан мафҳуми неопротестантии ҳуқуқи инсонро тасдиқ мекунанд[562].

Консепсияи исломии ҳуқуқи инсон ба Қуръону суннат ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ асос ёфтааст. Он инчунин инъикоскунандаи ҳуҷҷати меъёрӣ мебошад. Ҳуҷҷатҳои бунёдие, ки консепсияи исломии ҳуқуқи инсонро инъикос мекунанд, инҳоянд: Эъломияи исломии умумии ҳуқуқи инсон аз соли 1981; Эъломияи Қоҳира оид ба ҳуқуқи инсон дар ислом аз соли 1990; Хартияи Араб оид ба ҳуқуқи инсон аз соли 2004.

Шаклҳои дигари инъикоси консепсияи исломии ҳуқуқи инсон низ мавҷуданд. Ба инҳо эзоҳҳое дохил мешаванд, ки Сурия, Индонезия, Тунис, Урдун ва Покистон

[561] Ниг.: Мартиросян А.С. Р.Н. Белла и его концепция гражданской религии [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.pglu.ru/lib/publications/University_Reading/2010/XIV/uch_2010_XIV_00035.pdf (санаи муроҷиат: 25.08.2015 с.).
[562] Ниг.: Мережко А.А. Проблемы теории международного публичного и частного права: монография. – К.: Юстиниан, 2010. – С. 157.

ҳангоми ҳамроҳ шудан ба Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак (1989) таҳия кардаанд. Мавқеи кишварҳои исломӣ дар ҳуҷҷати ниҳоии семинари «Ислом ва Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон», ки соли 1998 дар Женева таҳти сарпарастии Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон баргузор шуда буд, инъикос ёфтааст.

Фаъол шудани кишварҳои мусулмонӣ барои қабули санадҳои ҳуқуқии инсон бо дарназардошти тамаддуни онҳо (омилҳои фарҳангӣ, маънавӣ, динӣ), инчунин, хоҳиши онҳо барои ислоҳи асноди умумиинсонӣ бо сабабҳои зерин шарҳ дода мешавад:

Якум, сифати фарогири консепсияи классикии ҳуқуқи инсон ба арзишҳои анъанавии ахлоқӣ, маънавӣ, динӣ ва маънавӣ такя мекунад.

Дуюм, мушкилоти амалӣ намудани консепсияи умумиинсонии классикӣ бо дарназардошти мавҷудияти проблемаҳои дорои хусусияти ахлоқӣ, маънавӣ, динӣ, иҷтимоию сиёсӣ, ки дар марҳилаи мазкур ҳал нашудаанд, ба миён меояд.

Сеюм, хусусияти умумиинсонии мафҳуми ҳуқуқи инсон маънои онро надорад, ки дар ташаккули он ҳамаи субъектони фарҳангҳои гуногун, бидуни истисно, иштирок кардаанд. Намояндагони фарҳангҳои анъанавӣ, бахусус, фарҳангҳои асили қадим, дар ташаккули низоми арзишҳои умумиинсонӣ, махсусан, тамаддуни ғарбӣ фаъолона иштирок накарданд. Ин боиси мухолифати ҷомеаҳои анъанавӣ ба умумигардонии консепсияи классикии ҳуқуқи инсон гардид. Аз ин рӯ, мушкилоти дарк ва татбиқи ҳуқуқи инсон бояд бо иштироки баробари намояндагони тамоми фарҳангу тамаддунҳо – мусулмонон, яҳудиён, буддиоҳо, насрониҳои православӣ, католикҳо ҳал карда шаванд.

Чорум, консепсияи исломии ҳуқуқи инсон эътирози ҷонибдорони консепсияи умумиинсонии классикиро ба миён меорад. Барои интиқод аз консепсияи исломӣ далелҳои мухталифе вуҷуд доранд. Масалан, яке аз чунин далелҳо мазмуни мазҳабии консепсияи исломии ҳуқуқи инсон аст. Аммо дар ин гуна интиқодҳо ба назар гирифта намешавад, ки консепсияи исломии ҳуқуқи инсон аз дини ислом ҷудонашаванда буда, он бешубҳа арзишҳои дини исломро инъикос мекунад.

Далели дигаре, ки бар зидди консепсияи исломӣ фаъолона истифода мешавад, аз ҷониби кишварҳои мусулмонӣ рад шудани як қатор ҳуқуқу озодиҳои дар консепсияи умумиинсонии ҳуқуқи инсон инъикосёфта мебошад. Аммо ин гуна далелҳо шояд шубҳаовар бошанд, зеро эътирозҳои сарони ҷаҳони ислом дар мавриди як қатор ҳуқуқҳои умумиинсонӣ ба ҳифзи ҷаҳони маънавӣ, ахлоқӣ ва этникии мусулмонон, тарзи зиндагии анъанавии онҳо ва муҳимтар аз ҳама, амрҳои динии исломӣ равона шудаанд. Масалан дар кишварҳои исломӣ баъзе ҳуқуқу озодиҳо, ки боиси фардикунонии шадид гардида, ба меъёрҳои ахлоқӣ ва этникии зиндагии онҳо таъсир мерасонад, ба таври манфӣ қабул карда мешаванд. Ба ин гуна ҳуқуқҳо, аз ҷумла ҳуқуқҳои репродуктивӣ, ҳуқуқҳое, ки издивоҷи якҷинсаро иҷозат медиҳанд, дохил мешаванд. Албатта чунин ҳуқуқу озодиҳо бо муқовимати фаъоли мусулмонон рӯ ба рӯ мешаванд ва аз ҷониби онҳо баҳои манфӣ хоҳанд гирифт.

Ҳамчунин ҳолатҳое ҳастанд, ки барои тазоди байни консепсияҳои классикӣ, асосан либералӣ ва исломӣ дар бораи ҳуқуқи инсон замина мегузоранд. Онҳо як мафҳуми консептуалӣ доранд, масалан, ба тафсири норавшани сарчашмаҳои ҳуқуқ ва мутаносибан ҳуқуқи инсон дахл доранд. Дар чаҳорчӯби назарияҳои ғарбӣ мардумро (миллатро) манбаи қудрат эълон мекунанд. Дар назарияҳои сиёсии ислом бошад, Худо ҳукмрон аст. Дар баробари ин, тавре ки Л.Р. Сюкияйнен қайд мекунад, дар консепсияи исломӣ соҳибихтиёрӣ (волоӣ) дар давлати мусулмонӣ байни ҷомеаи мусулмонӣ ва шариат тақсим карда шудааст[563].

Ғайр аз ин, агар назарияи ҳуқуқи фитрии ғарбӣ сарчашмаи ҳуқуқро дар табиати инсон ҷустуҷӯ намояд, ҳуқуқи субъективии фитрии инсонро манбаи ҳуқуқ ҳисобад, пас ислом, баръакс, шариат ва «қонуни илоҳиро»[564], ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқу озодиҳои инсон эътироф мекунад. Илова бар ин, ҳуқуқи исломӣ ба ғайр аз сарчашмаҳои динӣ дар сарчашмаҳои қонунгузории давлатӣ (конститутсия, қонунҳо ва ғ.) низ инъикос ёфтааст.

---

[563] Ниг.: Сюкияйнен Л.Р. Ислам и права человека в диалоге культур и религий: монография. – М., 2014. – 212 с.
[564] Ниг.: Сюкияйнен Л.Р. Современные религиозные концепции прав человека: сопоставление теологического и юридического подходов [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.perspektivy.info/misl/cenn/sovremennyje_religioznyje_koncepcii_prav_cheloveka_sopostavlenije_teologicheskogo_i_juridicheskogo_podkhodov_2015-04-09.htm (санаи муроҷиат: 25.08.2022 с.).

Ба андешаи аксари муҳаққиқони эронӣ қонун маҷмуи қоидаҳоест, ки мақомоти салоҳиятдор барои ба танзим даровардани ҳаёти ҷамъиятии мардум муқаррар кардаанд[565]. Ҳамзамон қонунҳо ба дунявӣ ва илоҳӣ ҷудо мешаванд.

Консепсияи исломии ҳуқуқ талабот ва арзишҳои ҳуқуқи фитриро инкор намекунад. Аз ин рӯ, ба андешаи муҳаққиқи эронӣ Муваҳҳид Муҳаммад Алӣ, умдаҳои асосии ҳуқуқи фитрӣ ба ғояҳои зерин оварда мерасонад: сулҳ, хайрхоҳӣ, таҳаммул ва созиш; омурзиши касе, ки кори бад кардааст ва аз кораш тавба мекунад; интиқом бо некӣ, нигоҳ доштани арзишҳои боваринок, парҳез аз кибру такаббур; адолат; баробарӣ дар корҳои умумӣ; сабр дар тақсими амвол ва қаноатмандӣ аз ободӣ; ҳуқуқи соҳибияти ибтидоӣ; амнияти миёнаравҳои сулҳ; мурочиат ба судҳо; манъи ситоиши шахсияти худ; дур шудани шахс аз ҳукми масъалаи ғаразнок; диққати ҷиддӣ додан ба нишондодҳои шоҳидон ҳангоми баррасии даъво.

Тавре ки Р.Ш. Шарофзода ва муҳаққиқи Эрон А.Х. Эсмоилӣ қайд менамоянд: «Дар назарияи идоракунии исломӣ Аллоҳ сарчашмаи асосии ҳуқуқ дониста мешавад. Ҳамзамон бо ин, зарурати худи қонунҳо ва мақомоти қонунгузор бо далелҳои оқилона асоснок карда мешавад. Худо ба шахс иҷозат додааст, ки ҳокими худро тавассути қонун интихоб кунад. Далели навбатӣ ин аст, ки қонунгузорӣ барои амалӣ шудани ҳуқуқи мардум зарур аст[566].

Консепсияи муосири исломии ҳуқуқи инсон ҳеҷ гоҳ ҳуқуқи инсонро инкор намекунад. Дар доираи он ҳуқуқи инсон эътироф гардида, дар робита бо арзишҳои ҳуқуқӣ, динӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва маънавии исломӣ тафсир мешаванд. Гузашта аз ин, ҳуқуқи инсон дар ислом инъикос ёфта, татбиқи онҳо бо шариат танзим мешавад. Ҳуқуқи инсон дар ислом вуҷуд доранд, ки ба консепсияи умумиинсонӣ мухолиф набуда, баръакс, фарҳанги ҷаҳониро ғанӣ мегардонанд.

---

[565] Ниг.: Амид Ҳасан. Фарҳанге фарси («Этимологический словарь персидского языка»). – Rah e Roshd, 2010. – С. 933; Джа'фари Лангруди Джа'фар. Терминоложие ҳоқуқ («Юридическая терминология»). – С. 4091; Му'ин, Маҳмуд. Фарҳанге Му'ин («Этимологический словарь Му'ина»). – Т. 2. – С. 446; Паша 'Али. Саргузаште қанун («История закона»). – С. 80.

[566] Ниг.: Сативалдыев Р.Ш., Эсмаили А.Х. Развитие законодательной системы Ирана в период вестернизации и исламизации иранской правовой системы (XX в. – начало XXI в.): монография. – Душанбе: Изд-во «Типография Таджикского национального университета», 2016. – С. 95-96.

Ҳамин тариқ, дар ҷаҳони муосир дар робита бо бархӯрди арзишҳои ғарбӣ ва исломӣ тафовути дарк ва амалисозии ҳуқуқи инсон ҷой дорад. Дар доираи муколамаи тамаддунҳо дараҷаи ин зиддиятро метавон ба ҳадди ақал расонид. Ин муколама иштироки баробарҳуқуқии ҳамаи тарафҳо – намояндагони фарҳангҳои гуногунро дар татбиқи ташаббусҳои сулҳдӯстӣ пешбинӣ мекунад. Чунин роҳи паст намудани шиддати тафовути фарҳангӣ ва тамаддунӣ бо дарназардошти гуногунии фарҳангу тамаддунҳо, арзишҳои маънавию ахлоқии ба онҳо хос сурат мегирад[567].

Ҳуҷҷатҳои зерин барои муколамаи тамаддунҳо ва фарҳангҳо аҳаммияти назариявӣ доранд:

– Эъломияи Остона, ки аз ҷониби иштирокчиёни Конфронси вазирон дар мавзуи «Ҷаҳони умумӣ: пешрафт тавассути гуногунрангӣ» қабул шудааст (Қазоқистон, 17 октябри соли 2008);

– Эъломияи Мадрид, ки дар Конфронси умумиҷаҳонии муколама, ки аз ҷониби Лигаи ҷаҳонии мусулмонон дар Мадрид таҳти сарпарастии Ходими ду Масҷиди муқаддас, шоҳ Абдуллоҳ ибни Абдулазиз Оли Сауд баргузор шуда буд, қабул шудааст (16-18 июли соли 2008);

– Муколамаи Пномпен оид ба ҳамкории байни динҳо барои сулҳ ва созиш (соли 2008);

– Эъломияи Боку дар бораи тавсеаи нақши занон дар муколамаи байнифарҳангӣ (11 июни соли 2008);

– Эъломия оид ба пешбурди муколама ва ҳусни тафоҳум байни динҳо ва тамаддунҳо (Охрид, 2007);

– Эъломияи Анҷумани дуюми динҳои ҷаҳонӣ ва анъанавӣ (23-24 сентябри соли 2006, Остона, Қазоқистон);

567 Ниг.: Сафаров Д.С. Исламская правовая культура и проблемы прав и свобод личности: некоторые вопросы понятийного характера // Давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2012. – №1. – С. 17-32.

– Эъломияи Бали оид ба барқарор намудани муносибатҳои мутаносиб байни динҳо дар доираи ҷомеаи байналмилалӣ (21-22 июли соли 2005, Бали, Индонезия);

– Барномаи глобалии муколама байни тамаддунҳо (2001);

– Эъломия оид ба фарҳанги сулҳ ва Барномаи амал барои фарҳанги сулҳ (1999);

– Эъломияи Теҳрон дар бораи муколамаи тамаддунҳо, ки дар Симпозиуми исломии муколама байни тамаддунҳо қабул шудааст (1999);

– Эъломияи Вена дар бораи сулҳ ва таҳаммул дар Косово (1999);

– Эъломияи Афина: «Мероси тамаддунҳои қадим: оқибатҳо барои ҷаҳони муосир» (1998);

– Эъломияи Принсипҳои таҳаммулпазирӣ (1995);

– Мурочиати Истамбул, ки аз ҷониби иштирокчиёни Симпозиуми таҳаммулпазирӣ қабул шудааст (4-6 октябри соли 1995, Истанбул, Туркия);

– Эъломия дар бораи ҳуқуқҳои ашхоси мансуб ба ақаллиятҳои миллӣ ё этникӣ, динӣ ва забонӣ (1992);

– Эъломия дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои таҳаммулнопазирӣ ва табъиз дар асоси дин ё эътиқод (1981);

– Конвенсияи байналмилалӣ оид ба барҳам задани ҳама гуна шаклҳои табъизи нажодӣ (1965);

– Эъломияи СММ дар бораи барҳам задани ҳамаи шаклҳои табъизи нажодӣ (1963);

– Конвенисия оид ба пешгирӣ ва ҷазо барои ҷинояти генотсид (1948).

– Муколамаи Душанбе «Абуҳанифа дар гуфтугӯи тамаддунҳо» (5-7 октябри соли 2009).

Дар Эъломияи Остона, ки аз ҷониби Конфронси вазирон дар мавзуи «Ҷаҳони умумӣ: пешрафт тавассути гуногунрангӣ» (Қазоқистон, 17 октябри соли 2008) қабул шудааст, аҳаммияти гуногунрангӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ва миллӣ, дар доираи тамаддунҳо, фарҳангҳо ва динҳо, инчунин, гуногунии шахсияти инсон

таъкид мешавад. Эъломия ба дастгирии муколама ва ноил шудан ба ҳамоҳангии фарҳангҳо, динҳо, эътиқодҳо, тамаддунҳо ва халқҳо ба хотири ҳифзи пешрафти устувор ва сулҳ, адолат, амният ва субот дар арсаи байналмилалӣ равона шудааст. Он ба арзишҳои умумии фарҳангҳо, динҳо ва эътиқодҳои гуногун тамаркуз мекунад.

Эъломия даъват мекунад, ки дар муносибатҳои байналмилалӣ принсипҳои бунёдии ҳуқуқи инсон, демократия, волоияти қонун, баробарӣ, иштирок ва манъи табъиз дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ба роҳ монда шаванд[568]. Таъкид мешавад, ки тамоми ҳуқуқи инсон бо ҳам алоқамандангд.

Ҷаҳонишавӣ дар баробари фароҳам овардани имкониятҳои нав барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, айни замон ҳуввияти фарҳангӣ ва мазҳабии халқҳоро ба чолиш кашида, ҳар гуна тафовути мазҳабӣ, динӣ, фарҳангӣ ва тамаддуниро рад мекунад[569]. Дар Эъломия аҳаммияти ҳамкории минбаъдаи ҳукуматҳо ва шаҳрвандони кишварҳои ҷаҳони исломӣ ва Ғарб дар заминаи муколама ва ҳамдигарфаҳмӣ дар сатҳи гуногун таъкид мешавад.

Дар Эъломия тадбирҳои зерин дар соҳаи муколамаи байни тамаддунҳо пешбинӣ шудаанд:

– ташвиқи аҳаммияти робита ва муколамаи доимӣ дар чаҳорчӯби шуури ҷамъиятии исломӣ ва ғарбӣ дар сатҳи сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, байнидинӣ ва ғайра;

– идома ва таҳкими муколама байни созмонҳои дахлдори байналмилалӣ, минтақавӣ ва верминтақавӣ, аз қабили Созмони Милали Муттаҳид, Лигаи давлатҳои араб, Шурои Аврупо, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Давлатҳои Америкоӣ, Созмони конференсияи Исломӣ, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории Шанхай;

[568] Ниг.: Левин, З.И. Будущее реформы в исламе // Ближний Восток и современность. Сб. статьей / Отв. ред. М.Р. Арунова. – М., 2002. Вып. XYI. – С. 138-139.
[569] Ниг.: Сафаров Д.С. Универсализация прав человека и культурный релятивизм в условиях глобализации: проблемы соотношения концепции прав человека с традиционными правовыми культурами // Правовая жизнь. – Душанбе, 2013. – №4 (4). – С. 11-22.

– муколама бояд гуногунии ҳуввияти мардумҳо ва шахсияти инсониро инъикос намояд, чунки муколамаи байнимазҳабӣ ва дохилидинӣ ба ҳамдигарфаҳмии тамаддунҳо мусоидат мекунад;

– эътирофи нақши муҳимми занон ва ҳуқуқҳои онҳо бо дарназардошти омили гендерӣ ҳамчун яке аз масъалаҳое, ки тамоми раванди таъмини баробарӣ ва ҳуқуқ ба рушдро фаро гирифтааст;

– даъват намудани кишварҳо барои андешидани чораҳои дахлдор мутобиқи ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи байналмилалии гуманитарӣ ва ҳуқуқи инсон барои мубориза бар зидди зуҳуроти табъизи нажодӣ, этникӣ, мазҳабӣ ва зӯроварӣ, ки дар асоси хусумати этникӣ ва динӣ сурат мегиранд;

– ҳар як кишвар барои рушди худ масъулияти аввалиндарача дорад ва аз ин хотир, кӯшишҳои миллӣ тавассути татбиқи барномаҳо ва тадбирҳое, ки ба таъмини имкониятҳои рушд нигаронида шудаанд, бояд дастгирӣ карда шаванд;

– маърифат ва иттилоот омили калидӣ барои пешгирии таассуфҳо ва тасаввуроти нодуруст оид ба фарҳангҳои гуногун буда, кори ташвиқотии фаъолони сиёсӣ, муассисаҳои таълимӣ ва васоити ахбори омма баҳри пешбурди муколамаи байнифарҳангӣ бояд тақвият дода шавад;

– омӯзиш ва таълими таърихи тамаддунҳо ва таҳияи китобҳои роҳнамо бахшида ба омӯзиши фарҳанг бо таваҷҷуҳ ба мероси фарҳангии тамаддунҳои дахлдор;

– гузаронидани вохӯриҳои ҷавонон ва амалӣ намудани барномаҳои табодули ҷавонон бо мақсади тарғиби принсипҳои муколамаи фарҳангҳо ва тамаддунҳо, сулҳ ва ҳаёти демократӣ дар байни ҷавонон;

– муколамаи глобалӣ бо намояндагони ВАО-и гуногун, аз ҷумла мубодилаи хабарнигорони васоити ахбори омма дар ҳошияи таъсиси гурӯҳи рӯзноманигорон бо дарназардошти тавсияҳои форумҳои дахлдор, баланд бардоштани нақши онҳо ҳамчун ҳомиёни пешбурди муколамаи тамаддунҳо.

Форуми дуюми Иттиҳоди тамаддунҳо 2 ва 3 апрели соли 2009 дар Истамбул (Туркия) баргузор гардид. Бо ташаббуси шоҳ Абдулло ибни Абдулазиз дар

Мадрид конференсияи умумиҷаҳонии гуфтушуниди динҳо ва фарҳангҳо барпо гардид. Нишасти баландпояи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид баҳри дастгирии ин иқдом баргузор гардид.

Дар заминаи муколамаи тамаддунҳо санаҳои зеринро (рӯзҳо, солҳо, даҳсолаҳо) бояд зикр кард:

– 16 ноябр – Рӯзи умумиҷаҳонии таҳаммулпазирӣ;

– 21 март – Рӯзи байналмилалии барҳам додани табъизи нажодӣ;

– 21 май – Рӯзи умумиҷаҳонии гуногунии фарҳангӣ барои муколама ва рушд;

– 21 сентябр – Рӯзи байналмилалии сулҳ;

– Ҳафтаи аввали моҳи феврал – Ҳафтаи умумиҷаҳонии равобити ҳамоҳанги байни динҳо;

– 21-27 март – Ҳафтаи якдилӣ бо халқҳое, ки ба муқобили нажодпарастӣ ва табъизи нажодӣ мубориза мебаранд;

– соли 2010 – Соли байналмилалии наздикшавии фарҳангҳо;

– соли 2001 – Соли муколамаи тамаддунҳо таҳти сарпарастии СММ;

– соли 2000 – Соли байналмилалии фарҳанги сулҳ;

– соли 1995 – Соли таҳаммулпазирии Созмони Милали Муттаҳид;

– солҳои 2001-2010 – Даҳсолаи байналмилалии фарҳанги сулҳ ва безӯроварӣ ба манфиати кӯдакони ҷаҳон;

– солҳои 1993-2003 – Даҳсолаи сеюми мубориза бар зидди нажодпарастӣ ва табъизи нажодӣ.

Созмони маърифатӣ, илмӣ ва фарҳангии Милали Муттаҳид (ЮНЕСКО) дар соҳаи таҳаммулпазирӣ, тарғиби фарҳанги сулҳ, муколамаи тамаддунҳо салоҳияти васеъ дорад.

Таҷрибаи давлатҳои исломӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар робита бо қабули санадҳои ҳуқуқии минтақавӣ, тамаддунӣ ва фарҳангии ҳуқуқи инсон ташаккул ва

инкишоф меёбад[570]. Раванди таҳия, қабул ва амалисозии санадҳои мазкурро дар мисоли таҷрибаи як қатор давлатҳо мушоҳида намудан мумкин аст.

**Эъломияи Қоҳира оид ба ҳуқуқи инсон дар ислом** (араб. إعلان القاهرة لحقوق الإنسان في الإسلام) Эъломияи кишварҳои узви Созмони ҳамкории исломӣ (СҲИ) мебошад, ки 5 августи соли 1990 (14 муҳаррами соли 1411 ҳиҷрӣ) дар Қоҳира қабул шудааст. Эъломияи Қоҳираро 45 кишвари узви Созмони ҳамкории исломӣ қабул карданд. Соли 1992 матни Эъломияи Қоҳира ба Комиссияи СММ оид ба ҳуқуқи инсон пешниҳод карда шуд. Эъломия нуқтаи назари исломиро ба ҳуқуқи инсон муаррифӣ мекунад ва қонуни исломро (шариат) сарчашмаи ягона тасдиқ мекунад. Ҳадафи Эъломияи Қоҳира оид ба ҳуқуқи инсон дар ислом таҳияи «роҳнамоии умумӣ барои давлатҳои аъзои СҲИ дар соҳаи ҳуқуқи инсон» мебошад.

Эъломия ҳамчун посухи исломӣ ба Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, ки соли 1948 қабул шудааст, эътироф мегардад. Эъломияи Қоҳира аксари ҳуқуқҳои дар Эъломияи умумӣ пешниҳодшударо кафолат дода, айни замон, арзишҳо ва анъанаҳои исломиро дар ҳаёти шахсӣ, муносибатҳои оилавӣ, иқтисодӣ ва дигар инъикос мекунад.

Бархе аз кишварҳои мусалмонӣ аз Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ба далели ба эътибор нагирифтани шароити фарҳангӣ ва мазҳабии кишварҳои ғайриғарбӣ интиқод кардаанд. Дар соли 1981 намояндаи Эрон дар СММ Саид Раҷаи Харосӣ мавқеи кишварашро дар бораи Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон баён карда, онро «фаҳмиши дунявии анъанаи яҳудӣ ва насронӣ» номид. Ӯ таъкид намуд, ки Эъломияи умумии ҳуқуқи инсонро мусулмонон бидуни нақзи шариати ислом амалӣ карда наметавонанд[571].

Тавре ки дар Эъломияи Қоҳира оид ба ҳуқуқи инсон дар ислом таъкид мешавад, кишварҳои узви Созмони Конфронси Исломӣ «рисолати фарҳангӣ ва таърихии ҷаҳони исломро тасдиқ мекунанд… Онҳо саъй доранд, ки дар талошҳои

[570] Ниг.: Насурдинов Э.С. Правовая система и некоторые аспекты исламской правовой культуры // Известия АН РТ. Серия: философия и право. – Душанбе, 2007. – №4. – С. 112-117.
[571] Каирская декларация прав человека в Исламе от 5 августа 1990 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://european-court-help.ru/ (санаи муроҷиат: 10.10.2023 с.).

инсоният ҷиҳати эътирофи ҳуқуқи инсон, ҳифзи одамон аз истисмор ва таъқиб, таъмини озодӣ ва ҳуқуқи зиндагии шоистаи онҳо тибқи шариати исломӣ саҳм гузоранд. Онҳо мутмаинанд, ки инсоният барои ҳифзи тамаддуни худ ва қувваи ботинии ҳаракатдиҳандаи худ ниёз дорад».

Дар Эъломия андешаи асосии зерин ифода ёфтааст: «Ҳуқуқҳои асосӣ ва озодиҳои умумиинсонӣ дар ислом ҷузъи ҷудонашавандаи дини ислом мебошанд ва аслан ҳеҷ кас ҳақ надорад онҳоро пурра ё қисман аз байн барад, ё поймол кунад… ҷаҳони ислом барои ҳифзи онҳо масъулияти дастаҷамъӣ дорад».

Мувофиқи моддаи 1 Эъломияи Қоҳира, «ҳамаи одамон дар шаъну шарафи асосии инсонӣ ва ухдадориҳои асосӣ, бидуни ҳеҷ гуна тафовут аз рӯйи нажод, ранг, забон, ҷинс, эътиқоди динӣ, ақидаи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва дигар асосҳо баробаранд». Дар баробари ин таъкид мешавад, ки «ҳама мардум бандагони Парвардигоранд ва онон, ки барои соири бандагонаш муфидтаранд, дар назди ӯ маҳбубтаранд ва ҳеҷ кас бар дигарон бартарӣ надорад, магар дар парҳезгорӣ ва аъмоли нек»[572].

Дар Эъломия ҳуқуқ ба ҳаёт эълон гардидааст. Истифодаи чунин воситаҳое манъ карда шудааст, ки бо роҳи генотсид ба ҳалокати инсоният оварда расонанд. Таъкид мешавад, ки ҳифзи ҳаёти инсон фарз аст.

Дар моддаи 3 Эъломия ҳуқуқҳои аҳолии осоишта, ярадоршудагон, беморон, асирони ҳарбӣ ба ёрии тиббӣ ҳангоми задухӯрдҳои мусаллаҳона эълон мешавад. Ҳамчунин буридани дарахтон, зарар расондан ба киштзор, куштани чорво, бо истифодаи силоҳи ҷангӣ вайрон кардани иншооти шаҳрвандон манъ менамояд.

Ҳуқуқи шахс ба дахлнопазирӣ, ҳифзи ном ва шаъну шарафи ӯ дар давоми ҳаёт ва баъд аз марг, ҳуқуқи баробарии зану мард дар издивоҷ, баробарии зан бо мард дар шаъну шарафи инсон, ҳуқуқи зан ба мақоми шаҳрвандии мустақил ва мустақилияти молиявии худ, инчунин ном ва ҷинси худ эълон карда мешаванд. Дар баробари ин, масъулияти шавҳар барои ободии оила таъкид мешавад.

---

[572] Эъломияи Қоҳира оид ба ҳуқуқи инсон дар Ислом аз 5 августи соли 1990. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://european-court-help.ru/ (санаи муроҷиат: 22.05.2023 с.).

Эъломияи Қоҳира ҳуқуқҳои кӯдаконро муқаррар мекунад. Тибқи Эъломия, ҳар як кӯдак аз лаҳзаи таваллуд ҳуқуқ ба нигоҳубини дуруст, таҳсил, дастгирии моддӣ, ҷисмонӣ ва маънавӣ аз ҷониби волидон, ҷомеа ва давлат дорад. Ғайр аз ин, модар ва зани ҳомила ба нигоҳубини махсус ҳуқуқ доранд. Волидайн ҳуқуқ доранд, ки барои фарзандони худ навъи таҳсилро мувофиқи хоҳиши худ интихоб кунанд, дар ҳоле ки онҳо бояд манфиатҳо ваояндаи фарзандонро тибқи арзишҳои ахлоқӣ ва принсипҳои шариат ба инобат мегиранд. Ҳуқуқи волидайн ба дастгирӣ ва нигоҳубин аз ҷониби фарзандон, хешовандон, наздикони худ кафолат дода мешавад.

Имконияти истифодаи шахсии ҳуқуқҳо ва иҷрои шахсии уҳдадориҳо, ҳамчунин, истифодаи ҳуқуқҳо ва иҷрои уҳдадориҳо дар ҳолатҳои муайян аз ҷониби васӣ таъмин мешавад.

Ҳуқуқи ҳар як шахс ба гирифтани таҳсилоти динӣ ва дунявӣ бо мақсади рушди ҳамаҷониба ва мутаносиби шахсияташ кафолат дода мешавад. Эъломия аз он бармеояд, ки андӯхтани дониш қарз буда, таъмини таълим вазифаи ҷомеа ва давлат аст.

Дар моддаи 10 Эъломияи Қоҳира истифодаи маҷбуркунӣ ҳангоми эътиқоди динӣ манъ карда мешавад. Мувофиқи моддаи 11 Эъломияи Қоҳира: «Мардум озод таваллуд мешаванд ва ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки онҳоро ба ғулом табдил диҳад, таҳқир кунад, зулм кунад ва истисмор кунад ва онҳо ба ҷуз Худованди Мутаол тобеи касе нестанд»[573]. Дар Эъломия мустамликадорӣ манъ карда шуда, ҳуқуқи халқҳо ба озодӣ ва худмуайянкунӣ мустаҳкам карда шудааст.

Эъломияи Қоҳира ҳуқуқҳои зеринро эълон мекунад:

– ҳуқуқи ҳар як шахс ба ҳаракати озод ва интихоби ҷойи истиқомат дар дохили кишвар ё берун аз он;

– ҳуқуқ ба паноҳгоҳ;

– ҳуқуқ ба меҳнат;

– озодӣ дар интихоби кор;

---

[573] Эъломияи Қоҳира оид ба ҳуқуқи инсон дар Ислом аз 5 августи соли 1990. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://european-court-help.ru/ (санаи муроҷиат: 22.05.2023 с.).

– ҳуқуқ ба музди одилонаи бетаъхир ва бидуни табъиз байни мардону занон;

– ҳуқуқ ба рухсатии пулакӣ;

– ҳуқуқи пешбарӣ;

– ҳуқуқи гирифтани даромади қонунӣ бидуни инҳисорӣ, фиреб ва зиён ба худ ва дигарон (манъи «рибо»);

– ҳуқуқи моликияти амволе, ки қонунан ба даст оварда шудааст;

– ҳуқуқи истифодаи самараи эҷодиёти илмию адабӣ, бадеӣ ва техникии худ;

– ҳуқуқ ба ҳимояи манфиатҳои маънавӣ ва моддӣ;

– ҳуқуқи зиндагӣ дар муҳити поке, ки аз зишт ва фасоди ахлоқӣ озод аст, ҳуқуқ ба муҳити зисте, ки барои рушди худшиносӣ мусоидат мекунад;

– ҳуқуқ ба хизмати тиббӣ ва иҷтимоӣ;

– ҳуқуқ ба зиндагии шоиста, аз ҷумла, ғизо, либос, манзил, таҳсилот, ҳифзи саломатӣ ва дигар эҳтиёҷоти асосӣ.

Муқаррароти алоҳидаи Эъломия ба амнияти шахсӣ дахл доранд. Дар Эъломия ҳуқуқи ҳар шахс ба амнияти шахсӣ, ба ҳифзи сирри парвандаҳои шахсӣ кафолат дода мешавад. Бадном кардани номи неки шахс дар ҳолати ғоибӣ манъ карда мешавад. Дахлнопазирии манзили истиқоматӣ эълон карда мешавад.

Дар моддаи 19 Эъломияи Қоҳира баробарии ҳама одамон дар назди қонун, бидуни ҳеҷ гуна тафовут байни ҳукуматдорон ва тобеон, инчунин, ҳуқуқ ба адолат кафолат дода мешаванд. Таъкид мегардад, ки масъулият аслан хусусияти шахсӣ дорад. Тибқи Эъломия ҳеҷ гуна ҷиноят ё ҷазо бидуни шариат вуҷуд надорад. Айбдоршаванда то даме ки гуноҳаш аз ҷониби суди холисона исбот нагардад, гунаҳгор ҳисобида намешавад. Ба айбдоршаванда ҳуқуқ ба ҳимоя кафолат дода мешавад.

Эъломияи Қоҳира боздошти шахсро бидуни асосҳои қонунӣ, маҳдуд кардани озодии ӯ, ихроҷ ё муҷозот додан, таҳти шиканҷаи ҷисмонӣ ё руҳӣ ё таҳқир, бераҳмӣ ё таҳқир дар ҳама гуна шакл, инчунин таҳти озмоишҳои тиббӣ ва илмӣ қарор додани шахсро манъ мекунад. Ҳамчунин, ҷорӣ намудани қонунҳои фавқулода, ки барои

амалӣ намудани чунин амалҳо иҷозат медиҳанд, манъ аст. Гирифтани гаравгонҳо дар ҳама шакл ва бо ҳар гуна мақсад комилан манъ карда мешавад.

Дар моддаи 22 Эъломияи Қоҳира ҳуқуқҳои иттилоотии зерин эълон мешаванд:

– ҳуқуқи ҳар кас ба изҳори озоди андеша бо тартибе, ки хилофи принсипҳои шариат набошад;

– ҳуқуқ ба шоҳидии боадолат ва тибқи меъёрҳои шариати исломӣ.

Тибқи Эъломия, иттилоот барои ҷомеа ҳаётан муҳим буда, айни замон истифодаи иттилоот бо мақсади поймол намудани арзишҳои ахлоқию маънавӣ, паҳн намудани фасод дар ҷомеа манъ карда мешавад.

Тибқи моддаи 23 Эъломияи Қоҳира, ҳокимият ба боварии аҳолӣ асос дошта, истифодаи ҳокимият бар зарари манфиатҳои одамон, алалхусус, муқобили ҳуқуқи инсон қобили қабул нест. Ҳуқуқи ҳар шахс ба иштироки бевосита ё бавосита дар идораи корҳои кишвари худ, ба ишғоли мансабҳои давлатӣ эълон мешавад.

Мувофиқи моддаи 24 Эъломияи Қоҳира, тамоми ҳуқуқҳо ва озодиҳо бо шариати исломӣ танзим мешаванд. Гузашта аз ин, шариати исломӣ «сарчашмаи тафсир ё тавзеҳи ҳама гуна моддаҳои Эъломия» эълон мешавад.

**Эъломияи умумии исломии ҳуқуқи инсон**[574]. Нашри якуми Эъломия дар доираи ҳуҷҷатҳои Конфронси умумии исломӣ бахшида ба паёмбар Муҳаммад (с) ва паёми ӯ (Лондон, 12-15 апрели 1980) таҳия шудааст. Нашри дуюми ин санад аз ҷониби Шурои исломии Аврупо таҳия ва 19 сентябри соли 1981 дар Париж нашр шудааст.

Ба ин муносибат дар нашри дуюми Эъломияи умумии исломии ҳуқуқи инсон омадааст: «Ин Эъломияи ҳуқуқи инсон дувумин санади бунёдиест, ки аз ҷониби Шурои исломӣ ба муносибати оғози садаи 15-уми даврони исломӣ нашр шудааст ва аввалин Эъломияи умумии ислом мебошад, ки дар конфронси

[574] Всеобщая Исламская декларация прав человека: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.worldislamlaw.ru/?p=122 (санаи муроҷиат: 09.09.2023 с.).

байналмилалии бахшида ба паёмбари Ислом – Муҳаммад (с) ва паёми ӯ, ки аз 12 то 15 апрели соли 1980 дар Лондон баргузор шуд, эълон шудааст»[575].

Нахустин нашри Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз принсипҳои асосии (принсипҳои бунёдии) низоми ҷаҳони ислом иборат буда, иқтибосҳои зиёде аз Қуръони Карим оварда шудааст. Он ба таври кофӣ ва бо мисолҳои зинда (иқтибосҳо) моҳияти илоҳии ҳуқуқи инсонро дар ҷаҳони ислом инъикос менамояд. Дар он ҳуқуқҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ифода ёфтаанд.

Нашри дуюми Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз нашри қаблӣ фарқ мекунад, зеро он ба низоми ҷаҳонии муосир нигаронида шудааст. Дар он иқтибосҳо аз Қуръон қариб нестанд ва маълумот бо забони ҳуқуқии муосир оварда шудааст. Он бо сохтори худ фарқ мекунад. Аммо дар муқаддимаи Эъломия аҳаммияти бунёдии ҳуқуқ ва озодиҳои асосие, ки ба шахс дода шудааст, таъкид мешавад.

Дар муқаддимаи Эъломияи умумии исломии ҳуқуқи инсон принсипҳои бунёдии (вазифаҳо ва принсипҳои) низоми иҷтимоӣ дар кишварҳои исломӣ тавсиф шудааст. Эъломияи Ислом бунёди сохти ҷаҳонии исломро, ки бар пояҳои зерини бунёдӣ асос ёфтааст, вазифаи асосӣ медонад:

– баробарии умумии одамон, бе имтиёз барои гурӯҳҳои интихобшуда, инчунин, бидуни табъиз дар асоси нажод, ҷинс, забон ва миллат;

– озодии инсон;

– манъи ғуломӣ ва меҳнати вазнин;

– эътирофи оила ҳамчун асоси ҷамъият;

– баробарии ҳама дар назди қонун;

– танҳо ба фармонҳои қонунӣ итоат кардан;

– эътироф ва ба мақомоти қонунӣ итоат кардан;

– ба сифати неъмати илоҳӣ ҳисоб кардани ҳама гуна манфиатҳои иқтисодӣ аз рӯйи қоидаҳои дар Қуръон ва суннат баёнгардида;

575 Эъломияи Қоҳира оид ба ҳуқуқи инсон дар Ислом аз 5 августи соли 1990. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://european-court-help.ru/ (санаи муроҷиат: 22.05.2023 с.).

– ҳалли тамоми корҳои давлат ва амалӣ намудани ҳокимияти маъмурӣ пас аз машварат (шуро) бо шахсони ваколатдор, мутобиқи қонун ва манфиати ҷамъият;

– аз ҷониби ҳар як шахси мансабдор мувофиқи қобилияташон иҷро намудани вазифаҳо, инчунин, муқаррар намудани масъулияти мутаносиб барои амали худ;

– ҳимояи ҳуқуқии ҳар як шахс;

– ҳеҷ касро аз ҳуқуқҳои ба ӯ кафолатдодашуда маҳрум кардан мумкин нест, ба истиснои ҳолатҳои дар Эъломия мазкур пешбинишуда ва дар ҳаҷми муайяннамудаи қонун;

– ҳар кас ҳуқуқ дорад нисбат ба ҳар касе, ки бар зидди ҷамъият ё нисбат ба яке аз аъзои он ҷиноят содир кардааст, ба мақомот муроҷиат намояд;

– истифодаи ҳамаи тадбирҳои имконпазир барои аз истисмор, беадолатӣ ва зулму истисмор наҷот додани инсоният;

– таъмини амният, шаъну шараф ва озодии ҳар як шахс бо тамоми воситаҳои қонунӣ.

Бо вуҷуди ин тафовутҳо ҳарду нашри Эъломияи умумии исломии ҳуқуқи инсон як моҳият доранд, зеро дар онҳо эътирофи амри илоҳии ба мардум нозилшуда ҳамчун меъёри олии ахлоқӣ ва ҳуқуқии рафтор ифода ёфтааст.

Ҳар ду нашри Эъломияи умумии исломии ҳуқуқи инсон моҳияти илоҳии ҳуқуқи инсонро инъикос мекунанд. Ҳуқуқи инсон ҳамчун неъмати илоҳӣ дар қатори неъматҳои дигар пазируфта мешаванд. Ҳадафи ин ҳуқуқҳоро ҳимояи шаъну шарафи шахс, аз байн бурдани истисмор, зулм ва беадолатӣ мебошад.

Эъломияи умумии исломии ҳуқуқи инсон бар пояи Қуръон ва суннат асос ёфта, аз ҷониби намояндагони афкори исломӣ таҳия шудааст. Дар Эъломия баробарии ҳамаи одамон эълон мешавад. Тибқи Эъломия, ҳеҷ кас имтиёз надорад, ҳуқуқи ҳеҷ кас поймол карда намешавад, ҳама озод ба дунё меоянд, ғуломӣ ва меҳнати сангин мамнуъ аст, барои ҳифзи инсон шароит фароҳам оварда мешавад. Оила пояи ҷомеа эълон мешавад. Таъкид мегардад, ки ҳокимон низ тибқи қонун

ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, дар баробари шахсии одӣ. Машварат (шуро) асоси амалӣ намудани ҳокимияти маъмурӣ эълон мешавад. Иҷрои вазифаҳо мутобиқи қобилияти шахс кафолат дода мешавад. Тибқи Эъломия ҳеҷ касро аз ҳуқуқи кафолатдодашуда маҳрум намудан мумкин нест, ҳар кас ҳуқуқи ҳифзи судӣ дорад, ҳуқуқ ба зиндагии осоишта бидуни истисмор, беадолатӣ ва зулм дорад. Ба ҳама амният, шаъну шараф ва озодӣ кафолат дода мешавад.

Эъломия ҳуқуқҳои зерини дахлнопазири инсонро кафолат медиҳад:

– ҳуқуқи зиндагӣ;

– ҳуқуқ ба озодӣ;

– ҳуқуқ ба баробарӣ ва бидуни табъиз;

– ҳуқуқ ба адолат;

– ҳуқуқ ба мурофиаи одилона;

– ҳуқуқ ба ҳимоя бо суиистифода аз ваколати хизматӣ;

– ҳуқуқ ба ҳифз аз шиканҷа, ҳифзи шаъну эътибор;

– ҳуқуқи паноҳгоҳ;

– ҳуқуқҳои ақаллиятҳо;

– ҳуқуқи иштирок дар идоракунии корҳои ҷамъият;

– ҳуқуқ ба озодии виҷдон, фикр ва сухан;

– ҳуқуқ ба озодии эътиқод;

– ҳуқуқ ба озодии ҷамъомадҳо;

– ҳуқуқи истифодаи захираҳои табиӣ;

– ҳуқуқи ба даст овардани воситаҳои зиндагӣ тибқи қонун;

– ҳуқуқ ба моликият;

– ҳуқуқ ба қисми муайяни дороии сарватмандон, ки бо закот муқаррар гардида, тибқи қонун тақсим карда мешавад;

– ҳуқуқи ҳифзи моликият;

– ҳуқуқ ба меҳнат;

– ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ;

– ҳуқуқи таъсиси оила;

– ҳуқуқи акди никоҳ, барпо кардани оила ва тарбияи фарзанд мувофиқи дин, анъана ва фарҳанги худ;

– ҳуқуқи ҳар як зан ба эҳтироми худ ва эҳтиром нисбат ба дигарон;

– ҳуқуқ ба таъминоти моддӣ, нигоҳубин ва ҳифзи оила дар айёми кӯдакӣ, пирӣ ва ҳангоми ғайриқобили меҳнат будан;

– ҳуқуқи падару модар ба таъминоти моддӣ, нигоҳубин ва ҳифзи фарзандон;

– ҳуқуқи модарӣ ба эҳтиром, ғамхорӣ ва ёрии махсуси оила ва мақомоти ҷамъиятии ҷомеа;

– ҳуқуқи зани шавҳардор (дар хонае, ки шавҳараш зиндагӣ мекунад), ба таъминоти моддию молиявӣ, ба талаби талоқ, ба мерос, ба махфӣ нигоҳ доштани маълумоти шавҳараш;

– ҳуқуқ ба таҳсилот;

– ҳуқуқ ба дахлнопазирӣ;

– ҳуқуқ ба озодии ҳаракат ва истиқомат.

Ин ҳуқуқҳо дар чаҳорчӯби арзишҳои динӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, фарҳангӣ, тамаддунӣ шарҳ дода мешаванд. Чунончи, муқаддас ва дахлнопазирии хаёти инсон дар муддати зиндагӣ ва пас аз марг эълон мешавад (моддаи якуми Эъломия). Ҳуқуқ ба озодӣ ҳамчун ҳуқуқи ҳар як шахс ва ҳар як миллат арзёбӣ мешавад. Тибқи Эъломия, ҳар як инсон ва ҳар як миллат ба озодӣ дар ҳама шаклҳо (ҷисмонӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ) ҳуқуқи ҷудонашаванда доранд. Ҳуқуқи адолат ба таври зайл маънидод мешавад: ҳуқуқи шахс ба муомила мутобиқи қонун, эътироз ба беадолатӣ, шикоят ба мақомот, дифоъ аз худ дар сурати айбдоркунӣ ва талаб кардани қарори одилона аз ҷониби суди мустақил.

Тибқи ин Эъломия, ҳар як фарди таъқибшуда ё мазлум ҳуқуқ ба паноҳгоҳ дорад. Ин ҳуқуқ ба ҳар як шахс, сарфи назар аз нажод, дин, ранг ва ҷинс кафолат дода мешавад. Мувофиқи моддаи 9 Эъломияи умумии исломии ҳуқуқи инсон: «Масҷидулҳаром (Хонаи Худо) дар Макка паноҳгоҳи тамоми мусулмонон аст».

Ҳуқуқи ақаллиятҳо дар асоси ояти Қуръон: «Дар дин маҷбурӣ нест» кафолат дода мешавад. Он ҳуқуқҳои динии ақаллиятҳои ғайримусулмонро муайян менамояд. Ҳуқуқи ҳар як шахс ба озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ мувофиқи эътиқоди динӣ таъмин карда мешавад.

Ҳуқуқҳои иқтисодӣ дар робита бо хусусиятҳои иқтисоди исломӣ кафолат дода мешаванд. Дар Эъломия омадааст: «Барои таъмини рушди иқтисоди мутавозин ва ҳифзи ҷомеа аз истисмор, шариати исломӣ инҳисорӣ, фаъолияти аз ҳад маҳдудкунандаи тиҷоратӣ, рибо, истифодаи чораҳои маҷбурӣ дар муомилот ва нашри таблиғоти бардурӯғро манъ кардааст. Ҳама намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар сурате иҷозат дода мешаванд, ки ба манфиатҳои ҷомеа зиён нарасонанд ва қонуну арзишҳои исломиро нақз накунанд»[576].

Ҳуқуқи ҳар як кӯдак дар тобеияти падару модар будан ва дар оила ба воя расидан кафолат дода мешавад. Маҷбур кардани кӯдакони хурдсол ба кор, ба зиммаи кӯдакон гузоштани коре, ки ба рушди онҳо зарар мерасонад, манъ карда мешавад. Тибқи Эъломия, агар бо ягон сабаб падару модар вазифаи худро дар назди кӯдак иҷро карда натавонанд, пас ҷомеа ин вазифаро аз ҳисоби маблағҳои давлат иҷро менамояд. Ғайр аз ин, дар оила зану мард уҳдадориҳоро байни ҳамдигар мувофиқи ҷинс, қобилият, истеъдод, майли фитрӣ, ҳамчунин, тибқи масъулияти умумӣ дар назди фарзандон ва падару модарон тақсим мекунанд.

Эъломия никоҳи маҷбуриро манъ мекунад. Тибқи Эъломия: «Ҳеҷ кас наметавонад, бар хилофи хоҳиши худ никоҳ кунад, дар натиҷаи акди никоҳ қобилияти ҳуқуқии худро пурра ё қисман аз даст диҳад»[577].

Ҳуқуқ ба таҳсил, интихоби озоди касб кафолат дода мешавад. Тибқи Эъломия ҳар як инсон ҳуқуқ дорад вобаста ба қобилияти фитрии худ таҳсил кунад, озодона касби муайянро интихоб намояд, барои рушди ҳамаҷонибаи қобилияти фитрии худ имконият фароҳам оварад.

---

576 Эъломияи Қоҳира оид ба ҳуқуқи инсон дар Ислом аз 5 августи соли 1990. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://european-court-help.ru/ (санаи муроҷиат: 22.05.2023 с.).

577 Эъломияи Қоҳира оид ба ҳуқуқи инсон дар Ислом аз 5 августи соли 1990. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://european-court-help.ru/ (санаи муроҷиат: 22.05.2023 с.).

Ҳуқуқ ба дахлнопазирӣ таъмин карда мешавад. Тибқи Эъломия ҳар як инсон ҳуқуқ ба ҳифзи ҳаёти шахсӣ дорад.

Ҳуқуқ ба озодии ҳаракат ва иқомат ба таври зайл тафсир шудааст: «Бо дарназардошти он ки олами ислом як ҷомеаи воқеан умумиҷаҳонӣ аст, ҳар як мусалмон бояд ҳуқуқи озодона ба ҳар кишвари мусалмонӣ ворид ва баромаданро дошта бошад. Маҷбур кардани шахс ба тарки кишваре, ки он ҷо зиндагӣ дорад, ё ғайриқонунӣ аз кишвар берун кардани шахс манъ карда мешавад»[578].

**Хартияи Араб оид ба ҳуқуқи инсон** (арабӣ الميثاق العربي لحقوق الإنسان) шартномаи байналмилалӣ аст, ки аз ҷониби Лигаи давлатҳои араб соли 2004 қабул шуда, соли 2008 пас аз тасвиби аъзои Лигаи Араб эътибор пайдо кард (нахустин нусхаи Хартияи Араб дар соли 1994 қабул шуда буд). Оинномаи суди араб оид ба ҳуқуқи инсон моҳи сентябри соли 2014 қабул шудааст.

Хартияи Араб оид ба ҳуқуқи инсон дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор дорад[579].

Дар Хартияи Араб таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ба рушди маориф ва фарҳанг ҳамчун заминаи инкишофи ҳаматарафаи шахсияти инсон зоҳир мешавад. Меъёрҳои Хартияи Араб ба афзоиши эҳтиром ба ҳуқуқи инсон ва ягонагии арабҳо мусоидат менамояд (моддаи 34).

Дар Хартияи Араб таъсиси Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон пешбинӣ мешавад. Дар ҳуҷҷати мазкур тартиби зерини ташкили Комиссияи араб оид ба ҳуқуқи инсон пешбинӣ мешавад:

1. Комиссия аз ёздаҳ нафар аъзои дорои сифатҳои баланди ахлоқӣ ва салоҳияти эътирофшуда дар соҳаи ҳуқуқи инсон иборат аст;

2. Ҳар як давлати иштирокчӣ метавонад на бештар аз ду шахсеро пешбарӣ кунад, ки ба талаботи дар ҳамин модда пешбинишуда ҷавобгӯ бошанд. Яке аз

[578] Ҳамон ҷо.

[579] Ниг.: Абашидзе А.Х., Абдалла И.А. Арабская хартия прав человека // Правоведение.– СПб.: Изд-во СПб. ун-та, 2000. – №1. – С. 196-200; Анаам А. Арабская хартия прав человека как один из основных региональных международно-правовых документов по правам человека на Ближнем Востоке // Сборник аспирантских научных работ. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 2006. – Вып. 7: Т. 1. – С. 11-24.

шахсоне, ки номзадии ӯро пешбарӣ кардааст, бояд шаҳрванди он давлат набошад. Шахси сеюмро иттифоқи адвокатҳои ҳар як кишвари араб пешбарӣ мекунад;

3. Аъзоёни Комиссия аз номи давлатҳои иштироккунанда бо овоздиҳии пинҳонӣ дар конференсияи махсус оид ба ин масъала, тибқи рӯйхат интихоб карда мешаванд. Комиссия наметавонад зиёда аз як шаҳрванди як давлатро дар бар гирад.

Комиссия ваколатҳои зеринро амалӣ менамояд:

1. Ҳавасмандгардонӣ ва рушди эҳтиром нисбат ба ҳуқуқи инсон ва мардуми араб тавассути паҳн кардани маълумот оид ба ҳуқуқи инсон, ташкили конфронс оид ба ҳуқуқи инсон, дастгирии тамоми ниҳодҳои миллӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва рушди муносибатҳои дӯстона бо ташкилотҳои умумииттифоқӣ ва минтақавии ҳуқуқи инсон.

2. Баррасии гузоришҳои пешниҳоднамудаи давлатҳои иштирокчӣ роҷеъ ба чораҳое, ки онҳо барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои дар Оиннома эътирофшуда андешидаанд.

3. Баррасии шикоятҳо дар ҳолате ки агар давлати иштирокчӣ муайян кунад, ки давлати дигари иштирокчӣ муқаррароти ҳамин Оинномаро иҷро намекунад.

4. Баррасии шикоятҳои шахсоне, ки ҳуқуқу озодиҳояшон поймол шудаанд, дар сурате ки шахс тамоми воситаҳои ҳуқуқи дохилиро истифода намудааст.

5. Баррасии дағалонаи ҳуқуқи инсон дар давлати мушаххаси иштирокчӣ бо дархости на бештар аз ду аъзои Комиссия (моддаи 53).

Барпо намудани Суди араб оид ба ҳуқуқи инсон низ пешбинӣ карда шудааст. Моддаи 56 Хартияи Араб қоидаҳои зеринро муқаррар мекунад:

1. Суди араб оид ба ҳуқуқи инсон аз ҳафт судя иборат аст. Аъзои суд аз ҷониби давлатҳои иштирокчӣ аз рӯйхати шахсоне, ки аз ҷониби давлатҳо пешбарӣ шудаанд, интихоб карда мешаванд.

2. Ҳар як давлати иштирокчӣ ду номзадро пешбарӣ мекунад, номзади сеюмро коллегияи адвокатҳои он пешбарӣ мекунад. Ҳама номзадҳо бояд дорои маълумоти ҳуқуқӣ ва сифатҳои баланд бошанд.

3. Аъзои суд аз ҷониби давлатҳои иштирокчӣ бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб карда мешаванд. Ба ҳайати суд зиёда аз як шаҳрванди як давлат дохил шуда наметавонад.

Дар моддаи 58 Хартияи Араб салоҳиятҳои зерини Суди араб оид ба ҳуқуқи инсон муқаррар гаштааст:

1. Баррасии шикояти ҳар як давлати иштирокчӣ алайҳи давлати дигаре, ки муқаррароти Оинномаро вайрон кардааст.

2. Баррасии шикоятҳо, дар ҳолате ки комиссияҳои дахлдори созишӣ ба ҳалли масъала муваффақ намешаванд.

3. Баррасии шикояти шахсони воқеӣ баъди ба суд муроҷиат намудани комиссия.

4. Суд метавонад, оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ оид ба шарҳи муқаррароти Оиннома хулосаҳои машваратӣ диҳад.

Қарори суд ниҳоӣ аст. Тарафҳои иштироккунанда уҳдадор мешаванд, ки қарорҳои судро иҷро намоянд (моддаи 59).

Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомёфта хулосаҳои зерин пешниҳод мешаванд:

1. Бархӯрди тамаддунӣ ва фарҳангӣ, ба инобат нагирифтани арзишҳои маънавӣ, ахлоқӣ, динии тамаддуни исломӣ зимни қабул ва татбиқи санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон (Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, паймонҳо, конвенсияҳо ва ғ.), мутобиқат накардани идеологияи либералии ғарбӣ ба назария ва амалияи давлатҳои исломӣ, ихтилофоти байни назарияҳои ғарбӣ ва исломии ҳуқуқи инсон, кӯшиши хориҷии паҳн намудани меъёрҳои зиндагии ғарбӣ дар раванди ҷаҳонишавии неолибералӣ, оқибатҳои манфии ҷаҳонишавии фарҳангӣ аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки зарурати қабули санадҳои давлатҳои исломиро оид ба ҳуқуқи инсон тақозо мекунанд.

2. Тазоди арзишҳои ғарбии либералӣ ва арзишҳои анъанавии исломӣ ба дарку тавсифи ҳуқуқи инсон таъсир мерасонад, чунки арзишҳои ғарбӣ ва исломӣ таърихан дар доираи тамаддунҳои мухталиф ташаккул ёфтаанд. Зиддияти мазкур дар ҷараёни таҳия ва амалӣ намудани санадҳои байналмилалӣ ва исломии ҳуқуқи

инсон ба таври равшан зоҳир гардид, чунки Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, дигар санадҳои байналмилалии ин соҳа ва санадҳои исломии ҳуқуқи инсон тафовути ҷиддии мафкуравӣ, фарҳангӣ ва арзишӣ доранд.

3. Ташаккули назарияҳои ғарбии ҳуқуқи инсон таърихан дар тамаддуни насронӣ сурат гирифтааст. Мафҳумҳои фарогири ҳуқуқи инсон дар доираи ҷамъияти дунявӣ инкишоф ёфта, ба талаботи модели нави сохти ҷамъиятӣ, ки баъд аз инқилобҳои буржуазӣ амалӣ мешавад, ҷавобгӯ буданд. Ба инкишофи ҳуқуқи байналмилалии муосир, аз он ҷумла, ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон назарияҳои протестантӣ ва классикии либералӣ, ки маънавиёт ва арзишҳои ҷомеаи дунявиро ифода мекунанд, таъсир мерасонанд. Ҳоло таъсири назарияҳои неопротестантӣ ва неолибералӣ мушоҳида мешавад. Ҳолати мазкур боиси он мегардад, ки як зумра муҳаққиқон мавҷудияти консепсияи неопротестантии ҳуқуқи байналмилалӣ ва мувофиқан, мафҳуми неопротестантии ҳуқуқи инсонро тасдиқ мекунанд. Бар замми ин, назарияҳои мазкур тавассути ҷаҳонишавии неолибералӣ паҳн карда мешаванд. Инқилоби иттилоотӣ-технологӣ ва бунёди ҷомеаи ҷаҳонии иттилоотӣ ба ҷаҳонишавии неолибералӣ, аз он ҷумла, дар самти паҳн гардидани назарияҳои ғарбии ҳуқуқи инсон мусоидат мекунад. Дар назарияҳои ғарбии ҳуқуқи инсон арзишҳои дунявӣ ва динӣ инъикос меёбанд. Назарияҳои динии ғарбӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар маъхазҳои муайян инъикоси худро ёфтаанд, аз ҷумла, мафҳумҳои ҷудогонаи назарияҳои дунявӣ. Барои ҳамин, мухолифати назарияҳои ғарбӣ ва исломии ҳуқуқи инсон хусусияти тамаддунӣ дошта, бо назарияи «бархӯрди тамаддунҳо» шарҳ дода мешавад.

4. Назарияи исломии ҳуқуқи инсон аз Қуръон, суннат ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ асос меёбад, дар дохили тамаддуни исломӣ, дар алоқамандӣ бо ҷаҳонбинӣ, тафаккур, фарҳанг, маънавиёт, ахлоқ, дин, анъанаҳои халқҳои мусулмон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, аз он ҷумла, давлатдорӣ, қонунгузорӣ ва ғайра ташаккул ёфта, тадриҷан рушд мекунад.

5. Дар баробари қабули санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, дар натиҷаи ошкор гардидани мухолифати мафҳумҳои муайяни ин санадҳо ба

арзишҳои тамаддуни исломӣ ва бо мақсади ҳимояи манфиатҳои миллӣ бо иштироки муштараки давлатҳои исломӣ санадҳои исломии ҳуқуқи инсон қабул мешаванд. Ҳуҷҷатҳои бунёдие, ки назарияи исломии ҳуқуқи инсонро инъикос мекунанд, инҳоянд: Эъломияи умумии исломии ҳуқуқи инсон аз соли 1981; Эъломияи Қоҳира оид ба ҳуқуқи инсон дар ислом аз соли 1990; Хартияи Араб оид ба ҳуқуқи инсон аз соли 2004.

6. Фаъол шудани кишварҳои мусулмонӣ барои қабули санадҳои ҳуқуқи инсон сабабҳои зерин дорад:

– ҳимояи арзишҳои анъанавии ахлоқӣ, маънавӣ, динӣ, оилавӣ ва дигари иҷтимоӣ, ки заминаи бунёди ҷомеаи исломиро ташкил медиҳанд;

– мушкилоти амалӣ намудани консепсияи умумиинсонии классикӣ бо дарназардошти мавҷудияти проблемаҳои дорои хусусияти ахлоқӣ, маънавӣ, динӣ, иҷтимоию сиёсӣ, ки дар марҳилаи мазкур ҳал нашудаанд;

– ташаккули назарияи умумиинсонии ҳуқуқи инсон, пеш аз ҳама, арзишҳои умумиинсонӣ бо иштироки доираи маҳдуди тамаддунҳо, дар натиҷаи истисно намудани намояндагони фарҳангҳои анъанавӣ, бахусус, фарҳангҳои асили қадим, ки боиси мухолифати ҷомеаҳои анъанавӣ бо назарияҳои фарогири ҳуқуқи инсон мегардад.

7. Назарияи исломии ҳуқуқи инсон эътирози ҷонибдорони консепсияи умумиинсонии классикиро ба миён меорад. Барои интиқод аз консепсияи исломӣ далелҳои мухталифе вуҷуд доранд. Масалан яке аз чунин далелҳо мазмуни мазҳабии консепсияи исломии ҳуқуқи инсон аст. Аммо дар ин гуна интиқодҳо ба назар гирифта намешавад, ки консепсияи исломии ҳуқуқи инсон аз дини ислом ҷудонашаванда буда, он бешубҳа арзишҳои дини исломро инъикос мекунад.

8. Мушкилоти дарк ва татбиқи ҳуқуқи инсон бояд бо иштироки баробари намояндагони тамоми фарҳангу тамаддунҳо – мусулмонон, яҳудиён, буддоҳо, насрониҳо (протестантҳо, католикҳо, православҳо) ҳал карда шаванд.

9. Эътирозҳои сарони ҷаҳони ислом дар мавриди як қатор ҳуқуқҳои умумиинсонӣ ба ҳифзи ҷаҳони маънавӣ, ахлоқӣ ва этникии мусулмонон, тарзи

зиндагии анъанавии онҳо, алалхусус, амрҳои динии исломӣ равона шудаанд. Дар кишварҳои исломӣ баъзе ҳуқуқу озодиҳо, ки боиси фардикунонии шадид гардида, ба меъёрҳои ахлоқӣ ва этникии зиндагии онҳо таъсир мерасонад, ба таври манфӣ қабул карда мешаванд,. Ба ин гуна ҳуқуқҳо, аз ҷумла, ҳуқуқҳои репродуктивӣ, ҳуқуқҳое, ки издивоҷи якҷинсаро иҷозат медиҳанд, дохил мешаванд. Албатта чунин ҳуқуқу озодиҳо бо муқовимати фаъоли мусулмонон рӯбарӯ мешаванд ва аз ҷониби онҳо баҳои манфӣ хоҳанд гирифт.

10. Назарияи исломии ҳуқуқи инсон талабот ва арзишҳои назарияи ҳуқуқи фитриро инкор намекунад. Назарияи муосири исломии ҳуқуқи инсон ҳеҷ гоҳ ҳуқуқи инсонро инкор намекунад. Дар доираи он ҳуқуқи инсон эътироф гардида, дар робита бо арзишҳои ҳуқуқӣ, динӣ, маънавӣ, ахлоқии исломӣ дарку тавсиф мегарданд. Ҳуқуқи инсон, ки дар назария ва амалияи исломӣ кафолат дода мешаванд, ба назарияи умумиинсонӣ мухолифат надошта, баръакс фарҳанги ҷаҳониро ғанӣ мегардонанд.

11. Дар ҷаҳони муосир дар робита бо бархӯрди арзишҳои ғарбӣ ва исломӣ тафовути дарк ва амалисозии ҳуқуқи инсон ҷой дорад. Дар доираи муколамаи тамаддунҳо дараҷаи ин зиддиятро метавон паст намуд. Ин муколамаи фарҳангию тамаддунӣ иштироки баробарҳуқуқи ҳамаи тарафҳо – намояндагони фарҳангҳои гуногунро дар татбиқи ташаббусҳои сулҳҷӯёна пешбинӣ мекунад. Чунин таҷрибаи ба эътидол овардани шиддати тафовути фарҳангӣ ва тамаддунӣ бо дарназардошти гуногунии фарҳангу тамаддунҳо, арзишҳои маънавию ахлоқии ба онҳо хос ташаккул меёбад.

12. Санадҳои исломӣ оид ба ҳуқуқи инсон хусусиятҳои зерин доранд:

– норозигии кишварҳои мусулмониро аз назарияи умумиинсонии ҳуқуқи инсон ба далели ба эътибор нагирифтани шароити фарҳангӣ ва мазҳабии кишварҳои ғайриғарбӣ инъикос мекунад;

– арзишҳо ва анъанаҳои исломиро дар ҳаёти шахсӣ, муносибатҳои оилавӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар инъикос мекунанд;

– ҳуқуқҳои асосӣ ва озодиҳои умумиинсонӣ дар ислом ҷузъи ҷудонашавандаи дини ислом мебошанд ва аслан ҳеҷ кас ҳақ надорад, онҳоро пурра ё қисман аз байн барад, ё поймол кунад, ҷаҳони ислом барои ҳифзи онҳо масъулияти дастаҷамъӣ дорад;

– ҳамаи одамон дар шаъну шарафи асосии инсонӣ ва вазифаҳои асосӣ, бидуни ҳеҷ гуна тафовут аз рӯйи нажод, ранг, забон, ҷинс, эътиқоди динӣ, ақидаи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва дигар асосҳо баробаранд;

– ҳуқуқи шахс ба дахлнопазирӣ, ҳифзи ном ва шаъну шарафаш дар давоми ҳаёт ва баъд аз марг, ҳуқуқи баробарии заню мард дар издивоҷ, баробарии зан бо мард дар шаъну шарафи инсон, ҳуқуқи зан ба мақоми шаҳрвандии мустақил ва мустақилияти молиявии худ, инчунин, ном ва ҷинси худ эълон карда мешаванд, инчунин, масъулияти шавҳар барои ободии оила таъкид мешавад;

– ҳар як кӯдак аз лаҳзаи таваллуд ҳуқуқ ба нигоҳубини дуруст, таҳсил, дастгирии моддӣ, ҷисмонӣ ва маънавӣ аз ҷониби волидон, ҷомеа ва давлат дорад; модар ва зани ҳомила ба нигоҳубини махсус ҳуқуқ доранд; волидайн ҳақ доранд, ки барои фарзандони худ навъи таҳсилро мувофиқи хоҳиши худ интихоб кунанд, дар ҳоле ки онҳо бояд манфиатҳо ва ояндаи фарзандонро тибқи арзишҳои ахлоқӣ ва принсипҳои шариат ба инобат мегиранд; ҳаққи волидайн ба дастгирӣ ва нигоҳубин аз ҷониби фарзандон, хешовандон, наздикони худ кафолат дода мешавад;

– иттилоот барои ҷомеа ҳаётан муҳим буда, айни замон истифодаи иттилоот бо мақсади поймол намудани арзишҳои ахлоқию маънавӣ, паҳн намудани фасод дар ҷомеа манъ карда мешавад.

Тавре мушоҳида мешавад, тарзи ифодаи ҳуқуқи инсон дар санадҳои исломӣ аз санадҳои байналмилалӣ фарқ дорад. Дар санадҳои исломӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ба таъмини ҳуқуқҳои шахсӣ, аз ҷумла, ба дахлнопазирӣ, ҳифзи ном ва шаъну шараф дар давоми ҳаёт ва баъд аз марг дода мешавад. Ҳуқуқи баробарии заню мард (дар издивоҷ, дахлнопазирии шаъну шараф, дар мақоми шаҳрвандии мустақил, дар соҳаи мустақилияти молиявӣ) кафолат дода мешавад. Таваҷҷуҳи асосӣ ба ҳуқуқҳои кӯдак ба нигоҳубини дуруст, таҳсил, дастгирии моддӣ, ҷисмонӣ ва маънавӣ аз ҷониби волидон,

ҷомеа ва давлат дода мешавад. Анъанаҳои тамаддуни исломӣ дар соҳаи тарбияи кӯдакон ба инобат гирифта мешаванд. Чунончи, ҳуқуқи модар ва зани ҳомила ба нигоҳубини махсус, ҳуқуқи волидайн дар соҳаи тарбияи кӯдак бо дарназардошти манфиатҳо ваояндаи фарзандон, арзишҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои исломӣ, инчунин ҳаққи волидайн ба дастгирӣ ва нигоҳубин аз ҷониби фарзандон, хешовандон, наздикони худ кафолат дода мешаванд.

## 3.6. Таълими ҳуқуқи инсон ҳамчун заминаи рушди вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шахс: таҷрибаи хориҷӣ

Асоси сиёсати ҳуқуқӣ оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ин Эъломияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба таълим ва омӯзиши ҳуқуқи инсон мебошад. Он бо қатъномаи 66/137 Ассамблеяи Генералӣ аз 19 декабри соли 2011 қабул шудааст[580].

Дар Эъломия СММ бори дигар содиқ будани худро ба ҳадафҳо ва принсипҳои Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба эҳтиром ва пешбурди ҳамаи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, сарфи назар аз нажод, ҷинс, забон ва дин, аз ҷумла стандартҳои асосии байналмилалии зерин тасдиқ мекунад:

– ҳар як инсон ва ҳар як мақомоти ҷомеа бояд бо роҳи маърифату таълим барои эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон мусоидат намояд;

– ҳар кас ба таҳсил ҳуқуқ дорад ва таҳсилот бояд ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти инсон ва ҳисси шаъну шараф равона карда шавад, то ба ҳамаи одамон имкон диҳад, ки иштирокчиёни муфиди ҷомеа озод бошанд, ба ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ ва дӯстии байни ҳамаи миллатҳо ва ҳамаи гурӯҳҳои нажодӣ, этникӣ ва динӣ мусоидат намоянд, дар кори СММ оид ба ҳифзи сулҳу амният, рушди ҳуқуқи инсон саҳм гузоранд;

– давлатҳо тибқи Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва дигар шартномаҳои

[580] Декларация ООН ооб образовании и подготовке в области прав человека. Принята Резолюцией 66/137 Генеральной Ассамблеи от 19 декабря 2011 года: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/hr_education.shtml(санаи муроҷиат: 12.08.2022 с.).

байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон вазифадоранд, ки таълим ба таҳкими эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон нигаронида шавад;

– аҳаммияти бунёдии саҳми таълим ва тарбияи ҳуқуқи инсон дар пешбурд, ҳифз ва татбиқи самараноки тамоми ҳуқуқи инсон;

– конфронси умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон дар Вена дар соли 1993 аз тамоми давлатҳо ва муассисаҳо даъват кард, ки ҳуқуқи инсон, демократия ва волоияти қонунро ба барномаҳои таълимии ҳамаи муассисаҳои таълимӣ дохил кунанд;

– омӯзиши ҳуқуқи инсон бояд масъалаҳои сулҳ, демократия, рушд ва адолати иҷтимоиро дар бар гирад, то ба як фаҳмиш ва огоҳии умумӣ ноил шавад, то тааҳҳудоти умумиҷаҳонӣ ба ҳуқуқи инсонро таҳким бахшад.

Ин Эъломия ба Ҳуҷҷати Натиҷаи Саммити умумиҷаҳонии соли 2005 дахл дорад, ки дар он сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо кӯшишҳоро барои пешбурди таълим ва тарбияи ҳуқуқи инсон дар ҳама сатҳ, аз ҷумла тавассути татбиқи Барномаи умумиҷаҳонии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дастгирӣ намуда, ҳамаи давлатҳоро даъват карданд, ки ин ташаббусро инкишоф диҳанд.

Эъломия барои пурзӯр кардани тамоми кӯшишҳои марбут ба таълим ва омӯзиши ҳуқуқи инсон тавассути ӯҳдадории дастаҷамъии ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор ба ҷомеаи ҷаҳонӣ изҳороти қавӣ мефиристад.

Мувофиқи моддаи 1-и Эъломияи мазкур ҳар як шахс ҳақ дорад, ки дар бораи ҳама ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон маълумот гирад, ҷустуҷӯ кунад ва ба даст орад, ба таҳсил ва омӯзиш дар соҳаи ҳуқуқи инсон дастрасӣ дошта бошад. Таълим ва омӯзиши ҳуқуқи инсон барои пешбурди эҳтироми ҳамаҷониба ва риояи ҳама ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосии ҳама шахсон мувофиқи принсипҳои фарогир, тақсимнашаванда ва вобастагии мутақобилаи ҳуқуқи инсон муҳиманд. Татбиқи самараноки тамоми ҳуқуқи инсон, бахусус, ҳуқуқ ба таҳсил айни замон дастрасӣ ба иттилоот, ба таълим ва омӯзиши ҳуқуқи инсонро таъмин мекунад.

Мувофиқи моддаи 2-и Эъломия, таълими ҳуқуқи инсон тамоми намудҳои фаъолияти таълимӣ, касбӣ, иттилоотиро дар бар мегирад. Таълими ҳуқуқи инсон ба эҳтироми ҳамагон ва риояи ҳамаи ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон, ба

пешгирии нақзи ҳуқуқи инсон ва суиистифода аз онҳо тавассути ташаккули дониш, малака, рушди қобилият, ташаккул ва тарғиби фарҳанги умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон мусоидат мекунад.

Эъломия соҳаҳои зерини татбиқи таълим ва тарбияро дар соҳаи ҳуқуқи инсон пешбинӣ менамояд:

1) таълим оид ба ҳуқуқи инсон, ки таъмини дониш ва фаҳмиши меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи инсон, арзишҳо ва механизмҳои асосии ҳифзи онҳоро дар бар мегирад;

2) таълим тавассути ҳуқуқи инсон, ки омӯзиш ва таълимро бо тарзе ки ҳуқуқҳои омӯзгорон ва хонандагонро риоя мекунанд, дар бар мегирад;

3) таълим оид ба ҳуқуқи инсон, ки ба шахсони алоҳида барои истифода ва амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ ва эҳтирому ҳимояи ҳуқуқҳои дигарон имконият медиҳад.

Эъломия эътироф мекунад, ки таълим ва тарбияи ҳуқуқи инсон як раванди давомдорест, ки ба ҳама синну сол дахл дорад. Таълим ва тарбияи ҳуқуқи инсон ба тамоми бахшҳои ҷомеа дар ҳама сатҳ, аз ҷумла, таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ, миёна ва олӣ дахл доранд, то ҳадди имкон бо дарназардошти озодии академӣ, тавассути фарогирии ҳамаи шаклҳои таълим, аз он ҷумла, давлатӣ ё хусусӣ, расмӣ ё ғайрирасмӣ татбиқ мешавад. Таваҷҷуҳи махсус ба таълими касбӣ, тайёр кардани муаллимон ва мансабдорони давлатӣ, ҳамчунин, ба таҳсилоти давомдор, маорифи халқӣ, чорабиниҳои иттилоотӣ дода мешавад.

Тавре дар моддаи 4-уми Эъломия таъкид мешавад, принсипҳои Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва шартномаву ҳуҷҷатҳои ба он алоқаманд, ки асоси таълиму тарбия дар соҳаи ҳуқуқи инсонро ташкил медиҳанд, ба манфиатҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

– баланд бардоштани сатҳи дониш, маърифат ва қабули меъёрҳо ва принсипҳои умумии ҳуқуқи инсон, инчунин, кафолатҳо дар сатҳи байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон;

– ташаккули фарҳанги умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон, ки дар он ҳар як шахс аз ҳуқуқу уҳдадориҳои худ нисбат ба ҳуқуқи дигарон огоҳ аст, бо мақсади мусоидат намудан ба ташаккули шахсият ҳамчун узви масъули ҷомеаи озод, осоишта, гуногунандеша амал мекунад;

– ноил шудан ба татбиқи самараноки тамоми ҳуқуқи инсон ва тарғиби таҳаммулпазирӣ, роҳ надодан ба табъиз ва баробарӣ;

– таъмини имкониятҳои баробар барои ҳама тавассути таъмини дастрасӣ ба таҳсилот ва омӯзиши босифати ҳуқуқи инсон бидуни ҳама гуна табъиз;

– мусоидат намудан ба пешгирии нақзи ҳуқуқи инсон, мубориза бар зидди ҳама шаклҳои табъиз, нажодпарастӣ, қолабсозӣ ва барангехтани бадбинӣ ва муносибатҳои зараровар, инчунин, рафъи онҳо.

Омӯзиши ҳуқуқи инсон тибқи Эъломия аз ҷониби субъектҳои давлатӣ ва хусусӣ ба роҳ монда мешавад. Он ба принсипҳои баробарӣ ва дастрасии таҳсил асос ёфта, гуногунии тамаддунҳо, динҳо, фарҳангҳо ва анъанаҳои кишварҳои гуногун, инчунин, шароити гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро ба назар мегирад. Айни замон он ба рушди ташаббусҳои маҳаллӣ мусоидат мекунад.

Омӯзиши ҳуқуқи инсон ҷанбаи иттилоотӣ низ дорад. Таълими ҳуқуқи инсон бояд аз технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, васоити ахбори омма барои пешбурди тамоми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон истифода барад.

Дар Эъломия вазифаҳои мушаххаси амалӣ гардонидани таълими ҳуқуқи инсон муайян карда шудаанд. Ин вазифаҳо ба зиммаи субъектҳои гуногуни сиёсати маориф дар соҳаи ҳуқуқи инсон гузошта шудаанд. Яке аз субъектхои асосии ин сиёсат давлат мебошад. Ба зиммаи давлатҳо гурӯҳҳои зерини вазифаҳо оид ба таълими ҳуқуқи инсон вогузор карда мешаванд:

1. Давлатҳо ва мақомоти дахлдори давлатӣ масъулияти аввалиндараҷа доранд, ки раванди таълиму тарбияи ҳуқуқи инсонро дар руҳияи иштироки фаъол, ошкорбаёнӣ ва масъулиятнокӣ таъмин намоянд.

2. Дар давлатҳо шароити мусоид барои ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва дигар субъектҳои дахлдор ба таълим ва омӯзиши ҳуқуқи инсон бояд таъмин карда шавад.

3. Давлатҳо вазифадоранд, ки ба таври инфиродӣ ва бо кумаку ҳамкории байналмилалӣ чораҳо андешанд, то ҳадди имкон захираҳои мавҷударо таъмин намоянд, ки тадриҷан ҷорӣ намудани таълим ва тарбияи ҳуқуқи инсон тавассути воситаҳои дахлдор, аз ҷумла қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва маъмурӣ имконпазир гардад.

4. Давлатҳо ва мақомоти дахлдори давлатӣ бояд омӯзиши мувофиқи ҳуқуқи инсонро дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстона, ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ барои мансабдорони давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ, судяҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ таъмин намуда, ба омӯзиши мувофиқ оид ба ҳуқуқи инсон барои муаллимон, омӯзгорон ва дигар намояндагони ихтисосҳои педагогӣ, кормандони сохторҳои хусусӣ, ки аз номи давлат амал мекунанд, мусоидат кунанд.

5. Давлатҳо бояд стратегияҳо, нақшаҳо ва барномаҳои амалро оид ба ҷорӣ намудани таълим ва омӯзиши ҳуқуқи инсон масалан, тавассути дохил намудани онҳо ба барномаи таълимии мактабӣ ва касбӣ таҳия намоянд. Дар ин кор онҳо бояд Барномаи умумиҷаҳонии маориф оид ба ҳуқуқи инсон, талабот ва афзалиятҳои мушаххаси миллӣ ва маҳаллиро ба назар гиранд.

6. Давлатҳо бояд ба таъсис, рушд ва таҳкими ниҳодҳои муассир ва мустақили миллии ҳуқуқи инсон, ки дар пешбурди таълим ва тарбияи ҳуқуқи инсон нақши муҳимми ҳамоҳангсоз доранд, бахусус, тавассути баланд бардоштани огоҳӣ ва сафарбар намудани субъектҳои дахлдори давлатӣ ва хусусӣ мусоидат кунанд.

Вазифаҳои муайян дар ин самт инчунин, ба зиммаи субъектҳои зерини ғайридавлатӣ гузошта шудаанд: муассисаҳои таълимӣ, ВАО, оилаҳо, ниҳодҳои ҷамъиятии маҳаллӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла, созмонҳои ғайриҳукуматӣ, ҳомиёни ҳуқуқи инсон ва бахши хусусӣ. Ин фаъолон дар пешбурд

ва таъмини таълиму тарбияи ҳуқуқи инсон нақши муҳим доранд. Институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор ташвиқ карда мешаванд, ки ба кормандони штатӣ ва ғайриштатии худ оид ба ҳуқуқи инсон таълим ва омӯзиши мувофиқ диҳанд.

Фаъолони зерини таълим ва тарбияи ҳуқуқи инсон Созмони Милали Муттаҳид, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошанд. Онҳо бояд ба шаҳрвандони худ ва кормандони низомию полис, ки дар назди онҳо кор мекунанд, таълим ва омӯзиши ҳуқуқи инсон диҳанд.

Муқаррароти алоҳидаи Эъломия ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи татбиқи сиёсати таълимӣ оид ба ҳуқуқи инсон дахл доранд. Ҳамкории байналмилалӣ дар ҳама сатҳҳо бояд кӯшишҳои миллиро ҷиҳати таъмини таълим ва омӯзиши ҳуқуқи инсон, аз ҷумла то ҳадди имкон, дар сатҳи маҳаллӣ дастгирӣ ва тақвият бахшад. Кӯшишҳои иловагии ҳамоҳангшуда дар сатҳҳои байналмилалӣ, минтақавӣ, миллӣ ва маҳаллӣ низ пешбинӣ шудаанд[581]. Эъломия маблағгузории ихтиёриро барои лоиҳаҳо ва ташаббусҳо дар соҳаи маориф ва омӯзиши ҳуқуқи инсон ҳавасманд мекунад.

Омӯзиши ҳуқуқи инсон ба механизмҳои ҳуқуқи инсон асос ёфтааст. Дар ин асос, Эъломия тасдиқ мекунад, ки механизмҳои ҳуқуқи инсони байналмилалӣ ва минтақавӣ дар доираи ваколатҳои худ бояд дар фаъолияти худ таълим ва омӯзиши ҳуқуқи инсонро ба назар гиранд. Аз давлатҳо даъват карда мешавад, ки дар гузоришҳои худ ба механизмҳои дахлдори ҳуқуқи инсон маълумотро дар бораи чораҳои андешидаашон дар соҳаи таълим ва омӯзиши ҳуқуқи инсон ворид кунанд.

Татбиқи таълими ҳуқуқи инсон захираҳои зарурии молиявӣ, моддию иттилоотӣ ва дигар захираҳоро тақозо мекунад. Мувофиқи Эъломия, давлатҳо бояд барои босамар татбиқ кардан ва риоя намудани нуқтаҳои Эъломия чораҳои дахлдор андешанд, инчунин барои ин маблағҳои заруриро ҷудо кунанд.

---

[581] Ниг.: Раҳмон Д.С. Чанд мулоҳиза доир ба дурнамои таълимоти универсалии ҳуқуқи башар // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2018. – №4 (24). – С. 5-14.

Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон якчанд марҳилаи рушдро паси сар кардааст. Дар соли 1945 ташкил ёфтани СММ дар инкишофи таърихии ҷомеаи ҷаҳон марҳалаи нав гардид. Мамлакатҳои иштироккунанда Оинномаи ин ташкилотро қабул карда, қарор доданд, ки ҷидду ҷаҳди худро барои халос шудан аз офатҳои ҷанг, мустаҳкам намудани сулҳу амнияти халқҳо, эҳтиром намудани баробарии давлатҳои хурду калон, ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳо равона мекунанд. Дар Оинномa мақсаду идеалҳое, ки барои ҳамаи халқҳои ҷаҳон умумианд, ифода ёфтаанд.

Аз ҳамон вақт инҷониб, раванди ташаккули як соҳаи нави донишҳои ҷамъиятию гуманитарӣ ва як фанни махсуси таълимӣ, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ-фарҳангӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ инъикос менамояд, моҳиятан оғоз ёфт. Ассамблеяи Генералии СММ 10 декабри соли 1948 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсонро қабул карда, аз тамоми давлатҳо даъват кард, ки дар паҳн кардани донишҳо дар бораи ҳуқуқи инсон тавассути эҳтиром ва татбиқи онҳо дар амал саҳм гузоранд. Ҳамзамон таъкид шуд, ки донистани ҳуқуқ шарти муҳимтарини ташаккули шахсият аст, ки онро Эъломия идеали инсони озоду мутамаддин медонад[582].

Дар соли 1952 Шурои СММ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар қарори худ таҳти №314 аз ЮНЕСКО даъват мекунад, ки маъракаи васеъро барои паҳн кардани дониш дар бораи ҳуқуқи инсон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ тавассути ВАО, адабиёт, санъат ва тамоми системаи маориф оғоз кунад.

Соли 1968 Конфронси байналмилалии ҳуқуқи инсон, ки дар Теҳрон баргузор шуд, ба ЮНЕСКО дастур дод, ки барномаҳоеро таҳия кунад, ки ба рушди худшиносии шаҳрвандон, огоҳӣ аз ҳуқуқу озодиҳои онҳо нигаронида шудаанд. Дар конференсия инчунин таъкид карда шуд, ки принсипҳои дар Эъломияи ифодаёфта бояд дар ҳамаи зинаҳои таълим, хусусан, дар мактабҳои олӣ, ки дар онҳо мутахассисони ояндаи баландихтисос тайёр карда мешаванд, омӯхта шаванд.

[582] Ниг.: Ализода З. Нақши Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон дар рушди ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2019. – С. 13-16.

Дар соли 1971 Комиссияи СММ оид ба ҳуқуқи инсон ҷорӣ намудан ва рушди баъзе фанҳои таълимии марбут ба ҳуқуқи инсонро талаб кард. Дар соли 1973 аз ЮНЕСКО даъват карда мешавад, ки таълими ҳуқуқи инсонро барои ҳамаи одамон дар ҳама сатҳҳо инкишоф диҳад. Бо дарназардошти ин талабот, Конференсияи генералии ЮНЕСКО дар соли 1974 Тавсияро оид ба таълими ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон қабул кард. Тибқи ин Тавсия, ба ҳуқуқи инсон тавре муносибат мекунанд, ки онҳо дар Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ва Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ифода ёфтаанд[583].

Соли 1978 дар Вена аввалин конгресси ЮНЕСКО оид ба таълими ҳуқуқи инсон баргузор гардид. Дар ҳуҷҷати ниҳоӣ гуфта мешавад, ки таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон бояд ба принсипҳои Оинномаи СММ, Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва дигар санадҳо ва шартномаҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон асос ёфта бошад. Ҳамчунин таъкид шудааст, ки омӯзиш ва таълими ҳуқуқи инсон бояд ба таҳкими муносибатҳои таҳаммулпазирӣ, эҳтиром ва ҳамбастагӣ, додани дониш дар ин соҳа ва огоҳии шахс аз роҳҳои амалӣ намудани ин ҳуқуқҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ равона карда шавад.

Марҳилаи муҳимми навбатии рушди таълими ҳуқуқи инсон Конгресси байналмилалӣ оид ба таълими ҳуқуқи инсон буд, ки соли 1978 дар Малта баргузор гардид. Таъкид шуд, ки низоми таълиму тарбия дар соҳаи ҳуқуқи инсон бояд аз ҷониби тамоми кишварҳо – аъзои СММ ташкил карда шавад. Дар баробари ин, он бояд дастраси ҳамаи шаҳрвандон бошад ва дар ҳамаи зинаҳои маориф бо иштироки васеи ташкилотҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори омма ба роҳ монда шавад.

Моҳи октябри соли 1991 дар семинари байналмилалии «Таҳқиқоти байнифарҳангии ҳуқуқи инсон», ки дар Австрия баргузор гардид, қайд карда шуд, ки ҷанбаҳои асосии таълими ҳуқуқи инсон инҳоянд:

– ҳуқуқҳои таҳсилотӣ бояд ду сатҳ дошта бошанд: моддӣ ва амалӣ;

[583] Ниг.: Симановский С.И. Деятельность ООН в сфере образования по правам человека / Вестник БГУ. – 2016. – №3. – С. 118 (115-120).

– он бояд аз синфҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ оғоз шавад;

– омӯзиш бояд дар муҳити мусоид сурат гирад ва ба ин раванд, бояд чунин омилҳо, ба монанди меъёрҳои ахлоқӣ, ташкилӣ ва сиёсати интизомӣ дар мактаб таъсир расонанд;

– таълими ҳуқуқи инсон аз ҷиҳати методикаи таълим хусусиятҳои худро дорад, дар ин раванд, на танҳо муаллимону хонандагон, балки падару модарон низ метавонанд, фаъолона иштирок намоянд;

– омӯзиши ҳуқуқи инсон бояд тамоми низоми маорифро фаро гирад, яъне ҳар як мавзуъ бояд унсурҳои ҳуқуқи инсонро дар бар гирад.

Моҳи марти соли 1993 дар Монреал ЮНЕСКО ва Маркази ҳуқуқи инсони СММ Конгресси байналмилалии таълими ҳуқуқи инсон ва демократияро баргузор мекунанд. Ҳуҷҷати асосии конгресс Нақшаи умумиҷаҳонии амалиёт оид ба таълими ҳуқуқи инсон ва демократия буд. Он стратегияи умумии амалиёти муштаракро дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи инсон пешниҳод мекунад. Ҳадафи Нақшаи ҷаҳонӣ ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон ва рушди ҷомеаи демократӣ мебошад, ки ба фард ё гурӯҳҳои одамон имкон медиҳад, ки мушкилот ва низоъҳои худро тавассути усулҳои бидуни зӯроварӣ ҳал кунанд. Барои татбиқи он пешниҳод карда мешавад, ки дар тамоми системаи маориф омӯзиши ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои инсон ташкил карда шавад.

Соли 1993 дар Вена Конфронси умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон баргузор гардид, ки дар он Эъломия ва Барномаи амал қабул карда шуд. Дар ин ҳуҷҷатҳо принсипҳо ва стандартҳои асосӣ, проблемаҳои муҳимтарин муайян карда шуда, барномаи амалиёти минбаъда дар соҳаи таълими ҳуқуқи инсон қабул мешавад. Яке аз натиҷаҳои асосии конфронс эътирофи аҳаммияти рушди низоми таълим оид ба ҳуқуқи инсон мебошад, ки дар навбати худ боиси ташаккули муносибатҳои устувору созгор байни кишварҳои гуногун, таҳкими сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ байни аҳолии ҷаҳон мегардад. Эъломияи Вена ҳамаи давлатҳоро даъват мекунад, то ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи инсондӯстона ва демократияро ба барномаҳои таълимии ҳама муассисаҳои таълимӣ дохил кунанд[584].

---

[584] Ниг.: Международные пакты о правах человека. – М.: Норма, 2002. – С. 72-79.

Ассамблеяи Генералии СММ тибқи Қатъномаи № 49/184 давраи аз соли 1995 то 2004-ро даҳсолаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон эълон намуда, нақшаи чорабиниҳоро таҳия намуд, ки вазифаҳои асосии зеринро дар бар мегирад:

– арзёбии эҳтиёҷот барои татбиқи барнома ва таҳияи стратегияи муассир оид ба таълими ҳуқуқи инсон дар сатҳи мактаб;

– таҳияи барномаҳои нав ва таҳкими барномаҳои амалкунанда, инчунин, фароҳам овардани шароити мусоид барои таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар сатҳи байналмилалӣ, давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ;

– таҳияи муштараки маводҳо оид ба таълими ҳуқуқи инсон;

– дар байни аҳолии ҳамаи мамлакатҳо паҳн намудани Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва дониш дар бораи он. Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва дигар санадҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон давлатҳои узви СММ-ро даъват мекунанд, ки таълимро дар соҳаи ҳуқуқи инсон инкишоф диҳанд, то он ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти инсон, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаъну шарафи инсон мусоидат намояд. Он бояд ба ҳамфикрӣ, барқарор намудани муносибатҳои дӯстонаи байни ҳамаи халқҳо, гурӯҳҳои нажодӣ ва динӣ, мустаҳкам намудани субот ва сулҳ мусоидат кунад. Дар низоми маориф мебояд ба «таълим барои ҳама», «таълими доимӣ», «таълим бидуни марз» таваҷҷуҳ намуд[585].

Солҳои охир бо мақсади рушди низоми маориф ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон бо кумаки ЮНЕСКО кафедраҳои донишгоҳҳо оид ба ҳуқуқи инсон, демократия ва сулҳ таъсис дода шуданд. То имрӯз дар Аврупо, Африқо, мамлакатҳои Араб ва Амрикои Лотинӣ кафедраҳо таъсис дода шудаанд. Дар назар аст, ки дар оянда дар дигар кишварҳо шуъбаҳо оид ба ҳуқуқи инсон, демократия ва сулҳ таъсис дода шаванд.

Дар ибтидои солҳои 90-ум ташаккули системаи маориф дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар кишварҳои ИДМ оғоз ёфт. Аввалин нақшаву дастурҳои таълимӣ пайдо шуданд. Соли 1992 Барномаи Институти ҳуқуқи Русия, соли 1995 Барномаи

[585] Ниг.: Раҳмон Д.С. Иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии марбут ба ҳуқуқи инсон ва мушкилоти нигаҳдошти асолати фарҳанги ҳуқуқии миллӣ // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои ҶТ. – 2018. – №3. – С. 252-255.

Донишкадаи идоракунии Волгоград нашр шуданд. Ба нақшаҳои таълимии донишкадаҳои олии Федератсияи Русия курси махсуси таърих, назария ва амалияи ҳуқуқи инсон дохил карда шудааст.

Дар сохтори факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ таъсис дода шудааст. Дар барномаи таълимӣ фанҳои ҳуқуқи инсон, таърихи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ дохил карда шудаанд. Фанни ҳуқуқи инсон дар дигар донишгоҳҳо, инчунин, дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ-техникӣ низ таълим дода мешавад. Дар доираи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, инчунин, аз курсҳои махсуси ҳуқуқи кӯдак, ҳуқуқи занон, ҳуқуқи гурезаҳо, ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ,[586] ҳуқуқи ақаллиятҳо, механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон[587] ва ғайра дарс гуфта мешавад.

Мақсади асосии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон бояд ташаккули ҷаҳонбинии инсондӯстӣ, ҳисси шаъну шарафи инсон, масъулияти шаҳрвандӣ, амиқ дарк намудани тамоми ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои онҳо бошад. Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон бояд ба баланд шудани сатҳи вазъи маънавию ахлоқии ҷомеа мусоидат намояд. Муассисаҳои таълимии системаи маориф дар ҳалли ин проблемаҳо имкониятҳои калон доранд[588]. Инро маълумоти як назарсанҷии сотсиологӣ низ тасдиқ мекунад, ки дар ҷараёни он 70%-и пурсидашудагон бар ин назаранд, ки ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои таълимӣ бояд омӯхта шавад[589].

Аз ин рӯ, ҳоло дар бисёр кишварҳо таълим оид ба ҳуқуқи инсон ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардошта шудааст.

Чунончи, Вазорати корҳои хориҷии Олмон ҳамасола аз 120 то 140 лоиҳаи ҳаҷмҳои гуногунро дастгирӣ мекунад, ки дар саросари ҷаҳон, пеш аз ҳама, дар

---

[586] Ниг.: Саъдизода Дж. К вопросу о необходимости изучения дисциплины «Права человека» в системе высшего профессионального образования Республики Таджикистан. // Правовая жизнь. – 2015. – №4 (12). – С. 28-37.

[587] Ниг.: Искандаров Ш.Ф. Рушди таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ / Истиқлолияти давлатӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ: маҷмуаи МД «Маркази исломшиносӣ» дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Зери таҳрири д.и.ҳ., проф. Холиқзода А.Ғ. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С. 137-138.

[588] Ниг.: Саъдизода Дж. Образование в области прав человека как основное направление деятельности государства по формированию культуры прав человека // Права человека: История, теория, практика // Под ред., д.ю.н., Диноршоева А.М. и д.ю.н. Азизова У.А. – Душанбе, 2016. – С. 396-412.

[589] Ниг.: Бюллетень ООН. – 1998. – № 1. – С. 8.

кишварҳои тараққидиҳандаи иқтисоди бозорӣ ва кишварҳои тараққикунандаи Африқо, Осиё, Амрикои Марказӣ ва Ҷанубӣ, Аврупои Шарқӣ амалӣ карда мешаванд.

Аз 1 марти соли 2016 дар Олмон вазифаи Ваколатдор оид ба сиёсат дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва кумаки инсондӯстонаи ҳукумати федералӣ таъсис дода шудааст. Ваколатдор барои сиёсати ҳуқуқи инсон ва кумаки инсондӯстона масъул аст. Ба вазифаҳои ӯ мониторинги тамоюлҳои сиёсӣ ва ироаи пешниҳодҳо ба Вазири федералии корҳои хориҷӣ оид ба ташаккули сиёсати Олмон дар ин соҳаҳо дохил мешаванд. Дар доираи ваколати худ Ваколатдор оид ба сиёсати ҳуқуқи инсон ва кумаки инсондӯстона бо созмонҳои сершумори дигар, ки дар соҳаи ҳуқуқи инсон ё кумаки инсондӯстона кор мекунанд, робита дорад.

Раванди таълим дар Олмон низ ба татбиқи сиёсати таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон нигаронида шудааст. Масалан барномаи магистрӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҳамчун як барномаи байнисоҳавӣ ва байналмилалӣ дар Донишгоҳи Эрланген-Нюрнберг аз ҷониби Департаменти ҳуқуқи инсон ва сиёсати ҳуқуқи инсон пешниҳод карда мешавад. Барнома масъалаҳои бунёдиро дар бар мегирад. Он равиши байнисоҳавиро бо дарназардошти ҷанбаҳои сиёсӣ, фалсафӣ ва ҳуқуқии ҳуқуқи инсон пеш мебарад. Хатмкунандагони барнома бо малакаҳои назариявӣ ва амалӣ барои пешбурди фаъолияти касбӣ дар заминаҳои гуногуни ҳуқуқи инсон муҷаҳҳаз карда мешаванд.

Дар нимсолаи аввал таълими ҳамаи донишҷӯён се модули ҳатмиро дар бар мегиранд: асосҳои сиёсӣ, фалсафӣ ва ҳуқуқии ҳуқуқи инсон. Дар нимсолаи дуюм, донишҷӯён дар таҳияи модули байнисоҳавӣ оид ба табъиз иштирок мекунанд. Дар ин ҳолат, донишҷӯ метавонад чаҳор модули махсуси зеринро интихоб кунад: ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ; соҳибкорӣ ва ҳуқуқи инсон; озодии эътиқод; баробарии гендерӣ ва ҳуқуқи инсон; ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ; адолати давраи гузариш; ҳуқуқҳои гурезагон; ҳуқуқҳои маъюбон. Нимсолаи сеюм, ба рисолаи магистрӣ бахшида шудааст[590].

---

[590] [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.masterstudies.ru /Germanija/Friedrich-Alexander-Universität. (санаи муроҷиат: 20.03.2022с.).

Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҳамчун ҷузъи тарбияи шаҳрвандӣ арзёбӣ мешавад. Тарбияи шаҳрвандӣ аз ақидаҳо дар бораи шахс, давлат ва муносибатҳои онҳо вобаста аст[591]. Дар миёнаҳои солҳои 2000-ум дар ҳуҷҷатҳои Шурои Аврупо консепсияи таҳсилоти шаҳрвандӣ таҳия карда шуд, ки ба фаъолияти тарбия, таълим ва маърифат нигаронида шуда, дар шахс ташаккул додани дониш, маҳорат ва арзишҳоро дар бар мегирад. Тарбияи шаҳрвандӣ мафҳумҳои «тарбияи ҳуқуқи инсон», «тарбияи ҳуқуқӣ», «тарбияи ватандӯстӣ», «тарбияи демократӣ», «тарбия дар руҳияи таҳаммулпазирӣ ва фарҳанги сулҳ», «тарбияи шаҳрвандии демократӣ дар асоси афзалиятҳо», «тарбияи ҳуқуқи инсон»-ро дар бар мегирад. Таълим бошад, мактаббачагон, донишҷӯён, калонсолон, нафақахӯрон, одамони касбу кори гуногунро фаро мегирад. Тарбияи шаҳрвандӣ як унсури таҳсилот буда, маънои он дар он зоҳир мешавад, ки шахс имкон дорад бо ниҳодҳои давлатӣ ва ҷаҳонӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дастрасӣ дорад.

Истилоҳи «маърифати шаҳрвандӣ» дар аксари кишварҳо истифода мешавад. Чунончи, Конститутсияи Олмон бо амалияи тарбияи шаҳрвандӣ алоқаманд аст, ки онро қувваҳои роҳбарикунандаи сиёсӣ дастгирӣ мекунанд.

Дар Австрия ба тарбияи шуури демократӣ, тафаккури умумиавропоӣ ва ошкорбаёнӣ нисбат ба ҷаҳон, ки ба дарки проблемаҳои тезутунди инсоният асос ёфтааст, диққати калон дода мешавад.

Дар Нидерландия таълими шаҳрвандӣ ҳадафи донишомӯзӣ, ташаккули дониши таърихӣ, сиёсӣ, малакаи идоракуниро дорад. Пешбинӣ мешавад, ки ба шарофати таълими шаҳрвандӣ донишҷӯён айни ҳол ва минбаъд ҳамчун узви низомҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, шаҳрвандони давлат ва ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонанд дар рушди таърихӣ иштирок кунанд.

Дар Англия муассисаҳои таълимӣ ба донишҷӯён курсҳои ҷолиб ташкил мекунанд. Дар онҳо таълими шаҳрвандӣ ҳамчун мавзуи асосии ҳама фанҳои таълимӣ эътироф мешавад. Дар мактабҳои англисӣ равиши байнисоҳавӣ

---

[591] Ниг.: Саъдизода Ҷ. Оид ба омӯзиши ҳатмии фанни таълимии ҳуқуқи инсон дар низоми таҳсилоти олӣ // Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2015. – №2. – С. 29-34

бартарият дорад. Муаллимон инро бо он шарҳ медиҳанд, ки ягон фанни илмӣ ба фанни мактабии «шаҳрвандӣ» мувофиқат намекунад.

Барномаҳои мактабҳо дарсҳои махсус оид ба рушди тафаккур, методологияи тадқиқот ва муоширатро дар бар мегиранд. Аз ҷумла, гурӯҳе аз пажӯҳишгарон аз Донишгоҳи Висконсин як варианти вижаи барномаи таълими шаҳрвандӣ бо таваҷҷуҳ ба рушди маҳоратро таҳия кардаанд. Ҳамчун як маҳорати асосӣ онҳо қобилияти таъсир расонидан ба корҳои ҷамъиятиро интихоб карданд.

Дар инкишофи таълими шаҳрвандӣ дар мамлакатҳои Ғарб дар айни замон дигаргуниҳои калон ба амал омада истодааст. Омӯзгорони таърих ва ҷомеашиносии Ҳолланд, ИМА, Олмон изҳор мекунанд, ки онҳо на бештар ба интиқоли дониш, балки ба таълими роҳҳои муҳокима ва иттилоот таваҷҷуҳ доранд. Инро аз тарафи баъзе мамлакатҳои Аврупо ва ИМА кор карда баромадани «барномаи таълимии тафаккур» тасдиқ мекунад. Татбиқи ин гуна барнома на танҳо афзоиши ҳаҷми дониш, балки ба ҳам пайвастани донишҳои тавсифӣ ва инъикоскунандаро талаб мекунад. Дар бисёр кишварҳо барномаҳои махсусе пайдо шудаанд, ки ба мактаббачагон ҳалли низоъ ва гуфтушунидро меомӯзанд. Самти муҳим рушди малакаи муошírати иҷтимоӣ дар доираи фанҳои гуногун мебошад.

Лоиҳаи аврупоии Шурои ҳамкориҳои фарҳангӣ бо номи «Таълими фарогири тарбияи шаҳрвандии демократӣ» солҳои 2000-ум ҳамчун посух ба дархости сершумори кишварҳои Иттиҳоди Аврупо татбиқ гардид. Ҳадафи асосии онро бознигарии маънои демократия ва вазъи шаҳрванд дар партави ҷаҳонишавӣ, муттаҳид шудани Аврупо ва пешравии технологӣ ташкил медиҳад.

Созмони байналмилалии ғайриҳукуматӣ – Ассотсиатсияи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон (Human Rights Education Associates, HREA) тавсияҳои зеринро бо мақсади такмили раванди таълим пешниҳод мекунад: 1) барномаҳои дахлдор бояд усулҳои интерактивӣ, таҷрибавӣ ва табдилшавандаи таълими калонсолонро дар бар гиранд; 2) барномаҳо бояд муайян кунанд, ки пас аз ба итмом расидани курси таълимӣ чӣ кор кардан лозим аст; 3) дастрасии иттилоот дар бораи ташкилотҳои

шарик, тадқиқоти гузаронидашуда, тартиби ҳуҷҷатгузории онҳо ё ба ибораи дигар, дар бораи арзёбии таъсири раванди таълим ба иштирокчиён[592].

Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба мазмуни ғании маводи таълимӣ, методӣ ва иттилоотӣ асос ёфтааст. Силсилаи «Омӯзиши ҳуқуқи инсон» нашрияҳоеро дар бар мегирад, ки барои дастгирии таҳсили ҳуқуқи инсон тарҳрезӣ шудаанд. Ин мавод дорои маълумот дар бораи Барномаи умумиҷаҳонии таълими ҳуқуқи инсон, инчунин, воситаҳои методӣ ва маълумотномаҳои дахлдор мебошанд.

Дар таҷрибаи ҷаҳонии таълими ҳуқуқи инсон маводи таълимии зерин бештар истифода мешавад:

– Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар мактабҳои ибтидоӣ ва миёна: Роҳнамои худбаҳодиҳӣ барои ҳукуматҳо: якҷоя бо ЮНЕСКО дар Англия, Фаронса ва Испания нашр шудааст;

– Нақшаи чорабиниҳо оид ба марҳилаи дуюми Барномаи умумиҷаҳонии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон: дар якҷоягӣ бо ЮНЕСКО ба забонҳои арабӣ, англисӣ, фаронсавӣ, русӣ, испанӣ ва чинӣ нашр шудааст;

– Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар низоми мактабҳои Аврупо, Осиёи Марказӣ ва Амрикои Шимолӣ: маҷмуаи таҷрибаҳои хуб дар якҷоягӣ бо Дафтари САҲА оид ба институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон, Шурои Аврупо ва ЮНЕСКО нашр шудааст;

– Нақшаи амал: Барномаи умумиҷаҳонии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон – марҳилаи якум: якҷоя бо ЮНЕСКО нашр шудааст;

– Алифбои таълими ҳуқуқи инсон: Фаъолияти амалӣ дар мактабҳои ибтидоӣ ва миёна;

– Ҳуқуқ ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон: Маҷмуи муқаррароти санадҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон;

– Арзёбии фаъолияти таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон: Дастури таълимӣ барои омӯзгорон дар соҳаи ҳуқуқи инсон.

---

[592] Ниг.: Карастелев В. Заметки о гражданском образовании // Вестник Московской школы гражданского просвещения. 2014. – № 1 (64): [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://otetrad.ru/article-592.html (санаи муроҷиат: 14.03.2023 с.).

Рушди маҳорати касбӣ дарсҳо ва дастурҳоро дар бар мегирад, ки баҳри баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ аз меъёрҳои байналмилалӣ нигаронида шудаанд. Онҳо ба аудиторияҳое нигаронида шудаанд, ки метавонанд ба вазъи ҳуқуқи инсон дар кишварҳои худ таъсир расонанд. Ин нашрияҳо пеш аз ҳама, барои дастгирии фаъолияти рушди касбии ИКОҲИ (УВКПЧ) пешбинӣ шудаанд. Онҳо инчунин, ҳамчун воситаи амалӣ барои созмонҳое хизмат мекунанд, ки барои гурӯҳҳои гуногуни касбӣ маълумоти ҳуқуқи инсон медиҳанд.

Ин воситаҳои таълимӣ аз ҷиҳати фарҳангӣ, таълимӣ ва таърихӣ метавонанд ба ниёзҳо ва таҷрибаи гурӯҳҳои гуногуни хонандагон дар доираи аудиторияи мақсаднок мутобиқ карда шаванд. Агар зарур бошад, онҳо метавонанд маълумотро дар бораи усулҳои таълим бо мақсади кумак ба омӯзгорони истифодабарандагони ин дастурҳо дар бар гиранд. Ҳар як дастурамал бо ёрии мутахассисон тартиб дода шуда, аз экспертизаи мустақил мегузарад[593].

Дар доираи татбиқи сиёсати байналмилалии таълими ҳуқуқи инсон дар як қатор давлатҳои ҷаҳон ҷиҳати пешбурди ҳуқуқи инсон чорабиниҳо гузаронида мешаванд. Чунончи, дар соли 2001 дар Италия намоишгоҳе бо номи «Шаҳри ҳуқуқи инсон» ташкил карда шуд. Намоишгоҳ, ки таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Италия ва Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар якчанд шаҳрҳои Италия доир гардид, бештар аз 100 ҳазор нафар одамонро фаро гирифт. Дар бисёр шаҳрҳо намоишгоҳҳо бо форумҳои «Хартияи Замин», ки аз ҷониби муассисаҳои таълимии маҳаллӣ барои донишҷӯён ташкил карда шуда буданд, инчунин, барномаҳои телевизионӣ гузаронида шуданд. Иштирокчиёни онҳо метавонанд фикру дархости худро мустақиман ба мақомоти сиёсии маҳаллӣ ва пешвоёни ҳаракатҳои ҷамъиятӣ расонанд.

Дар доираи Барномаи умумиҷаҳонии таълими ҳуқуқи инсон Ҷамъияти Сока Гаккай (Ҷопон) бо дастгирии Дафтари Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон ва Маркази иттилоотии СММ дар Токио намоишгоҳи дигар ташкил намуд.

---

593 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.ohchr.org/RU/PublicationsResources/Pages/TrainingEducation.aspx (санаи мурочиат: 20.03.2022 с.).

Намоишгоҳ бори нахуст соли 2005 дар Осака баргузор шуда, аз он замон дар ҳафт шаҳри Ҷопон намоиш дода мешавад. Соли 2010 ба тамошобинон нусхаи сабтшудаи намоишгоҳ таҳти унвони «Ҳуқуқи инсон дар асри XXI. Намоиш-умед – ту бебаҳо» пешниҳод шуд.

Илова бар ин, конфронсу семинарҳои гуногун гузаронида мешаванд, ки ба пешбурди ғояи зарурати таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, чорабниҳои зерини илмӣ, методӣ, таълимӣ фаъолона амалӣ карда мешаванд:

– Конфронси байналмилалии коршиносон оид ба ҳуқуқи инсон, ки аз ҷониби Вазорати корҳои аврупоӣ ва байналмилалии Австрия гузаронида мешавад (Австрия, 2008);

– Форум ва конфронсҳои сершумори ҷавонон, ки аз ҷониби Шурои Аврупо ва Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо (САҲА) ташкил карда шудаанд (Фаронса, Маҷористон, Португалия, Туркия, 2007-2011);

– Конфронси байналмилалӣ оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ки аз ҷониби Кумитаи Норвегияи Ҳелсинки ташкил карда шудааст (Русия, 2007);

– курсҳои тобистонаи омӯзишии Академияи баҳри Миёназамини Донишгоҳи Малта (Малта, июли 2005);

– Конфронси минтақавии байниамрикоӣ таҳти сарпарастии кафедраи ЮНЕСКО оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Академияи гуманизми насронӣ дар Чили (Чили, ноябри соли 2004).

Конфронси байналмилалии «Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Русия: вазъи кунунӣ ва дурнамо» (Санкт-Петербург, 2013) бо дастгирии Академияи ҳуқуқи инсон дар Осло, Маркази ҷавонон оид ба ҳуқуқи инсон ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар Маскав ташкил карда шудааст. Дар конфронс филми «Роҳ ба сӯи шаъну шараф: неруи тарбияи ҳуқуқи инсон» муаррифӣ шуд. Ин филм натиҷаи талошҳои муштараки SGI, Ассотсиатсия оид ба масоили таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва Дафтари Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон мебошад. Филм бо истифода аз таҷрибаи Ҳиндустон, Австралия ва Туркия

нишон медиҳад, ки чӣ гуна дониш дар бораи ҳуқуқи инсон метавонад, дар ҳаёти ҳар як фард ва ҷомеа дар маҷмуъ, тағйирот ворид кунад.

Кумитаи сулҳи занони Сока Гаккай (Ҷопон) барномаеро барои ҷалби таваҷҷуҳ ба мушкилоти ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон, инчунин, бахшида ба 25-умин солгарди қабули Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак аз тарафи Ассамблеяи Генералии СММ 20 ноябри соли 1989 таҳия намуд. Аз Токио сар карда, дар тамоми Ҷопон як қатор форумҳо барпо гардиданд. Дар онҳо филми Комитети сулҳи занон «Ояндаро бо бачаҳо бунёд мекунем» намоиш дода мешавад. Дар филм вазъи кунунии корҳо дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон, порчаҳо аз суханронии Малала Юсуфзай 12 июли соли 2013 дар қароргоҳи СММ дар Ню-Йорк, мусоҳиба бо Сафири иродаи сулҳовари ЮНИСЕФ дар Ҷопон Агнес Чан, шарҳи собиқ муовини дабири кулл ва намояндаи олии СММ Анварул Карим Чоудхурӣ намоиш дода мешавад.

Ҳамкории Ташкилоти Авфи Байналмилал, Ассотсиатсияи оид ба масоили таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва нуҳ созмони дигар лоиҳаеро бо номи «Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон 2020» (HRE 2020) оғоз намуд. HRE 2020 як иттиҳоди глобалии созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки ба пешбурди таҳсилоти ҳуқуқи инсон тавассути дастгирӣ ва такмилу татбиқи стандартҳо ва уҳдадориҳои кунунии байналмилалӣ бахшида шудааст. Ифтитоҳи лоиҳа ба дувумин солгарди қабули Эъломияи СММ оид ба таълим ва омӯзиши ҳуқуқи инсон дар моҳи декабри соли 2011 рост омад. Ин ҳуҷҷати замонавӣ ҳуқуқи ҳар як шахсро ба таҳсил дар соҳаи ҳуқуқи инсон ифода мекунад.

То имрӯз ташкилотҳои зерин дар лоиҳаи HRE 2020 иштирок мекунанд: «Авфи байналмилалӣ», Ниҳоди арабии ҳуқуқи инсон, Ҷомеаи таълим оид ба демократия ва ҳуқуқи инсон дар Аврупо (DARE), Форуми осиёӣ, Ассотсиатсияи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон (HREA), Ҷомеаи омӯзгорон дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Иёлоти Муттаҳидаи Америко (HRE USA), ташкилоти ғайриҳукуматии «Hurights Осака», Маркази хизматрасонии бахшҳои ғайрирасмӣ (INSEC), Институти Африқои ҳуқуқи инсон ва рушд (IHRDA), ташкилоти ғайриҳукуматии

«People's Watch», Институти ҳуқуқи инсон ва сулҳи Перу (IPEDEHP)), Институти ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи инсондӯстии ба номи Раул Валленберг ва Сока Гаккаи Интернешнл (SGI).

Қабл аз ҷаласаҳои солонаи Шурои ҳуқуқи инсон СММ дар Женева, SGI дар таҳияи лоиҳаи изҳороти муштараки созмонҳои ғайридавлатии шифоҳӣ ва хаттӣ кумак мекард. Ин изҳорот, ки аз ҷониби намояндагони сершумори созмонҳои ғайридавлатии гуногун имзо шудаанд, иштироки ҷомеаи шаҳрвандиро дар раванди таҳияи сиёсати СММ оид ба таҳсилоти ҳуқуқи инсон пурзӯр намуданд. Барои мисол ба изҳороти зерин ишора намудан мумкин аст:

– изҳороти муштараки хаттӣ (365 имзо) дар ҷаласаи 10-уми Шурои СММ дар моҳи марти соли 2009;

– изҳороти муштараки шифоҳӣ (38 имзо) дар иҷлосияи 12-уми моҳи марти соли 2010;

– изҳороти муштараки хаттӣ оид ба арзёбии лоиҳаи Эъломияи СММ оид ба таълим ва омӯзиши ҳуқуқи инсон (38 имзо) дар иҷлосияи 16-уми моҳи марти соли 2011.

Моҳи июли соли 2009 бо иштироки намояндаи SGI, гурӯҳи кории ташкилоти ғайриҳукуматӣ оид ба таълим ва омӯзиши ҳуқуқи инсон (NGO WG on HREL) дар семинари Марокаш лоиҳа бо номи «Омӯзиши тамоми умр, эътибори таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ» муаррифӣ гардид. Дар Марокаш аз ҷониби якчанд давлатҳои аъзои Шурои ҳуқуқи инсони СММ зарурати омода намудани лоиҳаи якуми Эъломияи СММ оид ба таълим ва омӯзиши ҳуқуқи инсон таъкид гардид.

Китобчаи алифбои таълими ҳуқуқи инсон – фаъолияти амалӣ дар мактабҳои ибтидоӣ ва миёна хеле машҳур аст. Аз он бармеояд, ки таълими ҳуқуқи инсон фанни зарурӣ барои таъмини ҳуқуқи инсон мебошад. Нақши асосии он дар он аст, ки инсон ҳуқуқҳои худ ва дигаронро ҳимоя кунанд. Ин маҳорат саҳми муҳимро барои бунёди ҷомеаи одилона, ки дар он ҳама ҳуқуқи инсон қадр ва эҳтиром карда мешаванд, мегузорад.

Ин дастур принсипҳои асосии зерини таълими ҳуқуқи инсонро пешбинӣ мекунад:

– рушди асосҳои ҳуқуқи инсон;

– Даҳсолаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон (1995-2004);

– раванди таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар мактабҳо;

– мазмуни таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон;

– таълим ва омӯзиши ҳуқуқи инсон;

– ҳуқуқ ва уҳдадориҳо;

– таълим – амал аз сухан баландтар аст;

– ҳалли масъалаҳои мураккаб;

– усулҳои педагогии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон;

– синф.

Дар боби алоҳидаи дастур мавзуъҳои зерини ҳуқуқи инсон барои муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои поёнии мактаби ибтидоӣ мавҷуданд:

– эътимод ба худ ва эҳтиром дар коллектив;

– ҳалли низоъ;

– баррасии парвандаҳои табъиз;

– эҳтиром ба монандиҳо ва фарқиятҳо;

– ташаккули эътимод ба худ ва эҳтироми худ;

– ташаккули боварӣ;

– таҳияи қоидаҳои рафтор дар синф;

– огоҳӣ аз ҳуқуқи инсон;

– шиносоӣ бо ҳуқуқи кӯдакон.

Боби навбатии (сеюми) дастур мавзуъҳои зерини ҳуқуқи инсонро барои мактаби ибтидоӣ ва мактаби миёна дар бар мегирад:

– ҳифзи ҳаёти шахс дар ҷомеа;

– ҷанг, сулҳ ва ҳуқуқи инсон;

– ҳукумат ва қонуният;

– озодии фикр, виҷдон, дин, эътиқод;

– ҳуқуқ ба далнопазирӣ;

– озодии ҷамомадҳо ва иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ;

– некӯаҳволии иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;

– табъиз;

– табъиз дар асоси стереотипҳо;

– табъиз вобаста ба ранги пӯст ё нажод;

– табъиз аз рӯи вазъи гурӯҳҳои ақаллиятҳо;

– табъизи гендерӣ;

– табъиз вобаста ба маъюбӣ;

– ҳуқуқ ба таҳсил;

– рушд ва муҳити зист;

– рушди иқтисодӣ ва вобастагии мутақобила;

– соҳибкорӣ ва ҳуқуқи инсон;

– дарки нақши Созмони Милали Муттаҳид;

– таъсиси ҷомеаи ҳуқуқи инсон;

– муайян намудани сатҳи ҳуқуқи инсон дар мактаби шумо.

Дар маводи дастури «Алифбои таълими ҳуқуқи инсон» пешниҳодҳо акс ёфтаанд. Мақсади онро роҳнамоии кӯдакон ба дарки объективии ҳуқуқ ва ухдадориҳо бо мақсади ба ҳадди аксар тадбиқ намудани принсипҳои ҳуқуқи инсон дар ҳаёти одамон ташкил медиҳад. Он ҳамчун як воситаи тавоно ва манбаи илҳом барои омӯзгорон барои ҷустуҷӯи усулҳо ва стратегияҳои самараноки таълим барои ворид кардани ҳуқуқи инсон ба барномаи таълимӣ ва фарҳанги ин мактабҳо хидмат мекунад. Омӯзгорон ташвиқ карда мешаванд, ки мутахассисони дигарро дар соҳаи таълими ҳуқуқи инсон ҷалб кунанд, шабакаҳоро барои табодули афкор ва таҷриба эҷод кунанд.

Ҳангоми таҳияи дастури мазкур хусусиятҳои асосии зерини омӯзиши ҳуқуқи инсон ба назар гирифта шудаанд:

– мавқеи маркази системаи принсипҳои умумии ҳуқуқи инсон, аз қабили шаъну шарафи инсон ва баробарӣ;

– эътирофи ҳуҷҷатҳои бунёдии ҳуқуқи инсон, ба мисли Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак ҳамчун сарчашмаи асосӣ;

– эътирофи моҳияти умумиинсонӣ, тақсимнопазирӣ ва вобастагии мутақобилаи ҳуқуқи инсон;

– огоҳӣ аз робитаи ҳуқуқи инсон ва вазифаҳои шахс, инчунин, вазифаҳои давлат;

– дарки ҳуқуқи инсон ҳамчун раванди таҳаввулшаванда.

Дарки ҳуқуқи инсон ҳамчун як падидаи динамикӣ дар ташаккули огоҳии бештар аз ниёзҳои инсон ва нақши шаҳрвандон ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар ташаккули таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Масалан, вақте ки дар соли 1948 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон қабул шуд, ба масъалаи ифлосшавии муҳити зист эътибори ҷиддӣ намедоданд. Дар ҳоли ҳозир ҳавои тоза ва оби тоза ба унвони яке аз ҳуқуқҳои бунёдии инсон бештар маҳсуб мешавад ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ барои ҳалли мушкилоти экологӣ баррасӣ мешаванд.

Дар ин дастур таъкид шудааст, ки мафҳуми ҳуқуқи инсон танҳо бо нақзи ҳуқуқи дигарон дар манотиқи дигари ҷаҳон маҳдуд намешавад. Ҳуқуқи инсон ба ҳуқуқи тамоми одамон бо дарназардошти гуногунии онҳо, барои ноил шудан ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти инсон дахл дорад. Ҳуқуқу озодиҳои дар Эъломияи умумиҷаҳонӣ зикршуда ба ҳамин маъно дарк карда мешаванд.

Маводи дигар бо номи «Компас: Дастур оид ба таълими ҳуқуқи инсон бо иштироки ҷавонон» маъмул аст. Он аз тарафи Патрисия Брандер, Руй Гомес ва гурӯҳи машваратӣ дар Венгрия соли 2002 омода шудааст. Дастур ба забонҳои англисӣ, фаронсавӣ, русӣ нашр шудааст. Ин дастур бахшҳои зеринро дар бар мегирад:

– дарки таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, натиҷаҳои он;

– дониш, малака ва муносибат;

– муносибати ҳамаҷониба;

– таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон бо иштироки ҷавонон;

– муҳити расмӣ ва ғайрирасмии таҳсилот;

– омӯзиши ҳуқуқи инсон ҳамчун қадами аввал ба амал;

– дастгирии байналмилалӣ оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон.

Фасли алоҳида ба проблемаҳои таълими ҳуқуқи инсон ва дигар соҳаҳои ба он наздик дахл дорад. Ин бахш омӯзиши масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

– ҷаҳони ҳуқуқи инсон;

– мушкилоти ҳуқуқи инсон;

– таҳсилоти шаҳрвандӣ;

– тарбияи шахсӣ ва иҷтимоӣ;

– таҳсилоти ҷаҳонӣ;

– тарбияи байналмилалӣ;

– омӯзиши масъалаҳои рушд;

– маърифати экологӣ;

– тарбияи фарҳанги сулҳ;

– таълими ҳуқуқӣ.

Кишварҳои Аврупо барномаҳои таълимии ҳуқуқи инсонро таҳия кардаанд. Дар доираи Даҳсолаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон (аз соли 1995 то 2002) нақшаи чорабиниҳои «Таълими ҳуқуқи инсон барои ҳаёт» амалӣ карда шуд. Дар он ҳадафҳои зерини таълим пешбинӣ мешаванд: таҳкими эҳтиром ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон; ташаккули шахсияти инсони комил ва ҳисси шаъну шарафи инсонӣ; тарғиби ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ, баробарии гендерӣ, дӯстии байни миллатҳо, байни гурӯҳҳои нажодӣ, этникӣ, динӣ ва забонӣ; майлу хоҳиши СММ дар таҳкими сулҳ.

Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (1948), Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак (1989) ҳуҷҷатҳои асосии низоми таълими шаҳрвандӣ мебошанд. Мундариҷа ва чаҳорчӯбаи барномаҳои таълимиро се насли ҳуқуқи инсон муайян мекунанд: ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (насли аввал): озодии фикр, виҷдон ва дин; ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (насли дуюм): ҳуқуқ ба таъмини

иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба таҳсил; ҳуқуқҳои ҳамбастагӣ (насли сеюм): ҳуқуқ ба сулҳ, муҳити солим.

Дар Фландрия таълими ҳуқуқи инсон як қисми барномаи таълимии ҳатмӣ мебошад. Дар мактаби ибтидоӣ ғайр аз фанҳои асосӣ (тарбияи ҷисмонӣ, санъати тасвирӣ, забон, математика) дар нақшаи таълим ду фанни иловагӣ (маҳорати таълимӣ ва малакаҳои ҷамъиятӣ) дохил карда шудаанд. Дар системаи таҳсилоти миёна фанҳои иловагӣ ба се зина ҷудо мешаванд. Марҳилаи аввал (12-14 сола) – ба малакаҳои иҷтимоӣ, маърифати шаҳрвандӣ, маърифати саломатӣ ва маърифати экологӣ нигаронида шудааст. Дар давраҳои дуюм ва сеюм (14-16 – сола ва 16-18 – сола) фанҳои эҷодӣ ва таълими технологӣ илова карда мешаванд.

Омӯзиши ҳуқуқи инсон дар барномаи таълимии иловагӣ пешниҳод карда мешавад ва ин масъулияти мактаб аст. Таҳсилот аз рӯйи барномаи таълимии иловагӣ ихтиёрӣ буда, баҳо гузошта намешавад, аммо мактабҳо барои сифати таҳсилоти иловагӣ масъуланд. Дар рафти тафтиши мактабҳо нозирон мувофиқати нақшаҳои таълимиро ба стандартҳо баҳо медиҳанд. Агар сифати таълим нокифоя бошад, мактабҳо метавонанд аз аккредитатсия маҳрум шаванд ё зарари молиявӣ бинанд. Мактабҳо мустақилона маводҳоро барои омӯзиши ҳуқуқи инсон харидорӣ мекунанд, аз шуъбаи маориф буклетҳо мегиранд, аз ҷониби хадамоти машваратии таълимии шабакаи мактабҳо дастгирӣ мешаванд. Ташкилоти махсуси «Занон» вуҷуд дорад, ки бо Раёсати маориф барои таҳияи маводҳо, ташкили шабакаҳо, омӯзиши ҳуқуқи инсон шартнома дорад.

Дар зинаи якуми низоми таҳсилоти миёна ба шаклҳои иштирок дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа, омӯзиши ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Конститутсия ва дигар ҳуҷҷатҳо таваҷҷуҳ дода мешавад. Мавзуъҳои зерин омӯхта мешаванд: қоидаҳои мактаб ҳамчун тасвири ҳуқуқ ва уҳдадориҳо; таҳаммулпазирӣ ба фарқияти ранги пӯст, пайдоиши этникӣ; иштирок дар чорабиниҳои синф ё мактаб. Эҳтироми ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи кӯдак, принсипҳои адолати иҷтимоӣ тарбия карда мешаванд.

Дар зинаи дуюми низоми маълумоти миёна малакаҳои иҷтимоӣ омӯхта мешаванд. Онҳо ҳама шаклҳои рафтореро дар назар доранд, ки шахс бояд ҳамчун узви ҷомеа барои иштироки муассир ва созанда дар ҳаёти ҷамъиятӣ дошта бошад. Маҳоратҳо аз заминаҳои иҷтимоӣ ва оилавӣ вобастаанд. Бо вуҷуди ин, ҷавон дар мактаб вақти зиёд сарф мекунад, бинобар ин, мактаб дар омӯхтан ва татбиқи малакаҳо нақши муҳим дорад. Гузашта аз ин, ҳам кӯдакон ва ҳам ҷавонон ҳамчун шарикони баробарҳуқуқ муносибат мекунанд.

Дар зинаи сеюми системаи таҳсилоти миёна ба масъалаҳои шаҳрвандӣ дар ҷанбаи ҷаҳонӣ таваҷҷуҳ дода мешавад. Мавзуъҳои зерин баррасӣ мешаванд: нақши институтҳои байналмилалӣ; ҷаҳонишавии ҷомеа дар сатҳи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, манфиатҳо ва хатарҳои марбут ба низоъҳо; мураккабии ҳамкории байналмилалӣ: вобастагии ҳамдигарӣ, адолати иҷтимоӣ, ихтилофҳо; имкониятҳои шахс дар беҳтар намудани вазъияти ҷаҳон.

Соли 1995 Булғористон Созишномаи ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупоро имзо карда, як қатор уҳдадориҳои заруриро барои узвият дар Иттиҳоди Аврупо қабул кард. Яке аз ин уҳдадориҳо татбиқи ислоҳоти низоми маориф мебошад, ки соли 1999 ба роҳ монда шуда буд. Бахши муҳимми ин ислоҳотро ҷорӣ намудани фанни «Ҷомеашиносӣ ва тарбияи шаҳрвандӣ» ташкил медиҳад. Дар соли 2000 ба қонунгузорӣ тағйирот ворид карда шуд. Қонун дар бораи сатҳи таҳсилот, Қонун дар бораи ҳадди ақали таҳсилот қабул гардидаанд. Ҷомеашиносӣ ва тарбияи шаҳрвандӣ фанҳои зеринро дар бар мегирад: Ватани маҳбуб, инсон, ҷамъият – барои синфхои 1-4 мактаби ибтидоӣ; таърих ва тамаддун, география ва иқтисодиёт – барои синфҳои 5-8; фалсафа», психология», мантиқ, одоб ва ҳуқуқ, сулҳ ва шахсият – барои синфҳои 9-12 мактаби миёна.

Ислоҳот дар соҳаи маорифи шаҳрвандӣ бори аввал дар мактаби таҳсилоти умумӣ дар соли таҳсили 1999-2000, дар синфҳои ибтидоӣ дар соли таҳсили 2002-2003 гузаронида шуд. Мавзуъҳои барои таълим пешниҳодшуда ва китобҳои дарсӣ санҷида шуданд. Машғулиятҳоро муаллимони мактабҳо мегузаронанд, коршиносони берунӣ ҷалб карда намешуданд. Унсури дигари ислоҳот талаботи маорифи миллӣ,

стандартҳоест, ки минимуми умумии таҳсилот – донишҷӯ малакаҳоеро ташкил медиҳанд, ки донишҷӯён бояд дар охири ҳар як дараҷа аз худ кунанд. Дар баробари ин стандартҳо оид ба хар як дараҷаи таълим (синфҳои 1-4, синфҳои 5-8, синфҳои 9-12) тартиб дода шуданд. Онҳо минимуми ҳатмиро, ки ба он рӯйхати фанҳои мактаб асос ёфтаанд, муайян мекунанд.

Дар Кипр таълими ҳуқуқи инсон ҳамеша яке аз курсҳои асосии таҳсилоти миёна буд. Мазмуни ин фанни таълимӣ мунтазам нав карда мешавад. Фан таълими шаҳрвандӣ ном дорад. Он ба Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон асос ёфта, эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсонро ташвиқ мекунад, масъалаҳои нажодпарастӣ, озодии дин, озодии таълимро баррасӣ мекунад. Дар доираи ин фан дар мактабҳо Рӯзи СММ таҷлил шуда, дар мавзуи ҳуқуқи инсон озмунҳои адабӣ баргузор мешаванд. Барномаи таълимии намунавӣ ва китобҳои махсуси дарсӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва фарҳанг тасдиқ карда мешаванд. Мактабҳо даъват карда мешаванд, ки дар барномаҳои гуногун, аз қабили маҳфилҳои СММ, маҳфилҳои ЮНЕСКО, маҳфилҳои ҳуқуқи инсон иштирок кунанд. Ин барномаҳо лексияҳо, тадқиқот оид ба ҳуқуқи инсонро дар бар мегиранд.

Омӯзиши ҳуқуқи инсон дар Латвия дар мактабҳо соли 1995 ҷорӣ карда шудааст. Айни замон таълими ҳуқуқи инсон як қисми фанҳои синфи 9 мебошад. Фанни умумии ҷамъиятшиносӣ аз синфҳои 1 то 6, бо номи ахлоқ дар синфи 7, иқтисоди заминавӣ дар синфи 8, шаҳрвандӣ дар синфи 9 омӯхта мешаванд. Стандарти мактабҳои таҳсилоти умумӣ вуҷуд дорад (соли 1997 ҷорӣ карда шудааст). Мувофиқи он мавзуъҳои зерин омӯхта мешаванд: ҳуқуқ ва қонунҳо; ҳуқуқҳои асосии инсон; қонунҳо дар Латвия; ҷамъият, қисмҳои таркибии он ва гуногунии ҷамъият; давлатҳои демократӣ; Конститутсияи Латвия; иштироки шаҳрвандон дар давлатҳои демократӣ; Латвия дар заминаи ҷаҳонӣ; кор ва таълим; сохтори ҷомеа; шахсият ва ғайра.

Дар мактабҳои олӣ курси солона ба номи «Сиёсат ва ҳуқуқ» таълим дода мешавад (стандарт соли 1999 ҷорӣ карда шудааст). Мавзуъҳои зерин пешбинӣ мешаванд: системаҳои сиёсӣ; консепсияҳои сиёсӣ ва масъалаҳои асосӣ; таърихи

сиёсатшиносӣ; ҳуқуқ (мафҳуми ҳуқуқ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, асосҳои давлат ва ғ.); давлат; муассисаҳои ҳокимият; сиёсати давлат; иштирок дар сиёсат (ҷомеаи шаҳрвандӣ); фарҳанги сиёсӣ; гузариши Латвия ба демократия; Латвия дар системаи сиёсии байналмилалӣ.

Стандартҳои умумӣ барои ҳама мактабҳо ҳатмӣ мебошанд. Дар баробари ин, мактабҳо метавонанд, нақшаҳои таълимии худро таҳия кунанд, иштироки хонандагон дар онҳо ихтиёрист.

Дар Литва барномаи таълимии мактаби ибтидоӣ як курси рушди шахсият ва иҷтимоиро дар бар мегирад, ки аз ду қисмати асосӣ иборат аст: таълими иҷтимоӣ ва муҳити зист. Таълими иҷтимоӣ доираи васеи мавзуъҳои марбут ба таърих ва ҷуғрофия, омӯзиши этникӣ ва муҳити зист, иқтисод ва тарбияи шаҳрвандиро дар бар мегирад. Ҳадафҳои барномаи таълими иҷтимоӣ ташаккул додани як қатор малакаҳое мебошанд, ки дар ҳаёти ҳаррӯза заруранд: малакаҳои муошират, қобилияти фаҳмидан ва қабул кардани ақида ва эътиқоди дигарон, гузоштани ҳадафҳои шахсӣ ва ноил шудан ба онҳо бидуни халалдор кардани манфиатҳои дигарон; эҳтироми арзишҳои асосии демократия.

Тарбияи иҷтимоӣ дар мактаби ибтидоӣ дар шакли бозӣ сурат мегирад. Масалан, ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки дар ҳалли низоъ иштирок кунанд. Ба онхо имконият дода мешавад, ки мавқеи худро муайян кунанд ва ба ҳариф гӯш диҳанд, роҳи ҳалли ба ҳамдигар мақбули проблемаи дар назди худ истодаро пайдо кунанд. Хонандагон маводҳои муосирро дар асоси ҳаёти оилаҳо, ҳамсинфон, ҷомеа ва сохторҳои иҷтимоӣ, аз қабили ҳукумати маҳаллӣ, оташнишонӣ, полис ва табибон мегиранд.

Дар мактаби миёна (синфҳои 4-10) ва гимназия (синфҳои 11-12) таълими иҷтимоӣ аз омӯзиши илмҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарӣ (аз ҷумла сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, ҳуқуқшиносӣ ва ғ.) иборат аст. Мақсади таълими иҷтимоӣ дар мактаби миёна аз он иборат аст, ки хонандагон бо мафҳумҳои асосии фарҳанги шаҳрвандӣ ва иҷтимоӣ, принсипҳои демократия шинос шаванд. Барномаи таълимии иҷтимоӣ барои дар мактаббачагон ташаккул додани эҳтиром ба анъанаҳо, принсипҳо ва институтҳои

ҷомеаи демократӣ (ҳуқуқу озодиҳои инсон, волоияти қонун ва адолати иҷтимоӣ), инчунин, риоя ва ҳифзи ин принсипҳоро пешбинӣ мекунад.

Дар Лаҳистон дар солҳои 90-ум омӯзиши фанни ҳуқуқи инсон ба барномаи таълимии мактабҳо дохил карда шуда буд. Масъалаҳои ҳуқуқи инсон нахуст дар мактаби ибтидоӣ (синфҳои 4 то 6) таълим дода шуда, сипас дар мактаби миёна ва берун аз он идома меёбад. Дар синфҳои ибтидоӣ фанни таърих ва ҷомеа омӯхта мешавад, ки он мавзуъҳои зеринро дар бар мегирад: ҳуқуқи ман ва ҳуқуқи дигарон; ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандӣ. Дар доираи фанни таълим барои ҳаёт дар ҷомеа (масъалаҳои оилавӣ) ҳуқуқҳои хусусии инсон ва ҳифзи онҳо омӯхта мешаванд. Дар мактаби миёна ва дар гимназия фанни дониш дар бораи ҷомеа омӯхта мешавад, ки омӯзиши ҳуқуқҳои дахлнопазири инсон ва механизмҳои ҳифзи онҳоро дар бар мегирад. Талаботи асосиро дар доираи барномаи таълими Вазорати маориф ва варзиш муайян мекунад. Дар ин асос мактаб метавонад барномаи таълимии худро таҳия кунад ё барномаи таълимии стандартиро, ки муассисаи масъули давлатӣ тавсия кардааст, истифода барад.

Омӯзиши ҳуқуқи инсон дар Финляндия дар доираи ҳамаи фанҳо, махсусан, таърих ва фалсафа пешбинӣ мешавад. Илова бар ин, лоиҳаҳо ва фестивалҳои муштараки мавзуӣ дар мактабҳо (аз ҷумла, аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо) гузаронида мешаванд. Омӯзиши ҳуқуқи инсон дар заминаи фаъолияти ҳаррӯзаи мактаб низ мушоҳида мешавад. Ба муносибати байни мактаббачагон, мактаббачагон ва муаллимон диққати калон дода мешавад. Намунаи рафтори муаллим барои хонандагони хурдсол махсусан муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳадафи асосии мактабҳои Шветсия аз он иборат аст, ки арзишҳои бунёдии демократӣ, ки ҷомеа ба он асос ёфтааст, тавассути таълим паҳн карда шаванд. Омӯзиши ин арзишҳо дар доираи фанҳои таърих, шаҳрвандӣ ва динӣ сурат мегирад. Талаботи асосиро барои фанњои мактабҳои маълумоти умумӣ Қонуни таълим ва Кодекси қоидаҳои мактаби миёна муқаррар менамояд.

Дар дарсҳои ҷуғрофия, таърих, дин ва шаҳрвандӣ ба хонандагон имконият дода мешавад, ки ба муҳити беруна аз рӯйи муносибатҳои байни шахсон назар андозанд.

Ин донишҳо барои иштироки шаҳрвандон, масъулият ва амал дар ҷомеаи демократӣ замина фароҳам меорад. Дар доираи мавзуи «Демократия ҳамчун шакли ҳаёти низоми сиёсӣ» мухолифатҳои гузашта ва имрӯза баррасӣ шуда, суҳбатҳо барпо мегарданд. Унсури муҳимми тарбияи иҷтимоӣ ин ташвиқи хонандагон барои ноил шудан ба ҳамоҳангӣ дар ҷомеа байни намояндагони миллатҳо, ақидаҳо ва табақаҳои иҷтимоии гуногун мебошад.

Омӯзиши ҳуқуқи инсон дар мактабҳои Эстония дар сатҳи гуногун ба роҳ монда мешавад. Дар зинаи якуми мактаб (синфҳои 1-3) фанни муқаддимаи омӯзиши ҳуқуқи инсон омӯзонда мешавад. Дар доираи ин фан ҳуқуқ ва вазифаҳои инсон, ҳифзи кӯдакон, қоидаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, ёрӣ ва дастгирии одамон, ақаллиятҳои миллӣ, таҳаммулпазирӣ нисбат ба фарҳангу миллатҳои гуногун омӯхта мешаванд. Дар зинаи дуюми таълим (синфҳои 4-7) фанни муқаддимаи омӯзиши ҷомеа таълим дода мешавад. Ин фан мавзуъҳои зеринро дар бар мегирад: ҳуқуқи инсон, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кӯдакон. Дар зинаи сеюми мактаб (синфҳои 8-9) ва дар гимназия (одатан дар синфҳои 12, хонандагони 18-сола) фанни ҳатмии омӯзиши ҷомеа ҷорӣ карда шудааст. Он омӯзиши конститутсия, мафҳуми миллат, демократияро дар бар мегирад. Мавзуъҳои «ҷомеа ҳамчун воситаи мавҷудияти инсон», «ҷомеаи шаҳрвандӣ», «давлат, инсон ва қонунгузорӣ» баррасӣ мешаванд. Илова бар ин, мактабҳо метавонанд, фанҳои махсусро ҷорӣ кунанд. Барои ин китобҳои дарсӣ ва маводҳои методӣ нашр мешаванд[594].

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда хулосаҳои зерин пешниҳод мешаванд:

1. Таълими ҳуқуқи инсон яке аз роҳҳои самараноки дарку татбиқи ҳуқуқи инсон мебошад. Омӯзиши ҳуқуқи инсон шарти аввалиндараҷаи амалӣ намудани онҳост. Ҳуқуқи инсон бидуни таълим самаранок амалӣ карда намешаванд. Аз ин хотир, таълими ҳуқуқи инсон яке аз фанҳои муҳим ва зарури дарку амалӣ намудани ҳуқуқи инсон мебошад.

2. Таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки қариб дар ҳамаи давлатҳо, дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон таълими ҳуқуқи инсон ҳамчун фанни мустақил ё ҷузъи

[594] Ниг.: Защита прав человека институтами стран Европы (парламенты, омбудсмены, образование): отечественный и зарубежный опыт Серия: Развитие России. – 2011. – №21 (433).

раванди умумии таълим ҷорӣ карда шудааст. Дар бештари кишварҳои ҷаҳон таълими ҳуқуқи инсон ҳамчун фанни мустақил дар нақшаҳои таълимӣ пешбинӣ мешавад. Дар баъзе аз кишварҳо омӯзиши ҳуқуқи инсон дар доираи фанҳои дигари таълимӣ, ба мисли љомеашиносӣ, таърих, фалсафа ва ғайра ба роҳ монда мешавад. Чунин усули омӯзиши ҳуқуқи инсон имконият медиҳад, ки ҳуқуқи инсон якҷоя бо масъалаҳои умумии демократия, таҳаммулпазирӣ, қонун, қонунгузорӣ, сиёсати давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар омӯхта шаванд.

3. Зарурати таълими ҳуқуқи инсон дар ҷомеаи ҷаҳон дарку эҳсос мегардад. Бо мақсади таълими ҳуқуқи инсон санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ қабул шудаанд. Ҳамчунин заминаи методии таълими ҳуқуқи инсон тавассути таҳия ва татбиқи барномаҳои гуногун, ки аз тарафи созмонҳои байналмилалӣ дастгирӣ карда мешаванд, омода карда мешавад. Дастурҳои методӣ, васоити таълимӣ, китобҳо ва нашрияҳои дигар бо мақсади таълими ҳуқуқи инсон бо иштироки созмонҳои байналмилалӣ омода карда мешаванд. Ин дастурҳо дар миқёси ҷаҳон паҳн карда шуда, барои ташаккули заминаҳои умумии методии таълими ҳуқуқи инсон мусоидат мекунанд.

# БОБИ 4. СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ РОБИТАИ ДАВЛАТ ВА ШАХС

## 4.1. Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун омили рушди робитаи давлат ва шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Масъалаи сиёсати ҳуқуқӣ дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон, ҳуқуқшиносон, сиёсатмадорон ва файласуфон қарор дорад. Аз ин рӯ, дар адабиёти ҳуқуқӣ марҳилаҳои зерини ташаккул ва таҳаввули андешаҳо ва назарияи сиёсати ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд: 1) ташаккули асосҳои идеологии назарияи «сиёсати ҳуқуқӣ» (охири асри XIX то ибтидои асри XX); 2) ташаккули назарияи воқеии сиёсати ҳуқуқии давлатҳо дар давраи баъд аз инқилоб (ибтидои асри XX то солҳои 90-уми асри XX); 3) таҳаввули равишҳои доктриналӣ оид ба сиёсати ҳуқуқӣ (солҳои 90-уми асри XX то замони ҳозира)[595].

Дар илми ҳуқуқшиносии Шуравӣ асосҳои назариявии сиёсати ҳуқуқии сотсиалистии давлати шуравӣ инкишоф дода шуданд[596]. Ибораи «сиёсати ҳуқуқӣ» бо дарназардошти афзалияти сиёсат ва идеологии ҷамъияти шуравӣ таҳқиқ карда мешавад[597]. Консепсияи шуравии сиёсати ҳуқуқӣ дар иртибот бо фаъолияти сиёсии ҳизби коммунистӣ ва ҳадафҳои сохтмони сотсиалистӣ амалӣ карда мешавад[598]. Аз соли 1970-ум сар карда, дар таҳқиқоти умуминазариявӣ истилоҳи «сиёсати ҳуқуқӣ» ба илм дохил карда мешавад[599].

---

[595] Ниг.: Хвалеев В.А. Правовая политика России в условиях глобализации: дис. … канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2008. – С. 16.

[596] Ниг.: Федоров Н.В. Правовая политика Советского государства (вопросы истории, теории, практики): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 1985. – 27 с.

[597] Ниг.: Хвалеев В.А. Асари ишорашуда. – С. 20.

[598] Ниг.: Рудковский В.А. Правовая политика и осуществление права: теоретико-методологический аспект: дис. … д-ра юрид. наук. – Волгоград, 2009. – С. 15.

[599] Ниг.: Трофимов В.В. Научные основы правовой политики: проблемы формирования // Правовая политика в Российской Федерации: региональный уровень / под ред. А.В. Малько. – Тамбов, 2008. – С. 141; Современная правоприменительная практика как осуществление правовой политики перестройки в СССР: Межвуз. сб. науч. тр. / Ред. Л.Ю. Бугров. – Пермь, 1989. – 148 с.; Баренбойм П. Экономической реформе нужна новая правовая политика правительства // Советская юстиция. – 1993. – № 4. – С. 9-10; Кудрявцев В.Н. Право и поведение. – М., 1978. – С. 162-168; Гаврилов О.А. Стратегия правотворчества и социальное прогнозирование. – М., 1993. – С. 27.

Мақсаду самтҳои нави стратегии тараққиёти ҷамъият, аз ҷумла, роҳи пешгирифтаи эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ тарҳрезии сиёсати сифатан нави ҳуқуқиро тақозо намуданд. Дар давлати ҳуқуқбунёд сиёсат бояд бо роҳҳои ҳуқуқӣ амалӣ шавад, ба ташкили ҳуқуқии ҳокимият хизмат кунад ва фазои ягонаи ҳуқуқиро кафолат диҳад. Дар шароити ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ муносибатҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ оид ба ташкил ва фаъолияти институтҳои ҳокимият, муносибатҳои ҳокимият ва аҳолӣ бояд шакли ҳуқуқӣ дошта бошанд. Дар ин шароит қонун ташаккули ҳуқуқии сиёсатро дар заминаи робитаи он бо асосҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа, бо арзишҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд.

Шароит ва талаботи нави ҳаёти ҷамъияти инсонӣ сиёсати дурусти ҳуқуқиро талаб мекунад. Дар навбати худ он бояд чандир, динамикӣ ва тобовар ба тағйиротҳои иҷтимоӣ ва чолишҳои ҷаҳонӣ бошад. Қадами пешакии ҳалли ин масъала муайян кардани асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ мебошад, ки таҳлили ҳамаҷониба ва амиқи илмии ин падидаи ҳаёти ҷамъиятиро тақозо мекунад.

Бо дарназардошти ин вазъият солҳои охир таҳқиқоти масъалаҳои сиёсати ҳуқуқӣ дучанд гардидааст. Зарурати ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ дар ҷомеаи пасошуравӣ асосан аз он иборат аст, ки он стратегияи рушди ҳуқуқии ҷомеаро муайян мекунад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ таъкид мешавад, ки сиёсати ҳуқуқӣ «ба муайян намудани стратегия ва тактикаи рушди ҳуқуқии ҷомеа, такмили механизми танзими ҳуқуқӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, бунёди давлати ҳуқуқбунёд» нигаронида шудааст[600]. Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун «стратегия ва тактикаи роҳи ҳуқуқии рушди ҷомеа, давлат, кишвар» тавсиф карда мешавад[601]. Сиёсати ҳуқуқӣ ба ҳалли чунин мушкилот, аз қабили такмили низоми ҳуқуқӣ, баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқӣ, таҳкими волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва таҳкими кафолатҳои онҳо,

---

[600] Ниг.: Исаков Н.В. Правовая политика современной России: проблемы теории и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2004. – С. 131.
[601] Ниг.: Нерсесянц В.С. Правовая политика Российской Федерации: основные направления и задачи // Правовая политика и пути совершенствования правотворческой деятельности в Российской Федерации. – М., 2006. – 208 с.

маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа, ташаккули шахсияти таҳаммулгар ва ғайра[602] нигаронида мешавад.

Дар ҶТ ҷанбаҳои гуногуни сиёсати ҳуқуқӣ низ таҳқиқ карда мешаванд. Солҳои охир таҳқиқотҳои илмӣ дар ин самт ҷоннок гардидааст[603].

Дар давлати ҳуқуқбунёд ҳама намудҳои сиёсат бояд бо воситаҳои ҳуқуқӣ фаро гирифта шаванд (қонунҳо, шартномаҳо ва ғ.). Ҳангоми ба амал баровардани сиёсати иқтисодӣ, фарҳангӣ, миллӣ ва дигар намудҳои сиёсат дар баробари воситаҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, техникӣ ва дигар воситаҳо, ҳатман бояд воситаҳои ҳуқуқӣ мавҷуд бошанд. Дар ин шароит сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи танзими ҳуқуқӣ, таъмини асосҳои ҳуқуқии сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва дигар истифода мешавад[604]. Ба ибораи дигар, «дар ҳамаи намудҳои сиёсат унсури ҳуқуқӣ вуҷуд дорад»[605]. Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун «намуди сиёсати кафолатнок» шарҳ дода мешавад[606].

Сиёсати ҳуқуқӣ як намуди сиёсати давлатӣ буда, бо фаъолияти давлат ҳамчун субъекти асосии сиёсати ҳуқуқӣ алоқаманд мебошад. Вобаста ба ин, ҳадафҳо, вазифаҳо, функсияҳо, самтҳои асосии фаъолияти давлат, сиёсати берунӣ

---

[602] Ниг.: Рыбаков О.Ю. Российская правовая политика в сфере защиты прав и свобод личности: вопросы теории: дис. … д-ра юрид. наук. – Саратов, 2005. – С. 36-37.

[603] Ниг.: Сативалдыев Р.Ш. Правовая политика как общетеоретическая категория: анализ концептуальных подходов // Вестник ТНУ. Серия: гуманитарные науки. – 2013. – 3/2 (№ 108). – С. 68-76; Он же. Правовая политика как фактор прогрессивного развития обществ // Правовая жизнь. – 2014. – № 1 (01). – С. 25-40; Он же. Правовоспитательная политика: научные основы и проблемы модернизации // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. – 3/4(139). – С. 38-45; Он же. Научные основы правовой политики // Вестник ТГУПБП. – 2015. – № 4. – С. 12-22; Он же. Правовоспитательная политика: научные основы и проблемы модернизации // Вестник ТГУППБ. – 2014. – № 4. – С. 12-22; Он же. Научный характер правовой политики // Мир политики и социологии. – 2013. – № 11. – С. 83-91; Он же. Правовая политика в сфере противодействия коррупции // Труды Академии МВД РТ. – 2014. – № 4 (24). – С. 7-13; Он же. Научные основы и понятие правовой политики // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2015. – № 3 (23). – С. 14-30; Он же. Методологические подходы к соотношению категорий «правовая политика» и «юридическая политика» // Материалы международной научно-практической конференции на тему: «Правовые системы Республики Таджикистан и стран СНГ: состояние и проблемы», посвященной научной деятельности проф. Менглиева Ш.М. – Душанбе, 2015. – С. 235-237; Он же. Правовое воспитание и образование как интегративное направление правовой политики: опыт Таджикистана и стран СНГ // Евразийский юридический журнал. – 2016. – № 2 (92). – С. 359-364; Он же. Правосознание как фактор эффективности правовой политики Республики Таджикистан // Типы правопонимания и меняющиеся вызовы современного мира. Сб. научных статьей по результатам Международной научно-практической конференции (Санкт-Петербург, Российский государственный педагогический университет им. А.И. Герцена, 23-24 сентября 2016 г.). – СПб.: Астерион, 2016. – С. 448-458 и др.

[604] Ниг.: Кодан С.В. Юридическая политика Российского государства // Наш трудный путь к праву: Материалы философско-правовых чтений памяти академика В.С. Нерсесянца / Сост. В.Г. Графский.. – М.: Норма, 2006. – С. 329.

[605] Ниг.: Коробова А.П. Правовая политика: понятие, формы реализации, приоритеты в России: дис. … канд. юрид. наук. – Самара, 2000. – С. 163.

[606] Ниг.: Малько А.В. Правовая политика в Российской Федерации: региональный уровень / под ред. А.В. Малько. – Тамбов, 2008. – С. 9-10.

ва дохилии он, шаклҳои баамалбарории функсияҳои давлат, шакли идоракунии давлатӣ, шакли сохти давлатӣ, реҷаи сиёсӣ (давлатӣ) ба ташаккули давлат таъсир мерасонанд. Бо дарназардошти сиёсати дохилӣ ва берунии давлат сиёсати ҳуқуқиро дар сатҳи дохилидавлатӣ (миллӣ) ва байналмилалӣ фарқ кардан лозим аст.

Солҳои охир рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ (иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ, гуманитарӣ ва ғ.) сатҳи байналмилалии сиёсати ҳуқуқии миллиро боло бурд. Таъсиси сохторҳои гуногуни байнидавлатӣ (ИДМ, Созмони ҳамкории Шанхай ва ғ.) низ ба ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Мақсад ва вазифаҳои иттиҳодияҳои байнидавлатӣ ислоҳ намудани мақсад ва самтҳои сиёсати миллии ҳуқуқиро талаб мекунанд. Чунончи, фазои ягонаи ҳуқуқӣ дар доираи ИДМ (кодексҳои намунавӣ, конвенсияҳо, эъломияҳо, созишномаҳо, мубориза и муштарак бо ҷиноятҳои муташаккилона, терроризм, қочоқи маводи мухаддир, ҳамкориҳои ҳарбӣ дар чаҳорчӯбаи Шартномаи амнияти дастаҷамъӣ, омода намудани кадрҳои илмӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра) ба рушди низоми ҳуқуқии ҶТ дар соҳаҳои гуногун таъсири назаррас дорад. Тамоюл ва дурнамои рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ, энергетикӣ, илмию таълимӣ, фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои ИДМ ба таҳия ва татбиқи сиёсати миллии ҳуқуқии ҷумҳурӣ бетаъсир намемонад.

Сиёсати ҳуқуқӣ дорои сохтори дохилӣ буда, сатҳҳо, намудҳо, самтҳо ва шаклҳои татбиқи худро дорад. Бинобар гуфтаҳои А.В. Малко, сиёсати ҳуқуқӣ бояд «аз самтҳои зерин ташаккул ёбад, ки бо шаклҳои баамалбарории он мутобиқат мекунад: 1) қонунэҷодкунӣ; 2) ҳуқуқмуҳофизавӣ; 3) тафсири ҳуқуқӣ; 4) фаъолияти доктриналӣ; 5) таълими ҳуқуқӣ»[607].

Намудҳои сиёсати ҳуқуқиро аз рӯйи меъёрҳои гуногун тасниф кардан мумкин аст. Масалан, намудҳои сиёсати ҳуқуқиро бо дарназардошти сохти механизми давлатӣ ба чунин намудҳо тасниф менамоянд: сиёсати ҳуқуқии Президент, сиёсати ҳуқуқии мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, сиёсати ҳуқуқии мақомоти маҳаллии давлатӣ, сиёсати ҳуқуқии дохилӣ (локалӣ). Дар асоси принсипи таҷзияи ҳокимият

[607] Ниг.: Малько А.В. Современная российская правовая политика и правовая жизнь // Правовая политика и правовая жизнь. – 2000. Ноябрь. – С. 18.

сиёсати ҳуқуқии қонунгузорӣ, иҷроия ва сиёсати судӣ-ҳуқуқиро аз ҳам дигар фарқ мекунанд. Бо дарназардошти самтҳои фаъолияти давлат сиёсати ҳуқуқии қонунгузорӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, санҷишӣ ва назоратӣ, ҳуқуқмуҳофизавӣ, ҳарбӣ, иттилоотӣ ва экологӣ ҷудо мешаванд.

Низоми ҳуқуқ, сохти дохилии он (соҳа ва институтҳои ҳуқуқ) ҳамчун асоси муҳимми навбатии таснифи намудҳои сиёсати ҳуқуқӣ баромад мекунанд. Дар ин замина навъҳои соҳавии сиёсати ҳуқуқӣ (сиёсати ҳуқуқии конститутсионӣ ва сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ)-ро фарқ мекунанд. Дар асоси соҳаҳои комплексии ҳуқуқ намудҳои ба ҳам алоқаманди сиёсати ҳуқуқиро фарқ кардан мумкин аст, масалан, дар соҳаи соҳибкорӣ, экология ва ғайра. Институтҳои ҳуқукро метавон ҳамчун меъёри фарққунандаи чунин навъҳои сиёсати ҳуқуқӣ, аз қабили сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи интихобот ва раъйпурсӣ, сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, сиёсат дар соҳаи муҳофизати ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва ғ.

Ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ, самтҳо, ҳадафҳо ва афзалиятҳои он бо дарназардошти шароити мушаххаси таърихии кишварҳои алоҳида сурат мегирад. Чунончи, ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 1990-ум носозгории ин марҳалаи таърихиро инъикос кардааст. Дар ин давра, ки бо дигаргунсозии ҷамъият дар давраи гузариш аз сотсиализм ба пасосотсиализм рост омад, консепсияи сиёсати ҳуқуқии шуравӣ тадриҷан бо сиёсати нави ҳуқуқӣ иваз карда шуд. Ин раванд давраҳои рушди давлатро инъикос мекард: таъсиси ниҳоди Президент; бовдоштани шакли идораи президентӣ дар моҳи ноябри соли 1992; барқарор намудани шакли президентии идораи давлат дар моҳи июли соли 1994; қабули Конститутсия ва интихоби Президент дар соли 1994; давраи пас аз низоъ; марҳилаи модернизатсия.

Ташаккули сиёсати нави ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон аз як тараф зери таъсири бевоситаи равандҳои иҷтимоию сиёсӣ, ки дар дигар кишварҳои пасошуравӣ ҷараён доштанд, сурат гирифт. Гузариш ба пасосотсиализм мақсадҳои стратегии инкишофи ҳуқуқ (волоияти ҳуқуқ, давлати ҳуқуқбунёд, таҷзияи ҳокимият, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва

ғайра)-ро пешакӣ муайян кард. Тағйироти асосҳои ҳуқуқии ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар доираи фазои ҳуқуқии пасошуравӣ мавҷуда дар доираи ИДМ сурат мегирифт.

Аз дигар тараф шароити таърихии Тоҷикистон, равандҳои иҷтимоию сиёсӣ, дигаргуниҳои иҷтимоӣ (муқовимат байни неруҳои сиёсии радикалӣ ва муътадил, ҷанги шаҳрвандӣ ва ғ.), мухолифии рушди давлатию ҳуқуқӣ (таъсиси ниҳоди Президент, боздоштани он, аз нав барқарорсозӣ ва ғайра) ба ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ дар ибтидо ва миёнаи солҳои 1990-ум таъсири ҳалкунанда расонид.

Дар Тоҷикистон ба ташаккули сиёсати ҳуқуқии мақсаднок дар ибтидои солҳои 90-ум як қатор омилҳо таъсири манфӣ расонданд: бархурди қувваҳои сиёсии консервативӣ, муътадил ва радикалӣ; зиддият байни демократҳо ва коммунистон, байни тарафдорони роҳи дунявӣ ва исломии тараққиёт; қобилияти ба таври бояду шояд баҳо дода натавонистани роҳбарияти қаблии коммунистӣ ба дигаргуниҳои дар ҷамъият баамаломада; дер ташаккул додани элитаи нави сиёсӣ; ҷанги шаҳрвандӣ; ихтиёран истеъфо додани президентҳои якум ва дуюми ҷумҳурӣ; нотавонии Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ; беамалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; бухрони иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, идеологӣ дар кишвар; афзоиши ҷинояткорӣ[608].

Аз Иҷлосияи XVI Шурои Олии ҶТ, ки дар шароити душвори ҷанги шаҳрвандӣ дар моҳи ноябри соли 1992 даъват шуда буд, раванди ташаккули сиёсати нави ҳуқуқӣ оғоз гардид. Иҷлосияи мазкур барои ташаккули элитаи нави сиёсии ҷумҳурӣ бо сарварии Президенти ҳозира Эмомалӣ Раҳмон (он замон Раиси Шурои Олӣ), ки ба дарки фоҷиаи низои байни тоҷикон шуруъ намуда, қадамҳои қатъӣ андешида буд, такони ҷиддӣ бахшид. Ғояҳои қаблан эълоншудаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандиро ҳамчун ҳадафҳои стратегии рушди давлат ва ҷомеа татбиқ намуд. Дар он бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дар Тоҷикистон расман эълон шуда, барои боздоштани ҷанги шаҳрвандӣ, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, амният, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва роҳи баромади кишвар аз бухрон тадбирҳои қатъӣ андешида шуданд.

---

[608] Ниг.: Основы новейшей государственности / З.М. Алиев, М. Диноршоев, А.С. Достиев, М. Илолов, Р. Масов и др. – М.: Радуница, 2002. – С. 285-304.

Сиёсати ҳуқуқие, ки аз моҳи ноябри соли 1992 то 1997 амалӣ карда шуд, хусусияти гузариш дошт, ки асосан ба ноил шудан ба сулҳ ва ризоияти миллӣ нигаронида шуда буд. Аз соли 1997, пас аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Маскав сиёсати ҳуқуқии давраи пас аз ҷангӣ ташаккул ёфт, ки ба ҳалли ҳадафҳо ва вазифаҳои нави рушди минбаъдаи ҷомеа дар шароити таҳкими иҷтимоии давлат нигаронида шудааст. Аз ибтидо ва миёнаи солҳои 2000-ум дар Тоҷикистон марҳилаи навсозии сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун тактика ва стратегияи рушди ҳуқуқ оғоз мегардад. Он мутобиқи тамоюл ва дурнамои рушди низоми ҳуқуқӣ, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ бо дарназардошти ҳадафҳои такмил, низомсозӣ ва кодификатсияи қонунгузорӣ, ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ таҳия ва амалӣ карда мешавад. Ба бунёди он таъсиси парламенти дупалатагӣ, пурзӯр намудани раванди қонунгузорӣ мусоидат мекунад[609]. Дар марҳилаи мазкур фаҳмиши ҳуқуқӣ амиқтар шуда, коркарди доктриналии масъалаҳои ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ васеъ мегардад ва низоми таълими ҳуқуқӣ такмил меёбад.

Дар баробари ин, сиёсати ҳуқуқӣ мураккаб ва инкишофёбанда мебошад. Вусъат ва таъсири ҷаҳонишавӣ, печида шудани мушкилоти геополитикӣ, энергетикӣ ва ғайра, муайян кардани ҳадафҳои стратегии давлат дар соҳаи нави рушди таърихӣ боиси ташаккули ҳадафу вазифаҳои нави сиёсати ҳуқуқӣ гардид. Дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи таъмини ҳуқуқии манфиатҳои миллӣ, аз ҷумла, дар соҳаҳои иқтисод, энергетика, иттилоот ва амнияти озуқаворӣ ҳамчун масоили аввалиндараҷа қарор дорад. Тайи солҳои охир аллакай дар Тоҷикистон як қатор қонунҳо бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, бахусус, дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ, ба низом даровардани анъана ва ҷашну маросимҳо[610], масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд[611] ва ғ. қабул гардиданд.

---

[609] Ниг.: Зариф Ализода. Становление института парламента в Республике Таджикистан: проблемы теории и практики: монография. – Душанбе, 2011. – 264 с.

[610] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» //Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2007. №6, мод.428; – 2008. №6, мод. 448; – 2010. №7, мод. 568; – 2017. №5, қ.1, мод. 285; №7-9, мод. 580.

[611] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011, №762 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2011. №7-8, мод 616; 2016. №3, мод. 147; 2018. №5, мод. 283.

Ҳолатҳои фавқуззикр дар ояндаи наздик ба ташаккули сиёсати миллии ҳуқуқӣ мусоидат хоҳанд кард.

Таҳдиди ифротгароии сиёсӣ ва мазҳабӣ, терроризми байналмилалӣ, эҳтимоли авҷ гирифтани вазъ дар минтақа пас аз тарки неруҳои ҳарбии ИМА ва иттифоқчиёнаш аз Афғонистон, ҳимояи амнияти миллӣ, аз ҷумла, амнияти иттилоотӣ ва дигар омилҳо ислоҳот ва навсозии минбаъдаи мақсадҳо, вазифаҳо ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқиро тақозо мекунанд. Тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ (дар доираи ИДМ, СҲШ ва ғ.) ва ворид шудани Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо низ ба навсозии сиёсати ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

Солҳои 2000-ум таҳияи консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар ҶТ ба масъалаи рӯзафзун табдил ёфта буд. Он барои муайян кардан ва муттаҳидсозии минбаъдаи меъёрии асосҳои доктриналӣ, аз ҷиҳати илмӣ асосноккунии стратегияи рушди ҳуқуқ бо дарназардошти дигаргуниҳои баамаломада ва пешбинишавандаи иҷтимоӣ ҳам дар ҷомеа ва ҳам бевосита дар соҳаи ҳуқуқ равона карда шудааст.

Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ дар ҶТ ҳадафҳо, самтҳо ва дурнамои рушди иҷтимоӣ тадриҷан муайян карда шуданд, ки дар ниҳояти кор барои бунёди сиёсати нави ҳуқуқӣ заминаи асосӣ гузоштанд. Дар Конститутсияи ҶТ соли 1994 роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ ва ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ дар заминаи ислоҳоти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, кафолати ҳуқуқу озодиҳои ҷудонашавандаи инсон, рушди иқтисоди бозорӣ, шаклҳои гуногуни моликият, гуногунандешии сиёсӣ ва идеологӣ ва такмил додани идоракунии давлатӣ пешбинӣ мешавад. Дар солҳои 2000-ум дар Тоҷикистон шумораи зарурии барномаҳо ва консепсияҳои давлатӣ қабул карда мешаванд, ки ҳадафҳо ва дурнамои рушди ҷомеа, аз ҷумла, соҳаи ҳуқуқии онро муайян мекунанд. Сиёсати ҳуқуқӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавӣ инъикоси худро меёбад.

Дар баробари ин, бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ идома дорад. Инкишофи ҷамъият ба ин раванд ислоҳотҳои худро ворид менамояд. Хатарҳои нави ҷаҳонӣ ислоҳотҳои доимиро дар самти сиёсии давлат талаб

мекунад. Бисёр мушкилоти ҳаёти иҷтимоӣ бинобар вазъияти гузариши ҷамъият зуҳур меёбанд. Аз ин рӯ, сиёсати давлат дар оянда ҳам дар доираи вазифаҳои нави давлат ва ҷомеа мувофиқи мушкилотҳои нави бамиёномада, таҷдид ва нав карда мешавад. Дар чунин шароит накш ва аҳаммияти таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи сиёсати ҳуқуқӣ бешубҳа меафзояд. Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ бояд дар марҳалаи ислоҳоти он ба бисёр масъалаҳои актуалии ҳаёт ҷавобгӯ бошад. Он бояд дигаргуниҳои соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ-ахлоқии ҳаёти ҷомеаро ба назар гирад ва асоси консептуалии дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ бошад. Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ бевосита бо тараққиёт алоқаманд аст, ки ҳамчун «рушди бебозгашт, ояндадор, қонунии тағйири объектҳои моддию маънавӣ» фаҳмида мешавад[612]. Инкишофи ҳуқуқӣ ҳамчун як навъи рушди иҷтимоӣ «тағйирёбии ҳамаҷониба, босифат, бебозгашт ва мақсадноки низоми воситаҳои асосии ҳуқуқӣ ва механизмҳои иҷтимоию ҳуқуқии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ» баромад мекунад[613].

Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 бо Фармони Президенти ҶТ аз 6-уми феврали соли 2018, №1005[614] тасдиқ шудааст, ки яке аз санади муҳимми давлатӣ ба ҳисоб рафта сиёсати ҳуқуқии рушди маърифати ҳуқуқӣ, тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ ва ёрии ҳуқуқиро муайян менамояд. Бинобар ин қайд бояд намуд, ки баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқии ҶТ маҳсуб мешавад ва ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ, шаҳрвандон оид ба муайян намудани мақсадҳо, вазифаҳо, афзалиятҳо, воситаҳо, шаклҳои тарбияи ҳуқуқӣ баромад намуда, тавассути таъмини сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ, тарҷиби ҳуқуқӣ, инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқшиносони касбӣ амалӣ мешавад, аз ҳадафҳои Ҳукукмати ҶТ бар меояд.

---

[612] Ниг.: Философский энциклопедический словарь. – М.: «Советская энциклопедия», 1983. – С. 561.

[613] Ниг.: Саркисов Р.С. Российская правовая политика как концепция и реальность: дис. … канд. юрид. наук. – Пятигорск, 2008. – С. 15.

[614] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 бо Фармони Президенти ҶТ аз 6-уми феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст.

Тибқи банди 60-и Консепсия сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълими ҳуқуқӣ ҳалли вазифаҳои зеринро пешбинӣ менамояд: тарбияи кадрҳои ҳуқуқшиносӣ касбии баландихтисос, ки барои фаъолияти ҳуқуқӣ дар шароити вусъати равобити байналмилалӣ омода мебошанд, такмили сиёсати таҳсилот дар соҳаи тарбияи кадрҳои ҳуқуқшинос, баланд намудани сатҳи донишомӯзии ҳуқуқи байналмилалӣ бо дар назар доштани дурнамои ҳалли бахсҳои ҳуқуқӣ дар судҳои байналмилалӣ, такмили тахассус пас аз гирифтани таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ, омода намудани кадрҳои дорои донишҳои махсуси иттилоотӣ дар шароити васеъ шудани иттилои ҳуқуқӣ, таҳдидҳо ба амнияти иттилоотии Ҷумҳурӣ, тарбияи кадрҳои нави ҳуқуқшиносон, ки барои кор дар шароити роҳандозии ҳукумати электронӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар амалияи ҳуқуқшиносӣ омодаанд, мустаҳкам намудани унсурҳои иттилоотӣ ва технологии сиёсати таҳсилот бо дар назар доштани ворид шудани технологияҳои иттилоотӣ дар амалияи ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани махзани иттилоотии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, иттилоъгардонии фаъолияти судӣ, тафтишотӣ, мурофиавӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, иттилои ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ.

Ҳамзамон дар бандҳои алоҳидаи Консепсия сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии шаҳрванд, чораҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон, такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ғайра таъкид гардидааст, ки яке аз афзалиятҳои давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ бояд афзалиятҳои онро ба инобат гирифт. Ба андешаи Н.И. Матузов, афзалиятҳои умумии сиёсати ҳуқуқӣ инҳо мебошанд: ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ, такмили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он, амиқсозии ислоҳоти конститутсионӣ, фароҳам овардани заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ барои ислоҳоти ҷорӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, кор карда баромадани чораҳои самарабахши зиддикоррупсионӣ, ҷорӣ

намудани тартибот дар соҳаи идоракунӣ, пурзур намудани ҳифз ва кафолатҳои ҳуқуқи инсон, бартараф намудани нигилизми ҳуқуқӣ ва ғайра[615].

Ҳангоми таҳияи сиёсати ҳуқуқӣ муқаррароти Стратегияи миллии рушди ҶТ бояд ба инобат гирифта шавад. Стратегия баҳри ба низом даровардани раванди рушди дарозмуддати кишвар мутобиқи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ барои консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо ва нақшаҳои давлатии ҷорӣ ва таҳияшудаи рушди кишвар пешбинӣ шудааст. Дар он аз ҷумла, афзалиятҳои зерини миллӣ муайян карда шудаанд: 1) ислоҳоти идоракунии давлатӣ баҳри ташаккули низоми миллии рушди кишвар, ки хусусиятҳои асосии он шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва мубориза бо коррупсия мебошанд; 2) рушди бахши хусусӣ ва ҷалби сармоягузориҳо дар асоси тавсеаи озодиҳои иқтисодӣ, таҳкими ҳуқуқи моликиятӣ ва қонуният, рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ; 3) рушди неруи инсонӣ баҳри зиёд намудани ҳаҷм ва сифати хизматрасонии иҷтимоӣ ба табақаи камбизоат ва ноил шудан ба Мақсадҳои Рушди Ҳазорсола, васеъ намудани иштироки аҳолӣ дар раванди рушд ва таҳкими шарикии иҷтимоӣ.

Бояд ҳадафҳои сиёсати ҳуқуқӣ низ ба инобат гирифта шаванд[616]. Дар Стратегияи миллии рушди ҶТ ҳадафҳои зерини миллӣ муайян карда шудаанд: таҳкими суботи иҷтимоию сиёсӣ, ноил шудан ба некӯаҳволии иқтисодӣ ва некӯаҳволии иҷтимоии мардуми Тоҷикистон дар шароити афзалияти принсипҳои иқтисоди бозорӣ, озодӣ, шаъну шарафи инсон ва имкониятҳои баробар баҳри амалӣ гардондани неруи ҳар кас. Тибқи ин санад, идоракунии муассир ва шаффофи давлатӣ, ҷомеаи одилона, ки ҳимоя ва рушди инсонро таъмин мекунад, рушди устувори иқтисодӣ ҷузъҳои асосии ин ҳадаф мебошанд. Дар ин ҳуҷҷат ҳамчунин ҳадафҳои рушди низоми маориф ва илм, соҳаи тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба обтаъминкунӣ, санитария ва

[615] Ниг.: Матузов Н.И. Понятие и основные приоритеты российской правовой политики // Правоведение. – 1998. – № 4. – С. 13.
[616] Ниг.: Шундиков К.В. Цели, средства и результаты правовой политики // Российская правовая политика: курс лекций / под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., 2003. – С. 116.

хоҷагии манзилию коммуналӣ, таъмини устувории экологӣ, баробарии гендерӣ мушаххас карда шудаанд.

Афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ бо хусусиятҳои асосии зерин тавсиф карда мешаванд: Якум, он пеш аз ҳама, дар доираи арзишҳои иҷтимоӣ, ки дар сатҳи шуури ҷамъиятӣ, фалсафӣ, ҷаҳонбинии умумӣ ташаккул меёбанд, муайян карда мешаванд. Дуюм, асоси муайянкунандаи онҳоро дастурҳои муайяни тараққиёти рӯзафзун ва бошиддати ҷамъият ташкил медиҳанд. Сеюм, афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар асоси он ҳадафҳои дорои хусусияти тактикӣ ва стратегӣ, ки дар давраи муайян мубрам ва рӯзмарра мегарданд, инчунин, мушкилоте, ки дар асоси истифодаи маҷмуи тадбирҳо ҳалли зудтарро талаб мекунанд, дар асоси истифодаи воситаҳои дорои хосияти ташкилӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва дигар, аз ҷумла, воситаҳои ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Чорум, афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ рушдёбанда буда, аз ҷиҳати мазмун ва тамаркузи худ дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҷомеа тағйир меёбанд. Бо рушд ва интихоби афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ аз чолишҳои глобалии муосир, ҳадафҳои василаҳои ҳалли мушкилоти глобалии инсоният, муқовимат ба таҳдидҳои ҳарбӣ, ифротгароӣ ва дигар таҳдидҳо вобаста аст. Панҷум, авлавиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ аз ҳудуди миллӣ берун шуда, дар доираи сиёсати хориҷӣ торафт бештар фаро гирифта мешаванд.

Ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ дар ҶТ бояд бо дарназардошти мавқеи махсуси геополитикии он, мушкилоти иқтисодӣ, энергетикӣ, захиравӣ ва дигар мушкилоте, ки тайи даҳсолаҳои охир ба миён омада, дар якҷоягӣ таҳдидҳои ҷаҳонишавиро зиёд мекунанд, ба роҳ монда шавад. Дар чунин шароит ҳифзи манфиатҳои миллӣ (иқтисодӣ, сиёсӣ, маънавӣ ва ғайра) самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ дар ҶТ мегардад. Сиёсати ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ бояд ба кам кардани хатарҳои глобалӣ, таҳдидҳои дохилӣ ва минтақавӣ (терроризм, ифротгароии сиёсӣ ва динӣ, паҳншавии радикализми исломӣ ва ғайра) нигаронида шавад.

Ҳимояи манфиатҳои миллӣ на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон низ масъалаи муҳимми бунёдӣ мебошад[617].

Солҳои охир дар Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, ки барои ташаккули самтҳои алоҳидаи сиёсати ҳуқуқӣ асос мегузоранд. Аз ин рӯ, бо мақсади муайян намудани дурнамои рушди қонунгузорӣ Консепсияи пешгӯии рушди қонунгузории ҶТ қабул гардид, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 19 феврали соли 2011 тасдиқ карда шудааст. Мувофиқи Консепсияи мазкур самтҳои афзалиятноки рушди қонунгузорӣ аз инҳо иборатанд: баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо ва татбиқи самараноки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс, соҳибихтиёрии давлат, амният ва манфиатҳои миллӣ, якпорчагии давлат; таъмини волоияти қонун, мутобиқати қонунҳо ба Конститутсия, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ, рушди институтҳои демократӣ, пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, рафъи зиддиятҳои қонунгузорӣ, баланд бардоштани сифати қонун, мутобиқ гардонидани қонунгузории ҷумҳурӣ ба меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ. Бо мақсади амалӣ намудани Консепсияи мазкур як қатор барномаҳои давлатӣ дар соҳаҳои гуногун (сохтори давлатӣ, амният, қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ ва ғ.) бо қарорҳои Ҳукумати ҶТ тасдиқ карда шудаанд.

Дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ба сифати субъектҳои сиёсати ҳуқуқӣ инчунин, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятию сиёсии онҳо баромад мекунанд. Фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ташаккул ва татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Таҷрибаи муҳокимаи умумихалқии як қатор лоиҳаи қонунҳои Тоҷикистон мисоли равшан аст. Чунончи, зимни муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим», ки зиёда аз ду моҳ давом кард, шаҳрвандон беш аз 20 ҳазор пешниҳодҳо карданд[618]. Дар муҳокимаи лоиҳаи Қонун ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму

---

[617] Ниг.: Хабриева Т.Я. Национальные интересы и законодательные приоритеты России // Журнал российского права. – 2005. – С. 14.

[618] Ниг.: Речь Президента Республики Таджикистан с представителями общественности по вопросу об упорядочении национальных обычаев, обрядов и традиций. Душанбе. 24 мая 2007 г. – Душанбе, 2007. – С. 4.

тарбияи фарзанд» бештар аз 2 миллион шаҳрвандон иштирок карданд. Дар рафти муҳокимаи лоиҳаи Қонун зиёда аз 80 мақомоти давлатӣ, садҳо корхонаю ташкилот, 11 ҳазор нафар шаҳрвандон ба мақомоти қонунгузор оид ба баъзе нуктаҳои лоиҳаи Қонун ба таври хаттӣ муроҷиат карданд. Ҳангоми тартиб додани лоиҳаи Қонун ҳашт ҳазор таклифи шаҳрвандон ва ташкилотҳо пурра ё қисман ба назар гирифта шуд. 8 апрели соли 2011 лоиҳаи ниҳоии Қонун зимни муҳокимаи он бо намояндагони ҷомеа бо иштироки Президент ба итмом расид[619].

Сиёсати ҳуқуқӣ, ҳамзамон дар Паёмҳои Президент ба Маҷлиси Олии ҶТ низ инъикос меёбад. Чунончи, дар Паёми Президенти ҶТ аз 16 апрели соли 2005 самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи қонунгузорӣ муайян карда шуданд: ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, асосноккунии иқтисодӣ ва молиявии лоиҳаҳои қонун, таъмини низомнокии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар асоси волоияти қонун, таъмини қонунияти конститутсионӣ, ба ҳисоб гирифтани воситаю усулҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои моликияти хусусӣ, кам кардани шумораи санадҳои меъёрии идоравӣ. Мақсад ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаҳои гуногун (маориф, тандурустӣ, ваҳдати миллӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, коррупсия ва ғ.) дар дигар Паёмҳои сарвари давлат инъикоси худро ёфтаанд.

Нақши назаррасро дар муътадилсозии сиёсати ҳуқуқӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дорад, ки дар он принсипҳои фаъолияти қонунэҷодкунӣ, субъектҳои қонунэҷодкунӣ, низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда шуда, тавсифи намудҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дода мешавад. Бобҳои алоҳидаи Қонун ба масъалаҳои техникаи қонунэҷодкунӣ, амали санади меъёрии ҳуқуқӣ дар вақт, фазо ва дар доираи шахсон, тартиби тафсири расмии санади меъёрии ҳуқуқӣ, тарзҳои ҳалли мухолифати санадҳо, тартиби баҳисобгирӣ ва қайди давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дахл доранд.

Барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ мақсад ва афзалиятҳои сиёсати судӣ-ҳуқуқӣ дар Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ барои солҳои

---

[619] Дар бораи рафти муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд» Ниг.: Маҳмудов М.А., Сотиволдиев Р.Ш. Ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳаммияти он дар инкишофи давлати соҳибихтиёр. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – С. 60-62.

2019-2021, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 19 апрели соли 2019 баҳри иҷрои Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26 декабри соли 2018 муайян карда шудаанд, тасдиқ карда шудааст, муайян карда мешаванд. Ин мақсаду афзалиятҳо ҳамзамон дар Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 15 апрели соли 2009, 24 апрели соли 2010, 5 январи соли 2015 ва ғайра низ муайян карда шудаанд.

Қабл аз ин, Барномаиислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ барои солҳои 2011-2015 амалӣ карда шудааст. Он Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи барнома, аз ҷумла, таҳияи лоиҳаи Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор дар соҳаи истеҳсолоти иҷро, омӯзиши масъалаи таъини бемуҳлати судяҳо ва ғайраро дар бар гирифтааст.

Яке аз мақсадҳои Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ барои солҳои 2011-2015 таъмини ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Мақсад ва афзалиятҳои сиёсати тарбияи ҳуқуқӣ дар Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» (9.04.1997), дар Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва корҳои ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» (22.08.1997)[620], инчунин, дар Барномаи таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон барои солҳои 2009-2019 муайян карда шудаанд. Ҳуҷҷати мазкур самтҳои асосии таълиму тарбияи ҳуқуқиро муайян мекунад. Барномаи давлатии таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ барои солҳои 2020-2030, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 27 ноябри соли 2019 тасдиқ шудааст.

Яке аз самтҳои сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон сиёсати кадрӣ мебошад, ки баҳри омода намудани кадрҳои баландихтисоси ҳуқуқӣ, навсозии сиёсати таълимӣ, таҳкими заминаи иттилоотию технологӣ чун ҷузъҳои сиёсати таълимӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ дар соҳаи аз худ кардани таҷрибаи ҳуқуқии байналмилалӣ амалӣ мешавад. Он бо дарназардошти дурнамои ҳалли парвандаҳои ҳуқуқӣ дар мақомоти судии байналмилалӣ, тайёр кардани барномасозони дорои дониши ҳуқуқӣ, ки омодаанд дар шароити мураккабтар

[620] Ниг.: Свод законов Республики Таджикистан. – 1999. – Т.1. – С. 56-57.

шудани иттилооти ҳуқуқӣ кор кунанд, инчунин, дар иртибот бо таҳдидҳо ба амнияти миллии иттилоотӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқӣ, аз ҷумла, дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, иттилоотикунонии фаъолияти судӣ, тафтишотӣ, мурофиавӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ташкил намудани базаи иттилоотӣ дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва ғайра амалӣ мешавад.

Навкунии сиёсати қонунгузорӣ, таҷдиди қонунгузорӣ, мутобиқсозии онҳо ба меъёр ва принсипҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳангоми нигоҳдорӣ ва ҳимояи афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ, аз нав дида баромадани маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ бо мақсади мутобиқ гардонидани он ба талабот ва меъёрҳои Созмони умумиҷаҳонии савдо (минбаъд – СУС), ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи қонунгузорӣ ва ғайра вазифаҳои таъхирнопазири сиёсати қонунгузорӣ мебошанд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии ҶТ таъмини ҳуқуқии ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити густариши ҷаҳонишавӣ, мураккаб шудани мушкилоти глобалӣ (энергетикӣ, демографӣ, экологӣ, захиравӣ ва ғайра) ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ мебошад. Он инчунин, соҳаи таълими ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, амалигардонии ҳуқуқӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ, фаъолияти тафсири ҳуқуқро дар бар мегирад.

Такмили идоракунии давлатӣ, ки такмили давлатдории миллӣ ва ба ҳалли ҳадафҳои стратегӣ мусоидат мекунад, борҳо дар паёму суханрониҳои Президенти ҶТ садо дода, шакли расмиро гирифтааст. Таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии кишвар ҳадафҳои стратегии ҶТ буда, зимни ислоҳоти идоракунии давлатӣ ба инобат гирифта мешаванд. Самтҳои нави стратегияи рушди давлатию ҳуқуқӣ такмили минбаъдаи идоракунии давлатиро тақозо мекунанд.

Сиёсати ҳуқуқии ҶТ дар соҳаи идоракунии давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ буда, бо дарназардошти ҳадафҳои нави идоракунии давлатӣ, таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳонӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ амалӣ карда мешавад. Он бо сиёсати ҳуқуқии таҳсилотӣ ва тарбиявии ҶТ, аз ҷумла, дар самти тарбияи кадрҳои идоракунии давлатӣ робитаи устувор дорад.

## 4.2. Давлат ва шахс ҳамчун субъекти асосии сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аҳаммияти ҳуқуқи инсон дар давлати ҳуқуқбунёд бо он тасдиқ карда мешавад, ки эътироф, ҳимоя ва таъмини онҳо ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати ҳуқуқӣ мебошанд. Давлат вазифадор аст, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳимоя намояд. Яке аз шаклҳои иҷрои ин вазифа, ки дар сатҳи расмӣ (байналмилалӣ ва конститутсионӣ-ҳуқуқӣ) бар дӯши давлат вогузор шудааст, таҳия ва амалӣ намудани мақсадноки сиёсат дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад. Аз ин рӯ, дар солҳои охир сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва умуман худи мушкилоти сиёсати ҳуқуқӣ дар маркази таваҷҷуҳи аксари муҳаққиқон қарор дорад.

Ба гуфтаи Н.В. Исаков воситаи самараноки таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд «метавонад, сиёсати аз ҷиҳати илмӣ асоснок, сиёсати ҳуқуқии бонизоми давлат бошад», ки ба шарофати он имкони такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, омезиши оқилонаи принсипҳои ҳокимият ва озодӣ, истифодаи механизмҳои ҳуқуқӣ бо мақсади ба ҳамвории татбиқи пайвастаи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ табдил додани стратегияи сиёсӣ вуҷуд дорад»[621].

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи инсон ва сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи сиёсию ҳуқуқӣ, дар маҷмуъ ҳамчун ҷузъ ва том ба ҳам пайванданд. Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон чун афзалияти асосии сиёсати ҳуқуқӣ баромад намуда, ба ин васила тамоми самтҳо, намудҳо ва шаклҳои татбиқи онро фаро мегирад. Дар баробари ин, сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мақоми мустақил дошта, дар маҷмуъ яке аз самтҳои афзалиятнок ё намуди сиёсати ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон низ сатҳи байналмилалӣ дорад. Ба гуфтаи И.Г. Сердюкова, таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои

---

[621] Ниг.: Исаков Н.В. Правовая политика современной России: проблемы теории и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2004. – С. 295.

қонунии инсон ҳамчун афзалияти муҳимтарини сиёсати байналмилалии ҳуқуқӣ – ин «фаъолияти давлат оид ба таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ, таҳкими соҳибихтиёрӣ ва манфиатҳои миллӣ дар сатҳи байналмилалӣ, ҳимояи тартиботи ҷаҳонӣ дар асоси риоя ва эҳтироми принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, таъмини мутобиқати низоми ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ, иштироки фаъолона дар ислоҳоти низоми мавҷудаи муносибатҳои байналмилалӣ мебошад»[622].

Мафҳуми сиёсати ҳуқуқӣ, мақсад, вазифа, афзалият, сатҳ, намуд, самт, восита ва шаклҳои татбиқи он мутаносибан хусусиятҳои муҳим, инчунин, самт, намуд ва шаклҳои татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсонро муайян мекунад.

Фаҳмиши сиёсати ҳуқуқӣ ба тафсири сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон таъсири назаррас мерасонад. Ҳангоми тафсири сиёсати ҳуқуқӣ бисёр муаллифон таъкид мекунанд, ки он ба қонун асос ёфтааст ё тавассути қонун амалӣ карда мешавад. Принсипҳои ҳуқуқии сиёсати ҳуқуқӣ дар қатори дигар унсурҳо (воситаҳои таъсири ҳуқуқӣ, қонунҳо ва ғ.), инчунин, ҳуқуқи инсонро дар назар доранд. Масалан, ба гуфтаи Н.И. Матузов, сиёсати ҳуқуқӣ, ки яке аз намудҳои сиёсат дар маҷмуъ (ҳамчун мафҳуми умумӣ) мебошад, маҷмуи тадбирҳо, ғояҳо, вазифаҳо, мақсад, барнома ва усулҳоест, ки дар соҳаи ҳуқуқ тавассути қонун амалӣ карда мешаванд[623].

Дар як қатор таърифҳо махсусан қайд мекунанд, ки яке аз ҳадафҳои сиёсати ҳуқуқӣ ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошад. Масалан, ба ақидаи А.В. Малко ва К.В. Шундиков: «Сиёсати ҳуқуқӣ ин фаъолияти аз ҷиҳати илмӣ асоснок, пайгирона ва мунтазами мақомоти давлатӣ ва мунисипалӣ оид ба эҷоди механизми самараноки танзими ҳуқуқӣ, ба таври мутамаддин истифода бурдани воситаҳои ҳуқуқӣ дар ноил шудан ба чунин ҳадафҳо, аз қабили таъмини пурраи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими интизом, қонуният ва тартиботи

[622] Ниг.: Сердюкова И.Г. Международно-правовая политика современной России в сфере осуществления прав и законных интересов человека: общетеоретический аспект: дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2008. – С. 34, 53.
[623] Ниг.: Матузов Н.И. Общая концепция и основные приоритеты российской правовой политики // Правовая политика и правовая жизнь. – 2000. – № 4. – С. 28.

ҳуқуқӣ, ташаккули давлатдории ҳуқуқӣ ва сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҷомеа ва шахс мебошад»[624].

О.Ю. Рибаков мафҳуми умумии сиёсати ҳуқуқӣ ва мафҳуми сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахсро фарқ мекунад, ки онҳо ҳамчун ҷузъ ва кулл алоқаманданд. Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс, ба қавли ӯ, ин «фаъолияти мақомоти давлатӣ, мунисипалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин худи шахс мебошад, ки таъсис, нигоҳдорӣ, инкишоф ва татбиқи шароити ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ӯро таъмин менамояд»[625].

Дар мафҳумҳои дар боло овардашуда муайян намудани субъектҳои сиёсати ҳуқуқӣ, аз ҷумла, сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон аҳаммияти муҳим дорад. Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон набояд ҳамчун сиёсати танҳо давлат фаҳмида шавад. Дар давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ ҳам давлат ва ҳам ташкилотҳои ғайридавлатӣ, инчунин, шаҳрвандон (алоҳида ва якҷоя – ба сифати халқ ҳамчун сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ), тамоми ҷомеаи шаҳрвандӣ дар тарҳрезӣ ва ба амал баровардани сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон фаъолона иштирок менамоянд.

Аз ин рӯ, аксари муаллифон ба сифати субъектҳои сиёсати ҳуқуқӣ давлат, иттиҳодияҳои ҷамъиятии шаҳрвандон ва субъектҳои дигарро эътироф мекунанд. Масалан, А.В. Малко ва К.В. Шундиков давлат, иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои гуногуни шаҳрвандон ва дигар субъектҳои қонунгузории маҳаллиро субъектҳои сиёсати ҳуқуқӣ медонанд[626].

Субъектҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон давлат, мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба шумор мераванд.

Дар сохтори сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс О.Ю. Рибаков ҷузъҳои доктриналӣ, ташкилӣ-функсионалӣ, дурнамоӣ-

[624] Ниг.: Малько А.В., Шундиков К.В. Правовая политика современной России: цели и средства // Государство и право. – 2001. – № 7. – С. 15.
[625] Ниг.: Рыбаков О.Ю. Российская правовая политика в сфере защиты прав и свобод личности: вопросы теории: дис. … д-ра юрид. наук. – Саратов, 2005. – С. 12-13.
[626] Ниг.: Малько А.В., Шундиков К.В. Цели и средства в праве и правовой политике. – Саратов, 2003. – С. 213-216.

дигаргунсозиро ҷудо мекунад. Ҷузъи доктриналиро ғояҳо, мафҳумҳо, таълимотҳо, арзишҳо, дастурҳои мавҷудияти ҳуқуқии шахс ва ифодаи онҳо дар шакли амали барномаҳои мушаххасро ташкил медиҳанд. Ҷузъи ташкилию расмӣ шаклҳо, намудҳо, афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсро дар бар мегирад. Ҷузъи дурнамой-дигаргунсозанда аз ҷамъоварии самтҳои ояндадори ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон иборат аст[627].

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар асоси принсипҳои муайян амалӣ карда мешавад. Принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун ғояҳои бунёдие муайян карда мешаванд, ки равишҳои умумии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳокимияти давлатиро ба фаъолияти аз ҷиҳати стратегӣ нигаронидашуда дар соҳаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян мекунанд. Дар лоиҳаи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Федератсияи Русия дар баробари дигар принсипҳо, инчунин, принсипи афзалияти ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд таъкид шудааст[628].

Ба гуфтаи О.Ю. Рибаков, принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои шахс – ин талаботи асосии мазмун ва шакли он мебошанд. Принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс инҳоянд: 1) риояи манфиатҳои ба ҳам алоқаманди шахс, оила, ҷомеа ва давлат; 2) таваҷҷуҳи нигаронидашудаи стратегӣ ба қонунгузории инсондӯстона; 3) алоқамандӣ бо андешаҳои конститутсионализм; 4) истифодаи имкониятҳои таъсири давлатӣ, ки танҳо дар асоси қонун сурат мегирад; 5) ошкорбаёнӣ[629].

Ҳамин тариқ, баъди ҳамаҷониба омӯхтани мафҳумҳои гуногунмазмуни ин падида, чунин мафҳуми муаллифии сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсонро пешниҳод менамоем: сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон – ин фаъолияти мақсаднок, муташаккил ва мунтазами давлат, мақомот ва муассисаҳои он, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла, шаҳрвандон оид ба эътироф, ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар доираи таъсиси механизмҳои

---

[627] Ниг.: Рыбаков О.Ю. Асари ишорашуда. – С. 38-39.
[628] Ниг.: Матузов Н.И., Малько А.В., Шундиков К.В. Асари ишорашуда. – С. 17-19.
[629] Ниг.: Рыбаков О.Ю. Российская правовая политика в сфере защиты прав и свобод личности: вопросы теории: дис. … д-ра юрид. наук. – Саратов, 2005. – С. 43.

махсуси ҳуқуқтаъминкунӣ, ҳуқуқҳимоявӣ ва истифодаи воситаҳои танзими ҳуқуқӣ мебошад.

Принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон – ин ғояҳои бунёдӣ, талабот, арзишҳое мебошанд, ки хусусиятҳо ва мазмуни асосии сиёсати ҳуқуқии мазкурро ифода намуда, мувофиқи он фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои ҷамъиятию сиёсӣ барои ташаккул ва татбиқи ғояҳо, барномаҳо ва дигар тадбирҳои сиёсию ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба роҳ монда мешавад.

Ба сифати принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон инҳо баромад мекунанд: асосноккунии илмӣ ва барномавӣ; таваҷҷуҳи стратегӣ; арзиши олии иҷтимоии инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ; ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; таносуби ҳуқуқ, озодиҳо ва вазифаҳои шахс; масъулияти тарафайни давлат ва шахс.

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мақсадҳои стратегӣ ва тактикии худро дорад. Аксари муаллифон мақсадҳои стратегӣ ва тактикии сиёсати ҳуқуқиро фарқ карда, мақсадҳои стратегии сиёсати ҳуқуқӣ ё рушди ҳуқуқро бо таъмини ҳуқуқи инсон, бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқаманд мекунанд. Масалан, мақсадҳои стратегии инкишофи ҳуқуқ, ба қавли Р. Саркисов, «таъмини ҳифзи самарабахши ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, ба вуҷуд овардани механизмҳои устувори иҷтимоию ҳуқуқии татбиқи онҳо, миёнаравӣ ва қонунӣ гардонидани расмиёт ва институтҳои демократӣ, рушди устувори ҳуқуқии ҷамъият ва давлат, муқаррар намудани созиш дар муносибатҳои байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат ва ғайра мебошанд»[630]. Мақсадҳои тактикии рушди ҳуқуқ бошад, «аз таҳия, муайян ва истифодаи дурусти маҷмуи усулу воситаҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои стратегии пешбинишуда иборат мебошанд»[631].

Дар лоиҳаи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Федератсияи Русия, ки мақсадҳои стратегӣ ва дарозмуддати сиёсати ҳуқуқии Федератсияи Русияро муайян мекунад, аз ҷумла, ҳадафҳои дигар, ба монанди сатҳи самараноки некӯаҳволӣ, сифат ва

---

[630] Ниг.: Саркисов Р.С. Российская правовая политика как концепция и реальность: дис. … канд. юрид. наук. – Пятигорск, 2008. – С. 41.
[631] Ҳамон ҷо.

давомнокии умри шаҳрвандон; боэътимод ва самаранокии механизмҳои таъмин ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои ҷудонопазири инсон низ муқаррар карда шудаанд[632].

Мақсадҳои сиёсати ҳуқуқии ҶТ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқие, ки дар доираи иттиҳодияҳои минтақавии байнидавлатӣ ташаккул меёбад, асос ёфтаанд. Чунончи, авлавиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар чаҳорчӯби Созмони Ҳамкориҳои Шанхай (минбаъд – СҲШ) дар ҳуҷҷатҳои қабулкардаи ин созмон дар соҳаи ҳуқуқи инсон таҳия шудаанд. Масалан, Эъломияи Душанбегии давлатҳои аъзои СҲШ дар заминаи санад ва стандартҳои бунёдӣ дар соҳаи ҳимоя ва густариши ҳуқуқи инсон таҳия карда шудааст. Тибқи ҳуҷҷати мазкур давлатҳои аъзои СҲШ вазифаҳои зеринро ба зимма гирифтаанд:

– дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва ҳуқуқҳои ақаллиятҳои миллӣ мутобиқи ухдадориҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ мусоидат менамояд;

– табодули таҷриба оид ба татбиқи шартномаҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон;

– татбиқи созишномаҳои мавҷуда дар доираи шартномаҳои бисёрҷониба ва дуҷонибаи гуманитарӣ;

– фаъол намудани машварат ва ҳамкориҳо дар СММ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон;

– дастгирии ҳамкории СҲШ бо дигар ташкилотҳои минтақавӣ ва иттиҳодияҳои ҳамгироӣ оид ба ҳамкориҳои инсондӯстона ва густариши ҳуқуқи инсон.

Мақсадҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз мақсадҳои зерини Стратегияи миллии рушди ҶТ бармеоянд: таҳкими суботи иҷтимоию сиёсӣ, ноил шудан ба некӯаҳволии иқтисодӣ ва иҷтимоии мардуми Тоҷикистон дар шароити афзалияти принсипҳои иқтисоди бозоргонӣ, озодӣ, шаъну шарафи инсон ва имконияҳои баробари татбиқи неруи ҳар кас. Мақсадҳои ишорашудаи стратегияи

[632] Ниг.: Проект концепции правовой политики в Российской Федерации до 2020 г. / Под ред. А.В. Малько. – М., 2008. – С. 5.

рушди ҷомеа идоракунии муассир ва шаффофияти давлатӣ, бунёди ҷомеаи одилонае, ки дар он ҳимоя ва рушди инсон таъмин карда мешавад, дар назар дорад.

Таъмини ҳуқуқи инсон мутобиқи мақсадҳои стратегияи миллии рушд тавассути татбиқи амалии роҳи нави иҷтимоию иқтисодии ҶТ, ки аз бунёди ҷомеаи одилона, иқтисоди бозоргонӣ, рушди озоди шахс иборат аст, амалӣ мегардад. Дар Стратегияи миллии рушди ҶТ шартҳои дигари таъмини ҳуқуқи инсон низ муайян карда шудаанд. Ба онҳо шомиланд: рушди низоми соҳаи маориф ва илм, соҳаи тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба обтаъминкунӣ, санитария ва хоҷагии манзилию коммуналӣ, таъмини суботи экологӣ ва баробарии гендерӣ.

Пас аз анҷоми татбиқи Стратегияи миллии рушди ҶТ то соли 2015 Стратегияи нави миллии рушди ҶТ то соли 2030 ва инчунин, Барномаи миёнамуҳлати рушди ҶТ барои солҳои 2016-2020 қабул гардид. Дар ҷаласаи Ҳукумати ҶТ 30 сентябри соли 2016 Стратегияи миллии рушди ҶТ то соли 2030 тасдиқ карда шуд.

Маҷлиси Олии ҶТ Стратегияи миллии рушди кишвар то соли 2030-ро дар ҷаласаи худ аз 1-уми декабри соли 2016 ба тасвиб расонд, ки барои татбиқи он 118,1 миллиард доллар харҷ дар назар аст.

Барномаи миёнамуҳлати рушди ҶТ барои солҳои 2016-2020 гузаштан ба модели нави иқтисодӣ дар асоси ҷалб намудан ва васеъ истифода намудани сармояи дохилӣ ва беруниро пешбинӣ мекунад. Модели нави иқтисодӣ тағйир додани сохтори иқтисодӣ, рушди неруи инсониро пешбинӣ менамояд, ки яке аз талаботи асосии татбиқи Стратегияи миллии рушди ҶТ то соли 2030 мебошад.

Дар Стратегияи миллии рушди ҶТ то соли 2030 мақсадҳои стратегӣ дар соҳаи рушди устувори кишвар, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ то ҳадди ақал муайян карда шудаанд. Стратегия бо дарназардошти таҳкими таҳдидҳои глобалӣ, минтақавӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии давлат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, комилан баровардани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии кишвар қабул гардидааст.

Вазифаҳое, ки дар Стратегияи миллии рушди ҶТ дар соҳаи таъмини рушди устувори иқтисодӣ, пешбурди бахшҳои воқеии иқтисодиёт, тавсеаи содироти маҳсулот, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, дастгирии соҳибкорӣ, самаранокии бозори меҳнат, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, такмили идораи давлатӣ ва мустаҳкам намудани неруи инсонӣ муайян шудаанд, бешубҳа, ба таъмини ҳуқуқи инсон мусоидат мекунад.

Ҳадафҳои зерини стратегии рушди ҷомеа, ки дар Стратегияи миллии рушди ҶТ муайян шудаанд, барои ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон аҳаммияти калон доранд:

– баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳолӣ;

– зиёд намудани давомнокии умри аҳолӣ;

– кам кардани фавти кӯдакону модарон;

– беҳтар намудани шароити зист;

– таъсиси ҷойҳои нави корӣ;

– фарогирии шуғли аҳолӣ;

– нигоҳдории устувори нишондиҳандаҳои рушди микро ва макроиқтисодии кишвар.

Дар доираи татбиқи Стратегия барномаҳои соҳавӣ қабул карда мешаванд, ки ба ислоҳоти соҳаҳои маориф ва илм, ҳифзи иҷтимоӣ, амният, демография, омода намудани кадрҳои баландихтисос нигаронида шудаанд. Дар кишвар ду маротиба кам намудани сатҳи камбизоатӣ пешбинӣ шудааст. Дар охири соли 2015 сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон 31% арзёбӣ шуда буд. Дар назар аст, ки ҳиссаи шаҳрвандони дорои даромади миёна то 50% афзоиш ёбад. Ҳоло ин ҳисса 22%-и аҳолиро ташкил медиҳад. Ноил шудан ба ин натиҷаҳо ба таъмини ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

Дар натиҷаи амалӣ гардидани сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар беш аз 54 миллиард сомониро ташкил дода, рушди воқеии он 6,9%-ро ташкил медиҳад, рушди иқтисодӣ ба афзоиши ҳаҷми маблағгузории фондҳои асосӣ ба маблағи 17,%, маҳсулоти саноат – 16%,

муомилоти фурӯши чакана – 6,0%, маҳсулоти хоҷагии қишлоқ – 5,2 фоиз, нақшаи ҳаҷми умумии Буҷети давлатӣ 95%, ба буҷет 16,8 миллиард сомониро ташкил дод, ки 907 миллион сомонӣ нисбат ба нақшагирифташуда кам мебошад. Гузашта аз ин, 52% хароҷоти буҷет, яъне 8,1 миллиард сомонӣ барои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, беҳтар намудани сифати ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ равона карда шудааст[633].

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба афзалиятҳои муайян асос меёбад. Н.И. Матузов афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқиро чун «вазифаҳои аввалиндараҷа, проблемаҳо, масъалаҳое, ки бояд ҳозир ва дарояндаи наздик фавран ҳал карда шаванд» муайян мекунад[634].

С.С. Алексеев чунин афзалиятҳои асосии ҳуқуқ ва сиёсати ҳуқуқиро муайян мекунад: афзалияти ҳуқуқҳои фитрии инсон; ҳуқуқи хусусии боарзиш; волоияти адолат[635].

Афзалиятҳои умумии сиёсати ҳуқуқӣ ва самтҳои мушаххаси (соҳавии) он низ таъкид шудаанд. Дар баробари ин, дар низоми афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ ба ҳуқуқи инсон таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Ба андешаи Н.И. Матузов, афзалиятҳои умумии сиёсати ҳуқуқӣ аз инҳо иборатанд: ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ, такмили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он, амиқсозии ислоҳоти конститутсионӣ, фароҳам овардани заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ барои ислоҳоти ҷорӣ, мубориза бар муқобили ҷинояткорӣ, коркард намудани чораҳои самарабахши зиддикоррупсионӣ, танзими ҳокимият, пурзӯр намудани ҳимоя ва кафолатҳои ҳуқуқи инсон, бартараф намудани нигилизми ҳуқуқӣ ва ғайра[636]. Дар баробари ин афзалиятҳои умумии сиёсати ҳуқуқӣ, инчунин, самтҳои мушаххас «дар доираи илмҳои ҳуқуқшиносии соҳавӣ» мавҷуданд, ки арзиши назариявӣ ва амалӣ доранд[637].

---

[633] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://avesta.tj (санаи муроҷиат: 20.11.2023с.).
[634] Ниг.: Матузов Н.И. Правовая политика: сущность, концепция и реальность // Российская правовая политика: Курс лекций / Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., 2003. – С. 87.
[635] Ниг.: Алексеев С.С. Основы правовой политики в России. – М., 1995. – С. 72.
[636] Ниг.: Матузов Н.И. Понятие и основные приоритеты российской правовой политики. – С. 13.
[637] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 13.

О.Ю. Рибаков таснифоти муфассали афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқиро дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои шахс анҷом медиҳад. Ӯ чунин афзалиятҳоро ҷудо менамояд:

1) афзалиятҳои стратегияи рушди сиёсати ҳуқуқии мазкур, ки дорои хусусияти умумиинсонӣ мебошанд: а) эътироф, муқаррар, таъмин намудани кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои табиии шахс; б) муносибатҳои баробар ва шарикона байни шахс ва давлат, дар баробари уҳдадориҳои шахс, масъулияти ӯ; в) имконияти муайян кардани ҳаҷм, мазмуни ҳуқуқ ва озодиҳои шахс аз ҷониби давлат дар асоси иродаи халқ ҳамчун сарчашмаи ягонаи ҳокимият; г) маҳдуднамоии ҳуқуқии соҳаи муносибатҳои шахсӣ ва байнишахсӣ, ки аз ҳолати воқеии давлатӣ-ҳуқуқӣ ҷудо карда шудаанд;

2) афзалиятҳое, ки хусусияти таърихӣ доранд: а) бартараф намудани вайроншавии фазои ҳуқуқии кишвар; б) рафъи нобаробарӣ дар сатҳи зиндагии одамони дорои даромадҳои гуногун; в) рафъи шароитҳои гуногуни ибтидоӣ дар фаъолияти меҳнатӣ, азхуд кардани ихтисос, машғул шудан бо соҳибкорӣ; г) фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ ва андоз барои рафъи муносибатҳои пинҳонӣ дар соҳаи иқтисодиёт, ҳуқуқтатбиқнамоӣ («адолати пинҳонӣ»);

3) афзалиятҳое, ки ба шахс имкон медиҳанд, ки ҳуқуқҳои худро самараноктар ҳимоя кунанд: а) ташаккули сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ ва сиёсии насли нав; б) ташаккул ва инкишофи сифатҳои ҳуқуқии шахс ҳамчун шарти иҷтимоикунонии ӯ; в) ташаккули рафтори ҳуқуқӣ ҳамчун шакли ҳамкории субъектҳои гуногуни муносибатҳои ҳуқуқӣ; г) рафъи нигилизми ҳуқуқӣ, дигаргуншавии шуури ҳуқуқӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи ҳимояи ҳуқуқии шахс[638].

Ҳангоми муайян кардани самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз муқаррароти асосии Стратегияи миллии рушди ҶТ истифода бурдан зарур аст. Он ҳамчун асоси барномавии стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи дарозмуддат мутобиқи Мақсадҳои Рушди Ҳазорсола

[638] Ниг.: Рыбаков О.Ю. Асари ишорашуда. – С. 84-89.

хизмат мекунад. Ғайр аз ин, Стратегияи миллии рушди ҶТ ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ барои консепсияҳои давлатӣ, стратегияҳо, барномаҳо ва нақшаҳои рушди ҷорӣ ва таҳияшуда хизмат мекунад. Дар он аз ҷумла, афзалиятҳои зерини миллӣ муайян карда шудаанд: 1) ислоҳоти идоракунии давлатӣ; 2) рушди бахши хусусӣ ва ҷалби сармоягузориҳо; 3) рушди неруи инсонӣ.

Афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба афзалиятҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонони ҶТ асос ёфтаанд. Дар Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонони ҶТ то соли 2020, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 4 октябри соли 2011 тасдиқ карда шудааст, самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон таъкид шудаанд:

– ҷалби ҷавонон ба фаъолияти иҷтимоӣ ва иттилоотонии он;

– рушди ташаббуси эҷодии ҷавонон;

– ҷалб намудани ҷавонон дар вазъияти душвор ба ҳаёти ҷамъиятӣ.

Барои татбиқи ин самтҳои афзалиятнок қабули ҳуҷҷатҳои зерин пешбинӣ шудааст:

– барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон»;

– Барномаи давлатии «Тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон»;

– барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Тоҷикистон;

– Қонуни ҶТ «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон».

Яке аз вазифаҳои Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар ҶТ таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, бахусус тарбияи ҳисси эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Механизми татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон шаклҳои муайяни татбиқи амалии онро дар бар мегирад. Шаклҳои амалигардонии сиёсати ҳуқуқӣ самтҳои асосии онро дар назар доранд. Н.В. Исаков қайд менамояд, ки «сиёсати ҳуқуқӣ аз самтҳои зерин иборат аст ва дар як вақт ҳамчун шаклҳои татбиқи он хизмат карда метавонанд: 1) ҳуқуқэҷодкунӣ; 2) ҳуқуқтатбиққунӣ; 3)

тафсири ҳуқуқӣ; 4) фаъолияти доктриналӣ; 5) таълими ҳуқуқӣ ва ғайра»[639]. Дар баробари ин, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққуниро шаклҳои фарогири татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ меноманд.

Ба гуфтаи А.П. Коробова, сиёсати ҳуқуқӣ дар се шакл амалӣ карда мешавад: қонунэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ[640].

О.Ю. Рибаков дар зери мафҳуми шакли ба амал баровардани сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс «амалӣ гардондани онро дар асоси принсипи умумии инсондӯстӣ ва мувофиқи намудҳои сиёсати ҳуқуқӣ, мақсаду воситаҳои он мефаҳмад»[641]. Муаллиф шаклҳои зерини татбиқи сиёсати ҳуқуқиро дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон муайян кардааст: 1) ҳуқуқмуҳофизавӣ; 2) ҳуқуқэҷодкунӣ; 3) ҳуқуқтатбиққунӣ; 4) назорат ва санҷиш; 5) таъмини ҳуқуқии фаъолияти давлат ва мақомоти он; 6) ташкили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; 7) омода намудани ҳуқуқшиносони соҳибихтисос дар муассисаҳои таълимӣ; 8) ташкили фаъолияти илмӣ; 9) фаъолияти доктриналӣ; 10) таълими ҳуқуқӣ. Асосиаш инҳо мебошад: ҳуқуқмуҳофизавӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, шаклҳои назорат ва санҷиш[642].

И.Г. Сердюкова шаклҳои зерини амалисозии сиёсати байналмилалии ҳуқуқиро дар соҳаи татбиқи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии инсон муайян мекунад: ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, сиёсати тафсири ҳуқуқ, сиёсати таълими ҳуқуқ[643].

ҶТ дар татбиқи сиёсати байналмилалии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон низ фаъолона иштирок мекунад. Ин сиёсат дар самтҳои гуногун – тасвиби шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, мутобиқ гардонидани қонунгузории амалкунанда ба меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон, мусоидат ба татбиқи ин стандартҳо дар ҷумҳурӣ, иҷрои ухдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва ғ. амалӣ карда мешавад.

---

[639] [Захираи электронӣ]. Исаков Н.В. Правовая политика современной России: проблемы теории и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2004. – С. 145.
[640] Ниг.: Коробова А.П. Правовая политика: понятие, формы реализации, приоритеты в России: дис. … канд. юрид. наук. – Самара, 2000. – С. 123.
[641] Рыбаков О.Ю. Асари ишорашуда. – С. 54.
[642] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 54-55.
[643] Ниг.: Сердюкова И.Г. Асари ишорашуда. – С. 75-138.

Бо мақсади мусоидат ба иҷрои ухдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар назди Ҳукумати ҶТ Комиссия оид ба таъмини иҷрои ухдадориҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон таъсис дода шудааст. Низомнома дар бораи Комиссияи мазкур бо Қарори Ҳукумат аз 4 марти соли 2002 тасдиқ шудааст. Мутобиқи Низомномаи мазкур Комиссияи назди Ҳукумати ҶТ оид ба таъмини иҷрои ухдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мақоми доимии машваратии байниидоравӣ мебошад, ки барои ҳамоҳангсозии фаъолияти вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо барои иҷрои ухдадориҳои ҳуқуқии байналмилалии ҶТ дар соҳаи ҳуқуқи инсон таъсис дода шудааст. Вазифаи асосии Комиссия мусоидат ба таъмини иҷрои ухдадориҳои ҳуқуқии байналмилалии ҶТ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад[644].

Комиссияи мазкур вазифаҳои зеринро амалӣ менамояд:

– ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти манфиатдор оид ба иҷрои ухдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон;

– таъмини омода намудани гузоришҳои миллӣ оид ба татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои пешниҳод ба мақоми дахлдори СММ;

– мусоидат ба мутобиқат кардани қонунгузории ҶТ ба муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ки ҶТ иштирокчии онҳо мебошад;

– тибқи тартиби муқарраргардида дар тасдиқи шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ё ҳамроҳ шудани ҷумҳурӣ ба чунин шартномаҳо кумак мерасонад;

– омӯзиш ва арзёбии ҳолати қонунгузории миллии ҶТ аз ҷиҳати мутобиқати он ба меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон;

[644] Ниг.: Искандаров Ш.Ф. Становление и развитие специализированных государственных правозащитных институтов по правам человека в Таджикистане: дис. …канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 142-147.

– арзёбии самаранокии иштироки ҶТ дар шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон;

– баррасии пешниҳодҳои мақомоти манфиатдор ва омода намудани хулосаҳои машваратӣ оид ба ташаккули мавқеи ҶТ нисбати татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи инсон;

– мусоидат дар паҳн намудани донишҳо оид ба ҳуқуқи инсон;

– гузаронидани тадқиқот, омода намудани пешниҳодҳо дар соҳаи татбиқ ва такмили минбаъдаи меъёрҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон;

– амалисозии ҳамкорӣ ва таъсиррасонӣ бо мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дигар муассисаҳои ғайридавлатии ҷумҳурӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон:

– – назорат ба иҷрои қарорҳои қабулкардаи Комиссия.

– Мутобиқи банди 5 Низомномаи мазкур Комиссия ҳуқуқ дорад:

– бо тартиби муқarrаргардида ба Ҳукумати ҶТ оид ба самтҳо ва шаклҳои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии ҶТ дар соҳаи ҳуқуқи инсон манзур намояд;

– ба мақомоти дахлдор оид ба таъмини риояи ҳуқуқи инсон супориш медиҳад;

– барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои поймолшудаи инсон;

– дар маҷлисҳои худ шахсони мансабдори мақомоти манфиатдорро оид ба ҳолати риояи ҳуқуқи инсон дар ташкилотҳои тобеи худ мешунаванд;

– гурӯҳҳои корӣ, комиссияҳои экспертиро барои ташхис ва омода намудани лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, инчунин, татбиқи бевоситаи меъёрҳои ҳуқуқи инсон таъсис диҳанд;

– мувофиқи тартиби муқаррагардида барои кор ба ҳайати Комиссия кормандони мақомоти манфиатдор ҷалб карда шавад;

– аз мақомоти манфиатдор оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти Комиссия тааллуқ доранд, мавод гиранд.

Қарорҳои комиссия барои ҳамаи мақомоти ҳокимияти иҷроия ҳатмӣ мебошанд. Ба ҳайати комиссия намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ дохиланд. Дар кори Комиссия намояндагони дигар мақомоти иҷроия, қонунгузор ва судӣ, прокуратура, инчунин, иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи инсон фаъолият менамоянд бо овози машваратӣ иштирок карда метавонанд.

Яке аз шаклҳои асосии татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар ҶТ ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Шакли ҳуқуқэҷодкунии амалигардонии сиёсати ҳуқуқӣ «дар қабул, тағйирот ва бекор кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектҳои ваколатдор, дар ташаккули маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии дар дохили кишвар мувофиқашуда, ки асоси танзими сиёсати ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, таҷассум меёбад»[645].

Бо мақсади муайян намудани дурнамои рушди қонунгузории Тоҷикистон Консепсияи пешгӯии рушди қонунгузории ҶТ қабул гардид, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 19 феврали соли 2011 тасдиқ карда шуд. Таъмини ҳуқуқу озодиҳои шахсро Консепсия самти асосии такмили қонунгузории ҷумҳуриро муайян кардааст. Самтҳои афзалиятноки Консепсия дар баробари дигар афзалиятҳо инҳоянд: ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон; рушди минбаъдаи институтҳои демократӣ, бахусус озодии сухан ва ифрози андеша; баланд бардоштани дараҷа ва сифати қонунҳо ва татбиқи самарабахши онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс.

Тибқи Консепсияи зикршуда, яке аз самтҳои асосии такмили қонунгузории Тоҷикистон дар дарозмуддат амалӣ намудани фаъолияти қонунгузорӣ бо дарназардошти манфиатҳои шаҳрвандон мебошад. Самти навбатии стратегияи рушди қонунгузорӣ мутобиқ гардонидани қонунгузории ҶТ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ҷумҳурӣ эътироф кардааст, дар амал татбиқ намудани қонунгузории ҶТ бо ба инобат гирифтани меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсонро дар назар дорад.

[645] Проект концепции правовой политики в Российской Федерации до 2000 г. / Под ред. А.В.Малько. – С. 26.

Инчунин дар Консепсия мақсадҳои мушаххаси раванди эҷоди меъёрҳо муайян карда шудаанд. Яке аз онҳо тавассути танзими ҳуқуқӣ муайян кардани сатҳи дахолати давлат ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, маданият ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад (банди 9). Дар Консепсия, инчунин вазифаҳои мушаххаси такмили қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаҳои сохти конститутсионӣ, шаҳрвандӣ, соҳибкорӣ, аграрӣ ва дигар соҳаҳои қонунгузорӣ муайян карда шудаанд. Ин вазифаҳо дар соҳаҳои ҳуқуқ ва институтҳои қонунгузорӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон низ дахл доранд. Масалан, дар соҳаи сохти конститутсионӣ вазифа гузошта шудааст, ки қонунгузорӣ (қонунҳои амалкунанда ва қабулшуда) мутобиқ будани онҳо ба ҳуқуқу озодиҳои инсон (банди 8) мебошад.

Бо мақсади татбиқи Консепсияи пешгӯии рушди қонунгузории ҶТ бо қарорҳои Ҳукумати ҶТ як қатор барномаҳои давлатӣ оид ба татбиқи Консепсияи мазкур дар соҳаҳои сохтори давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа, амният, қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ, таъмини муносибатҳои байналмилалӣ, дар соҳаи кишоварзӣ, дар соҳаҳои ҳифзи муҳити зист, молия, андоз, гумрук, бонкӣ, меҳнат, таъминоти иҷтимоӣ ва маориф, Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи рушди пешгӯии қонунгузорӣ дар соҳаи сохти давлатӣ, ҳимояи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, аз ҷумла мақомоти дахлдори қонунгузории ҷумҳурӣ оид ба мониторинги иловагии як қатор қонунҳои дахлдори ҳуқуқу озодиҳои шахс («Дар бораи шаҳрвандӣ», «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ», «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», «Дар бораи муҳоҷират») қабул шудаанд.

Афзалиятҳо, мақсадҳо, вазифаҳо, самтҳои сиёсати қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Паёмҳои Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ инъикос ёфтаанд. Чунончи, дар Паёми Президенти кишвар аз 16 апрели соли 2005[646] ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс самти афзалиятноки тамоми сиёсати қонунсозӣ

[646] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 апрели соли 20005. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node (санаи муроҷиат: 17.04.2022 с.).

эътироф гардидааст. Дар Паёми Сарвари давлат дар соли 2010[647] ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои татбиқи неруи зеҳнии инсон, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ҳадафҳои стратегии сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи қонунгузорӣ ишорашудааст. Ҳамзамон дар Паёми соли 2016[648] қайд мешавад, ки «масъалаҳои мустаҳкам кардани пояҳои ахлоқии ҷомеа, ташаккули афкори эҷодиву созандаи халқ ва гиромидошти арзишҳои фарҳанги милливу умумиинсонӣ дар сиёсати давлат мавқеи асосӣ дошта, тамоми муассисаҳои фарҳангӣ, воситаҳои ахбори омма, телевизион ва радио, шабакаҳои иҷтимоӣ вазифадоранд, ки фаъолияти худро доир ба ҳалли масъалаҳои зикршуда, пеш аз ҳама, ҳифзи истиқлолият, инчунин, инкишофи тафаккури миллӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифату ҷаҳонбинии аҳли ҷомеа, ҳифзи мероси гаронбаҳои миллати тоҷик ва муаррифии шоистаи он ба ҷаҳониён тақвият бахшанд». Дар Паёми соли 2018[649] таъкид мешавад, ки ҳимояи манфиатҳои миллӣ ҳамчун ҳадафи асосии сиёсати хориҷии ҶТ, ки ҳанӯз дар ибтидои истиқлолияти давлатӣ дар асоси усули муносибатҳои баробарӣ ва дӯстӣ бо тамоми кишварҳои ҷаҳон муайян ва поягузорӣ гардида буд, боқӣ мемонад. Бинобар ин дар Паёми соли 2021[650] дарҷ гардидааст, ки ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, яъне соҳаҳои илму маориф ва тандурустӣ ҳамеша дар меҳвари сиёсати давлату Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Бо дарназардошти аҳаммияти бунёдии Паёмҳои Сарвари давлат ҳамчун ҳуҷҷати барномавӣ солҳои охир дар адабиёт ба омӯзиши моҳияти ҳуқуқии онҳо, бахусус мазмуни меъёрии онҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Ба гуфтаи Г. Гришенко, «паёмҳои президентӣ ҳуҷҷатҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд, ки мавқеи

---

[647] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2010. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node (санаи муроҷиат: 17.04.2022 с.).

[648] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node (санаи муроҷиат: 17.04.2022 с.).

[649] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/19089 (санаи муроҷиат: 17.04.2022 с.).

[650] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node (санаи муроҷиат: 17.04.2022 с.).

сарвари давлатро оид ба самтҳои асосии сиёсати давлатӣ, рушди сохти конститутсионии Русия ва муносибатҳо бо кишварҳои хориҷӣ дар бар гирифта, дар фаъолияти қонунгузории кишвар ҳамчун дастурамал хизмат мекунанд»[651].

Сиёсати қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон низ дар асоси Конститутсия ва қонунҳои ҶТ сурат мегирад. Муқаррароти зерини конститутсионӣ ҳамчун нуқтаи ибтидоии қонунгузории ҳуқуқи инсон хизмат мекунанд:

– арзиши олии инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ, хусусияти фитрии онҳо;

– ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳамчун ченаки сифати ҳуқуқии қонун ва моҳияти ҳуқуқии фаъолияти ҳокимияти давлатӣ;

– вазифаҳои давлат оид ба эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқи инсон;

– кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқу озодиҳо;

– имконияти истифодаи механизмҳои миллӣ ва байналмилалии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳо;

– ба ҳамдигар алоқаманд будани ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳо (моддаҳои 5, 14 ва боби дуюми Конститутсияи ҶТ).

Ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон низ ҳамчун як принсипи ҳуқуқэҷодкунӣ хизмат мекунад. Мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»[652] таъмини афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд яке аз принсипҳои ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад (моддаи 3). Яке аз талаботҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабули онҳо бо риояи қатъии принсипҳои ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Таъмини афзалиятноки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шарти ҳатмии сифати ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.

Шакли навбатии татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҳуқуқтатбиққунӣ мебошад. Ба гуфтаи Н.Н. Вопленко сиёсати ҳуқуқтатбиққунӣ ҳамчун як ҷузъи мазмуни сиёсати ҳуқуқӣ падидаи нисбатан ҷудошудаи сиёсӣ ва

[651] Ниг.: Грищенко Г.А. Институт посланий Президента Российской Федерации в механизме легитимации государственной власти // Российский юридический журнал. – 2011. – № 6. – С. 37.
[652] Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 18 майи соли 2017, №1414 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. – №5, қ. 1, мод. 271.

ҳуқуқӣ буда, тамоюлҳои асосии назария ва амалияи татбиқи ҳуқуқро дар бар мегирад[653].

Дар лоиҳаи Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Федератсияи Русия қайд карда шудааст, ки ҷузъҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқтатбиқкуниро фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судӣ, назоратӣ, адвокатӣ, нотариалӣ ташкил медиҳанд[654].

Дар ҶТ сиёсати ҳуқуқтатбиқкунӣ дар доираи як роҳи стратегии сиёсии бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад. Мувофиқи моддаи 14-и Конститутсияи ҶТ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва маҳаллӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллиро муайян намуда, тавассути ҳокимияти судӣ таъмин карда мешаванд. Аз маънои ин меъёри конститутсионӣ бармеояд, ки ҳуқуқ ва озодиҳои шахс тамоми фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро фаро гирифтааст.

Дар қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти субъектҳои гуногуни ҳуқуқтатбиқкуниро танзим мекунанд, риоя, ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба сифати вазифаи асосии онҳо баромад мекунад. Ҳамин тариқ, тибқи Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»[655] суд вазифадор аст, ки ҳуқуқ ва озодиҳои шахсро, ки Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ эълон кардаанд, ҳимоя намояд. Мутобиқи Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»[656] ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва

---

[653] Ниг.: Вопленко Н.Н. Правоприменительная политика: понятие и содержание // Тезисы докладов IX научной конференции проф.-препод. сост. Волгоградского государственного университета. – Волгоград, 1992. – С. 96-97.

[654] Ниг.: Проект концепции правовой политики в Российской Федерации до 2020 г. / А.В. Малько, Н.И. Матузов, М.Н. Петров, В.В. Нырков, К.В. Шундиков // Правовая политика: словарь и проект концепции / Под ред. А.В. Малько. – Саратов, 2010. – С. 240.

[655] Ниг.: Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 ибли соли 2014, №1084 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. №7. қ. 1, мод. 380; – 2015. №7-9, мод. 698, – 2016. №7, мод. 603; – 2018. №2, мод. 62.

[656] Ниг.: Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2005, №7, мод. 398; – 2006. №3, мод. 141; – 2007. №5, мод. 350, №7, мод. 652; – 2008, №12, қ. 1, мод.981; соли 2009, № 5, мод. 314; – 2011, №3, мод. 150, №6, мод. 428; – 2012. №8, мод. 810; – 2013. №7, мод. 497, мод. 498; №12, мод. 876; – 2014. №3, мод. 139; №12, мод. 820; – 2016. №3, мод. 125; – 2017. №5, қ.1, мод. 267.

шаҳрванд ҳам вазифа, ҳам принсип ва ҳам яке аз самтҳои асосии фаъолияти прокуратура мебошад.

Барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ моддаи 10 Конститутсияи ҶТ, ки тибқи он давлат ва тамоми мақомоти он, шахсони мансабдор вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя кунанд, аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Фаъолияти мақомоти судӣ, прокуратура, тафтишот ва ғайра дар асоси муқаррароти конститутсионӣ оид ба афзалияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ нисбат ба қонунҳои ҷумҳурӣ ба амал бароварда мешавад.

Мақсад ва афзалиятҳои сиёсати ҳифзи ҳуқуқ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Паёмҳо ва суханрониҳои Президенти ҶТ баён гардидаанд. Ҳамин тавр, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар суханронии Президенти Тоҷикистон дар ҷаласаи намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва амнияти ҷумҳурӣ 24 декабри соли 2004[657] вазифаи аввалиндараҷаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян карда шуд. Дар Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 16 апрели соли 2005[658] оид ба такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ, бахусус, дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон вазифаҳои мушаххас гузошта шуда буданд. Дар Паёми Сарвари давлат аз 20 апрели соли 2006[659] ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супориш дода шуда буд, ки ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар робита ба вайрон кардани онҳо дар фаъолияти як қатор мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин, мақомоти қудратӣ чораҳои иловагӣ андешанд. Дар Паёми Сарвари давлат аз 25 апрели соли 2008[660] масъалаи таҳияи Қонуни ҶТ «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар

[657] Ниг.: Суханронии Президенти Тоҷикистон дар ҷаласаи намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва амнияти ҷумҳурӣ 24 декабри соли 2004 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 11.10.2022 с.).

[658] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2005. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node (санаи муроҷиат: 17.04.2022 с.).

[659] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2006. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node (санаи муроҷиат: 17.04.2022 с.).

[660] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2008. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node (санаи муроҷиат: 17.04.2022 с.).

ҶТ» гузошта шуда буд. Дар Паёми Президент аз 24 апрели соли 2010[661] мақсадҳои афзалиятнок дар соҳаи сиёсати судӣ-ҳуқуқӣ, хусусан, дар соҳаи ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон муайян карда мешаванд. Дар Паёми мазкур мубориза бо коррупсия ҳамчун самти афзалиятноки тамоми сиёсати ҳуқуқии давлат муайян карда мешавад. Ҳамчунин, дар мавриди гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии лоиҳаҳои қонунҳо ҷиҳати татбиқи самараноки онҳо, риояи принсипи адолат дар таъини ҷазои ҷиноятӣ, маъмурӣ, интизомӣ, инчунин, гуманизатсияи ҷазои ҷиноятӣ вазифаҳо гузошта шуданд.

Шакли ҳуқуқтатбиққунии сиёсати ҳуқуқӣ дар санадҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуҷҷатҳои хусусияти инфиродӣ, шахсӣ, ки дар айни замон шакли муҳимми идоракунии ҳуқуқтатбиққунӣ мебошад, таҷассум ёфтааст[662]. Ба гуфтаи О.Ю. Рибаков, шакли ҳуқуқтатбиққунии сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс дар ҷанбаи ҳам субъекти татбиқи ҳуқуқ ва ҳам худи амали татбиқи қонуне, ки ба шахсият дахл дорад, таҷассум ёфтааст[663]. Аз ин рӯ, баланд бардоштани самаранокии санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ, таъмини қонуният ва асоснокии онҳо дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ нақши асосиро мебозад.

Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқтатбиққунӣ ин сиёсати судӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Дар адабиёт сиёсати судӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун «фаъолияти аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи ҳуқуқтатбиққунӣ ва тафсири ҳуқуқии фаъолияти мақомоти судӣ ва намояндагони мақомоти судӣ, ки ба таъмини манфиатҳои қонунӣ ва ҳуқуқҳои субъективии шаҳрвандон, ташкилотҳо ва давлат мувофики талаботи қонунгузории амалкунанда нигаронида шудааст, муайян карда мешавад»[664].

Мақсад ва афзалиятҳои сиёсати судӣ-ҳуқуқӣ дар Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ барои солҳои 2015-2016 муайян шудаанд. Аз ҷумлаи мақсад ва вазифаҳои Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2015-2017 инҳо ба

[661] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2010. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node (санаи муроҷиат: 17.04.2022 с.).
[662] Ниг.: Исаков Н.В. Асари ишорашуда. – С. 151.
[663] Ниг.: Рыбаков О.Ю. Асари ишорашуда. – С. 62.
[664] Ниг.: Титенко Ю.А. Принципы, виды и механизм реализации российской правовой политики: общетеоретический аспект: дис. … канд. юрид. наук. – Тамбов, 2007. – С. 147.

ҳисоб мераванд: ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; қабули санадҳои дахлдор, ки риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат медиҳанд; қабули санади қонунгузорӣ оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар ҳама марҳилаҳои тафтишоти судӣ ва мурофиаи судӣ; расондани ёрии ройгони ҳуқуқӣ.

Тарбияи ҳуқуқӣ самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат дар шароити бунёди давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Бидуни сатҳи зарурии шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, ки натиҷаи фаъолияти мақсаднок, мунтазами тарбиявии ҳуқуқии муассисаҳои давлатӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ мебошад, ба таҷассуми амалии идеали давлатдории ҳуқуқӣ ноил шудан имконнопазир аст. Тавре зикр гардид, яке аз шартҳои бомуваффақият амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон дарки онҳо аз ҷониби одамон мебошад. Аз ин рӯ, тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз шаклҳои татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон хизмат мекунад. Он ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун шарти татбиқи самараноки ҳуқуқи инсон нигаронида шудааст.

Дар адабиёти ҳуқуқии шуравӣ ба назария ва амалияи тарбияи ҳуқуқӣ аҳаммияти калон медиҳанд. Ҳанӯз ҳамон вақт чунин фикр баён шуда буд, ки сиёсати ҳуқуқӣ «дар асоси эҷоди меъёрҳои нави фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин, муассисаҳое, ки оид ба тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ фаъолият мебаранд, қарор мегирад»[665]. Дар шароити кунунӣ, ки шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун заминаи зарурии ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва татбиқи пурраи ҳуқуқи инсон хизмат мекунанд, тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст.

Тарбияи ҳуқуқӣ фаъолияти мақсадноки мақомоти давлатӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандон оид ба ташаккули сатҳи зарурии шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад. Тарбияи ҳуқуқӣ як шакли татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ мебошад. Дар баробари ин, сиёсати ҳуқуқӣ ва таълимӣ як соҳаи мустақили сиёсати ҳуқуқӣ мебошад. Он бо мақсади тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром

---

[665] Ниг.: Кудрявцев В.Н. Право и поведение. – М., 1978. – С. 165-166.

ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, амалӣ намудани таълими ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ташаккул меёбад.

Сиёсати ҳуқуқии тарбия дар шаклҳои гуногун, тавассути воситаҳо ва усулҳои махсус амалӣ карда мешавад. Ба гуфтаи В.В. Стреляева, «дар шакли таълими ҳуқуқӣ сиёсати ҳуқуқӣ бо роҳи тарбияи ҳуқуқӣ, таблиғи ҳуқуқӣ ва омода намудани кадрҳои баладихтисоси ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад»[666].

Шакл, восита ва усулҳои сиёсати тарбияи ҳуқуқӣ (маълумоти ҳуқуқӣ, таълими ҳуқуқӣ, воситаҳои ахбори омма, адабиёти ҳуқуқӣ ва ғайра) бояд ба мақсадҳои ташаккули ақидаҳо, тасаввурот, эҳсосоти ҳуқуқӣ дар соҳаи дарк ва амалисозии ҳуқуқи инсон хизмат кунанд. Ҳуқуқҳои ҷудонашавандаи инсон ғоя ва афзалияти асосии сиёсати тарбияи ҳуқуқро ташкил медиҳад.

Тарбияи ҳуқуқӣ бо таълимоти ҳуқуқӣ зич алоқаманд мебошад. Шакли таълиму тарбиявии татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ, ба қавли А.В. Малко, «ин фаъолияти аз ҷиҳати илмӣ асоснок, пайваста ва мунтазами мақомоти давлатӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки ба муайян кардани стратегия ва тактикаи раванди таълиму тарбияи ҳуқуқӣ, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои рушди маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шахсони мансабдор ва шаҳрвандон нигаронида шудааст»[667].

Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон як ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати тарбияи ҳуқуқӣ мебошад. Вай ба сифати ҷузъи зарурии тамоми сиёсати маориф мебошад. Дар ҶТ ҷиҳати татбиқи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар солҳои охир тадбирҳои воқеӣ андешида шуданд. Ҳамин тавр, як гурӯҳи донишмандони ҳуқуқшиноси ҷумҳурӣ китоби дарсии «Ҳуқуқи инсон»-ро барои мактабҳои миёна, касбӣ ва олӣ омода ва нашр намуданд. Дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ таъсис ёфтааст ва фаъолият дорад. Дар тамоми мактабҳои олии ҷумҳурӣ фанни академии «Ҳуқуқи инсон» таълим дода мешавад.

---

[666] Ниг.: Стреляева В.В. Правовое воспитание в условиях становления правового государства: дис. … канд. юрид. наук. – М.,2006. – С. 18.

[667] Ниг.: Малько А.В. Теория правовой политики. – М., 2012. – С. 206.

Дар сохтори сиёсати тарбияи ҳуқуқӣ метавон самтҳои мушаххаси онро ҷудо кард, масалан, дар соҳаи тарбияи ҳуқуқии ҷавонон, дар соҳаи тарбияи ҳуқуқии маҳкумшудагон ва ғайра[668]. Дар Тоҷикистон дар соҳаҳои муайян тадқиқот гузаронида шудааст, ки натиҷаҳои онҳо метавонанд дар ташаккули самтҳои мушаххаси сиёсати таълими ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон истифода шаванд.

Тарбияи ҳуқуқӣ як қисми сиёсати давлатӣ дар ҶТ ба ҳисоб меравад. 9 апрели соли 1997 Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид. Дар ин Фармони Сарвари давлат, аз ҷумла, таҳияи барномаи давлатии таълими ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон пешбинӣ гардидааст. Баъдан, 22 августи соли 1997 Ҳукумати ҶТ Қарор «Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва корҳои ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ»-ро қабул кард[669]. Дар он, аз ҷумла, дар назди Вазорати адлияи таъсис додани Шурои ҳамоҳангсозӣ-методӣ оид ба таълими ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон пешбинӣ шуда буд. Ҳоло бошад, ба Раёсати ёрии ҳуқуқӣ, робита бо ҷомеа ва воситаҳои ахбори омма табдил дода шудааст.

Дар Паёмҳои Сарвари давлат самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи тарбияи ҳуқуқӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Аз ин рӯ, дар Паёми Президенти ҶТ аз 30 апрели соли 2007, аз ҷумла, таъкид шудааст, ки тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқии аҳолӣ, бахусус ҷавонон, вазифаи бевоситаи тамоми шохаҳои ҳокимият, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори омма, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёна, касбӣ ва таҳсилоти умумӣ, зиёиён ва тамоми ҷомеа мебошад. Дар Паёми Сарвари давлат аз 20 апрели соли 2011 ба масъалаи сифати омода намудани кадрҳои ҳуқуқӣ, баланд бардоштани маърифати касбии ҳуқуқии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ таваҷҷуҳи хоса дода шудааст.

---

[668] Ниг.: Хамроев Ш.С. Проблемы правового воспитания школьной молодёжи в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2003. – 183 с.; Хасанов Ш.К. Правовое воспитание как средство преодоления деформации правосознания осужденных (комплексный анализ): дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2009. – 178 с.
[669] Ниг.: Свод законов Республики Таджикистан. – 1999. – Т.1. – С. 56 - 57.

Дар ҶТ афзалиятҳои сиёсати тарбияи ҳуқуқӣ дар Барномаи таълими ҳуқуқӣ ва тарбияи шаҳрвандон барои солҳои 2009-2019, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 29 апрели соли 2009 тасдиқ шудааст, муайян карда шудаанд. Мутобиқи банди 1 барномаи мазкур яке аз асосҳои қабули он зарурати пешбурди ҳуқуқу озодиҳои асосӣ ва уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Мутобиқи барномаи мазкур самтҳои асосии таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон инҳоянд:

– баланд бардоштани сатҳи арзишҳои ҳуқуқии инсондӯстӣ;

– ташкили клиникаҳои ҳуқуқӣ;

– ташкили машварати ҳуқуқии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақсади пешгирии вайронкунии ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳои конститутсионии шахрвандон;

– таъмини омӯзиши фанни «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» дар муассисаҳои таълимӣ.

Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 4 октябри соли 2011 Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар ҶТ то соли 2020 тасдиқ карда шуд. Ҳуҷҷати мазкур қабули барномаи давлатии «Тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон»-ро бо мақсади тарбияи маънавию ахлоқӣ ва ҳуқуқии ҷавонон пешбинӣ мекунад.

Тарбияи ватандӯстии насли наврас ҳамеша яке аз вазифаҳои муҳимми мактаби муосир будаву ҳаст, зеро дар хонандагон ва ҷавонон давраи пурмаҳсул барои тарбияи муҳаббат ба Ватан эҳсос карда мешавад. Тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун ташаккули тадриҷӣ ва устувории муҳаббати ҷавонон ба Ватан фаҳмида мешавад, ватандӯстӣ яке аз муҳимтарин хусусиятҳои шахсияти ҳамаҷониба рушдёфта мебошад. Бояд ишора намуд, ки масъалаи тарбияи ватандӯстиву ватанпарварӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ зери таваҷҷуҳи ҳамешагии Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Воқеан ҳам, Пешвои муаззами миллат дуруст қайд намуданд, ки заминаи рушди ҳар як давлат ва ҷомеа ин дарки баланди ватандӯстӣ ва дар тафаккури

шаҳрвандон эҷод намудани ҳисси садоқат ба Ватан, эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ, омода будан ба адои қарзи шаҳрвандию уҳдадориҳои конститутсионӣ барои ҳимояи манфиатҳои Ватан мебошад.

Қонуни ҶТ «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон»[670] ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро муқаррар намудааст, ки тибқи он: таъмини татбиқи сиёсати давлатии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон; тасдиқ ва амалӣ намудани нақшаҳои мақсадноки рушди сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон; маблағгузории соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон; амалӣ намудани тадбирҳо оид ба ҷалби ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ ва динӣ ба ҳалли масъалаҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ва ғайраро ба амал мебарорад.

Дар моддаи 10 қонуни мазкур ҳадаф ва вазифаи танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ қайд мешавад, ки аз инҳо иборат мебошад: таҳия ва қабули заминаи ҳуқуқие, ки фароҳам овардани шароит барои фаъолияти озод ва рушди низоми тарбияи ватандӯстиро таъмин менамояд; фароҳам овардани кафолатҳои ҳуқуқӣ барои мутобиқ гардондани манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳо дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ; муайян намудани вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳо дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ; тақсим кардани ваколатҳо дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ байни мақомоти давлатӣ ва мақомоти дигаре, ки идоракуниро дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон амалӣ менамоянд.

Дар моддаи 13-и Қонун бошад, оид ба таъмини илмӣ ва таълимию методии тарбияи ватандӯстӣ сухан меравад, ки аз ду қисмати асосӣ иборат мебошад. а) таъмини илмии тарбияи ватандӯстӣ; б) таъмини методии тарбияи ватандӯстӣ. Таъмини илмии тарбияи ватандӯстӣ барои ташкили тадқиқи масъалаҳои мубрами соҳаи тарбияи ватандӯстӣ ва истифодаи натиҷаҳои амалии онҳо баҳри рушди шахсияти шаҳрванд, таҳияи муҳтаво ва шакли тарбияи ватандӯстӣ тавассути ба онҳо ворид намудани унсурҳои таълимӣ, фарҳангию таърихӣ, маънавию ахлоқӣ,

[670] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз 24 декабри соли 2022, № 1920 / [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=143959 (санаи муроҷиат: 17.11.2023 с.).

ҳарбӣ-ватандӯстӣ, меҳнатӣ, экологӣ ва қисматҳои дигар дар заминаи дастовардҳои муҳим дар соҳаи илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ, аз ҷумла, таҷрибаи мусбати ҷаҳонӣ дар ин соҳа, инчунин, асосноксозии илмии ҷалби шаҳрвандон ба арзишҳои ватандӯстӣ ва дарки маънавии онҳо нигаронида шудааст.

Барои таъмини асосҳои илмӣ, таълимию методии тарбияи ватандӯстӣ амалисозии корҳои зерин зарур мебошанд: корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, навиштани мақолаҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ, ба роҳ мондани корҳои таълимӣ дар сохторҳои мухталиф оид ба тарбияи ватандӯстӣ, ташкили фанҳои таълимӣ оид ба тарбияи ватандӯстӣ ва омода намудани воситаҳои таълимӣ дар ин самт, навиштани барномаҳои таълимӣ ва дигар нақша-чорабиниҳои илмӣ, таълимӣ ва методӣ ва ғ.

Бинобар ин, тибқи қонуни мазкур таълим ин фаъолияти муштараки падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), омӯзгор ва муассисаи таълимӣ барои инкишофи инсон, такмили истеъдод, маҳорат, малака ва қобилияти фикрию ҷисмонии ӯ мебошад, ки тибқи барномаҳои иловагии касбӣ метавонад, дар як вақт, муттасил (дар тули ҳаёт гирифтани таҳсилот ва мукаммал гардонидани донишу ҷаҳонбинӣ) ва ё давра ба давра (тавассути азхудкунии дарсҳои алоҳидаи таълимӣ, курсҳо, фанҳо, модулҳо, таҷрибаомӯзӣ) бо истифода аз шаклҳои шабакавӣ, бо тартиби муқаррарнамудаи барномаи таълимӣ ва (ё) шартномаи таҳсилот амалӣ карда мешавад.

Бояд ишора намуд, ки таълими ҳуқуқӣ яке аз шаклҳои фаъолияти тарбияи ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад, ки он бевосита дар Барномаи «Системаи давлатии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 12 июни соли 2001 тасдиқ карда шудааст, баромад мекунад. Ин барнома бо мақсади рафъи низоми бесамари тарбия ва таълим дар ҷумҳурӣ кабул карда шудааст. Мақсади Барномаи мазкур амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон дар доираи дарки ягонагии ҳуқуқу уҳдадориҳо буд. Барнома барои ҳалли маҷмуи вазифаҳои марбут ба баланд бардоштани эҳтиром ва ҳимояи ҳуқуқи инсон тавассути фаъолияти таълимӣ пешбинӣ шудааст. Дар он таълиму тарбия дар соҳаи ҳуқуқи инсон, маълумотнокӣ ва маърифати аҳолӣ, омода намудани кадрҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ташкили

идоракунӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, таъсис ва таҳияи заминаи қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст. Барнома тамоми кишрҳои аҳолии ҷумҳуриро дар бар гирифта, ба ғайр аз худи маълумот, инчунин, тарбия, таълим ва иттилоот дар соҳаи ҳуқуқи инсонро дар бар мегирад. Фасли махсуси барнома барои омода намудани кадрҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар аспирантура, докторантура ва донишкадаҳои такмили ихтисосро пешбинӣ менамояд. Мебоист, низоми тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ мувофиқи сохти умумии ҳокимият барпо карда мешуд.

Дар робита ба татбиқи Барномаи зикршудаи давлатӣ дар ин марҳила «Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» амалӣ мегардад. Оид ба Барномаи мазкур дар фаслҳои дахлдори рисола баррасӣ карда мешавад.

Сиёсати ҳуқуқии ҶТ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба ғояҳои бунёдии Консепсияи миллии илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба рушди инсон, таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013-2028, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 июли соли 2013 тасдиқ шудааст, асос ёфтааст.

Мақсади Консепсияи мазкур таҳлили илмии шартҳои зарурии ноил шудан ба мувозинати оптималии рушди соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ дар ҶТ ҳамчун асоси рушди устувори ҷомеа, шахсони алоҳида, давлат, беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ, таъмини принсипҳои демократӣ мебошад.

Вобаста ба ин мақсад, асоси консепсияро чунин принсип ташкил медиҳад: сатҳи некуаҳволии аҳолӣ на аз рӯйи даромади ҳар як аъзои оила, балки аз рӯйи муҳайё намудани шароити қаноатбахши зиндагӣ баҳо дода шавад. Дар ин сурат даромад на мақсади ниҳоӣ, балки воситаи интихоби озоди хизматрасонӣ дар соҳаҳои нигаҳдории тандурустӣ, маориф, фаъолияти иқтисодию иҷтимоӣ хоҳад шуд. Интихоби озод ва васеъ дар ин ҳолат маънои озодии кофӣ дар интихоби ҳадаф ва тарзи ташкили ҳаёт худ хоҳад буд.

Дар ин консепсия се нишондиҳандаи асосии рушди инсон: давомнокии умр; сатҳ ва сифати таълим, сатҳи зиндагӣ пешбинӣ мешаванд. Ҳар яке аз ин нишондодҳо, дар навбати худ, ба шахс имкониятҳои муайян пешкаш мекунанд. Масалан, дарозумрӣ метавонад нишондиҳандаи тарзи ҳаёти солим бошад. Сатҳ ва

сифати таълим метавонад, ангезаи андӯхтани дониш, муоширати мақсаднок ва иштироки фаъолонаи шахс дар ҳаёти ҷомеа гардад. Сифат ва тарзи зиндагӣ метавонад ба фаъолнокии минтақавӣ ва иҷтимоӣ таъсири ҳалкунанда расонад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло консепсияи зикргардида зарурати омӯзиши масъалаҳои илмии зерини марбут ба инкишофи минбаъдаи инсонро асоснок менамояд: таҳлил ва таҳқиқи қобилиятҳои маърифатии дарки ҷаҳон, ки ҷаҳонбиниро ташкил медиҳанд ва асоси инкишофи равонии шахс мебошанд; муайян кардани сабабҳои фаъолнокӣ ё ғайрифаъолӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷамъият ё муносибати бепарвоёна нисбат ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ; дуруст муайян намудани сатҳи тафаккури хонандагон ва донишҷӯён, ки дар ояндаи наздик ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеаро идора мекунанд (масалан, тавассути имтиҳон дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, умумӣ, миёна ва олӣ); таҳлил ва муайян намудани натиҷаҳои татбиқи Консепсияи рушди маориф, ки дастури бевоситаи рушди инсонӣ дониста мешавад.

Бинобар ин, мақсади таҳлил ин аст: дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, таҳсилоти умумӣ, миёна ва олии ҷумҳурӣ (фарҳангӣ ё антропологӣ) кадом усули таълиму тарбия ба роҳ монда шудааст. Одатан ҳар дуи ин принсипҳо дар таълиму тарбия истифода мешаванд, вале дар бораи ҳар кадоми онҳо хулосаҳои гуногун баровардa мешаванд. Аз ин рӯ, принсипи асосиеро, ки таҳлили дахлдори илмиро талаб мекунад, бояд муайян кард.

Дар доираи ин ҳуҷҷат нақши консептуалии рушди инсониро, ки бо тағйирот дар рушди иқтисодӣ, принсипҳои демократӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқаманд аст, метавон аз нуқтаи назари чаҳор заминаи моддию маънавӣ баррасӣ кард: «самаранокӣ», «баробарӣ, «устуворӣ» ва «масъулият».

Самаранокӣ дар он зуҳур меёбад, ки одамон бояд самараи фаъолияти худро баланд бардошта, даромад ҷамъ кунанд. Аз ин рӯ, рушди иқтисодӣ ва зиёд кардани музди меҳнат яке аз роҳҳои рушди инсон аст.

Баробарӣ маънои онро дорад, ки ҳама одамон дар оғози фаъолияти худ бояд имконияти якхела дошта бошанд. Ҳамаи маҳдудиятҳои вобаста аз ҷинс, нажод,

миллат, мансубияти синфӣ, баромади иҷтимоӣ, ҷойи истиқомат, сатҳи зиндагӣ, робитаҳои оилавӣ, минтақа ва ғайра бояд бартараф карда шаванд, ки барои ноил шудан ба имкониятҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ халал мерасонанд.

Устуворӣ принсипи мавҷудияти имкониятҳоро на танҳо барои насли ҳозира, балки барои наслҳои оянда низ дар назар дорад. Устуворӣ тақсимоти одилонаи тамоми неъматҳо (маънавӣ ва моддӣ) байни наслҳои имрӯза ваояндаро тақозо мекунад. Чунин адолатро баробарии имконият маънидод мекунанд. Дарк кардани имкониятҳо интихоби шахсии ҳар як насл мебошад.

Масъулият чунин маъно дорад, ки тараққиётро на танҳо ба манфиати халқ, балки бо ҷидду ҷаҳди онҳо ҳам ба амал баровардан лозим аст. Одамон бояд дар қабули қарорҳое, ки барои ҳаётиояндаи онҳо муҳим мебошад, фаъолона иштирок кунанд. Дар ҳалли ин масъалаҳои нақши сиёсати иҷтимоӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ калон мебошад. Аз ин рӯ, тавонмандӣ масъулиятро дар назди оила, ҷомеа ва инсоният зиёд мекунад.

Бинобар ин консепсияи мазкур самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмиро муайян мекунад: заминаҳои илмии рушди ҶТ ва рушди инсон; омӯзиши вазъи ҳуқуқии шахс, омилҳои равонӣ ва маънавии эътироф, эҳтиром ва ҳимояи ҳуқуқи инсон, ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар бораи инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ; мафҳум, моҳият ва намудҳои принсипҳои демократӣ; таърих, ташаккул, сохтор, моҳият, мақсад ва вазифаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ; тарзу усулҳои амалӣ ва такмили принсипҳои мушаххаси демократӣ дар ҳаёти ҷамъият; таҳлили таълимоти фалсафӣ, таърихӣ, эстетикӣ, ахлоқӣ, иқтисодӣ, экологии ниёгон вобаста ба ташаккули давлатдории миллии тоҷикон, инчунин, баланд бардоштани шуури миллӣ ва худшиносӣ; муайян намудани имкониятҳо ва пешомадҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар чумҳурӣ.

Дар банди 54 консепсияи мазкур принсипҳои зерини асосии фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ муайян карда шудаанд:

– асоснокии илмии ҷалби тамоми ҷомеа дар раванди ноил шудан ба рушди устувори инсонӣ ва фароҳам овардани заминаи сиёсии рушди устувор дар Тоҷикистон;

– таъмини рақобатпазирии илму маориф;

– дарёфти роҳу воситаҳои беҳдошти саломатии аҳолӣ, тарбияи ҷисмонӣ, вазъи демографӣ дар натиҷаи татбиқи талаботи ҷомеаи солим;

– таҳлил ва пешниҳодҳо оид ба ташаккули шуури аҳолӣ оид ба ҳифзи муҳити зист, ҷустуҷӯ ва тарбияи ҷавонони болаёқат, кадрҳои баландихтисос барои соҳаҳои муҳимтарини саноат;

– асоснoккунии соҳаҳо ва усулҳои рушди минтақаҳо дар заминаи рушди инфрасохтор;

– истифодабарии андеша ва анъанаҳои наслҳои гузашта дар идоракунии ҶТ, татбиқи принсипҳои демократӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ;

– такмили қонунгузорӣ дар асоси омӯзиши таърихи давлатдорӣ ва ҳуқуқ, таҷрибаи аҷдодӣ ва таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи Шарқу Ғарб;

– принсипи маблағгузории стратегии рушди ҷомеаи инсонӣ ва шаҳрвандӣ ва ғ.

## 4.3. Ҳуқуқи инсон ҳамчун унсури сиёсати давлат дар соҳаи тарбия ва таҳсилоти ҳуқуқӣ

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ дар асоси ҳамбастагии тарбияи ҳуқуқӣ ва таълими ҳуқуқӣ, сиёсати таълимии ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ сохта мешавад. Ба ақидаи И. Илин, ин сиёсат ба хотири ҳалли вазифаҳои зерин амалӣ карда мешавад: «Ба халқ наздик кардани ҳуқуқ, баҳри мустаҳкам намудани шуури оммавӣ, то ки халқ қонунҳои худро фаҳмад, донад ва қадрдонӣ кунад, то ки меъёрҳои вазифадоркунанда ва манъкунандаро ихтиёран риоя намуда, аз ваколатҳои худ содиқона истифода барад»[671].

Сиёсати ҳуқуқии тарбия – ин фаъолияти мақсаднок, муташаккил, танзимшаванда, назоратшаванда ва мунтазами давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ

---

[671] Ниг.: Ильин И.А. О сущности правосознания. – М., 1994. – С. 230.

мебошад, ки тавассути таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба раванди тарбияи ҳуқуқӣ бо мақсади баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар асоси маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ ва технологӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳамчунон дар доираи таъсиррасонии ҳуқуқӣ, тавассути воситаҳои ҳуқуқӣ (санадҳои меъёрӣ, ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳо, санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ ва ғ.), инчунин, дигар воситаҳои ғайриҳуқуқӣ (адабиёти ҳуқуқӣ, лексияҳо, нашрияҳо ва ғайра) амалӣ карда мешавад.

Мундариҷа ва сифати ин сиёсат баҳои дурусти арзишҳои ғоявию ҷаҳонбинӣ, ангезаи равонии рафтори ҳуқуқӣ, ихтиёран интихоб намудани рафтори фоиданоки ҷамъиятиро аз ҷониби шахс муайян мекунад, зеро тарбияи ҳуқуқӣ асосан «ба ҳиссиёт, арзишҳо, шуур таъсир мерасонад»[672]. Ин сиёсат дар асоси маҷмуи тадбирҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ, технологӣ, таълимӣ, молиявӣ, моддию техникӣ сохта ва амалӣ карда мешавад. Воситаҳои татбиқи амалии он қонун ва шаклҳои ифодаи он, эҷоди қонун, амалигардонии ҳуқуқ, тафсир, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегияҳои давлатӣ, барномаҳо ва консепсияҳо, қарорҳои сиёсӣ, воситаҳои ахбори омма, технологияҳои нави иттилоотӣ, усулҳо ва шаклҳои амалисозии он мебошанд. Ҳамчунин, ташвиқоти ҳуқуқӣ, фаъолияти лексионию ахборотӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ истифода мешаванд.

Сиёсати тарбияи ҳуқуқӣ бо таълими ҳуқуқӣ, таълим, таълими касбии ҳуқуқӣ – шаклҳои маъмул ва исботшудаи таълими ҳуқуқӣ зич алоқаманд аст. Дар адабиёти фалсафӣ, сотсиологӣ, педагогӣ, ҳуқуқшиносӣ андешаҳо дар бораи робитаи тарбия ва таълим устуворанд[673]. Дар педагогика тарбия аз раванди таълим ҷудо нест, зеро он ба инкишофи мутаносиби шахсият нигаронида шудааст[674].

---

[672] Ниг.: Перевалов В.Д. Теория государства и права: учебник. – М., 2005. – С. 200.
[673] Ниг.: Пищулин Н. П. Общество и образование: вчера, сегодня, завтра: Учебное пособие. – М.: Жизнь и мысль, 2004. – С. 68.
[674] Ниг.: Андреев А. Л. Общество, образование, культура: социологические очерки. – М.: Изд-во МЭИ, 2004. – С. 36.

В.В. Стреляева чунин мешуморад, ки «муайян кардани тарбияи ҳуқуқӣ бо дарназардошти таълими ҳуқуқӣ боиси нодуруст фаҳмидани доираи вазифаҳое мегардад, ки дар назди тарбияи ҳуқуқӣ гузошта шудаанд. Фақат як қисми вазифаҳои таълими ҳуқуқӣ бо тарбияи ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Таълими ҳуқуқӣ танҳо ба баъзе унсурҳои шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва фардӣ таъсир мерасонад»[675].

Тавре мушоҳида мешавад, В.В. Стреляева тарбияи ҳуқуқиро аз таълими ҳуқуқӣ ҷудо мекунад.

Ин андешаи В.В. Стреляева қобили дастгирӣ нест. Мафҳумҳои «тарбияи ҳуқуқӣ» ва «таълими ҳуқуқӣ» муродиф нестанд. Бо вуҷуди ин, онҳо бо ҳам зич алоқаманданд. Мувофиқи суханони одилонаи А. Семитко, «тарбия бе таълим сурат намегирад ва таълим ба ин ё он тарз таъсири тарбиявӣ дорад»[676].

Ба андешаи Е.И. Ермакова, «ҷараёни тарбияи ҳуқуқӣ дар сатҳи баланди ташкили таълими ҳуқуқӣ имконпазир аст»[677].

Бояд зикр намуд, ки аксар вақт мафҳуми «таълими тарбиявӣ» низ истифода мешавад, ки робитаи ногусастании шуури ҳуқуқӣ, идеалҳои ахлоқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқиро дар назар дорад[678]. Муаллифони дигар низ дар бораи аҳаммияти тарбияи ҳуқуқӣ дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар маҷмуъ навиштаанд[679].

Аҳаммияти таълими ҳуқуқӣ дар ташаккули волоияти қонун дар сатҳи ҳуҷҷатҳои миллӣ ва байналмилалӣ эътироф шудааст. Дар ин соҳа ҳуҷҷатҳои зерин қабул шудаанд:

---

[675] Ниг.: Стреляева В.В. Правовое воспитание в условиях становления правового государства: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 9.

[676] Ниг.: Семитко А.П. Правосознание и правовая культура // Теория государства и права: учебник / под ред. В.Д. Перевалова. – М., 2006. – С. 219.

[677] Ниг.: Ермакова Е.И. Правовое воспитание студентов колледжа в процессе профессионального образования: дис. … канд. пед. наук. – М., 2007. – С. 194.

[678] Ниг.: Джанибекова Н.А., Зарипов Ш.А. Место правового воспитания в формировании правосознания молодежи // Молодой ученый. – 2013. – № 7. – С. 273.

[679] Ниг.: Александров В.А. Формирование законопослушного гражданина – приоритетное направление правовой политики современной России // Правоведение. – 1998 - № 1. – С. 39; Саакян М.В. Правовое воспитание и обучение как средство формирования правовой культуры // Вестник Адыгейского государственного университета. – Выпуск 1: Регионоведение: философия, история, социология, юриспруденция, политология, культурология. – 2009. – Вып. № 3.

– Принсипҳои асосӣ оид ба нақши ҳуқуқшиносон (моҳи сентябри соли 1990 дар Конгресси ҳаштуми СММ оид ба пешгирии ҷиноятгорӣ ва муносибат бо ҷиноятгорон қабул карда шуданд);

– Стандартҳои мустақилияти касби ҳуқуқшиносӣ (моҳи сентябри соли 1990 дар Ню-Йорк дар конфронси Ассотсиатсияи байналмилалии адвокатҳо қабул карда шудааст).

Фазои ягонаи иқтисодӣ, сиёсӣ, мудофиавӣ, гуманитарӣ, таълимӣ, илмӣ ва фарҳангии кишварҳои ИДМ метавонад сиёсати ягонаи тарбиявӣ-таълимиро барои ин кишварҳо ба вуҷуд орад. Мақсадҳои бунёди чунин сиёсатро ҳуҷҷатҳои намунавии меъёрие, ки Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои ИДМ дар соҳаи тарбия ва таълим қабул кардааст, муайян мекунад.

Таърифи мафҳуми «таълим» дар моддаи 1-и Кодекси намунавии таълимии давлатҳои аъзои ИДМ аз 16 ноябри соли 2006 дарҷ гардидааст. Он ба андешаи ҷудонашавандагии тарбия ва таълим асос ёфтааст, ки барои сиёсати тарбия ва таълими ҳуқуқӣ аҳаммияти муҳим дорад. Мафҳуми «таълим» чунин таъриф дода мешавад: «раванди таълиму тарбия ба манфиати шахс, ҷомеа, давлат баҳри ҳифз, такмил ва интиқоли донишу фарҳанг ба наслҳои нав, таъмини устувории ҳаёти ҷомеа, рушди иқтисодӣ ва маънавии кишвар, мунтазам баланд бардоштани вазъи ахлоқӣ, зеҳнӣ, эстетикӣ ва ҷисмонии шахсият ва ҷомеа»[680].

Мақсадҳои таълиму тарбияи зиддикоррупсионӣ дар Қонуни намунавии «Асосҳои қонунгузорӣ дар бораи сиёсати мубориза бо коррупсия», ки аз ҷониби Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ 15 ноябри соли 2003 қабул шудааст, муайян карда мешаванд. Барои тарбия ва таълими ҷавонон дар кишварҳои ИДМ санадҳои зерин аҳаммият доранд:

– Қарори Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ аз 14 майи соли 2009 «Дар бораи ташаккули асосҳои қонунгузории сиёсати муосири ҷавонон

[680] Ниг.: Модельный образовательный кодекс для государств - участников СНГ (общая часть) (новая редакция) (принят постановлением Межпарламентской Ассамблеи государств - участников СНГ от 29 ноября 2013 г. N 39-6) / Электронный ресурс: Режим доступа: https://base.garant.ru/72826964/ (дата обращения: 22.09.23)

дар давлатҳои аъзои ИДМ». Дар ин ҳуҷҷат ҳимояи ҳуқуқии манфиатҳои насли наврас самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ эълон шудааст;

– Эъломия «Дар бораи самтҳои афзалиятноки сиёсати муосири ҷавонон дар давлатҳои аъзои ИДМ»;

– Қонуни намунавӣ «Дар бораи тарбияи кӯдакон ва ҷавонон».

Сиёсати ҳуқуқии ҶТ дар соҳаи ҳуқуқи инсон тибқи Консепсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон (26 майи соли 1995 дар шаҳри Минск қабул шудааст) амалӣ карда мешавад. Ин конвенсияро давлатҳои аъзои ИДМ, чунонки дар худи ҳуҷҷат нишон дода шудааст, бо дарназардошти Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ ва протоколҳои иловагӣ бар он қабул намудаанд.

Инчунин уҳдадориҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон, ки дар доираи САҲА (ШАҲА) қабул шудаанд, ба риояи ҳуқуқҳои дар онҳо эълоншуда бо дарназардошти Эъломияи Сарони давлатҳои аъзои ИДМ оид ба уҳдадориҳои байналхалқии ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, бо дарназардошти риояи стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон аз ҷониби ҳамаи давлатҳои аъзои ИДМ, инкишоф ва пешбурди эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон барои ҳама, сарфи назар аз нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, баромади сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ба дигаргунсозиҳои демократӣ мусоидат мекунад, афзоиши иқтисодию иҷтимоӣ, мустаҳкам намудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, саъю кӯшиш ба иҷрои самарабахши уҳдадориҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, дар руҳияи мутамарказ намудани ҷидду ҷаҳди коллективии тарафҳои аҳдкунанда дар пешбурди ормонҳои озодӣ ва волоияти қонун, пешгирии вайроншавии ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, анъанаҳои таҳаммулпазирӣ ва дӯстии халқҳо, таҳкими сулҳу ваҳдат, бо боварии он, ки ин гуна кӯшишҳо ба эҳтироми ҳамагон ва риояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон дар мувофиқа бо ҳуҷҷатҳои асосии ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон.

Ин Конвенсия Низомнома дар бораи Комиссияи ҳуқуқи инсони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро дар бар мегирад. Комиссияи оид ба ҳуқуқи инсон тибқи моддаи 33 Оинномаи ИДМ таъсис дода шудааст.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ бо қарори худ аз 24 январи соли 2001 Конвенсияро дар бораи таъмини ҳуқуқи ашхоси мансуб ба ақаллиятҳои миллӣ ба тасвиб расонд. Ин Конвенсия ба стандартҳои ҳуқуқи инсон асос ёфтааст, ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Эъломия дар бораи ҳуқуқҳои ашхоси мансуб ба ақаллиятҳои этникӣ, мазҳабӣ ва забонӣ, Конвенсияи байналмилалӣ бар зидди ҳама шаклҳои табъизи нажодӣ, Конвенсия дар бораи пешгирӣ ва ҷазо додани ҷинояти наслкушӣ, Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак ва дигар санадҳои асосии дар соҳаи ҳуқуқи инсон мутобиқат дорад.

Конвенсияи мазкур ба иҷрои уҳдадориҳое, ки аз Санади ниҳоии Машваратӣ оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар Хелсинки, ҳуҷҷатҳои хотимавии Мадрид, Вена ва Хелсинки, конфронсҳои Копенгаген ва Москва оид ба андозагирии инсонии ШАҲА, Симпозиум оид ба мероси фарҳангии Краков, Хартияи Париж барои Аврупои нав бармеоянд, равона шудааст.

Муқарраротҳои зерин дар Конвенсия мустаҳкам карда шудаанд:

– ҳуқуқи шахсони ба ақаллиятҳои миллӣ мансуб қисми ҷудонашавандаи ҳуқуқҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи инсон мебошанд;

– шахсоне, ки ба ақаллиятҳои миллӣ тааллуқ доранд, дар ҳудуди ҳар як тарафи аҳдкунанда зиндагӣ мекунанд;

– ақаллиятҳои зикршуда ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеае мебошанд, ки дар он зиндагӣ мекарданд ва зиндагӣ мекунанд ва онро бо кору фаъолият, ҳувият ва фарҳанги худ ғанӣ мегардонанд;

– пешбурд ва ҳифзи ҳуқуқҳои шахсони ба ақаллиятҳои миллӣ мансуб ба суботи сиёсию иҷтимоии давлатҳое, ки дар онҳо зиндагӣ мекунанд, мусоидат мекунад.

Зери шахсони ба ақаллиятҳои миллӣ тааллуқдошта шахсоне фаҳмида мешаванд, ки дар як ҳудуди тарафи аҳдкунанда доимӣ иқомат доранд ва шаҳрвандии онро доранд, ки аз рӯйи мансубияти этникӣ, забон, фарҳанг, дин ё анъанаҳои худ аз аҳолии асосии ин тарафи аҳдкунанда фарқ мекунанд. Мансубият ба ақаллиятҳои миллӣ масъалаи интихоби инфиродии шахси дахлдор аст ва чунин интихоб барои шахси дахлдор ягон оқибати номатлуб ба бор намеорад.

Ба ашхоси мансуб ба ақаллиятҳои миллӣ ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мутобиқи стандартҳо ва қонунгузории аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи инсон кафолат дода мешаванд. Дар баробари ин эҳтироми ҳуқуқҳои шахсони ба ақаллиятҳои миллӣ мансуб аст дар назар дорад, ки ин шахсон уҳдадориҳои худро нисбат ба давлате, ки онҳо дар қаламрави он зиндагӣ мекунанд, иҷро кунанд.

Дар назар аст, ки ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳифз ва рушди ҳувияти этникӣ, забонӣ, фарҳангӣ ва динии онҳо чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Ба ақаллиятҳои миллӣ ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, махсусан дар ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳимояи манфиатҳои онҳо дар сатҳи минтақавӣ кафолат дода мешавад. Ба шахсоне, ки ба ақаллиятҳои миллӣ тааллуқ доранд, ҳуқуқи озодона бо ҳамдигар дар ҳудуди давлати иқоматдошта, инчунин ҳуқуқи ҳифз ва нигоҳ доштани робита бо шаҳрвандон ва ташкилотҳои давлатҳое, ки бо онҳо фарҳанг, забон ё эътиқоди динии якхела доранд, кафолат дода мешавад. Гузашта аз ин, чунин алоқаҳо ва робитаҳо набояд хилофи қонунгузории миллии тарафҳои аҳдкунанда бошанд.

Дар санадҳои қонунгузории кишварҳои ИДМ ғояи ҷудонопазирии тарбия ва таълим ба таври возеҳ сабт шудааст. Чунончи дар Қонуни Ҷумҳурии Казоқистон «Дар бораи пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо» аз 29 апрели соли 2010 тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун «маҷмуи чорабиниҳои таълимӣ, иттилоотӣ ва ташкилие, ки ба

ташаккули рафтори ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон нигаронида шудаанд, фаҳмида мешавад»[681].

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» мафҳуми «маориф» мафҳуми «раванди таълиму тарбия, таъмини сатҳи муайяни таҳсилоти хонандагон» муайян шудааст[682].

Робитаи ҷудонашавандаи таълими ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ хусусияти интегративии сиёсати таълимӣ ва ҳуқуқиро муайян мекунад. Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи тарбия ва таълими ҳуқуқӣ – ин фаъолияти давлат, мақомоти он, муассисаҳои давлатӣ, муассисаҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва шаҳрвандон мебошад, ки бо мақсади ташаккул ва такмили шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар доираи раванди танзимшавандаи таълиму тарбия, дар асоси маҷмуи донишҳои ҳуқуқӣ, тадбирҳои ташкилӣ, иттилоотӣ, тарбиявӣ, методӣ, қонунгузорӣ амалӣ мегардад.

Сиёсати ҳуқуқии таълим ва тарбия бо тамоми низоми тарбия ва таълими иҷтимоӣ (ҳуқуқӣ, педагогӣ ва ғ.), ки дар ҳамкории мутақобила бо намудҳои тарбияи ахлоқӣ, ватандӯстӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ, сиёсӣ ва дигар намудҳои тарбияи ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад, алоқаи зич дорад. Моҳияти систематикии низоми иҷтимоии тарбияи инсон, якум, бо ягонагии дохилисистемавии меъёрҳои иҷтимоӣ, дуюм, бо мавҷудияти шаклҳои ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқии (ахлоқӣ, динӣ ва ғ.) огоҳии ҳуқуқӣ, хамчун асос барои ташаккул хизмат мекунанд. Алоқамандии меъёрҳои иҷтимоиро В.С. Нерсесянс борҳо таъкид мекунад[683].

Дар шароити бухрони амиқтарини арзишҳои ахлоқӣ, маънавӣ, этникӣ, ки дар Ғарб оғоз шудааст, тарбияи ҳуқуқӣ бояд бо тарбияи ахлоқӣ ҳамроҳ карда шавад. Бисёр муаллифон дар бораи аҳаммияти тарбияи ҳуқуқӣ дар мустаҳкам намудани муносибатҳои ахлоқӣ, истифода бурдани анъанаҳои таъсири фарҳангӣ, ғамхорӣ ва

[681] Ниг.: Закон Республики Казахстан «О профилактике правонарушений» (с изм. и доп. по состоянию на 01.07.2023 г.) / [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30657323 (санаи муроҷиат: 27.08.2023с.).

[682] Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, № 1004 / Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. 2013, №7, мод. 532; 2014, №3, мод. 156; №7. қ. 2, мод. 422; 2016, №3, мод. 1148; 2016, №7, мод. 624; 2017, №7-9, мод. 581; 2018, №5, мод. 278.

[683] Ниг.: Нерсесянц В.С. Философия права: Учебник. – М., 1998. – С. 77.

тарбия сухан меронанд[684]. Сиёсати тарбия ва таълими ҳуқуқӣ дар умум барои иҷтимоикунонии ҳуқуқии шахс нақши асосӣ дорад. Ба андешаи В.Н. Гуляихин, функсияи тарбияи ҳуқуқӣ ташаккули соҳаи маърифатии шуури ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи арзишӣ-маъногии он мебошад[685]. Сифати ҳаёти ҳуқуқӣ ба сатҳи иҷтимоикунонии ҳуқуқии шахс таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, мақсадҳои сиёсати ҳуқуқии тарбия ба стратегияи иҷтимоикунонии ҳуқуқии шахс бояд асос гузорад.

Зарурат ба сиёсати самарабахши таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ бо ташаккули сифатан нав аз нигоҳи сатҳу мазмуни шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар заминаи бознигарии анъанавӣ ва мутобиқсозии арзишҳои нави давлатию ҳуқуқӣ, андешаҳо, муносибатҳо ба миён омадааст. Онҳо дар шароити амиқтар шудани низоъҳои фарҳангу тамаддунҳо, таъсири ҷаҳонишавӣ, паҳншавии муносибатҳо ва дастурҳои рафтори «бегона»-и иҷтимоӣ ва идеологӣ, ташаккули тартиботи ҳуқуқии ҷаҳонии зидди манфиатҳои миллӣ ниҳоят зарур аст. Он баҳри баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии қишрҳои гуногуни аҳолӣ, ҳавасмандгардонии рафтори ҳуқуқии субъектҳои нави иқтисодӣ, аз ҷумла, муносибатҳои бозорӣ, навсозии таҳсилоти ҳуқуқӣ ва омода намудани ҳуқуқшиносони баландихтисос, ки барои кор дар шароити таъсири мутақобилан гуногуни намудҳои низомҳои ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, таҳдидҳо ва чолишҳои афзояндаи глобалӣ омодаанд, равона карда шудааст. Дар марҳалаи ҳозира ин сиёсат бояд дар асоси воситаҳои ҳуқуқие, ки «ба қувваи пешбаранда ва манбаи тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ, механизми муҳимми ташаккули неруи инноватсионии ҷамъият ва иқтисодиёт бо нигоҳ доштани кафолатҳои ҳуқуқии озодӣ ва дастрасии баробар ба таҳсил, қонеъ гардонидани пурраи эҳтиёҷоти шахсии таълимӣ, ба роҳ монда шавад»[686].

Ҳатто дар адабиёти ҳуқуқии шуравӣ қонунэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун самтҳои сиёсати ҳуқуқӣ ба ҳисоб мерафтанд. Он

---

[684] Ниг.: Мальцев Г.В. О различиях права и морали // Наш трудный путь к праву: Материалы философско-правовых чтений памяти академика В.С. Нерсесянца. – М., 2006. – С. 224; Пищелко А.В. Социально-педагогические основы перевоспитания осужденных. – М., 1992. – С. 104 и др.

[685] Ниг.: Гуляихин В.Н. Правовое воспитание человека как процесс формирования ценностно-смыслового компонента правосознания // Вопросы права и политики. – 2014. – № 8. – С. 60.

[686] Ниг.: Спасская В.В. Правовое регулирование образовательных отношений: проблемы теории и практики. – 2-е изд. - М., 212. – С. 4.

замон чунин фикр баён мешуд, ки сиёсати ҳуқуқӣ «дар асоси эҷоди меъёрҳои нав, фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ, инчунин, муассисаҳое, ки оид ба тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ кор мебаранд, қарор мегирад»[687]. Асосҳои доктриналии тарбияи ҳуқуқӣ дар солҳои шуравӣ коркард шуда[688], инчунин, таҷрибаи татбиқи онҳо сазовори диққат буда, аксари муаллифон дар ин бора одилона менависанд[689].

Дар баробари ин, дигаргуниҳои куллии ҷамъиятӣ, тағйири низоми арзишҳо, гузариш аз идеологияи монистӣ ба гуногунандешӣ, тафаккури нави ҳуқуқӣ, дастурҳои нави рушди ҷомеа, роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ислоҳоти ҳуқуқӣ дар ҷамъияти пасошуравӣ тақозо мекунад, ки консепсияи нави сиёсати ҳуқуқиро дар соҳаи таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ коркард намоянд. Коррупсия, таҳдиди нашъамандӣ, ҷиноятҳои муташаккил, амалҳои террористӣ, ҷиноятҳои фаромиллӣ, таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ саъю кӯшиши давлат ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар соҳаи тарбия ва таълим тақозо мекунанд. Дар ин замина зарурати баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, сифати таълим, омодасозии кадрҳои ҳуқуқӣ, қобилияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар муқобили чолишҳои иҷтимоӣ ва таҳдид ба миён омадааст. Бинобар ин барпо намудани низоми самарабахши таълиму тарбияи ҳуқуқӣ аҳаммияти аввалиндараҷаро касб намудааст. Бесабаб нест, ки муҳаққиқон дар солҳои охир дар заминаи дигаргуниҳои идомадоштаи низоми иқтисодӣ ва сиёсӣ[690], масъалаҳои таълиму тарбияи ҳуқуқӣ[691], дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд[692], ҳамчун шарти татбиқи ҳуқуқ[693], ташаккули ҳуқуқии шахсият ва танзими ҳуқуқӣ[694], шакли меъёрӣ-иҷтимоии тарбия[695] бештар аҳаммият медиҳанд.

---

[687] Ниг.: Кудрявцев В.Н. Право и поведение. – М., 1978. – С. 165-166.

[688] Ниг.: Там же. – С. 188-189; Долгов А.И. Эффективность правового воспитания и проблемы ее оценки // Вопросы борьбы с преступностью. Выпуск 28. – М., 1978. – С. 50-54.

[689] Ниг.: Востриков М.В. Развитие органической системы: условия, предпосылки, результат // Развитие общественных отношений социализма как целостности. – Ростов-на-Дону, 1989. – С. 63; Мысляева И.Н. Человеческий фактор: политэкономический аспект. – М., 1989. – С. 8.

[690] Ниг.: Долгополов О.А. Организация правового воспитания в современной России: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Рязань, 2004. – С. 3-4.

[691] Ниг.: Вопленко Н.Н. Очерки общей теории права: монография. – Волгоград, 2009. – С. 123.

[692] Ниг.: Проблемы теории государства и права: учебник / под ред. В.М. Сырых. – М., 2008. – С. 497.

[693] Ниг.: Кваша А.А. Правовые установки граждан: дис … канд. юрид. наук. – Волгоград, 2002. – С. 18.

[694] Ниг.: Общая теория права. Курс лекций / под общей ред. В.К. Бабаева. – Нижний Новгород, 1993. – С. 485-486.

Анъанаи омӯзиши тарбия ва таълими ҳуқуқӣ аз сиёсати ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносии пасошуравӣ инкишоф ёфтааст[696]. Аз ин рӯ, ин масъала ду роҳи ҳалли худро дорад. Дар доираи равиши васеи маҷмуӣ, ки ба ғояи муносибатҳои байни тарбия ва таълим асос ёфтааст, сиёсати тарбия ва таълим ҳамчун шакли мустақили татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ шарҳ дода мешавад[697]. Дар доираи равиши маҳдуди сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи омӯзиши ҳуқуқшиносӣ ҳамчун шакли мустақили сиёсати ҳуқуқӣ ва мутаносибан дар алоҳидагӣ аз тарбияи ҳуқуқӣ баррасӣ карда мешавад[698].

Муносибати ҳамаҷониба ва ҳамгироӣ ба сиёсати ҳуқуқии таълиму тарбия дар асоси ғояи ягонагии тарбия ва таълим самаранок аст. Ин равиш ба таври зайл асоснок карда мешавад:

1. Сиёсати ҳуқуқии таълиму тарбия мақсадҳои худро дорад, ки аз мақсадҳои тарбия ва таълими ҳуқуқӣ бармеоянд, вале дар умум бо стратегия ва тактикаи сиёсати ҳуқуқӣ алоқаманданд.

2. Онҳо самтҳои ҷаҳонбинӣ, мафкуравӣ, фарҳангию маънавиро фаро гирифта, ба таълимоти ҳуқуқӣ, низоми арзишҳои ҳуқуқӣ ва муносибатҳои меъёрӣ асос ёфтаанд.

3. Он бо қонунэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ, ҳуқуқмуҳофизавӣ, зиддикоррупсионӣ, зидди нашъамандӣ, иттилоотӣ ва дигар намудҳои сиёсат алоқаманд аст.

4. Он тавассути шаклҳо, усулҳо, технологияҳои тарбияи ҳуқуқӣ ва раванди таълим амалӣ карда мешавад.

5. Ин сиёсат таълими ҳамаҷониба буда, ба самтҳои мушаххаси марбут ба тарбияи ҳуқуқӣ ва таълими категорияҳои гуногуни аҳолӣ (толибилмон,

---

[695] Ниг.: Радьков О.С. Правовой нигилизм в России (конец XX – начало XXI в.): автореф. дис… канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2005. – С. 17-18.

[696] Ниг.: Стреляева В.В. Асари ишорашуда. – С. 18; Туленова Г. Молодежная политика в Республике Узбекистан: состояние и перспективы развития. – Ташкент, 2008. – С. 5.

[697] Ниг.: Малько А.В. Теория правовой политики: монография. – М., 2012. – С. 202-215; Правовая политика: словарь и проект концепции / под ред. А.В. Малько. – Саратов, 2010. – С. 82-89.

[698] Ниг.: Синюков В.Н. Политика Российского государства в сфере юридического образования // Правовая политика: словарь и проект концепции. – Саратов, 2010. – С. 82.

маҳкумшудагон ва ғ.), дар муассисаҳои гуногуни таълиму тарбия (мактаб, донишгоҳ ва ғ.) ҷудо мешавад[699].

6. Мақсади стратегии он баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад. Одатан тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолият барои ноил шудан ба ин мақсад[700] ё пахши (интиқоли) фарҳанги ҳуқуқӣ маънидод карда мешавад[701]. Ноил шудан ба ин мақсади стратегӣ фаъолияти назараси тарбиявӣ-маърифатиро дар назар дорад, зеро Я.В. Зубов одилона қайд менамояд, ки фарҳанги ҳуқуқӣ ба низоми таълимӣ-маърифатӣ ва тарбиявӣ ниёз дорад[702].

Аммо барои ноил шудан ба ин мақсад гуногунрангии таълимоти сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва навъҳои тафаккури ҳуқуқӣ, дараҷаи нобаробари шуури ҳуқуқии одӣ, касбӣ, илмӣ, ҷамъиятӣ, дастаҷамъона, оммавӣ, гурӯҳӣ ва фардӣ таъсиргузор аст. Дар шароити гуногунандешии идеологӣ ақидаҳои гуногуни сиёсию ҳуқуқӣ, консепсияҳо, таълимотҳо, ақидаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, муносибат ва ангезаҳо ташаккул меёбанд. Чунин гуногунии ҷаҳонбинии мафкуравӣ барои ҳамаи гурӯҳҳо ва созмонҳои иҷтимоию сиёсӣ баробар дарк намудани ақида ва тасаввуротҳои ҳуқуқиро душвор мегардонад. Масалан, дар шароити гуногунандешии илмию мафкуравӣ сиёсати таълимиро бо ташаккули фаҳмиши табиии ҳуқуқии ҳуқуқ дар шуури аъзои ҷамъият маҳдуд кардан мумкин нест, чи тавре ки тарафдорони ин таълимот тасаввур мекунанд[703].

Дар шароити гуногунандешии сиёсӣ ҳар як ҳизби сиёсӣ ҳадафҳои сиёсӣ ва идеологии худро, ки дар барномаҳо ва платформаҳои сиёсии худ нишон додаанд, риоя мекунад. Вақте ки ин ё он ҳизби сиёсӣ ба сари ҳокимият меояд, роҳи сиёсии давлат, ҷузъи идеологӣ, ҷаҳонбинии он низ аксар вақт тағйир меёбад.

Сарфи назар аз гуногунии идеологӣ, илмӣ, фарҳангӣ, бадеӣ, сиёсӣ, бояд гуфт, ки сиёсати ҳуқуқии таълиму тарбия бояд аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда

---

699 Ниг.: Хамроев Ш.С. Проблемы правового воспитания школьной молодёжи в Республике Таджикистан. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2003; Хасанов Ш.К. Правовое воспитание как средство преодоления деформации правосознания осужденных (комплексный анализ). – Душанбе, 2010. – С. 48-53.

700 Ниг.: Проблемы общей теории права и государства / под общей ред. В.С. Нерсесянца. – М., 2001. – С. 409.

701 Ниг.: Мартыненко Б.К. Правосознание, правовая культура и правовое воспитание // Проблемы теории государства и права / под ред. В.М. Сырых. – М., 2008. – С. 497.

702 Ниг.: Зубова Я.В. Правовое образование в развитии правовой культуры формирующегося гражданского общества в современной России: дис. … д-ра соц. наук. – Майкоп, 2010. – С. 14.

703 Ниг.: Алексеев С.С. Право: азбука-теория-философия. – М., 1999. – С. 271-272.

шавад. Асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқии таълиму таълими маҷмуи донишҳо, принсипҳо ва тавсияҳои илмӣ мебошад, ки ба бунёд ва татбиқи низоми самараноки таълиму тарбияи ҳуқуқӣ, инкишоф, такмил ва навсозии он мусоидат мекунанд. Дар шароити гуногунии идеявию сиёсӣ, албатта, онҳо якхела, якранг, яксара буда наметавонанд.

Нуқтаи назари Е. Матевосов қобили дастгирист, ки шарти ҳатмии «сифатнок ба амал баровардани сиёсати давлат дар соҳаи рушди саводнокии ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон равиши илмӣ мебошад, ки муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеаи илмӣ дар маҷмуъ бояд онро дар ҳамкории зич дар асоси маркази ягонаи махсус ташкил кардашудаи илмию таълимии таълими ҳуқуқ таъмин намоянд»[704].

Ба таҳияи асосҳои илмӣ, принсипҳо, шаклҳо ва усулҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ дар кишварҳои пасошуравӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Гузашта аз ин, таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардошта шуд.

Бо Фармони Президенти ФР аз 28 апрели соли 2011 «Асосҳои сиёсати давлатии Федератсияи Русия дар рушди саводнокии ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон» тасдиқ карда шуд[705]. Ҳуҷҷати мазкур, аз ҷумла, самтҳои зерини ин сиёсатро муайян мекунад: маърифати ҳуқуқӣ ва огоҳии ҳуқуқии шаҳрвандон; таълиму тарбияи ҳуқуқии насли наврас дар муассисаҳои таълимӣ; такмил додани низоми таълими ҳуқуқшиносӣ.

Тибқи лоиҳаи Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Федератсияи Русия то соли 2020, яке аз мақсадҳои стратегии ин сиёсат баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон ва хизматчиёни давлатӣ буда, шакли татбиқи он фаъолияти иттилоотӣ ва тарбияӣ мебошад[706]. Лоиҳаи Консепсияи сиёсати

[704] Ниг.: Матевосова Е.К. Правовое воспитание как средство борьбы с правовым нигилизмом: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2012. – С. 7.
[705] Российская газета. – 2011. – 14 июля.
[706] Ниг.: Проект концепции правовой политики в Российской Федерации до 2020 г. / под ред. А.В. Малько. –М., 2008. – С. 27.

ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Федератсияи Русия принсипи ба ҳам пайвастани тарбия ва омодагии касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро амалӣ менамояд[707].

Бо фармони Вазорати маорифи Ҷумҳурии Беларус аз 14 декабри соли 2006 Консепсияи тарбияи муттасили кӯдакон ва толибилмон дар Ҷумҳурии Беларус тасдиқ карда шуд, ки самтҳои асосии тарбияи кӯдакон ва толибилмонро муайян мекунад, афзалиятҳои тарбия дар муассисаҳои таълимӣ буда, ба ғояи ҷудонопазирии тарбия ва таълим асос ёфтааст.

Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Қазоқистон барои солҳои 2010-2020 бо Фармони Президент аз 24 августи соли 2009[708] ва Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ барои то соли 2030[709] қабул карда шудааст. Ба ақидаи аксарияти муаллифони қазоқ аҳаммияти бунёдии Консепсияи мазкур дар заминаи он ташаккули қонунгузории миллӣ ва низоми ҳуқуқии миллӣ, насли нави қонунгузорӣ[710], дар ташаккули ҷумҳурии президентӣ-парламентӣ[711], дар маҷмуъ маълумоти ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ[712] мебошад.

Ҳазамон Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Қирғизистон барои солҳои 2023-2026 қабул гардидааст, ки дар он тадбирҳои такмил додани низоми таълими ҳуқуқшиносӣ пешниҳод карда шудааст[713].

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон 25 июни соли 1997 Фармони Президент «Оид ба беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, такмил додани низоми омода намудани кадрҳои ҳуқуқшинос, беҳтар намудани корҳо

---

[707] Ниг.: Кваша А.А. Правовые установки граждан: дис … канд. юрид. наук. – Волгоград, 2002. – С. 19-20.

[708] Ниг.: Концепция правовой политики Республики Казахстан на период с 2010 до 2020 гг. // Казахстанская правда. – 2009. – 27 августа.

[709] Ниг.: Указ Президента Республики Казахстан от 15 октября 2021 года №674 «Об утверждении Концепции правовой политики Республики Казахстан до 2030 года» / Электронный ресурс: Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=39401807 (дата обращения: 22.09.23)

[710] Ниг.: Донаков Т. Концепция правовой политики – новый этап строительства правового государства // Казахстанская правда. – 2009. – 2 сентября.

[711] Ниг.: Ударцев С.Ф. Конституционная реформа 2007 г. в Казахстане в контексте эволюции формы государства // Парламентаризм в Казахстане: состояние и перспективы развития. Материалы международной научно-практической конференции. 22 ноября 2007 г. – Астана, 2008.

[712] Ниг.: Фоменко Ю., Ударцев С.Ф. Нужны ли юридической науке страны Фламмарионы? // Казахстанская правда. – 2009. – 21 апреля.

[713] Указу Президента КР от 31 мая 2023 года № 146 о «Концепция правовой политики Кыргызской Республики на 2023-2026 годы» / [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru-ru/435056 (санаи муроҷиат: 22.09.23)

оид ба омӯзиши ақидаи ҷамъият» қабул гардид[714]. Мувофиқи фармони мазкур баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии аҳоли ҳамчун самтҳои асосии сиёсати давлатӣ муайян гардид. Фармон ташкил намудани Маркази омӯзиши ақидаи ҷамъиятиро чун муассисаи ғайридавлатии илмӣ-омӯзишӣ, Маркази таблиғоти маърифати ҳуқуқӣ дар назди Донишкадаи давлатии ҳуқуқшиносии Тошкент ва шуъбаи онро дар раёсатҳои адлияи вилоят ва шаҳрҳои Тошкент, Маркази такмили ихтисоси ҳуқуқшиносон дар назди Вазорати адлияи ҶӮ -ро пешбинӣ намуд. Маркази такмили ихтисоси ҳуқуқшиносон ва таблиғи маърифати ҳуқуқӣ бо Қарори Девони Вазирони ҶӮ 21 ва 22 июли соли 1997 таъсис дода шудааст. Ҳамзамон ҳамон сол «Барномаи миллии баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа» қабул карда шуд.

Дар назди Вазорати адлияи ҶӮ соли 2012 Шурои байниидоравӣ оид ба ҳамоҳангсозии корҳои мақомоти давлатӣ оид ба таблиғи ҳуқуқӣ ва маърифатӣ таъсис дода шуд. Дар Консепсия амиқсозии минбаъдаиислоҳоти демократӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвар барои соли 2012 қабул гардидааст, ки ба зарурати таҳияи барномаи мақсадноки тадбирҳо ҷиҳати ба куллӣ беҳтар намудани таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ва маърифатӣ дар кишвар нигаронида шудааст. Бо ин мақсад лоиҳаи таҳрири нави Барномаи миллии баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа тартиб дода шудааст.

Дар ҶТ 9 апрели соли 1997 Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» бароварда шуд. Аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ қарорҳои зерин қабул гардиданд:

– Дар бораи баъзе тадбирҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ (аз 22 августи 1997);

– Дар бораи нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Паёми Президенти ҶТ (аз 25 апрели соли 2008)[715].

---

[714] Указ Президента Республики Узбекистан «Об улучшении правового воспитания, повышении уровня правовой культуры населения, совершенствовании системы подготовки кадров правоведов, улучшению работы по изучению общественного мнения» // Ведомости Олий Мажлиса Республики Узбекистан. – 1997. – №7. – Ст. 179.

[715] Ниг.: Свод законов Республики Таджикистан. – 1999. – Т.1. – С. 56-57.

Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2012 «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» тасдиқ карда шуд. Дар асоси он ҳуҷҷатҳои меъёрию барномавии зерин қабул гардиданд:

– Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф»;

– Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ»;

– Консепсияи миллии маориф дар ҶТ;

– Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имкониятҳои маҳдуд барои солҳои 2011-2015;

– Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ;

– Барномаи давлатии рушди маорифи ҶТ барои солҳои 2010-2015;

– Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ барои солҳои 2008-2015;

– Барномаи давлатии омӯзиш ва таълими забонҳои русӣ ва англисӣ дар ҶТ барои солҳои 2001-2014;

– Консепсияи сиёсати ҳуқуқи ҶТ барои солҳои 2018-2028 ва ғайра.

Дар Консепсияи миллии маориф дар ҶТ ақидаи бартарияти таълим нисбат ба омӯзгорӣ возеҳ зикр шудааст. Тибқи ин санад, заминаи методии таълимро тафаккури нави сиёсиву фарҳангӣ ташкил медиҳад, ки моҳияти он таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ ва худшиносӣ, дар ҳисси муҳаббат ба Ватан ва ватандӯстӣ, таъмини некӯаҳволии давлатдорӣ ва амнияти миллӣ, ҳифзи ягонагии давлат ва манфиатҳои миллӣ мебошад. Маориф ҷузъи ҷудонашавандаи ҳадафу вазифаҳои давлат эълон гардида, дар ташкили маорифи миллӣ саҳми зиёди масъулият ба зиммаи Вазорати маориф ва илм гузошта шудааст, ки ҷиҳати таҳкими ҷанбаи тарбиявии раванди таълим тадбирҳо меандешад.

Консепсияи миллии маориф ҷузъҳои зерини низоми маорифро муайян мекунад, аз ҷумла тарбияи ғоявӣ; ватандӯстӣ; маънавӣ; ахлоқӣ; ҳуқуқӣ; инсондӯстона; эстетикӣ; меҳнатӣ; иқтисодӣ; экологӣ ва сиёсӣ.

Тарбияи саводнокӣ бошад, алоҳида таъкид шудааст, ки зери он соҳиби донишу малака, азхуд кардани касб, савияи баланди саводнокӣ фаҳмида мешавад.

Бо мақсади татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф Барномаи давлатии таълим ва тарбияи насли наврас дар Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017, таҳия шуда, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 августи соли 2012 тасдиқ шудааст.

Дар асоси Қарори Ҳукумати ҶТ аз 23 марти соли 1995 Барномаи давлатии таълиму тарбияи экологии умумӣ, ҳамаҷониба, муттасил ва дастрас таҳия карда шуд. Дар барнома тамоми ҷараёни тарбия ва таълими томактабӣ ва мактабӣ, таълими касбӣ-техникии мутахассисон дар муассисаҳои миёна ва олӣ, баланд бардоштани ихтисосмандии онҳо бо истифода аз воситаҳои ахбори омма фаро гирифта шудаанд.

Бо Фармони Президенти ҶТ аз 31 декабри соли 2008 Консепсияи сиёсати давлатии кадрии ҶТ тасдиқ карда шуд. Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 ноябри соли 2006 Барномаи давлатии «Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони балаёқат барои солҳои 2007-2016» тасдиқ гардид, ки ба рушди сиёсати дарозмуддати давлатӣ дар ин самт нигаронида шудааст.

Самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии таълим ва тарбия дар Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони ҶТ барои солҳои 2009-2019, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 29 апрели соли 2009 тасдиқ шудааст, муайян карда шудаанд. Тавре ки аз номи барнома бармеояд, он дар асоси идеяи ягонагии тарбия ва таълим таҳия шудааст. Мақсадҳои барнома ба чунин ҳолатҳо нигаронида шудааст: тарбияи ватандӯстӣ; тарбия намудани хисси масъулият, эҳтироми Конститутсия ва қонунгузории амалкунанда; тарғиби арзишҳои демократӣ; андешаи ягонагии ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои инсону шаҳрванд; таъмини фаъолнокии сиёсии аҳолӣ; баланд бардоштани сатҳи саводнокии ҳуқуқии кӯдакон, ноболиғон, ҷавонон, донишҷӯён ва шаҳрвандоне, ки дар хизмати давлатӣ қарор доранд; тарбияи ғояҳои ҳуқуқии инсондӯстона, арзишҳои ҳуқуқии умумиинсонӣ ва миллӣ, принсипҳои баланди ахлоқӣ.

Асоси сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ «Системаи давлатии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Аввалин чунин санад дар доираи Фармони Президенти ҶТ аз 1 декабри соли 1999 «Дар

бораи амиқсозии раванди демократикунонии ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ дар ҷумҳурӣ» таҳия шудааст. Ҳуҷҷат барои бонизом васеъ намудан ва такмил додани низоми маълумотдиҳӣ, маърифатӣ ва таълими аҳолӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон нигаронида шудааст. Бояд таъкид намуд, ки аҳаммияти ҳуқуқи инсон дар давлати ҳуқуқбунёд бо эътироф, ҳимоя ва таъмини онҳо тасдиқ карда шуда, ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Давлат ухдадор аст, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз намояд. Яке аз шаклҳои иҷрои ин ухдадорӣ, ки дар сатҳи расмӣ (байналмилалӣ ва конститутсионӣ-ҳуқуқӣ) бар дӯши давлат вогузор шудааст, бунёд ва татбиқи мақсадноки сиёсат дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад. Беҳуда нест, ки дар ҶТ, се маротиба барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон қабул гардид (қарорҳои Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» (аз 12.06.2001., №272, аз 03.12.2012., №678, аз 30.12.2021., №565).

Самаранокии сиёсати ҳуқуқии таълим ва тарбия аз фаъолияти пуриқуввати институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, пеш аз ҳама, муттаҳид кардани ҷавонон вобаста аст. Ҳамин тариқ, мақсадҳои Созмони ҷавонони волонтёрони Тоҷикистон ин маълумот додан ба аҳолӣ дар бораи созмонҳои ҷавонон, ташкили лагерҳои тобистонаи таълимӣ, мусоидат ба касбомӯзии ҷавонони деҳот, тарғиби тарзи ҳаёти солим ва пешгирии ВНМО, тарбияи малакаҳои роҳбарикунанда ва ҷавонони фаъол мебошад. Дар кишвар як созмони ҷамъиятии «Насли ҷавони Тоҷикистон» вуҷуд дорад, ки соли 2008 таъсис ёфтааст, ки ҳадафаш тарбияи кӯдакону наврасон аст.

Чунин созмонҳои ҷавонон дар дигар кишварҳои ИДМ низ фаъолият доранд. Ҳамин тариқ, дар Қазоқистон Созмони «Жас Отан» («Ватани ҷавон»), қаноти ҷавонони ҳизби сиёсии Нурсултон Назарбоев «Отан». Ҳадафи Ҷунбиши ҷавонони «Камолот», ки моҳи апрели соли 2001 дар Ӯзбекистон таъсис ёфтааст, тарбияи насли нав дар руҳияи тарзи ҳаёти солим, ҳимояи манфиатҳои ҷавонон мебошад. Яке аз калонтарин ташкилотҳои ҷамъиятии Туркманистон ташкилоти ҷавонон ба номи С. Махтумқулӣ соли 1991 таъсис ёфта, бахше аз Ҷунбиши миллии «Галкиниш» («Эҳё») аст. Дар Қирғизистон ҷунбиши шаҳрвандии ҷавонони «Кел-Кел» («Эҳё») фаъолият мекунад.

## 4.4. Унсурҳои байналмилалӣ ва миллии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таълими ҳуқуқи инсон

Ҳуқуқи инсонро дар ҳоле амалӣ кардан мумкин аст, ки одамон дар бораи ҳуқуқҳои худ огоҳ бошанд ва тарзи истифодаи онҳоро донанд. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳуқуқи инсон барои татбиқи самараноки стандартҳои муқарраршуда муҳим аст. Дар воқеъ барои таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҳам дар сатҳи аврупоӣ ва ҳам байналмилалӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамоянд. Тавре ки дар боло зикр гардид, дар ин самт резолютсияҳо қабул карда мешаванд, конфронсҳо баргузор менамоянд, муассисаҳои СММ нақшаи чорабиниҳоро тасдиқ мекунанд. Дар ин самт Шурои Аврупо махсусан фаъол мебошад. Ҳамзамон барномаҳои арзишманд аз ҷониби ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ низ пешниҳод шудаанд.

Асоси сиёсати ҳуқуқии ҶТ дар самти таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсонро Барномаи умумиҷаҳонии Созмони Милали Муттаҳид оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ташкил медиҳад, ки ба таҳия намудани тавсияҳо оид ба банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳо дар ин самт нигаронида шудааст. «Омӯзиши шаҳрвандии демократӣ ва таълим дар самти ҳуқуқи инсон» яке аз лоиҳаҳое мебошад, ки аз ҷониби Шурои Аврупо амалӣ карда мешавад ва ба таҷрибаи шабакаи ҳамоҳангсозони миллӣ такя намуда арзиши муҳим дорад. Дар Осло бо номи Маркази захираҳои аврупоӣ оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандии демократӣ (Маркази аврупоии Вергеланд)[716] кушода шудааст.

Сиёсати ҳуқуқии ҶТ оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, албатта, дар асоси Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон оид ба таълим ва омодагӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон сурат мегирад. Моддаи якуми Эъломия, ки ҳуқуқи ҳар як шахсро барои донистан, дархост кардан ва гирифтани маълумот дар бораи тамоми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии

[716] Ниг.: недавнее исследование по вопросам образования в области прав человека в Европе: Claudia Mahler, Anja Mihr and Reetta Toivanen (Eds.) The United Nations Decade for Human Rights Education and the Inclusion of National Minorities, Peter Lang Verlag, Frankfurt a.M., 2008

инсон, дастрасӣ ба таҳсил ва омодагӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон муқаррар мекунад, заминаи асосӣ ба ҳисоб меравад[717].

Таълим ва омодагӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба эҳтироми умумӣ ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон бо дарназардошти умумият, ҷудонопазирӣ ва вобастагии ҳамдигар мусоидат мекунад. Ҳуқуқ ба таълим ва омодагӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҳуқуқ ба таҳсил, ба татбиқи дигар ҳуқуқи инсон мусоидат мекунад.

Барномаҳо ва чорабиниҳои миллӣ оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон нигаронида шудааст, ба:

– оммаи васеи дорои дилхоҳ сатҳи саводнокӣ ва таълим бо мақсади огоҳӣ дар бораи ҳуқуқу уҳдадориҳои худ, ки аз шартномаҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон бармеоянд;

– гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занон, кӯдакон, маъюбон, пиронсолон, ақаллиятҳо, гурезаҳо, мардуми бумӣ, камбизоатон ва шахсони гирифтори ВНМО/БПНМ;

– кормандони милитсия (политсия) ва муассисаҳои ислоҳӣ, ҳуқуқшиносон, судяҳо, омӯзгорон ва мураббиён, хизматчиёни ҳарбӣ, кормандон оид ба масоили рушд, хизматчиёни байналмилалӣ, кормандони воситаҳои ахбори омма, мансабдорони давлатӣ, вакилони парлумон ва дигар намояндагони гурӯҳҳое, ки бевосита ба амалишавии ҳуқуқи инсон таъсир мерасонанд;

– мактабҳо, донишгоҳҳо, барномаҳо ва муассисаҳои таълимии низоми омодасозии касбӣ-техникие, ки бояд дар таҳияи нақшаҳои таълимӣ оид ба масоили ҳуқуқи инсон ва воситаҳои таълимию дастурии марбут ба таҳсилоти расмӣ дар сатҳи томактабӣ, мактабҳои ибтидоӣ ва миёна, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, олӣ ва таҳсилоти калонсолон ҳавасманд ва дастгирӣ карда шаванд;

– ниҳодҳои дахлдори ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ташкилотҳои коргарон ва корфармоён, иттифоқҳои касаба, воситаҳои

---

[717] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www2.ohchr.org/english/issues/education/training/UNDHREducationTraining.htm (санаи муроҷиат: 18.09.2023с.).

ахбори омма, ташкилотҳои динӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, оилаҳо, марказҳои иттилоотии мустақил, машваратӣ ва таълимӣ ва дигар ташкилотҳое, ки бо мақсади ворид намудани маводҳои таълимӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар барномаҳои ғайрирасмӣ, ҳамзамон барои тарҳрезӣ ва татбиқи чунин барномаҳои таълимии ғайрирасмӣ мусоидат ва дастгирӣ намоянд.

Барои татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҶТ оид ба таълим ва омодагӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дигар санадҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ низ аҳаммияти муҳим доранд. Масалан, соли 1997 дар нишасти мутахассисон-амалиячиён оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Женева нақшае таҳия карда шуд, ки батадриҷ ба кӯдакон ошно кардани мафҳуми ҳуқуқи инсон вобаста ба синну сол равона шудааст. Ин нақша хусусияти машваратӣ дошта, ба омӯзгорон ва дигар кормандони низоми маориф, ки ҳуқуқи инсонро таълим медиҳанд, кумак мерасонад[718].

Донистани ҳуқуқу озодиҳо воситаи асосии таъмини эҳтироми ҳуқуқи ҳамаи одамон ба ҳисоб меравад. Дар ин замина ҳуҷҷатҳои таҳиякардаи ЮНЕСКО аҳаммияти муҳим доранд. Ин Созмон дар фаъолияти худ оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз рӯйи Барномаи умумиҷаҳонии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон фаъолият мекунад. Мутобиқи Стратегияи ЮНЕСКО таълим бояд арзишҳо, аз қабили сулҳ, роҳ надодан ба табъиз, баробарӣ, адолат, безӯроварӣ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтироми шаъну шарафи инсонро дар бар гирад. Таҳсилоти босифат, ки ба ҳуқуқи инсон асос ёфтааст, маънои онро дорад, ки ҳуқуқҳо дар ҳама сатҳҳои низоми маориф ва дар тамоми шаклҳои таълим амалӣ карда мешаванд. Муқаррароти мазкур асоси таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсонро дар ҶТ ташкил медиҳанд.

Таҷрибаи бавуҷудомадаи ҷаҳонӣ дар ин самт ба он асос ёфтааст, ки таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таълим буда, табақаҳои васеи аҳолиро фаро мегирад. Он дар чунин соҳаҳо, ба монанди раванди таълим дар мактабҳо, донишгоҳҳо, дар хизмати давлатӣ, дар мақомот ва муассисаҳои гуногуни давлатӣ, таҳсилоти ғайрирасмӣ, фаъолияти таълимии ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ карда мешавад. Мутобиқи Барномаи умумиҷаҳонии таълим

---

[718] Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:http://www.un.org/russian/hr/abc/ch1_4.html (санаи муроҷиат: 15.06.2023 с.).

дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ҷорӣ кардан ё такмил додани таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон муносибати ҳамаҷониба ба таълим ва омӯзишро талаб мекунад, ки арзишҳои ҳимояи ҳуқуқи инсонро инъикос мекунад. Ҳуқуқи инсон ҳамчун мавзуи фарогир дар тамоми фанҳо ворид карда шуда, курсҳо ва барномаҳои махсус оид ба ҳуқуқи инсон, бахусус барномаҳои бисёрсоҳавӣ ва байнисоҳавӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҷорӣ карда мешаванд. Таҷриба ва усулҳо бо роҳи иштирок фаро гирифта шудаанд. Маводҳо ва китобҳои дарсӣ арзишҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсонро, ки дар Барномаи умумиҷаҳонии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон муайян шудаанд, тарғиб мекунанд[719].

Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар ҶТ барои мусоидат ба муттаҳидшавии ҷомеа, тамоми қишрҳои иҷтимоии он, тантанаи ҳамгироии иҷтимоӣ, эҳтироми ҳамдигар ва таҳаммулпазирӣ пешбинӣ шудааст. Ин мақсадҳои таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Конфронси умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон муайян карда шудаанд (Вена, 1993). Дар ин конфронс, аз ҷумла, эътироф гардид, ки таълиму омодасозии кадрҳо, огаҳии мардум дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои ҳавасманд ва ҷорӣ намудани равобити устувору созгор байни ҷомеаҳо ва таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ ва сулҳ муҳим мебошад.

Ҳангоми татбиқи сиёсати таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон инчунин, бояд дигар тавсияҳои конфронси Венаро ба роҳбарӣ гирифт. Ҳамин тариқ, конфронси Вена ба давлатҳо тавсия намуд, ки бесаводиро решакан намуда, таълимро ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти инсон ва таҳкими эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон равона созанд. Конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба ҳуқуқи инсон бори дигар тасдиқ мекунад, ки тамоми давлатҳо уҳдадориҳои худро оид ба эҳтироми умумӣ, риоя ва ҳимояи тамоми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон мутобиқи Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, дигар шартномаҳо оид ба ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи байналмилалӣ ба роҳ мондаанд. Конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба ҳуқуқи инсон аз тамоми давлатҳо ва муассисаҳо даъват намуд, ки ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи инсондӯстона, демократия ва қонуниятро дар барномаҳои таълимии тамоми муассисаҳои таълимии

[719] Ниг.: Всемирная программа образования в области прав человека. – Нью-Йорк и Женева, 2012. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://lexed.ru/obrazovatelnoe-pravo/pravo-na-obrazovanie/detail.php?ELEMENT_ID=7125 (санаи муроҷиат: 11.08.2023 с.).

таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ дохил намоянд[720]. Ин муроҷиатҳо, ки вазифаҳои давлатро дар назар доранд, асосҳои заминавии сиёсати ҳуқуқии ҶТ ва таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсонро ташкил медиҳанд.

Дар баробари ин, таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон як ҷузъи раванди таҳсил дар маҷмуъ мебошад. Дар адабиёти илмӣ чунин ақида вуҷуд дорад, ки ҳуқуқи инсон дар зуҳуроти худ бисёрҷанба буда, аз доираи курси анъанавии омӯзиши ҳуқуқ дар муассисаҳои таълимӣ берун меравад[721]. Яъне маънои онро дорад, ки ҳуқуқи инсон бояд дар доираи курсҳои махсус омӯхта шавад.

Дар робита ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар низоми таҳсилоти олӣ, масъулияти асосӣ барои татбиқи он ба дӯши вазоратҳо ё муассисаҳои шабеҳи маориф ё таҳсилоти олӣ дар ҳамкорӣ бо дигар идораҳои давлатӣ, инчунин, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва коллеҷҳои дахлдори таълимӣ гузошта мешавад. Дигар субъектҳои калидӣ, ин иттифоқҳои касабаи омӯзгорон, иттифоқҳо ва ассотсиатсияҳои донишҷӯён, институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои иттилоотӣ оид ба таълим ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дахлдори парлумон, муассисаҳои миллии ҳуқуқҳимоявӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ғ. мебошанд[722].

Гузаронидани таҳқиқоти миллӣ оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон як қадами муҳим ва зарурии ташаккули низоми таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар кишвар мебошад. Ин дар санадҳои созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ борҳо таъкид гардидааст. Як қатор кишварҳо аллакай дар таълими ҳуқуқи инсон, таҳлили ҳамаҷониба ва мунтазами таълим дар ин соҳа таҷрибаи ғанӣ доранд. Масалан, Федератсияи Русия чунин таҷриба дорад[723]. Русия лоиҳаи «Барномаи

[720] Ниг.: Венская декларация и Программа действий от 25 июня 1993 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/viendec93.shtml (санаи муроҷиат:20.11.2023 с.).
[721] Ниг.: Болотина Т.В., Певцова Е.А., Миков П.В., Суслов А.Б. Права человека. 10-11 классы: метод. пособие для учителя. – М.: ООО «ТИД «Русское слово-РС», 2006. – 96 с.
[722] Резолюция 15/11 Совета по правам человека от 30 сентября 2010 г., в которой принят план действий на второй этап всемирной программы образования в области прав человека. 2010 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://lexed.ru/obrazovatelnoe-pravo/pravo-na-obrazovanie/rezolyutsii/detail.php?ELEMENT_ID=7119 (санаи муроҷиат:09.09.2023с.).
[723] Ниг.: Права и свободы человека в программных документах основных политических партий и объединений России. XX век. / под ред. акад. РАЕН А.Н. Аринина (отв. редактор), акад. РАЕН С.И. Семенова, акад. РАЕН В.В. Шелохаева. – М.: «Российская политическая энциклопедия» (РОССПЭН), 2003. – 496 с; Общественное мнение –

федералии амал дар соҳаи ҳуқуқи инсон», лоиҳаи «Консепсияи федералии таъмин ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон»-ро омода кардааст[724].

Тазаккур бояд дод, ки дар рафти ин гуна таҳқиқот ба иҷрои ҳуҷҷатҳои зерин диққат додан лозим аст: «Нақшаи амали даҳсолаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсони Созмони Милали Муттаҳид»; «Принсипҳои роҳбарикунанда оид ба нақшаҳои миллии амал оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон»; Стратегияи ЮНЕСКО оид ба ҳуқуқи инсон; Барномаи умумиҷаҳонии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва ғайра.

Аз замони қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон дар соли 1948 ЮНЕСКО пайваста ба ҳукуматҳо муроҷиат мекунад, ки ба ҷомеа дар бораи ҳуқуқи инсон иттилоъ диҳанд, матнҳои ҳуҷҷатҳои байналмилалиро дар мактаб ва муассисаҳои таълимӣ паҳн намоянд. Ҳуқуқ ба таҳсил дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар як қатор ҳуҷҷатҳои универсалӣ ва минтақавӣ, ки дорои хусусияти байналмилалии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мебошанд, махсусан қайд карда мешавад. Дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон соли 1948, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ соли 1966, Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо соли 1990, Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон соли 2007, Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон соли 1950 ин ҳуқуқ бевосита ифода нагардидаанд. Дар ҳуҷҷатҳои мазкур эътироф мешавад, ки ҳар кас ҳуқуқи ҷустуҷӯ, гирифтан ва паҳн кардани иттилоот ва андешаеро дорад, ки иттилоот (дониш) дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро дар бар мегирад.

Муқаррароти махсус оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар як қатор санадҳои байналмилалӣ ворид карда шудаанд. Аз ин рӯ, мувофиқи Конвенсияи байналмиллалӣ оид ба барҳам задани ҳама шаклҳои табъизи нажодӣ соли 1978 «давлатҳои иштирокчӣ уҳдадор мешаванд, ки ... дар соҳаи таълим, тарбия, фарҳанг ва иттилоот, бо мақсади …оммавӣ гардондани мақсаду принсипҳои

М.: Левада-Центр, 2007; Орджоникидзе. Западные ценности в восприятии россиян // Вестник общественного мнения. Левада-Центр, – 2007. – №2 (88).

[724] Ниг.: Федеральная концепция обеспечения и защиты прав и свобод человека (проект). – М.: НОРМА, 2000. – 96 с.

Оинномаи СММ, Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон чораҳои фаврӣ ва муассир андешанд».

Мувофиқи Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак соли 1989: «Давлатҳои иштирокчӣ уҳдадор мешаванд, ки тавассути воситаҳои мувофиқ ва муассир ҳам калонсолон ва ҳам кӯдаконро аз принсипҳо ва муқаррароти Конвенсия ба таври васеъ огоҳ созанд».

Ҳангоми гузаронидани сиёсати ҳуқуқии ҶТ дар соҳаи таълим ва омодагӣ оид ба ҳуқуқи инсон тадбирҳои зеринро, ки дар Конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба ҳуқуқи инсон (Вена, 1993) таҳия шудаанд, бояд ба роҳ монда шаванд:

– ҳамаи давлатҳо ва муассисаҳо бояд масъалаҳои ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи инсондӯстӣ, демократия ва қонуниятро ба нақшаҳои таълимии ҳамаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ дохил кунанд;

– барномаву стратегияҳои мушаххас таҳия намуда, барои таъмини таҳсилоти бештар дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва паҳн намудани маълумот дар бораи онҳо дар ҷомеа чораандеши намоянд.

Эъломия ва Барномаи амали Конфронси умумиҷаҳонии мубориза бар зидди нажодпарастӣ, табъизи нажодӣ, ксенофобия ва таҳаммулнопазирии марбут ба он, ки соли 2001 дар Дурбани Африқои Ҷанубӣ баргузор гардид, ҳамзамон ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон аҳаммияти ҷиддӣ медиҳад.

Ҳамчунин бояд муқаррароти «Эъломия дар бораи ҳуқуқ ва уҳдадории шахс, гурӯҳ ва мақомоти ҷамъиятӣ барои ҳавасманд ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, ки аз ҷониби умум эътироф шудааст», бо резолютсияи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид 8 марти соли 1999 қабул шудааст, қайд намуд. Мутобиқи ин ҳуҷҷат «давлат барои ҳавасманд ва мусоидат намудан ба таълими ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон дар ҳама сатҳҳои маориф ва таъмини масъулияти шомил намудани ҳамаи шахсон баҳри омода намудани ҳуқуқшиносон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ ва давлатӣ дар барномаҳои худ унсурҳои мувофиқ ба таълими ҳуқуқи инсон, масъул мебошад».

Тавре маълум мегардад, арзишҳои демократия, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар ҳуҷҷатҳои созмонҳои байналмилалӣ мақоми ҳадафҳо, арзишҳо, принсипҳо, меъёрҳо ва нақшаҳои амалии аз ҷониби давлатҳо, тамаддунҳо, фарҳангҳо ва халқҳои гуногун эътирофшуда мақоми умумиинсониро касб мекунанд. Эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон яке аз принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

Ин ва дигар ҳуҷҷатҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон заминаи ҳуқуқии иттилоот, таълим ва омӯзиш оид ба ҳуқуқи инсон мебошанд, зеро санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд (моддаи 10 Конститутсияи ҶТ).

Моҳи сентябри соли 2006 Кумитаи ҳамоҳангсозии байниидоравии СММ оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон таъсис дода шуд. Таъсиси он дар Нақшаи чорабиниҳо, ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералӣ 14 июли соли 2005 қабул шуда буд (Резолютсияи 59/113 B), пешбинӣ шудааст. Кумита аз 12 ташкилоти махсусгардонидашуда ва идораҳои СММ иборат мебошад: ЮНЕСКО, СБМ, Бонки Ҷаҳонӣ, БРСММ, ЮНИСЕФ, ИКОМ СММ (UNHCK), ЮНЭЙДС (UNAIDS) ва ғайра.

Дар байни дигар созмонҳои байналмилалӣ ЮНЕСКО таҷрибаи гуногун ва бойтарин оид ба пешбурди идеалҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро тавассути таълим, омӯзиш ва паҳнкунии иттилоот дорад. ЮНЕСКО аз соли таъсис худ, яъне соли 1945 нақши муҳимро дар ҳавасманд ва ҳимояи ҳуқуқи инсон бозидааст. ЮНЕСКО ҳамчун ташкилоти байналмиллалии меъёрэҷодкун санадҳои (ҳуҷҷатҳои) байналмилалиро, ки ба ваколатҳои худ мувофиқанд, таҳия ва қабул мекунад. Аз ҷониби Конференсияи генералии ЮНЕСКО зиёда аз шаст конвенсия, эъломия ва тавсияҳо қабул карда шуданд. Бештари ин санадҳо ба ҳуқуқи инсон рабт дорад, пеш аз ҳама ба ҳуқуқҳое, ки дар соҳаҳои салоҳияти ЮНЕСКО қарор доранд, дахл доранд: ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ, ҳуқуқ ба озодии андеша ва озодии сухан, аз ҷумла, ҳуқуқ ба ҷустуҷӯ, гирифтан ва додани маълумот, ҳуқуқ ба истифода аз бартариятҳои дастовардҳои илмӣ.

Баъзе ҳуҷҷатҳо бевосита ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дахл доранд. Ба онҳо дохил мешаванд:

– Тавсияҳо оид ба тарбия дар руҳияи якдигарфаҳмии байналмилалӣ, ҳамкорӣ, сулҳ ва тарбия дар руҳияи эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон» (1974);

– Эъломия ва чаҳорчӯбаи ҳамаҷонибаи амал оид ба тарбия дар рӯҳияи сулҳ, ҳуқуқи инсон ва демократия (1995);

– Эъломияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ (1995);

– Стратегияи ЮНЕСКО оид ба ҳуқуқи инсон (2003);

– Стратегияи ҳамаҷонибаи мубориза бо нажодпарастӣ, табъиз, ксенофобия ва таҳаммулнопазирӣ марбут ба он (2003).

ЮНЕСКО бар он назар аст, ки таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, худ ҳуқуқи инсон аст. Баҳри амалишавии ин ҳуқуқ зарур аст:

– ҳамроҳ намудани таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба сифати ҷузъи ҷудонашавандаи барномаҳои таълимӣ дар ҳамаи сатҳҳои таҳсилоти расмӣ;

– мусоидат намудан дар таҳия ва татбиқи нақшаҳои миллии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон;

– таҳкими ҷараёни бунёди шабака оид ба дастгирии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон.

Имрӯзҳо паҳн намудани дониш оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷониби ЮНЕСКО дар якчанд самт амалӣ карда мешавад:

– ҳавасмандгардонии пешрафти ҳуқуқи инсон тавассути таълим, омӯзиш, таҳқиқот ва иттилоот тавассути ҷоизаҳои ЮНЕСКО/Билбао барои мусоидат ба фарҳанги ҳуқуқи инсон (собиқ Ҷоизаи ЮНЕСКО оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон);

– таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, сулҳ, демократия, таҳаммулпазирӣ ва ҳамдигарфаҳмии байналмиллалӣ бо кумаки кафедраҳои ЮНЕСКО дар донишгоҳҳои кишварҳои гуногун;

– паҳн намудани дониш дар бораи санадҳои асосии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон;

– нашр ва паҳн намудани китобҳо, дастурҳо ва дигар маводҳои иттилоотӣ;

– амалӣ намудани Стратегияи ЮНЕСКО оид ба ҳуқуқи инсон дар соҳаи таълим оид ба ҳуқуқи инсон;

– баланд бардоштани сатҳи огоҳии умумӣ дар бораи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла, тавассути чорабиниҳо, ба монанди таҷлили Рӯзи ҳуқуқи инсон.

Дар доираи Шурои Аврупо тақрибан 200 конвенсия ва созишномаҳои бисёрҷониба, протоколҳои иловагӣ ба онҳо қабул карда шудаанд. Яке аз самтҳои асосии Шурои Аврупо баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа аз аҳаммияти ҳуқуқи инсон ва арзишҳои демократӣ, беҳтар намудани таълим ва маълумот оид ба ҳуқуқи инсон дар мактабҳо, донишгоҳҳо ва дигар сохторҳо мебошад. Имрӯз дар сохтори Котибот якчанд воҳидҳое мавҷуд ҳастанд, ки ба пешбурди арзишҳои демократия, ғояҳои ҳуқуқи инсон машғул мебошанд. Ба онҳо дохил мешаванд:

– Раёсати генералӣ оид ба ҳуқуқи инсон (DGII), Шуъбаи ҳамкорӣ ва огаҳӣ дар бораи ҳуқуқи инсон (баргузории тренингҳо, шиносонидани кормандони полис, судяҳо, прокурорҳо, мансабдорон, ҳомиёни ҳуқуқ бо стандартҳои аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, фаъолияти Суди Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон);

– Раёсати генералӣ оид ба маориф, фарҳанг, мерос, ҷавонон ва варзиш, Шуъбаи омӯзиш оид ба шаҳрвандии демократӣ ва ҳуқуқи инсон (таълим дар низомҳои расмӣ: мактабҳо, донишгоҳҳо);

– Маркази аврупоии ҷавонон (таҳсилоти ғайрирасмии ҷавонон, барномаҳои иштироки иҷтимоӣ, омӯзиши тренерҳо оид ба ҳуқуқи инсон).

Шурои Аврупо таҳсилоти ҳуқуқи инсонро дар заминаи васеъ ва байнисоҳавӣ арзёбӣ мекунад. Ҳамин тариқ, афзалиятҳои бахши ҷавонон инҳоянд:

– таълим оид ба ҳуқуқи инсон ва муколамаи байнифарҳангӣ;

– иштироки ҷавонон ва шаҳрвандии демократӣ;

– ягонагии иҷтимоӣ ва ҷалби ҷавонон ба ҳаёти ҷамъиятӣ;

– рушди сиёсати ҷавонон.

Дар сатҳи Кумитаи Вазирон ва Ассамблеяи Парлумонии Шурои Аврупо дар соҳаи таълим оид ба ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандии демократӣ қариб даҳ тавсияҳои махсус қабул карда шудааст. Ҳамин тавр, соли 1999 аз ҷониби Шурои Аврупо «Эъломия ва барномаи тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи демократия, дар асоси огоҳии онҳо аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ» қабул гардид. Дар Эъломия муқаррар шудааст: маорифе, ки ба ташаккули тарбияи шаҳрвандии демократӣ нигаронида шудааст, бояд ҷузъи ҷудонашавандаи тамоми сиёсат ва амалияи соҳаи маориф, таълим ва фарҳанг бошад.

Дар соли 1997 Шурои Аврупо лоиҳаи ҳамаҷонибаи «Тарбияи шаҳрвандии демократӣ тавассути таълим»-ро оғоз кард, ки барои таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон нигаронида шудааст. Соли 2005 аз ҷониби Шурои Аврупо соли аврупоии шаҳрвандӣ тавассути таълим бо шиори «Зиндагӣ ва омӯхтани демократия» эълон карда шуд.

Моҳи ноябри соли 2007 дар Страсбург вохӯрии минтақавии аврупоӣ оид ба Барномаи умумиҷаҳонии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон баргузор гардид. Мулоқот аз ҷониби Шурои Аврупо дар ҳамкорӣ бо Дафтари Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон, ЮНЕСКО ва САҲА/ДИДҲИ (Дафтари институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон) ташкил карда шуд. Ҳадафи вохӯрӣ мусоидат ба давлатҳои аъзои Шурои Аврупо ва САҲА дар ташаккул ва татбиқи стратегияи миллии амалишавии Барномаи ҷаҳонии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва дигар уҳдадориҳои дахлдор буд.

Дар қатори ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, як қатор ҳуҷҷатҳои Конфронси Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҷои махсусро ишғол мекунанд. Ҳамин тариқ, дар Санади хотимавии ИАҲА (Хелсинки, 1975) давлатҳои иштирокчӣ принсипҳои муносибатҳои мутақобиларо эълон намуда, махсусан қайд карданд, ки «онҳо ҳуқуқи шахсро барои донистани ҳуқуқу уҳдадориҳои худ дар ин самт ва мувофиқи он амал намуданро, тасдиқ мекунанд».

Дар натиҷа, ин ҳуқуқ дар доираи ҷараёни Хелсинки борҳо тасдиқ карда шуданд: дар мулоқоти Мадрид соли 1980, дар нишасти Вена соли 1989, дар музокироти Копенгагени Конфренсияи ченаки инсонии ИАҲА соли 1990, дар Хартияи Париж барои Европаи нав соли 1990 ва ғайра.

Дар ҷаласаи Маскав Конференсия оид ба ченаки инсонии ИАҲА, ки тирамоҳи соли 1991 баргузор гардид, сию ҳашт давлати иштирокчӣ ба хулосае омаданд, ки таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон аҳаммияти муҳим дорад. Дар ин бобат бисёр зарур аст, ки ба шаҳрвандони онҳо дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, инчунин, уҳдадориҳо оид ба эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмиллалӣ зикргардида маълумот дода шавад. Онҳо эътироф карданд, ки таълими муассир дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба мубориза бар зидди таҳаммулнопазирӣ, таассуби динӣ, нажодӣ ва этникӣ ва бадбинӣ, ксенофобия ва антисемитизм мусоидат мекунад. Бояд таъкид намуд, ки таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон аҳаммияти бунёдӣ дорад, на таълим дар соҳаи экология, дар соҳаи технологияҳои компютерӣ, ки барои ҷаҳони муосир низ ниҳоят муҳим мебошанд.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ шубҳа надорад, ки таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар татбиқи онҳо саҳми бузург дорад. Муқаррарот дар бораи таълим оид ба ҳуқуқи инсон дар бисёр санадҳои байналмилалӣ, ҳам хосияти шартномавӣ дошта ва ҳам меъёрҳои ҳуқуқии «мулоим» ворид карда шудаанд. То имрӯз дар соҳаи таълим оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон тақрибан чиҳил санад аз ҷониби СММ, ЮНЕСКО, Шурои Аврупо, ИАҲА/САҲА қабул карда шудааст.

Таҳқиқот оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон низ вусъат ёфта истодааст. Масалан, дар адабиёт баҳри муайян намудани мафҳуми «таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» кӯшишҳо ба харҷ дода шудаанд. Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз ҷониби Б. Алменов чунин муайян карда шудааст: «таълим, омодагӣ ва фаъолияти иттилоотӣ-фаҳмондадиҳӣ, ки мақсади он тарбия намудани фарҳанги умумии

ҳуқуқи инсон мебошад»[725]. Ба гуфтаи муаллиф, таълими муассир дар соҳаи ҳуқуқи инсон на танҳо ҳамчун манбаи дониш дар бораи ҳуқуқи инсон ва механизмҳои ҳимояи он хизмат мекунад, балки малакаҳои заруриро барои ҳавасманд, ҳимоя ва иҷрои ҳуқуқи инсон дар ҳаёти ҳаррӯза ташаккул медиҳад. Дар баробари ин, таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон инчунин, муносибатҳо ва тарҳҳои рафтореро, ки барои ҳимояи ҳуқуқи инсон заруранд, ҳавасманд мекунад[726].

Ба андешаи як гурӯҳ муаллифон, таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон инҳоро дар бар мегирад: а) дониш ва малака – омӯзиши ҳуқуқи инсон ва механизмҳои таъмини ҳимояи онҳо, инчунин, аз худ намудани малакаҳои татбиқи онҳо дар ҳаёти ҳаррӯза; б) арзишҳо, равишҳои ҷаҳонбинӣ ва моделҳои рафтор – таҳияи арзишҳо ва таҳкими равишҳои ҷаҳонбинӣ ва моделҳои рафтор, ки ҳуқуқи инсонро ҳимоя мекунанд; в) амал – андешидани тадбирҳои мушаххас оид ба ҳимоя ва мусоидат ба омӯзиши ҳуқуқи инсон[727].

Яке аз самтҳои асосии мусоидат ба ҳуқуқи инсон ин таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад. Пас аз қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон Ассамблеяи Генералӣ аз давлатҳои аъзо ва тамоми қишрҳои ҷомеа даъват намуд, ки барои паҳн кардани ин санади бунёдӣ ва огаҳии мардум аз мундариҷаи он чораҳои зарурӣ андешанд. Конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба ҳуқуқи инсон соли 1993 низ аҳаммияти таълим, омода намудани кадрҳо ва огоҳии ҷомеаро бори дигар тасдиқ кард.

Дар посух ба даъвати Конфронси умумиҷаҳонӣ, Ассамблеяи Генералӣ соли 1994 давраи солҳои 1995-2004-ро Даҳсолаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон эълон намуд. Ассамблея изҳор дошт, ки «таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон бояд аз паҳн кардани иттилооти одӣ берун бошад ва бояд як раванди муттаҳид ва давомдор бошад, ки дар доираи он одамон дар ҳама сатҳҳои рушд қарор

---

[725] Ниг.: Алменов Б.А. Образование в области прав человека // Международный журнал экспериментального образования. – 2013. – № 4. – С. 146.
[726] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 146.
[727] Ниг.: Образование в области прав человека в России, включая образование в области профилактики ВИЧ/СПИДа: аналитический отчет / под ред. А.Я.Азарова. – М.: Московская школа прав человека, 2008. – С. 65.

дошта, намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа бояд шаъну шарафи инсонии дигаронро эҳтиром намуда, воситаҳо ва чӣ гуна ин эҳтиромро дар тамоми ҷомеаҳо таъмин карданро донанд.

Дар нашрияҳои хориҷӣ таърифҳои зиёди таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва муносибат ба онҳо пешниҳод гардидааст. Ҷомеаи байналмилалӣ соли 1994 ба таърифи мувофиқашудаи «таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» омад. Он дар «Нақшаи амал оид ба Даҳсолаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 1995-2004» инъикоси худро ёфт. Баъдан ин таъриф дар Барномаи умумиҷаҳонии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар соли 2005 дуруст ва васеъ карда шуд[728].

Нақшаи амал барои даҳсола мафҳуми таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсонро дар бар мегирад, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мувофиқа шудааст ва дар асоси муқаррароти санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон асос ёфтааст[729].

Тибқи ин санадҳо, таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон саъю кӯшиш дар соҳаи таълим, омӯзиш ва иттилоот мебошад, ки барои ташаккули фарҳанги фарогири ҳуқуқи инсон тавассути табодули дониш, омӯзиши малакаҳо ва ташаккули мавқеъ амалӣ карда мешавад.

Ҳадафҳои зерини таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон муайян карда мешаванд:

а) таҳкими эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон;

б) инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти инсон ва ҳисси қадри инсонӣ;

в) мусоидат ба ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ, баробарии мардон ва занон ва дӯстӣ байни ҳамаи миллатҳо, халқҳои бумӣ ва нажодӣ, гурӯҳҳои миллӣ, этникӣ, динӣ ва забонӣ;

---

[728] План действий на Десятилетие образования в области прав человека ООН. 1995-2004 годы. Документ ООН A/49/184 от 23 декабря 1994 года. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/rights/abc/ch1_3.shtml (санаи муроҷиат: 03.08.2023 с.).; Пересмотренный проект плана действий на первый этап (2005-2009 гг.) Всемирной программы образования в области прав человека. Документ ООН A/59/525/Rev.1 от 2 марта 2005 года. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.ohchr.org/ru/resources/educators/human-rights-education-training/world-programme-human-rights-education-2005-ongoing/first-phase-2005-2009-world-programme-human-rights-education-plan-action-first-phase-2005-2009 (санаи муроҷиат: 09.09.2023 с.).

[729] Всеобщая декларацию прав человека. (статья 26.2), Международный пакт об экономических, социальных и культурных правах (статья 13.1), Конвенция о правах ребёнка (статья 29.1), Венская декларация и Программа действий (раздел D, пункты 78-82).

г) таъмини имконияти иштироки самаранок ба тамоми одамон дар ҷомеаи озод ва демократӣ, ки дар он ҳуқуқ ҳукмрон аст;

ғ) бунёд ва пойдории сулҳ;

д) таъмини рушди устувор ба манфиати ҷомеа ва адолати иҷтимоӣ[730].

Нақшаи амал барои Даҳсола стратегияи пешбурди таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон тавассути баҳодиҳии эҳтиёҷот ва коркарди стратегияҳоро дар бар мегирад; таҳия ва таҳкими иқтидор ва барномаҳо дар сатҳи байналмилалӣ, минтақавӣ, миллӣ ва маҳаллӣ; ҳамоҳангсозии таҳияи маводи таълимӣ; пурзур намудани нақши воситаҳои ахбори омма ва паҳн намудани Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон дар тамоми ҷаҳон.

Даҳсола дар соҳаи ҳуқуқи инсон (1995-2004) бо ташаббуси СММ аз соли 1995 оғоз гардид. Сипас тасмим гирифта шуд, ки Даҳсола ба марҳилаи дуюм (2005-2015) бо дарназардошти арзёбии натиҷаҳои дар марҳилаи аввал (1995-2004) бадастомада идома дода шавад[731].

Бояд қайд намуд, ки таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар фаҳмиши СММ ба эҷоди фарҳанги фарогири ҳуқуқи инсон тамаркуз мекунад. Ҳама гуна кӯшиш (амал), фаъолияти маъмурияти мактаб ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти инсон нигаронида шудааст. Низоми педагогӣ барои поймол кардан ва паст задани шаъну шарафи инсон нигаронида нашудааст.

Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон навъҳои гуногун дорад. Навъҳои зерини таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҷудо карда мешаванд: «таҳсилоти расмӣ», «таълими ғайрирасмӣ». Зери «таҳсилоти расмӣ» (formal education) таҳсил дар мактаб, таълими касбӣ-техникӣ ва таҳсилот дар донишгоҳ фаҳмида мешавад. «Таълими ғайрирасмӣ» (non-formal education) ба омӯзиши калонсолон ва шаклҳои таълими дар боло зикргардидаро пурра мекунанд, ба монанди тавассути хидматрасонии ҷамъиятӣ ва корҳои беруназсинфӣ. Зери мафҳуми дигари

[730] Ниг.: Документ Организации Объединенных Наций A/51/506/Add.1, добавление, пункт 2.
[731] Интернет-сайт Верховного Комиссара ООН по правам человека: [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.ohchr.org/Documents/Publications/HRTreaties2ru.pdf (дата обращения: 20.11.2023с.); Интернет-сайт ООН: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.un.org/russian/hr/abc/ch1_3.html (санаи муроҷиат: 20.11.2023с.).

«таҳсилоти ғайрирасмӣ» (informal education) фаъолияте дар назар дошта мешавад, ки берун аз низоми маориф ба амал баровaрда мешавад, ба монанди фаъолияти ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ[732].

Барномаи ҷавонони Шурои Аврупо оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон таснифоти болозикрро риоя мекунад[733].

Тарбия дар руҳияи таҳаммулпазирӣ аз омӯзиши одамон оғоз меёбад, ки ҳуқуқу озодиҳои умумии онҳо чӣ гунаанд, то ки амалишавии ин ҳуқуқҳо ва таҳкими ҳимояи ҳуқуқи дигарон таъмин гардад. Мафҳуми таҳаммулпазирӣ дар таърифҳои ЮНЕСКО, пеш аз ҳама маънои муносибати фаъолро дорад, ки дар заминаи эътирофи ҳуқуқи умумии инсон ва озодиҳои асосӣ ташаккул ёфтааст. Таҳаммулпазирӣ ин уҳдадории мусоидат ба тасдиқи ҳуқуқи инсон мебошад. Изҳори таҳаммулпазирӣ бо эҳтироми ҳуқуқи инсон мувофиқат мекунад[734].

Дар баробари ин, фарҳанги сулҳ ҳамчун маҷмуи арзишҳо, ҷаҳонбинии созгор, анъанаҳо, навъҳои рафтор ва тарзи зиндагӣ як категорияи хеле васеъ буда, ба ин маъно эҳтиром ва тарғиби ҳамаҷонибаи ҳамаи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсонро дар бар мегирад[735].

Шурои Аврупо доираи васеи фаъолият ва чорабиниҳоро барои дастгирии рушди таълим, барои тарбияи шаҳрвандии демократӣ ва таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар давлатҳои узви худ оғоз кардааст. Ин самт аз соли 1997 ба соҳаи афзалиятноки Шурои Аврупо табдил ёфтааст[736].

---

[732] Ниг.: Пересмотренный проект плана действий на первый этап (2005-2009 гг.) Всемирной программы образования в области прав человека Документ ООН A/59/525/Rev.1 от 2 марта 2005 года. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.ohchr.org/ru/resources/educators/human-rights-education-training/world-programme-human-rights-education-2005-ongoing/first-phase-2005-2009-world-programme-human-rights-education-plan-action-first-phase-2005-2009 (санаи муроҷиат: 09.09.2023с.).

[733] Ниг.: КОМПАС: Пособие по образованию в области прав человека с участием молодежи. Council of Europe, Council of Europe Publishing, Будапешт, 2002. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.coe.int/compass (санаи муроҷиат: 18.04.2023с.).

[734] Ниг.: Декларация принципов терпимости от 16 ноября 1995 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/toleranc.shtml (санаи муроҷиат: 09.09.2023с.).

[735] Ниг.: Декларация и Программа действий в области культуры мира. Документ ООН A/RES/53/243 от 6 октября 1999 года. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/culture_of_peace.shtml (санаи муроҷиат: 18.09.2023с.).

[736] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.coe.int/T/E/Cultural_Co-operation/education/E.D.C/ (санаи муроҷиат: 11.11.2023с.).

Нашрияи «Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар низоми мактабҳои Аврупо, Осиёи Марказӣ ва Амрикои Шимолӣ: маҷмӯаи мисолҳои таҷрибаҳои муваффақ» таҷрибаи хуби 101 давлат дар соҳаи таълим оид ба ҳуқуқи инсон дар мактабҳои ибтидоӣ, миёна ва муассисаҳои омӯзгориро дар бар мегирад.

Ба гуфтаи ин нашрия, таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ба мисли тарбияи шаҳрвандии демократӣ ва тарбияи эҳтиром ва ҳамдигарфаҳмӣ барои тамоми ҷомеаҳои мо ҳаётан муҳим мебошад. Вай ба баробарҳуқуқӣ, васеъ намудани ҳуқуқ ва ваколатҳои шахс, иштироки ҳамаи шаҳрвандон дар ҳаёти ҷамъиятӣ, ҳамчунин ба пешгирӣ ва бартараф намудани низоъҳо мусоидат мекунад[737].

Дар нашрияи ишорашуда мафҳуми «таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» аксаран ба маънои васеъ истифода шуда, тарбияи шаҳрвандии демократӣ, тарбия дар руҳияи эҳтироми мутақобила, ҳамдигарфаҳмӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалии қабулшудаи ҳуқуқи инсонро дар бар мегирад.

Ҳамчунин ин се самт дар доираи низоми таълим баҳри омода намудани насли ҷавон ба ҳам алоқаманд ва зарур мебошанд. Он барои рушд ба сифати намояндагони фаъол, масъулиятшинос ва ғамхори ҷомеа дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ ва байналмилалӣ нигаронида шудааст.

Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҳамчун таълим, омӯзиш ва иттилоот муайян карда шуда, ба ташаккули фарҳанги умумии ҳуқуқи инсон нигаронида шудааст. Таълими ҳамаҷонибаи ҳуқуқи инсон на танҳо дониш дар бораи ҳуқуқи инсон ва механизмҳои ҳимояи онро медиҳад, балки малакаҳои заруриро барои пешбурд, ҳимоя ва амалишавии ҳуқуқи инсонро дар ҳаёти ҳаррӯза таъмин менамояд.

Тарбияи шаҳрвандии демократӣ ба ҷавонон ва калонсолон барои иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷомеа дар асоси принсипҳои демократия, инчунин, амалӣ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ дар ҷомеа мусоидат мекунанд. Тарбия дар руҳияи эҳтиром ва ҳамдигарфаҳмӣ муҳиммияти худбаҳодиҳӣ, эҳтиром ба дигарон ва беҳтар намудани

---

[737] Ниг.: Образование в области прав человека в школьной системе Европы, Центральной Азии и Северной Америки: сборник примеров успешных практик Опубликовано: Бюро ОБСЕ по демократическим институтам и правам человека (БДИПЧ), 2009. – С. 7.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.osce.org/odihr (санаи мурољиат: 25.08.2022с.).

муносибатҳои байни одамонро, ки намояндагони анъанаҳои гуногуни фарҳангӣ мебошанд, таъкид мекунад[738].

Фаъолияти САҲА дар соҳаи таълим оид ба ҳуқуқи инсон дар доираи ӯҳдадориҳои САҲА амалӣ карда мешавад. Муқаррароти дахлдор бори аввал ба Санади хотимавии Хелсинки (1975) дохил карда шуда, баъдан бо Ҳуҷҷати Копенгаген (1990), Ҳуҷҷати Москва (1991) ва Хартияи Истанбул оид ба амнияти Аврупо (1999) тасдиқ карда шудаанд. Байни ҳуҷҷатҳои калидии навтарин Қарори Шурои вазирони САҲА №11/05 «Дар бораи мусоидат ба фаъолияти таълимӣ-маърифатии ҳуқуқи инсон дар минтақаи САҲА»-ро дар бар мегирад. Дар доираи Лоиҳаи ДИДҲИ «Таълим дар соҳаи эҳтиром ва фаҳмиши мутақобила» (2005-2006) маълумот ва маводҳо оид ба фаъолиятҳои таълимӣ-маърифатӣ дар мавзӯи таҳаммулпазирӣ, тарбия дар рӯҳияи эҳтиром ба дигар фарҳангҳо ва ҳуқуқи инсон дар низоми мактабҳои давлатӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил карда шудааст.

Намояндагони САҲА дар маҳалҳо, ҳамзамон лоиҳаҳои мушаххаси таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, тарбияи шаҳрвандии демократӣ ва тарбия дар руҳияи эҳтиром ва ҳамдигарфаҳмиро бо ташаббуси худ ё дар доираи дастгирии чорабиниҳои ташкилотҳои ғайридавлатии маҳаллӣ ва байналмилалӣ ва мақомоти давлатӣ таҳия мекунанд.

Шурои Аврупо дорои таҷрибаи ғанӣ дар самти дастгирӣ ва рушди тарбияи шаҳрвандии демократӣ ва таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад. Амалишавии лоиҳаи «Тарбияи шаҳрвандии демократӣ ва таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» соли 1997 оғоз ёфт. Такони сиёсӣ ба ин лоиҳа соли 2005 аз ҷониби Саммити сеюм дар Варшава дода шуд, ки дар ҷараёни он сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо даъват ба амал оварданд, ки «тадбирҳои таълимии Шурои Аврупо таҳким бахшида шаванд, то ки таъмини дастрасии ҳамаи ҷавонон ба таҳсил дар саросари Аврупо, мусоидат

[738] Ниг.: Образование в области прав человека в школьной системе Европы, Центральной Азии и Северной Америки: сборник примеров успешных практик Опубликовано: Бюро ОБСЕ по демократическим институтам и правам человека (БДИПЧ), 2009. – С. 9.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.osce.org/odihr (санаи муроҷиат: 25.08.2022с.).

барои беҳтар намудани сифати он, аз ҷумла, таълими ҳамаҷониба дар соҳаи ҳуқуқи инсон пурзур карда шаванд».

Натиҷаҳои фаъолияти Шурои Аврупо аз матнҳои ҳуқуқӣ ва эъломияҳои сиёсии аз ҷониби давлатҳои аъзо қабулшуда, инчунин, дастурҳои амалӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни тарбияи шаҳрвандии демократӣ ва таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон иборат мебошанд. Ҳангоми таҳияи дастурҳо таҷрибаи пешқадами кишварҳои гуногуни Аврупо истифода шуда, маводҳо аз ҷониби гурӯҳҳои мақсаднок санҷида ва такмил дода мешаванд.

Хартияи Шурои Аврупо оид ба тарбияи шаҳрвандии демократӣ ва таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон (аз ҷониби вазирони корҳои хориҷии давлатҳои аъзои Шурои Аврупо соли 2010 қабул шудааст) натиҷаи ҳамкориҳои чандинсолаи байниҳукуматӣ буда, ҳамчун роҳнамо барои фаъолияти оянда дар ин самт хизмат мекунад. Шурои Аврупо дар доираи Барномаи умумиҷаҳонии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон бо СММ ҳамкории зич дорад[739].

Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар асоси ваколатҳои Идораи Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон (ИКОҲИ СММ) дар самти мусоидат ва ҳимояи самараноки амалишавии ҳама ҳуқуқҳои инсон аз ҷониби ҳама одамон мебошад. Илова бар ин, Комиссари Олӣ барои ҳамоҳангсозии барномаҳои таълимӣ ва иттилоотии ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон масъул аст (Қатъномаи 48/141 Ассамблеяи Генералии СММ).

Идораи Комиссари Олӣ тавассути ситод-қарордоди худ дар Женева ва шуъбаҳо дар маҳалҳо барномаҳои таълимӣ оид ба ҳуқуқи инсонро амалӣ намуда, дар ин самт ба ҳукуматҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ кумак мерасонад. Идора таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсонро тавассути тадбирҳои зерин мусоидат мекунад:

---

[739] Хартия Совета Европы о воспитании демократической гражданственности и образовании в области прав человека (принятая министрами иностранных дел стран-членов Совета Европы в 2010 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.coe.int/ru/web/compass/council-of-europe-charter-on-education-for-democratic-citizenship-and-human-rights-education (санаи муроҷиат: 15.06.2023с.).

– мусоидат ба табодули иттилоот байни ҳамаи субъектҳо ва таъсиси шабакаҳо, аз ҷумла, тавассути истифода аз «Махзани маълумот ва ҷамъоварии захираҳо оид ба таълим ва тарбия дар соҳаи ҳуқуқи инсон»;

– дастгирии иқтидори миллӣ ва маҳаллии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон тавассути лоиҳаи «Кумак ба ҷомеа», ки дар доираи он бо ташаббусҳои сатҳи маҳаллӣ кумаки молиявӣ расонида мешавад;

– таҳияи маводҳо оид ба таълим ва омӯзиш дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои гурӯҳҳои гуногуни мақсаднок;

– паҳн намудани Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон;

– ҳамоҳангсозии Барномаи умумиҷаҳонии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон[740].

Мутобиқи Оинномаи ЮНЕСКО, вазифаи асосии созмон «мусоидат ба таҳкими сулҳу амният тавассути тавсеаи ҳамкориҳои байни халқҳо дар соҳаҳои маориф, илм ва фарҳанг ба манфиати таъмини эҳтироми умумӣ ба адолат, қонуният ва ҳуқуқи инсон, инчунин, озодиҳои асосие, ки дар Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид эълон шудааст, барои ҳамаи халқҳо, сарфи назар аз нажод, ҷинс, забон ва дин» ба ҳисоб меравад[741].

Соли 2003 санади «ЮНЕСКО ва таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» таҳия гардида, ба Стратегияи умумии ЮНЕСКО дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ки дар ҷаласаи 32-юми Конференсияи генералии он қабул гардида буд, дохил карда шуд. Дар доираи Барномаи умумиҷаҳонии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ЮНЕСКО ба давлатҳои аъзо дар таҳияи сиёсат, стратегияҳо, нақшаҳои амал ва барномаҳое, ки таълими ҳуқуқи инсонро таъмин мекунанд, кумак мерасонад.

Ҳавасмандии созмон ба мушкилоти таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон бо он далел тақвият бахшида мешавад, ки он дар ҳаракати «Таълим барои ҳама» нақши

[740] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.ohchr.org. (санаи муроҷиат: 15.10.2023с.).
[741] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000382500_rus(санаи муроҷиат: 15.10.2023с.).

калидӣ дорад. Вай ба туфайли фарогир ва ба таъмини сифат, ба мазмун ва ҷараёни таълим, инчунин, ба масъалаҳои дастрасӣ ба он диққати махсус медиҳад[742].

Ҳамкорӣ дар соҳаи таълим яке аз самтҳои афзалиятноки муносибатҳои Иттиҳоди Аврупо ва ҶТ мебошад. Таҳсилоти умумӣ ва касбӣ-техникӣ ҳамчун як самти нави ҳамкориҳои дуҷониба барои солҳои оянда интихоб гардидааст. Дастгирии Иттиҳоди Аврупо дар ин самт тавассути татбиқи 3 лоиҳа дар тули солҳои 2014-2020 ба маблағи умумии 75 миллион евро амалӣ карда шуд.

Соҳаи маориф яке самти муҳимми ҳамкориҳои дуҷонибаи Иттиҳоди Аврупо ва ҶТ ба ҳисоб меравад. Ҳуҷҷати асосии танзимкунандаи ҳамкории мутақобила дар ин самт Барномаи бисёрсолаи индикативӣ барои солҳои 2014-2020 мебошад, ки дар он бахши маориф ҳамчун афзалият муайян карда шудааст. Ҳамчунин, дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон, ки давраҳои қаблиро дар бар мегирифт ва Стратегияи нав, ки то соли 2030 дар назар дошта шудааст, афзалиятҳои кишварро тавассути рушди соҳаи маориф ва ҳамчунин таҳсилоти касбӣ-техникӣ дақиқ муайян карда шудааст.

Аз ин рӯ, барои боз ҳам таҳким бахшидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 5-уми августи соли 2023 тасдиқ шудааст, қабул карда шуд.

Ин иқдоми навбатии давлат ва Ҳукумати ҶТ барои рушди ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд саривақтӣ буда, аз сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шаҳодат медиҳад. Стратегияи мазкур самтҳо, ҳадафҳо ва афзалиятҳои асосиро дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои 15 соли оянда муайян менамояд.

---

[742] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.unesco.org/en/human-rights-education. (санаи муроҷиат: 20.06.2023с.).

Бояд зикр намуд, ки дар доираи ҳуҷҷати мазкур маҷмуи чорабиниҳое пешбинӣ шудаанд, ки барои рушди минбаъдаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҶТ мусоидат хоҳанд кард.

Ҳуҷҷати номбурда воситаи самараноки амалӣ гардонидани сиёсати ягона дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тибқи Конститутсияи ҶТ ба шумор меравад.

Қабули ин санади нави ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимоя аз табъиз, аз байн бурдани зӯроварӣ дар оила ва дигар поймолкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҶТ равона гардидааст.

Ҳамзамон, Стратегияи мазкур ба ташаккули муносибати эҳтиромона ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таҳкими минбаъдаи нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Бояд гуфт, ки Иттиҳоди Аврупо соҳаи маорифро на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар бисёре аз кишварҳои дигари ҷаҳон низ дастгирӣ мекунад. Ғайр аз ин, дар масъалахои тарбияи байнисарҳадӣ ва байналмилалӣ тадбирҳо ба амал баров珍 мешаванд.

Афзалияти асосии намояндагии ИА дар Тоҷикистон таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таълими касбӣ-техникӣ мебошад, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илм, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҷумҳурӣ идора карда мешаванд. Иттиҳоди Аврупо диққати худро ба ду бахш тамаркуз карда, се соҳаро муайян кардааст:

1. Омода намудан ва бозомӯзии муаллимони муассисаҳои маълумоти умумӣ ва устоҳои таълими касбӣ дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ.

2. Таҳияи стандартҳои мушаххаси баҳодиҳии муваффақият ва дониши хонандагон.

3. Банақшагирӣ ва буҷетикунонии захираҳои ба низоми маориф нигаронидашуда.

Лоиҳаи «Дастгирии ислоҳоти соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» моҳи феврали соли 2017 оғоз гардида, барои 42 моҳ пешбинӣ шудааст. Соҳаи маориф, ки рушди кишвар дар маҷмуъ аз рушди он вобаста аст, як самти нави ҳамкориҳои Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон мебошад[743].

Дар давраи пасошуравӣ барои пурзур намудани фаъолият дар соҳаи таълим оид ба ҳуқуқи инсон тадбирҳои воқеӣ андешида шуданд. Дар ин самт дар тамоми кишварҳои пасошуравӣ, масалан, дар Федератсияи Русия стандартҳои давлатии таълими ҳуқуқи инсон таҳия гардида, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ ба табъ расидаанд[744].

Рушди фаъоли аз бар намудани масоили ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон низ аз давраи пасошуравӣ оғоз мешавад. Ҳамин тариқ, дар солҳои 90-уми асри XX ва дар солҳои минбаъда бисёр санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, ки ба рушди соҳаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон мусоидат намуда, барои пешбурди он корҳои зиёде ба анҷом расонида шуданд.

Дар як қатор қонунҳои ҶТ меъёрҳое мавҷуданд, ки ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, қонунҳои конститутсионӣ ва ҷорӣ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ», «Дар бораи судҳои ҶТ », «Дар бораи хизмати давлатӣ»,«Дар бораи милитсия», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва ғайраҳо. Ҳамзамон стратегияҳои давлатӣ, консепсия ва барномаҳое, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи таълими ҳуқуқи инсон дар асоси арзишҳои умумиинсонӣ, аз қабили эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром ва риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, дар насли наврас тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ҳувияти миллӣ ва ғ.

---

[743] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://news.tj (санаи мурочиат: 20.08.2023с.).

[744] Муфассал ниг.: Образование в области прав человека в России: аналитический отчет. – М., 2008; Общественное мнение – М.: Левада-Центр, 2007; Погонина О. Программа и методические рекомендации к спецкурсу «Права человека» (Специальность «Учитель истории и обществознания»). – Калуга, 2008; Права человека: учебное пособие для студентов. Специальность «Учитель истории и обществознания». – Калуга, 2008; Дьячкова С., Луховицкий В., Силин Ю. Программа и методические рекомендации к спецкурсу «Права человека». Специальность «Учитель начальных классов». – Калуга, 2008; Права человека: учебное пособие для студентов. Специальность «Учитель начальных классов». – Калуга, 2008.

Моддаи 10 Конститутсияи ҶТ соли 1994 афзалияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро нисбат ба қонунҳои ҷумҳурӣ муқаррар кардааст. Тоҷикистон давлати иштирокчии як қатор шартномаҳои бунёдии ҳуқуқи инсони Созмони Милали Муттаҳид мебошад, ки аз ҷумла, ухдадориҳои рушди таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсонро дар бар мегирад. ҶТ ба кумитаҳои гуногуни СММ оид ба вазъи корҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла, ҷараёни таълим ҳисоботҳои даврӣ пешниҳод менамояд.

Ҳамасола дар Тоҷикистон чандин чорабиниҳои бузург оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон баргузор мешавад, масалан, дар робита ба таҷлили санаи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсони СММ. Дар татбиқи лоиҳаи Созмони Милали Муттаҳид «Мусоидат ба рушди таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шуданд. Дар ҷумҳурӣ оид ба ҳуқуқи инсон конференсияҳо, семинарҳо, озмунҳо, тренингҳо оид ба ҳуқуқи инсон гузаронида шуда, маводи таълимӣ, методӣ ва маълумотӣ таҳия ва нашр карда шудаанд.

Дар давраи пасошуравӣ таҳсилоти ғайрирасмӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон бо суръати баланд инкишоф ёфт. Табиист, ки нақши пешбарандаро ташкилотҳои ҳуқуқҳимоявӣ ва институти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ки аз миёнаҳои солҳои 90-уми асри гузашта, аз ҷумла, дар ҶТ инкишоф ёфта истодааст, бозиданд. Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони ҷумҳурӣ ва мақомоти маҳаллӣ барои мусоидат ба соҳаи ҳуқуқи инсон фаъолона иштирок мекунанд. Шаклҳои маъмултарини ин фаъолият кор бо муроҷиатҳои шаҳрвандон, қабули шахсӣ, баромадҳо дар ВАО, нашри ҳуҷҷатҳо, маводи таҳлилӣ ва иттилоотӣ, аз ҷумла, интишори гузоришҳо оид ба вазъи ҳуқуқи инсон, инчунин, гузоришҳо оид ба прблемаҳои доғи рӯз мебошанд. Ба китобхонаҳо, мактабҳо, маҳбасхонаҳо ва ғайра китобҳо, овезаҳо ва дигар маҳсулоти чопие, ки дастгоҳи Ваколатдор нашр мекунад, фиристода мешавад. Кормандони дастгоҳи Ваколатдор дар мактабу донишгоҳҳо оид ба ҳуқуқи инсон лекцияҳо хонда, ба фаъолияти клиникаҳои ҳуқуқшиносӣ мусоидат мекунанд. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамчун миёнарав дар муколамаи ҳомиёни ҳуқуқ ва сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла, оид ба пешбурди таълими низомнок дар соҳаи ҳуқуқи инсон баромад мекунад. Чунин

вазифаҳоро Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, ки ба наздикӣ дар ҶТ таъсис дода шудааст, иҷро мекунад.

Мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки 27 феврали соли 2008 қабул карда шудааст, мансаби Ваколатдор бо мақсади таҳкими кафолатҳои конститутсионии ҳимояи давлатии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мусоидат намудан ба риоя ва эҳтироми онҳо аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони мансабдори онҳо ва шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, таъсис дода мешавад.

Дар моддаи 11 Қонуни мазкур вазифаҳои асосии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон муқаррар карда шудаанд, ки аз мусоидат намудан ба:

а) риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

б) барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд;

в) такмили қонунгузории ҶТ оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

г) баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шаклҳо ва воситаҳои ҳифзи он;

д) ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатии ҶТ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

е) дастрасӣ ба иттилоот, баррасӣ ва санҷиши мурoҷиатҳои шахсони воқеӣ оид ба ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот;

ё) рушд ва ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тасдиқ кардан ё ҳамроҳ шудани ҶТ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон мебошад.

Бо мақсади иҷрои вазифаҳои худ Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон маълумотро аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, инчунин, шаҳрвандони алоҳида, воситаҳои ахбори омма ҷамъ ва таҳлил менамояд.

Дар моддаи 12-и Қонуни мазкур ваколати зерини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мустаҳкам карда шудааст:

а) бе монеа ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), корхонаҳо, муассиса ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин, қисмҳои ҳарбӣ, муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) нигоҳдории муваққатӣ, «изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) тафтишотӣ, марказҳои ҷойгиркунии муҳоҷирони хориҷӣ ё шахсони паноҳҷӯянда, муассисаҳое, ки ёрии иҷтимоӣ, тиббӣ ё равонпизишкӣ мерасонанд ва дигар ҷойҳои маҳдудкунии озодӣ, дигар сохтору муассисаҳои ҳарбӣ, ки дар ҳудуди ҶТ воқеанд, ташриф намояд;

б) аз роҳбарон ва шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон маълумотҳои зарурӣ, ҳуҷҷатҳо ва маводҳоро талаб карда гирад;

в) аз роҳбарон ва шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, оид ба масъалаҳое, ки дар рафти баррасии шикоят муайян карда мешавад, ба истиснои судяҳо нисбати санадҳои судӣ баёнот гирад;

г) мустақилона ё якҷоя бо мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, шахсони мансабдори давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ санҷиши фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) нигоҳдории муваққатӣ, «изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) тафтишотӣ, марказҳои ҷойгиркунии муҳоҷирони хориҷӣ ё шахсони паноҳҷӯянда, муассисаҳое, ки ёрии иҷтимоӣ, тиббӣ ё равонпизишкӣ мерасонанд ва дигар ҷойҳои маҳдудкунии озодӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳоро, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон гузаронад;

д) ба мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ва муассисаҳои илмӣ барои гузаронидани таҳқиқоти экспертӣ оид ба масъалаҳое, ки дар рафти баррасии шикоят муайян карда мешаванд, дастур диҳад;

е) бо парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки вобаста ба онҳо санадҳои судӣ эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, инчунин, бо парвандаҳои қатъгашта ё маводе, ки оид ба онҳо аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудааст, бо риояи талаботи қонунгузории ҶТ дар бораи ҳифзи маълумотҳое, ки дорои сирри давлатӣ, тафтишотӣ, тиҷоратӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда мебошанд, шинос шуда, аз онҳо маълумоти заруриро рӯйнавис ё нусхабардорӣ кунад.

Оид ба масъалаҳои салоҳияти худ Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳуқуқи қабули бетаъхир аз ҷониби роҳбарон ва шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин, шахсони ҳайати фармондиҳии сохторҳои ҳарбӣ, шахсони ҳайати роҳбарикунандаи тавқифгоҳҳо, маъмурияти ҷойҳои нигоҳдории муваққатӣ ва маҳрумӣ аз озодӣ, ки дар ҳудуди ҶТ воқеанд, истифода менамояд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳуқуқ дорад дар иҷлосияҳо, ҷаласаҳои якҷоя ва алоҳидаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, инчунин, дар маҷлисҳои Ҳукумати ҶТ ва дигар мақомоти давлатӣ иштирок намояд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ё бо супориши хаттии ӯ корманди Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳуқуқ доранд бо риояи талаботи қонунгузории ҶТ дар маҷлисҳои тамоми марҳилаҳои судӣ, аз ҷумла, маҷлисҳои пӯшидаи судӣ иштирок намоянд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон метавонад оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсоне, ки бинобар вазъи саломатӣ ё дигар сабабҳои узрнок қобилияти мустақилона истифода бурдани воситаҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои худро надоранд, ба суд ва ё дигар мақомоти дахлдори давлатӣ муроҷиат намояд, аз ҷумла, аризаи даъвогӣ пешниҳод кунад.

Бо мақсади мусоидат кардан ба барқароркунии ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон шикоятҳои шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро (минбаъд мурочиаткунандагонро) нисбат ба қарор ё амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ, роҳбарон ва шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро вайрон кардаанд, баррасӣ менамояд, агар мурочиаткунанда нисбат ба ин қарор ё амали (беамалии) ба тариқи судӣ ё маъмурӣ шикоят карда бошад, вале бо қарори оид ба шикояти ӯ қабулгардида розӣ набошад.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон уҳдадор аст ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), шахсони мансабдор, ки дар қарор ё амали (беамалии) онҳо вайронкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайян карда шудааст, хулосаи худро, ки дорои тавсияҳо нисбат ба имкониятҳо ва чораҳои зарурии барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои мазкур мебошад, ирсол намояд (моддаи 18 Қонуни мазкур).

Мутобиқи Қонуни ҶТ «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 16 апрели соли 2012 қабул шудааст) Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳуқуқ дорад ба мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдори салоҳиятдор бо пешниҳод оид ба қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо мурочиат намояд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон метавонад, ба Суди Олии ҶТ ва Суди Олии иқтисодии ҶТ ҷиҳати додани тавзеҳоти дастурӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон мурочиат намояд.

Фаъолият оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз ҷониби ташкилотҳои ҳуқуқҳимоявӣ низ амалӣ карда мешаванд. Онҳо барои мурочиаткунандагон машваратҳо медиҳанд, масъалаҳои гуногуни ҳуқуқи инсонро мефаҳмонанд, китобҳо, брошюраҳо, варақаҳои маълумотӣ ва дигар адабиёт оид ба ҳуқуқи

инсонро нашр мекунанд. Кормандон ва волонтёрони як қатор ташкилотҳо барои шунавандагони гуногун (мактаббачагон, донишҷӯён ва ғайра) оид ба ҳуқуқи инсон лексияҳо мехонанд. Якчанд ташкилотҳо оид ба ҳуқуқи инсон намоишҳо ташкил ва мегузаронанд.

Дар ҶТ дар самти инкишофи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон қадамҳои устувор гузошта шудааст. Низоми ҳуқуқии кунунии ҶТ, аз ҷумла, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, дар маҷмуъ ба иҷрои вазифаҳои таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон мувофиқат мекунад.

Муқаррароти мавҷуда барои таҳсил дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар мактабҳо ва донишгоҳҳо имконият фароҳам меорад. Барои мактабу донишгоҳҳои олӣ як қатор барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, методӣ ва маълумотномаҳо тартиб дода шудаанд. Дар мактабҳои таҳсилоти миёна ва донишгоҳҳои олии ҷумҳурӣ курсҳои махсус оид ба ҳуқуқи инсон таълим дода шуда, ба талабагон дониш дар соҳаи ҳуқуқи инсон дода мешавад. Таълими ғайрирасмӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон бо суръати тез инкишоф меёбад.

Масъалаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон вазифаи бевоситаи давлат барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии ҳуқуқии худ, инчунин, мактабу донишгоҳҳо мебошад. Донистани ҳуқуқи инсон бояд ба таълими умумигуманитарӣ, умумифарҳангии омода намудани ҳар як донишҷӯ дар донишгоҳҳо ворид карда шавад. Бо ин мақсад дар стандарту барномаҳои давлатии таҳсилот аз рӯи ҳамаи ихтисосҳо ва ҳамаи зинаҳои таҳсилот таълими ҳуқуқи инсон ҷорӣ карда шудааст.

Таълими омӯзгорон оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон вазифаи муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Ба ин мақсад таҷрибаи дохил намудани масъалаи ҳуқуқи инсонро дар барномаҳои таълимии донишҷӯ-омӯзгорони ҳамаи ихтисосҳо, ҳамчун ҷузъи тайёрии ибтидоии омӯзгорон муҳим меҳисобем.

Бешубҳа, ҳуҷҷати ибтидоӣ ва бунёдии фаъолият дар соҳаи таълим оид ба ҳуқуқи инсон Конститутсияи ҶТ ба ҳисоб меравад, ки соли 1994 қабул карда шудааст. Доктринаи муосири ҳуқуқӣ ва Конститутсияи Тоҷикистон ба консепсияи ҳуқуқи фитрӣ ва баробарӣ дар асоси ҳуқуқҳои фитрии ҳамаи одамон

асос ёфтааст. Муқаррароти конститутсионӣ оид ба инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ асосҳои идеологии тамоми раванди ислоҳот, озодиҳои иқтисодӣ, гуногунандешии сиёсӣ, давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд. Ҳуқуқу озодиҳое, ки дар Конститутсияи ҶТ муқаррар шудаанд, ба меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшуда мувофиқат мекунанд.

Қонунгузории муосири Тоҷикистон принсипҳои эҳтироми ҳуқуқи инсонро муқаррар намуда, дар ҳама санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба ҳуқуқ ва озодиҳои гуногуни инсон дахл доранд, дорои дониш оид ба ин ҳуқуқҳо будани иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқиро талаб менамояд. Як қатор қонунҳо муқаррар мекунанд, ки намудҳои алоҳидаи фаъолияти давлат ба принсипҳои афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амали бевоситаи онҳо, вазифаи мақомоти давлатӣ оид ба эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд асос ёфтаанд.

Дар маҷмуъ, санадҳои меъёрии асосии ҶТ дар соҳаи таълим бешубҳа тамоми заминаҳои заруриро барои ташкили кори таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон фароҳам меоранд. Онҳо ба нуктаҳои аз тарафи умум қабулшуда, аз ҷумла, ба идеяҳои Конференсияи умумиҷаҳонӣ оид ба ҳуқуқи инсон мувофиқанд. Ин конференсия, аз ҷумла, бори дигар тасдиқ мекунад, ки давлатҳо вазифадоранд кафолат диҳанд, ки низоми таълим ба таҳкими эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон нигаронида шуда бошад ва ин бояд дар сиёсати соҳаи таълим дар сатҳи миллӣ ва ҳам байналмилалӣ инъикос ёбад[745].

Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 12 июни соли 2001 «Барномаи низоми давлатии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шуд. Он дар асоси принсипҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳои Даҳсолаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон (1995-2004), ки бо резолютсияи 49/184 Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид эълон шудааст, таҳия гардидааст. Барнома доираи васеи вазифаҳоро муайян кардааст, ки ба таъмини шаклҳои гуногуни таҳсилоти ҳуқуқи инсон қариб ба тамоми қишри аҳолӣ нигаронида шудааст.

[745] Венская Декларация и Программа действий, часть I, пункт 33.

Беҳуда нест, ки дар ҶТ се маротиба барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон қабул гардид (қарорҳои Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» (аз 12.06.2001., №272, аз 03.12.2012., №678, аз 30.12.2021., №565).

Тазаккур бояд дод, ки барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба тадриҷ тавсеа ва такмил додани низоми иттилоотӣ, таълиму тарбия дар соҳаи ҳуқуқи инсон, гузаштан ба сатҳи сифатан нави омодасозии мутахассисон тибқи талаботи қонунгузории миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ нигаронида шудааст.

Барномаи таълимӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба таълими (омӯзиши) ҳуқуқи инсон дар низоми маориф, курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон, судяҳо, мансабдорони давлатӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ дар ҳама сатҳҳо дахл дорад.

Мақсад ва вазифаҳои асосии Барнома иборатанд аз мусоидат ба: эҳтиром, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон; таҳкими ҳамкориҳои байни мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; риоя ва таъмини принсипҳои роҳбарикунандаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар низоми маориф, барномаҳои таълимии судяҳо, низоми хизмати давлатӣ, воситаҳои ахбори омма, ҷавонон; ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон; тақвияти омӯзиши фанни ҳуқуқи инсон дар низоми маориф, барномаҳои таълимии судяҳо ва низоми хизмати давлатӣ; таҳия ва амалисозии барномаҳои таълимӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои ҷавонон ва намояндагони воситаҳои ахбори омма; тавсеа бахшидани иқдомҳои амалишуда ҷиҳати татбиқи арзишҳо ва стандартҳои ҳуқуқи инсон дар низоми маориф, барномаҳои таълимии судяҳо, низоми хизмати давлатӣ, ҷавонон ва воситаҳои ахбори омма; таъсиси шабакаҳо ва ба танзим даровардани ҳамкориҳои байни ташкилотҳои маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ; такмили барномаҳои таълимии вазорату идораҳо дар

соҳаи ҳуқуқи инсон ва идома додани фаъолият дар самти тайёр кардани кадрҳо ҷиҳати тақвият додани низоми таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон; таъсиси махзани ягонаи маълумот оид ба ҳуқуқи инсон.

Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

1. Барои низоми маориф: тақвият бахшидани фаъолияти Вазорати маориф ва илми ҶТ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак; мунтазам таҷдиди назар намудани мутобиқати маводи мавҷудаи таълимӣ ва методӣ бо меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон; такмили барномаҳои таълимӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ бо дарназардошти меъёрҳои санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон; ташкил ва муҷаҳҳаз гардонидани кабинетҳои фаннӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ; дар доираи имкониятҳо зиёд намудани соатҳои дарсӣ аз фанни ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ; тақвият бахшидани ҳамкориҳои Вазорати маориф ва илми ҶТ бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ дар самти таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ ва маводи таълимию методӣ оид ба ҳуқуқи инсон; таъминоти мунтазами китобхонаҳо ва марказҳои иттилоотии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ бо маводи вобаста ба ҳуқуқи инсон; дар китобхонаҳои муассисаҳои таълимӣ сохтани гӯшаҳои алоҳида иборат аз адабиёт роҷеъ ба ҳуқуқи инсон; барои кормандони соҳаи маориф ва илм гузаронидани семинару тренингҳо оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон; ҷорӣ намудани курси таълимӣ оид ба ҳуқуқи инсон барои ҳамаи омӯзгорони фанҳои гуманитарӣ дар сохторҳои такмили тахассуси омӯзгорон; натиҷагирӣ ва баҳодиҳии даврии сифати таълим ва сифати такмили ихтисос оид ба ҳуқуқи инсон; мусоидат намудан ба таъсиси шабакаи байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба мубодилаи доимии таҷриба дар соҳаи ҳуқуқи инсон; инъикос намудани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва раванди таълими ҳуқуқи инсон дар воситаҳои ахбори омма; дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва

миёнаи касбӣ ба роҳ мондани таҳияи маводи методӣ ва таълимӣ оид ба ҳуқуқи инсон, гӯшаҳои иттилоотӣ, ки муқаррароти конунгузориро оид ба ҳуқуқи инсон инъикос менамоянд; ташкил ва гузаронидани онлайн-дарсҳо; ташкил ва гузаронидани маҳфилҳо, клубҳои музокиравӣ, марказҳои машваратӣ, курсҳои тобистонаи донишҷӯён ва талабагон, олимпиадаҳо, озмунҳо, конференсияҳои илмию амалӣ оид ба ҳуқуқи инсон; таҳия ва нашри фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи инсон бо забони давлатӣ; мусоидат намудан ба таъсиси бурсия (грант)-ҳои давлатӣ ва ҷалби бурсия (грант)-ҳои хориҷӣ барои тадқиқот дар соҳаи ҳуқуқи инсон; мусоидат ба баланд бардоштани сифати таълим ва усули таълими ҳуқуқи инсон.

2. Барои мақомоти судӣ: дар барномаҳои таълимии Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии ҶТ ба роҳ мондани омӯзиши ҳуқуқи инсон бо ҷалби судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳои ҶТ (бо фарогирии Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ); дар доираи давраҳои такмили ихтисос дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии ҶТ омӯзиши меъёрҳои миллӣ ва байналмилалӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва баланд бардоштани сатҳи дониши тахассусӣ ва малакаи касбии судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо дар ин самт.

3. Барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ: омода намудани мураббиҳо ва устодон оид ба ҳуқуқи инсон аз доираи васеи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва сохторҳои ҳарбӣ, ки барои риоя, ҳифз ва татбиқи ҳуқуқи инсон масъулияти хос доранд; омода намудани кормандони илмӣ дар самти ҳимоя ва таъмини ҳуқуқи инсон аз ҳисоби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва сохторҳои ҳарбӣ; ба роҳ мондани такмили ихтисоси мураббиҳо ва устодон оид ба ҳуқуқи инсон дар дохил ва хориҷи кишвар; омода ва нашри маводи илмӣ, таълимӣ, таълимӣ-методӣ, маҷмуи масъалаҳо, тестҳо, маҷмуаи стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон; ба роҳ мондани усули нави таълим; ба роҳ мондани чорабиниҳои илмӣ, аз қабили конференсияҳо, форумҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар, викторинаҳо, озмунҳо ва ғ.; ба роҳ мондани омӯзиши ҳуқуқи инсон дар ҳамаи сохторҳои таълимӣ

ва такмили ихтисос; ҳангоми озмуни ишғоли вазифа барои довталаб ҳамчун талаботи ҳатмӣ ҷорӣ намудани дониши ҳуқуқи инсон.

4. Барои хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ: ҷорӣ намудани курсҳои махсус, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос оид ба ҳуқуқи инсон барои гурӯҳҳои мақсаднок; ба роҳ мондани ҳамкориҳо оид ба расонидани ёрии методӣ ва амалӣ ба мақоми ваколатдори хизмати давлатии Тоҷикистон дар таҳияи барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон; интихоб ва тайёр намудани хизматчиёни давлатии дахлдор, ки қобилияти муносибат кардан бо гурӯҳҳои мақсадноки соҳаи ҳуқуқи инсонро доранд; таъсиси механизми мониторинг, таҳлил ва арзёбии таълим оид ба ҳуқуқи инсон дар бахши хизмати давлатии шаҳрвандӣ; ҷорӣ намудани блоки саволҳо оид ба ҳуқуқи инсон ба рӯйхати саволҳои аттестатсияи даврии хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ.

5. Барои ҷавонон: ташаккули ҷаҳонбинӣ ва мафкура бо роҳи тарбияи ҷавонон дар самти шинохти бештари манфиатҳои миллӣ ва ҳисси оштинопазирӣ ба терроризму экстремизм, коррупсия, нашъаҷаллобӣ ва намудҳои дигари ҷинояткорӣ; ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати таъмини ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии ҷавонон; фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати гирифтани таҳсилоти ҳуқуқӣ барои ҷавонон; таъмини рушди эҷодкории ҷавонон бо роҳи ҳавасмандгардонии онҳо тавассути ташкил ва гузаронидани озмунҳо, форумҳо ва ғ.; мусоидат дар баргузор намудани чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ-фароғатӣ, машваратӣ-психологӣ дар байни ҷавонон бо мақсади дар руҳияи таҳаммулпазирӣ ва волоияти қонун тарбия намудани онҳо; мусоидат дар баргузор намудани семинарҳои машваратӣ ва омӯзишӣ вобаста ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии ҷавонон ва таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо; мусоидат барои дастгирӣ ва тарбияи ҷавонони оворагард, ҷавонони аз оилаҳои камбизоат, ятим ва қишри дигари осебпазири ҷомеа дар шакли моддӣ ва молиявӣ.

Раванди татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсонро Шурои ҳамоҳангсозии байниидоравӣ, ки аз ҷумлаи намояндагони вазорату идораҳо, муассисаҳои таълимии дахлдор ва дигар ташкилотҳо таъсис дода мешавад, таъмин

менамояд. Ҳамоҳангсозии умумии фаъолияти иҷрокунандагони Барнома ба зиммаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ вогузор карда мешавад.

Мутобиқи Консепсияи миллии мақсадноки илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба рушди инсон, таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013-2028, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 июли соли 2013 тасдиқ карда шудааст – ин раванди иҷтимоикунонии ташаккули шаҳрванд тавассути азхудкунии мафҳумҳо, меъёрҳо ва арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин, малакаҳои татбиқи онҳо дар шароити мушаххаси таърихӣ ва миллӣ-давлатӣ.

Дар ин ҳуҷҷат таъкид мешавад, ки таҳқиқоти махсусгардонидашудаи илмӣ бояд омили муҳимтарини иҷтимоикунониии шаҳрванд – тарбияи шаҳрвандиро фаро гирад. Низоми махсуси таълиму тарбия бояд инҳоро дар бар гирад: таҳия ва навсозии курсҳои таълимӣ; тайёр намудани омӯзгорон; таҳсили шаҳрвандон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ; ба низом даровардани ақида ва мавқеи дигар иштирокчиёни ин ҷараён (оила, ташкилотҳои иҷтимоию сиёсӣ, институтҳои динӣ, васоитаи ахбори омма, гурӯҳҳои касбӣ, гурӯҳҳои манфиатдор); таъсири мутақобилаи шахс, ҷамъият ва давлат.

Низоми таҳсилоти шаҳрвандӣ дар ҶТ аз низоми муассири институтсионалии иҷтимоикунонии шаҳрвандӣ, ки дар давлатҳои демократии пешрафта бо мақсади рушди дониш ва қобилияти инсон ташаккул ёфтааст, бармеояд. Аз ҷумла, дар ҳуҷҷати фавқуззикр барномаи таълими шаҳрвандон дар мактабҳои миёна ва олӣ ба намудҳои зерин тақсим намудааст: таълими расмӣ; таълими махсус (бевосита ба мавзуъ бахшида шудааст); омӯзиши ғайрирасмӣ (қарорҳои шаҳрвандӣ, ки ба раванди таълими умумӣ дохил шудаанд).

Мутобиқи ин ҳуҷҷат рушди таълими шаҳрвандӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар марҳилаи аввал қарор дорад. Дар ҷумҳурӣ низоми институтсионалии ҷамъиятикунонии шаҳрвандон ба вуҷуд наомадааст, аз ин рӯ, ташаккули ин институт ба низом дароварда нашудааст. Ҳамин тариқ, дар мактабҳои таҳсилоти умумии ҶТ аз соли 2006 ба ҷои фанни инсон ва ҷомеа, ки дар рушди донишҳои махсус ва ҳаёти иҷтимоии шаҳрванд мусоидат менамуд, фанни ҳуқуқи инсон ҷорӣ

карда шуд. Ба андешаи тахиягарони консепсияи фавкуззикр, фанни хукуки инсон танхо бо таълими донишхои хукукӣ махдуд аст, харчанд барои васеъ намудани донишхои зарурӣ дар байни хонандагон дар сохаи хаёти шахрвандӣ, самтхои ахлокию равонии онхо омӯзиши фанни инсон ва чомеа мухим аст.

Бо максади таъмини самаранокии тарбияи шахрвандӣ дар консепсияи мазкур таъсиси инфрасохтори шахрвандӣ пешниход шудааст, ки инхоро дар бар мегиранд:

а) низоми таълими шахрвандӣ;

б) низоми татбик: технологияхои интихоботӣ (фаъол ва ғайрифаъол), механизмхои иштироки шахрвандон дар кабули карорхо, дигар механизмхои сиёсӣ, ичтимоӣ ва фардии иштироки шахрвандон дар идоракунии давлат.

Мутобики банди 51 Консепсияи мазкур дар раванди таълиму тарбия бояд инхо ба назар гирифта шаванд: низоми чамъоварии маълумот набояд шарти баланд бардоштани тахассус ва тачрибаи корӣ хисобида шавад; азхудкунии дониш бояд чузъи таркибии фарханги чамъият эътироф карда шавад; роххои фаъол гардондани хаёти занон берун аз истехсолот тахкик карда шаванд; ахаммияти мавкеи зан дар чомеа бояд аз чихати илмӣ тахкик карда шавад; асоснок кардани афзалияти сохахое, ки ба таблиғ ва пахн намудани тарзи хаёти солим мусоидат мекунанд; дар асоси тахкикоти илмӣ ахаммияти хамкорӣ бо институтхои ғайридавлатии чомеаи шахрвандӣ бояд асоснок карда шавад; дар назди Академияи илми тиб вазифаи таъхирнопазир гузошта шавад, ки дар сохаи нигахдории тандурустӣ дуруст ташкил намудани тахкикоти илмӣ; дар барномахои Созмони Чахонии Тандурустӣ мафхуми «саломатӣ» на танхо «бемор нашавед»-ро ифода мекунад, балки холатеро низ дар назар дорад, ки дар он инсон худро аз чихати чисмонӣ ва рухӣ хушбахт мехисобад. Аз ин рӯ, тахлили тиббию антропологӣ лозим аст, ки одам чӣ тавр ба ин холат расида метавонад; хамачониба таъмин намудани шароити моддию маънавӣ дар чараёни инкишофи инсон бояд боиси хамачониба инкишоф ёфтани кобилияти хар як аъзои чамъият гардад.

Дар раванди таълим дар сохаи хукуки инсон Комиссияи назди Хукумати ЧТ оид ба таъмини ичрои ухдадорихо дар сохаи хукуки инсон низ иштирок менамояд. Мутобики Низомномаи Комиссияи мазкур, ки аз чониби Хукумати ЧТ тасдик

шудааст, яке аз вазифаҳои Комиссияи назди Ҳукумати ҶТ оид ба таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон мусоидат намудан ба паҳн кардани дониш дар бораи ҳуқуқи инсон[746].

Яке аз субъектҳои фаъоли сиёсати ҳуқуқии ҶТ дар соҳаи таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи Шурои ҷамъиятии ҶТ, ки 27 январи соли 2017 баргузор гардид, қайд намуданд, ки дар кишвар 7 ҳизби сиёсӣ ва қариб 2500 ташкилоти ҷамъиятӣ фаъолият мекунад. Ба гуфтаи сарвари давлат, ин ташкилотҳо пешниҳодҳои созандаро амалӣ карда, саъй доранд, ки соҳаҳои мухталифи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии кишварро рушд диҳанд. Гузашта аз ин, Президенти ҶТ пешниҳод намуд, ки ба масъалаи ҳимояи сулҳу субот таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда, таблиғи ин арзишҳои олии ҳаётӣ дар ҷомеа, бахусус миёни наврасону ҷавонон васеъ карда шавад. «Имрӯз Шурои ҷамъиятӣ, таъкид карданд Президенти ҶТ, – дар атрофи худ неруҳои созандаи Тоҷикистонро муттаҳид намуда, дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини адолати иҷтимоӣ корҳои зиёдеро анҷом медиҳад. Зарур аст, ки муассисаҳои он низ барои баланд бардоштани дониши ҳуқуқии аҳолӣ фаъолона талош варзанд»[747].

Дар Консепсияи миллии таҳқиқотӣ оид ба ҳадафҳои рушди инсон, таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013-2028 қайд карда шудааст: ҳадафи ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҶТ аз он иборат аст, ки арзишҳои он дар фарҳанг ва ҳуввияти миллии шаҳрвандони ҶТ ва зуҳуроти иҷтимоӣ ба монанди «ҳуқуқи инсон», «волоияти ҳуқуқ», «таҳаммулпазирӣ» ва ғайра барои ҳар як шаҳрванд фаҳмо бошад. Дарки амиқи ин мафҳумҳо дар ҳаёти иҷтимоии Тоҷикистон як пешрафти ҷиддӣ дар роҳи ошноӣ бо тамаддуни умумиинсонӣ мегардад.

[746] Ниг.: Искандаров Ш.Ф. Ташаккул ва инкишофи ниҳодҳои махсусгардонидашудаи давлатӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: автореф. дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2019. – 23.
[747] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://asiaplus.tj (санаи муроҷиат: 20.08.2023с.).

Мутобиқи ин ҳуҷҷат, шартҳои зарурии ташаккули низоми институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ инҳоянд: таҳияи механизмҳои самарабахши татбиқи амалии ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар ҶТ; муҳайё намудани шароити воқеии иқтисодӣ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ барои рушди моликияти хусусӣ; ташаккули шароити муосири иҷтимоию фарҳангии пешравии ҷомеаи тоҷик бо роҳи пешрафт бо дарназардошти тағйироти куллии фарҳанги умумӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии ҷомеаи тоҷик, ки бояд мавзуи таҳқиқоти илмӣ гардад.

Ҳуҷҷати мазкур аз он бармеояд, ки дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҶТ фароҳам овардани шароит барои фаъолияти эҷодии шахс нақши босазо дорад.

Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон бояд бо дарназардошти анъанаҳои миллӣ, арзишҳои таърихии фарҳанги ҳуқуқии миллӣ амалӣ карда шавад. Ҳалли ин мушкилот ба дарки дурусти меъёрҳои ғарбӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мувофиқи ҳувияти миллии аҳолии бумии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Асоси консептуалии ҳалли ин масъала Консепсияи таълими этнофарҳангӣ дар ҶТ мебошад, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 18 феврали соли 1998 тасдиқ карда шудааст.

Тибқи Консепсияи мазкур таълими этнофарҳангӣ – самти зарурии арзишҳои ҳар як давлат буда, аз омилҳои объективии ҳувияти миллӣ ва ташаккули сохтори нави миллӣ-давлатӣ ба вуҷуд омадааст. Тарбияи этнофарҳангӣ раванди худшиносии фарҳангӣ ва этникии халқ ва табдили этногенез ба этногенези фарҳангӣ мебошад, ки тавассути он шахс бо таърихи этникии халқи худ шинос мешавад. Мақсади асосии таълими этнофарҳангӣ ноил шудан ба муттаҳидшавии миллати тоҷик, инчунин, тамоми миллату халқҳои дигари истиқоматкунандагони Тоҷикистон дар доираи як давлати ягона мебошад.

Тавре ки маълум аст, ҳуқуқи инсон ба ташаккули инсон, иҷтимокунонӣ, камолоти ӯ, рушди мақоми иҷтимоии шахс мусоидат мекунад. Ин нуктаро ба назар гирифта, консепсияи мазкур таъкид мекунад, ки арзишҳои маънавию моддӣ, назарияҳои прогрессивӣ ва шаклҳои беназири тафаккури эҷодии халқ бояд дар шароити нав баҳри такмили инсон ҳамчун манбаи пешрафти ҳақиқии ҷамъият хизмат кунанд. Ба бозёфтҳои барҷастаи илмии мутафаккирони бузурги Осиёи Миёна – Ал-

Хоразмӣ, Ат-Тирмизӣ, Ибни Сино, Берунӣ, Форобӣ, Розӣ ва ғайра тафсири нав ва объективӣ додан лозим аст.

Мазмуни аксиологии ҳуқуқи инсон аз чунин арзишҳои умумиинсонӣ, ба мисли озодӣ, баробарӣ, адолат ва ғайра иборат аст. Дар баробари ин, ин арзишҳо ҳамчун талаботи табиии ҳуқуқӣ амал карда, натиҷаи таҳаввулоти таърихии чандинасраи фарҳанги бисёр халқҳо мебошанд. Тоҷикон дар тули таърихи чандинасраи худ дар ташаккули арзишҳои умумиинсонӣ низ саҳм гузоштаанд. Дар асоси ин, дар Консепсияи таълими этнофарҳангӣ дар ҶТ ҳадафи стратегии раванди таълими этнофарҳангӣ чунин муайян гардидааст: «эҳёи чунин категорияҳои фалсафию эстетикӣ, аз қабили РУҲИЯВӢ (маънавият), ОЗОДӢ (озодии руҳӣ) ва ФИДОКОРӢ (футувват), ки таърихан дар неруи зеҳнии халқи тоҷик ҷой гирифтаанд, дар муайян кардани тафаккури воқеии мардуми тоҷик ва эътиқоди онҳо ба оянда ва некбинии таърихии миллӣ».

Ҳамзамон, арзишҳои фарҳанги миллии тоҷикон метавонанд дар доираи ҳамгироии фарҳангӣ-тамаддунӣ бо дастовардҳои дар ганҷинаи арзишҳои умумиинсонӣ ҷойдошта амалӣ шаванд. Дар асоси ин муқаррарот дар Консепсияи таълими этнофарҳангӣ дар ҶТ таъкид шудааст:

«Стратегияи таъмили этнофарҳангӣ бояд саъю кӯшишҳои умумиинсониро ба ғояҳои инсонпарварӣ, ки ба ҳамгироии мероси ғании маънавии халқи тоҷик бо тамоюлҳои ҷаҳонии демократӣ, бо фарҳанги ҷаҳонӣ нигаронида шудааст, пурра фаро гирад.

Ҳуқуқ дар баробари дигар ҷузъҳои арзишманди фарҳанг дар ташаккул, тарбия ва таълими инсон нақши асосиро мебозад. Мутобиқи Консепсияи таълими этнофарҳангӣ дар ҶТ муҳимтарин унсури этнофарҳанг ҳуқуқ буда, ҳангоми такмили низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ «зарур аст, ки нуқтаи назари динӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва фалсафие, ки дар ҷамъият мавҷуданд, дар назар дошта бошад».

## ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқи диссертатсионӣ **хулосаҳои** зерин пешниҳод мешаванд:

1. Ташаккулу инкишофи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар раванди ҷустуҷӯи шакли дурусти муносибати мутақобилаи одамон миёни худ ва бо давлат сурат гирифтааст. Эътирофи расмӣ, таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷараёни инкишофи давлатдорӣ ва таҳкими пояҳои ҳуқуқии он имконпазир гаштааст. Давлат дар таъмину ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши ҳалкунанда дорад. Айни замон ба раванди мазкур робитаи мутақобилаи давлат ва шахс, аз ҷумла тарзҳои демократии ташкили ҳаёти ҷомеа таъсири ҳалкунанда мерасонанд. [**8-М**]

2. Ташаккули ҳуқуқу озодиҳои инсон аз шарту шароитҳои мушаххаси давлатҳои алоҳида, сатҳи инкишофи ҷомеа, тамаддуни ҳукмфармо, сатҳи шуури ҷамъиятӣ ва омилҳои дигар вобастагӣ дорад. Ба мазмун ва моҳияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ба таври назаррас сохти ҷамъиятӣ, шакли давлат, вазъи сиёсӣ, вазифаҳо, мақсад ва функсияҳои давлат, ин ё он намуди мафкура (идеология), назарияҳо (назарияҳои ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон ва ғайра) таъсир расонидаанд. Ин раванд аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон падидаи тағйирпазир буда, доимо дар ҳолати инкишоф қарор доранд. [**7-М**]

3. Робитаи давлат ва шахс дар тули ҳазорсолаҳо диққати мутафаккирон, олимон ва муҳаққиқонро дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба худ ҷалб намудааст. Танҳо дар давлати ҳуқуқбунёд инсон бо ҳуқуқ ва озодиҳои худ расман ҳамчун арзиши волотарини иҷтимоӣ эътироф мегардад. Дар роҳи ташаккули робитаи судманди давлат ва шахс назарияи давлати ҳуқуқбунёди демократӣ омили муҳим мебошад. Маҳз ба шарофати он ҳамбастагӣ ва масъулияти дутарафаи давлат ва инсон таъмин гардид. Ақидаҳои бунёдии давлати ҳуқуқбунёди демократӣ (волоияти ҳуқуқ, арзиши баланди иҷтимоии инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш, худмаҳдудшавии ҳуқуқии давлат) барои таъмини робитаи давлат ва шахс дар заминаи эътироф, таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши калидӣ доранд. Айни замон назарияи давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти шароити маҳаллӣ роҳандозӣ мегардад. [**1-М**]

4. Ба робитаи давлати ҳуқуқбунёд ва шахс назарияҳои муайяни ҳуқуқ таъсиргузор мебошанд. Дар доираи ин ё он назарияи ҳуқуқ шаклҳои гуногуни робитаи давлати ҳуқуқбунёд ва шахс роҳандозӣ мешаванд. Дар доираи назарияҳои позитивистӣ, фитрӣ-ҳуқуқӣ, фалсафӣ, либертарӣ, либералӣ, неолибералӣ, ултралибералӣ ва ғайра оид ба робитаи мутақобилаи давлат ва шахс ба хулосаҳои гуногун омадан мумкин аст. Ба робитаи давлат ва шахс тамоюли наздикшавии назарияҳои ҳуқуқ, аз ҷумла инкишофи назарияи интегративии (омехтаи) ҳуқуқ таъсир мерасонад. Ҳамзамон бо ин, дар ҳаёти имрӯза назарияҳои гуногуни ҳуқуқ дар кишварҳои ҷудогона бо дарназардошти шароити мушаххаси таърихӣ, аз ҷумла сатҳи шуури ҷамъиятӣ, фарҳанг ва тамаддун амалӣ карда мешаванд. Раванди мазкур ҳоло ба робитаи давлат ва шахс таъсири ҳалкунанда мерасонад. [**3-М**]

5. Ба робитаи мутақобилаи давлат ва шахс сатҳи ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсир мерасонад. Аз омили мазкур сатҳи фаъолнокии шаҳрвандон, иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандон, вусъати фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии шаҳрвандон вобастагӣ дорад. Дар ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ, ки пояи давлати ҳуқуқбунёд маҳсуб мешавад, робитаи давлат ва шахсро метавон дар чунин шакл тасвир кард: «давлати ҳуқуқбунёд – ҷомеаи шаҳрвандӣ – инсони озод бо ҳуқуқҳои ҷудонопазираш». [**3-М**]

6. Ҳуқуқу озодиҳои инсон заминаи ташаккули шакли нави робитаи давлат ва шахс мебошанд. Хулосаи мазкур бо омилҳои зерин собит мегардад: а) эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон вазифаи давлати ҳуқуқбунёди демократӣ мебошад; б) механизмҳои давлатии таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон; в) механизмҳои давлатии ҷалби шаҳрвандон ба амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ бо истифода аз имкониятҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ; г) алоқамандии миёни ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд; д) масъулияти тарафайни давлат ва шахс; е) шаклҳои гуногуни назорати тарафайни давлат ва шаҳрвандон. [**4-М**]

7. Дар давлати ҳуқуқбунёди демократӣ робитаи давлат ва шахс мазмуни ҳуқуқӣ дошта, дар заминаи Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии

ҳуқуқӣ таъмин мешавад. Механизмҳои ҳуқуқии робитаи давлат ва шахсро ҳуқуқу озодиҳои дахлнопазири инсон ва шаҳрванд, волоияти ҳуқуқ ва қонун, асосҳои конститутсионии ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, раъйпурсӣ, интихобот ва шаклҳои дигари ҳаёти демократӣ, асосҳои ҳуқуқии ташкилу фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ташкил медиҳанд. [**12-М**]

8. Дар Тоҷикистон назарияҳои ғарбӣ оид ба ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон бо дарназардошти анъанаҳои миллӣ, фарҳанги миллӣ, хусусиятҳои шуури ҷамъиятӣ ва афзалияти манфиатҳои миллӣ истифода мешаванд. Сатҳи амалишавии назарияҳои гуногуни (либералӣ, неолибералӣ, антропологӣ, фитрӣ-ҳуқуқӣ ва ғ.) давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон аз дарки фарҳангӣ-тамаддунии онҳо вобастагӣ дорад. Ҷаҳонишавии неолибералӣ, таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳонӣ, бахусус, хатарҳои иттилоотӣ (таъсиррасонии иттилоотии мафкуравӣ ва равонӣ ба шуури ҷамъиятӣ, истифодаи шабакаҳои иттилоотӣ ба мақсадҳои ғаразнок ва ғайра) ба дарки назарияҳои гуногун таъсиргузор мебошанд. [**7-М**]

9. Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки ҳар як халқ роҳи мустақилонаи рушдро интихоб мекунад, арзишҳои ҳуқуқи инсонро бо дарназардошти тамаддун ва фарҳанги миллӣ дарк мекунад. Сатҳи инкишофи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа, ҳолати равонӣ, шуур ва анъанаҳои миллӣ ба ҳайси омилҳои муайянкунандаи амалигардонии арзишҳои давлати ҳуқуқбунёди демократӣ ва ҳуқуқи инсон баромад мекунанд. Назарияҳои гуногуни ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзалияти манфиатҳои миллӣ дар ҳар як кишвари ҷаҳон, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи стратегияи рушди миллӣ амалӣ карда мешаванд. Назария ва амалияи ҷаҳонӣ дар соҳаи робитаи давлат ва шахс бо дарназардошти ҳадафҳо ва афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад. [**5-М**]

10. Назарияҳои неолибералии ҳуқуқи инсон, ки гуногунрангии тамаддуниро ба назар намегиранд, дар шароити бархӯрди фарҳангӣ-тамаддунӣ ба муқобилияти халқҳои гуногун дучор мешаванд. Кӯшиши тарғиби яктарафаи арзишҳои

неолибералӣ ба натиҷа намеорад, зеро ҳуқуқи инсон на фақат имкониятҳои ҳуқуқӣ, балки олами махсуси дохилии инсон мебошад. Ҳуқуқи инсон ҷаҳони маънавии инсон, ҷаҳонбинии ӯ, шуур ва худбаҳогузории ӯро инъикос менамояд. Ба дарки ҳуқуқи инсон омилҳои фарҳангӣ-маънавӣ таъсири ҳалкунанда мерасонанд. [**8-М**]

11. Амалӣ намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҳоло бо тафовути фарҳангӣ-тамаддунӣ дучор шудааст. Дар ҷараёни ҷаҳонишавии неолибералӣ ва алалхусус ултралибералӣ бо кӯшиши ҷонибдорони ин назарияҳо як қатор ҳуқуқҳои нав ҳамчун ҳуқуқҳои насли чорум пешкаш мешаванд. Вале ин ҳуқуқу озодиҳо бе дарназардошти таърих, фарҳанг, расму оин, анъана ва манфиатҳои миллии ин ё он халқу миллат рӯйи кор омадаанд. Эътирофи онҳо дар сатҳи қонунгузории миллӣ метавонад, ба манфиати давлат, генофонди миллӣ, ҳолати равонӣ, шуури ҷамъиятӣ ва ҷаҳонбинии одамон таъсири манфӣ расонад. [**3-М**]

12. Моҳияти фарогири ҳуқуқи инсон, аз як тараф, ба маънои умумиинсонӣ будани ҳуқуки инсон, мансубияти он ба ҳар кас, сарфи назар аз нажод, миллат, забон, вазъи иҷтимоӣ, дин ва ғайра, аз тарафи дигар, дар робита бо кӯшиши ғарбгароии он фаҳмида мешавад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ маҳз мафҳуми дуюми ҳуқуқҳои фарогир бештарривоҷ меёбад. Айни замон чунин мафҳумҳо таҷрибаи доираи ками давлатҳоро дар эҷоди ҳуқуқи инсон мутлақ гардонида, далели иштироки халқҳои дигарро инкор мекунанд. Аз ин хотир, таҳқиқи ҳаматарафаи таърихи инкишофи ҳуқуқи инсон аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад. [**1-М**]

13. Таҳқиқоти таҷрибаи давлатҳои Осиё, Африқо, Амрикои Лотинӣ ва кишварҳои исломӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон нишон медиҳад, ки интихоби дурусти ин ё он назарияи ҳуқуқи инсон бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ яке аз роҳҳои самараноки амалӣ намудани онҳо мебошад. Сатҳи амалигардонии назарияи ҳуқуқи инсон аз пояҳои тамаддуниву фарҳангии ҷомеа вобаста аст, зеро ахлоқ, адолат, баробарӣ ва арзишҳои дигари ахлоқӣ-маънавӣ бо дарназардошти тамаддун ва фарҳанги миллӣ дарк карда мешаванд. [**7-М**]

14. Таҳлили таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон дар соҳаи ҳуқуқи инсон собит менамояд, ки дар ҷаҳони муосир гуногунии назарияҳои ҳуқуқи инсон назаррас мебошад.

Ҷараёни наздикшавии назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ ва неопозитивӣ, ки миёнаҳои асри гузашта ба мушоҳида мерасид, бо равандҳои нави ҳаёти ҳуқуқӣ иваз гардид. Илова бар ин, назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ гуногун буда, ҳадафҳои худро амалӣ мекунанд. Назарияҳои неопозитивӣ бошанд, дар шаклҳои нав зоҳир мешаванд. Шароити нави ҳаёти ҷамъиятӣ (вусъати фаъолияти иқтисодиву иҷтимоии давлатҳои муосир, бархӯрди тамаддунҳо, таҳдид ва хатарҳои ҷаҳонӣ ва ғ.) ба таҳқиқи назарияҳои ҳуқуқи инсон таъсир мерасонанд.

15. Дар қонунгузорӣ мустаҳкам гаштани ҳуқуқҳои фитрӣ моҳият ва табиати ҳуқуқҳои ҷудонопазири инсонро тағйир намедиҳад. Ҳуқуқҳои фитрии инсон ҳангоми таҷассуми қонунӣ пайдо кардан, ба таври автоматӣ ба ҳуқуқҳои позитивӣ мубаддал намегарданд, аз ҷониби давлат эътироф карда мешаванд, алоқаашонро бо табиати инсон нигоҳ медоранд. Моҳияти тақсим шудани ҳуқуқҳои фитрӣ ва ҳуқуқҳои позитивӣ дар омехта нашудани ду падидаи гуногун, яъне қонунҳои давлат ва ҳуқуқҳои фитрии инсон дида мешавад. Усули зикршудаи дарки моҳияти ҳуқуқҳои инсон ба робитаи давлат ва шахс таъсири ҳалкунанда мерсонад. [**21-М**]

16. Таҳқиқоти таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳоло ба робитаи давлат ва шахс раванди васеъ гардидани доираи анъанавии ҳуқуқи инсон дар натиҷаи инкишофи илму технология таъсир мерасонад. Васеъшавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ба зиёдшавии шумораи субъектони онҳо (давлат, аҳолӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғ.) оварда мерасонад. Дар рафти инкишофи наслҳои ҳуқуқи инсон давраи гузариш аз ҳуқуқҳои фардӣ ба ҳуқуқҳои коллективӣ, ба ҳуқуқҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, дар маҷмуъ аҳолӣ, ҳамчунин гузариш аз назарияҳои фардии ҳуқуқи инсон (классикии либералӣ) ба назарияҳои иҷтимоӣ оғоз гардид. [**12-М**]

17. Ҳоло дар ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ робитаи давлат ва шахс дар робита бо ҳуқуқи инсон расман эътироф карда мешавад. Айни замон Конститутсия ҳамчун санади қонунгузории миллӣ модели миллии робитаи давлат ва шахсро дар робита бо ҳуқуқи инсон инъикос намуда, онро дар шароити мушаххаси кишвар, бо дарназардошти сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсиву фарҳангии он ва

анъанаҳои миллӣ амалӣ мекунад. Ба татбиқи он анъанаҳои миллӣ, шуури ҷамъиятӣ ва сатҳи маърифати ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд. [**20-М**]

18. Робитаи давлат ва шахс аз вазъи ҳуқуқии шахс вобастагӣ дорад. Вазъи ҳуқуқии шахс дар муқоиса бо вазъи иҷтимоии шахс бартариҳо дорад, зеро он барои шахс кафолатҳои ҳуқуқии заруриро ҷиҳати қонеъ гардонидани манфиатҳо ва эҳтиёҷоташ, ба роҳ мондани муносибатҳои муътадил бо давлат, инчунин муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ фароҳам меорад. Сатҳи инкишофи вазъи ҳуқуқии шахс аз самаранокии танзими ҳуқуқӣ, аз ҷумла сифати қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ вобстагӣ дошта, дар доираи робитаи тарафайни давлат ва шахс (фаъолияти мақоми қонунгузор, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, иштироки шаҳрвандон дар фаъолияти хукуқэҷодкунӣ ва ғайра) таъмин мегардад. [**6-М**]

19. Пас аз баргузории Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ба эътидол омадани вазъи сиёсӣ рушди иқтисодиёт, таҳкими асосҳои ҳуқуқии ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, кафолатҳои зарурии вазъи ҳуқуқии шахс дар Тоҷикистон тадриҷан таъмин гаштанд. Баробари ба амал бароварданиислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ дар вазъи ҳуқуқии шахс дар ҷумҳурӣ тағйироти куллӣ ба амал омад. Вазъи ҳуқуқии имрӯзаи инсон ва шаҳрванд дар ҶТ аз вазъи ҳуқуқие, ки солҳои 1990-ум ҷой дошт, куллан фарқ мекунад. Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки вазъи ҳуқуқии шахс бо таъсири шароити иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа боло меравад.

20. Ба робитаи давлат ва шахс инкишофи вазъи ҳуқуқии шахс дар робита бо фарқияти ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи шаҳрванд таъсир мерасонад. Айни замон шаҳрвандон субъекти фаъоли робита бо давлат мебошанд. Шаҳрвандон ба давлати миллӣ мансубияти ҳуқуқӣ дошта, дар рушди давлатдории миллӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, анъанаҳо ва фарҳанги миллӣ нақши ҳалкунанда доранд. Давлат барои иштироки шаҳрвандон дар интихобот, раъйпурсӣ, идоракунии давлатӣ, дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ шароти мусоид фароҳам меорад. [**6-М**]

21. Таҷассуми ҳуқуқҳои дахлнопазири инсон дар санадҳои гуногуни байналмилалӣ ва минтақавӣ, инчунин дар конститутсияҳо бо дарназардошти

фарҳанг, тамаддун ва анъанаҳои миллии халқҳои гуногун сурат мегирад. Чунин ҳолат дар таҷрибаи давлатҳои исломӣ, кишварҳои Осиё, Африқо, Амрикои Лотинӣ зоҳир мешавад. Ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон бо дарназардошти анъанаҳои миллӣ, хусусиятҳои фарҳанги миллӣ эътироф ва амалӣ карда мешаванд, шароити таърихӣ, сатҳи рушди ҷомеа, ҳадафҳо ва афзалиятҳои рушди миллии Тоҷикистонро инъикос намуда, хусусиятҳои модели миллии муносибати давлат ва шахсро ифода мекунанд. [**6-М**]

22. Робитаи давлат ва шахс дар заминаи алоқамандии ҳуқуқҳо озодиҳо ва вазифаҳо ба роҳ монда мешавад. Миёни ҳуқуқҳо, озодиҳо ва вазифаҳои шахс робитаи ногусастанӣ мавҷуд аст. Чунин ҳолат дар таҷрибаи ҳамаи давлатҳо ба инобат гирифта мешавад. Айни замон ифодаи ҳуқуқии робитаи ҳуқуқҳо, озодиҳо ва вазифаҳо дар давлатҳои гуногун хусусиятҳои худро дошта, шароити таърихӣ ва анъанаҳои миллиро инъикос мекунад. Илова бар ин, танҳо дар моддаи 30 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон вазифаҳои инсон мустаҳкам карда шудаанд. Ин барои як қатор муҳаққиқон ҷиҳати асоснок кардани андешаи зарурати қабули Эъломияи умумии вазифаҳои асосии инсон сабаб гаштааст. [**6-М**]

23. Робитаи давлат ва шахс дар давлати иҷтимоӣ бо дарназардошти таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ, вусъати фаъолияти иҷтимоию иқтисодии давлат тағйир меёбад. Таҳлили меъёрҳои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нишон медиҳад, ки бидуни фаъолияти давлат амалисозии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсон ғайриимкон мебошад. Айни замон дар давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ тамоми ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ таъмин карда мешаванд. [**1-М**]

24. Дар конститутсияҳои миллӣ ин ё он модели давлати иҷтимоӣ бо дарназардошти вазъи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии шахс, мақсадҳо ва вазифаҳои давлат, кафолатҳои имконпазири ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии шахс ифодаи худро меёбад. Сиёсати иҷтимоии давлат, сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ба робитаи давлат ва шахс таъсир мерасонанд. [**10-М**]

25. Ба робитаи давлат ва шахс татбиқи моделҳои давлати иҷтимоии либералӣ, консервативӣ, сотсиал-демократӣ, исломӣ, сотсиалистӣ, скандинавӣ, олмонӣ, амрикоӣ ва ғайра, ки ҳоло дар таҷрибаи ҷаҳонӣ истифода мешаванд, таъсир мерасонад. Дар кишварҳои исломӣ, давлатҳои Африқо, Осиё, Амрикои Лотинӣ моделҳои ба онҳо хоси давлати иҷтимоӣ амалӣ карда мешаванд. Дар кишварҳои пасошуравӣ модели давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ бо дарназардошти шароити таърихии онҳо, аз ҷумла дар иртибот бо ислоҳоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ амалӣ карда мешавад. [**10-М**]

26. Робитаи давлат ва шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи давлатдории миллӣ, бо дарназардошти анъанаҳои миллӣ, тамаддун ва фарҳанги миллӣ ба роҳ монда мешавад. Давлати миллии Тоҷикистон, аз як тараф, арзишҳои пазируфташудаи давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоиро ифода намуда, аз тарафи дигар, бо дарназардошти сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, захираҳои табиӣ, иқтидори энергетикӣ, вазъи бахши кишоварзӣ, сатҳи рушди фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, сиёсати иҷтимоӣ дар соҳаи илм, маориф, хизмати тиббӣ ва ғайра рушд мекунад. [**3-М**]

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Ҳангоми таҳқиқоти инкишофи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таърихи робитаи мутақобилаи давлат ва шахсро мебояд ба инобат гирифт. Робитаи давлат ва шахс, аз як тараф, дар заминаи такмили давлатдорӣ, гузариш ба шаклҳои бештар демократии ташкилу амалисозии ҳокимияти давлатӣ, аз тарафи дигар, дар робита бо инкишофи вазъи ҳуқукии шахс, аз ҷумла васеъшавии ҳуқуқу озодиҳои шахс бояд муайян карда шавад. Ин усули аксиологии таҳқиқоти илмӣ, ки дар диссертатсия истифода шудааст, аҳаммияти методологии онро собит намуд. Усули мазкур барои муайян намудани алоқамандии давлат ва инсон, моҳияти давлат ва ҳуқуқи инсон, моҳияти давлат ва вазъи ҳуқуқии шахс аҳаммияти илмӣ-методологӣ дорад. [**8-М**]

2. Ҳангоми таҳқиқоти робитаи давлат ва шахс тағйирёбанда будани моҳияти давлат ва ҳуқуқи инсонро мебояд ба инобат гирифт. Ба робитаи давлат ва шахс сохти ҷамъиятӣ, шакли давлат, вазъи сиёсӣ, вазифаҳо, мақсад ва функсияҳои давлат, ин ё он назарияи ҳуқуқ, аз он ҷумла назарияи ҳуқуқи инсон таъсир мерасонанд. Ин усули таърихӣ-ҳуқуқӣ барои муайян намудани алоқамандии робитаи давлат ва шахс, давлат ва вазъи ҳуқуқии шахс, ҳокимият ва ҳуқуқҳои инсон, таъсири шароити таърихӣ ба робитаи давлат ва шахс аҳаммияти методологӣ дорад. [**12-М**]

3. Назарияҳои гуногуни ҳуқуқи инсон ҷузъи ҷудонашавандаи назарияҳои ҳуқуқ (фитрӣ-ҳуқуқӣ, позитивӣ, либералӣ, антропологӣ, равонӣ ва дигар) мебошанд. Ҳангоми таҳқиқи ҳуқуқи инсон ҳолати мазкур бояд ба инобат гирифта шавад. Моҳияти ҳуқуқи инсон дар ин ё он назария дар робита бо дарки ҳуқуқ (дарки материалистӣ, идеалистӣ, либералӣ, либертарӣ, антропологӣ, равонӣ ва ғайра) муайян карда мешавад. Дар ҳаёти имрӯза моҳияти ҳуқуқи инсон дар заминаи назарияҳои омехта бояд муайян карда шавад. [**13-М**]

4. Таҳқиқоти робитаи давлат ва шахс бо дарназардошти гуногунии нуқтаҳои назари илмӣ оид ба давлат бояд ба роҳ монда шавад. Робитаи давлат ва шахс дар назарияҳои анъанавии либералӣ дар заминаи афзалияти шахс нисбат ба давлат, дар назарияҳои неолибералӣ дар робита бо озодии беинтиҳои фард, дар назарияҳои неопозитивӣ бо дарназардошти нақши давлат дар таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, дар

назарияҳои иҷтимоӣ дар иртибот бо вусъати фаъолияти иҷтимоии давлат шарҳ дода мешавад. Даҳсолаи охир раванди болоравии нақши давлат дар рушди ҳаёти ҷомеа ва ҳалли вазифаҳои ҳаётан муҳим ба мушоҳида мерасад. Раванди мазкур бо таҳкими соҳибихтиёрии давлати миллӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва рушди давлатдории миллӣ алоқамандии бевосита дорад. [**19-М**]

5. Зимни таҳқиқоти робитаи давлат ва шахс ба инкишоф ва тағйири моҳияти назарияҳои гуногун мебояд таваҷҷуҳ намуд. Буҳрони назарияҳои ғарбии неолибералӣ, ки дар натиҷаи мутлақ гардонидани шахсият дар ҷомеа, эътирофи озодии беинтиҳои фард, тарғиби ба ном «арзишҳои нав» дар соҳаи ҳаёти ахлоқӣ ва маънавӣ, эълони ҳуқуқҳои нави фард бо мақсади коҳиш додани мансубияти аслии биологии инсон бештар зоҳир мешавад, ба робитаи давлат ва шахс, дарки ҳуқуқу озодиҳои инсон таъсир мерасонанд. Ҷаҳонишавии неолибералӣ ҳоло ба муқобилияти шадиди давлатҳои тараққикунанда, халқҳое, ки аз манфиатҳои миллии хеш пуштибонӣ мекунанд, роҳи инкишофи мустақилонаро интихоб намуда, барои таҳкими соҳибихтиёрии миллӣ саъю кӯшиш доранд, дучор омадааст. [**19-М**]

6. Дар робита бо раванди ҷаҳонишавии маънавӣ-фарҳангӣ, ки ҳоло аз тарафи бештари халқу миллатҳои ҷаҳон рад карда мешавад, дарки нави ҳуқуқу озодиҳои инсон дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ ва маънавӣ, манфиатҳои миллӣ, фарҳанги миллӣ ва соҳибихтиёрии комил мушоҳида мешавад. Дарку таҳлили анъанавии ҳуқуқи инсон ҳоло бо усулҳо, нуқтаҳои назар ва назарияҳои нав иваз мешавад. Ба раванди мазкур шароити тағйирёбандаи ҳаёти ҷомеа, ҳадафҳои аслии ҷаҳонишавӣ, афзоиши таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ ба амнияти иттилоотӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва озуқаворӣ таъсир мерасонанд. [**13-М**]

7. Ҳоло моҳияти ҳуқуқи инсон дар иртибот бо ҳадафҳои сиёсӣ ва идеологӣ тағйир ёфта истодааст, ба сиёсати давлатҳои абарқудрат ҳадафҳои ширкатҳои иқтисодию молиявии фаромиллӣ тобеъ карда мешаванд. Идеологияи ҳуқуқи инсон ҳамчун самти нави фаъолияти сиёсӣ ва идеологӣ ташаккул ёфта, ҳуқуқи инсон дар фаъолияти мақсадноки идеологӣ истифода мешавад. Раванди мазкур ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи ҳуқуқи инсон бояд ба инобат гирифта шавад. [**1-М**]

8. Ба моҳияти ҳуқуқи инсон инкишофи ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ таъсири ҳалкунанда мерасонад. Технологияҳои иттилоотӣ, аз як тараф, барои таълими ҳуқуқи инсон, паҳншавии ҳуқуқи инсон, дастрасии санадҳои гуногун оид ба ҳуқуқи инсон аҳаммият дошта, аз тарафи дигар, дар паҳн намудани иттилооти бардурӯғ, ғаразнок, яктарафа оид ба вазъи риояи ҳуқуқи инсон дар мамлакатҳои гуногун, тарғиби идологияи экстремистӣ ва террористӣ истифода мешаванд. Ҳоло ҳуқуқи инсон ҷузъи ҷанги иттилоотӣ буда, дар фишори идеологӣ ва равонӣ ба халқҳои гуногун, паҳн намудани фарҳанги бегона, бо мақсади тағйир додани сохтори конститутсионӣ дар давлатҳои алоҳида, даъвати шаҳрвандон ба муқобилияти сиёсӣ, иваз намудани режими сиёсӣ, ташвиқоти ҳисси нобоварӣ нисбат ба роҳбарияти сиёсӣ истифода мешавад. Аз ин рӯ, муқобилияти шадид ба таъсиррасонии иттилооти идеологӣ ва равонӣ кафили ҳимояи соҳибихтиёрӣ ва манфиатҳои миллӣ мебошад. Раванди иттилоотонии ҳуқуқи инсон дар таҳқиқоти илмӣ минбаъд бояд ба инобат гирифта шавад. [**1-М**]

9. Ба таҳқиқи робитаи давлат ва шахс, моҳияти ҳуқуқи инсон тағйироти босуръати ҷомеаи ҷаҳон, аз ҷумла болоравии нақши давлатҳои Шарқ (Чин, Ҳиндустон, кишварҳои Осиёи Ҷануби Шарқӣ ва дигар) дар иқтисодиёти ҷаҳон, бухрони назарияҳои неолибералии ҳуқуқи инсон, афзоиши таваҷҷуҳи халқу миллатҳо ба осори таърихиии хеш, фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои миллӣ таъсир мерасонанд. Равандҳои мазкур солҳои наздик бештар вусъат хоҳанд ёфт ва зимни таҳқиқоти минбаъда бояд ба инобат гирифта шаванд. [**8-М**]

10. Тафовути фарҳангиву тамаддунӣ, ки ҳоло дар иртибот бо бухрони мазмуни ахлоқӣ-маънавии назарияҳои неолибералӣ бештар мушоҳида мешавад, ҳангоми таҳқиқи робитаи давлат ва шахс, аз он ҷумла ҳуқуқи инсон бояд ба инобат гирифта шавад. Солҳои наздик тафовути фарҳангиву тамаддунӣ дар робита бо муқобилияти фарҳангии халқҳои бештари ҷаҳон дар кишварҳои рушдкунанда ба сатҳи нав хоҳад баромад. Ба инобат гирифтани тафовути фарҳангиву тамаддунӣ ҳоло яке аз принсипҳои муҳимми таҳқиқоти методологии ҳуқуқи инсон буда, имкон медиҳад, ки ҳуқуқи инсон бо дарназардошти анъанаҳои миллӣ таҳқиқ карда шавад. [**2-М**]

11. Ҳимояи манфиатҳои миллии ҶТ дар шароити буҳрони идеологияи неолибералӣ, афзоиши таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ, зарурати таҳкими Истиқлолияти давлатӣ аҳаммияти ҳаётан муҳим дорад. Моҳияти ҳуқуқи инсон, вазъи ҳуқуқии шахс, робитаи шахс бо давлат бо дарназардошти афзалияти манфиатҳои миллӣ бояд муайян карда шавад. Манфиатҳои миллии Тоҷикистон дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, эътироф, таъмин, амалисозӣ, татбиқ, тафсир, ҳимояи ҳуқуқи инсон, имплементатсияи меъёрҳои ҳуқуки байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба қонунгузории Тоҷикистон бояд ҳамеша ба инобат гирифта шаванд. [**2-М**]

12. Зимни таҳқиқи ҳуқуқи инсон алоқамандии онро ба ахлоқ, маънавиёт, одоб, арзишҳои иҷтимоии миллӣ (ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, худогоҳӣ) мебояд ба инобат гирифт. Таълими ҳуқуқи инсон дар робита бо тарбияи ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ бояд ба роҳ монда шавад. Меъёрҳои иҷтимоӣ (ахлоқӣ, маънавӣ, оилавӣ, эстетикӣ ва ғ.) ҷузъи механизими тарбияи ҳуқуқӣ ва таълими ҳуқуқи инсон мебошанд. Тарбияи комплексии ҳуқуқии иҷтимоӣ ҳангоми омӯзиши ҳуқуқи инсон дар робита бо анъанаҳои миллӣ ба роҳ монда шуда, ба ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ки ҳоло мазмуни ҳуқуқи инсонро ташкил медиҳанд, мусоидат мекунад. [**15-М**]

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

### I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ:


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.

2. Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2005, №7, мод. 398.

3. Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 ибли соли 2014, №1084 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. №7. қ. 1, мод. 380.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» //Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2007. №6, мод. 428.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи варзиши кӯдакон ва наврасон» аз 1 августи соли 2003, №28 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2003. №8, мод. 451.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 12 майи соли 2007, №258 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2007. № 5, мод. 363.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, №1004 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2013, № 7, мод. 532.

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011, №762 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2011. №7-8, мод 616.

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011, №762 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2011. №7-8, мод 616.

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» аз 1 августи соли 2003, №34 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2003. №8, мод. 457.

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 18 майи соли 2017, №1414 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2017. №5, қ. 1, мод. 271.

12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз 24 декабри соли 2022, № 1920 / Захираи электронӣ: Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=143959 (санаи муроҷиат: 17.11.2023 с.).

13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» аз 13 декабри соли 1997, №519 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1997. №23-24, мод. 352.

14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» аз 29 декабри соли 2010, №675 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2010. №12, қ-1, мод. 834.

15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015, № 1196 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2015. №3, мод. 218.

16. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми III аз 1 марти соли 2005, №84 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2005. №3, мод. 123.

17. Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001, №32 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2001. №7, мод. 505.

18. Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 1997, №506 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1997. №23-24, мод. 337.

19. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1329 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2016. №7, мод. 604.

20. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998, №682 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1998. № 22, мод. 303.

21. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 18 майи соли 2017, №374 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2017, №5, мод. 270.

22. Барномаи давлатии таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ барои солҳои 2020-2030, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019 тасдиқ карда шудааст[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи мурољиат: 22.01.2021с.).

23. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумњурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2016, № 678 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи мурољиат: 22.01.2021с.).

24. Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 декабри соли 2021., №565 тасдиқ карда шудааст[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи мурољиат: 10.02.2022с.).

25. Консепсияи милли таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2012, №200 тасдиқ шудааст[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи мурољиат: 22.01.2021с.).

26. Консепсияи миллии мақсадноки илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба рушди инсон, таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013-2028, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2013 тасдиқ карда шудааст[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи мурољиат: 22.01.2021с.).

27. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 бо Фармони Президенти ҶТ аз 6-уми феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи мурољиат: 22.01.2021с.).

28. Қоидаҳои таъин ва пардохти ёрдампулӣ ба оилаҳои камбизоат, ки кӯдакони дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилкунанда доранд, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2007, №244 тасдиқ шудааст[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи мурољиат: 22.01.2021с.).

29. Конституция (Основной закон) Союза Советских Социалистических Республик [Текст] // Ведомости ВС СССР. – 1977. – №41. – Ст. 617.

30. Конституция (Основной Закон) Таджикской ССР [Текст]. Принята на внеочередной восьмой сессии Верховного Совета Таджикской ССР девятого созыва 14 апреля 1978 г. – Душанбе, 1978.

31. Ведомости Верховного Совета Республики Таджикистан [Текст]. – 1990. – №15. – 350 с.

32. Ведомости Верховного Совета Республики Таджикистан [Текст]. – 1991. – №18. – 353 с.

33. Свод законов Республики Таджикистан [Текст]. – 1999. – Т.1. – С. 56-57.

34. Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 20 апрели 2011 сол / [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj/president/letter/2011 (санаи муроҷиат: 04.07.2019 с.).

35. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2005. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node (санаи муроҷиат: 17.04.2022 с.).

36. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2006. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node (санаи муроҷиат: 17.04.2022 с.).

37. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2008. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node (санаи муроҷиат: 17.04.2022 с.).

38. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2010. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node (санаи муроҷиат: 17.04.2022 с.).

39. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node (санаи муроҷиат: 17.04.2022 с.).

40. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node (санаи муроҷиат: 17.04.2022 с.).

41. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2023. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node (санаи муроҷиат: 27.12.2023 с.).

42. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 26 декабри соли 2018. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/19089 (санаи муроҷиат: 17.04.2022 с.).

43. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966 [Матн] // Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон / Муҳаррири масъул: Ализода З. – Душанбе: Контраст, 2018. Нашри дуюм. – 406 с.

44. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон барои давраи то соли 2038 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми августи соли 2023, №357 тасдиқ шудааст[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 22.12.2023с.).

45. Стратегияи нави миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 сентябри соли 2016 тасдиқ карда шудааст[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 22.01.2021с.).

46. Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011, №480 тасдиқ шудааст[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 22.01.2021с.).

47. Указ Президента Республики Узбекистан «Об улучшении правового воспитания, повышении уровня правовой культуры населения, совершенствовании системы подготовки кадров правоведов, улучшению работы по изучению общественного мнения» [Текст] // Ведомости Олий Мажлиса Республики Узбекистан. – 1997. – №7. – Ст. 179.

48. Международный пакт об экономических, социальных и культурных правах от 16 декабря 1966 г. [Текст] // Права человека. Сборник международных и национальных документов в 8-ми томах. – Т. 1. / Сост.: Диноршоев А.М. – Душанбе, 2009. – 560 с.

49. Венская декларация и Программа действий от 25 июня 1993 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/viendec93.shtml (санаи мурочиат: 20.11.2023с.).

50. Всемирная программа образования в области прав человека. – Нью-Йорк и Женева, 2012 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://lexed.ru/obrazovatelnoe-pravo/pravo-na-obrazovanie/detail.php?ELEMENT_ID=7125 (санаи мурочиат: 11.08.2023с.).

51. Всеобщая декларация прав человека от 10 декабря 1948 г. [Текст] // Права человека. Сборник международных и национальных документов в 8-ми томах. – Т. 1 / Сост.: Диноршоев А.М. – Душанбе, 2009. – 560 с.

52. Всеобщая Исламская декларация прав человека от 19 сентября 1981 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.worldislamlaw.ru/?p=2671 (санаи мурочиат: 09.09.2023с.).

53. Декларация и Программа действий в области культуры мира. Документ ООН A/RES/53/243 от 6 октября 1999 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/culture_of_peace.shtml (санаи мурочиат: 18.09.2023с.).

54. Декларация ООН об образовании и подготовке в области прав человека. Принята Резолюцией 66/137 Генеральной Ассамблеи от 19 декабря 2011 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:

https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/hr_education.shtml (санаи муроҷиат: 20.11.2023с.).

55. Декларация принципов терпимости от 16 ноября 1995 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/toleranc.shtml (дата обращения: 09.09.2023).

56. Каирская декларация прав человека в Исламе от 5 августа 1990 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://european-court-help.ru/ (санаи муроҷиат: 10.10.2023с.).

57. Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак аз 20 ноябри соли 1989 [Матн] // Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон / Муҳаррири масъул: З. Ализода. – Душанбе: Контраст, 2018. Нашри дуюм. – 406 с.

58. Конвенция ООН о правах ребёнка. Принята Резолюцией 44/25 Генеральной Ассамблеи от 20 ноября 1989 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/childcon.shtml (санаи муроҷиат: 30.08.2023с.).

59. Пересмотренный проект плана действий на первый этап (2005-2009 годы) Всемирной программы образования в области прав человека Документ ООН A/59/525/Rev.1 от 2 марта 2005 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.ohchr.org/ru/resources/educators/human-rights-education-training/world-programme-human-rights-education-2005-ongoing/first-phase-2005-2009-world-programme-human-rights-education-plan-action-first-phase-2005-2009 (санаи муроҷиат: 09.09.2023с.).

60. План действий на Десятилетие образования в области прав человека ООН. 1995-2004 годы. Документ ООН A/49/184 от 23 декабря 1994 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/rights/abc/ch1_3.shtml (санаи муроҷиат: 03.08.2023с.).

61. Резолюция 15/11 Совета по правам человека от 30 сентября 2010 г., в которой принят план действий на второй этап всемирной программы образования в области прав человека. 2010 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:

https://lexed.ru/obrazovatelnoe-pravo/pravo-na
obrazovanie/rezolyutsii/detail.php?ELEMENT_ID=7119 (санаи муроҷиат: 09.09.2023с.).

62. Ресурсный материал ООН «Азбука преподавания прав человека в школе»: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.un.org/russian/hr/abc/ch1_4.html (санаи муроҷиат: 15.06.2023с.).

63. Хартия Совета Европы о воспитании демократической гражданственности и образовании в области прав человека (принятая министрами иностранных дел стран-членов Совета Европы в 2010 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.coe.int/ru/web/compass/council-of-europe-charter-on-education-for-democratic-citizenship-and-human-rights-education (санаи муроҷиат: 15.06.2023с.).

64. Эъломияи Қоҳира оид ба ҳуқуқи инсон дар Ислом аз 5 августи соли 1990. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://european-court-help.ru/ (санаи муроҷиат: 22.05.2023с.).

65. Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз 10 декабри соли 1948 [Матн] // Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон / Муҳаррири масъул: З. Ализода. – Душанбе: Контраст, 2018. Нашри дуюм. – 406 с.

## II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ:

1. Амид, Ҳасан. Фарҳанги фарси («Этимологический словарь персидского языка») [Матн] / Ҳасан Амид. – Rah e Roshd, 2010. – 1088 с.

2. Абашидзе, А.Х. Гольтяев, А.О. Универсальные механизмы защиты прав человека [Текст]: учеб. пособие для студентов вузов, обучающихся по специальности «Юриспруденция» / А.Х. Абашидзе, А.О. Гольтяев. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2013. – 135 с.

3. Абуабдуллоҳи, Рӯдакӣ. Қасидаи «Шикоят аз пирӣ» [Матн]. – Душанбе, 2010. – 215 с.

4. Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома [Матн]. Ҷ. 8. – 2009. – 475 с.

5. Азизов, У.А. Становление и развитие институтов преступления и наказания на территории дореволюционного Таджикистана [Текст] / У.А. Азизов. – Душанбе: Андалеб-Р, 2014. – 200 с.

6. Алексеев, С.С. Восхождение к праву. Поиски и решения [Текст] / С.С. Алексеев. – М.: Норма, 2001. – 752 с.

7. Алексеев, С.С. Основы правовой политики в России [Текст]. Курс лекции / С.С. Алексеев. – М., 1995. – 128 с.

8. Алексеев, С.С. Право на пороге нового тысячелетия: некоторые тенденции мирового правового развития – надежда и драма современной эпохи [Текст] / С.С. Алексеев. – М.: Статут, 2000. – 256 с.

9. Алексеев, С.С. Право: азбука – теория – философия. Опыт комплексного исследования [Текст] / С.С. Алексеев. – М., 1999. – 712 с.

10. Алексеев, С.С. Право: азбука-теория-философия [Текст] / С.С. Алексеев. – М., 1999. – 710 с.

11. Алексеев, С.С. Философия права [Текст] / С.С. Алексеев. – М., 1999. – 329 с.

12. Ализода, З. Становление института парламента в Республике Таджикистан: проблемы теории и практики: монография [Текст] / З. Ализода. – Душанбе, 2011. – 264 с.

13. Андреев, А.Л. Общество, образование, культура: социологические очерки [Текст] / А.Л. Андреев. – М.: Изд-во МЭИ, 2004. – 148 с.

14. Андреева, Г.Н. Конституционное право зарубежных стран [Текст] / Г.Н. Андреева. – М., 2009. – 512 с.

15. Антология мировой философии [Текст]. – М., 1969. – Т. 1. – Ч. 1. – 576 с.

16. Аристотель. Политика [Текст]. – М., 1911. – 466 с.

17. Аристотель. Сочинения в четырех томах. – М., 1983. – Т. 4. – 549 с.

18. Аристотель. Этика [Текст]. – СПб., 1908. – 207 с.

19. Атаманчук, Г.В. Теория государственного управления [Текст] / Г.В. Атаманчук. – М., 2004. – 525 с.

20. Баглай М.В. Конституционное право Российской Федерации [Текст] / М.В. Баглай. – М., 1998. – 741 с.

21. Бадальянц, Ю.С. Права человека [Текст] / Ю.С. Бадальянц. – Рязань, 2006. – 519 с.

22. Бердяев, Н.А. Философия неравенства [Текст] // Русское зарубежье / Н.А. Бердяев. – Л., 1991. – 285 с.

23. Бережнов, А.Г. Политика и права человека [Текст] // Политология / А.Г. Бережнов; под ред. М.Н. Марченко. – М., 1993. – 800 с.

24. Бережнов, А.Г. Права личности: некоторые вопросы теории [Текст] / А.Г. Бережнов. – М., 1991. – 1470 с.

25. Берман, Г.Дж. Западная традиция права: эпоха формирования [Текст] / Г.Дж. Берман. – М., 1994. – 624 с.

26. Бжезинский, З. Великая шахматная доска: господство Америки и его геостратегические императивы (перевод с англ.) [Текст] / З. Бжезинский. – М.: Издательство АСТ, 2016. – 702 с.

27. Болотина, Т.В., Певцова Е.А., Миков П.В., Суслов А.Б. Права человека. 10-11 классы [Текст]: метод. пособие для учителя / Т.В. Болотина, Е.А. Певцова, П.В. Миков, А.Б. Суслов. – М.: ООО «ТИД «Русское слово-РС», 2006. – 96 с.

28. Буриев, И.Б. Институты таджикской государственности: теория и практика [Текст] / И.Б. Буриев; отв. редакторы: академик Тахиров Ф.Т., проф. Чиркин В.Е. – Душанбе: Дониш, 2016. – 360 с.

29. Буриев, И.Б. Источники права исламского периода таджикской государственности: теория и практика [Матн] / И.Б. Буриев; отв. редактор академик АН РТ Тахиров Ф.Т. 2-е изд. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 224 с.

30. Буриев, И.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон [Матн] / И.Б. Буриев. – Душанбе, 2014. – 200 с.

31. Варламова, Н.В. Постсоциалистическое общество. Право и государство в России [Текст] // Проблемы общей теории права и государства. Учебник / Н.В. Варламова; под ред. В.С. Нерсесянца. – М., 2004. – 832 с.

32. Васина, Л.Л. Социальное рыночное хозяйство: словарь терминов [Текст] / Л.Л. Васина. – М., 1997. – 192 с.

33. Витрук, Н.В. Общая характеристика конституционных прав, свобод и обязанностей граждан СССР [Текст] // Социализм и личность / Н.В. Витрук; отв. ред. В.М. Чхиквадзе. – М., 1979. – 304 с.

34. Витрук, Н.В. Основы правового положения личности в социалистическом обществе [Текст] / Н.В. Витрук. – М., 1979. – 229 с.

35. Витрук, Н.В. Основы теории правового положения личности в социалистическом обществе [Текст] / Н.В. Витрук. – М., 1986. – 229 с.

36. Витрук, Н.В. Правовой статус личности в СССР [Текст] / Н.В. Витрук. – М., 1985. – 176 с.

37. Воеводин, Л.Д. Юридический статус личности в России [Текст] / Л.Д. Воеводин. – М., 1977. – 296 с.

38. Вопленко, Н.Н. Очерки общей теории права [Текст]: монография / Н.Н. Вопленко. – Волгоград, 2009. – 898 с.

39. Гаврилов, О.А. Стратегия правотворчества и социальное прогнозирование [Текст] / О.А. Гаврилов. – М.: Изд-во ИГиП РАН, 1993. – 128 с.

40. Галенская, Л.Н. Правовое положение иностранцев в СССР [Текст] / Л.Н. Геленская. – М., 1982. – 159 с.

41. Ғафуров, Х.М. Судебная защита: теоретико-методологический аспект [Текст]. Монография / Х.М. Гафуров. – Душанбе, Эр-граф, 2014. – 167 с.

42. Гегель, Г.В.Ф. Сочинения [Текст] / Г.В.Ф. Гегель. – М. – Л., 1934. – Т.8. – 775 с.

43. Гегель, Г.В.Ф. Философия права [Текст] / Г.В.Ф. Гегель. – М. – Л., 1934. – 384 с.

44. Гегель, Г.В.Ф. Философия права [Текст] / Г.В.Ф. Гегель. – М., 1990. – 524 с.

45. Гессен, В.М. О правовом государстве [Текст] / В.М. Гессен. – СПб., 1906. – 68 с.

46. Глухарева, Л.И. Права человека [Текст]. Гуманитарный курс / Л.И. Глухарева. – М., 2002. – 215 с.

47. Глухарева, Л.И. Права человека в современном мире (социально-философские основы и государственно-правовое регулирование) [Текст] / Л.И. Глухарева. – М., 2003. – 225 с.

48. Гнейст, Р. Правовое государство и административные суды Германии [Текст] / Р. Гнейст. – СПб., 1896. – 371 с.

49. Гоббс, Т. Соч.: в 2 т. [Текст]. – М., 1991. – Т.2. – 736 с.

50. Государственное право Германии [Текст] / Отв. ред. Топорнин Б.Н. – М., 1994. – Т.2. – 320 с.

51. Гроций, Г. О праве войны и мира [Текст] / Г. Гроций. – М., 1956. – 868 с.

52. Гулиев, В.Е., Рудинский, Ф.М. Социалистическая демократия и личные права [Текст] / В.Е. Гулиев, Ф.М. Рудинский. – М., 1984. – 192 с.

53. Джа’фари Лангруди Джа’фар. Терминоложие ҳоқуқ («Юридическая терминология») [Текст]. – 5102 с.

54. Дигесты Юстиниана [Текст] // Хрестоматия по истории государства и права зарубежных стран. В 2-х т. / Отв. ред. Н.А. Крашенинникова.– М., 2007. – Т.1. – 816 с.

55. Диноршоев, А., Сафаров, Д. Ҳуқуқи инсон [Матн] / А. Диноршоев, Д. Сафаров. – Душанбе, 2010. – 296 с.

56. Диноршоев, А.М., Саъдизода, Ҷ. Имомова, З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон [Матн] / А.М. Диноршоев, Ҷ. Саъдизода, З.Б. Имомова. – Душанбе, ЭР-граф, 2016. – 140 с.

57. Дынник, М.А. Материалисты Древней Греции. Собрание текстов Гераклита, Демокрита и Эпикура [Текст] / М.А. Дынник. – М., 1955. – 238 с.

58. Дьячкова, С., Луховицкий В., Силин Ю. Программа и методические рекомендации к спецкурсу «Права человека» [Текст]. Специальность «Учитель начальных классов» / [С. Дьячкова и др.]. – Калуга, 2008. – 121 с.

59. Еллинек, Г. Декларация прав человека и гражданина [Текст] / Г. Еллинек. – М., 1906. – 81 с.

60. Еллинек, Г. Система субъективных публичных прав [Текст] / Г. Еллинек. – М., 1905. – 81 с.

61. Забигайло, В.К. Право на права [Текст] / В.К. Забигайло. – Киев, 1989. – 227 с.

62. Землянухина, С.Г., Санкова, Л.В., Явченко Е.В. и др. Развитие человеческих ресурсов в условиях формирования социального государства [Текст] / [С.Г. Землянухина и др.]. – Саратов, 2009. – 376 с.

63. Зоиров, Дж.М. Таджики: от государства Саманидов до суверенной государственности [Текст] / Дж.М. Зоиров. – СПб: Реноме, 2014. – 287 с.

64. Зорькин, В.Д. Конституционно-правовое развитие России [Текст] / В.Д. Зорькин. – М., 2011. – 720 с.

65. Иваненко, В.А., Иваненко, В.С. Социальные права человека и социальные обязанности государства: международные и конституционные правовые аспекты [Текст] / В.А. Иваненко, В.С. Иваненко. – СПб., 2003. – 404 с.

66. Ильин, И.А. Наши задачи [Текст]. Историческая судьба и будущее России: статьи 1948-1954 гг. В 2-х т. / И.А. Ильин. – М., 1992. – Т.2. – 616 с.

67. Ильин, И.А. О сущности правосознания [Текст] / И.А. Ильин. – М., 1994. – 234 с.

68. Имомов, А. Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои асосӣ [Матн] / А. Имомов. – Душанбе, 2013. – 224 с.

69. Имомов, А. Конституционное право Республики Таджикистан [Текст] / А. Имомов. – Душанбе, 2012. – 240 с.

70. Имомов, А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: Офсет Империя, 2017. – 760 с.

71. Институт омбудсмена на планете Земля [Текст] / под ред. проф. А.Н. Соколова. – Калининград: КлЮИ МВД России, 2005. – 260 с.

72. Искандаров, З.Ҳ. Адвокатураи судӣ [Матн] / З.Ҳ. Искандаров. – Душанбе: матбааи ДМТ, 2015. – 250 с.

73. Искандаров, З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он [Матн] / З.Ҳ. Искандаров. – Душанбе, 2007. – 198 с.

74. Искандаров, Ш.Ф. Специализированные государственные правозащитные институты по правам человека в Таджикистане: история, теория и современная практика [Текст] [монография] / Ш.Ф. Искандаров. – Душанбе: Promexpo, 2019. – 210 с.

75. Исмаилов, Б.И. Становление современной системы международно-правовой защиты прав человека: Учебное пособие [Текст] / Б.И. Исмаилов. – Т.: РЦПКЮ, 2012. – 76 с.

76. История государства и права зарубежных стран [Текст] / под общ. ред. Н.А. Крашенинниковой и О.А. Жидкова. – М.: НОРМА-ИНФРА-М, 2008. – 720 с.

77. Источники права исламского периода таджикской государственности: теория и практика [Текст] / Отв. редактор академик АН РТ Тахиров Ф.Т. 2-е изд. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 224 с.

78. Калашников, С.В. Функциональная теория социального государства [Текст] / С.В. Калашников. – М., 2002. – 188 с.

79. Кант, И. К вечному миру. Трактовка о вечном мире [Текст] / И. Кант. – М., 1963. – 312 с.

80. Кант, И. Собр. соч. В 6 т. [Текст]. – М., 1964. – Т.3. – 799 с.

81. Кант, И. Сочинения в 6 т. [Текст]. – М. 1965. – Т.4. – Ч.2. – 544 с.

82. Карташкин, В.А. Права человека в международном и внутригосударственном праве [Текст] / В.А. Карташкин; отв. ред. Лукашева Е.А. – М., 1995. – 135 с.

83. Керимов, Г.А. Аль-Газали и суфизм [Текст]. – Баку, 1969. – 109 с.

84. Керимов, Д.А. Проблемы общей теории права и государства. Правовое государство [Текст] / Д.А. Керимов. – М., 2001. – Т.1. – 196 с.

85. Кистяковский, Б.А. Государственное право (общее и русское) [Текст]. Лекции // Философия и социология права / Б.А. Кистяковский. – СПб., 1999. – 798 с.

86. Кистяковский, Б.А. Государство правовое и социалистическое [Текст] // Вопросы философии и психологии / Б.А. Кистяковский. – М., 1906. – Кн. 4 (84). – 521 с.

87. Кистяковский, Б.А. Социальные науки и право [Текст] / Б.А. Кистяковский. – СПб., 1999. – 707 с.

88. Кистяковский, Б.А. Философия и социология права [Текст] / Б.А. Кистяковский. – СПб., 1999. – 268 с.

89. Ковалевский, М.М. Учение о личных правах [Текст] / М.М. Ковалевский. – М., 1906. – 42 с.

90. Ковешников, Е.М., Марченко, М.Н., Стешенко, Л.А. Конституционное право стран Содружества Независимых Государств [Текст] / Е.М. Ковешников, М.Н. Марченко, Л.А. Стешенко. – М., 1999. – 446 с.

91. Ковлер, А.И. Антропология права [Текст]: учебник для вузов / А.И. Ковлер. – М., 2002. – 467 с.

92. Козлов, А.Е. Социальная политика: конституционно-правовые проблемы [Текст] / А.Е. Козлов. – М., 1990. – 160 с.

93. Кокошкин, Ф.Ф. Лекции по общему государственному праву [Текст] / Ф.Ф. Кокошкин. – М., 2004. – 312 с.

94. Колосова, Н.М. Конституционная ответственность в Российской Федерации: Ответственность органов государственной власти и иных субъектов права за нарушение конституционного законодательства Российской Федерации [Текст] / Н.М. Колосова. – М., 2000. – 190 с.

95. Компендиум социального учения Церкви [Текст]. – Libreria Editrice Vaticana, 2006. – 613 с.

96. Конституции государств-участников СНГ [Текст]. – М., 1999. – 715 с.

97. Конституции зарубежных государств [Текст]. – М., 1996. – 406 с.

98. Конституционное право Российской Федерации [Текст] / М.И. Кукушкин, А.А. Югов, В.Д. Перевалов. – Екатеринбург, 1995. – 367 с.

99. Конституция Российской Федерации [Текст] / В.А. Туманов, В.Е. Чиркин, Ю.А. Юдин и др. – М., 1995. – 320 с.

100. Конституция Российской Федерации. Комментарий [Текст]. – М., 1994. – 623 с.

101. Коркунов, В.М. Русское государственное право: Введение и общая часть [Текст] / В.М. Коркунов. 4-е изд. – СПб., 1901. – Т.1. – 650 с.

102. Коркунов, В.М. Указ и закон [Текст] // Антология мировой политической мысли / В.М. Коркунов. В 5 т. – М., 1997. – Т.4. – 408 с.

103. Коркунов, Н.М. Русское государственное право [Текст] / Н.М. Коркунов. – СПб., 1901. – Т. 1. – Отд. 3. – Гл. 3. – 650 с.

104. Котляревский, С.А. Власть и право. Проблема правового государства [Текст] / С.А. Котляревский. – М., 1915. – 436 с.

105. Котляревский, С.А. Конституционное государство. Опыт политико-мифологического обзора [Текст] / С.А. Котляревский. – СПб., 1907. – 268 с.

106. Кочеткова, Л.Н. Социальное государство: опыт философского исследования [Текст] / Л.Н. Кочеткова. – М., 2009. – 157 с.

107. Кудрявцев, В.Н. Право и поведение [Текст] / В.Н. Кудрявцев. – М., 1978. – 192 с.

108. Курицын, В.М., Шалягин, Д.Д. Опыт становления конституционализма в США, Японии и советской России [Текст] / В.М. Курицын, Д.Д. Шалягин. – М., 2004. – 496 с.

109. Курский, Д.И. Избранные статьи и речи [Текст] / Д.И. Курский. – М., 1948. – 330 с.

110. Кучинский, В.А. Личность. Свобода. Право [Текст] / В.А. Кучинский. – М., 1978. – 208 с.

111. Кучинский, Ю. Права человека и классовые права [Текст] / Ю. Кучинский. – М., 1981. – 176 с.

112. Лазарев, Л.В., Марышева, Н.И., Пантелеева, И.В. Иностранные граждане (правовое положение) [Текст] / [Л.В. Лазарев и др.]. – М., 1992. – 318 с.

113. Лейст, О.Э. Сущность права [Текст] / О.Э. Лейст. – М., 2002. – 339 с.

114. Ленин, В.И. Доклад о задачах власти советов [Текст]. Газетный отчет / В.И. Ленин // Полн. собр. соч. – М., 1974. – Т.35. – 421 с.

115. Леонтьев, К.Н. Над могилой Пазухина [Текст] // Храм и церковь / К.Н. Леонтьев. – М., 2003. – 629 с.

116. Локк, Дж. Два трактата о правлении [Текст] // Соч.: в 3 т. / Дж. Локк. – М.,1988. – Т.3. – 668 с.

117. Локк, Дж. Избранные философские произведения [Текст] / Дж. Локк. – М., 1960. – Т.2. – 532 с.

118. Лоренц фон Штейн. Учение об управлении и право управления с сравнением литературы и законодательств Франции, Англии и Германии [Текст] / Пер. с нем. и под ред. И.Е. Андреевского. – СПб., 1884. – 578 с.

119. Лукашева, Е.А. Понятие и генезис прав человека [Текст] // Права человека / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – М., 2000. – 573 с.

120. Лукашева, Е.А. Права человека и правовое государство [Текст] // Права человека / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – М., 2000. – 573 с.

121. Лукашева, Е.А. Права человека, политика, мораль [Текст] // Права человека / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – М., 2000. – 573 с.

122. Лукашева, Е.А. Человек и государство [Текст] // Права человека / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – М., 2000. – 573 с.

123. Лукашева, Е.А. Человек, право, цивилизации: нормативно-ценностное измерение [Текст] / Е.А. Лукашева. – М., 2011. – 384 с.

124. Люшер, Ф. Конституционная защита прав и свобод личности [Текст] Пер. с франц. / Ф. Люшер. – М., 1993. – 384 с.

125. М. Ғазолӣ. Насиҳат-ул мулук [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1993. – 144 с.

126. Маликова, А.Х. Организационно-правовые аспекты функции государства по социальной защите престарелых и инвалидов в Республике Таджикистан [Текст] / А.Х. Маликова; Отв.ред. д.ю.н., проф. Ф.Т. Тахиров. – Душанбе, 2005. – 230 с.

127. Маликова, А.Х. Проблемы формирования социального государства в Таджикистане [Текст]: монография / А.Х. Маликова. – Душанбе, 2013. – 170 с.

128. Малицкий, А.А. Советская конституция [Текст]. 2-е изд. / А.Л. Малицкий. – Харьков, 1925. – 440 с.

129. Малько, А.В. Правовая политика в Российской Федерации: региональный уровень [Текст] / Под ред. А.В. Малько. – Тамбов, 2008. – 363 с.

130. Малько, А.В. Теория правовой политики [Текст]: монография / А.В. Малько. – М., 2012. – 328 с.

131. Малько, А.В., Шундиков, К.В. Цели и средства в праве и правовой политике [Текст] / А.В. Малько, К.В. Шундиков. – Саратов, 2003. – 296 с.

132. Маҳмудов, М.А., Сотиволдиев, Р.Ш. Ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳаммияти он дар инкишофи давлати соҳибихтиёр [Матн] / М.А. Маҳмудов, Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – 124 с.

133. Маркс, К., Энгельс, Ф. Соч [Текст] / К. Маркс, Ф. Энгельс. – Т. 1. – 612 с.

134. Маркс, К., Энгельс, Ф. Соч [Текст] / К. Маркс, Ф. Энгельс. – Т. 3. – 630 с.

135. Маркс, К., Энгельс, Ф. Соч [Текст] / К. Маркс, Ф. Энгельс. – Т. 4. – 570 с.

136. Мартыненко, Б.К. Правосознание, правовая культура и правовое воспитание [Текст] // Проблемы теории государства и права / Б.К. Мартыненко; под ред. В.М. Сырых. – М., 2008. – 541 с.

137. Марченко, М.Н. Государство и право в условиях глобализации [Текст] / М.Н. Марченко. – М., 2011. – 400 с.

138. Марченко, М.Н. Курс сравнительного правоведения [Текст] / М.Н. Марченко. – М., 2002. – 1068 с.

139. Марченко, М.Н. Проблемы теории государства и права [Текст] / М.Н. Марченко. – М., 2001. – 760 с.

140. Марченко, М.Н. Сравнительное правоведение. Общая часть [Текст] / М.Н. Марченко. – М., 2001. – 560 с.

141. Марченко, М.Н. Тенденции развития права в современном мире [Текст]: учебное пособие / М.Н. Марченко. – М., 2015. – 280 с.

142. Марченко, М.Н. Теория государства и права [Текст] / М.Н. Марченко. – М., 2004. – 636 с.

143. Материалы XIX Всесоюзной конференции КПСС [Текст] 28 июня - 1 июля 1988 г. – М., 1988. – 159 с.

144. Матузов, Н.И. Актуальные проблемы теории права [Текст] / Н.И. Матузов. – Саратов, 2003. – 510 с.

145. Матузов, Н.И. Актуальные проблемы теории права [Текст] / Н.И. Матузов. – Саратов, 2003. – 510 с.

146. Матузов, Н.И. Право и личность [Текст] // Общая теория права / Н.И. Матузов; под общ. ред. В.К. Бабаева. – Н. Новгород, 1993. – 312 с.

147. Матузов, Н.И. Правовая политика: сущность, концепция и реальность [Текст] // Российская правовая политика: Курс лекций / Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., 2003. – 776 с.

148. Матузов, Н.И. Правовая система и личность [Текст] / Н.И. Матузов. – Саратов, 1987. – 293 с.

149. Матузов, Н.И. Субъективное право граждан СССР [Текст] / Н.И. Матузов. – Саратов, 1966. – 190 с.

150. Медушевский, А.Н. Сравнительное конституционное право и политические институты [Текст] / А.Н. Медушевский. – М., 2002. – 511 с.

151. Международные пакты о правах человека. Сборник документов [Текст] / Сост. В.А. Карташкин, Е.А. Лукашева. – М., 2002. – 911 с.

152. Мережко, А.А. Проблемы теории международного публичного и частного права [Текст]: монография / А.А. Мережко. – К.: Юстиниан, 2010. – 244 с.

153. Моль, Р. Наука полиции по началам юридического государства [Текст]. – СПб., 1871. – С. 5, 6, 288, 289.

154. Монтескье, Ш. Избранные произведения [Текст] / Ш. Монтескье. – М., 1955. – 803 с.

155. Мордовцев, А.С. Социально-юридический механизм обеспечения прав человека и гражданина [Текст] / А.С. Мордовцев. – Саратов, 1996. – 287 с.

156. Морозова, Л.А. Теория государства и права [Текст] / Л.А. Морозова. – М., 2005. – 510 с.

157. Му’ин, Маҳмуд. Фарҳанге Му’ин («Этимологический словарь Му’ина»). – Т. 2. – 560 с.

158. Муромцев, С.А. Определение и основное разделение права [Текст] / С.А. Муромцев. – СПб., 2004. – 240 с.

159. Мысляева, И.Н. Человеческий фактор: политэкономический аспект [Текст] / И.Н. Мысляева. – М., 1989. – 142 с.

160. Мюллерсон, Р.А. Права человека: идеи, нормы, реальность [Текст] / Р.А. Мюллерсон. – М., 1991. – 156 с.

161. Насриддинзода, Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ [Матн] (воситаи таълимӣ) / Э.С. Насриддинзода. – Душанбе: Меҳрона, 2017, 2019. – 204 с.

162. Насриддинзода, Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ [Матн] / Э.С. Насриддинзода. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 316 с.

163. Насурдинов, Э.С. Правовая культура [Текст]: монография / Э.С. Насурдинов; [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – М.: Норма, 2014. – 352 с.

164. Насурдинов, Э.С. Правовая культура: теоретико-методологический аспект [Текст]: монография / Э.С. Насурдинов. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 160 с.

165. Насурдинов, Э.С. Проблемы формирования правовой культуры в условиях становления демократического государства в Таджикистане [Текст] / Э.С. Насурдинов. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 196 с.

166. Нерсесянц, В.С. История идей правовой государственности [Текст] / В.С. Нерсесянц / Рос. АН. Ин-т государства и права, Акад. правовой ун-т. – М., 1993. – 212 с.

167. Нерсесянц, В.С. Общая теория права и государства [Текст]. – М.: Норма, 2015. – 455 с.

168. Нерсесянц, В.С. Общая теория права и государства [Текст]: учебник / В.С. Нерсесянц. – М.: Норма-Инфра, 1999. – 552 с.

169. Нерсесянц, В.С. Права человека в истории политико-правовой мысли [Текст] / В.С. Нерсесянц. – М., 2004. – 241 с.

170. Нерсесянц, В.С. Права человека в истории политико-правовой мысли // Права человека [Текст] / В.С. Нерсесян. – М., 2000. – 703 с.

171. Нерсесянц, В.С. Правовая политика Российской Федерации: основные направления и задачи [Текст] / В.С. Нерсесянц // Правовая политика и пути совершенствования правотворческой деятельности в Российской Федерации. – М., 2006. – 208 с.

172. Нерсесянц, В.С. Философия права [Текст]. Учебник для вузов / В.С. Нерсесянц. – М.: Норма, 1997. – 652 с.

173. Нерсесянц, В.С. Философия права [Текст]: учебник. 2-е изд. / В.С. Нерсесянц. – М.: Норма, 2011. – 848 с.

174. Новгородцев, П.И. Введение в философию права. Кризис современного правосознания [Текст] / П.И. Новгородцев. – СПб., 2000. – Гл. 2. – 352 с.

175. Новгородцев, П.И. Идеалы против народной свободы [Текст]. Сочинения / П.И. Новгородцев. – М., 1905. – 125 с.

176. Новгородцев, П.И. О задачах русской интеллигенции [Текст]. Сочинения / П.И. Новгородцев. – М., 1995. – 224 с.

177. Новгородцев, П.И. О задачах современной философии права [Текст]. Сочинения / П.И. Новгородцев. – М., 1995. – 224 с.

178. Образование в области прав человека в России, включая образование в области профилактики ВИЧ/СПИДа: аналитический отчет / Под ред. А.Я.Азарова. – М.: Московская школа прав человека, 2008. – 453 с.

179. Образование в области прав человека в России: аналитический отчет [Текст]. – М., 2008. – 300 с.

180. Общая теория прав человека [Текст] / Отв. ред. д.ю.н. Е.А. Лукашева. – М.: Норма, 1996. – 520 с.

181. Общая теория права и государства [Текст] / Под ред. В.В. Лазарева. – М., 1999. – 520 с.

182. Общая теория права. Курс лекций / под общей ред. В.К. Бабаева. – Нижний Новгород, 1993. – 544 с.

183. Общественное мнение [Текст]. – М.: Левада-Центр, 2007. – 236 с.

184. Основы новейшей государственности [Текст] / З. Алиев, М. Диноршоев и др. – М., 2002. – 334 с.

185. Пейн, Т. Права человека [Текст] // Антология мировой политической мысли. В 5 т. Т. 1. Зарубежная политическая мысль: истоки и эволюция [Текст] / Под ред. А.А. Миголатьева. – М., 1997. – 832 с.

186. Перевалов, В.Д. Теория государства и права: учебник [Текст] / В.Д. Перевалов. – М., 2005. – 532 с.

187. Петражицкий, Л.И. Теория права и государства. В связи с теорией нравственности [Текст] / Л.И. Петражицкий. – СПб., 2000. – 312 с.

188. Пищулин, Н.П. Общество и образование: вчера, сегодня, завтра [Текст]: Учебное пособие Н.П. Пищулин. – М.: Жизнь и мысль, 2004. – 295 с.

189. Платон. Сочинения в трех томах [Текст]. – М., 1971. – Т. 3. – Ч. 1. – 685 с.

190. Погонина, О. Программа и методические рекомендации к спецкурсу «Права человека» (Специальность «Учитель истории и обществознания») [Текст] / О. Погонина. – Калуга, 2008. – 124 с.

191. Покровский, И.А. Основные проблемы гражданского права [Текст] / И.А. Покровский. – М., 2003. – 349 с.

192. Полибий о римской республике [Текст] / Полибий. Всеобщая история // Хрестоматия по истории Древнего Рима / Под ред. С.Л. Утченко. – М., 1962. – 342 с.

193. Права и свободы человека в программных документах основных политических партий и объединений России. XX век. [Текст] / под ред. акад. РАЕН А.Н. Аринина (отв. редактор), акад. РАЕН С.И. Семенова, акад. РАЕН В.В. Шелохаева. – М.: «Российская политическая энциклопедия» (РОССПЭН), 2003. – 496 с.

194. Права человека [Текст] / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – М., 2000. – 573 с.

195. Права человека [Текст] / Под ред. А.Д. Гусева, Я.С. Яскевича. – Минск, 2002. – 303 с.

196. Права человека [Текст] / Под ред. Лукашевой Е.А. – М., 1999. – 573 с.

197. Права человека в современной религиозной мысли Запада [Текст] / Отв. ред. В.И. Гараджа. – М., 1992. – 60 с.

198. Права человека и международные отношения [Текст] / Под ред. Е.А. Лукашевой. – М., 1994. – 511 с.

199. Права человека как фактор стратегии устойчивого развития [Текст] / Под ред. ЕА. Лукашевой. – М., 2000. – 320 с.

200. Права человека. Итоги века, тенденции, перспективы [Текст] / Под ред. Е.А. Лукашевой. – М., 2002. – 435 с.

201. Права человека. Учебник для вузов [Текст] / Под ред. Е.А. Лукашевой. – М., 2009. – 560 с.

202. Права человека: итоги века, тенденции, перспективы [Текст] / Под общ. ред. Е.А.Лукашевой. – М., 2002. – 420 с.

203. Права человека: учебник для вузов [Текст] / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – М., 2000. – 573 с.

204. Права человека: учебное пособие для студентов. Специальность «Учитель истории и обществознания» [Текст]. – Калуга, 2008. – 399 с.

205. Права человека: учебное пособие для студентов. Специальность «Учитель начальных классов» [Текст]. – Калуга, 2008. – 321 с.

206. Права человека: энциклопедический словарь [Текст] / Отв. Ред. С.С. Алексеев. – М.: Норма, 2009. – 654 с.

207. Правовая политика: словарь и проект концепции [Текст] / под ред. А.В. Малько. – Саратов, 2010. – 273 с.

208. Проблемы Латинской Америки и международное право [Текст]. – М., 1995. – 197 с.

209. Проблемы общей теории права и государства [Текст] / Под ред. В.С. Нерсесянца. – М., 1999. – 852 с.

210. Проблемы общей теории права и государства [Текст] / Под. общ. ред. В.С. Нерсесянца. – М., 2001. – 455 с.

211. Проблемы теории государства и права [Текст] / Под ред. С.С. Алексеева. – М., 1979. – 392 с.

212. Проблемы теории государства и права [Текст] / Под ред. М.Н. Марченко. – М., 2001. – 775 с.

213. Проблемы теории государства и права [Текст]: учебник / под ред. В.М. Сырых. – М., 2008. – 524 с.

214. Программа Коммунистической партии Советского Союза [Текст]. – М., 1961. – 144 с.

215. Проект концепции правовой политики в Российской Федерации до 2020 г. [Текст] // Правовая политика: словарь и проект концепции / Под ред. А.В. Малько. – Саратов, 2010. – 311 с.

216. Проект концепции правовой политики в Российской Федерации до 2020 г. [Текст] / Под ред. А.В. Малько. – М., 2008. – 214 с.

217. Раджабов, С.А. Имплементация норм международного гуманитарного права в Республике Таджикистан: проблемы теории и практики [Текст]: монография / С.А. Раджабов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 295 с.

218. Разумовский, И.П. Проблемы марксистской теории права [Текст] / И.П. Разумовский. – М., 1925. – 136 с.

219. Рассказов, Л.П., Упоров, И.В. Естественные права человека [Текст] / Л.П. Рассказов, И.В. Упоров. – СПб., 2001. – 126 с.

220. Рахмон, Д.С. Права человека в условиях глобализации: теоретические и методологические проблемы [Текст]. Монография / Д.С. Рахмон. – Душанбе, 2019. – 376 с.

221. Рахмон, Д.С., Саъдизода, Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций [Текст]: монография / Д.С. Рахмон и др. – Душанбе: ТАЙАРОН, 2018. – 176 с.

222. Рахмон, О.Э. Развитие законодательства о правах и свободах женщин в Таджикистане [Текст] / О.Э. Рахмон. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – 191 с.

223. Раҳмонов Эмомалӣ. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди шашум [Текст] / Эмомалӣ Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 544 с.

224. Рейснер, М.А. Право и революция [Текст] / М.А. Рейснер. – Петроград, 1917. – 32 с.

225. Российское государство и правовая система: Современное развитие, проблемы, перспективы [Текст] / Под ред. Ю.Н. Старилова. – Воронеж, 1999. – 212 с.

226. Руссо, Ж.Ж. Трактаты [Текст]. – М., 1969. – 703 с.

227. Саъди Шерозӣ. Гулистон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 232 с.

228. Сабо, И. Идеологическая борьба и права человека [Текст] / И. Сабо. – М., 1981. – 136 с.

229. Сативалдыев, Р.Ш. Проблемы теории государства и права [Текст]. В 2 т. / Р.Ш. Сативалдыев. – Душанбе, 2010. – Т. 2. – 560 с.

230. Сативалдыев, Р.Ш. Политические и правовые идеи «Сиасет-намэ» и их современное значение [Текст] / Р.Ш. Сативалдыев. – Душанбе, 1998. – 311 с.

231. Сативалдыев, Р.Ш., Кенджаев Ш.Ю. Учение Джами о праве и государстве [Текст] / Р.Ш. Сативалдыев. – Худжанд, 2010. – 541 с.

232. Сативалдыев, Р.Ш., Эсмаили, А.Х. Развитие законодательной системы Ирана в период вестернизации и исламизации иранской правовой системы (XX в. – начало XXI в.) [Текст]: монография / Р.Ш. Сативалдыев, А.Х. Эсмаили; под ред. Р.Ш. Сативалдыева. – Душанбе: Изд-во «Типография Таджикского национального университета», 2016. – 420 с.

233. Сафаров, Д.С. Права человека и глобализация в контексте исламской правовой культуры [Текст]: монография / Д.С. Сафаров. – Душанбе, 2014. – 227 с.

234. Саъдизода, Ҷ., Сафарзода, Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш [Матн] / Ҷ. Саъдизода, Н.Ф. Сафарзода. – Душанбе: Баҳмандрӯд, 2016. – 164 с.

235. Саъдии Шерозӣ. Гулистон [Матн]. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 232 с.

236. Семитко, А.П. Правосознание и правовая культура [Текст] // Теория государства и права: учебник / А.П. Семитко; под ред. В.Д. Перевалова. – М., 2006. – 321 с.

237. Синх, С.П. Юриспруденция. Философия права [Текст] / С.П. Синх. – М., 1996. – 385 с.

238. Синюков, В.Н. Политика Российского государства в сфере юридического образования [Текст] / Правовая политика: словарь и проект концепции // В.Н. Синюков. – Саратов, 2010. – 273 с.

239. Синюков, В.Н. Российская правовая система. Введение в общую теорию [Текст] / В.Н. Синюков. – Саратов, 1994. – 412 с.

240. Современная правоприменительная практика как осуществление правовой политики перестройки в СССР [Текст]: Межвуз. сб. науч. тр. / Ред. Л.Ю. Бугров. – Пермь, 1989. – 148 с.

241. Соловьев, В.С. Философские начала цельного знания [Текст] // Соч. в 2-х т. / В.С. Соловьев. – М., 1988. – Т.2. – 245 с.

242. Сотиволдиев, Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ [Матн] / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2011. – 540 с.

243. Сотиволдиев, Р.Ш. Ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон // Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ [Матн] / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2010. – 560 с.

244. Социальное государство. Краткий политический словарь-справочник [Текст] / Под ред. В.А. Александрова. – М., 2002. – 201 с.

245. Спасская, В.В. Правовое регулирование образовательных отношений: проблемы теории и практики [Текст] / В.В. Спасская. – 2-е изд. – М., 2012. – 312 с.

246. Спиноза, Б. Избранные произведения [Текст] / Б. Спиноза. – М., 1957. – Т.2. – 322 с.

247. Сравнительное изучение цивилизаций. Хрестоматия / Сост. Б.С. Ерасов. – М., 1998. – 556 с.

248. Страшун, Б.А., Мишин, А.А. Социальное государство [Текст] // Конституционное (государственное) право зарубежных стран. Общая часть / Б.А. Страшун, А.А. Мишин. – М., 2010. – 423 с.

249. Стучка, П.И. Избранные произведения по марксистско-ленинской теории права [Текст] / П.И. Стучка. – Рига, 1964. – 245 с.

250. Субъективное право: проблемы осуществления и защиты: тезисы докладов [Текст]. – Владивосток, 1989. – 90 с.

251. Сумма, Тимо. Социальная защита как производительный фактор [Текст] // Экономические аспекты социальной политики в Российской Федерации. Международная конференция 12-13 ноября 1998 г. / Тимо Сумма. – М., 1999. – 192 с.

252. Сырых, В.М. История и методология юридической науки [Текст] / В.М. Сырых. – М., 2012. – 464 с.

253. Сюкияйнен, Л.Р. Ислам и права человека в диалоге культур и религий [Текст]: монография / Л.Р. Сюкияйнен. – М., 2014. – 212 с.

254. Сюкияйнен, Л.Р. Мусульманское право [Текст] / Л.Р. Сюкияйнен. – М., 1986. – 238 с.

255. Тахиров, Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан [Текст] / Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: Дониш, 2009. – 369 с.

256. Теория государства и права [Текст] / Под ред. А.С. Пиголкина и Ю.А. Дмитриева. – М., 2008. – 516 с.

257. Теория государства и права. Курс лекций [Текст] / Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., 1997. – 776 с.

258. Тихомиров, Л.А. Монархическая государственность [Текст] / Л.А. Тихомиров. – СПб., 1992. – 650 с.

259. Топорнин, Б.Н. Вступительная статья к научно-практическому комментарию «Конституция Российской Федерации» [Текст] / Б.Н. Топорнин. – М., 1997. – 412 с.

260. Топорнин, Б.Н. Конституционный статус личности в СССР [Текст] / [Б.Н. Топорнин и др.; Редкол.: Н.В. Витрук и др.]. – М.: Юрид. лит., 1980. – 256 с.

261. Трофимов, В.В. Научные основы правовой политики: проблемы формирования [Текст] // Правовая политика в Российской Федерации: региональный уровень / В.В. Трофимов; под ред. А.В. Малько. – Тамбов, 2008. – 250 с.

262. Туленова, Г. Молодежная политика в Республике Узбекистан: состояние и перспективы развития [Текст] / Г. Туленова. – Ташкент, 2008. – 190 с.

263. Уманова, И.А. Конституционные основы современного российского федерализма [Текст] / И.А. Уманова. – М., 2000. – 278 с.

264. Умаров, Г.А. Философские и этические взгляды Айнулкузота [Текст] Г.А. Умаров. – Душанбе, 1984. – 62 с.

265. Утяшев, М.М., Утяшева, Л.М. Права человека в современной России [Текст] / М.М. Утяшев, Л.М. Утяшева. – Уфа, 2003. – 613 с.

266. Утяшов, Э.К. Личность, общество и государство [Текст] // Проблемы теории государства и права / Э.К. Утяшов; под ред. В.М. Сырых. – М., 2008. – 248 с.

267. Федеральная концепция обеспечения и защиты прав и свобод человека (проект) [Текст]. – М.: НОРМА, 2000. – 96 с.

268. Философский энциклопедический словарь [Текст]. – М.: «Советская энциклопедия», 1983. – 520 с.

269. Фляйнер, Т. Что такое права человека [Текст] / Т. Фляйнер; пер. с нем. – М., 1997. – 189 с.

270. Хамидов, Х. Совершенствование Основного закона современного Таджикистана [Текст] / Х. Хамидов. – Душанбе, 2005. – 107 с.

271. Хангтингтон, С. Кто мы?: Вызовы американской национальной идентичности [Текст] / С. Хангтингтон; пер. с англ. А. Башкирова. – М.: ООО «Издательство» АСТ. 2004. – 635 с.

272. Хански, Р., Сукси, М. (ред.) Введение в вопросы международной защиты прав человека [Текст] / Перевод на русский язык подготовлен московским

издательством «Права человека» в 1997-1998 гг. / Р. Хански, М. Сукси; пер. А. Иванченко. – М., 1999. – 576 с.

273. Хантингтон, С. Становление цивилизаций? [Текст] / С. Хантингтон. – М., 2011. – 571 с.

274. Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций [Текст] / С. Хангтингтон; пер. с англ. Т. Велимеева, Ю. Новикова. – М., 2003. – 603 с.

275. Хартии Европейского Союза об основных правах: комментарий [Текст] / Под ред. С.Ю. Кашкина. – М., 2001. – 208 с.

276. Хартия Европейского Союза об основных правах 2000 г. [Текст] // Хартия Европейского Союза об основных правах: Комментарий / Под ред. С.Ю. Кашкина. – М., 2001. – 172 с.

277. Хессе, Конрад. Основы конституционного права ФРГ [Текст] / Конрад Хессе; пер. с нем. Е.А. Сидоровой. – М., 1981. – 368 с.

278. Хеффе, О. Политика. Право. Справедливость. Основоположения критической философии права и государства [Текст] / О. Хеффе; пер. с нем. – М.,1994. – 328 с.

279. Хёффе, О. Политика. Право. Справедливость. Основоположения критической философии государства и права [Текст] / О. Хёффе. – М., 1994. – 328 с.

280. Холиқзода, А.Ғ. Мафкураи миллӣ ва ҳуқуқ [Матн] / А.Ғ. Холиқзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 558 с.

281. Холиқзода, А.Ғ. Мухтасари қонунномаи Сосониён: Мотекони ҳазор додестон – ҳазор амсоли додгоҳӣ (ҳуқуқи бостон) [Матн] / А.Ғ. Холиқзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – 156 с.

282. Холиқзода, А.Ғ., Шосаидзода Ш.Ш. Ҳуқуқ дар таърихи халқи тоҷик [Матн]: монография / А.Ғ. Холиқзода, Ш.Ш. Шосаидзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 552 с.

283. Холиқов, А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон [Матн] / А.Ғ. Холиқов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 92 с.

284. Холиқов, А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон [Матн]. Васоити таълимӣ / А.Г. Холиқов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 92 с.

285. Хоҷа, Низомулмулки Тусӣ. Ахлоқи Носирӣ. (ба хатти форсӣ). – Теҳрон, 1967. – 215 с.

286. Хрестоматия по истории государства и права зарубежных стран [Текст]. – М., 1984. – 472 с.

287. Сотиволдиев, Р.Ш. Ҳуқуқ ва инсон [Матн] // Назарияи давлат ва ҳуқуқ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2018. – 784 с.

288. Ҳусайн, Воизи Кошифӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ [Матн]. – Теҳрон, 1357 ҳ. – 180 с.

289. Цицерон, М.Т. Диалоги о государстве – о законах [Текст] / М.Т. Цицерон. – М., 1966. – 224 с.

290. Четвернин, В.А. Введение в курс общей теории права и государства [Текст] / В.А. Четвернин. – М., 2003. – 204 с.

291. Четвернин, В.А. Демократическое конституционное государство. Введение в теорию / В.А. Четвернин. – М., 1993. – 141 с.

292. Чиркин, В.Е. Современное государство [Текст] / В.Е. Чиркин. – М., 2001. – 411 с.

293. Чичерин, Б.Н. Наука и религия [Текст] / Б.Н. Чичерин. – М., 1999. – 496 с.

294. Чичерин, Б.Н. Курс государственной науки. Общее государственное право [Текст] / Б.Н. Чичерин. – М., 1894. – Ч.1. – 482 с.

295. Шарипов, Т.Ш. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон» [Матн] / Т.Ш. Шарипов. – Душанбе, 2015. – 506 с.

296. Шарипов, Т.Ш., Сафаров, А.И. Муқовимат ба савдои одамон [Матн]. Воситаи илмӣ-амалӣ / Т.Ш. Шарипов А.И. Сафаров. – Душанбе, 2015. – 296 с.

297. Шершеневич, Г.Ф. Общая теория права [Текст] / Г.Ф. Шершеневич. – М., 1910. – Вып.1. – 839 с.

298. Шундиков, К.В. Цели, средства и результаты правовой политики [Текст] // Российская правовая политика: курс лекций / К.В. Шундиков; под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., 2003. – 296 с.

299. Юридическая энциклопедия [Текст] / Под общ. ред. Б.Н. Топорнина. – М., 2001. – 1267 с.

300. Юридический энциклопедический словарь [Текст] / Отв. ред. О.Г. Румянцев, В.Н. Додонов. – М., 1996. – 374 с.

301. Явич, Л.С. Проблемы правового регулирования советских общественных отношений [Текст] / Л.С. Явич. – М., 1961. – 172 с.

302. Ященко, А.С. Теория федерализма. Опыт синтетической теории права [Текст]. – Юрьев, 1912. – 841 с.

**IV. Мақолаҳо ва маърузаҳо:**

303. ASIA-PLUS. – 2009. – 5 ноября. – № 45 (776).

304. Абашидзе, А.Х., Абдалла, И.А. Арабская хартия прав человека [Текст] // Правоведение. – 2000. – №1. – С. 196-200.

305. Абдуллоев, Н.А., Абдуллоев, П.С. Развитие международно-правой помощи РТ по уголовным делам за годы независимости [Текст] / Н.А. Абдуллоев, П.С. Абдуллоев // Развития судебного права, уголовного права и правоохранительной деятельности в РТ / Материалы республиканской научно-практической конференции [Текст]. – Душанбе, 2015. – С. 87-106.

306. Азизкулова, Г.С. Правовое воспитание в Таджикистане (история вопроса) [Текст] / Г.С. Азизкулова // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему: «Ответственность родителей в обучении и воспитании детей». – Душанбе, 2012. – С. 62-65.

307. Аксенчук, Л.А. Правоспособность несовершеннолетнего в сфере предпринимательской деятельности [Текст] / Л.А. Аксенчук // Законодательство. – 2001. – № 12. – С. 8-11.

308. Александров, В.А. Формирование законопослушного гражданина – приоритетное направление правовой политики современной России [Текст] / В.А. Александров // Правоведение. – 1998. – № 1. – С. 39-50.

309. Ализода, З. Нақши Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон дар рушди ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З. Ализода // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2019. – С. 13-16.

310. Ализода, З. Эволюция парламентаризма в Республике Таджикистан [Текст] / З. Ализода // Центральная Азия и Кавказ. – Швеция: CA&CCPress. – 2008. – № 2 (56). – С. 100-107.

311. Алменов, Б.А. Образование в области прав человека / Б.А. Алменов // Международный журнал экспериментального образования [Текст]. – 2013. – № 4. – С. 146-148.

312. Анаам, А. Арабская хартия прав человека как один из основных региональных международно-правовых документов по правам человека на Ближнем Востоке [Текст] / А. Анаам // Сборник аспирантских научных работ. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 2006. – Вып. 7: Т. 1. – С. 11-24.

313. Анисимов, П.В. О методологическом и практическом значении прав человека на правовую защиту в формировании правозащитного направления отечественной юридической науки [Текст] / П.В. Анисимов // Российская и европейская правозащитные системы: соотношение и проблемы гармонизации. – Н. Новгород, 2003. – С. 33-45.

314. Бабаджанов, И.Х. Охраны права внутриутробного ребенка на жизнь: законодательство России, Республики Таджикистан и других стран [Текст] / И.Х. Бабаджанов // Вестник ТНУ. – №3/1 (128). – 2014. – С. 86-93.

315. Бабаджанов, И.Х. Право человека на соматическую целостность в контексте развития биомедицинских технологий [Текст] / И.Х. Бабаджанов, В.П.

Сальников, Ш.Т. Тагайназаров // Юридическая наука: история и современность. – 2017. – №4. – С. 80-95.

316. Бабаджанян, К.А. Современная концепция взаимоотношения государства и личности [Текст] / К.А. Бабаджанян // Правовая политика и правовая жизнь. – 2011. – №4. – С. 115-121.

317. Баренбойм, П. Экономической реформе нужна новая правовая политика правительства [Текст] / П. Баренбойм // Советская юстиция. – 1993. – № 4. – С. 9-10.

318. Биктасов, О.К., Щербаковский Г.З. Взаимодействие государства и гражданского общества в условиях интеграции в международную правовую систему: некоторые вопросы истории и теории [Текст] / О.К. Биктасов, Г.З. Щербаковский // История государства и права. – 2006. – № 6. – С 3-6.

319. Вагизов, Р.Г. Понятие омбудсмена (уполномоченного по правам человека) в современной правовой доктрине [Текст] / Р.Г. Вагизов // Российская юстиция. – 2008. – №11. – С. 40-44.

320. Варчук, Т.В. Социальное правовое государство и гражданское общество [Текст] / Н.В. Варчук // Материалы науч.-практ. конф., «Концепция социального государства Российской Федерации» и междунар. круглого стола «Соц. государство: опыт, проблемы». Под общ. ред. Н.И. Гриценко. – М., 2004. – С. 139-142.

321. Венгеров, А.Б. Социалистический плюрализм в концепции правового государства [Текст] / А.Б. Венгеров // Правовое социалистическое государство: понятие, опыт и перспективы: Сб. науч. Трудов. – М., 1990, 1991. – С. 50-60.

322. Вопленко, Н.Н. Правоприменительная политика: понятие и содержание [Текст] / Н.Н. Вопленко // Тезисы докладов IX научной конференции проф.-препод. сост. Волгоградского государственного университета. – Волгоград, 1992. – С. 96-97.

323. Востриков, М.В. Развитие органической системы: условия, предпосылки, результат [Текст] / М.В. Востриков // Развитие общественных отношений социализма как целостности. – Ростов-на-Дону, 1989. – С. 63-78.

324. Гафуров, Х.М. Вопросы судебной защиты в контексте реализации судебно-правовой реформы в Республике Таджикистан [Текст] / Х.М. Гафуров // Вестник ТНУ. – 2015. – №3/11(188). Часть 2. – С. 64-67.

325. Глухарева, Л.И. Универсальность и социокультурный релятивизм прав человека [Текст] / Л.И. Глухарева // Право и права человека. Сборник научных трудов юридического факультета МГПУ. Кн. 5. – М., 2003. – С. 24-38.

326. Горян, Э.В. Исламская концепция прав человека и прогрессивное развитие международного права [Текст] / Э.В. Горян // Международное право. – 2015. – №3. – С. 91-101.

327. Гражданское общество, правовое государство и право [Текст] / Круглый стол журналов «Государство и право» и «Вопросы философии» // Государство и право. – 2002. – №1. – С. 18-33.

328. Грищенко, Г.А. Институт посланий Президента Российской Федерации в механизме легитимации государственной власти [Текст] / Г.А. Грищенко // Российский юридический журнал. – 2011. – №6. – С. 37-45.

329. Гулиев, В.Е. На пути к правовому государству [Текст] / В.Е. Гулиев // Социалистическое правовое государство. Проблемы и суждения / Отв. ред. Б.Н. Топорнин. – С. 108-121.

330. Гуляихин, В.Н. Правовое воспитание человека как процесс формирования ценностно-смыслового компонента правосознания [Текст] / В.Н. Гуляихин // Вопросы права и политики. – 2014. – №8. – С. 60-70.

331. ДАЙДЖЕСТ-PRESS. – 2010. – 11 ноября. – №45 (829).

332. Джанибекова, Н.А., Зарипов, Ш.А. Место правового воспитания в формировании правосознания молодежи [Текст] / Н.А. Джанибекова, Ш.А. Зарипов // Молодой ученый. – 2013. – №7. – С. 273-278.

333. Диноршоев, А.М. Закрепление прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан по Конституции 1994 г. [Текст] / А.М. Диноршоев // Современная гуманитарная наука: проблемы и перспективы развития: материалы международной научной конференции, 16 июня 2015 г. – С. 48-54.

334. Диноршоев, А.М. Место Уполномоченного по правам человека в РТ в системе органов государственной власти [Текст] / А.М. Диноршоев // Правовая жизнь. – 2015. – №2. – С. 88-93.

335. Диноршоев, А.М. Права и свободы человека и гражданина в Конституции Республики Таджикистан и международно-правовых документах: особенности закрепления и имплементация в национальное законодательство [Текст] / А.М. Диноршоев // Государство и право. – 2009. – № 3. – С. 68-73.

336. Диноршоев, А.М. Теоретические вопросы имплементации международно-правовых норм в законодательстве РТ [Текст] / А.М. Диноршоев // Проблемы соотношения международного и национального права. Материалы межуниверситетской конференции. – С. 31-36.

337. Долгов, А.И. Эффективность правового воспитания и проблемы ее оценки [Текст] / А.И. Долгов // Вопросы борьбы с преступностью. Выпуск 28. – М., 1978. – С. 50-54.

338. Донаков Т. Концепция правовой политики – новый этап строительства правового государства // Казахстанская правда. – 2009. – 2 сентября.

339. Защита прав человека институтами стран Европы (парламенты, омбудсмены, образование): отечественный и зарубежный опыт Серия: Развитие России. – 2011. – №21 (433).

340. Зорькин, В.Д. Правовой характер взаимоотношений личности, общества и государства [Текст] / В.Д. Зорькин // Социалистическое правовое государство: концепция и пути реализации / Отв. ред. В.С. Нерсесянц. – М., 1990. – С. 96.

341. Зорькин, В.Д. Современное российское правопонимание и его законодательное воплощение [Текст] / В.Д. Зорькин // Наш трудный путь к праву: Материалы философско-правовых чтений памяти академика В.С. Нерсесянца. – М., 2006. – С. 13.

342. Имомов, А. Аҳамият ва нақши Конститутсия дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии давлат ва ҷомеа [Матн] / А. Имомов // Наука и инновация. Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2014. – С. 110-115.

343. Имомов, А. Конституционно-правовое развитие Республики Таджикистан (1992-1998): сборник статей [Текст] / А. Имомов. – Душанбе, 1998. – С. 60-65.

344. Имомов, А. Ҳуқуқ ба таҳсил қисми таркибии сиёсати иҷтимоии давлат // Конститутсия – роҳнамои ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил. – Душанбе, 2014. – С. 13-20.

345. Искандаров, Ш.Ф. К вопросу о неправительственных правозащитных организациях как институт по правам человека [Текст] / Ш.Ф. Искандаров // Правовая жизнь. – 2014. – №4 (08). – С. 48-54.

346. Искандаров, Ш.Ф. К вопросу о понятии гарантий прав человека [Текст] / Ш.Ф. Искандаров // Правовая жизнь. – 2018. – №1 (21). – С. 47-53.

347. Искандаров, Ш.Ф. К вопросу о роли Всеобщей декларации прав человека в признании, установлении и закреплении прав и свобод человека [Текст] / Ш.Ф. Искандаров // Материалы научно-теоретической конференции, посвященной 65-летию ВДПЧ. – Душанбе, 2014. – С. 49-67.

348. Искандаров, Ш.Ф. О современном понятии прав ребёнка по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / Ш.Ф. Искандаров // Вестник Таджикского национального Университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – №9. – С. 324-327.

349. Искандаров, Ш.Ф. Рушди таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ [Матн] / Ш.Ф. Искандаров / Истиқлолияти давлатӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ: маҷмуаи МД «Маркази исломшиносӣ» дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Зери таҳрири д.и.ҳ., проф. Холиқзода А.Ғ. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С. 133-140.

350. Каламкарян, Р.А. Права человека в России: декларации, нормы и жизнь [Текст] / Р.А. Каламкарян // (Материалы Международной конференции, посвященной 50-летию Всеобщей декларации прав человека). (Окончание) // Государство и право. – М.: Наука, 2000, № 4. – С. 31-41.

351. Кистяковский, Б.А. Права человека и гражданина [Текст] / Б.А. Кистяковский // Вопросы жизни. – 1905. – №1. – С. 121-128.

352. Кистяковский, Б.А. Право как социальное явление. Проблемы и задачи социально-научного познания [Текст] / Б.А. Кистяковский // Вопросы философии и психологии. – М., 1911. – С. 17-21.

353. Кистяковский, Б.А. Социальные науки и право [Текст] / Б.А. Кистяковский // Философия и социология права / Сост., прим., указ. В.В. Сапова. – СПб., 1999. – С. 284-290.

354. Кодан, С.В. Юридическая политика Российского государства [Текст] / С.В. Кодан // Наш трудный путь к праву: Материалы философско-правовых чтений памяти академика В.С. Нерсесянца / Сост. В.Г. Графский.. – М.: Норма, 2006. – С. 329.

355. Комарова, В.В. Уполномоченный по правам человека в Российской Федерации [Текст] / В.В. Комарова // Государство и право. – 1999. – № 9. – С. 21.

356. Коммунист [Текст]. – 1088. – №2. – С. 43-49.

357. Концепция правовой политики Республики Казахстан на период с 2010 до 2020 гг. // Казахстанская правда. – 2009. – 27 августа.

358. Кочетков, А.П. Гражданское общество: проблемы исследования и перспективы развития [Текст] / А.П. Кочетков // Вестник Московского ун-та. Сер. 12: Полит. науки. – 1998. – №4. – С. 93-110.

359. Краснянский, В.Э. Социальное общество и государство (традиции и современность) [Текст] / В.Э. Краснянский // Социальное правовое государство: вопросы теории и практики. Материалы межвузовской научно-практической конференции. – СПб., 2003. – С. 35-41.

360. Крусс, В.И. Личностные («соматические») права человека в конституционном и философско-правовом измерении: к постановке проблемы [Текст] / В.И. Крусс // Государство и право. – 2000. – №10. – С. 43-52.

361. Кудрявцев, В.Н., Лукашева, Е.А. Социалистическое правовое государство [Текст] / В.Н. Кудрявцев, Е.А. Лукашева // Социалистическое правовое государство. Проблемы и суждения / Отв. ред. Б.Н. Топорнин. – С. 12-23.

362. Лапаева, В.В. Российская юриспруденция в поисках нового типа правопонимания [Текст] / В.В. Лапаева // Наш трудный путь к праву: Материалы

философско-правовых чтений памяти академика В.С. Нерсесянца / Сост. В.Г. Графский. – М., 2006. – С. 47-52.

363. Лапина, Т.С. Разрешение противоречий между правом и моралью как условие функционирования правового государства [Текст] / Т.С. Лапина // Правовое государство: связь веков (историко-теоретический аспект): Сб. научных трудов / Отв. ред. К.Н. Батыр. – М., 1991. – С. 35-42.

364. Лисицын-Светланов, А.Г. Развитие российского и международного права в аспекте его влияния на обеспечение национальных интересов Российской Федерации [Текст] / А.Г. Лисицын-Светланов // Правовое обеспечение национальных интересов: Материалы международной научно-практической конференции. Москва, 25-26 октября 2005 г. / дар зери таҳрири Т.Я. Хабриевой. – М., 2005. – С. 120-128.

365. Лукашева, Е.А. Права человека в контексте конфликта культур [Текст] / Е.А. Лукашева // Вестник Российской Академии наук. – 2007. – №2. Т.77. – С. 115-120.

366. Лукашева, Е.А. Права человека: конфликт культур [Текст] / Е.А. Лукашева // Наш трудный путь к праву. Материалы философско-правовых чтений памяти академика В.С. Нерсесянца. – М., 2006. – С. 241-255.

367. Лукашук И.И. Глобализация и право // Государство и право. – 2005. – № 12. – С. 112-130.

368. Лукашук, И.И. Глобализация, государство, право, XXI век [Текст] / И.И. Лукашук. – М., 2000. – С. 9-17.

369. Луковская, Д.И. Понятие прав человека: многообразие подходов. Проблема универсальности прав человека [Текст] / Д.И. Луковская // История государства и права. – 2007. – № 12. – С. 18-29.

370. Макаров, О.В. Соотношение права и государства [Текст] / О.В. Макаров // Государство и право. – 1995. – №5. – С. 18-22.

371. Маликова, А.Х. Национальные особенности модели социального государства в Таджикистане [Текст] / А.Х. Маликова // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Серия: философия и право. – 2012. – №1. – С. 148-153.

372. Малько, А.В. Современная российская правовая политика и правовая жизнь [Текст] / А.В. Малько // Правовая политика и правовая жизнь. – 2000. Ноябрь. – 255 с.

373. Малько, А.В., Шундиков, К.В. Правовая политика современной России: цели и средства [Текст] / А.В. Малько // Государство и право. – 2001. – №7. – С. 15-28.

374. Мальцев, Г.В. О различиях права и морали [Текст] / Г.В. Мальцев // Наш трудный путь к праву: Материалы философско-правовых чтений памяти академика В.С. Нерсесянца. – М., 2006. – С. 224-231.

375. Мальцев, Г.В. Права личности: юридическая норма и социальная действительность [Текст] / Г.В. Мальцев // Конституция СССР и правовое положение личности. – М., 1979. – С. 48-55.

376. Мальцев, Г.В. Социалистическое государство: исторический опыт и традиции [Текст] / Г.В. Мальцев // Социалистическое правовое государство: концепция и пути реализации / Отв. ред. В.С. Нерсесянц. – М., 1990. – С. 239-250.

377. Махмудзода, М.А. Конституционное правосудие в Республике Таджикистан: гарантии правовой защиты основного закона [Текст] / М.А. Махмудзода // Вестник НАНТ. Сер. общественных наук. – 2020. – №3. – С. 53-57.

378. Махмудзода, М.А. Системообразующая функция Конституции Республики Таджикистан: теоретический и практический аспект [Текст] / М.А. Махмудзода // Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан. – 2018. – №1. – С. 80-87.

379. Мамут, Л.С. Декларация прав человека и гражданина 1789 г. – веха на пути к универсальной концепции прав человека [Текст] / Л.С. Мамут // Права человека в истории человечества и в современном мире. – М., 1989. – С. 25-37.

380. Мамут, Л.С. Демократическое правовое государство в России: проблемы становления [Текст] / Л.С. Мамут // Журнал российского права. – 2006. – №12. – С. 8-15.

381. Мамут, Л.С. Социальное государство с точки зрения права [Текст] / Л.С. Мамут // Государство и право. – 2001. – №7. – С. 6-12.

382. Мартышин, О.В. Политическая обязанность [Текст] / О.В. Мартышин // Государство и право. – 2000. – №4. – С. 11-19.

383. Марченко, М.Н. «Умеренный» позитивизм и верховенство права в условиях правового государства [Текст] / М.Н. Марченко // Государство и право. – 2012. – №4. – С. 6-15.

384. Марченко, М.Н. Глобализация и ее воздействие на современное национальное государство (методологический аспект) [Текст] / М.Н. Марченко // Теоретико-методологические проблемы права. – М.: Зерцало-М, 2007. Вып. 2. – С. 53-88.

385. Матузов, Н.И. Гражданское общество: сущность и основные принципы [Текст] / Н.И. Матузов // Правоведение. – 1995. – №3. – С. 92-110.

386. Матузов, Н.И. Общая концепция и основные приоритеты российской правовой политики [Текст] / Н.И. Матузов // Правовая политика и правовая жизнь. – 2000. – №4. – С. 28-35.

387. Матузов, Н.И. Понятие и основные приоритеты российской правовой политики [Текст] / Н.И. Матузов // Правоведение. – 1998. – №4. – С. 13-21.

388. Матузов, Н.И. Теория и практика прав человека в России [Текст] / Н.И. Матузов // Правоведение. – СПб.: Изд-во С.-Петербург. ун-та, 1998. – №4. – С. 22-35.

389. Матузов, Н.И., Малько, А.В., Шундиков, К.В. Правовая политика современной России: предлагаем проект концепции для обсуждения [Текст] / Н.И. Матузов, А.В. Малько, К.В. Шундиков // Правовая политика и правовая жизнь. – 2004. – №1. – С. 15-27.

390. Маҳмудов, И.Т. Нақши интихобот дар инкишофи демократия дар Тоҷикистон [Матн] / И.Т. Маҳмудов // Нақши падидаи интихобот дар бунёди давлати демократӣ (маҷмӯаи мақолаҳо), зери таҳрири д.и.ҳ. Насурдинов Э.С. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 40-43.

391. Муромцев, Г.И. О некоторых методологических проблемах современной российской юридической науки [Текст] / Г.И. Муромцев // Право и государство в изменяющемся мире: Материалы Всероссийской конференции, посвященной памяти профессора О.А. Жидкова. – М., 2007. – С. 16-22.

392. Невинский, В.В. Юридическая конструкция правового положения человека и гражданина в Российской Федерации [Текст] / В.В. Невинский //

Личность и государство на рубеже веков: Сб. науч. статей / Под ред. В.В. Невинского. – Барнаул, 2000. – С. 661-672.

393. Нерсесянц, В.С. Концепция советского правового государства в контексте истории учений о правовом государстве [Текст] / В.С. Нерсесянц // Социалистическое правовое государство. Проблемы и суждения / Отв. ред. Б.Н. Топорнин. – С. 58-60.

394. Нерсесянц, В.С. Постсоциалистическое общество, право и государство в России [Текст] / В.С. Нерсесянц // Проблемы общей теории права и государства / Под ред. В.С. Нерсесянца. – М., 2001. – С. 720-732.

395. Нерсесянц, В.С. Права человека в истории политико-правовой мысли [Текст] / В.С. Нерсесянц // Теория прав человека / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – М., 2000. – С. 35-42.

396. Нерсесянц, В.С. Процессы универсализации права и государства в глобализирующемся мире [Текст] / В.С. Нерсесянц // Государство и право. – 2005. – №5. – С. 40-53.

397. Новгородцев, П.И. Об общественном идеале [Текст] / В.С. Новгородцев // Сочинения. – М., 1995. – С. 47-53.

398. Орджоникидзе, М. Западные ценности в восприятии россиян [Текст] / М. Орджоникидзе // Вестник общественного мнения. Левада-Центр, – 2007. – №2 (88). – С. 25-37.

399. Основные задачи советского социалистического права: Материалы первого совещания научных работников права 16-19 июля 1938 г. [Текст]. – М., 1938. – С. 170-183.

400. Пашуканис, Е.Б. Диктатура пролетариата и оппозиция [Текст] / Е.Б. Пашуканис // Революция права. – 1928. – №1. – С. 19-27.

401. Петровская, А.В. Идея правового государства в контексте характеристики различных правовых культур [Текст] / А.В. Петровская // История государства и права. – 2007. – №4. – С. 56-61.

402. Петрухин, И.Л. Человек как социально-правовая ценность [Текст] / И.Л. Петрухин // Государство и право. – 1999. – №10. – С. 83-90.

403. Пищелко, А.В. Социально-педагогические основы перевоспитания осужденных [Текст] / А.В. Пищелко. – М., 1992. – С. 104-110.

404. Права человека в контексте основных тенденций их доктринального, идеологического и практического понимания и воплощения [Текст] // Государствоведение и права человека. – 2016. – №3 (03). – С. 22-29.

405. Рахимзода, Р.Х. Исламское право и оперативно-розыскная политика [Текст] / Р.Х. Рахимзода // Мир политики и социологии. – 2016. – № 7. – С. 81-92.

406. Рахимзода, Р.Х. Письменные источники Древнего Востока и сыскная деятельность [Текст] / Р.Х. Рахимзода // Мир политики и социологии. – 2016. – №5. – С. 166-173.

407. Рахимзода, Р.Х. Экономическая безопасность государства и оперативно-розыскная политика (некоторые общие методологические подходы) [Текст] / Р.Х. Рахимзода // Правовое поле современной экономики. – 2015. – №11. – С. 110-117.

408. Раҳимзода, Р.Ҳ. Таъмини кафолатҳои ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ [Матн] / Р.Ҳ. Раҳимзода // Маводҳои конференсияи байналмилалӣ бахшида ба 20-солагии таъсиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Адолати судии конститутсионӣ-кафолати таъмини волоияти Конситутсия». – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – С. 112-117.

409. Раҳимов, Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва нақши он дар таҳкими ҳуқуқи инсон [Матн] / Р.Ҳ. Раҳимов, К.Ҳ. Солиев // Проблемаҳои муҳимми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва нақши он дар таҳкими ҳуқуқи инсон: Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, 15 марти соли 2012. – Душанбе: ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2012. – С. 29-32.

410. Раҳмон, Д.С. Чанд мулоҳиза доир ба дурнамои таълимоти универсалии ҳуқуқи инсон [Матн / Д.С. Раҳмон // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2018. – №4 (24). – С. 5-14.

411. Раҳмон, Э. Суханронӣ дар Конфронси илмии байналмилалии «Ибни Сино ва тамаддуни ҷаҳонӣ» ба муносибати 1025-умин солгарди Абӯалӣ ибни Сино [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 6 сентябри соли 2005.

412. Религия в споре с государством или наоборот? // ASIA-PLUS. – 2011.– 27 июля. – № 56 (645).

413. Родионова, О.В. Социальная функция государства: правовая сущность и проблемы субъектов ее осуществления на современном этапе [Текст] / О.В. Родионова // Государство и право. – 2006. – №8. – С. 98-100.

414. Российская газета. – 2011. – 14 июля.

415. Рудинский, Ф.М. Советские Конституции: права человек и гражданина [Текст] / Ф.М. Рудинский // Советское государство и право. – 1991. – №9. – С. 3-11.

416. Саакян, М.В. Правовое воспитание и обучение как средство формирования правовой культуры [Текст] / М.В. Саакян // Вестник Адыгейского государственного университета. – Выпуск 1: Регионоведение: философия, история, социология, юриспруденция, политология, культурология. – 2009. – Вып. № 3. – 122-126.

417. Саидов, И.И. Иҷрои уҳдадориҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.И. Саидов // Поси ҳуқуқи инсон чун дастоварди умумиинсонӣ (Маводи конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 65-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) / Зери таҳрири н.и.ҳ. Сафаров Б.А. – Душанбе, 2014. – С. 68-78.

418. Саидов, И.И. Некоторые теоретические аспекты имплементации норм международных документов по правам человека в законодательство РТ [Текст] / И.И. Саидов // Вестник Таджикского национального Университета. – Душанбе: Сино, 2014. – №3/5(142). – С. 92-97.

419. Сативалдыев Р.Ш. Правовая политика как фактор прогрессивного развития обществ [Текст] / Р.Ш. Сативалдыев // Правовая жизнь. – 2014. – №1 (01). – С. 25-40.

420. Сативалдыев, Р.Ш. Методологические подходы к соотношению категорий «правовая политика» и «юридическая политика» [Текст] / Р.Ш. Сативалдыев //

Материалы международной научно-практической конференции на тему: «Правовые системы Республики Таджикистан и стран СНГ: состояние и проблемы», посвященной научной деятельности проф. Менглиева Ш.М. – Душанбе, 2015. – С. 235-237.

421. Сативалдыев, Р.Ш. Научные основы и понятие правовой политики [Текст] / Р.Ш. Сативалдыев // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. 2015. – №3 (23). – С. 14-30.

422. Сативалдыев, Р.Ш. Научные основы правовой политики [Текст] / Р.Ш. Сативалдыев // Вестник ТГУПБП. – 2015. – №4. – С. 12-22.

423. Сативалдыев, Р.Ш. Научный характер правовой политики [Текст] / Р.Ш. Сативалдыев // Мир политики и социологии. – Санкт-Петербург, 2013. – № 11. – С. 83-91.

424. Сативалдыев, Р.Ш. Правовая политика в сфере противодействия коррупции [Текст] / Р.Ш. Сативалдыев // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2014. – №4 (24). – С. 7-13.

425. Сативалдыев, Р.Ш. Правовая политика как общетеоретическая категория: анализ концептуальных подходов [Текст] / Р.Ш. Сативалдыев // Вестник Таджикского национального университета. Серия: гуманитарные науки. – 2013. – №3/2 (№ 108). – С. 68-76.

426. Сативалдыев, Р.Ш. Правовое воспитание и образование как интегративное направление правовой политики: опыт Таджикистана и стран СНГ [Текст] / Р.Ш. Сативалдыев // Евразийский юридический журнал. – 2016. – № 2 (92). – С. 359-364.

427. Сативалдыев, Р.Ш. Правовоспитательная политика: научные основы и проблемы модернизации [Текст] / Р.Ш. Сативалдыев // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. – 3/4(139). – С. 38-45.

428. Сативалдыев, Р.Ш. Правовоспитательная политика: научные основы и проблемы модернизации [Текст] / Р.Ш. Сативалдыев // Вестник ТГУППБ. – 2014. – №4. – С. 12-22.

429. Сативалдыев, Р.Ш. Правосознание как фактор эффективности правовой политики Республики Таджикистан [Текст] / Р.Ш. Сативалдыев // Типы правопонимания и меняющиеся вызовы современного мира. Сб. научных статьей по результатам Международной научно-практической конференции (Санкт-Петербург, Российский государственный педагогический университет им. А.И. Герцена, 23-24 сентября 2016 г.). – СПб.: Астерион, 2016. – С. 448-458.

430. Сафарзода, Н.Ф. Право на здоровье: сравнительно-правовой анализ [Текст] / Н.Ф. Сафарзода // Современная юридическая наука и практика: актуальные проблемы: сборник научных статей по материалам V Международного научно-практического форума магистрантов, аспирантов и молодых ученых (Саратов, 20 марта 2020 г.) / ФГБОУ ВО «Саратовская государственная юридическая академия». – Саратов: Изд-во ФГБОУ ВО «Саратовская государственная юридическая академия», 2020. – С. 66-67.

431. Сафарзода, Н.Ф. Реализация права на здоровье в соврименном мире [Текст] / Н.Ф. Сафарзода // Леденцовские чтения. «Бизнес. Наука. Образование». Правовые и экономические аспекты: сборник материалов VIII Международной научно-практической конференции. Секция высшего образования с участием специалистов и обучающихся среднего профессионального образования и школьников (г. Вологда, 23 апреля 2020 г.) / ответственный редактор Ю.А. Пеганова; Северо-Западный институт (филиал) Университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА). – Вологда: Фонд развития филиала МГЮА имени О.Е. Кутафина в г. Вологде, 2020. – С. 546-550.

432. Сафарзода, Н.Ф. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҳуқуқ ба саломатӣ дар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо [Матн] / Н.Ф. Сафарзода // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (7-уми декабри соли 2020) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 213-221.

433. Сафаров, Б.А. Нақши Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] [Матн] / Б.А. Сафаров // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии Инкишофи

конститутсионализм дар даврони истиқлолияти Тоҷикистон. – Душанбе: Голд-принт, 2014. – С. 6-10.

434. Сафаров, Б.А. Ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон ва аҳамияти омӯзиши он дар замони муосир [Матн] / Б.А. Сафаров // Поси ҳуқуқи инсон чун дастоварди умумиинсонӣ // (Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба муносибати 65-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) / Зери таҳрири н.и.ҳ. Сафаров Б.А. – Душанбе, 2014. – С. 8-15.

435. Сафаров, Д.С. Некоторые вопросы признания единой концепции прав человека [Текст] / Д.С. Сафаров // Государство и право. – Душанбе, 2008. – № 2. – С. 83-90.

436. Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Мушкилоти амалишавии ҳуқуқи инсон дар шароити хуруҷи саросарвабо [Матн] / Ҷ. Саъдизода, Н.Ф. Сафарзода // Проблемаҳои ҳуқуқӣ дар шароити мавҷудияти COVID-19: маводи конференсияи илмӣ-амалӣ (1 сентябри соли 2020). – Душанбе: ДДТТ, 2020. – С. 134-143.

437. Саъдизода, Дж. Культура прав человека как средство обеспечения прав и свобод человека и гражданина в правовом государстве [Текст] / Дж. Саъдизода // Проблемы соотношения международного и национального права. Материалы межуниверситетской научно-практической конференции 24-25 марта 2014 года / Под общей ред. Е.М. Павленко, А.М. Диноршоева. – Москва-Душанбе, 2014. – С. 264-272.

438. Саъдизода, Ҷ. Аз таърихи рамзҳо оид ба ҳуқуқи инсон: дар мисоли Рашан [Матн] / Ҷ. Саъдизода // Поси ҳуқуқи инсон чун дастоварди умумиинсонӣ (Маводи конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 65-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) / Зери таҳрири н.и.ҳ. Сафаров Б.А. – Душанбе, 2014. – С. 79-85.

439. Саъдизода, Ҷ. Оид ба омӯзиши ҳатмии фанни таълимии ҳуқуқи инсон дар низоми таҳсилоти олӣ [Матн] / Ҷ. Саъдизода // Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2015. – №2. – С. 29-34.

440. Советское государство и право. – 1989. – №9. – С. 11-12.

441. Социалистическое правовое государство [Текст] // Социалистическое правовое государство. Проблемы и суждения / Отв. ред. Б.Н. Топорнин. – С. 109-193.

442. Стучка, П.И. Тенденции развития и перспективы советского права [Текст] / П.И. Стучка // Советское государство и революция права. – 1931. – № 5-6.

443. Сырых, В.М. О «естественном» праве государства на смертную казнь [Текст] / В.М. Сырых // Право на смертную казнь: Сб. статей / Под ред. А.В. Малько. – М., 2004. – С. 34-40.

444. Сюкияйнен, Л.Р. Исламская концепция прав человека: Теоретические основы, тенденции и перспективы развития [Текст] / Л.Р. Сюкияйнен // Права человека, итоги века, тенденции, перспективы / Под общ. ред. чл. корр. РАН Е.А. Лукашевой. – М., 2002. – С. 289-300.

445. Сюкияйнен, Л.Р. Права человека в диалоге исламской и западной правовых культур [Текст] / Л.Р. Сюкияйнен // Ишрак: ежегодник исламской философии. – 2011. – №2. – С. 266-289.

446. Тахиров, Ф.Т., Халиков, А.Г. Декларация Великого Кира как исторический источник о правах и свободах человека [Текст] / Ф.Т. Тахиров, А.Г. Халиков // Духовная культура таджиков в истории мировой цивилизации: Сб.ст. – Душанбе, 2002. – С. 113-126.

447. Топорнин, Б.Н. Конституция в социалистическом правовом государстве [Текст] // Социалистическое правовое государство. Проблемы и суждения / Отв. ред. Б.Н. Топорнин. – М., 1989. – С. 24-45.

448. Ударцев, С.Ф. Конституционная реформа 2007 г. в Казахстане в контексте эволюции формы государства [Текст] / С.Ф. Ударцев // Парламентаризм в Казахстане: состояние и перспективы развития. Материалы международной научно-практической конференции. 22 ноября 2007 г. – Астана, 2008.

449. Фарбер, И.Е. Права человека, гражданина и лица в советском обществе [Текст] / И.Е. Фарбер // Правоведение. – 1967. – №1. – С. 39-46.

450. Фоменко Ю., Ударцев, С.Ф. Нужны ли юридической науке страны Фламмарионы? [Текст] / Ю. Фоменко, С.Ф. Ударцев // Казахстанская правда. – 2009. – 21 апреля.

451. Хабриева, Т.Я. Национальные интересы и законодательные приоритеты России [Текст] / Т.Я. Хабриева // Журнал российского права. – 2005. – С. 19-29.

452. Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций? [Текст] / С. Хантингтон // Полис. – 1994. – №1. – С. 33-48.

453. Хованская, А.В. Достоинство человека: Международный опыт понимания [Текст] / А.В. Хованская // Государство и право. – 2002. – № 3. – С. 57-62.

454. Чиркин, В.Е. Общечеловеческие ценности и российское право [Текст] / В.Е. Чиркин // Общественные науки и современность. – 2001. – № 2. – С. 60-69.

455. Чиркин, В.Е. Общечеловеческие ценности и современное государство [Текст] / В.Е. Чиркин // Государство и право. – 2002. – № 2. – С. 5-6.

456. Шоев, Ф.М. Идеи прав и свобод человека в учении Мухаммада Газали [Текст] / Ф.М. Шоев // Совершенствование законодательство в сфере прав человека (Материалы научно-практической конференции, посвященной 30-ой годовщине принятия Конвенции против пыток и других жестоких, бесчеловечных или унижающих достоинство видов обращения и наказания) / Отв. ред.: Сафаров Б.А., Диноршоев А.М. – Душанбе: Ирфон, 2015. – С. 35-38.

457. Эбзеев, Б.С. Признание, соблюдение и защита прав и свобод человека и гражданина – обязанность государства [Текст]. Вступительная статья / Б.С. Эбзеев // Комментарий к постановлениям Конституционного Суда Российской Федерации / Отв. ред. Б.С. Эбзеев. – М., 2000. – Т.2. – С. 8-15.

## V. Диссертатсия ва авторефератҳо:

458. Адухов, А.А. Форма государства и его социальное назначение [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Адухов Альберт Абдулзагирович. – СПб, 2003. – 174 с.

459. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Азизов Убайдулло Абдуллоевич. – Душанбе, 2015. – 413 с.

460. Антонов, И.Ю. Правовое государство и основные права и свободы человека [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Антонов Игорь Юрьевич. – М., 2005. – 203 с.

461. Багоян, Е.Г. Идея правового государства в российской либеральной мысли: конец XIX – начало XX вв. [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Багоян Елена Гриневна. – М., 2005. – 208 с.

462. Банева, Н.А. Юридические гарантии российского социального государства [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Баиева Наталия Анатольевна. – Ставрополь, 2005. – 23 с.

463. Бобоева, Н.И. Эволюция государственной власти в историческом Таджикистане: IX-XIV вв. [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Бобоева Низорамо Идиевна. – Душанбе, 2014. – 200 с.

464. Вышкварцев, В.В. Правовое государство, права и свободы человека в концепциях российских ученых XX - начала XXI вв. [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: / Вышкварцев Виталий Владиславович. – М., 2009. – 191 с.

465. Глухарева, Л.И. Права человека в системе теории права и государства: общетеоретические, философско-правовые и методологические проблемы [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Глухарева Людмила Ивановна. – М., 2004. – 417 с.

466. Долгополов, О.А. Организация правового воспитания в современной России [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.11, 12.00.01 / Долгополов Олег Анатольевич. – Рязань, 2004. – 24 с.

467. Достиев, А.С. Конституция Республики Таджикистан 1994 г.: история разработки, принятия, внесения изменений и основные положения [Текст]: дис. …канд. юрид. наук: 12.00.01 / Достиев Абдулмаджид Салимович. – Душанбе, 2001. – 238 с.

468. Ермакова, Е.И. Правовое воспитание студентов колледжа в процессе профессионального образования [Текст]: дис. … канд. пед. наук: 13.00.08 Ермакова Елена Ивановн. – М., 2007. – 208 с.

469. Живова, Л.Я. Генезис и эволюция левого радикализма в России [Текст]: дис. … псих. юрид. наук: 23.00.01 / Живова Людмила Яковлевна. – СПб., 1993. – 260 с.

470. Зубова, Я.В. Правовое образование в развитии правовой культуры формирующегося гражданского общества в современной России [Текст]: дис. … д-ра соц. наук: 22.00.06 / Зубова, Яна Валерьевна. – Майкоп, 2010. – 260 с.

471. Исаков, Н.В. Правовая политика современной России: проблемы теории и практики [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Исаков Николай Васильевич. – Ростов-на-Дону, 2004. – 178 с.

472. Искандаров, Ш.Ф. Становление и развитие специализированных государственных правозащитных институтов по правам человека в Таджикистане [Текст]: дис. …канд. юрид. наук: 12.00.01 / Искандаров Шарафчон Фахриддинович. – Душанбе, 2018. – 192 с.

473. Искандаров, Ш.Ф. Ташаккул ва инкишофи ниҳодҳои махсусгардонидашудаи давлатӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон [Матн]: автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01 / Искандаров Шарафҷон Фахриддинович. – Душанбе, 2019. – 31 с.

474. Кваша, А.А. Правовые установки граждан [Текст]: дис … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Кваша Александр Александрович. – Волгоград, 2002. – 160 с.

475. Корнев, А.В. Консервативная и либеральная теории государства и права в России (XIX - начало XX вв.) [Текст]: автореф. дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Корнев Аркадий Владимирович. – М., 2004. – 37 с.

476. Коробова, А.П. Правовая политика: понятие, формы реализации, приоритеты в России [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Коробова Александра Петровна. – Самара, 2000. – 275 с.

477. Максименко, В.А. Права человека в различных правовых системах. Основные особенности и проблемы универсальности [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Максименко Валерия Александровна. – М., 2005. – 178 с.

478. Матевосова, Е.К. Правовое воспитание как средство борьбы с правовым нигилизмом [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Матевосова Елена Константиновна. – М., 2012. – 26 с.

479. Милецкий, В.П. Социальное государство: эволюция теории и практики (политико-социологический анализ) [Текст]: дис. ... д-ра полит. наук: 22.00.05 / Милецкий Владимир Петрович. – СПб., 1998. – 350 с

480. Миралиев, И.К. Права человека в условиях формирования правового государства в Республике Таджикистан [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Миралиев Исфандиёр Карахонович. – Душанбе, 2014. – 205 с.

481. Молдованова, И.В. Концепция прав и свобод человека: История и преемственность [Текст]: автореф. дис. ... канд. соц. наук: 22.00.05 / Молдованова Ирина Викторовна. – М., 1992. – 26 с.

482. Морозова Л.А. Современная российская государственность: проблемы теории и практики [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Морозова Людмила Александровна. – М., 1998. – 313 с.

483. Насурдинов, Э.С. Формирование правовой культуры в Республике Таджикистан в условиях углубления культурно-цивилизационных различий: проблемы теории и практики [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Насурдинов Эмом Сайфиддинович. – Душанбе, 2014. – 432 с.

484. Радьков, О.С. Правовой нигилизм в России (конец XX – начало XXI в.) [Текст]: автореф. дис… канд. юрид. наук: 12.00.01 / Радьков Олег Сергеевич. – Ростов-на-Дону, 2005. – 20 с.

485. Раҳмон, Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ [Матн]: дис. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. – Душанбе, 2019. – 479 с.

486. Рудковский, В.А. Правовая политика и осуществление права: теоретико-методологический аспект [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Рудковский Виктор Анатольевич. – Волгоград, 2009. – 484 с.

487. Рыбаков О.Ю. Российская правовая политика в сфере защиты прав и свобод личности: вопросы теории [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Рыбаков Олег Юрьевич. – Саратов, 2005. – 336 с.

488. Саидов, И.И. Развитие личных и политических прав человека в Таджикистане: историко-правовой и общетеоретический анализ [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Саидов Исфандиёр Искандарович. – Душанбе, 2015. – 209 с.

489. Самойленко, В.А. Социальная функция современного российского государства [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Самойленко Владимир Анатольевич. – Коломна, 2006. – 220 с.

490. Саркисов, Р.С. Российская правовая политика как концепция и реальность [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Саркисов Роман Сергеевич. – Пятигорск, 2008. – 232 с.

491. Сафаров, Б.А. История воплощения концепций и международных стандартов в области прав человека в правовую систему Республики Таджикистан [Текст]: дис. …д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Сафаров Бахтовар Амиралиевич. – Душанбе, 2015. – 370 с.

492. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон [Матн]: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01 / Саъдизода Ҷаҳонгир. – Душанбе, 2018. – 241 с.

493. Сердюкова, И.Г. Международно-правовая политика современной России в сфере осуществления прав и законных интересов человека: общетеоретический аспект [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Сердюкова Ирина Геннадиевна. – Краснодар, 2008. – 168 с.

494. Середа, А.Г. История конституционализма в испаноговорящих государствах Латинской Америки [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Середа Александр Григорьевич. – М., 2003. – 235 с.

495. Смирнова, И.А. Свобода личности и правовое государство (из истории правовой мысли) [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Смирнова Ирина Александровна. – СПб., 2000. – 173 с.

496. Стреляева, В.В. Правовое воспитание в условиях становления правового государства [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Стреляева Виктория Вадимовна. – М., 2006. – 183 с.

497. Титенко, Ю.А. Принципы, виды и механизм реализации российской правовой политики: общетеоретический аспект [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Титенко Юлия Александровна. – Тамбов, 2007. – 196 с.

498. Увачев, В.А. Социально-правовое государство и гражданское общество постиндустриальной эпохи: правовые основы функционирования и взаимодействия (на примере стран Западной Европы и США) [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Увачев Вячеслав Александрович. – М., 2006. – 22 с.

499. Федоров, Н.В. Правовая политика Советского государства (вопросы истории, теории, практики) [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Федоров Николай Васильевич. – М., 1985. – 27 с.

500. Хакимов, Ш.К. Становление и развитие Конституции как политико-правового института в Таджикистане [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Хакимов Шокир Косимжанович. – Душанбе, 2002. – 24 с.

501. Хамроев, Ш.С. Проблемы правового воспитания школьной молодёжи в Республике Таджикистан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Хамроев Шухратджон Садирович. – Душанбе, 2003. – 183 с.

502. Хасанов Ш.К. Правовое воспитание как средство преодоления деформации правосознания осужденных (комплексный анализ) [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Хасанов Шарифхуджа Козиевич. – Душанбе, 2009. – 178 с.

503. Хвалеев, В.А. Правовая политика России в условиях глобализации [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Хвалеев Владимир Александрович. – Ростов-на-Дону, 2008. – 125 с.

504. Шоев, Ф.М. Государственно-правовые взгляды Мухаммада Газали [Текст]: дис. канд. юрид. наук: 12.00.01 / Шоев Фируз Махмадаминович. – Душанбе, 2018. – 218 с.

505. Юнусов, А.А. Общетеоретические проблемы обеспечения прав человека в современной России [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Юнусов Абдулжабар Агабалаевич. – М., 2005. – 445 с.

### VI. Захираҳои электронӣ ва сомонаҳои интернетӣ:

506. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://avesta.tj (санаи муроҷиат: 20.11.2023с.).

507. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://hrlibrary.umn.edu/russian/hrtsbook/Reurostandards-Rchapter5.2.html (санаи муроҷиат: 11.11.2023с.).

508. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://hrlibrary.umn.edu/russian/hrtsbook/Reurostandards-Rchapter5.3.html (санаи муроҷиат: 11.11.2023с.).

509. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.ambafrance-by.org (санаи муроҷиат: 11.11.2023с.).

510. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.coe.int/T/E/Cultural_Co-operation/education/E.D.C/ (санаи муроҷиат: 11.11.2023с.).

511. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.defensoriadelpueblo.gob.pa. (санаи муроҷиат: 11.11.2023с.).

512. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.ohchr.org. (санаи муроҷиат: 15.10.2023с.).

513. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.ohchr.org/RU/NewsEvents/OHCHR20/Pages/Achievements.aspx (санаи муроҷиат: 20.03.2022с.).

514. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.ohchr.org/RU/PublicationsResources/Pages/TrainingEducation.aspx (санаи мурочиат: 20.03.2022с.).

515. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.unesco.org/en/human-rights-education. (санаи мурочиат: 20.06.2023с.).

516. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www2.ohchr.org/english/issues/education/training/UNDHREducationTraining.htm (санаи мурочиат: 18.09.2023с.).

517. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://asiaplus.tj (санаи мурочиат: 20.08.2023с.).

518. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://aupam.ru/pages/trudoustroistvo/gos_politika_trud_zan_inva/page_04.htm (санаи мурочиат: 14.11.2023 с.).

519. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://news.tj (санаи мурочиат: 20.08.2023с.).

520. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ria.ru/20120710/695960986.html (санаи мурочиат: 14.11.2023 с.).

521. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://web.dev.ohchr.un-icc.cloud/ru/special-procedures/sr-human-rights-defenders (санаи мурочиат: 10.10.2023 с.).

522. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.masterstudies.ru /Germanija/Friedrich-Alexander-Universität. (санаи мурочиат: 20.03.2022с.).

523. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/ga/69/meetings/indigenous/background.shtml (санаи мурочиат: 14.11.2023 с.).

524. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: ussian.china.org.cn/russian/32917.htm (санаи мурочиат: 05.06.2023с.).

525. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://evolutio.info/ru/hr/category-27 (санаи мурочиат: 09.08.2023 с).

526. Интернет-сайт Верховного Комиссара ООН по правам человека: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.ohchr.org/Documents/Publications/HRTreaties2ru.pdf (санаи муроҷиат: 20.11.2023с.).

527. Интернет-сайт ООН: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.un.org/russian/hr/abc/ch1_3.html (санаи муроҷиат: 20.11.2023с.).

528. Карастелев В. Заметки о гражданском образовании // Вестник Московской школы гражданского просвещения. – 2014. – №1(64): [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://otetrad.ru/article-592.html (санаи муроҷиат: 14.03.2023с.).

529. КОМПАС: Пособие по образованию в области прав человека с участием молодежи. Council of Europe, Council of Europe Publishing, Будапешт, 2002. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.coe.int/compass (санаи муроҷиат: 18.04.2023с.).

530. Образование в области прав человека в школьной системе Европы, Центральной Азии и Северной Америки: сборник примеров успешных практик Опубликовано: Бюро ОБСЕ по демократическим институтам и правам человека (БДИПЧ), 2009. – С. 7. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.osce.org/odihr (санаи муроҷиат: 25.08.2022с.).

531. Сюкияйнен Л.Р. Современные религиозные концепции прав человека: сопоставление теологического и юридического подходов [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.perspektivy.info/misl/cenn/sovremennyje_religioznyje_koncepcii_prav_cheloveka_sopostavlenije_teologicheskogo_i_juridicheskogo_podkhodov_2015-04-09.htm (санаи муроҷиат: 25.08.2022с.).

532. Claudia Mahler, Anja Mihr and Reetta Toivanen (Eds.) The United Nations Decade for Human Rights Education and the Inclusion of National Minorities, Peter Lang Verlag, Frankfurt a.M., 2008. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.peterlang.com/document/1104812 (санаи муроҷиат: 24.01.2023с.).

533. FIO and IIDH. Informe de La Secretaria Tecnica. Period 2000-2001. November 2000 – September 2001. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.corteidh.or.cr/tablas/r08066-5.pdf (санаи муроҷиат: 24.01.2023с.).

534. Fix Zamudio, Hector. Los Derechos Humanos, in: Memoria del 4 Congreso Nacional de Derecho Constitucional III, Instituto de Investigaciones Juridicas de la UNAM, Mexico, 2001. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.corteidh.or.cr/sitios/libros/todos/docs/liber1.pdf (санаи муроҷиат: 24.01.2023с.).

535. Garcia Laguardia, Jorge Mario and Edgar Alfredo Ballsells Tojo. El Procurador de los Derechos Humanos, Coleccion Cuadernos de Derechos Humanos, Guatemala, 1997. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://books.google.com.tj/books/about/Procurador_de_los_Derechos_Humanos_ombud.html?id=MdgVAQAAIAAJ&redir_esc=y (санаи муроҷиат: 24.01.2023с.).

536. Garcia Laguardia, Jorge Mario. Reflexiones sobre el Ombudsman en America Latina y su proceso de nombramiento. – Guatemala, 1997. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.corteidh.or.cr/tablas/r24580.pdf (санаи муроҷиат: 24.01.2023с.).

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Монографияҳо:

[**1-М**]. Миралиев, И.К. Правовое государство и права человека [Текст]: монография / И.К. Миралиев. – Душанбе: Сино, 2015. – 256 с. (16 п.л.).

[**2-М**]. Миралиев, И.Қ. Ҷойгоҳи ҳуқуқи инсон дар давлати ҳуқуқбунёд [Матн]: монография / И.Қ. Миралиев. – Душанбе, 2021. – 153 с. (9,5 ҷ. ч.).

### II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[**3-М**]. Миралиев, И.Қ. Алоқамандии ҳуқуқи инсон ва давлати ҳуқуқбунёд [Матн] / И.Қ. Миралиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2012. – № 3/2 (83). – С. 73-77 (0,3 ҷ. ч.). – ISSN 2413-5151.

[**4-М**]. Миралиев, И.К. Теоретико-методологические основы концепции прав человека в правовом государстве [Текст] / И.К. Миралиев // Вестник ТНУ. Серия гуманитарных наук. – 2012. – № 3/8 (101). – С. 123-126 (0, 31 п. л.). – ISSN 2413-5151.

[**5-М**]. Миралиев, И.К. Правовой статус человека и гражданина [Текст] / И.К. Миралиев // Вестник ТНУ. Серия гуманитарных наук. – 2013. – № 3/7 (124). Раздел 1. – С. 97-100 (0, 31 п. л.). – ISSN 2413-5151.

[**6-М**]. Миралиев, И.К. Современные трактовки взаимосвязи правового государства и прав человека [Текст] / И.К. Миралиев // Вестник ТНУ. Серия гуманитарных наук. – 2014. – № 3/1 (128). – С. 120-126 (0, 5 п. л.). – ISSN 2413-5151.

[**7-М**]. Миралиев, И.К. Взаимосвязь правового государства и прав человека в рамках их доктринальных трактовок [Текст] / И.К. Миралиев // Правовая жизнь. – 2016. – № 1 (13). – С. 36-50 (0,4 п. л.). – ISSN 2307-5198.

[**8-М**]. Миралиев, И.К. К вопросу о понятии и принципах правовой политики в сфере прав человека [Текст] / И.К. Миралиев // Правовая жизнь. – 2017. – № 2 (18). – С. 84-90 (0,4 п. л.). – ISSN 2413-5151.

[**9-М**]. Миралиев, И.К. Конституционная модель правового государства и прав человека в условиях правовой действительности Таджикистана [Текст] / И.К. Миралиев // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/3. – 230-235 (0,5 п. л.). – ISSN 2413-5151.

[**10-М**]. Миралиев, И.К. Механизмы реализации правовой политики в сфере прав человека [Текст] / И.К. Миралиев // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/9. – С. 226-229 (0,31 п. л.). – ISSN 2413-5151.

[**11-М**]. Миралиев, И.Қ. Низомҳои ҳуқуқии омехта [Матн] / И.Қ. Миралиев, Н. Зокирова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 3 (20). – С. 152-160 (0,5 ҷ. ч.). – ISSN 2414-9217.

[**12-М**] Миралиев, И.Қ. Ташаккул ва инкишофи ғояҳои бунёдӣ оид ба муносибати байниҳамдигарии давлат ва шахс [Матн] / И.Қ. Миралиев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020. – № 4 (20). – С. 6-15 (0,7 ҷ. ч.). – ISSN 2414 9217.

[**13-М**]. Миралиев, И.Қ. Инкишофи ақидаҳо оид ба алоқамандии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон [Матн] / И.Қ. Миралиев // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – № 4 (32). – С. 26-37 (0,7 ҷ. ч.). – ISSN 2307-5198.

[**14-М**]. Миралиев, И.Қ. Сиёсати давлатҳои исломӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон [Матн] / И.Қ. Миралиев // Паёми ДМТ. Шумораи илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 11. – С. 220-224 (0,4 ҷ. ч.). – ISSN 2413-5151.

[**15-М**]. Миралиев, И.Қ. Принсипҳо ва ҳадафҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.Қ. Миралиев // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2022. – № 3 (39). – С. 30-34 (0,31 ҷ. ч.). – ISSN 2307-5198.

[**16-М**]. Миралиев, И.Қ. Ташкилёбӣ ва марҳилаҳои асосии инкишофи судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон то замони Истиқлолияти давлатӣ [Матн] /

И.Қ. Миралиев, Н. Зокирова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 3 (20). – С. 25-39 (0,9 ҷ. ч.). – ISSN 2414-9217.

[**17-М**]. Миралиев, И.Қ. Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун омили ҳуқуқии рушди ҷомеа [Матн] / И.Қ. Миралиев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 3 (20). – С. 78-94 (0,9 ҷ. ч.). – ISSN 2414-9217.

[**18-М**]. Миралиев, И.Қ. Низоми муосири судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: заминаҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти он [Матн] / И.Қ. Миралиев, Н. Зокирова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 4 (20). – С. 54-63 (0,7 ҷ. ч.). – ISSN 2414-9217.

[**19-М**]. Миралиев, И.Қ. Заминаҳои илмӣ-методологии инкишофи назарияҳои робитаи давлат ва шахс [Матн] / Р.Ш. Шарофзода, И.Қ. Миралиев // Қонунгузорӣ. – 2023. – № 2 (50). – С. 12-18 (0,5 ҷ. ч.). – ISSN 2410-2903.

[**20-М**]. Миралиев, И.Қ. Афзалиятҳо ва амалисозии сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар ҶТ [Матн] / И.Қ. Миралиев // Паёми ДМТ. Силсилаи илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 7. – С. 256-261 (0,6 ҷ. ч.). – ISSN 2413-5151.

[**21-М**]. Миралиев, И.Қ. Оид ба мафҳуми сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон [Матн] / И.Қ. Миралиев // Ахбори ДДҲБСТ. – 2023. – № 3 (96). – С. 5-9 (0,4 ҷ. ч.). – ISSN 2411-1945.

### III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

[**22-М**]. Миралиев, И.К. Теории о взаимосвязи прав человека и государства: генезис и трансформация идей [Текст] / И.К. Миралиев // Государствоведение и права человека. – 2016. – № 2 (02). – С. 103-111 (0,5 п. л.). – ISSN 2414-9217.

[**23-М**]. Миралиев, И.Қ. Ҳуқуқи инсон дар давлати иҷтимоӣ [Матн] / И.Қ. Миралиев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2016. – № 3 (03). – С. 35-39 (0,3 ҷ. ч.). – ISSN 2414-9217.

[**24-М**]. Миралиев, И.К. Правовой статус человека и гражданина [Текст] / И.К. Миралиев // Права человека: история, теория и практика / под ред. д.ю.н. Диноршоева А.М. и д.ю.н. Азизова У.А. – Душанбе, 2016. – С. 451-470 (3,4 п. л.).

[**25-М**]. Миралиев, И.Қ. Назарияҳо дар бораи робитаи мутақобилаи давлат ва ҳуқуқҳои инсон [Матн] / И.Қ. Миралиев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2017. – № 2 (06). – С. 111-112 (0,12 ҷ. ч.). – ISSN 2414-9217.

[**26-М**]. Миралиев, И.Қ. Назаре ба мафҳум ва предмети илми ҳуқуқи инсон [Матн] / И.Қ. Миралиев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – № 1(09). – С. 24-30 (0,6 ҷ. ч.). – ISSN: 2414-9217.

[**27-М**]. Миралиев, И.Қ. Назаре ба мафҳум ва предмети илми ҳуқуқи инсон [Матн] / И.Қ. Миралиев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020. – № 3(19). – С. 152-159 (0,7 ҷ. ч.). – ISSN 2414-9217.

[**28-М**]. Миралиев, И.Қ. Тамаддуни зардуштӣ ва ҷойгоҳи он дар шинохти ҳуқуқ ба саломатӣ [Матн] / И.Қ. Миралиев // Ахбори Суди констиутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – № 3-4. – С. 26-35 (0,8 ҷ. ч.).

[**29-М**]. Миралиев, И.Қ. Кафолатҳои таъмини озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.Қ. Миралиев // Поси ҳуқуқи инсон чун дастоварди умумибашарӣ: маводи конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 65-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. – Душанбе, 2014. – С. 42-48 (0,4 ҷ. ч.).

[**30-М**]. Миралиев, И.Қ. Праблемаҳои амалишавии ҳуқуқҳои инсон дар шароити давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон [Матн] / И.Қ. Миралиев // Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон: маводи конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 30-юмин солгарди қабули Конвенсияи СММ оид ба зидди шиканҷа ва дигар муносибатҳои ғайриинсонӣ. – Душанбе, 2015. – С. 31-35 (0,3 ҷ. ч.).

[**31-М**]. Миралиев, И.Қ. Маҳфум ва махсусияти муносибати ҳуқуқҳимоявӣ [Матн] / И.Қ. Миралиев // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо: маводи конференсия байналмилалии

илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2019. – С. 80-84 (0,3 ҷ. ч.).

[**32-М**]. Миралиев, И.К. Влияние национального законодательства о защите прав человека и на состояние и перспективу института защиты прав человека в Республике Таджикистан [Текст] / И.К. Миралиев // Права человека проблемы, пути решения и перспектива: материалы международной научно-практической конференции, посвященной Дню принятия Всеобщей декларации прав человека. – Душанбе, 2019. – С. 69-75 (0,4 п. л.).

[**33-М**]. Миралиев, И.Қ. Понятие защиты прав человека [Текст] / И.Қ. Миралиев // Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқи миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, 2019. – С. 194-200 (0,4 ҷ. ч.).

[**34-М**]. Миралиев, И.Қ. Назарияҳои пешрафта оид ба муносибати мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқҳои инсон [Матн] / И.Қ. Миралиев // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи ҳуқуқи инсон (7 декабри с. 2020). – Душанбе, 2020. – С. 92-102 (0,6 ҷ. ч.).

[**35-М**]. Миралиев, И.К. Правовая политика как фактор правового развития общества [Текст] / И.К. Миралиев // Сборник материалов IX Международной научно-практической конференции Леденцовские чтения. «Бизнес. Наука. Образование. Правовые и экономические аспекты» (секция высшего образования с участием специалистов и обучающихся среднего профессионального образования и школьников) (22 апреля 2021 года). – Саратов, 2021. – С. 537-545 (0,5 п. л.).

[**36-М**]. Миралиев, И.Қ. Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун омили ҳуқуқии рушди ҷомеа [Матн] / И.Қ. Миралиев // Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули

Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (7 декабри с. 2021). – Душанбе, 2021. – С. 50-60 (0,68 ч. ч.).

[**37-М**]. Миралиев, И.Қ. Мақоми ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар низоми ҳуқуқии Амрикои Лотинӣ [Матн] / И.Қ. Миралиев // Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз: маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (9 декабри с. 2022). – Душанбе, 2022. – С. 55-63 (0,6 ч. ч.).

[**38-М**]. Миралиев, И.Қ. Ҳимояи хуқуқҳои кӯдак дар раванди бархӯрди тамаддунҳо ва таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир [Матн] / И.Қ. Миралиев, Б.А. Ҳасанов // Ҳифзи ҳуқуқи инсон ва масъалаи муқовимат ба коррупсия дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 75-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия (1-2 декабри с. 2023). – Душанбе, 2023. – С. 454-461 (0,6 ч. ч.).

[**39-М**]. Миралиев, И.Қ. Заминаҳои ташаккул ва инкишофи робитаи давлат ва шахс дар афкори мутафаккирони тоҷику форс [Матн] / И.Қ. Миралиев // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5 декабри с. 2023). – Душанбе, 2023. – С. 98-106 (0,5 ч. ч.).

## IV. Китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ:

[**40-М**]. Миралиев, И.Қ. Асосҳои давлат ва ҳуқуқ [Матн]: Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни ихтисоси ғайриҳуқуқшиносӣ / И.Қ. Миралиев; Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор А.Ғ. Холиқов. – Душанбе: Олами китоб, 2010. – 400 с. (25 ч. ч.).

[**41-М**]. Миралиев, И.Қ. Ҳуқуқи инсон дар нақшаҳо [Матн]: воситаи таълимӣ / И.Қ. Миралиев, Б.А. Сафаров, Д.С. Сафаров, И.И. Саидов. – Душанбе: Бахманруд, 2013. – 207 с. (13 ч. ч.).

[**42-М**]. Миралиев, И.Қ. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи инсон [Матн] / И.Қ. Миралиев; Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Э.С. Насурдинов. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 320 с. (20 ҷ. ч.).

[**43-М**]. Миралиев, И.К. Права человека (в схемах) [Текст]: учебное пособие / А.М. Диноршоев, И.К. Миралиев, Ш.Ф. Искандаров. – Душанбе, 2015. – 174 с. (11 ҷ. ч.).

[**44-М**]. Миралиев, И.Қ. Ҳуқуқи инсон (дар нақшаҳо) [Матн]: воситаи таълимӣ / И.Қ. Миралиев, Ш.Ф. Искандаров. – Душанбе, 2019. – 192 с. (12 ҷ. ч.).

[**45-М**]. Миралиев, И.Қ. Ҳуқуқи инсон (дар нақшаҳо) [Матн]: воситаи таълимӣ [Матн] / Б.А. Сафарзода, Д.С. Раҳмон, И.Қ. Миралиев, И.И. Саидзода, Ш.Ф. Искандаров, Ҷ. Саъдизода. – Душанбе, 2019. – 192 с. (12 ҷ. ч.).

[**46-М**]. Миралиев, И.Қ. Ҳуқуқи инсон. Қисми 1 [Матн]: воситаи таълимӣ / А.Ғ. Холиқзода, Б.А. Сафарзода, Д.С. Раҳмон, И.Қ. Миралиев, Ҷ. Саъдизода, Ф.М. Шоев. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 144 с. (9 ҷ. ч.).

[**47-М**]. Миралиев, И.Қ. Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон [Матн]: китоби дарсӣ / Б.А. Сафарзода, Д.С. Раҳмон, И.Қ. Миралиев, Ҷ. Саъдизода, Ш.Ш. Шосаидзода, Ш.Ф. Искандаров, Н.Ф. Сафарзода, Ф.Н. Салимов. – Душанбе: ЭР-граф, 2023. – 480 с. (30 ҷ. ч.).